Рушди тафаккури инсоният давраҳои муайянро паси сар намудааст. Маҳз, тафаккур ва сипас, нутқи чидааъзо инсониятро аз олами вуҳуш ҷудо кард ва ба офарида шудани маданияту фарҳанг то имрӯз мусоидат намуд. Ҳамзамон таърих гувоҳ аст, ки дар давраҳои мухталиф чӣ гуна фарҳангу маданияти пешрафтаи халқияту миллате барои рушди тафаккури фарди алоҳидаи онзамона шароити мусоид фароҳам меоварданд. Дар ибтидо инсон тавассути ашёи бевосита дар доираи биноияш қарордошта ва амалиёт намудан бо онҳо фикр мекард. Чунин намуди тафаккурро тафаккури аёнӣ – амалӣ мегӯянд ва он дар ҳайвоноти олӣ ҳанӯз низ боқист. Минбаъд, бо пайдо шудани нутқ инсон ашёро бо ҷонишинҳои онҳо – калимаҳо ифода мекардагӣ шуд. Акнун ӯ метавонист дар сурати бевосита набудани ашё низ тавассути образи он дар борааш фикр намояд. Ин зинаи минбаъдаи рушди тафаккур – тафаккури аёнӣ – образӣ буд, ки тавассути нутқ имконпазир гардид ва инсонро аз олами вуҳуш ҷудо намуд. Дар давраҳои минбаъдаи инкишоф инсон аз ашёи мушаххас хосиятҳои алоҳидаи онро дар шакли калима ва мафҳум ҷудо намуда, мавриди истифода қарор дод. Ин боиси ташаккули намуди нави тафаккур – тафаккури калимагӣ – мантиқӣ ё худ назариявӣ гардид. Ин давраҳои рушди филлогенетикии тафаккурро ҳар як фард тӯли инкишофи онтогенетикияш аз сар мегузаронад. Яъне дар ҳар як шахс дар ҷараёни зиндагӣ вобаста ба давраҳои муайяни синнусолӣ намудҳои мазкури тафаккур шакл мегиранд. Бисёр муҳим аст, ки тафаккури аёнӣ – амалӣ саривақт ба дараҷаи тафаккури аёнӣ – образӣ ва он бошад дар навбати худ ба тафаккури калимагӣ – мантиқӣ ташаккул ёбад. Дар ин ҷода мактаб дар инкишофи тафаккур дар байни наврасон нақши ниҳоят бузург дорад.

Синну соли наврасӣ яке аз давраҳои муҳимтарини ҳаёти инсон ба шумор меравад. Ин давраи синнусолиро дар адабиёти психологӣ ҳамчун давраи «серташвиш» «гузариш» ва «мураккаб» ба қалам медиҳанд Дар ин давраи синнусолӣ дар ҳаёти наврасон тағийроти куллии анатомию физиологӣ, психологӣ ва биологӣ ба вуҷуд меоянд, ки ин дар ташаккули шахсияти наврасон бе таъсир намемонад. Фаъолияти асосӣ ва пешбарандаи наврасон дар ин зинаи синнусолӣ агарчанде омӯзиш бошад ҳам, вале онҳо бештар ба муошират аст. Аз ин рӯ, дуруст ба роҳ мондани таълим ва тарбияи насли наврас яке аз масъалаҳои умдатарини мактаб ба ҳисоб меравад. Таълими мақсаднокро тавассути баҳисобгирии инкишофи хусусиятҳои тафаккур, аз қабили мустақилӣ, амиқӣ, моҳирӣ, тезӣ, танқидӣ ва васеъгии тафаккур ва инчунин зинаҳои инкишофи он ба роҳ мондан мумкин аст. Аз ин рӯ, омӯзиши тафаккур, қонуниятҳои инкишофи он дар раванди таълим масъалаи муҳиммест, ки дар маркази таваҷҷуҳи илми психологияи педагогӣ меистад. Фаъолияти асосии хонандагони синни наврасӣ таълим буда, характери онҳо дар ин синну сол ба куллӣ тағйир меёбад. Сабаби ин дар мураккабшавии фаъолияти таълимӣ: зиёд шудани миқдори фанҳои таълимӣ, ба ҷойи як муаллим дарс додани 5-6 нафар, ки ҳар кадоми ин муаллимон талаботи махсус доранд, хусусиятҳои фардӣ – психологӣ доранд, бо тарзу усули гуногун дарс мегузаранд, ҳар кадоми муаллимон методҳои гуногуни дарсдиҳӣ доранд, бо хонандагон муносибатҳои ҳархела зоҳир мекунанд ва ғайра. Инчунин, наврасон ба шакл, метод ва тарзи корбарии нав мутобиқ шуда, мунтазам дониши худро такмил медиҳанд.

Агар дар синфҳои ибтидоӣ хонандагон баёни муаллимро бо шавқи том гӯш карда, мувофиқи амру хоҳиши ӯ амал кунанд, дар он сурат дар синни наврасӣ чунин шакли ташкили таълим хонандаро қаноатманд карда наметавонад ва ҳатто дилгир мекунад.

Агар дар синфҳои ибтидоӣ мактаббачагони хурдсол мавзӯъҳоро айнан ҳикоя кунанд, пас дар синни наврасӣ хонандагон кӯшиш мекунанд, ки мавзӯъҳоро мазмунан баён намоянд.

Бояд гуфт, ки яке аз сабабҳои сустшавии ҳаваси маърифатии наврасон нисбат ба таълим ба васеъ шудани алоқаи онҳо бо муҳити атроф ва ба васеъ шудани доираи муошрати онҳо вобаста мебошад.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки наврасон ҳамон вақт ба таълим муносибати мусбат зоҳир мекунанд, ки таълим талаботи маърифатии онҳоро қаноатманд карда тавонад. Ҳар як муаллим шавқу ҳавас ва ҳисси таваҷҷуҳи навҷавононро нисбат ба таълим ба вуҷуд орад.

Дар ин синну сол қобилияти фикрронии наврасон нисбатан мураккаб мешавад. Барои аз худ кардани асосҳои илмӣ ба наврас лозим аст, ки миқдори зиёди донишҳоро аз худ намояд. Маводи аз худ шуда аз як тараф дараҷаи инкишофи фаъолияти таълимӣ – маърифатиро талаб мекунад аз тарафи дигар, онҳо ба инкишофи равандҳои маърифатии наврасон мусоидат мекунад. Аз ин ҷиҳат, ба хонандагон лозим аст, ки системаи мафҳумҳои илмӣ ва хусусиятҳою аломатҳои барои аз худ намудани фаннҳои риёзиёт, физика, химия, табиатшиносӣ зарурро аз ҷиҳати назариявӣ аз худ намоянд.

Ҳар як фанни нави таълимӣ душвор буда, барои аз худкунии онҳо дараҷаи баланди қобилияти ақли – назарявӣ ва тафаккури мустақил зарур аст. Маҳз дар ҳамин синну сол тафаккури наврас бештар мустақилу фаъол ва эҷодӣ мешавад. Гарчанде чунин сифати тафаккур ба наврасон хос бошад ҳам, бо вуҷуди ин заминаҳои ташаккули он аз синни 11-12 солагӣ сар мешавад.

Маланов С. В. қайд менамояд, ки дар ҷараёни таълим тафаккури наврасон инкишоф меёбад. Ин барои омӯхтани маводи таълимӣ мусоидат мекунад, зеро мазмун ва моҳияти омӯзиши фанҳои таълимӣ дар мактаб тағийр меёбанд ва аз наврасон фаъолӣ, мустақилии фикр, муҳокимаронӣ, муқоиса, хулосабарорӣ ва ҷаъмбасткуниро талаб мекунад. Минбаъд дар фаъолияти наврасон зина ба зина тафаккури мушаххаси образӣ ба тафаккури абстрактӣ табдил меёбад. Бо вучуди ин ҷузъҳои тафаккури конкретӣ – образӣ тамоман барҳам нахӯрда, балки инкишоф меёбад [5, с. 242].

Масалан, дар рафти таълим истифодаи аёният ва ё ашёи мушаххас барои хубтар ба мазмун ва моҳияти мавзӯъ сарфаҳм рафтани наврасон кумак мерасонад.

Дар рафти таълим наврасон алоқаю муносибат ва вобастагии таносуби байни ашёро муайян мекунанд. Онҳо бо ин восита сабабу оқибати ҳодисаю воқеаҳоро таҳлилу таркиб, муқоиса ва ҷамъбаст мекунанд. Дар вақти фикронӣ барои иҷрои амалҳои фикрии наврасон аз шаклҳои тафаккур истифода мебаранд ва барои шарҳу эзоҳи масъалаҳо кӯшиш мекунанд.

Такмили мазмуни таълим яке аз талабҳои асосии ислоҳоти мактаби маълумоти умумӣ ва касбӣ буда, бо роҳи нашри китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методии мувофиқ, истифодаи методу воситаҳои замонавӣ амалӣ гардонида мешавад. Дар рафти дарсҳо суҳбат бо муаллимон, кор бо китобҳои дарсӣ, бачаҳо ба системаи муайяни донишҳо соҳиб шуда, ба зинаи муайяни тараққиёти равонӣ мерасанд. Яке аз паҳлуҳои муҳимми ин тараққиёт дараҷанокии инкишофи тафаккур ва хусусиятҳои ташаккули он мебошад, ки бо қонуниятҳои ҷараёнгирии амалҳои фикрии таҳлил абстраксияю ҷамъбаст ва инчунин типҳо, сифатҳои тафаккур шарҳ дода мешавад.

Ташаккули мустақилии тафаккур бо дигар сифатҳои он кор карда баромадани методхои ташхисии дараҷаи инкишофи ақл, ба муаллимон барои баланд бардоштани самараи кории ҳаррӯзаашон ёрӣ мерасонад.

Дар айни замон равшан аст, ки муаллим ҳангоми банақшагирии дарсҳо ва интихоби методу усули таълим бояд дараҷаи инкишофи тафаккури бачаҳоро ба назар гирад.

Вай баробари муайян намудану ба эътибор гирифтани дараҷаи инкишофи тафаккури хонандагон, на танҳо дар бораи имкониятҳои ақлии онҳо, инчунин оид ба хусусиятҳои диққату хотири мактаббачаҳо ва имкониятҳо аз тарафи онҳо, аз худ карда шудани материали таълимӣ, тасаввурот ҳосил менамояд.

Синни наврасӣ - ин давраи кунҷковии ақл, кӯшиш ба донистагирӣ, синни энергияи пурҷӯшу хурӯш, фаъолии ҷисм мебошад. Дар ин синну сол тафаккур бештар мустақилу фаъол ва эҷодӣ мешавад. Сифатҳои иродавӣ тараққӣ ёфта, равшан аён мешаванд: қатъиян дар бамақсадрасӣ, бартараф карда тавонистани монеаҳо ва мушкилиҳо.

Тафаккур – ҷараёни инъикос намудани хосиятҳои умумии ашё ва ёфтани алоқаҳои мунтазам ва муносибатҳои байни чизҳо мебошад. Ба таъбири дигар, инро чунин ифода кардан мумкин аст: тафаккур ҷараёни ҷаъмбастшудаи маърифатӣ ва ба воситакардашудаи воқеият мебошад. Ба воситаи идрок ҳодисаҳои олами иҳотакарда ба хотир гирифта мешаванд ва тафаккур ба он маълумот такя мекунад [6, с. 352].

Тафаккур дар асоси идрок ва хотир пайдо шуда, минбаъд худаш ба таркиби равандҳои идрок ва хотир дохил мешавад. Чи идрок ва чи хотир пур аз унсурҳои тафаккур мебошанд. Ба воситаи идрок ба маънояш расида мо ба таври яклухт ашёро инъикос мекунем ва хосияти умумии ашёро дониста мегирем, бо фаъолияти мо алоқа доштани онро мефаҳмем. Хотира маъноӣ чунин хотираест, ки асоси он фаҳмидани алоқаҳои байни ашё ва дар ин ҳам фаҳмидани он алоқаҳои муҳимме мебошад, ки ба хосиятҳои умумии ин ашё дахл дошта бошад.

Такмили мазмуни таълим яке аз талабҳои асосии ислоҳоти мактаби маълумоти умумӣ ва касбӣ буда, бо роҳи нашри китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методии мувофиқ, истифодаи методу воситаҳои замонавӣ амалӣ гардонида мешавад. Дар рафти дарсҳо суҳбат бо муаллимон, кор бо китобҳои дарсӣ, бачаҳо ба системаи муайяни донишҳо соҳиб шуда, ба зинаи муайяни тараққиёти психикӣ рафта мерасанд. Яке аз паҳлуҳои муҳимми ин тараққиёт дараҷанокии инкишофи тафаккур ва хусусиятҳои ташаккули он мебошад, ки бо қонуниятҳои ҷараёнгирии амалҳои фикрии таҳлил, абстраксияю ҷамъбаст ва дигарҳо, яъне бо типи тафаккур сифатҳои он шарҳ дода мешавад.

Ташаккули мустақилии тафаккур ва дигар сифатҳои он, кор карда баромадани методҳои ташхисии дараҷаи инкишофи ақл, бо муаллимон, барои баланд бардоштани самараи кории ҳаррузаашон ёрӣ мерасонад.

Дар айнӣзамон равшан аст, ки муаллим – ҳангоми баплангирии дарсҳо ва интихоби методу усули таълим, бояд дараҷаи инкишофи тафаккури бачаҳоро ба назар гирад.

Вай баробари муайян намудану ба эътибор гирифтани дараҷаи инкишофи тафаккури хонандагон, на танҳо дар бораи имкониятҳои ақлии онҳо, балки инчунин оид ба хусусиятҳои диққату хотири мактаббачаҳо ва имкониятҳо аз тарафи онҳо, аз худ карда шудани маводи таълимӣ, тасаввурот ҳосил менамоянд. Дар ҳолати ошкор гардидани баъзе ноқисиҳои тафаккури мактаббача, муллим бо мақсади бартараф намудани онҳо чораҳои зарурӣ меандешад ва барои ислоҳи онҳо маслиҳатҳои асоснок дода метавонад. Донистани хусусиятҳои инкишофи тафаккур инчунин ба муаллим имконият медихад, ки ӯ ҳангоми ҳалли ин ё он масъалаи таълимӣ талабаҳоро ба гурӯҳҳо тақсим намояд ва мувофиқи онҳо ба бачахо рафтори фарди ташкил намуда тавонад. Масалан, барои ҳар як чунин гурӯҳи хонандагон машқҳои мувофиқ интихоб намояд. Мунтазам санҷида истодани дараҷаи инкишофи мактаббача ба муаллимон имконият медиҳад, ки ба сифати азхудкунии маводи таълимӣ бештар таъсир расонида шавад. Аз ҳамин сабаб, кор карда баромадани методу усули ташхиси дараҷаи инкишофи тафаккури бачаҳои синну солӣ гуногун аҳамияти калон пайдо мекунад.

**Масъала барои машқ**

Нишондод: «Ба ҷойи ҳарфҳо рақам гузошта, амали ҷамъро иҷро намоед»:

| 1. | 2. | 3. |
|---|---|---|
| ВОДЕ | МДАЕ | ПМБА |
| + ВДЕЕ | + НМДА | + ПБАА |
| 11120 | 7 5 3 1 | 1 5 2 9 2 |

Дар рафти истифодаи методикаи мазкур дар амалия, таҷрибакор ба озмудашаванда аввал масъалаи якумро пешниҳод менамояд. Агар озмудашаванда мустақилонаю дуруст масъалаҳоро ҳал намуда, ҷавобашро нависад, он гоҳ ба ӯ масъалаи дуюми ҳалли пешниҳод карда мешавад. Ҳамин тавр, баъди мустақилонаю дуруст ҳал намудани масъалаи дуюм ба озмудашаванда масъалаи сеюм пешниҳод мегардад.

Мавҷудияти чунин пайдарпайи ташаккул ва зуҳуроти таҳлили назариявӣ, баплandaрорӣ ва рефлексия дар тафаккури назариявӣ имконият медиҳад, ки онҳо ба сифати зинаҳои асосии инкишофи тафаккур қабул карда шаванд.

Дар баробари ин ба чунин ҳолат бояд эътибор дода шавад, ки гузариш аз зинаи эмперикӣ ба назариявӣ бисёр маҳдуд аст: аз зинаи аналитики банақшадарорӣ ва аз банақшадарорӣ ба рефлексиви нисбатан бештар мушоҳида мешавад.

Ҳамин тавр, ташаккули тафаккур яке аз масъалаҳои асоситарин дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба шумор рафта, ба кори фаъол ва пурмаҳсули муаллими мактабӣ вобаста аст. Ҳамчунин барои боз ҳам равшанӣ андохтан ва ёфтани роҳҳои дурусти таълим дар мактаб, ки боиси ташаккули тафаккур мегардад, чунин корҳоро ба анҷом расонидан қобили қабул аст.

- ташкили базаи психологӣ дар мактабҳои миёна, ки ин яке аз воситаҳоест барои ёрӣ ва бартараф намудани муаммохои байни муаллиму хонанда (доир ба ташаккул ва инкишофи тафаккури хонандагон).
- огоҳ будани муаллимон аз донишҳои психологияи синнусолӣ ва педагогӣ.
- ҳамкории доимии муаллимон бо хонандагони сустхон, ниёзманд бе тарбия ва хонандагоне, ки нуқсонҳои равонӣ доранд.
- ҷалби хонандагон ба корҳои меҳнатӣ ва ташкилотчигӣ (махсусан наврасон).
- Тадқиқоти психологӣ нишон медиҳанд, ки аллакай дар синни хурди мактаби гузариш аз тафаккури эмперикӣ ба назарявӣ мушоҳида мешавад ва барои рушди тафаккури назарявӣ давраи навраси бисёр мусоид аст. Ба эътибор гирифтани ин қонунятҳои психологӣ барои дуруст ба роҳ мондани раванди таълим ва ташаккули тафаккури назарявии хонандагон мусоидат хоҳад кард.

**АДАБИЁТ:**


1. Амонов Н.К. Психологические особенности развитие математического мышления у учащихся 5-9 классов. – Дисс. На соиск. уч. Ст. канд., психол. наук. – М., 1993.
2. Атохонов Р. К. диагностике развития математического мышления // Вопросы психологии. 1992. -№ 1-2. – с. 60-67.
3. Крутетский В.А. Психологические особенности младшего школьника [Текст] / Крутецкий, В.А. // Хрестоматия по возрастной психологии / сост. Л.М.Семенюк. - 2003. - С.322-325. - С. М., 2003
4. Ле Тхи Кхань Кхо. Динамика умственного развития младших школьников в различных условиях обучения: Дисс. на соиск. уч. ст. канд. психол. наук. – М., 1985. – 123 с.
5. Максимов Л.К. Развитие основных компонентов теоретического мышления школьников (на математическом материале). – Дисс. На соиск. уч. Ст. канд., психол. наук. – М., 1979.
6. Максимов Л.К. Формирование математического мышления у младших школьников: Учебное пособие по спецкурсу. – М.: Изд-во МЩПИ им. Крупской, 1987. – 96 с.
7. Маланов С. В. Психологические механизмы мышления человека: мышление в науке и учебной деятельности. — М.: Издательство Московского психолого-социального института; Воронеж: Издательство НПО «МОДЭК», 2004. — 480 с.
8. Наследов А.Д. Математические методы психологического исследования. Анализ и интерпретация данных. Учебное пособие. – СПб. Речь, 2004. – С.67-72.
9. Рубинштейн С.Л. О мышлении и путях его исследования. – М.: Изд-во АН СССР, 1958. – 148 с.
10. Хрестоматия по общей психологии. Психология мышления / под ред. Ю. Б. Гиппенрейтер, В. В. Петухова. — М., 1981.


**Раҷабов Н., Файзизода Ф.**

## ХУСУСИЯТҲОИ РУШДИ ТАФАККУР ДАР ДАВРАИ НАВРАСӢ

Синну соли наврасӣ яке аз давраҳои муҳимтарини ҳаёти инсон ба шумор меравад. Ин давраи синнусолиро дар адабиёти психологӣ ҳамчун давраи «серташвиш», «гузариш» ва «мураккаб» ба қалам медиҳанд. Дар ин давраи синнусолӣ дар ҳаёти наврасон тағйироти куллии анатомию физиологӣ, психологӣ ва биологӣ ба вуҷуд меояд, ки ин дар ташаккули шахсияти наврасон бе таъсир намемонад. Фаъолияти асосӣ ва пешбарандаи наврасон дар ин зинаи синнусолӣ агарчанде таълим бошад ҳам, вале талаботи онҳо бештар ба муошират аст. Аз ин рӯ, дуруст ба роҳ мондани таълим ва тарбияи насли наврас яке аз масъалаҳои умдатарини мактабӣ ба ҳисоб меравад.Таълими мақсаднок тавассути баҳисобгирии инкишофи хусусиятҳои тафаккур, аз қабили мустақилӣ, амиқӣ,

моҳирӣ, тезӣ, танқидӣ ва васеъгии тафаккур ва инчунин зинаҳои инкишофи он ба роҳ мондан мумкин аст. Аз ин рӯ омӯзиши тафаккур, қонуниятҳои инкишофи он дар раванди таълим масъалаи муҳимест, ки дар назари илми психологияи мактабӣ меистад.Тафаккур дар асоси идрок ва хотир пайдо шуда, минбаъд худаш ба таркиби протсессҳои идрок ва хотир дохил мешавад.

***Калидвожаҳо:*** *тафаккур, наврас, мактаб, таълим, фаъолият, таълими максаднок, синни хурди мактабӣ, тафаккури аёнӣ, тафаккури конкретӣ, тафаккури образӣ.*

**Раджабов Н., Файзизода Ф.**

## ОСОБЕННОСТИ РАЗВИТИЯ МЫШЛЕНИЯ В ПОДРОСТКОВОМ ВОЗРАСТЕ

Подростковый возраст является одним из важных периодов в жизни человека. Этот период жизни в психологической науке называют «проблемной», «переходной» и сложной. В этом возрастном периоде в жизни подростков происходят анатомо-физиологические, психологические и биологические изменения, которые влияют на формирование личности подростка. Основным и развивающим видом деятельности в этом возрастном периоде является обучение, но потребность в общение у них наблюдается. Поэтому целенаправленный процесс обучения и воспитания подростков в школе, является важнейщим фактором их развития. Целенаправленное обученит нужно организовать с учетом особенности развития мышления, такие как самостоятельность, гибкость, быстрота, глубина, ширина и критичность мышления и уровней развития мышления.

Соответственно, изучения мышления, закономерности её развития в учебном процессе является важным вопросом, которая стоит перед педагогической психологии. В этом возрасте способности мышления подростков становится сложным. Для выявления научных основ подросткам необходимо усвоить определенный объём знаний. Усвоенные знания требуют учебную деятельности и развитие познавательных процессов у подростков, между тем мышление осуществляется на основе восприятия и памяти.

***Ключевые слова:*** *мышление, подросток, школа, обучение, деятельность, целенаправленное обучение, младший школьный возраст, образное мышление, конкретное мышление.*

**Radjabov N., Faizizoda F.**

## FEATURES OF THE DEVELOPMENT OF THINKING IN TEENAGERS

Adolescence is one of the most important periods in a person's life. In psychological literature, this period of life calls "problematic," "transitional," and complex. In this age period, anatomical, physiological, psychological and biological changes occur in adolescents' lives, which affect the formation of a teenager's personality. The main and developing activity in this age period is training, but they have a need for communication. Therefore, the focused learning process and the upbringing of adolescents at school is a critical factor in their development. Targeted training should be organized taking into account the peculiarities of the development of thinking, such as self-reliance, flexibility, speed, depth, width and criticality of thinking and levels of development of thinking. Accordingly, the study of thinking, the regularity of its development in the educational process is an important issue that faces pedagogical psychology. At this age, the thinking ability of adolescents becomes complex. To identify the scientific foundations, adolescents need to learn a certain amount of knowledge. The acquired knowledge requires learning activities and the development of cognitive processes of adolescents. Thinking is based on perception and memory, but at the same time it is embedded in the process of perception and memory of adolescents.

***Keywords:*** *thinking, adolescent, school, learning, activity, focused learning, primary school age, figurative thinking, specific thinking.*

**Сведения об авторах: Раджабов Насим** - доцент кафедры психологии Таджикского национального университета (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17). Телефон 918.31.04.02. e-mail: nasimjon_0402@mail.ru

**Фариза Файзизода** - соискатель кафедры психологии Таджикского национального университета (734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17). Телефон 905.35.77.00. e-mail: bfaizizoda@mail.ru

**Information about authors: Radjabov Nasim -** Associate Professor of the Department of Psychology, Tajik National University (734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17). Phone 918.31.04.02. E-mail: nasimjon_0402@mail.ru

**Fariza Faizizoda -** post-graduate student of the Department of Psychology, Tajik National University (734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17). Phone 905.35.77.00. E-mail: bfaizizoda@mail.ru

**Ф. ГУЛМАДОВ**
**З. ҶИЁНЗОДА**

# МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИНКИШОФИ АНЪАНА ВА НАВОВАРӢ ДАР СОҲАИ ФАРҲАНГ ВА МАОРИФ

Дар асоси мавзӯе, ки мавриди таҳқиқ қарор мегирад, мафҳуми калидии «фарҳанг» ҳамчун зуҳуроти фавқуттабиӣ қарор дошта, бо фаъолияти одамон муайян шудааст, ки таҷрибаи мавҷударо таҷдид карда, таҷрибаи навро дар соҳаи фарҳанг ва маориф эҷод мекунанд. Дар ин замина гуфта метавонем, ки дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон маориф, аз як тараф, сиёсати муҳимми давлатӣ мҳсуб меёбад ва аз тарафи дигар, он эҳтиёҷоти инфиродӣ ва ҳуқуқи инсонро ба таҳсилот, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр ёфтааст, қонеъ мегардонад.

Ба ҳар ҳол аз ҷиҳати анъана фарҳанг ҳамчун сатҳи таърихан муайяншудаи рушди ҷомеа, қувваҳои эҷодӣ ва қобилияти инсон таъриф карда мешавад, ки дар навъҳо, шаклҳои ташкили ҳаёт ва фаъолияти одамон, дар муносибатҳои мутақобилаи онҳо ва инчунин арзишҳои моддӣ ва маънавии аз ҷониби онҳо эҷодшаванда ифода ёфтааст [5, с. 669]. Фарҳанг ҳамчун як шакли фаъолияти инсон барои таҷдид ва азнавсозии ҳаёти иҷтимоӣ, инчунин маҳсул ва натиҷаҳои он ба ин фаъолият дохил карда мешаванд.

Барои таҳқиқоти мо баррасии фарҳанг аз нуқтаи назари фалсафӣ самарабахш аст, вақте ки мафҳум на дар мантиқи таърифҳо, балки дар муқаррарсозии таҳаввулоти шаклҳо, ки инсон барои ҳифз ва таҷдиди ҳаёти иҷтимоӣ ва муҳимтар аз ҳама, дар тавсифоти мушаххаси шаклҳои таҷдид ва навсозӣ, таносуби онҳо истифода мебарад, ошкор карда мешавад. Он гоҳ ҳар як фарҳанги мушаххас ҳамчун таносуби муайяни шаклҳои таҷдид ва навсозии ҳаёти иҷтимоӣ ба назар мерасад. Ҳамин тавр, бо ин маънӣ гуфтан мумкин аст, ки масъалаи асосии фарҳанг – ин масъалаи таносуби таҷдид ва дигаргунӣ, навсозии ҳастии инсон мебошад. Маҳз ҳамин тавр, мо ба масъалаи пайдоиши инноватсияҳо дар таърихи инсоният назар меафканем.

Ҳамзамон, дар марҳилаҳои аввали рушди ҷомеа анъанае бартарӣ дошт, ки нигоҳдории ташкили иҷтимоиро дар шакли бетағйир таъмин мекард. Сипас, амали муштараки анъанаҳо ва инноватсияҳои мухталиф беш аз пеш афзоиш ёфта, дар даҳсолаҳои охир пайдоиши босуръат ва тасдиқи онҳо сурат гирифта истодааст. Дар маҷмӯъ бошад, ин боиси тағйироти босуръати арзишии рушд мегардад, ки ин ё он навъи тамаддунро муайян мекунад [8, 13, 14, 15].

Мо дар ин ақида ҳастем, ки фарҳанг ҳамеша вобаста ба тағйирёбӣ ва пешравии ҷомеа, дигаргуншавии табиат ва мухолифатҳои дар ҷомеа ба вуҷудомада тағйр ёфта, рушд менамояд.

Робитаи зичи фарҳанг ва тамаддунро муқаррар намуда, таъсири мутақобила ва пурракунии мутақобилаи онҳоро муайян намуда, мо ба таври муфассалтар дар бораи мафҳуми «тамаддун», ки он низ таърифи якмаъноро надорад, истода мегузарем. Он ба илм дар охири асри XVIII дар Аврупои Ғарбӣ ворид гардида, ба як усули худайниятдиҳии арзишии инсонияти муосир дар муносибати он ба табиат, ҷомеа ва фарҳанг табдил ёфтааст [5, с. 1007].

Тибқи луғатномаи муосири фалсафӣ, фарқи байни тамаддун ва фарҳангро ё ба ҳадди таърихӣ ё ҳамин қадар ба ҳадди ҳастӣ таълимот оид ба ҳастӣ фаҳмидан мумкин аст [12, с. 1007]. Таърихан фарҳанг ҳамчун як шакли умумии фаъолияти ҳаётии инсон, мансубияти ӯ ба баромади иҷтимоии ӯ баррасӣ мешавад, ки аз ибтидо хоси он буда, то даме ки инсоният дар рӯи замин зиндагӣ мекунад, вуҷуд дорад. Тамаддун бошад, як роҳи ҳаёти иҷтимоист, ки аз ибтидо то охир роҳи ҳаётии инсонро муайян шудааст.

Буҳрони тамаддун ва баҳодиҳии аз меъёр зиёди арзишҳо дарку андарёфти куллии ҳам муносибатҳои инфиродӣ, ҳам қоидаҳои муайянро ба оянда талаб мекунанд. Дар сатҳи инфиродӣ чунин муносибат фаҳмишеро дар назар дорад, ки ҳама гуна роҳи дигари тафаккурро дар сатҳи умум қабулшуда пешбинӣ мекунад ва метавонад ба асоси рафтори умумиқабулшудаи одамон табдил ёбад, ки тақсимотро ба «мо» ва «онҳо», ба «худиҳо» ва «бегонагон», «иттифоқчиён» ва «душманон» истисно мекунад.

Фарҳанги инноватсионӣ ба чунин самтҳо зикр гардидааст, ки фарҳанги педагогиро низ дар бар мегирад. Дар ин самт «роҳи воқеӣ аз фарҳанги самаранок ба фарҳанги шаъну

эътибор» боз мешавад. Психолог А.Г. Асмолов онро ҳанӯз ҳамчун «роҳи тайнашуда» мешуморад. Ба таври шартӣ «эҷоди фарҳангҳоро дар рафти таърихи инсонӣ» муаллиф дар ду қутб – қутби муфид ва қутби шаъну эътибор қарор дода, ҳар кадоми онҳоро тавсиф карда, ба онҳо тавсифоти мухтасар, вале арзишнок медиҳад. «Фарҳанге, ки ба самти муфид нигаронида шудааст, ҳамеша ба мувозинат, ба худҳифзкунӣ ҳаракат карда, ҳамеша дар андешаи он аст, ки доимо вуҷуд дошта бошад, на зиндагӣ кунад» ва ҳамин тавр он худро таҷдид мекунад [3, с. 589]. «Масъалаи дигар, менависад муҳаққиқ, фарҳангест, ки ба шаъну шараф нигаронида шудааст. Дар чунин фарҳанг арзиши пешбар арзиши шахс аст, новобаста аз он, ки оё аз ин шахсият ягон чиз барои иҷрои ин ё он кор гирифтан мумкин аст ё не» [3, с. 589]. Ҳамин тариқ, маҳз шаъну шараф таҷассуми арзишии ғояҳо ва лоиҳаҳои гуногун мебошад, зеро он маънои такомулии ҳаракати шахс ва ҷомеаро ба фарҳанги шаъну шараф муайян мекунад.

Мо чунин мешуморем, ки масъалаи робитаи байни маориф ва фарҳанг хусусияти ҷудонашаванда, байнифаннӣ дорад. Дар назария ва амалияи муосири таҳсилоти олӣ ҷустуҷӯи воситаҳо ва мазмуни рушди шахсияти ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ, аз ҷумла донишҷӯён сурат гирифта истодааст (В.А. Сластенин, В.И. Долгова, Л.С. Подимова). Мо боварӣ дорем, ки нуқтаи назари аз ҷониби мо таҳияшудаи мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ, ки принсипи фарҳанги мувофиқро дар педагогика ва таҳсилот татбиқ менамояд, дар рушди он саҳми муайян мегузорад.

Таҳияи минбаъдаи принсипҳои ба табиат мувофиқ ва ба фарҳанг мувофиқ ҳамчун асосӣ дар педагогика ва таҳсилот боиси ба вуҷуд омадани вазъияти таҳаввулоти босуръати иҷтимоӣ-фарҳангӣ, асоснокшавӣ ва татбиқи муносибати фарҳангӣ гардид. Хусусияти он ба мавқеи башардӯстона вобаста аст, ки мувофиқи он шахс субъекти фарҳанг, шахси асосии амалкунанда буда, метавонад диалектикаи фарҳанги анъанавӣ ва инноватсиониро дарку андарёфт кунад.

Муҳаққиқон В.А. Сластенин ва Л.С. Подимова як далелро қайд мекунанд, ки барои педагогика ва таҳсилот аҳамияти хоса дорад: фарҳанг тавассути инноватсия амалӣ мешавад, «ҷараёни доимии инноватсия дар фарҳанг» дар ягонагии зиддиятноки фарҳанг ҳамчун якпорчагӣ ва фарҳанги шахсиятӣ пайдо шуда, амал мекунад. «Ҳар як шахсият ҳамчун ҳомили фарҳанги шахсиятӣ амал мекунад», ки дар натиҷаи таърихи пешинаи ҷомеа ташаккул ёфтааст [10, с.28].

Натиҷаҳои таҳқиқоти мо тасдиқ мекунанд, ки татбиқи принсипи ба фарҳанг нигаронидашуда дар таҳсилоти олӣ ба мубрамсозии чунин хислатҳои шахсияти донишҷӯён,- ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ, ба монанди: ҳассосияти фарҳангӣ, кушода будан ба инноватсия, эҷодкорӣ, боварибахшӣ, таҳаммулпазирӣ, рафтори ба таҷрибаи шахсӣ асосёфта, худмубрамсозӣ ва масъулиятнокӣ мусоидат мекунад.

Баррасии минбаъдаи масъалаи мазкур нисбатдиҳии мафҳумҳои «инноватсияҳо» ва «анъанаҳо»-ро талаб мекунад. Истилоҳи «инноватсия» (лотинии қадима – innovation, англисӣ –innovation – навоварӣ), ки ҳанӯз дар солҳои 1930 дар заминаи донишҳои ҷомеашиносӣ ба гардиши илмӣ ворид гардид, ғояи паҳншавии падидаҳои фарҳангиро дар бар мегирифт (Г. Гадамер, П.С. Гуревич, Э. Гуссерл, М.С. Каган, Т. Кун, Б. Малиновский, Э.С. Маркарян, П.А. Сорокин, Э. Тайлор, Э.И. Файнбург, Ҷ. Фрэзер). Дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва маърифат, аз ҷумла ҷомеашиносӣ, педагогика, таҳсилот муносибатҳои дигар ба таърифи инноватсия пайдо мешаванд.

Дар ҷомеашиносии маориф равандҳои инноватсионӣ аз солҳои 60-ум сар карда бо истифода аз василаҳои маҷмӯи ақида ва методологии омӯзиши фарҳанг мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Зери инноватсия ҳар гуна методи нав ё лоиҳаи нав, ғояи наве, ки ба низоми таҳсилоти анъанавӣ бо мақсади ба даст овардани сифати нав бо воситаҳои дигар ворид карда мешавад, фаҳмида мешавад.

Бояд қайд кард, ки дар ҷомеашиносии маориф инноватсияҳо бар муқобили анъанаҳо қарор дода мешуданд. «Инноватсияҳо» ва «анъанаҳо» – чунин аст муносибати дутарафа, ки бар он зимни таҳлили дигаргуниҳо дар фарҳанг, низоми таҳсилот ва мазмуни он, технологияҳо ва ғайра асос меёбанд. Вале чунин муқобилузорӣ боиси дарки номуносиби чизи суратгиранда дар таҳсилот мегардад: чизи анъанавӣ рад ё ҳамчун намуна қабул карда шуда, чизи инноватсионӣ бошад, дастгирӣ карда шуда, мутлақ гардонида мешавад.

Ба ақидаи В.В. Аверянов, дар назарияи муосири фарҳанг нуқтаи назари дуалистӣ оид ба рушди иҷтимоӣ-фарҳангӣ пешниҳод шудааст [1, с. 5], ки мувофиқи он ихтилофи асосӣ дар байни ҷомеаи анъанавӣ ва арзиши инноватсионӣ пайдо мешавад. Нуқтаи назари дигар оид ба таносуби мабдаъҳои анъанавӣ ва инноватсионӣ дар фарҳанг аз ҷониби Э.С. Маркарян пешниҳод гардидааст: «Анъанаи фарҳангӣ яке аз воситаҳои фарҳанг аст. Аммо ин як воситаи махсус, хеле мушаххасест, ки тамоми низоми фарҳангро фаро гирифта, аслан ба тамоми қисматҳои он дохил мешавад. Анъанаи фарҳангӣ, ки аз ин нуқтаи назар баррасӣ шудааст, як механизми махсуси фарҳангро ташаккул медиҳад, ки махсус барои ташаккули таҷрибаи махсуси зиндагӣ тавассути идроки «мероси фарҳангӣ» (навовариҳо) таҳия шудааст [1, с. 49].

Мафҳуми «тағйироти фарҳангӣ», ки дар асари В. Аверянов пешниҳод шудааст, ҳамчун тазоди диалектикии анъанаҳои фарҳангӣ баррасӣ мешавад. Тағйироти фарҳангӣ, ки дар сатҳҳои гуногун зуҳур мекунанд, метавонанд боиси вайроншавии сохтори иҷтимоӣ-фарҳангӣ гарданд ва маҷмӯи қоидаҳои онро дар бар гиранд. Тағйиротҳои фарҳангӣ боиси бозтавлиди тарзи анъанавии ҳаёт, тағйири ҳувият, тағйиротҳои ҳаётии анъана, таназзули он бо назардошти меъёрҳои бозтавлиди низомҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ мегарданд [1, с. 13].

Илова бар ин, В.В. Аверянов амсилаи мураккаб ва дохилан фарқкунандаи анъанаро бо сегонагии бунёдии сохтори мазмуни анъана муаррифӣ мекунад. Дар се феҳристи дохилӣ анъана дорои омезишҳои ғайричашмдошти иқтидор, суботсозӣ, навсозӣ, муҳофизакорӣ, муташаккилӣ, эҳтимолият мебошад, яъне:

– меҳвари андозагирии фавқутташкилӣ (ҷанбаи мавҷудоти маънавӣ, доираи зеҳни олӣ ва тафаккури эҷодӣ, манбаи эҷоди фарҳанг, соҳаи пешгӯӣ);

– соҳаи ташкилии татбиқи тамомияти дугона ва «ғайриинтизорӣ»-и анъана ва тамаддун (анъана – низоме, ки ҳамаи амсилаҳо ва барномаҳои таҷдидшавандаи фарҳанги додашуда, ҳама ҷузъҳои «сохтор анъана», ки аз ҳисоби дарк ва коркарди маълумоти воридшаванда аз рӯйи қонуну маълумоти гирд овардашудаи дохилӣ ташаккул меёбад);

– гуногунии сохтори тамаддунӣ, доираи «мутамаддинӣ», яъне дастгирии ба фаъолият асосёфтаи анъана, манбаи тамаддунӣ, ки вазифаҳои ҳифз, тавсеа, мубодила бо муҳити фарҳанги хориҷиро мепайвандад.

Ин соҳа на он қадар таҷдид мешавад. Он мавриди такмил қарор гирифта, бо навгонӣ ба қадри аз бай рафтани қисмҳои худ иваз мешавад (он тамоми қисми тамаддунро, ки дар мерос гардиш намехӯрад) дар бар мегирад [1, с. 13–14].

Анъана ҳамчун низом инноватсияро қабул ва азхуд менамояд, дар ҳоле ки анъана низомест, ки инноватсияро мутобиқ мекунад ва на баръакс. Консепсияи ҷомеаи инноватсиониро метавон ҳамчун тавсифи амсилаҳои ҳамкории иҷтимоӣ-фарҳангӣ баррасӣ намуд, ки дар онҳо ҷараёни фаъоли инноватсияҳо ба анъанаҳои ғайрифаъолтар таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, В.В. Аверянов чунин мешуморад, ки масъалагузории инноватсияҳои ҳамоҳанг зарур аст [1, с. 16].

Хусусияти ташаккули анъана – низом, ки дар он ҳар се ченаки дохилии он кор мекунанд, дар он аст, ки хабардоркунии нобаробарвазн аз берун барои нигоҳ доштани таҷрибаи такроршаванда, мустаҳкам кардани «тасвири ҷаҳони» аллакай мавҷуда (чизи нав ҳамчун кӯҳнаи фаромӯшшуда), дар ҳоле ки омили таҳрикдиҳандаи навсозӣ ва дигаргуниҳо эҳсоси рушди дохилии худи субъекти анъана, қадамҳои нави вай дар роҳ ба «устуворӣи» фавқутташкилотӣ мебошад. Тасдиқи ин хулосаҳоро дар муҳаққиқони гуногун, масалан, дар консепсияи арзишҳои этникии рафтори Л.И. Гумилёв, назарияи ҷараёни дусамтаи фарҳангсозии М.Д. Херсковитс пайдо кардан мумкин аст.

Ҳамин тавр, фарҳанги инноватсионӣ дар асоси анъанаҳо ташаккул меёбад. Тамоми таърихи фарҳанги инсоният тавассути алоқаи миёни наслҳо, интиқоли таҷрибаи фарҳангӣ, донишҳо ва арзишҳои фарҳангӣ инкишоф меёбад. Масалан, ин бо таҳқиқи таъсири фарҳанги миллӣ ба рушди ҷомеашиносӣ, психология, педагогика ва идоракунии одамон тасдиқ мешавад.

Таҳлил нишон дод, ки муҳаққиқи муосир С.Ш. Аязбекова дар бораи ду роҳи ташаккули «фарҳанги инноватсионӣ» – эндогенӣ (анъанаҳои давомдор) ва экзогенӣ (анъанаҳои ба таъсироти беруна алоқаманд)-ро баррасӣ мекунад. Як қисми фарҳанг, ки ҳамчун инноватсионӣ тасниф шудааст, метавонад ҳам дар ҷараёни рушди шахсии худ, вақте ки омилҳои беруна ба сохтори дохилии фарҳанг таъсир намерасонанд, ҳам дар

натиҷаи амали муштараки фарҳангҳо пайдо шавад [4]. Бояд дар хотир нигоҳ дошт, ки байни онҳо тақсимоти возеҳе гузаронидан номумкин аст.Ҷудокунии онҳо бар асоси омили робитаҳои ҳамаҷояи даврии халқҳо ва фарҳангҳо дар такомули таърихии инсон метавонад хеле шартӣ бошад. Таносуби анъанаҳо ва инноватсияҳо дар ҳар фарҳанг метавонад гуногун бошанд.

Дар айни замон, инноватсияҳои ба таъсироти беруна асосёфта хусусияти таъсироти байнияқдигарии фарҳангҳоро касб мекунанд, ки боиси тағйирёбии назарраси худи фарҳанг мегардад. Ҳамин тавр, дуфарҳангӣ ба вуҷуд меояд, ки аз амали муштарак ва ҳамзистии ду фарҳанги аз ҷиҳати генетикӣ, типологӣ ва ҳудудӣ гуногун: аз як тараф, анъанаҳои давомдор ва анъанаҳои ба таъсироти беруна алоқаманд – аз тарафи дигар, дар доираи ташаккул ва фаъолияти низоми ягонаи фарҳангӣ иборат аст. Бояд қайд кард, ки ин як навъи паҳншудаи фарҳанг барои бисёр кишварҳои осиёӣ дар Авруосиё мебошад, вақте ки ду фарҳанг: анъанаҳои миллӣ ва аврупоӣ дар доираи як фарҳанги миллӣ якҷоя вуҷуд дошта, ба амали муштарак ворид мешаванд [15].

Ҷузъи дигарӣ – «фаъолияти муштарак» – дар дуфарҳангӣ мушаххастар ва муайянкунанда мебошад. Марзҳои он, аз як тараф, дар минтақаи убур бо ҷузъи анъанаҳои давомдор ва аз тарафи дигар, бо ҷузъи анъанаҳои ба таъсироти беруна алоқаманд қарор доранд. Воқеан, ин ҳамон ҷузъи фарҳангест, ки дар он раванди ҳамкориҳои фаъоли ду фарҳанг, анъанаҳо ва инноватсияҳо сурат мегирад. Ва вобаста аз дараҷаи наздик шудан ба ду марзи муқобили ин ҷузъ, нақш ва хусусияти фаъолияти анъанаҳои этнос тағйир меёбанд.

Ҳамин тавр, омезиши ҷузъҳои замонҳои гуногуни фарҳанг, ба ақидаи мо, диалектикаи фарҳангро инъикос мекунад: аз як тараф, раванди ҳам ҳифз, ҳам рушди мероси фарҳангӣ зимни муносибати танқидӣ ба он, ба мерос гирифтани анъанаҳои муайян аз ҷониби наслҳои оянда ошкор мегардад, аз тарафи дигар, мутобиқи омилҳои тағйирёбандаи берунӣ ва дохилӣ чизи нав ба вуҷуд меояд. Ин зарурати баъзе анъанаҳо ва қабули инноватсияро нишон медиҳад [2, 25].

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст карда, зарурати эътирофи онро, ки инноватсия дар фарҳанг ва маориф дар ҳамбастагӣ бо анъанаҳо қарор дорад, қайд менамоем. Аз ин ҷо дарки анъанаи фарҳангӣ на ҳамчун фарҳанги дар тӯли асрҳо шахшудамонда, балки ҳамчун як механизми зиндаи рушдёбандаи фарҳангӣ бармеояд. Ин ба муҳити таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олӣ дахл дорад ва он гоҳ фарҳанги инноватсионии шахсият ва гурӯҳ бояд дар заминаи неруи анъанаи фарҳангӣ, такомули он дар раванди интихоб ва дигаргунӣ, инчунин хосиятҳои ҳифз, тағйирнопазирӣ ва рушд бояд мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Консепсияҳои муосири амали муштараки анъанаҳо ва инноватсияҳоро дар фарҳанг муқаррар намуда, мо масъалаҳои диалектикаи анъанаҳо ва инноватсияҳоро дар соҳаи маориф машаххастар баррасӣ кардем. В.И. Долгова дар бораи ду шакли рушди раванди таҳсилотӣ ҳарф мезанад: яксон ва инноватсионӣ. Аввалини онҳо таркиби фаъолона афзоиш додани тағйиротҳои мусбат, ҷамъи бобобарандозаи миқдори онҳо ва дуввум – ҷорикунии даврии навовариҳои якдафъаина, ки вазъ, сатҳи низом ва раванди таҳсилотро сифатан тағйир медиҳанд. Ҳамзамон, В.И. Долгова мафҳуми «инноватсия»-ро ҳамчун «фаъолият оид ба қабул ва татбиқи қарорҳои таваккалӣ дар шароити номуайянии баланд, ки ба ноилшавии зуд ба ҳадафҳо, бурди рақобатӣ, афзоиши назарраси даромаднокӣ ё шакли дигари фоида нигаронида шудаанд», баррасӣ мекунад [6].

Таҳлили масъалаи мазкурро идома дода, мо дарёфтем, ки дар баробари истилоҳи «инноватсия» мафҳуми «навоварӣ» низ истифода мешавад. Аз ҷумла, А.И. Пригожин «навоварӣ»-ро ҳамчун як шакли рушди назоратшаванда ватағйироти мақсаднок таъриф мекунад, ки ба муҳити татбиқ унсурҳои нав ва нисбатан устуворро ворид мекунад. Охириҳо метавонанд ё моддӣ, ё иҷтимоӣ бошанд, аммо ҳар яке аз онҳо танҳо навигарӣ, яъне асоси навовариро ифода мекунад. Навоварӣ бошад, раванд, яъне гузариши низом аз як ҳолат ба ҳолати дигар мебошад [9, с. 28].

Дар таҳқиқоти худ мо кушиш кардем, ки далелҳоеро ошкор намоем, ки аз қабули инноватсияҳо дар таҳсилоти олӣ, тағйироти дохилии муносибати арзишӣ ба онҳо дар шароити муосир, аз ҷумла таҳсилоти калонсолон, гувоҳӣ медиҳанд.

Дар баррасии маълумоти мушаххасе, ки аз ҷониби мо дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ ба даст оварда шуданд, истода мегузарем. Бо мақсади муайян намудани омилҳои асосии муассир ба раванди таълим, мо 88 нафар донишҷӯёни факултетҳои «Иқтисод ва идора, «Молиявию иқтисодӣ»-ро аз рӯйи ихтисосҳои мухталиф дар курсҳои 2 мавриди пурсиш қарор додем. Аз ҷумлаи посухдиҳандагон 65% дар синни аз 19 то 21 сола; 35% – аз 21 то 23 сола; 73% – донишҷӯдухтарон ва 27% – писарон буданд. Азбаски интихоби 2–3 ҳадаф зарур буд, 77% посухдиҳандагон гирифтани таҳсилоти олиро ҳамчун шарти зарурии рушди минбаъдаи касб меҳисобиданд; 43% – ҳамчун имкони худтатбиққунӣ, 5% боварӣ доштанд, ки доштани таҳсилоти олӣ соҳиби эътибор шудан мебошад. Ҳамзамон, 84% посухдиҳандагон чунин мешумориданд, ки таълим сифатноктар мешавад, агар дар аудитория омӯзгоре ҳузур дошта бошад, ки донишҳои назариявиро бо таҷрибаи назарраси амалӣ омезиш диҳад; 17% боварӣ доштанд, ки беҳтар мебуд, агар дар аудитория омӯзгор – амалияпардоз ҳузур дошта бошад.

Тавре мебинем, барои аксари донишҷӯён (43%) таҳсилоти олӣ бо усули худтатбиққунӣ алоқаманд аст, ки аз «ман», – консепсияи ба таври кифоя ифодаёфта гувоҳӣ медиҳад. Ва хоҳиши дидани омӯзгор (назарияпардоз – амалияпардоз дар як шахс), пеш аз ҳама амалияпардозон мебошанд. Аз ин рӯ, онҳо ба муколамаи кушод, ҳамкорӣ ва фаъолияти муштарак майл доранд.

Ин гуфтаҳо фарзияи моро дар бораи тағйироти хислатҳои шахсияти донишҷӯёни муосир ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ, ки дар низоми маориф татбиқ мешаванд, тасдиқ мекунанд. Низоми маорифи Тоҷикистон кушода буда, дар он, аввалан, дар байни омӯзгорон ва донишҷӯён раванди мубодилаи доимии иттилоот (донишҳо), ки ба азхудкунии донишҳо ва усули ба даст овардани иттилоот нигаронида шудаанд, ҷараён мегирад. Робитаи баръакс ҳарду ҷонибро ғанӣ гардонида, мақсадҳо, технологияҳои инноватсионии педагогӣ, метод ва воситаҳои таълими нав пайдо мешаванд. Сониян, мазмуни таҳсилот мувофиқи дастовардҳои илмӣ ва амалӣ ба таври назаррас тағйир меёбад, ки ба тағйирёбии донишҳо ва маҳоратҳо, азхудкунии салоҳиятҳо дар айни замон таъсири мусбат мерасонад.

Ҳамин тавр, падидаи сифатан нав будани раванд ва натиҷа ба вуҷуд меояд. Дар чунин вазъ натиҷаи раванди таҳсилотӣ аз интизориҳои иштирокчиён ба куллӣ фарқ мекунад. Сеюм, фазои афзояндаи иттилоотӣ дар соҳаи маориф низомро аз ҳолати мувозинат берун оварда, таконҳои нави худрушддиҳиро медиҳад.

Азбаски мавзӯи таҳқиқоти мо раванди мубрамсозии шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ дар фаъолияти педагогӣ мебошад, мо чунин мешуморем, ки барои таҳлили он истифода бурдани мафҳумҳои калидии «бетартибӣ» ва «ботартибӣ» босамар аст. Он гоҳ мақсади раванди педагогӣ фароҳам овардани шароити зарурие мебошад, ки барои гузариш аз бесарумонӣ ба ботартибӣ дар асоси худташкилкунӣ мусоидат мекунанд. Ба ҷумлаи чунин шароит мо чунин ташкили муҳити таҳсилотии донишгоҳро нисбат медиҳем, ки дар он равандҳои худташкилкунии шахсият – субъектҳои фазои таҳсилотии муассисаи таҳсилоти олӣ –донишҷӯ ва омӯзгор бо муваффақият ҷараён мегиранд. Дар мавриди худташкилкунӣ бошад, пас дар муқоиса бо ташкили мақсаднок, ки бештар барои омилҳои беруна асос ёфта, ба шахсияти тамоми субъектҳои раванди таҳсилотӣ таъсир мерасонад, худташкилкунӣ ба дараҷаи назаррас аз шахсияти таълимгиранда ва таълимдиҳанда, донишҷӯ ва омӯзгор, сатҳи рушд аз ҷониби онҳо ба даст овардашудаи рушд ва азхудкунии фарҳанг, аз ҷумла инноватсионӣ, вобаста мебошад.

Дар таҳқиқоти мо фарҳанги инноватсионӣ ҳамчун категорияи ҷудонопазир, ки моҳият, мазмун ва технологияҳои истифодаи фаъолона ва ба таҷрибаи шахсӣ асосёфтаи инноватсияҳоро ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию фарҳангӣ дар соҳаи маориф кушода медиҳад, баррасӣ мешавад; он мақсадгузорӣ, раванд ва натиҷаи тайёр кардани мутахассисонеро, ки барои инноватсияҳо, омода ва қодиранд, ки онҳоро эҷод карда, истифода намоянд, муайян менамояд. Мо ин мафҳумро дар ҷустуҷӯйи моҳият ва мазмуни мафҳуми «фарҳанги инноватсионии шахсият», «шахсияти донишҷӯён ҳамчун ҳомилони фарҳанги инноватсионӣ» пайгирӣ хоҳем кард.

Вазифаи мо аз муайян кардани моҳият ва мазмуни фарҳанги инноватсионии донишҷӯён ва омӯзгороне мебошад, ки дар шароити тағйирёбандаи ҳаёт ва таҳсил дар асри XXI, вақте ки бесуботи инсон ва ҷомеа тақвият меёбад, зиндагӣ ва фаъолияти

муштарак мебаранд. Мавқеи мазкур аз ҷониби ҷомеаи муосири илмӣ ба сифати асоси ҳаёти ҳаррӯза дар таҳсилоти асри нав қабул карда мешавад. Аз ин рӯ, гузориши масъала назардошти тағйироти шахсиятро дар раванди аз худ кардани намунаи нави таҳсилотӣ талаб мекунад, ки аз рӯйи рӯҳия ва таъйинот башардӯстона буда, рушди минбаъдаи фарҳанги инноватсиониро дар асоси татбиқи амсилаи шахсият – меҳвар (шахсият – марказ, тибқи К. Роҷерс) ташвиқ менамояд.

Фарҳанги инноватсионии муосир бо пешрафти технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт, илм ва амалия, истеҳсолот, санъат тавсиф меёбад, ки доимо такмил ёфта, нав шуда, ҳатто пешгӯинашаванда ба вуҷуд меоянд.

**АДАБИЁТ:**


1. Аверянов В.В. Традиция кате методологическая проблема в отечественной культурологии XX века // Автореферат дисс. на соискание уч. ст. докт. филос. наук. – М., 2011. – С. 5. // сайт Диссертации по гуманитарным наукам – http://cheloveknauka. comAraditsiya-kak-metodologicheskaya-roblema- v-otechestvennoy-kulturologii-xx-veka#ixzz3xRBTmWLE (Дата обращения: 15 ноября 2014 г.).
2. Аношкина В. Л., Резванов С. В. Образование. Инновация. Будущее. (Методологические и социокультурные проблемы). – Ростов-на-Дону: Изд-во РО ИПК и ПРО, 2001. – 176 с.
3. Асмолов А. Г. Культурно-историческая психология и конструи рование миров. - М.: Издательство «Институт практической психологии», Воронеж: НПО«МОДЭК», 1996. – 768 с.
4. Аязбекова С. Ш. Вопросы теории и истории культуры // Сайт МАНВО декабрь 2013 http://gisap.eu/ru/hode/34514). (Дата обращения:12 сентября 2014 г.).
5. Большой энциклопедический словарь. М.: Советская энциклопедия. СПб.: Фонд «Ленинградская галерея», 1993. – 1628 с.
6. Долгова В. И. Инновационные технологии профессиональной деятельности психолога // Сайт МАНВО http://gisap.eu/ru/node/75770) (Дата обращения: 20 декабря 2015 г.).
7. Дудина М. Н. Психолого-педагогические проблемы безопасности ребенка в современном обществе // Вопросы психологии и социологии государственной службы и управления в регионе: сб. науч. тр. / под ред. Е. Ю. Берзина. – Екатеринбург, 2014. – 188 с.
8. Новая философская энциклопедия. – М.: Мысль, 2000-2001. – Т.3. – 692 с.
9. Пригожин А. И. Нововведения: стимулы и препятствия / Социальные проблемы инноватики. М.: Политиздат, 1989. – 270 с.
10. Сластенин В. А., Подымова Л. С. Педагогика: Инновационная деятельность. – М.: ИЧП «Издательство Магистр», 1997. – 224 с.
11. Маркарян Э. С. Наука о культуре и императивы эпохи. М.: Прогресс, 2000.126 с.
12. Современный философский словарь / Под общей ред. д-ра филос. наук, проф., В. Е. Кемерова. 2-е изд., исир. и доп. – Лондон; Франкфурт-на-Майне; Париж; Люксембург; Москва; Минск: ПАНПРИНТ. 1998. – 1064 с.
13. Тоффлер Э., Тоффлер Х. Революционное богатство // Электронный ресурс. – Режим доступа: http://socioline.ru/book/elvin-toГПет-hejditof Her – revolyutsionnoe-bogatstvo (Дата обращения: 27.12.2015 г.).
14. Тоффлер Э. Третья волна. – М.: АСТ. 2010. – 784 с.
15. Ясперс К. Смысл и назначение истории.– М.: Республика,1994.–528 с.


**Гулмадов Ф.**
**Ҷиёнзода З.**

## МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИНКИШОФИ АНЪАНА ВА НАВОВАРӢ ДАР СОҲАИ ФАРҲАНГ ВА МАОРИФ

Дар мақола масъалаҳои мубрами инкишофи анъана ва навоварӣ дар соҳаи фарҳанг ва маориф таҳлилу баррасӣ карда шуда, мазмун ва вазифаҳои таҳқиқоти педагогӣ доир ба амалӣ намудани нерӯи педагогии анъана ва навоварӣ дар соҳаи фарҳанг ва маориф дар муҳити бисёрфарҳангаи таҳсилотии донишҷӯён муайян карда шудааст. Дар мақола натиҷаҳои таҳлили назариявӣ, самарабахшии маҷмӯи шароити педагогии инкишофи анъана ва навоварӣ дар соҳаи фарҳанг ва маориф бо роҳи гузаронидани озмоиши педагогӣ муайян карда шудааст. Таҳқиқи назариявии инкишофи анъана ва навоварӣ дар соҳаи фарҳанг ва маориф имкон дод захираҳо ва имкониятҳои воқеии донишҷӯёни донишгоҳро, ки дар озмоиши педагогӣ иштирок мекунанд, мубрам карда шаванд ва шароити педагогии татбиқи самарабахши инкишофи анъана ва навоварӣ дар соҳаи фарҳанг ва маориф такмил дода шавад.

***Калидвожаҳо**: анъана, фарҳанг навоварӣ, маориф, фарҳанги инноватсионӣ, мазмуни фарҳанг, шахсияти донишҷӯён, таҳсилотии донишгоҳӣ.*

**Гулмадов Ф.**
**Джиёнзода З.**

**ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ ТРАДИЦИЙ И ИННОВАЦИИ В РАЗВИТИЯ КУЛЬТУРЫ И ОБРАЗОВАНИЯ**

В статье рассматрываются актуальные вопросы развития традиций и инноваций в культуре и образовании. Определена содержание и задачи педагогического исследования по реализации педагогического потециала традиций и инноваций в сфере культуры и образования в поликультурном пространстве образований студентов. Путём проведения педагогического эксперимента определены результаты теоретического анализа и комплекса эффективных педагогических условий развития традиций и инноваций в сфере культуры и образования. Теоретическое исследование развития традиций и инноваций в сфере культуры и образования дала возможность актуализировать место студентов университетов, которые участвуют в эксперименте и совершенствовать педагогические условия эффективного развития традиций инноваций в сфере культуры и образования.

***Ключевые слова:*** *традиция, культура, инновация, просвещение, инновационная культура, содержание культуры, личность студентов, университетское образование.*

**Gulmadov F.**
**Jiyonzoda Z.**

**THEORETICAL ISSUES OF TRADITIONS AND INNOVATIONS N DEVELOPMENT CULTURE AND EDUCATION**

The article deals with topical issues of development of traditions and innovations in culture and education. The content and tasks of pedagogical research on the implementation of the pedagogical potential of traditions and innovations in the field of culture and education in the multicultural space of students ' education are determined. By conducting a pedagogical experiment, the results of theoretical analysis and a set of effective pedagogical conditions for the development of traditions and innovations in the field of culture and education are determined. The theoretical study of the development of traditions and innovations in the field of culture and education made it possible to update the place of university students who participate in the experiment and improve the pedagogical conditions for the effective development of traditions of innovations in the field of culture and education

***Keywords:*** *tradition, culture, innovation, education, innovative culture, content of culture, personality of students, university education.*

**Сведения об авторах: Гулмадов Файз –** доктор педагогических наук, заведующий отделом теории и образования Таджикистана

**Джиёнзода Зулфия** – преподаватель кафедры методики преподавания биологии Кулябского государственного университета имени Абуабдулоха Рудаки, **Адрес: город Куляб,** улица Сангака Сафарова, 16 **Тел:** 918285155

**Information about the authors: Gulmadov Faiz** - doctor of pedagogical Sciences, head of the Department of theory and education of Tajikistan

**Jiyonzoda Zulfiya**-Lecturer of the Department of Methods of Teaching Biology of the Kulyab State University named after Abuabduloh Rudaki, Address: Kulyab city, Sangak Safarov Street, 16 Tel: 918285155

Ш. БИЛОЛОВА

# АҲАМИЯТИ НАЗАРИЯҲОИ ЗЕҲНӢ ДАР РУШДИ РАВОНИИ КӮДАКОН

Дар равоншиносии хориҷӣ оид ба масъалаи инкишофи ақлонии бачагон хеле бармаҳал, ҳанӯз аз охири асри Х1Х байни намояндагони ду ҷараёни мухолиф баҳси тезутунде идома мекунад. Яке аз ҷараёнҳоро бо он муаррифӣ кардан мумкин аст, ки дар он инкишофи зеҳнии кӯдак ба ҳайси натиҷаи камолоти табиии системаи асаб ва умуман тамоми организм баррасӣ карда мешавад (Д.Болдуин, К.Бюлер, С.Холл, А.Гезелл ва диг.). Дар ҷараёни дуюмӣ бошад, раванди инкишофи ақлонии кӯдак ҳамчун натиҷаи таъсироти бевоситаи муҳити атроф, пеш аз ҳама, муҳити иҷтимоӣ фаҳмидаю пазируфта мешавад (Г.Спенсер, А.Стаатс, Т.Рибо, К.Фишер ва диг.).

Таҳлили корҳои асосии равоншиносони шинохтаи хориҷӣ оид ба муаммои мазкур имконият медиҳад, ки ҷанбаҳои зерини омӯзиши илмии он муқаррар карда шаванд:

1. Ошкор сохтани табиат ва сохтори зеҳн (Ф.Вертюн, Ҷ.Гилфорд, Ҷ.Спирмен, Л. Терстоун, Е. Торндайк ва диг.);
2. Омӯхтани робитаи байниҳамдигарии зеҳн ва таълимпазирии бачагон (Р.Андерсон, Л.Вине, Е.Броди, Ҷ. Дункасои, С.Колвин ва диг.);
3. Омӯзиши таъсири муҳит ба инкишофи зеҳни бачагон (Н.Бейли, Р. Зайоптс, Р.Николе, Д.Ройс, У.Томпсон, Д.Фуллер ва диг.);
4. Таҳқиқи робитаи байниҳамдигарии хислатҳои шахсӣ ва сатҳи инкишофи зеҳнӣ (А.Кепалайте, Д.Костура, Д.Робинсон, Д.Саксофски, Д.Тсабер ва диг.);
5. Ошкор сохтани механизмҳои инкишофи зеҳнӣ (Ҷ.Брунер, М. Вертгеймер, Р.Мейли, Р.Стенберг, К.Фишер ва диг.).

Бароямон дар иртибот бо мавзӯи интихобкардаи таҳқиқоти мо он асарҳое ҷолиб мебошанд, ки ба баррасии сохтор ва таркиби фаъолияти зеҳнӣ ихтисос дода шудаанд. Ҳанӯз дар охири асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ Ҷ.Спирмен дар ташреҳи илмии мафҳум ва сохтори зеҳн ба мавҷудияти ду равияи зидди ҳамдигар ишора карда буд. Аз ин равияҳо минбаъд ду назарияи мухталифи инкишофи зеҳнии бачагон ба миён омад. Назарияи аввал зеҳнро ҳамчун қобилияти ягона ва умумии бачагон нисбат ба таълим тавсиф мекард (Ҷ.Спирмен); назарияи дуюм бошад, фаҳмишеро ба асос мегирифт, ки зеҳн маҷмӯи қобилиятҳои сершумори ҷудогона ва нисбатан мустақил мебошад.

Назарияи психологии аз ҷиҳати озмоишӣ асосноккардаи инкишофи зеҳнии бачагонро, ки дар чаҳорчӯбаи муносибатҳои мухталиф коркард мешаванд, мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Бо мақсади ба низом овардани маводи илмии дар ин бобат ғуншуда якчанд муносибатҳои асосиро аз ҳамдигарашон ҷудо мекунем, ки барои ҳар кадомашон самти муайяни ғоявӣ ҷиҳати шарҳ додани табиати зеҳн хос мебошад:

1. Муносибати тестӣ (азалӣ, яъне, худодод будани зеҳн) (К.Бераланфи, Б.Инелдор, Ж. Пиаже);
2. Муносибати иҷтимоӣ- фарҳангӣ (Л.С.Виготский, Л.Р.Лурия, Л.В.Запорожетс ва диг.);
3. Муносибати фаъолиятнокии мурофиавӣ (Л.В.Брушлинский, Л.А.Венгер, П.Я.Галперин, Л.Н.Леонтйев, С.Л. Рубинштейн, И.Ф.Тализина ва диг.);
4. Муносибати таълимӣ (Д.М.Богоявленский, Г.Л.Берулава, З.И.Калмикова, Е.М.Кабанова- Меллер ва диг.);
5. Муносибати сохторӣ- дараҷаӣ (Б.Г.Ананйев ва диг.). [1.С. 45].

Дар бобати идрок намудани раванди инкишофи тафаккури бачагон ғояе таъсири назаррас дошт, ки он аз тарафи равоншиноси швейтсарӣ, асосгузори “эпистемологияи генетикӣ” Ж.Пиаже ба вуҷуд оварда шуд. Ба андешаи олими номбурда, инкишофи зеҳн дар раванди фаъолияти амалии кӯдак тавассути ашёи гуногун имконпазир мешавад. Дар ибтидо амалиёти зоҳирии моддии кӯдак доманадор ва пайдарҳам ба ҷо оварда мешаванд. Ин амалиёт ба шарофати дар вазъиятҳои гуногун такрор ёфтанашон дар лавҳи хотири кӯдак нақш мебананд ва бо кӯмаки воситаҳои рамзӣ (имову ишора, бозӣ, нутқ ва ғ.) раво-раво ба ниҳоди ӯ кӯчонида, ба амалиёти зеҳнӣ табдил меёбанд. Тибқи назарияи мазкур, амалиёт ин “кори ботинӣ”, маҳсули дигаргуншавӣ, интериоризатсияи ашёи берунаи

таъсирашон маҳдуд ба ҳисоб меравад, ки бо таъсироти дигар ба системаи ягона дароварда шудаанд ва хислати асосии онҳо такрорпазирӣ барои ҳар як навъи амалиёт мебошад. Пайравони ин назария муътақид ҳастанд, ки барои ҳар кадом навъи амалиёт амалиёти айнӣ ва хилофи он вуҷуд дорад

Ж.Пиаже инкишофи равандҳои маърифатиро аз мавқеи қонуни умумии биологӣ-кӯшиши организм ба баробарию тавозун баррасӣ менамояд. Худи инкишоф дар натиҷаи якҷояшавӣ ва ба ҳамдигар таъсиррасонии ду раванд: ассимилятсия ва аккомодатсия ба вуҷуд меояд. Ассимилятсия ин раванди ба тарҳҳои мавҷудаи амалиёт ҳамроҳ кардани амалиёти нав мебошад, аккомодатсия бошад, дар мутобиқат бо талаботи пешниҳодкардаи вазифаҳои нав тағйир додани тарҳҳо маҳсуб меёбад.

Баробарвазнӣ дар назарияи дигари психологӣ ҳам мафҳуми марказӣ ба шумор меравад. Ж.Пиаже дар пайравии К.Бегаланфи баробарвазнӣ ё худ мувозинатро ҳамчун ҳолати муътадили системаи кушод тавсиф менамояд. Мувозинат аз нуқтаи назари динамикӣ ин ҳамон механизме ба ҳисоб меравад, ки вазифаи асосии фаъолияти психикии бунёдкунии тасаввуротро дар бобати муҳити иҳотакарда, робитаи субъект ва объект ба ҷо оварда, ҳамчунин, таъсироти байниҳамдигарии онҳоро таъмин менамояд. Раванди инкишофи зеҳн, аз рӯйи таълимоти Пиаже, аз се давраи калоне иборат мебошад, ки дар ҷараёни онҳо пайдоиш ва ташаккули се сохтори асосии зеҳнӣ ба вуҷуд меояд. Аввал сохторҳои сенсомоторӣ, яъне системаи амалиёти такрорпазири амалӣ ташаккул меёбанд. Пас аз ин инкишофи сохторҳои амалиётҳои мушаххас ба вуҷуд омада, ба дараҷаи зарурии инкишоф мерасанд. Ин системаҳои амалиёте мебошанд, ки дар ақл, вале бо такя ба маълумотҳои берунаи аёнӣ ба ҷо оварда мешаванд. Баъди ин барои ташаккул ёфтани амалиёти расмии рӯякӣ имконият ба вуҷуд меояд. Ин давраи пайдоиш ва ташаккули мантиқи расмии рӯякӣ, мулоҳизаронихо ва хулосаҳои тахминӣ- дедуктивӣ ба ҳисоб меравад. Аз назари Пиаже, инкишоф ин гузариш аз давраи пасттарин ба давраи олӣ мебошад. Давраи пешина ҳамеша барои давраи оянда замина омода менамояд. Чунончи, мушаххас будани амалиёт барои амалиёти расмии рӯякӣ таҳкурсӣ шуда, ҷузъи онҳоро ташкил мекунанд. Дар раванди инкишоф на фақат муовизаи давраи пасттарин ба давраи олӣ ба вуҷуд меояд, зиёда аз ин, интегратсияи сохторҳои ташаккулёфтаи пешина дар сатҳи боз ҳам баландтар рух медиҳад. Дар ин маврид давраи пешина дигаргун мешавад ва тадриҷан ба қисми таркибии ташкилаи мураккабтари зеҳнӣ мубаддал мешавад. Тартиби фаро расидани давраҳо тағйирнопазир мебошад ва таъсири муҳити атроф танҳо муҳлати рӯйдоди онҳоро тезонида ва ё суст карда метавонаду бас. **[7.С. 47].**

Назарияи интериоризатсия, ки аз тарафи А.Валлон асос карда ва дар корҳои Ж.Пиаже истифода бурда шудааст, дар фарзияи инкишофи фарҳангӣ- таърихии пешниҳодкардаи Л.С.Виготский рушди наву тоза дида, муҳтавои комилан дигар касб намуд. Ба андешаи ин муҳаққиқ, мухтассоти инкишофи бачагона иборат аз он аст, ки он ба таъсири қонунҳои ҷамъиятӣ- таърихӣ тобеъ аст ва бо роҳи ба кӯдак бахшидани шаклҳо ва усулҳои фаъолияти таърихан коркард намудаи одамон амалӣ карда мешавад. Л.С.Виготский навишта буд: “Ҳамаи вазифаҳои олии равонӣ моҳияти муносибатҳои интериоришудаи дорои табиати иҷтимоӣ ҳастанд... Таркиби онҳо, сохтори генетикӣ, усули таъсир- ба як сухан, тамоми табиати онҳо иҷтимоӣ мебошад,., ҳатто, ба равандҳои психикӣ мубаддал гардида ҳам , квазииҷтимоӣ боқӣ мемонанд [2.С. 146].

Инкишофи зеҳнии кӯдак таҳти таъсири омилҳое, аз қабили ба кор бурдани олатҳо (воситаҳои моддии ташкили робитаи зеҳнӣ бо ҷаҳон дар шакли чӯбчаҳо, китобҳо ва ғ.), истифодаи нишонаҳо (дар шакли азхудкунии васоити гуногуни рамзӣ (рақамҳо, ҳарфҳо), моҳияти калимаҳои забон амалӣ мешавад ва дар ин раванд кӯдак бо одамони дигар таъсироти байниҳамдигарии иҷтимоӣ пардохта, ба ҳиммати калонсолон ва ҳамсолони нисбатан пешрафтаи худ аз шаклҳои мухталифи кӯмак бархурдор мегардад. Ба ақидаи Виготский, механизми асосии инкишофи зеҳнии кӯдак бо ташаккули системаҳои калимаҳои (хулосаҳои) маънодор дар шуури ӯ вобаста мебошад ва бозсозии ин робита самти инкишофи имконоти зеҳнии бачагонро муқаррар менамояд. Виготский давраи аз дусолагӣ то айёми балоғатрасии бачагонро ба ҳайси давраи “таърихи табиии аломат” унвонгузорӣ мекунад, ки дар ҷараёни он хулосаҳои гуфтугӯӣ тадриҷан шакли мафҳумӣ, яъне, маънодор касб карда, аввал “дар таркиби худи гуфтор” ва “барои шунавандагон” ва танҳо охири охирон “барои худи гӯянда” мафҳум мегардад. 3.С. 154].

Давраҳои аз тарафи Л.С.Виготский ҷудокардаи инкишофи идроки бачагон байни аҳли илм маълум мебошанд ва онҳо ба қарори зерин ҳастанд: 1. Ташаккули ашёи алоҳидаи сершумори бенизому бетартиб, пайванди синтетикии онҳо, ки бо як калима ифода мегардида бошад. Ин давра, дар навбати худ, ба се зердавра тақсим мешавад: таваккалан интихоб кардан ва муттаҳид намудани ашёи; интихоб дар асоси ҷойгиршавии фазогии ашё ва ба моҳияти ягона овардани предметҳои пешакӣ муттаҳидкарда. 2. Ташкил намудани маҷмӯи мафҳумҳо дар асоси баъзе аломатҳои объективӣ. Ин гуна комплексҳо чор намуд доранд: ассотсиативӣ (ҳамагуна алоқаи берунии ба мушоҳидарасида барои ба як синф мансуб донистани ашё ба сифати асос пазируфта мешавад; коллексионӣ (ҳамдигарро пурра кардан ва муттаҳид намудани ашё дар асоси аломати хусусии функсионалӣ); ҳалқагӣ (гузариш аз муттаҳидкунонии як аломат ба аломати дигар чунон ба ҷо оварда мешавад, ки баъзе ашё дар асоси як аломат ва баъзеашон аз рӯи аломати дигар муттаҳид карда шаванд ҳам, ҳамаи онҳо ба як гурӯҳ тааллуқ доранд); мафҳуми бардурӯғ, сохтаю ботил (зоҳиран мафҳум, ботинан, яъне аслан дурӯғин); 3. Ташаккул бахшидани мафҳумҳои асил. Ин ҷо маҳорати ҷудокунӣ, муқарраркунии унсурҳо ва баъд якҷоя карда, ба мафҳуми том табдил додани онҳо аз тарафи кӯдакон дар назар дошта мешавад. Ин давра фаслҳои зеринро фаро мегирад: фасли мафҳумҳои эҳтимолӣ, ки дар он кӯдак гурӯҳи ашёро аз рӯйи аломати умумиашон ҷудо мекунад; давраи мафҳумҳои асил, ҳангоме ки барои муқаррар намудани мафҳум силсилаи аломатҳои зарурӣ ва кифоякунандаро бачагон муайян мекунанд , баъд онҳоро мавриди синтез қарор дода, ба шохаҳои муносиб нисбат медиҳанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Ананьев Б.Г. Психология и проблемы человекознания. Избранные психологические труды. М.,1996.
2. Выготский Л.С. Мышление и речь. Психологические исследования. - М. - J!.: Соц-жгиз. '938 - 324 с.
3. Выготский Л.С. развитие высших психических функций. Из неопублик. Трудов - М. : Изд-во АПН, 1960. - 500 с.
4. Грановская Р.М., Берсзпая И.А. интуиция и искусственный интеллект. - Д.: Изд-во Ленинград, ун-та, 1991. - 268 с.
5. Грачева З.А. Умственное развитие детей 6-7 лет в процессе решения математических занимательных задач. - Дисс. ... канд. псих. наук. - Л.: Гос. пед ин-т им. А.И. Герцена, 1970. - 178 с.
6. Громов .М.Д. Развитие мышления младших школьников // Психология младшего школьника/' иод ред. Е.И. Ипииьева. - М.: Изд-во ЛГ1И РСФСР, 1960. - 336.
7. Жан Пиаже, Речь и мышление ребенка / Жан Пиаже. - Москва: **ИЛ**, 2008. - 416 с.


**Билолова Ш.**

## АҲАМИЯТИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛӢ НАЗАРИЯВӢ ДАР ИНКИШОФИ РУҲИИ КӮДАКОН


Мувозинат дигар мафҳуми марказии дигар назарияҳои психологист. Пас аз К.Бегаланфи, Ҷ.Пиаже мувозинатро ҳамчун ҳолати муқаррарии системаи кушода тавсиф мекунад. Аз нуқтаи назари динамикӣ мувозинат механизме мебошад, ки вазифаи асосии фаъолияти зеҳниро барои эҷоди ғояҳо дар бораи муҳити атроф, муносибати субъект ва ашё, инчунин ҳамкории онҳо иҷро мекунад. Раванди рушди зеҳнӣ, ба гуфтаи Пиаже, аз се марҳилаи асосӣ иборат аст, ки дар давоми он се сохтори асосии зеҳнӣ ба вуҷуд меоянд ва ташаккул меёбанд. Якум, инҳо сохторҳои сенсомоторӣ мебошанд, яъне системаи амалҳои такрории амалӣ.


***Калидвожаҳо:*** *ақл, омил, рушд, сухан, табиат, генетика, маълумот.*

**Билолова Ш.**

## ВАЖНОСТЬ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫХ ТЕОРИЙ В ПСИХИЧЕСКОМ РАЗВИТИИ ДЕТЕЙ

Равновесие - еще одно центральное понятие в психологических теориях. Следуя К. Бегаланфи, Ж. Пиаже описывают равновесие как нормальное состояние открытой системы. С динамической точки зрения баланс - это механизм, который выполняет основную функцию мыслительной деятельности по созданию представлений об окружающей среде, взаимоотношениях между субъектом и объектом, а также их взаимодействие. Процесс интеллектуального развития, согласно

Пиаже, состоит из трех основных этапов, в ходе которых возникают и формируются три основные интеллектуальные структуры.

***Ключевые слова:*** *интеллект, фактор, развитие, речь, природа, генетика, воспитание,*

**Bilolova Sh.**

**THE IMPORTANCE OF INTELLECTUAL THEORIES IN THE MENTAL DEVELOPMENT OF CHILDREN**

Equilibrium is another central concept in psychological theories. Following K. Begalanffy, J. Piaget describes equilibrium as a normal state of an open system. From a dynamic point of view, balance is a mechanism that performs the main function of mental activity to create ideas about the environment, the relationship between the subject and the object, as well as their interaction. The process of intellectual development, according to Piaget, consists of three main stages, during which three main intellectual structures arise and form.

***Keywords***: *intelligence, factor, development, speech, nature, genetics, education, culture*

**Сведение об авторе: Билолова Шоира Файзуллоевна** – доктор (PhD) кафедры психологии факультета философии Таджикского национального университета. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: 909-80-10-80.

**Information about the author: Bilolova Shoira Faizulloevna-** Tajik National University, doctorant PhD, Department of Psychology, Faculty of Philosophy, Tajik National University. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: 909-80-10-80.

**Б. ЗУЛФОНОВ**

## НАҚШИ РОҲБАР ДАР БЕҲБУДИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ДАР ШАРОИТИ ТАТБИҚИ РАҲЁФТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ОМӮЗИШ

Мушкилоти татбиқи муносибати босалоҳият дар таълиму тарбия ва самарабахшии он дар муассисаи таълимӣ ба роҳандозии он вобастагӣ дорад. Тамоми фаъолияти роҳбар ва омӯзгор дар шароити муосир масъулияти баландро дар тарбияи насли наврас тоқазо менамояд.

Роҳбари муассисаи таълимиро барои дар амал татбиқ намудани муносибати босалоҳият дар таълиму тарбия зарур аст:

- пеш аз оғози соли нави таҳсил ҳар як дастуру тавсия ва дигар маводи ёрирасони пешниҳодгардидаи мақомоти болоии маорифро оид ба тақвияти низоми босалоҳият ва дигар самтҳои кори таълиму тарбия ба омӯзгорони муассисаи таълимӣ тибқи нақшаи, корҳои тарбиявӣ, ба роҳ мондан;
- оид ба меъёру мундариҷа, бартарии муносибати босалоҳият гузаронидани вохӯрӣ ва суҳбатҳо бо падару модарони хонандагон;
- коркард ва истифодаи тестҳои фаннӣ дар раванди дарсҳо, супоришҳои хонагӣ ва беруназсинфӣ, марҳила ва рейтингҳо аз тарафи омӯзгорони фаннӣ ва додани баҳои воқеъӣ ба дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон;
- ташкили омӯзиш ва сайқал бахшидани завқи китобхонӣ, навиштани номгӯйи мавзӯъ, маърӯза, реферат аз фанҳои таълимӣ, истифодаи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва саънаҳои таърихӣ, адабиёт ва сарчашмаҳои иловагӣ, супориши корҳои хаттӣ ва амалӣ дар хона, муносибат бо ҳамсинфон ва омӯзгорон, рафтор, худтарбияткунӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ, иштирок дар корҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, дараҷаи аз худкунии барномаҳои таълимӣ, ба ҳисоб гирифта ба мақсад мувофиқ ташкил ва баргузор намояд.

Дар зинаҳои низоми маориф, аз нозирони шуъбаи маориф сар карда, дар иҷрои вазифаи хизматиашон, пеш аз ҳама, мусаллаҳ будан бо дониш оид ба муносибати босалоҳият талаб карда мешавад, то раванди татбиқи ин муносибат дуруст ба роҳ монда шавад.

Мушовирони кабинети методии шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия ба дарсҳои омӯзгорон бештар даромада, дарсҳои кушод-дарсе, ки бо мақсади омӯзиш, таблиғи таҷрибаи пешқадам, татбиқи навгониҳо, навҷӯйиҳо дарсҳои ҳисоботӣ ва намунавӣ аз ҷониби муаллимони ботаҷриба, баҳри фаъол гардонии хонандагон дар дарсҳо пайваста

дар ҷустуҷӯйи роҳу усули босалоҳиятии таълим ва тарбия ташкил намуда, ба таври доимӣ дастуру маслиҳат ва тавсияҳои методӣ диҳанд.

Муаллим масъулиятро дар худ ба таври доимӣ парварида, кӯшиш ба он дошта бошад, ки аз уҳдаи дарс гузаронидан бо хубӣ баромада тавонад. Чӣ тавре, ки бузургон гуфтаанд: *«омузгор то даме, ки зинда аст, дар омӯзишу сайқал додани маҳорати педагогиаш кӯшиш ба харҷ диҳад».*

Роҳу усули истифодаи методҳои фаъоли таълим, воситаҳои техникӣ, айёният дар дарс ва машғулиятҳои амалӣ, ноил гаштан ба дониш, малака ва маҳорат дар таълиму тарбияи шогирдон ва арзёбии хусусиятҳои ҳамаҷониба дар омодагӣ ба моҳияту мазмуни салоҳиятнокии таълим қарор гирад.

Директори муассисаи таълимӣ салоҳияти баланди роҳбарӣ дар ташкили кори таълимӣ тарбиявиро бояд дошта бошад. Воқеан, ибораи «*Ҳар кас бояд дар доираи мавқеи худ қарор дошта бошад*» асос дорад.

Президенти мамлакат хело бамаврид гуфтаанд, ки *«Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия ҳуқуқи хато карданро надорад».*[6].

Ҳамаи роҳбарон масъули вазифа, кафили тарзи ҳаёти солим, ба меъёр дарорандаи ноадолатию нобасомониҳои замонанд. Ҳадафи асосӣ дар самти роҳбарӣ кори неку номи нек дар сиёсати маорифпарваронаи давлат мебошад.

Дар амал татбиқ шудани муносибати босалоҳият ва ҳадафҳои татбиқи он дар роҳу усул ноил гардидан ба сатҳи баланди дониш, малака ва маҳорат, қобилият ва ахлоқи хонандагон дар муассисаи таълимӣ ва аз ҳама ҷиҳат самараи нек ба бор овардан ба роҳбари муассисаи таълимӣ вобастагии калон дорад.

Дар бораи моҳият, мақсад ва вазифаҳо, методу усули гуногуни татбиқи он, натиҷаи омодагии муаллимон, хонандагон ва падару модарон дар ташкилу баргузории дарсҳо ва назорати хонандагон бо назардошти дараҷаи муносибати салоҳиятнок дар доираи талаботи Вақте, ки роҳбар қобилияти дарк надошта бошад, дигаргуниҳоро ба натиҷаи дилхоҳ расида наметавонад. Дар муассисаи таълимӣ ҳар гуна шахсият ва гурӯҳҳое мавҷуданд, ки роҳбар бояд онҳоро бо ҳам муттаҳид созад, андешаҳои онҳоро дар самти пешравии кору фаъолият қабул ва дастгирӣ намояд. Роҳбар бояд қобилияти ташкилотчигӣ, санъати роҳбарӣ, маҳорати кордонӣ ва дар ниҳодаш ташаббускорию эҷодкорӣ дошта бошад. Қолабҳои куҳнаро шикаста тавонад ва узви ҳолатҳои зарӯрӣ хонандагони фаъол ва қобилиятнок бо вазифаҳо таъин намояд шогирдонро идора карда тавонад. [3-4]

Муваффақияти муассисаи таълимӣ дар раванди таълиму тарбия аз сифати роҳбарӣ ва муҳити солими он, аз директор то хонандагон вобастагии калон дорад. Беҳтар гардидани сифати корҳои идеявӣ-сиёсӣ ҳаҷми дониш, маҳорат, малака ва ахлоқи хонандагон аз кордонӣ ва маҳорати роҳбар сахт вобастагӣ дорад.

Масъулини шуъбаҳои маориф ва мақомоти болоии он дар хоста гирифтан ва ҷо ба ҷо гузоштани роҳбарони муассисаи таълимӣ баъзан ба ҳолатҳои шиносбозӣ ва маҳаллагари роҳ медиҳанд, ки ин ба пешравӣ ва баланд бардоштани сифати кори таълиму тарбия халал медонад. Раванди тақвият ва демократикунонии кори таълиму тарбия дар муассисаи таълимӣ муомилаи хубро талаб менамояд. Сахтгиру серталаб ва дар айни замон мушфиқу меҳрубон бояд буд. Роҳбар набояд қасдгир бошад. Қобилияти таҳлил ва баҳо доданро доро бошад. Қисман, роҳбарон аз вазифа ва мансаби ишғолкадаашон истифода карда, рафторҳои аз салоҳияташон берунро иҷро менамоянд, ки ин омил боиси паст гардидани обрӯяшон мегардад. Худомӯзӣ, сайқали маҳорати идоракунӣ, донистани нозукиҳои талаботи педагогӣ-психологӣ, барои директор ниҳоят муҳим мебошанд.

Масъалаи дигаре, ки боиси костагии сифати таълиму тарбия мегардад, шояд набудани алоқаи доимӣ ба падару модарон ва ташкилоту идораҳо бошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар ҷойҳо ҳама кори бесамар ба хотири гап нашудан мебошад. Дар маҷлис ё ассотсиатсияи падару модарон ва дигар ташкилоту муассиса дар асл шумораи аз 1 то 10 нафараи волидон ҳозир мешавад ё не. Боз қарор менависанду дар ҷузвдон мегузоранд. Бо ҳамин вазифаи худро ба сомон расонидашуда меҳисобанд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мавриди амал қарор дошта бошад ҳам, мутаассифона, ин санади хело муҳим на ҳамеша мавриди таваҷӯҳи хос қарор мегирад.

Директори муассисаи таълимӣ бояд кору фаъолияти омӯзгорону хонандагон, роҳбарони синф ва ҷонишинону дигар кормандонро дар низоми расмӣ (маъқулёфтаи коллектив) «талаботи ягона дар муассисаи таълимӣ» ба роҳ монад:

- ҳамарӯза директори муассисаи таълимӣ бояд як соат пеш аз саршавии дарсҳои басти якум ба муассиса ҳозир шуда, гирду атрофи бино ва дохили онро дида, аз вазъи мавҷуда бо баррасии масъулин натиҷагирӣ намояд;

- омӯзгоре, ки надоранд дарс ва роҳбарони синфҳо пагоҳӣ (басти 1), нисфирӯзӣ (басти 2) дар ҷамъомади умумии пеш аз дарс ним соат пешакӣ ҳозир шаванд;

- омӯзгороне, ки бояд тайёри ба дарсҳояшонро аз назари масъулин гузаронидаанд, бояд дар шифо омодагии ташкили дарс бошанд;

- ҳар як омӯзгор бояд дараҷаи дониши хонандагонро арзёби намуда ба дониш, малака ва қобиляти онҳо баҳои воқеӣ гузорад, омӯзгор бояд ба симои зоҳирии хонанда таваҷӯҳи ҷиди зоҳир намуда риояи талаботи ягонаи мактабро аз тарафи хонандагон тақозо намояд;

- рафтори нолоиқи хонандаро пинҳон накарда бо падару модарон ва маъмӯрияти муассисаи таълимӣ муҳокима намояд;

- риояи қасами омӯзгор, ҳуқуқ, вазифа ва уҳдадориҳои роҳбари синф ҳангоми иҷрои вазифаи хизматӣ интизоми меҳнатӣ, пӯшидани либоси ягона, одоби муошırати ахлоқи писандида боис мегардад. Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва умумиро бо қарори қабул намудаи мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2013 расмӣ гардонида, барои иҷро пешбарӣ намудааст. Бисёрии роҳбарони муассисаҳои таълимӣ аз он ба таври васеъ истифода менамоянд. Рафти вохӯрӣ бо омӯзгорон маълум намуд, ки онҳо аз ин ҳуҷҷатҳо огаҳӣ надоранд ва қисман роҳбарони муассисаҳои таълимӣ аз бемасъулиятӣ то ба ҳол аз ин ҳуҷҷатҳо ҳам дарак надоранд ва ҳатто худашон онҳоро варақ ҳам назадаанд.

Агар роҳбари муассисаи таълимӣ аз ҳар нигоҳ намуна бошад, зердастон низ аз ӯ ибат мегиранд маҷбур мешаванд, ки нисбат ба масъулияти хеш ҷиддӣ бошанд.

Директори мактаб коргаронро мемонад, ки саҳнаи он муассисаи таълимист ва хонандагон иҷрокунандагони нақшҳо ба шумор мераванд. Танҳо маҳорату кордонии коргарон боиси нақшофарии дурусту мақсаднок шогирдон мегардад.

Директори муассисаи таълимӣ ҳамчун ташкилотчии асосии коллективи педагогӣ, дар байни талабагон ва падару модарон мавқеъи асосӣ ишғол менамояд. То даме, ки директори муассисаи таълимӣ, шахси дорои андешаи эҷодкор набошад, ташкилотчии моҳири раванди кори педагогиро тасаввур карда наметавонем ва проблемаи такмили сифати корҳои тарбиявии хонандагонро ҳал кардан амрест мушкил. Муҳим он аст, ки дорои маданияти баланди омӯзгорӣ, дониш, моҳиру уҳдабаро, боидрок ва донандаи хуби фанни худ бошад.

Ба қавли педагоги машҳур А.С.Макаренко «Ҳар як педагог устоди кори худ шуда метавонад, агар ба ӯ ёрӣ расонанд ва агар худаш кор кунад». [1]

Муҳаббате, ки омӯзгор ё маъмурият танҳо барои фароғат ва ҳузуру ҳаловати худ нишон медиҳад, ҷиноят аст. Чунки ин ба худи тарбиятдиҳанда ва ҳам ба кори тарбиявӣ зарари калон меоварад.

Мо омӯзгорон, бояд донем, ки кӯдакон табиатан танбал нестанд. Онҳо дар ҷойе фаъоланд, ки барояшон шавқовар бошад. Сабаби талабот ба муносибати нав дар мактаб ҳамин аст. Имкониятҳои технологияи фаъоли таълимро маҳдуд насозем. Саъй ва кӯшиши муаллимонро ба табодули нақшҳо дар дарсҳо равона сохтанамон лозим меояд. Дар дарс бештар талаба сухан гӯяд, муаллим бештар гӯш кунад. Хонандаи «фаъол-актёр», муаллим, «мухлис-мушоҳидакори фаъол ва режиссор»- бояд бошад. Пеш аз саршавии дарс муаллим вазифадор аст, ки фазои мусоиди муҳити солимро фароҳам оварданаш лозим аст. Маъмурияти муассисаи таълимиро зарур аст, ки ба назорати дохилимактабӣ диққати бештар дода, санҷишро ба роҳ монад ва натиҷаҳоионро дар ҷаласаҳои назди директор, Шӯрои омӯзгорӣ маҷлиси падару модарон мавриди баррасӣ қарор диҳад.

Татбиқи самаранокии муносибати босалоҳият назорат ва роҳбарии маъмурияти муассисаи таълимӣ ба фаъолияти омӯзгорон дар сатҳи талабот вобастагии зич дорад. Роҳбар баҳри беҳтару хубтар гардонидани раванди идораи зинаҳои таълиму тарбияи

муассисаи таълимӣ коллективро муттаҳид месозад. Фаъолияти онҳоро тибқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф ба роҳ монда, ба таври доимӣ назорат мебарад. Дар навбати худ ҳамгироии фаъолияти коллектив, падару модарон ва хонандагонро ташкил намуда, талаботи ягонаи корро байни онҳо ба низом монда, назорат ва натиҷагирӣ менамояд. [8]

Вазифаи мо омӯзгорон тарбия намудани шогирдон дар рӯҳияи худогоҳии миллӣ, ободкорӣ, созандагӣ, худшиносӣ, ватандӯстӣ ва арзишҳои миллӣ мебошад. Мақсаду мароми ҳамаи мо бояд ба як самт-амалӣ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф нигаронида шуда бошад. Мо-омӯзгорон бояд рушди ҷомеаро дарк намуда, ба натиҷаи фаъолияти худ баҳои воқеъӣ диҳем. Ба ғамхориҳои Сарвари давлатамон, ки ба ин соҳа таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд, дилсӯзона муносибат намоем.

**АДАБИЁТ:**

1. А.С. Макаренко. Сабки фаъолияти кори А.С.Макаренко
2. Боргоҳи маърифат. №1(9), январи 2015.
3. Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд».-Душанбе 2011.
4. М.Лутфуллоев. Педагогикаи миллии халқи тоҷик.- Душанбе 2016, 700с.
5. Маҷмӯи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ. Қисми 1 ва 2. – Душанбе 2014.
6. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба МОҶТ соли
7. Юнусов Й. Педагогика. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олӣ, коллеҷу омӯзишгоҳҳо. -Душанбе 2005.
8. Бершадский М.Е. Применение технологий "Concept Maps" и "Mind Maps" для повышения уровня информационной компетентности обучаемых / М. Е. Бершадский// Педагогические технологии. - 2009. - № 2. - С. 20-53.
8. Беседина Л.А. Формирование ключевых компетенций как актуальная проблема биологического образования / Л. А. Беседина// Биология в школе. - 2013. - № 2. - С. 9-13.
9. Беспалова Г.М. Диагностика компетентностей учащихся / Г. М. Беспалова.

**Зулфонов Б.**

## НАҚШИ РОҲБАР ДАР БЕҲБУДИ СИФАТИ ТАЪЛИМ ДАР ШАРОИТИ ТАТБИҚИ РАҲЁФТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ОМӮЗИШ

Ба ақидаи муаллиф директори муассисаи таълимӣ дар байни талабагон ва падару модарон ҳамчун ташкилотчии асосии коллективи педагогӣ мавқеъи асосиро ишғол менамояд. Ин пеш аз ҳама, дар маданиятнокӣ, донишмандӣ, маҳорату малакаи идоракунӣ ва соҳиб гаштан ба боварии омӯзгорон ва хонандагон ифода меёбад. Татбиқи самаранокии муносибати босалоҳият назорат ва роҳбарии маъмурияти муассисаи таълимӣ ба фаъолияти омӯзгорон дар сатҳи талабот вобастагии зич дорад. Роҳбар баҳри беҳтару хубтар гардонидани раванди идораи зинаҳои таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ коллективро муттаҳид месозад. Фаъолияти онҳоро тибқи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳаи маориф ба роҳ монда, ба таври доимӣ назорат мебарад. Дар навбати худ ҳамгироии фаъолияти коллектив, падару модарон ва хонандагонро ташкил намуда, талаботи ягонаи корро байни онҳо ба низом монда, назорат ва натиҷагирӣ менамояд.

***Калидвожаҳо:*** *муассиса, роҳбар, мактаб, хонанда, таълиму тарбия, муаллимҷомеа, директор.*

**Зулфонов Б.**

## РОЛЬ РУКОВОДИТЕЛЬЯ В УЛУЧШЕНИИ КАЧЕСТВА ОБУЧЕНИЯ В УСЛОВИЯХ РЕАЛИЗАЦИИ КОМПЕТЕНТНОГО РУКОВОДСТВА К ОБУЧЕНИЮ

По мнению автора, руководитель учебного заведения занимает доминирующее место среди учащихся и родителей как главный организатор педагогического коллектива. Это в первую очередь выражается в культуре, знании, компетенции учащихся. Эффективность грамотного подхода к мониторингу и управлению администрацией образовательного учреждения тесно связана с работой учителей на необходимом уровне. Лидер объединяет коллектив с целью совершенствования процесса управления образовательным учреждением. Их деятельность осуществляется в соответствии с нормативно-правовыми документами системы образования и постоянно контролируется. В свою очередь организует интеграцию командных действий родителей и учеников, регулирует, контролирует и обобщает общие требования к работе между ними.

***Ключевые слова:*** учреждение, руководитель, школа, студент, образование, учитель, сообщество, директор.

**Zulfonov B.**

**THE ROLE OF LEADERSHIP IN IMPROVING THE QUALITY OF EDUCATION IN THE CONTEXT OF THE IMPLEMENTATION OF COMPETENT LEADERSHIP**

The educational institution is the dominant position of students and parents as the main organizer of collective pedagogy. This is primarily reflected in culture, knowledge, competence, management and trust in teachers and students. The effectiveness of a competent approach to monitoring and managing the administration of an educational institution is closely related to the work of teachers at the required level. The leader brings together a team in order to improve the management of an educational institution. Their activities are carried out in accordance with the regulatory documents of the education system and are constantly monitored. In turn, it organizes the integration of team actions between parents and students, regulates, controls and generalizes the general requirements for work between them.

***Key words:*** institution, leader, school, student, education, teacher, community, director.

**Сведения об авторе: Зулфонов Бахрон** – ведущий специалист Института развития образования имени Абдурахмона Джами Академия образования Таджикистана, г. Душанбе, ул.Айни 126.

**Information about the author**: **Zulfonov Bahron -** Leading Researcher, Abdurahmon Jami Institute for Education Development, Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126 Aini Street.

**Г. САФАРЗОДА**

**НАҚШИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ОМӮЗГОРОН**

Чунон ки маълум аст, дар даврони соҳибистиқлолии кишвар кӯшишҳои бешуморе баҳри дигаргунсозии мазмуну моҳияти таълим дар замони нав бо мақсади ворид шудан ба фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ ва шаклгирии мактаби миллӣ ба харҷ дода шуда, як силсила санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ гардиданд. Ва пӯшида нест, ки он санадҳо фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти умумиро то андозае ба танзим даровара, дар ҳамоҳангсозии муносибатҳо дар байни субъектҳои раванди таълим, фароҳам овардани шароити мусоиди донишандӯзии хонандагон, истифодаи усулҳои ҳамкорӣ дар таълим, ва технологияи инноватсионӣ, таҳкими заминаи моддӣ – техникӣ ва дар маҷмӯъ, бобати баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат ҳам карда истодаанд.

Таъмини рақобатпазирии низоми маорифи миллиамон дар бозори ҷаҳонии таҳсилот ва меҳнат, пеш аз ҳама, ба омӯзгорони баландихтисоси дорои донишу истеъдодҳои замонавӣ вобаста аст. Зеро омӯзгорон меъмори рӯҳу ҷисми инсон буда, бо рушди инсон ва ба ин васила бо рушди ҷомеа бевосита сару кор дошта, бобати татбиқи стратегия ва барномаҳои рушди маориф масъулияти бузург ва вазифаи калидиро дар таъмини таҳсилоти босифат ба ухда доранд [3:3]. Аз ин ҷиҳат, омӯзгорро талаботи ҷаҳони муосир водор мекунад, ки бояд васоити нави техникӣ, технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ, ба мисли тахтаи электронӣ, проекторҳо, шабакаи интернет, корҳои озмоишии автоматикунандаро дар дарсҳояш васеъ бурда тавонад. Бар замми ин, омӯзгор бояд навовару эҷодкор бошад. Аз ин рӯ, ҳоло омӯзгор аз ҳарвақта дида бештар ба такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ниёз дорад.Чунки таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти имрӯза бе шак созандагон ва офарандагони ҷомеаи оянда мебошанд ва минбаъд рушди устувори кишварро ҷавононе, ки имрӯз дар паси курсиҳои мактабӣ таълиму тарбия мегиранд, таъмин месозанд. Маҳз ба ин далел, замона ба дӯши омӯзгорон масъулияти бузургеро вогузор кардааст [3.5]. Ва сиёсати имрӯза Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф низ пеш аз ҳама, ба ҳалли масъалаҳои муҳимтарин, аз қабили болоравии сифати таълим, тайёр намудани мутахассисони ба бозори меҳнат рақобатпазир ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ равона карда шудааст.

Чунон ки маълум аст, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар суханрониҳояш доир ба ин масъала таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, дастуру ҳидоятҳо медиҳанд ва аксар ба чунин мазмун таъкид мекунанд: «Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия баробари падару модар ва шахсонеро, ки онҳоро иваз мекунанд, нақши асосӣ доранд ва ҳамчун роҳнамои маънавӣ барои ба камол расонидани насли шоистаи даврон масъул аст. Аз ин рӯ, ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани маҳорат ва малакаи касбии омӯзгорон ба таври доимӣ ташкил

кардани курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва ҳар чи бештар шинос намудани онҳо бо технологияҳои муосири таълим амри зарурӣ мебошад» [7:14].

Барҳақ, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот ва такомули малакаю маҳорати касбии омӯзгор аз фаъолияти пурсамари раванди фаъолияти муассисаҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии касбӣ вобаста аст. Аз ин хотир, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июли соли 2018 №357 «Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022» қабул гардид, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи масъалаҳои дар барномаи мазкур омада ва ташаккул ёфтану ҷавобгӯйи замони муосир шудани сифати такмили ихтисос пайваста чораҷӯйӣ мекунад.

Вобаста ба ин, имрӯзҳо дар мадди назари аҳли маорифи мамлакат шарҳу тавзеҳи истилоҳи муносибати босалоҳият ва мазмуну мундариҷаи он қарор дорад. Ин нуқта қобили таваҷҷуҳ аст, зеро таҳсилоти муосир пур аз ғояҳои навини методу тарзҳои гуногуни таълим буда, татбиқи он рушду нумуи соҳаро, бегумон, таъмин менамояд. Аз ин рӯ, мутахассисони соҳа роҷеъ ба масъалаи мазкур фикру андешаҳои худро дар маҷаллаю рӯзномаҳои ҷумҳурӣ арзёбӣ кардаанд, ки зимни онҳо ҳама то андозае ба ҷанбаҳои принсипи салоҳиятнокӣ дар таҳсилот равшанӣ андохта бошанд.

Маълум аст, ки дар раванди ислоҳоти низоми таҳсилоти миллӣ ба роҳ мондани фаъолияти босуботи омӯзгор тибқи принсипи салоҳиятнокӣ беш аз пеш аҳамияти махсусро пайдо мекунад. Роҳандозии ин принсип дар муассисаҳои таълимӣ бартариҳоеро соҳиб аст, ки онҳо аз моҳияти методҳои нави таълимӣ дар таҳсилоти муосир бармеоянд.

Воқеан ҳадафи муносибати босалоҳият ба таълим низ идомаи ҳамон иқдомоти садсолаҳо аст, ки соҳаи маорифи кишварро бетараф нагузошта, пайи ҷустуҷӯйи навгониҳо ва ҳар чи бештар самардиҳанда ва ба талаботи ҷомеаи имрӯза ва оянда ҷавобгӯ будани соҳаи маориф талош меварзад. Ва гуфтан ҷоиз аст, ки муносибати босалоҳият ба таълим аслан, масъалаи нав нест. Он ҳанӯз дар сароғози рушди бонизоми назарияҳои илмии педагогӣ ба вуҷуд омада буд, дар давраҳои гуногуни инкишофи ин соҳа дар кишварҳои гуногуни олам, аз ҷумла, дар собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, ки ҷомеаи имрӯзаи мо низ меросхӯри бевоситаи низоми илму таълими он аст, аз ҷониби педагогҳо – олимони ҷудогона истифода мешуд ва ё дар таълифоти ҷудогонаи онҳо таъкид мегардид. [8:5].

Мутахассисон таъкид сохтаанд, ки муносибати басалоҳият дар таълим омӯзгоронро водор месозад, ки бо истифода аз шаклу усули замонавии таълиму тарбия хонандагонро аз ҳар ҷиҳат ба зиндагӣ омода намояд. Чунки ҷомеаи имрӯза шогирдон – шахсони бо таҷрибаро, ки дорои қобилияти ҳалу бартарафсозии масъалаҳои мураккаби ҳаётӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатро аз мактаби маориф интизор аст. [8:5].

Гуфтан ҷоиз аст, ки нуқтаҳои асосӣ ва роҳҳои дастёфтан ба муносибати босалоҳият ба таълим дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012 – 2020» таъкид гардидааст. «Дар асоси ин ҳуҷҷат то соли 2020 стандарту барнома ва китобҳои дарсии ҳамаи фанҳои таълимӣ барои хонандагони тамоми зинаҳои таҳсилот қадам ба қадам бояд таҷдиди назар гардида, дар асоси муносибатҳои босалоҳият дар таълими таҳия гардиданд» [8:7].

Умуман, тибқи гуфтаҳои боэътимоди кормандони соҳа «Ҳадафҳои асосии тадбиқи муносибати бо салоҳият ба таълим ба ташакулли тадбиқи дониши назариявӣ дар амал, таъмини раванди ташакули шахсӣ, мутобиқ гардидан ба шароити нав, инкишофи худмуҳофизаткунӣ, худтарбиядиҳӣ, худтакмилдиҳӣ, ва дигар хусусиятҳое нигаронида шудааст, ки ба рушди шахсияти комил…мусоидат менамояд» [8:8]. Аз ин ваҷҳ, мо ба андешаи баъзе коршиносону олимони соҳа, аз он ки гӯё бо воридшавӣ ба муносибати босалоҳият дар таълим аз таълими анъанавӣ бояд тамоман даст кашид мегӯянд, рози шуда наметавонем, зеро татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим тавъаи баҳамбастагии ҷанбаҳои мусбати таълими ананавиро бо муносибати босалоҳият дар таълим дар назар дорад. Маҳз дар ҳамон вақт бо ворид шудани муносибатҳои нав натиҷаҳои таълим, истифодаи донишҳои хонанда дар ҳаёт ба баланд гардидани сифати таҳсилот имконияти бештарро фароҳам меоварад. Нуқтаи зерини коршиносони соҳа низ ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки бобати тадбиқи муносибати босалоҳият ба таълим пешгӯйӣ намудаанд: «Рушди муносибати босалоҳият давраи дуру дарозро дар бар мегирад, бинобар ин, аз давраи хурди мактаби онро ташакул додан мувофиқи мактаб аст. Салоҳиятҳои таълимӣ на яку якбора,

балки қадам ба қадам ташаккул ва такмил меёбанд… дар муносибати босалоҳият раванди таълим хусусияти таҳқиқотӣ ё ба амалия нигаронидашударо гирифта, салоҳиятҳо ба обекти омӯзишӣ табдил меёбанд» [8:17].

Ичунин мебояд, таъкид сохт, ки яке аз талаботи мушаххасу саҳеҳи таҳсилоти муосир андӯхтани маҷмӯи донишҳо аз фанҳои мухталиф ва, муҳимтар аз он, татбиқи онҳо дар амал маҳсуб меёбад. Аз ҳамин хотир, стандартҳои нави таълимии аз ҷониби мутахассисони Вазорати маориф ва илми ҶТ барои фанҳои гуногун таҳиягардидаю таҳияшаванда бо дазардошти принсипҳои салоҳиятнокӣ асос ёфта, ба масъулини соҳа ҷиҳати татбиқ пешкаш карда мешаванд. Бинобар ин, шарҳи ҳарчи ботафсилтари истилоҳи «салоҳиятнокӣ» ҷиҳати васеътар арзёбӣ намудани мазмуну моҳияти он барои омӯзгорон аҳамияти амалиро доро хоҳад буд. Аз ҷумла, дар адабиёти соҳавӣ, дар баробари истилоҳи «салоҳиятнокӣ» мафҳумҳо-калимаҳои «салоҳият», «салоҳиятнокӣ» , «салоҳиятнокии калидӣ», “салоҳиятнокии касбӣ», “салоҳиятнокии таҳсилотӣ», ва ғайраҳо ҳар чӣ бештар истифода мешаванду накши муассир ва муайянро доро гардидаанд. Ва бояд ҳушдор намуд, ки бо назардошти тафсири мафҳумҳои дар боло зикрёфта ва аз дидгоҳи моҳияти низоми таҳсилоти байналмилалӣ (бахусус аврупоӣ) принсипи салоҳиятнокӣ ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

- қобилияти ҳар гуна кореро ба ҳаври хуб, мукаммал ва ё самаранок анҷом доданро:
- мувофиқат кардан ба талаботи пешниҳодгардида ҷиҳати фаъолият карданро:
- қобилияти иҷро намудани вазифаҳои меҳнатии махсусро, дар доираи салоҳиятнокӣ ва тавсифу баҳодиҳиро ба натиҷаи фаъолияти аз тарафи инсон иҷрошударо ва ғайра.

Ба ифодаи дигар, баррасии салоҳиятнокӣ дар таҳсилот ифодакунандаи таносуби матлуби (оптималии) байни донистан ва тавонистан, маҷмуи талаботҳо ба тайёрии таҳсилотии хонанда, ба донишандӯзӣ, малака, маҳорат ва таҷрибабардории ӯ пешниҳодшаванда маҳсуб меёбад.

Албатта барои дарки зарурати гузариш ба муносибати босалоҳият дар таълим муҳим аст, ки шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеаи башарӣ таҳлил карда шавад.Чунки дар давраҳое, ки низоми синфӣ-дарсӣ ва шарҳӣ-аёнӣ ташаккул ёфта, ба қуллаҳои баланди худ расида буд, шароити иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангиву маърифатии одамон, арзишҳову дастовардҳои илму техника дар сатҳи дигар қарор доштанд. Масалан, аксари фаъолиятҳои истеҳсолот ба таври дастӣ сурат мегирифт, нақлиёт ва алоқа кам рушд карда буд, сарчашмаҳои ахбор хеле маҳдуд буданд. Зиёда аз ин, шахсеро босавод мешумориданд, ки ахбори зиёдеро аз бар карда бошад.

Ба ақидаи Аткинсон Р. дар таълими анъанавӣ диққати асосӣ ба инкишофи хотир равона мешавад, на ба инкишофи тафаккур. Он ба ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ, мустақилӣ ва фаъолнокии хонандагон таъсири кам дорад. Илова бар ин, миқдори ахбору маълумоти пешниҳодшаванда нисбат ба қобилият ва равандҳои азхудкунии он зиёд мебошад [2:56]. Ҳамчунин, Вербитский чунин қайд намудааст: “Мундариҷа ва фаъолияти таълим ба гузашта нигаронида шудааст. Яъне, ахбор, маълумот, қоидаҳое, ки дар раванди таълим аз худ карда мешаванд, ба ҳаёти воқеӣ алоқаи ночиз доранд. Илова бар ин, намуна, таҷриба ва ақидаҳои пешниҳодшаванда порчаи алоҳидаи замонро ифода мекунад. Ин боис мегардад, ки таълимгирандагон мавқеи худро дар чаҳорчӯбаи замон муайян карда наметавонанд ва мавқеи таълим паст мегардад. Ин сатҳи ҳавасмандии хонандагонро ба таълим хеле паст мегардонад. Яъне онҳо намедонанд, ки барои чӣ, кай ва дар куҷо ин ё он донишро истифода баранд. Аксари таҷриба ва намунаҳои пешниҳодшаванда тахайюлӣ буда, ба хонандагон имконияти таҳлилу баррасии масъалаҳоро фароҳам оварда наметавонанд, зеро рафтору ҳодисаҳо, қоидаву қонунҳо ба ҳаёти ҳозира мувофиқат намекунанд [5:61].

Аз нигоҳи дигар, бо назардошти пешрафти илм ба назария ва принсипҳои дидактикии таълим низ тағйироти зиёде ворид шуда истодааст, ки онро ба назар гирифтан зарур аст. Дар ин маврид ақидае мавҷуд аст, ки зимни он ташаккули салоҳиятҳоро дар алоқамандӣ бо таълими анъанавӣ ба роҳ мондан зарур аст. Айни ҳол муҳаққиқони таълими салоҳиятнокӣ бар он назаранд, ки роҳи ягонаи ташаккули салоҳиятҳо тавассути гузориши проблема барои хонанда дар доираи мазмуни таълим вобаста ба ҳалли он дар вазъиятҳои гуногуни таълимию ҳаётӣ ба вуҷуд меояд. Яке аз методҳои маъмули он “таҳлили

вазъиятҳои мушаххаси таълимӣ" ном дорад, ки он дар амалия ба принсипи дидактикии таълим - алоқамандии назария бо амалия хеле шабоҳат дорад. Аммо дар ҷодаи муносибати босалоҳият дар таълим доираи фаъолияти ин принсип тағйир меёбад, ки онро Хуторской А.В. чунин дарҷ намудааст: "Муносибати таълим: аввал назария, сипас истифодаи он дар таҷриба роҳи ягонаи дуруст ба шумор намеравад. Принсипи алоқамандии назария бо амалия роҳи алтернативиро дорад, яъне назария бо амалия худ аз худ алоқаманд намешавад, балки дар натиҷаи фаъолияти амалии хонандагон аз дарки татбиқи онҳо бармеояд"{8:19} Дар ҳолати муайян намудани мувозинати байни таълими анъанавӣ ва таълими салоҳиятнокӣ, бо назардошти хусусиятҳои равонии хонандагон ва бо мақсади ноил шудан ба натиҷаи зарурӣ ва ташаккули салоҳиятҳо оид ба ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии таълим зарур аст. Аммо омӯзгорон метавонад, дар омӯзиши маводи таълим ин ҳар ду самтро истифода баранд:

а) ба таври анъанавӣ: аз назария ба амалия (Ба шарте ки мароми хонандагонро дар раванди омӯзиши маводи назариявӣ таъмин карда тавонед);

б) ба воситаи муносибати салоҳиятнокӣ: аз амалия ба назария (ҳамчун усули беҳтарин барои ба роҳ мондани раванди ташаккули салоҳиятҳо).

Ин вариантҳо бояд дар раванди таълим мавқеъ ва ҷойи худро дошта бошанд, чунки ва интихоби онҳо ба омилҳои зерин вобастаанд:

– ба эътибор гирифтани имкониятҳои синнусолии хонандагон;

– ба эътибор гирифтани хусусияти маводи омӯзиш;

– ба эътибор гирифтани сатҳи рушди фаъолияти умумитаълимии хонандагон.

Ҳамчунин, як масъалаи муҳимме, ки дар раванди таълим зарурати ворид намудани тағйиротро тақозо менамояд, он ба сохтори масъала ва таҳлилҳои амиқи илмию методӣ ҳаматарафа баҳо дода тавонистан иртибот дорад. Зеро бо ворид шудани муносибатҳои нав дар натиҷаҳои таълим ба ҳамгироии истифодаи донишҳои хонанда дар ҳаёт мусоидат намуда, ба баланд бурдани сифати таълим низ сабаб мешавад.

Мебояд таҳкид намуд, ки масъалаи салоҳиятҳои таълимӣ бошад, ин ҳадафҳои дурнамои таҳсил буда, ҳамчун маҳаки асосии меъёри сифати таълим ва стандартҳои он хизмат мекунад. Ба ақидаи В. Байденко муносибати салоҳиятнокӣ имкониятҳои зеринро ба вуҷуд меорад:

– баёни донишҳоро бо истифода ва тарзи омӯхтани онро ҳангоми гузариш ба таҳсилоти касбӣ;

– гузариш аз талаботи байнифаннӣ ва ҳамгиро ба натиҷаҳои раванди таълим;

– пайвастани мақсадҳои таълимро бо истифода аз вазъиятҳои гуногун дар ҷаҳони зудтағйирёбандаи бозори меҳнат;

– равона кардани фаъолияти инсонро ба вазъиятҳои гуногуни беохири касбӣ ва ҳаётӣ [4:3-13].

Фалсафаи муносибати босалоҳият хусусияти татбиқи онро муайян мекунад. Вобаста ба ин, амалисозии он байни омӯзгор ва хонанда муносибати баланди маданияти ҳамкориро талаб мекунад.

Яке аз сабабҳои асосии тағйирот дар муносибати таълим (мундариҷа ва раванди таълим) талабот ва нақшаҳои Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 мебошад. Тибқи он "Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоилоти ҷаҳони муосир на танҳо ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти азхуд намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро аз ҷумла масъулиятшиносона эътироф намудани қарорҳо ва банақшагириро бобати пешравӣ дар касб, илмомӯзиро дар давоми тамоми ҳаёт, салоҳиятнокӣ ва тайёрии касбиро дар бозори меҳнат, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ заруро, малакаи худомодасозиро ба тарзи ҳаёти солим ва ниҳоят ба ҳама гуна арзишҳои ҷомеаи шаҳрванд" таъмин намояд" [6:26].

Лозим ба таъкид аст, ки дар Стратегияи миллии рушди маориф самтҳои тағйироти муносибат ба таълим мушаххас гардида, роҳҳои гузариш аз шакли таълими кунунӣ (ба дониш асосёфта) ба шакли таълими босалоҳият ба нақша гирифта шудааст. Яъне, қарори мазкур дар асоси тағйироту таҳқиқоту мушоҳидаҳои назаривию амалӣ қабул шудааст. Ба

ҷуз ин, зарурати ислоҳоти соҳа бо назардошти талаботи муносибати босалоҳият ба таълим аз омилҳои дохилӣ ва берунии таҳсилот низ вобастагӣ дорад.Чунончи:

- муносибати босалоҳият ба таълим тамоили муҳим дар фазои ягонаи таҳсилот ба шумор рафта, дар баробари аз байн бурдани мухолифати байни талаботи барнома бо эҳтиёҷоти ҷомеа, тибқи натиҷаи омӯзишҳо, талаботи шахсро қонеъ мегардонад. Чунин талаботи нав барои баланд бардоштани сифати таҳсилот дар сатҳи стандартҳои байналмилалӣ таҳия ва татбиқи муносибати босалоҳият ба таълимро ба вуҷуд меорад, ки онро дар сатҳи ҷумҳурӣ бояд татбиқ намуд;

-ворид намудани муносибат босалоҳият ба таълими дар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқӣ соҳа дар "Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020", "Стандарти давлатии таҳсилот" ва "Стандарти фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи умумӣ (соли 2016)" дарҷ шудаанд. Вобаста ба ин аз зинаи таҳсилоти ибтидоӣ сар карда муносибати таълими босалоҳият давра ба давра татбиқ карда мешавад;

-заминаи асосӣ , ки дар синни хурди мактабӣ гузошта мешавад, дар зинаҳои минбаъда ташаккул меёбад.

-муносибати босалоҳият ба таълим дар фаҳмиши умумӣ ҳамчун сифати олии дараҷаи тахассуси мутахассис фаҳмида мешавад.

Вале ташаккули мақсадноки салоҳият муддати тӯлониро талаб мекунад ва ин маънои онро дорад, ки аз давраи хурди мактабӣ онро оғоз намудан лозим аст. Дар бораи зарурати ворид намудани салоҳиятнокӣ дар зинаи ибтидоии таълим аз ҷумлаи муҳаққиқони воридкунандаи муносибатҳои салоҳиятнокӣ дар таълим Хуторской А.В. чунин таъкид намудааст: "... мо мафҳуми салоҳиятҳои таълимиро ҳамчун як тартиб ворид менамоем, на ба хотири он ки яку якбора дар синфи ёздаҳум ин салоҳиятҳо ба даст оварда шаванд, балки дар доираи имконияти пай дар пай рушд додан, то ки ба ҳадди имкон самти ҷараёни таълим ба салоҳиятнокӣ оварда расонад" [1:126].

Мебояд тазаккур дод, ки яке аз махсусияти муносибати босалоҳият ба таълими дар он зоҳир меёбад, ки он ҳамчун маҷмӯи ягонаи истифодаи дониш, малака ва маҳоратҳост. Дар муносибати босалоҳият раванди таълим хусусияти таҳқиқотӣ ва ба амалия нигаронидашударо гирифта, ба объекти омӯзиш мубаддал мегардад. Вобаста ба ин, муносибати босалоҳият ин муносибатест, ки он ба татбиқи хусусияти амалии таълим равона гардида, раванди таълим ба натиҷаи амалӣ нигаронида мешавад. Аз ҳамин сабаб, дар назарияи омӯзиш ва тарбия мафҳуми "салоҳиятнокӣ" ба вуҷуд омад, ки қобилияти равона кардани дониш, малака, маҳорат, тарзи рафторро дар шароиту вазъиятҳои мушаххас ва махсуси фаъолият фарогир мешвад.

Муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим дар Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020 ҳамчун рукни асосии таҷдиди мундариҷа ва ташкили раванди таълим, муайян шудааст. Муносибати мазкур ислоҳоти самтҳои гуногуни раванди таълимро тақозо мекунад: мувофиқи талаботи нав аниқ сохтани натиҷаҳои таълими дар оянда ғайри чашмдошт интизоршаванда, тағйири стандарт ва барномаҳои таълим; тағйири тарзи банақшагирии раванди таълим (нақшаҳои тақвимӣ ва нақшаҳои дарс); тағйири тарзи ташкили дарс; тағйири усул ва муносибат ба тадрис; тағйири тарзи арзёбии раванд ва натиҷаҳои таълим. Амалӣ кардани ин андозаи тағйирот дар муҳлати кам хеле мушкил аст ва ба банақшагирии самараноки татбиқ ниёз дорад.

Муносибати мазкур дар таълим, талаб мекунад, ки сараввал салоҳиятҳои умумитаълимӣ муқаррар карда шаванд. Салоҳиятҳои умумифаннӣ ҷанбаҳои гуногуни таълим, тарбия ва рушди шахсии хонандаро фаро мегиранд. Салоҳиятҳои мазкур дар баробари салоҳиятҳои фаннӣ ҳамчун натиҷаи ниҳоии таълим ҳисобида мешавад ва новобаста аз фан ташаккул дода мешавад. Яъне, ташаккули салоҳиятҳои мазкур ҳамчун натиҷаи таълимии фанҳои гуногуни таълим шинохта шуда, дар раванди таълими ҳар як фан такмил дода мешаванд. Ҳамзамон барои ҳар як фан маҷмӯи талабот дар шакли салоҳият дар стандарт ва роҳнамоҳои фаннӣ нишон дода шудаанд. Ҳар як салоҳият дар шакли таҷриба, ки дониш, малака ва маҳорати муайянро талаб мекунад, пешниҳод гардидааст. Асоси салоҳиятро таҷриба ташкил медиҳад, яъне хонанда то кадом андоза ин ё он амалро дуруст иҷро карда метавонад. Дар раванди таълим барои хонанда имконияти

таҷриба (машқи зиёд то ҳосил шудани таҷриба) кардан фароҳам оварда мешавад ва ҳамин раванд муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим фаҳмида мешавад.

Муносибати босалоҳият дар таълим ҳосил кардани таҷрибаро дар иҷрои амалҳои маърифатӣ (таълим), ташаккул додани муносибатҳои иҷтимоӣ (тарбия) ва дар амал татбиқ кардани донишҳои заминавиро дар назар дорад. Салоҳият – натиҷаи таълиму тарбия аст, ки дар шакли таҷриба (иҷрои амал дар сатҳи маҳорат) ифода меёбад. Барои тартиб додани нақшаи ташаккули салоҳиятҳо ва мутобиқ сохтани он ба раванди таълим намунаҳои гуногунро истифода бурдан мумкин аст. Аммо ҳангоми интихоб ва таҳияи нақша бояд якчанд талаботро ба эътибор гирифт. Чунончи: 1.Нақшаи тартибдода бояд ташаккули салоҳиятҳоро инъикос кунад (ҳам салоҳиятҳои фаннӣ ва ҳам салоҳиятҳои умумитаълимиро).

2. Барои ташаккули салоҳиятҳо мавзӯъ ва мундариҷаи мувофиқро тавсия диҳад.

3. Барои ташаккули салоҳиятҳо (машқ ва ҳосил кардани таҷриба) вақти кофӣ ҷудо шуда бошад.

4. Машғулиятҳои мушаххасро (дарсҳои лоиҳавӣ) барои дар амал санҷидан ва истифода бурдани салоҳиятҳо фаро гирад.

5. Воситаҳои арзёбиро барои марҳалаи муайяни таълим (рейтингҳо, нимсола, солона) инъикос кунад.

Қобили қайд аст, ки дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ омӯзгорон фанҳои гуногуни таълимро дарс медиҳанд ва ҳар як фан хусусияти хоси худро дорад. Аз ин лиҳоз, тавсия мешавад, ки барои тартиб додани нақшаи ташаккули салоҳиятҳо ин омил ба эътибор гирифта шавад.

Дар шароити имрӯза аз бар кардани паҳлуҳои мухталифи салоҳиятнокӣ ба ҷумлаи мақсади асосӣ ва натиҷаи раванди таҳсилот табдил ёфтааст. Дар ин ҳолат матлаби ниҳоӣ на аз азхуд кардани маҷмӯи донишҳо, балки аз тарафи хонандагон азбар намудани чунин малакоест, ки ба онҳо имконияти муайян кардани мақсади худ, қабул кардани қарор ва дар ҳолатҳои ғайриоддӣ фаъолият карданро фароҳам месозад. Дар раванди таҳсилоти салоҳиятнок мавқеи муаллим ҳамчун таълимдиҳанда комилан тағйир меёбад.

Вай дигар интиқолдиҳандаи дониш, миёнарав байни китоби дарсию хонанда, пешниҳодкунандаи иттилооти таълимӣ нест. Мақсади асосии муаллим дар ин раванд иборат аз бедор кардани шавқу ҳаваси хонанда, ташаббусу мустақилияти таълимгиранда мебошад.

Муаллим фаъолияти мустақилонаи хонандаро бояд тарзе ташкил намояд, ки дар он ҳар як хонанда қобилият ва манфиатҳои худро амалӣ карда тавонад. Ба ифодаи дигар, дар раванди ба роҳ мондани усули босалоҳият дар таълим муаллим шароит – фазои инкишофдиҳандаеро ба вуҷуд меорад, ки дар он ҳар як хонанда вобаста ба сатҳи инкишофи интеллектуалию қобилиятнокиаш салоҳиятнокии муайянро азбар намояд.

**Омӯзгор бояд:**

- кӯшиши хонандагонро барои мустақилона иҷро намудани супориш дастгирӣ намояд;
- ҳавасмандии онҳоро барои ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ бедор намояд;
- фикру андешаронӣ, нуқтаи назари худро ифода карда тавонистан, баҳс ва хулоса кардан, ақидаю мулоҳизаҳои дигаронро шунида тавонистани хонандаро сари вақт ва бамавқеъ қайд намояд;
- саволу ҷавоб доданро ёд диҳад;
- шаклҳои мухталифи ҳавасмандгардониро барои фаъол сохтани фаъолияти хонандагон истифода бурда, ташаббускории онҳоро дастгирӣ намояд;
- дар гурӯҳ кор кардан, ба фаъолияти худ баҳо додан, мавқеъи худро муайян кардан ва, албатта, масъулиятшиносиро ёд диҳад, имконияти мустақилона масъалагузорӣ кардан ва ҳал намудани мушкилоти пешомадаро фароҳам созад;
- ба хонандагони тарзи худомӯзӣ, фикрронӣ, муошират, ислоҳи камбудиҳоро пешниҳод намуда, ғамхорона фаҳмонад, ки ба забон гирифтани ифодаҳои “наметавонам”, “наметавонам”, ва ё “намефаҳмам” кори айб набуда, балки қадами аввали расидан ба сӯйи “медонам”, “метавонам”, “мефаҳмам” аст ва ғ.

Дар раванди муносибати босалоҳият мавқеи хонанда низ тағйир меёбад. Хонанда дигар унсури пассиви раванди таълим набуда, балки ӯ ба унсури фаъоли ҷараёни таълим табдил меёбад. Яъне, хонанда ва муаллим минбаъд ба сифати ҳамкор шинохта мешаванд, ба таъбири дигар, хонанда акнун танҳо шахси қабулкунандаи иттилоот нест.

Пас, дар раванди муносибати босалоҳият масъулияти ҳам муаллим ва ҳам хонанда ба маротиб меафзояд ва андозаи ин масъулиятшиносӣ омили муаянкунанда ва ташаккулдиҳандаи мазмун ва мундариҷаи таҳсилоти салоҳиятнок ба шумор хоҳад рафт. Аз ин рӯ, омодагии муаллим, салоҳиятнокии ӯ гарави асосии дастрас шудан ба таҳсилоти салоҳиятнок аст. Вобаста ба ин, саривақт омода намудани муаллим, такмил додани маҳорату малакаи касбии ӯ, ба талаботи таҳсилоти салоҳиятнокӣ мутобиқ сохтани қобилият ва салоҳияти омӯзгор аҳамияти аввалиндараҷа пайдо карда, зарурати объективии аз курсҳои такмили ихтисос гузаронидани онҳоро ба миён меорад.

**АДАБИЁТ:**


1. Абдулазизова З. О компетентности обучения высшей школе // Маърифати омӯзгор, 2018-№3.
2. Бадалов М. Ҳамгироии ҳадафҳои маориф дар бораи рушди устувор бо барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон. Душанбе: «Бухоро», 2017-72 с.
3. Байденко В.А. Компетентции в профессиональном оброзовании//Высшее образование в России, - Москва, 2014, №11.
4. Байзоев А. Баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии муносибати босалоҳият ба таълим. – Душанбе: «Донишварон», 2018.-48 с.
6. Воробоёва Е.В. Оценки мотивации достижения успеха в учебной деятельности, современные наукоемкие технологии /Маҷаллаи: «Маърифати омӯзгор», 2016, №2.
7. Стратегияи милии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020» -Душанбе, 2012.
7. Қурбонзода Х, Бобоев Ҳ, Собиров С, Ҳасанов С. Такмили ихтисос (нишондиҳандаҳои оморӣ). Душанбе: «Маориф» 2016, 86 с.
8. Муносибати босалоҳият ба таълим (дастури методӣ) Душанбе: «Ирфон», 2018


**Сафарзода Г.**

## НАҚШИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ОМӮЗГОРОН

Дар мақола сухан дар бораи ташаккули салоҳиятҳои омӯзгорон меравад. Муносибати босалоҳият дар банақшагирии раванди таълим (нақшаҳои дарс) оид ба тарҳрезии барномаҳои таълим ҳамчун дастур барои тартиб додани нақшаи тақвимӣ ва нақшаи дарс хизмат мекунад. Дар муносибати салоҳиятнокӣ ба таълим нақшаи мавзӯӣ-тақвимӣ моҳияти пештараашро аз даст медиҳад. Сабаби дигар шудани моҳияти нақшаҳои мавзӯӣ-тақвимӣ дар он аст, ки дар муносибати салоҳиятнокӣ раванди ташаккули салоҳиятҳои ҳар як хонанда ба эътибор гирифта мешавад. Вобаста ба ин ба ҳар як хонанда (ё гурӯҳи хонандагон) андозаи гуногуни вақт барои ташаккули салоҳият зарур мешавад. Яъне, мо наметавонем ташаккули салоҳиятро ба таври умум ва якхел барои ҳамаи хонандагон ба нақша гирем. Нақшаи мавзӯӣ-тақвимӣ ба талаботи классикии таълим хос аст, ки дар он азхудкунии мавзӯъҳоро дар вақти муайян тақозо мекард. Бо вуҷуди ин, мо бояд ягон воситаи банақшагирии пешакиро бар ивази нақшаи мавзӯӣ-тақвимии классикӣ (анъанавӣ) ба омӯзгор пешкаш намоем.

***Калидвожаҳо:*** *барнома, салоҳият, омӯзгорон, маҳорати касбӣ, ташаккули салоҳиятҳо, нақшаи дарс, хонандагон.*

**Сафарзода Г.**

## РОЛЬ ГОСУДАРСТВЕННЫХ ПРОГРАММ В ФОРМИРОВАНИИ КОМПЕТЕНЦИИ УЧИТЕЛЕЙ

В статье рассматриваются вопросы развития компетенций учителей. Компетентный подход к планированию учебного процесса (планы уроков) служит ориентиром при планировании учебных программ и уроков. В контексте компетентностного обучения тематико-календарный план теряет свое первоначальное значение. Причина изменения характера тематико-календарных планов заключается в том, что в компетентностном подходе учитывается процесс развития компетенций каждого студента. В зависимости от этого каждому студенту (или группе студентов) потребуется разное количество времени для развития компетенций. То есть мы не можем планировать развитие общих компетенций единым образом для всех студентов. Тематико-календарный план типичен для классических требований обучения, в которых требовалось овладение темами в определенное

время. Однако вместо классического (традиционного) тематического календарного плана мы должны предоставить учителю какой-то инструмент предварительного планирования.

***Ключевые слова:*** *программа, компетенция, учителя, профессиональные навыки, развитие компетенции, план урока, ученики.*

**Safarzoda G.**

**THE ROLE OF GOVERNMENT PROGRAMS IN SHAPING COMPETENCE OF TEACHERS**

The article deals with the development of teachers' competencies. A competent approach to planning the educational process (lesson plans) serves as a guide in planning curricula and lessons. In the context of competence-based learning, the thematic calendar plan loses its original meaning. The reason for the change in the nature of the thematic and calendar plans is that the competence-based approach takes into account the development of the competencies of each student. Depending on this, each student (or group of students) will need a different amount of time to develop competencies. That is, we cannot plan the development of competencies in a uniform and uniform way for all students. The thematic-calendar plan is typical for the classical learning requirements, which required mastering the topics at a certain time. However, instead of the classic (traditional) thematic schedule, we must provide the teacher with some kind of pre-planning tool.

***Key words:*** *program, competence, teachers, professional skills, competence development, lesson plan, students.*

**Сведение Об Авторе: Сафарзода Г.С. -** директор музея “Авасто”, г. Бохтар, Хатлонской обл, тел: (992) 004 440464

**Information about the author: Safarzoda G.S.** - director of the Museum "Avasto", Bokhtar, Khatlon district, tel: (992) 004 440464

**К. ГАДОЕВ**

# РАҲЁФТИ МУОСИР БА ТАЪЛИМИ ЛЕКСИКАИ КАСБИИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР ДАРСҲОИ АНГЛИСИИ МАКТАБҲОИ ОЛИИ ҒАЙРИЗАБОНӢ

Дар амал татбиқ намудани “Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷиситон барои солҳои 2015-2020” дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайризабонии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурат ба амал меорад, ки паҳлуҳои гуногуни масъалаи таълими забонҳои хориҷӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор дода шаванд.

Дар мақолаи мазкур масъалаи ба донишҷӯён омӯзонидани лексикаи касбӣ, ё худ ба тахассуси онҳо дахлдоштаи забони хориҷӣ таҳлилу баррасӣ мегардад. Кӯшиш карда мешавад, ки мушкилоти ҷойдошта муайян ва баҳри рафъи онҳо маслиҳатҳои методӣ пешниҳод гарданд. Мақсади мақола низ аз он иборат аст, ки роҳу усули наву муосири таълими лексикаи касбӣ ба донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайризабонӣ пайдо ва пешниҳод гарданд.

Мақсади таълими фанни «Забони хориҷӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайризабонии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ва рушди салоҳияти муоширатии мутахассисони оянда бо назардошти ҳама ҷузъҳои таркибии он равона гардидааст. Ба ибораи дигар, ба донишҷӯён зарур аст, ки як қатор донишу малака ва маҳоратҳоеро, ки барои анҷом додани муоширати шифоҳию хаттӣ бо забонҳои хориҷӣ дар доираи соҳаҳои иҷтимоӣ ва касбиашон басандаро аз худ намоянд.

Дар баробари муайян намудани ҳадафи таълими фанни мазкур, вазифаҳои умумии он низ муайян карда мешаванд, ки ба донишҷӯён таъсири мутақобилаи иҷтимоии самарабахшро дар муҳити омӯзиши забони хориҷӣ дар назар доранд; тафаккури мантиқӣ, интиқодӣ ва эҷодӣ; корҳои мустақилонаю гурӯҳӣ; инчунин истифодаи донишҳои андӯхта, малака ва таҷрибаи ташаккулёфта дар фаъолияти амалӣ.

Аввалан муайян кардан зарур аст, ки чӣ гуна фармоиши иҷтимоии ҷомеа (тайёр кардани мутахассис дар муддати кутоҳ) ба талаботи барномаи таълимии донишкадаю донишгоҳҳои ғайризабонӣ ва миқдори ҳадди ақали соатҳо дар барномаи амалкунандаи ҷорӣ мувофиқат мекунад. Ба назар чунин мерасад, ки ба ин ҳадаф, танҳо дар ҳолати пайдо

намудан ва истифода кардани роҳу усули муосири таълим, технологияҳои инноватсионӣ, шавқмандсозию ҷалби донишҷӯён ба забономӯзӣ ноил шудан мумкин аст.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таълимии олии касбии ғайризабонӣ ба хондан, фаҳмидан, тарҷумаи матнҳои махсус, инчунин омӯхтани мушкилоти синтаксисӣ равона карда шудааст. Дар баробари ин, зарур аст, ки таълими забони хориҷӣ ба рушду ташаккули салоҳияти умумифарҳангии забони хориҷӣ, ки ҷузъҳои коммуникативӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ ва дискурсивиро дар бар мегирад, равона гардад. Барои ташаккули бомуваффақияти ҳамаи ин ҷузъҳо, донишҷӯён бояд лексика ва грамматикаи забони хориҷии омӯхташавандаро донанд.

Агар таълими забони хориҷӣ ташаккули маҳорату қобилияти муоширатии забони хориҷиро дар назар дошта шуда бошад, пас ғанигардонӣ ва гуногунрангии фонди луғавии донишҷӯ бояд аз мадди назар дур намонда, яке аз вазифаҳои асосии амалишаванда ба ҳисоб равад. Дар сурати дуруст ба роҳ мондани вазифаи мазкур, донишҷӯён нисбат ба пештар озодтар ҳарф зада, андешаҳои худро бо забони хориҷӣ баён мекунанд.

Дар раванди таълими луғатҳои забони хориҷӣ, омӯзгор бояд вазифаҳои васеъ кардани дониши луғавӣ, такмил додани малакаю маҳорати луғавии донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабониро ба таври возеҳ муайян кунад. Инчунин, дар азхудкунии стратегия ва усуле, ки азхудкунии самарабахши лексикаи забони хориҷиро таъмин менамояд, мусоидат намояд [5, с. 59].

Таълими луғати забонҳои хориҷӣ марҳилаи ҳатмии барномаи таълимӣ дар мактабҳои олӣ буда, аз зинаҳои ибтидоии омӯзиш амалӣ карда мешавад. Таълим бояд ба методи таълими ҳамгиро асос ёфта, такрори маводи лексикиро дар машқҳои лексикӣ-грамматикӣ, фонетикӣ, тестҳо, муколамаҳо, вазифаҳои эҷодӣ ва лоиҳа таъмин намояд. Бо вуҷуди ин, аз нуқтаи назари олимон дар китобҳои дарсии муосири забони хориҷӣ, методикаи таълими луғатҳои забони хориҷӣ ба қадри кофӣ самаранок нест [8]. Ҳангоми пешниҳоди маводи луғавӣ, дар аксари китобҳои дарсӣ ду усул истифода мешавад: ба донишҷӯён ё қисмате аз рӯйхати луғатҳо барои азёд кардан пешниҳод карда мешаванд, ё калимаҳо ҳангоми дар машқҳо пайдо шуданашон аз ёд карда мешаванд. Ин усул, бешубҳа, наметавонад дар системаи таълими лексикаи забони хориҷӣ бартарӣ дошта бошад, зеро рушди дониш, малака ва маҳоратҳо дар ин самт истифодаи усули низомнокиро (системанокиро) талаб менамояд.

Мутаассифона, дар китобҳои дарсии муосир калимаҳое оварда мешаванд, ки ба мавзӯи омӯхташаванда иртибот надоранд, дар матнҳои аслӣ кам воҳӯра, аз ин рӯ, кам истифода мешаванд. Мувофиқи ин, омӯзгор аксар вақт бояд рӯйхати калимаҳоро ислоҳ кунад, раванди таълимро фаъол созад, то ки ҷараёни омӯзиш ба талаботи барномавии ташкилоти таълимӣ ҷавобгӯ бошад. Омӯзиши луғат бо роҳи азёд кардани калимаҳои ҷудошуда (ҷудогона) боз як нуқсони назаррас дорад: калимаи омӯхташуда бо як калимаи мушаххаси забони модарӣ инъикос мегарданд, ки дар натиҷа боиси пайдоиши интерференсия ва халалу хатоҳои луғавӣ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ мегардад.

Ҷузъҳои ҳавасмандкуниро метавон яке аз омили бениҳоят муҳим барои азхудкунии маводи таълимӣ шуморид. Ҳангоми баррасии ин ҷузъи таълимӣ бояд ба ниёзҳои донишҷӯён, ки ҳамчун омили равонасозии онҳо ба фаъолияти таълимӣ муайян мегардад, диққати махсус дода шавад. Бидуни ниёзҳо, фаъолияти пурқуввати донишҷӯён дар рафти дарс ба вуҷуд намеояд. Муаллим бояд пеш аз ҳама ба андӯхтани таҷрибаҳои нав, ниёзҳои маърифатии донишҷӯён диққати махсус диҳад. Дар ин ҳолат, як намуди ангезае ба вуҷуд меояд, ки дар он раванди ба даст овардани дониши нав бо ҳадафҳои фаъолият – ҳавасмандии маърифатӣ рост меояд. Ниёзҳои маърифатӣ ва мотивҳои маърифатӣ асоси фаъолияти таълимӣ мебошанд, ки таҳким ва рушду такомули онҳо ба афзоиши самаранокии фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, мундариҷаи фаъолияти таълимӣ, ки дар онҳо ниёзҳои маърифатӣ амалӣ карда мешаванд, омили муҳим барои таълими забони хориҷӣ мебошанд. Ҳавасмандии дохилии донишҷӯён, таваҷҷӯҳи онҳоро ба мундариҷаи таълими забонҳои хориҷӣ меафзояд. Ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣ, қонеъ кардани ниёзҳои маърифатӣ ба донишҷӯ имконият медиҳад, ки худро донишманд ва босалоҳият эҳсос намоянд, ки ин барои мутахассиси оянда ниҳоят муҳим аст. Ҳамзамон, омӯзгор имкон дорад, ки тамоми маводи заруриро барои ташкили

фаъолияти таълимии донишҷӯён интихоб намуда, дар ташаккули мотивҳои маърифатии донишҷӯён, баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандии дохилии онҳо саҳмгузор бошад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайризабонӣ, ки луғати забонҳои хориҷиро меомӯзанд, мо инҳоро шароити омили равонӣ ва омӯзгорӣ барои омӯзиши муассир медонем:

1. Маводи лексикӣ, ки асоси ташаккули дониш, малака ва маҳоратҳои луғавӣ мебошад.

2. Аз ёд кардани калимаю ибораҳо дар таркибҳое, ки одатан дар забони ҳадаф истифода мешаванд, тавсия дода мешавад.

3. Истифодаи ҳавасмандгардонии дарки техникаи шунавоӣ ва визуалӣ бо хусусиятҳои дарки иттилоот муайян карда мешавад, бинобар ин бо овози баланд ба тариқи хаттӣ пешниҳод кардани мавод то ҳол бениҳоят муассир аст.

4. Дар заминаи таълими лексикаи забонҳои хориҷӣ дар марҳилаҳои ибтидоии омӯхтани забони хориҷӣ дар донишгоҳҳои ғайризабонӣ, истифодаи ҳарду намуди идрок бештар таъсир мерасонад (Н.Д. Гальскова, Н.И. Гез, С.О. Даминова [6; 7], Н.Ю. Кириллина [11], С.Стемплески, Б.Томалин [15] ва дигарон).

5. Мавод бояд барои донишҷӯ аҳамияти инфиродӣ дошта, ҳангоми изҳороти суханронӣ дар бораи мавзӯъҳои шинос, масалан, дар заминаи соҳаи касбии оянда истифода шавад. Ин ҳолат омили ҳавасмандгардонии омӯзиши забони хориҷиро меафзояд [18].

6. Дар раванди таълими луғатҳои забонҳои хориҷӣ, донишҷӯ бояд ҳамчун субъект баромад карда, рӯйхати воҳидҳои луғавии муҳимтаринро дар мавзӯъ, робитаҳо ва азхудкунии онҳо муайян кунад. Маҳз дар ин замина донишҷӯ сарфи назар аз сатҳи дониши забонӣ, ҳамчун созандаи "траекторияи таълимии" худ амал мекунад.

Қобили зикр аст, ки бо андешаи О.Ю. Дигтяр [8], ки амалҳои омӯзишии ихтиёрӣ дар рушди дониш, малака ва малакаҳои луғавии забони хориҷӣ, инчунин афзоиши талошҳои омӯзишӣ барои азхуд намудани луғати хидматӣ-сохторӣ ва абстрактӣ (ғайриматъӣ) махсусан муҳиманд.

**Методикаи таълими луғатҳои забони хориҷӣ дар донишгоҳи ғайризабонӣ.** Усули муосири таълими забонҳои хориҷӣ, ки айни замон маври истифода қарор мегиранд, аксаран дар таълими дарозмуддат ва баъзеи дигар ба таълими кӯтоҳмуддати (экспрессивӣ) забонҳои хориҷӣ истифода мешаванд. Олимон бар он ақидаанд, ки вобаста ба мӯҳлати омӯзиши забонҳои хориҷӣ, интихоби дурусти усули таълимӣ афзал шуморида мешавад. Ҳар як омӯзгорро зарур аст, ки ба вақт, мақсад ва вазифаҳои таълими забони хориҷӣ такя намояд. Ба инобат нагирифтани ин ҷузъиёти дарс метавонад ба натиҷаи таълим таъсири манфӣ расонад.

Аз мавқеи С.И. Лебединский ва Л.Ф. Ҳербика вобаста ба равиши лингво-методологӣ методҳои зерини таълими забони хориҷӣ мавҷуданд [12, с. 42-43]:

1. Методи ба грамматика нигаронидашуда. Ҳангоми омӯзиши системаи забон диққати асосӣ ба грамматика дода мешавад. Донистани грамматика шарти зарурии азхудкунии забон ҳамчун воситаи муошират ҳисобида мешавад. Объекти асосии омӯзиш грамматика буда, луғат ҳамчун тасвири падидаҳои грамматикӣ баррасӣ мешавад: тарҷума, грамматикӣ-тарҷумавӣ, муқоисавӣ, бошуурона-муқоисавӣ. Аммо, чунин муносибат ба дарки мақсаду вазифаҳои омӯзиши забон танҳо ба хотираи механикӣ оварда мерасонад.

2. Методи рафторӣ (биҳевиорӣ) (азхудкунии сухан ба парадигмаи ҳавасмандгардонӣ-вокуниш асос ёфтааст): сохторӣ, аудиовизуалӣ, маърифатӣ.

3. Методи ба муошират нигаронидашуда. Барои таъмини муошират бо забони хориҷӣ (принсипи асосӣ принсипи муошırати фаъол мебошад; раванди омӯзиши забони хориҷӣ намунаи раванди табиии муошират дар ин забон аст) дар баробари усули муоширатӣ истифода кардани усули аудиовизуалӣ, усули ҳамгиро, бошуурона-амалӣ, коммуникатсионӣ, коммуникативӣ-инфиродӣ ва усули фаъоли таълим.

4. Методи ба интенсивӣ нигаронидашуда. Методи интенсивӣ (азхудкунии суръатноки намудҳои фаъолияти шифоҳии нутқ, яъне гуфтор ва тафоҳум (гӯш кардан) дар муддати кӯтоҳи омӯзиш) истифодаи як қатор усулҳои дигарро пешбинӣ менамояд: усули суггестопедӣ, усули эмотсионалӣ-семантикӣ, усули фаъолкунии қобилияти захиравии

донишҷӯён, усули интенсивии таълими нутқи шифоҳии донишҷӯён, суръатбахшӣ ба омӯзиши нутқи шифоҳӣ.

Илова бар усули асосии таълими луғати забонҳои хориҷӣ, аз ҷумла аудиовизуалӣ, аудивалингвӣ («усули таълими забон, ки шунидани якчанд сабти овоз ва талаффузи сохторҳои лингвистӣ ва қолаби нутқро дар бар мегирад, ки боиси автоматикунонии онҳо мегардад» [1, с. 177]), маърифатӣ ва ғайра, усули гурӯҳи суггестивӣ мувофиқ мебошанд. Усули таълими суггестопедӣ «системаи ҷорӣ ва мустаҳкам кардани маводи нутқ дар ҳолатҳои муоширатӣ мебошад, ки ба муҳити табиии нутқ тақлид мекунанд. Инчунин фаъолкунонии донишҷӯён дар ҷараёни таълим бо истифодаи захираҳои пинҳонии психологии онҳо» [12, с. 52]. Дар ин замина, интихоб ва истифодаи усули (инноватсионӣ) фаъоли таълим муҳим мебошанд. Тавре, ки Э.Н. Ергалиев қайд менамояд, пайдоиш ва рушди онҳо дар мактабҳои олӣ аз он иборат аст, ки дар назди омӯзиш вазифаҳои нав гузошта мешавад – «ба донишҷӯён на танҳо дар самтҳои муайян донишу малака додан, балки дар онҳо рушду ташаккул додани манфиату қобилиятҳои маърифатӣ, тафаккури эҷодӣ, малакаҳои мустақилият меҳнати фикрӣ» [9].

Аз нигоҳи мо, методҳои асосӣ ва пурсамари таълими луғати забони хориҷӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ методҳои бозӣ ва тасвирӣ-фаҳмондадиҳиро ҳисобидан мумкин аст. Машқҳои фаъоли тавассути бозӣ амалишаванда барои азхуд кардан ва такмил додани истилоҳоти ҳаррӯза ё касбии забони хориҷӣ мусоидат менамояд. Ин навъи машқҳо бо истифодаи ҳатмии воситаҳои аудиовизуалӣ ба самаранок аз худ кардани истилоҳоти мушаххаси илмӣ ва касбии донишҷӯён мусоидат менамояд. Аз нуқтаи назари Л.Г. Карандеева, усули бозӣ бартарии баланди амалӣ дорад, зеро, ҳамаи он амалҳо, муносибат ва ниятҳое, ки ҷузъи фаъолияти тарҷума мебошанд, метавонанд ба сенарияи бозии нақшбандӣ ворид карда шаванд [10, с.21]. Усули баррасишаванда ба донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ имконият медиҳад, ки малакаҳои амалиро омӯзанд, дарк кунанд ва ба даст оранд, ки муоширати касбии ояндаро хеле осон карда метавонанд. Ғайр аз он, хусусияти эҷодии бозиҳо муҳити забониро фароҳам оварда, ҳамаи иштирокдоронро ба ин раванди таълим ҷамъ оваранд. Дар ин замина донишҷӯёнро ба ҷустуҷӯи эҷодӣ, худифодакунӣ ва худидоракунӣ талқин созанд.

Методи тасвирӣ-эзоҳӣ бо истифодаи технологияҳои интерактивии таълим дар дарсҳои амалӣ аз он иборат аст, ки муаллим падидаҳо ва моделҳоро тавассути васоити гуногуни таълимӣ (филмҳои илмӣ бо субтитрҳо бо забони омӯхташаванда, намоиши унсурҳо ва ғ.) намоиш медиҳад, донишҷӯён чизеро, ки мебинанд, қабул мекунанд, дарк месозанд, дар хотираи худ мустаҳкам мекунанд ва бо дониши назариявии дар доираи лексияҳо бадастомада муқоиса мекунанд.

Ҳамин тавр, метавон истифодаи методҳои интерактивиро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайризабонӣ афзал шуморид. Аз ҷониби як қатор мутахассисон тавсия дода мешавад, ки амалӣ намудани методи тасвирӣ-эзоҳӣ бо унсурҳои методи проблемавӣ афзалияти калон дорад [3; 4]. Н.А. Савич ва С.А.Бейсханова аҳамияти ҷанбаи баҳсбарангезро дар заминаи истифодаи методи мавриди баррасӣ таъкид мекунанд. Илова бар он, ки ин методология барои фаъол сохтани фаъолияти маърифатии донишҷӯён дар омӯзиши луғати забонҳои хориҷӣ, мустақилияти онҳо имконият фароҳам оварда, фарҳанги тафаккури эҷодии онҳоро ташаккул медиҳад. Барои истифодаи амалии донишҳо шароит фароҳам оварда, ба донишҷӯён дар истифодаи тамоми намудҳои фаъолияти нутқ, аз ҷумла тарҷума мусоидат намояд [2].

Дар марҳилаи кунунӣ таълими забонҳои хориҷӣ ҳамчун фаъолияти муоширати омӯзишӣ ба ҳисоб меравад. Донишҷӯён имконият пайдо мекунанд, ки забонро дар вазифаи муоширатиаш, пеш аз ҳама ҳамчун як қисми курси таълимӣ истифода баранд. Аз ин бармеояд, ки барои омӯзгор диққати асосӣ ба дарёфти захираҳои мутобиқсозии ташаккули раванди таълим ва баланд бардоштани самаранокии он муҳим аст. Дар давраи компютерикунонӣ ва иттилоотикунонии оммавӣ, масъалаи истифодаи самараноки технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК) ҳамчун воситаи такмил додани раванди таълими забони хориҷӣ зарурати бештар пайдо мекунад. Тибқи гуфтаи И.В. Роберт, барои он, ки раванди ташаккул додани дониш, малака ва маҳоратҳои лексикии

донишҷӯён дар раванди омӯхтани забони хориҷӣ самаранок бошад, шартҳои зеринро мебояд иҷро намуд:

1) фароҳам овардани шароит барои истифодаи ТИК дар раванди таълим;

2) ҳавасмандгардонии омӯзиши луғатҳои нав тавассути ТИК;

3) ташаккул додани ангезаҳо ба рушди малакаҳои кор бо ТИК дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ [15].

Масъалаи таълими луғати забонҳои хориҷиро барои донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ идома дода, мо метавонем дар бораи зарурати кор бо луғатҳои электронӣ сӯҳбат кунем, ки корпуси онҳо мувофиқи шароити қаблан нишон додашуда сохта шуда, дар таълим муносибати шахсӣ-фаъолиятиро дар амал татбиқ мекунад. Яъне, он ба фаъолгардонии донишҷӯён ҳамчун субъектҳои фаъолияти таълимӣ, бо назардошти манфиатҳо ва ниёзҳои онҳо, ба рушди равандҳои тафаккур ва ташаккули малакаҳои амалӣ равона карда шудааст.

Аз нигоҳи мо, низоми мушобеҳе барои истифода дар таълими забони хориҷӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайризабонии мамлакат – тавассути корпусҳои забоншиносӣ муҳим хоҳад буд. Яке аз бузургтарин корпусҳои забони англисӣ Corpus of Contemporary English (COCA) барои истифода дар раванди таълим афзалияти калон дорад. Корпуси мазкур ягона корпуси бузурги англисии америкоӣ буда, бо истифодашавии 445 миллион калима маъруф аст. Он дорои таносуби баробар нутқи шифоҳӣ, бадеӣ, мақолаҳои маҷаллаҳо, рӯзномаҳо, матнҳои илмӣ мебошад. Истифодаи калимаю ибора ва матнҳои алоҳидаи корпуси мазкурро ҳамчун сарчашмаи таълими лексикаи касбӣ ба раванди таълими забони англисӣ таъсири калони мусбӣ расонида метавонад. Дар корпуси мазкур калимаю ибораҳо вобаста ба самт, соҳа ва равияҳои гуногун ҷудо карда шуда, ба таври васеъ мавриди истифода қарор дода шудаанд.

Ҳангоми иҷрои вазифа ва супоришҳои хонагӣ аз донишҷӯён хоҳиш карда шуд, ки раванди сохтани тарҳро барои дохили манзил, идора ё мағоза бо забони хориҷӣ тасвир кунанд. Шогирдон объектро мустақилона дар асоси манфиатҳо ва афзалиятҳои худ интихоб карданд. Дар раванди иҷрои супориши эҷодӣ донишҷӯён аз корпуси лингвистии забони англисӣ истифода бурданд. Дар ин ҳолат, ҳамаи калимаҳои номаълум дар луғатҳои инфиродӣ сабт карда шуданд. Донишҷӯён маводҳои омодашударо дар назди гурӯҳ пешниҳод намуданд, фаъолона ва самаранокии алгоритми пешниҳодшудаи амалҳоро муҳокима карданд. Бояд қайд кард, ки дар ин марҳила тақрибан ҳамаи донишҷӯён ба муҳокимаи пуршиддати раванди эҷоди моделҳо ҷалб карда шуданд.

**Хулоса.** Дар раванди омӯзиши тӯлонӣ ва доимии як забони махсуси хориҷӣ, донишҷӯёни донишкада ва донишгоҳҳои ғайризабонӣ бояд бо ин забон муошират карданро ёд гиранд. Нияти нутқро барои роҳандозии робита ва ҳамдигарфаҳмӣ бо забондонони дигар забон ва фарҳанг, муносибати худро ба чизҳои дида, шунида, хонда, ба ибораи дигар, онҳо бояд забони хориҷиро ҳамчун василаи муошират, инчунин қобилияти истифода бурдани забони шифоҳӣ ва хаттии забони омӯхташударо азхуд кунанд. Дар ин система ба таълими калимаҳои забони хориҷӣ нақши махсус дода мешавад. Дар натиҷа, таълими луғат ба забонҳои хориҷӣ маҷмӯи ташаккулёфтаи дониш, малака ва малакаҳои истифодаи онҳо дар заминаҳои гуногун, инчунин стратегия ва тактикаи азхудкунии маводи луғавӣ мебошад.

Барои ба даст овардани натиҷаи муассир, омӯзгор бояд на танҳо, тавре олимони муосир қайд мекунанд, маводи таълимиро ба раванди воқеии омӯзгорӣ мутобиқ созад, балки ба методика ва воситаҳои таълим диққат диҳад. Дар ин мақола мо ба усулҳои инноватсионӣ ва фаъолона диққат додем, ки дар якҷоягӣ бо методҳои анъанавӣ натиҷаҳои беҳтар ба даст меоранд.

Бояд қайд кард, ки истифодаи забоншиносии корпусӣ ҳамчун воситаи таълими луғати забонҳои хориҷӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабонӣ ба ҳадди аксар расонидани аёнияти лингвистӣ - намоиши воситаҳои забон бо истифода аз мисолҳо аз нутқ, семантатизатсияи луғат ва грамматика тавассути забони мақсаднок хидмат мекунад. Ин имкон медиҳад, ки хатогиҳо дар ташаккули калима ва фишори калима пешгирӣ карда шаванд. Калимаҳо ва таркибҳое, ки аксар вақт аз ҷониби забон истифода мешаванд, ки донишҷӯён дар ҷараёни фаъолияти илмӣ омӯхтаанд, барои донишҷӯён пурмазмун

мешаванд ва фонди нутқи луғавию грамматикии онҳоро ташкил медиҳанд. Инчунин, фаъолияти тадқиқотӣ малакаҳои маърифатӣ ва қобилияти мустақилона ва дуруст истифода бурдани забонро инкишоф медиҳад.

**АДАБИЁТ:**


1. Анипкина Л.Н. Аудиолингвальный метод преподавания русского языка как иностранного // Pedagogical Journal. 2018. Vol. 8. Is. 1А. P. 174-181.
2. Бейсханова С.А., Свич Н.А. К вопросу об определении уровня языковой подготовки студентов в техническом вузе // Вестник ТГПУ. 2017. № 12 (189). С. 81-84.
3. Белякова Е.А. Использование проблемных ситуаций на занятиях по иностранному языку в системе уровневого образования // Ярославский педагогический вестник. 2012. № 3. Т. 2 (Психолого-педагогические науки). С. 191-195.
4. Горбатова Т.Н., Рыбушкина С.В. Использование метода кейсов при обучении иностранному языку в рамках профессиональной языковой подготовки в неязыковом вузе // Молодой ученый. 2015. № 7. С. 741-743.
5. Давыдова Ю.Г. К вопросу о понятии «лексическая компетенция» на продвинутых уровнях владения иностранными языками // Альманах современной науки и образования Тамбов: Грамота. 2013. № 5 (72). С. 56-60.
6. Даминова С.О. Лингводидактический потенциал аудиовизуализации в процессе использования научно-популярных иноязычных фильмов при подготовке по иностранному языку студентов-нефилологов // Филологические науки. Вопросы теории и практики. Тамбов: Грамота, 2014. № 9 (39). Ч. I. С. 44-51.
7. Даминова С.О. Методика развития умений аудирования на основе иноязычных профессиональных аудиовизуальных материалов // Вестник Костромского государственного университета. Серия: Педагогика. Психология. Социокинетика. 2015. №4. С. 178-182.
8. Владимир, 2009. 23 с.
9. Ергалиев Е.Н. Инновационные методы в обучении студентов вуза // Молодежный научный форум: Гуманитарные науки: электр. сб. ст. по мат. XLII междунар. студ. науч.-практ. конф. 2017. № 2 (41). С. 39-45.
10. Карандеева Л.Г. Развитие переводческой компетенции на основе метода ролевой игры // Слагаемые педагогической практики. 2018. С. 14-21.
11. Кириллина Н.Ю. Обучение аудированию публицистических текстов на основе аудиовизуальных источников информации: языковой вуз, французский язык: дис. … канд. пед. наук. Москва, 2006. 227 с.
12. Лебединский С.И., Гербик Л.Ф. Методика преподавания русского языка как иностранного. Учебное пособие. Минск, 2011. 309 с.
13. Марчан, Н.Б. О некоторых приемах повышения эффективности изучения лексики/ Марчан Н.Б.// Иностранный язык в школе. – 2004. - №5.
14. Маслыко Е.А. Настольная книга преподавателя иностранного языка: справ. пособие. – Мн: Выш. шк., 1992. – 445 с.
15. Методика обучения иностранным языкам в средней школе: Учебник/Н.И. Гез, Г.В. Лиховицкий, А.А. Миролюбов и др. – М.: Высш.шк., 1982. – 373с.


**Гадоев К.**

## МУНОСИБАТИ МУОСИР БА ТАЪЛИМИ ЛЕКСИКАИ КАСБИИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ ДАР ДАРСҲОИ АНГЛИСИИ МАКТАБҲОИ ОЛИИ ҒАЙРИЗАБОНӢ

Мақола ба таҳқиқи яке аз масъалаҳое, ки дар донишкадаю донишгоҳҳои ғайризабонӣ зарур дониста мешавад, ғанигардонии фонди луғавии касбии донишҷӯён бахшида шудааст. Гарчанде, ки забонҳои хориҷӣ дар ҳама ихтисосҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҳамчун фанни таълимии ҳатмӣ таълим дода мешавад, муносибат ба он дар сатҳи зарурӣ қарор надорад. Яъне, таваҷҷуҳи бештари устодони забонҳои хориҷӣ асосан ба таълими сохтори забон равона гашта, мақсади ҳамчун воситаи муошират таълим додани он аз madди назар дур мемонад. Муаллиф аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯи тадқиқшударо дар мақола нишон додааст. Қайд гардидааст, ки рушди малакаҳои хуби луғатдонӣ ва истифодаи самараноки он дар заминаи ҷалби донишҷӯён ба муошироти ҳамешагӣ бо забони хориҷӣ мебошанд. Сатҳҳои гуногуни луғатдонӣ таҳлил карда шуда, шарҳи мухтасари принсипҳо ва усулҳои асосии ҷорӣ намудани маводи нави луғатӣ оварда шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *луғати забонҳои хориҷӣ, истилоҳоти касбӣ, донишгоҳи ғайризабонӣ, дарку фаҳмиш, усули инноватсионии таълим, корпуси лингвистӣ, салоҳияти луғатӣ, муносибат, хониш, муошират.*

**Гадоев К.**

## СОВРЕМЕННЫЙ ПОДХОД К ОБУЧЕНИЮ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ЛЕКСИКИ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА НА УРОКАХ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В НЕЯЗЫКОВЫХ ВУЗАХ

Статья посвящена изучению одного из важнейших вопросов в неязыковых вузах и университетах - обогащению профессионального словарного запаса студентов. Несмотря на то, что иностранные языки преподаются в качестве обязательного предмета на всех специальностях высших учебных заведений, отношение к ним не на должном уровне. То есть большая часть внимания учителей иностранного языка сосредоточена на обучении структуре языка, а цель обучения ему как средству общения игнорируется. В статье автор демонстрирует теоретическую и практическую значимость темы исследования. Было отмечено, что развитие хорошего словарного запаса и его эффективное использование основаны на вовлечении учащихся в регулярное общение с иностранным языком. Проанализированы различные уровни словарного запаса и дано краткое описание основных принципов и методов введения нового лексического материала.

***Ключевые слова:*** *словарь иностранных языков, профессиональные термины, неязыковой вуз, познание, инновационные методы обучения, лингвистический корпус, лексическая компетентность, отношение, чтение, общение.*

**Gadoev K.**

## MODERN APPROACH TO TEACHING PROFESSIONAL VOCABULARY OF A FOREIGN LANGUAGE IN ENGLISH LESSONS IN NON-LINGUISTIC UNIVERSITIES

The article is devoted to the study of one of the most important issues in non - linguistic universities- the enrichment of students ' professional vocabulary. Despite the fact that foreign languages are taught as a compulsory subject in all specialties of higher educational institutions, the attitude towards them is not at the proper level. That is, most of the attention of foreign language teachers is focused on teaching the structure of the language, and the purpose of teaching it as a means of communication is ignored. In the article, the author demonstrates the theoretical and practical significance of the research topic. It was noted that the development of a good vocabulary and its effective use is based on the involvement of students in regular communication with a foreign language. Various levels of vocabulary are analyzed and a brief description of the main principles and methods of introducing new lexical material is given.

***Keywords:*** *dictionary of foreign languages, professional terms, non-linguistic University, cognition, innovative teaching methods, linguistic corpus, lexical competence, attitude, reading, communication.*

**Сведения об авторе: Гадоев Каримджон Хайруллоевич -** к.п.н., доцент, заведующий кафедрой методики преподавания Таджикского государственного института языков имени Сотима Улугзода **Моб. тел.:** (+992) 98 76 79 400 **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мухаммадиева17/6 **Эл. почта:** gkarimjon@mail.ru

**Information about the author: Gadoev Karimjon Khairulloevich** - PhD (*Pedagogical Science*), docent, head of the department of teaching methods of Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda **Mob. Phone:** (+992) 98 76 79 400 **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Mukhamadiev Str. 17/6 **E-mail:** gkarimjon@mail.ru

Ҷ. РАСУЛЗОДА

# ТАМОИЛҲОИ АРЗИШӢ ВА ФАРҚИ ГЕНДЕРИИ ОНҲО

Тамоилҳои арзишӣ ва арзишҳо дар тамоми илмҳои иҷтимоӣ ба хусус, илми психология ба таври васеъ омӯхта мешаванд. Ҳарчанд, ки мафҳуми "арзиш" ва "тамоилҳои арзишӣ" дар илми фаласфа, сотсиология, сиёсатшиносӣ, этнология, антропология ба таври густурда омӯхта шудаанд ва умумияти бештаре ҳам дошта бошанд, дар баробари ин, ҳар як мактаб ё илм аз нигоҳи мухталиф ба он назар мекунанд. Яъне ҳар як илм вобаста ба самти омӯзиши худ кӯшиши шарҳ додани мафҳумҳои арзиш ва тамоилҳои арзиширо анҷом додаанд.

Дар воқеъ арзишҳо тамоми паҳлуҳои ҳаёти шахсро фаро гирифта метавонанд. Бо ин мазмун Г.М. Андреева қайд мекунад, ки: "Агар арзишҳо набошанд, он вақт зиндагӣ бемаъно вонамуд мешавад [1 саҳ. 59]. Ҳамин тавр арзишҳоро маънои ҳаёт гуфта метавонем, ки тавассути онҳо шахсият ҳаёти худро дигаргун месозад ва маънои барои чӣ зиндагӣ карданашро дарк мекунад. Барои расидан ба мақсадаш талош мекунад ҳамзамон мекушад, то ба арзишҳое, ки дар ҳаёташ нақши аввалиндараҷаро ишғол мекунанд расида бошад. Яъне эҳтимоли калон меравад, ки арзишҳо метавонанд мавқеъ, нуфуз ва эҳтироми шахсро дар ҷомеа ё баланд бардоранд ва ё нест созанд. Дар баробари ин шахс метавонад бо интихоби арзиши дуруст, ки бевосита арзишҳо аз ҷониби ҷомеа баҳо дода мешаванд, мавқеи иҷтимоии дигареро ишғол намояд.

А.Н. Леонтев дар он ақида аст, ки арзишҳо дорои риштаҳое, мебошанд, ки фаъолиятҳои, моро бо ҳам мепайванданд. Ҳамин тавр арзишҳоро ба ду гуруҳ ҷудо мекунанд: арзишҳое, ки маънои зиндагиро ифода мекунанд ва арзишҳои инструментӣ ё терминологӣ [1 саҳ. 184].

Луғати энсиклопедии фалсафӣ арзишҳоро чунин арзёбӣ мекунад: "Арзишҳо – ин ҳиссиёте мебошанд, ки дар эҳтиром доштан ва муқаддас донистани объекти муайяне сурат мегирад ё ифода меёбад [5 саҳ. 207].

Арзишҳо дар илми психология ҳамчун як ташкилаи сохтори психологии шахс омӯхта мешаванд ва ба мақсадгузориҳову ҳадафҳои ҳаётӣ вобастагӣ доранд. Ҳамзамон арзишҳо хусусияти фардиро доро буда, фарқкунанда сурат гирифтанашон дар шахсони алоҳида ба вуҷуд меоянд. Яъне шаклгирии арзишҳо аз тарзи ҳаёт, синну сол, дараҷаи маълумот, ҷаҳонбинии шахс, эътиқод, идеал ва монанди инҳо вобастагии амиқ дорад.

Ин гуфтаҳо дар тадқиқоти олимони соҳаи психология ба таври равшан инъикос ёфтаанд. Тадқиқоте, ки бо истифода аз методикаи "Тамоилҳои арзишӣ"-и М. Рокич гузаронида шудаанд, исбот кардаанд, ки духтарон нисбат ба писарон дар ҳаёт фаъолтаранд. Дар ин тадқиқот исбот шуд, ки 92%-и духтарон барои ба даст овардани либосаи мувофиқ ва диловарӣ талош мекунанд. Барои писарон бошад мақсади дар оянда варзишгар шуданро 93%-и мақсадгузориҳо ташкил медод. Барои 83%-и дигари наврасон сохтани оилаи хушбахт дар мадди аввал меистад ва аз рӯйи гуфтаи онҳо ин маконест, ки онҳо метавонанд худро озод эҳсос кунанд, фикрашонро озод баён намоянд ва дар ҳалли масъалаҳои оилавӣ саҳме дошта бошанд. Дар байни писарбачагон бошад тақрибан 94%-и онҳо аз рӯи касбу ихтисос ва мансабҳои волидайнашон фахр мекунанд. Маҳз ин ҷиҳат ба тарзи либоспӯшӣ, суханронӣ ва ҳатто мусиқӣ гуш карданашон аз дигарон фарқ мекунад [5 саҳ. 59].

Таҳлилҳои назарявии муҳаққиқон нишон медиҳанд, ки омӯзиши мушкилотҳои гендерӣ аз замонҳои қадим инҷониб идома доранд. Чӣ гунае, ки Е.П. Кораблина қайд мекунад. "Фаҳмиши ҳаёти ҷомеаи инсонӣ бе фарқияти нақшҳои ҷинсии металитети мардон ва занон, ки инъикосгари стереотипҳо мебошанд, имконнопазир аст" [7].

Бо ба назар гирифтани ин гуна паҳлуҳои масъала мо низ як тадқиқоти психологиеро ҷиҳати ошкор сохтани мақсадгузориҳо ба ҳаёт дар байни духтарон ва писарони синну соли ҷавонӣ ба роҳ мондем.

Чӣ гунае, ки мо медонем синну соли ҷавонӣ даврони ҳассос буда, дар ин давра як қатор тағйиротҳо ба амал меоянд, ки шахсияти ҷавон бо он тағйиротҳои шаклгирифта оянда дар ҷамъият зисту зиндагонӣ мекунад. Ин тағйиротҳо аз мақсадгузории шахс вобаста буда барои расидан ба ҳадафҳои наҷиби хеш кумак мерасонад. Ба ақидаи баъзе

мутахасисон синни ҷавонӣ – ин даврони беҳтарин барои дарки дурусти роҳи ҳаёт ва мақсадҳои худ мебошад.

Тадқиқоте, ки мо дар байни 40 нафар донишҷӯи аз 18 то 25 сола гузаронидем муайянкунандаи тамоюлҳои арзишӣ буд. Дар ин тадқиқот мо 20 нафар писар ва 20 нафар духтарро бо истифода аз тести “Мавқеъгириҳо ба маънои ҳаёт” санҷиш намудем. Натиҷаҳо исбот намуданд, ки 5 зершкалае, ки тести мазкур натиҷагирӣ мекунад дар писарон ва духтарон аз ҳам фарқ мекунанд.




***Диаграммаи №1. Натиҷаи нишондиҳандаҳои духтарон ва писарон аз рӯйи 5 шкала.***

Воқеан ин тадқиқоти андак бори дигар исбот намуд, ки аз рӯйи панҷ зершкалаи тадқиқнамудаи тести мазкур духтарон нисбат ба писарон дорои тамоюлҳои арзишии баландтар буда, холҳои зиёдтарро соҳиб гаштаанд. Тадқиқоти мо исбот намуд, ки духтарон нисбат ба писарон дар ҳаёт мақсадгузориҳои амиқтар дошта, ҳадафу мақсадашон нисбатан дақиқтаранд. Ин гуфтаҳо исботи он аст, ки имрӯз дар ҷомеаи Тоҷикистон ва умуман, дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи зан боло бардошта шуда, бевосита дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун “Дар бораи баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа” соли 2000-ум пешниҳод ва тасдиқ гардид.

Нишондодҳое, ки аз тести гузаронида ба даст омаданд ошкор сохтанд, ки натиҷаҳои духтарон нисбат ба писарон баландтар буда, ҳамаи шкалаҳои нишондода, ба мислӣ:

*Ҳадафи ҳаёт;* Ҳамчуноне, ки дар нишондодҳои диаграммаи №1 пешниҳод шудааст холҳои зершкалаи ҳадафи ҳаёт дар духтарон нисбат ба писарон баландтар аст. Холҳои аз рӯйи ин шкала мавҷудият ё мавҷуд набудани ҳадафҳои ба оянда нигаронидашударо дар озмудашавандагон тавсиф медиҳанд, ки ба ҳаёт, равия ва дурнамои зиндагӣ маъно мебахшанд. Холҳои паст аз рӯйи ин шкала ҳатто ҳангоми дараҷаи умумии баланд нишон додани маънои ҳаёт низ хосси одамонест, ки барои замони ҳозира ва ё гузашта зиндагӣ мекунанд. Дар ҳоли ҳозир холҳои баланди ин шкала натанҳо одамони ҳадафманд, балки инчунин шахсеро тавсиф медиҳанд ки такягоҳи воқеӣ надорад ва амалисозии ҳадафҳои ӯ бо масъулияти шахсӣ устувор карда нашудааст. Дар мавриди баҳисобгирии нишондиҳандаҳои дигари ин метод ҷудо намудани ин ду меъёр нисбатан осонтар аст.

Дар зершкалаи дуюм низ монанд ба зершкалаи аввал холҳои ҳосилшудаи духтарон нисбат ба писарон баландтар мебошанд. Раванди зиндагӣ ё шавқу ҳавасҳо ва ғановати эмотсионалии ҳаёт – ин нишондиҳанда доир ба он маълумот медиҳад, ки оё озмудашаванда худи раванди ҳаёти хешро ҳамчун ҷараёни пуршавқу ҳавас, аз нигоҳи эмотсионалӣ ғанӣ ва пурмаъно идрок мекунанд ё не. Холҳои баланд аз рӯи ин шкала ва холҳои паст аз рӯйи шкалаҳои дигар гедонистеро (ишратпарастеро) тавсиф медиҳанд, ки бо замони ҳозирааш зиндагӣ мекунад. Холҳои паст аз рӯйи ин шкала – нишондиҳандаҳои ғайриқаноатмандии ҳаёти ҳозираи хешро ифода менамояд; зимнан, озмудашавандагон метавонанд ба он моҳияти комили хотироти гузаштаро ба оянда бахшанд.

*Натиҷабахшии ҳаёт ё қаноатмандӣ аз худамалсозӣ* – зершкалаи сеюми саволнома буда, монанди дигар зершкалаҳо холҳои духтаронро нисбат ба писарон баландтар

натиҷагирӣ намудасст. Холҳои ин шкала баҳодиҳӣ ба қисмати тайшудаи ҳаёт, эҳсоси онро ифода мекунад, ки қисми сипаришудаи ҳаёт то кадом андоза маҳсулнок ва мазмуннок буд. Холҳои баланд аз рӯйи ин шкала ва холҳои паст аз рӯйи шкалаҳои дигар шахсеро тавсиф медиҳанд, ки аз нигоҳи равонӣ гӯё интиҳои умрро аз сар мегузаронад ва қисмати мазмунноки ҳаёташро алакай сипарӣ намудааст, вале гузашта қобил аст, ки қисми боқимондаи ҳаётро маъно бахшад. Холҳои паст бошанд, ноқаноатмандӣ аз ҳаёти сипаришударо ифода мекунанд.

*Локус назорати – Ман (Ман – соҳиби ҳаёт)* бошад зершкалаи аз рӯйи тартиб чорум мебошад. Холҳои ин зершкала низ монанд ба зершкалаҳои гузашта буда, натиҷаҳои духтарон нисбат ба писарон баланд нишон дода шудааст. Холҳои баланди ин зершкала ба тасаввурот дар бораи худ ҳамчун шахсияти қавӣ, дорои имконияти интихоби ба таври кофӣ озод дар сохтани ҳаёти худ мувофиқ ба ҳадафҳо ва тасаввурот доир ба моҳияти он мувофиқат мекунад. Холҳои паст бошанд, нобоварӣ ба қувваҳои хеш дар самти назорати ҳодисаҳои ҳаёти худро ифода менамоянд.

*Локус назорати ҳаёт ё идорашавандагии ҳаёт* – Шкалаи охирони ин метод низ чун дигар шкалаҳо дар нишондиҳандаи баланд будани холҳои духтарон нисбат ба писарон ифода меёбад. Ҳангоми холҳои зиёди ин шкала сухан дар бораи боварии шахс ба он меравад, ки назорат аз болои ҳаёти хеш аз худи шахс вобаста шудааст, шахс дар қабули қарор ва дар ҳаёт татбиқ намудани он озод аст. Холҳои паст бошанд, нишондиҳандаи тақдирпарастӣ ва эътиқод ба он аст, ки ҳаёти одам ба назорати шуурона тобеъ нест, интихоби озодии рафтор хаёли хом аст ва ояндаро ба воситаи он пешбинӣ намудан ғайриимкон мебошад.

Умуман натиҷаҳо дар духтарон нисбат ба писарон баландтар буда, маънои онро дорад, ки духтарон назар ба писарон дар ҳаёт мақсадгузориҳои амиқ дошта нисбатан фаъолтаранд.

**АДАБИЁТ:**


1. Андреева Г. М. Социальная психология. М.: Аспект Пресс, 2009. 363 с.
2. Белинская Е. П., Тихомандрицкая О. А. Социальная психология личности. М.: Аспект Пресс, 2001. 301 с.
3. Берн Ш.М. Гендерная психология. – СПб.: Прайм-ЕВРОЗНАК, 2004. – 320 с.
4. Василюк Ф. Е. Психология переживания. М.: Смысл, 2006. 200 с.
5. Грицанов А. А. Новейший философский словарь. Минск: Изд. В. М. Скакун, 1998.
6. Здравомыслов А.Г., Ядов В.А. Человек и его работа в СССР и после. М., 2003. С. 460-461.
7. Ильин Е. П. Дифференциальная психофизиология мужчины и женщины. СПб.: Питер, 2002.
8. Карандашев В. Н. Методика Шварца для изучения ценностей личности: концепция и методическое руководство. СПб.: Речь, 2004. 70 с.
9. Почебут Л. Г. Психология и ценностные ориентации русского народа // Этническая психология и общество. М.: Изд-во ИЭА РАН, 1997.
10. Практикум по гендерной психологии / Под ред. И. С. Клециной. СПб., 2003.
11. Тихомандрицкая О. А. Особенности социально-психологического изучения ценностей как элементов когнитивной и мотивационно-
12. Трошев И. В. Гендерные образы рекламы // Вопросы психологии. 2000. № 6. С. 38-49.
13. Яницкий М. С. Ценностно-смысловая сфера личности. Кемерово: Кемеровский гос. ун-т, 1999. 92 с.
14. Rokeach M. Understanding Human Values: Individual and Societal. New York: The Free Press, 1979. 322 p.


**Расулзода Ч.**

## ТАМОИЛҲОИ АРЗИШӢ ВА ФАРҚИ ГЕНДЕРИИ ОНҲО

Тайи солҳои охир тамоми илмҳои иҷтимоӣ барои омӯзиш ва идора кардани тамоилҳои арзишӣ талоши бештаре доранд. Воқеан ҳам масъалаи тамоилҳои арзишӣ ва арзишҳо дар ҳама давру замон тағйир ёфта меистад ва бо тағйир ёфтанаш метавонад ҷомеаро идора намояд. Ба хусус, ки имрӯз дар ҷомеаи ҷаҳонӣ хуруҷи вируси нави бо номи COVID-19 ба вуҷуд омад. Дар робита бо ин, арзиши зинда мондан ва саломатӣ барои ҷомеаи ҷаҳонӣ ҷойи аввалро соҳиб шуд. Дар мақолаи мазкур кӯшидем тадқиқотеро, ки дар байни духтарон ва писарони синну соли ҷавонӣ гузаронидаем бо ҳисобҳои дақиқи таҳлиливу муқоисавӣ пешниҳод намуда бошем. Қайд кардан зарур аст, ки озмӯдашавандагони тадқиқоти мазкур донишҷӯёни тоҷике мебошанд, ки дар муассисаҳои олии таълимии Тоҷикистон таҳсил доранд.

***Калидвожаҳо:*** *тамоилҳои арзишӣ, арзиш, психология, арзишҳои аслӣ, ченкунии арзишҳо, ошкорнамоии арзишҳо, шахс, сохти психологии шахс, механизми дохилӣ, эмотсия, ҳадафи ҳаёт, худамалсозӣ.*

**Расулзода Дж.**

**ЦЕННОСТНЫЕ ОРИЕНТАЦИИ И ЕЁ ГЕНДЕРНЫЕ РАЗЛИЧИЯ**

В последние годы все социальные науки приложили больше усилий для изучения ценностных тенденций и управления ими. Действительно, вопрос о ценностных ориентациях и ценностях постоянно меняется, и по мере его изменения он может управлять обществом. В частности, сегодня в мировом сообществе произошла вспышка нового вируса под названием COVID-19. В этом отношении ценность выживания и здоровья для мирового сообщества является на первом месте. В этой статье мы представили результаты исследования, проведенное среди женщин и мужчин молодого возраста с точными аналитическими и сравнительными расчетами. Следует отметить, что предметом исследования являются таджикские студенты, обучающиеся в высших учебных заведениях Таджикистана.

***Ключевые слова****: ценностные тенденции, ценности, психология, основные ценности, измерение ценностей, раскрытие ценностей, личность, психологическая структура человека, внутренний механизм, эмоции, цель жизни, самооценка*

**Rasulzoda J.**

**VALUE ORIENTATIONS AND ITS GENDER DIFFERENCES**

In recent years, all social sciences have made more efforts to study and manage value trends. Indeed, the question of value orientations and values is constantly changing, and as it changes, it can govern society. In particular, an outbreak of a new virus called COVID-19 has occurred in the global community today. In this regard, the value of survival and health for the world community came first.

In this article, we have tried to present a study conducted among young women and men with accurate analytical and comparative calculations. It should be noted that the subject of the research is Tajik students studying in higher educational institutions of Tajikistan.

***Key words:*** *value tendencies, values, psychology, basic values, measurement of values, disclosure of values, personality, psychological structure of a person, internal mechanism, emotions, purpose of life, self-esteem*

**Сведения об авторе: Расулзода Джамшеди Диловар** – Таджикский национальный университет, кафедры психологии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. Телефон **(+992) 985 86 60 11.** E-mail: **rasulzoda-95@mail.ru**

**Information about the author: Rasulzoda Jamshedi Dilovar** - Tajik National University, Department of psychology. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone **(+992) 985 86 60 11.** E-mail: **rasulzoda-95@mail.ru**

**Қ. ВОСИЕВ**

## ОМӮЗИШИ САМТГИРИҲОИ АРЗИШИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ВА МУНОСИБАТИ ОНҲО БА САЛОМАТИИ ХУД

Синну соли калони мактабӣ аз тибқи улуми психология ва педагогика ҳамчун наврасии барвақтӣ махсуб меёбад. Наврасии барвақтӣ ин синну соли зиддиятҳои калон мебошад. Зиддиятҳои шахсиятию рафторӣ на танҳо дар қутбияти ҳиссиётҳо ва эҳсосот, балки инчунин дар зиддиятнокии хоҳишҳо ва саъю талошҳо, дар бевоситагӣ ва нопайдарпайии вокунишҳои рафторӣ ифода меёбанд. Нишонаи ташаккули фаъоли шахсият буда, ин хусусиятҳои хос инчунин дар бораи ноустувории шахсияти рушдёбанда ва дар бораи он, ки он дар марҳилаи гузарандаи ташаккулёбии худ қарор дорад, шаҳодат медиҳанд. Ин ноустувориро дар натиҷаи таъсироти ҳадафманди муназзами педагогие, ки бо фаҳмиши мушкилоти номбаршуда ташкил ва татбиқ карда мешаванд, бомуваффақият рафъ кардан мумкин аст [9].

Вокуниши дар заминаи эҳсосоте баландшудаи мактаббачагони синфҳои болоӣ дар хусусиятҳои рушд ва зоҳирёбии қобилиятҳои баҳодиҳӣ низ инъикос меёбад. Ба сифати инъикоси бевоситаи синнусолӣ дар онҳо аксар вақт ниҳоӣ будан ва бесуботӣ дар муҳокимарониҳои баҳодиҳӣ баромад мекунанд [9].

Ба сифати сарчашмаҳои худбаҳодиҳӣ ва баҳодиҳиҳо дар давраи наврасии барвақтӣ метавонанд ақидаҳои волидон, муҳокимарониҳои муаллимон, васоити ахбори умум,

адабиёт, одамони соҳибэътибор, ақидаҳои дар таҷрибаи шахсӣ ташаккулёфта баромад кунанд. Вале ин ақидаҳо ва муҳокимарониҳои бегона, ки хонандагони синфҳои болоӣ “тавассути худ мегузаронанд”, маҳсули тафаккурҳои шахсӣ мебошанд [9].

Л.И. Божович, И.С. Кон, А.С. Мудрик, Д.И. Фелдштейн ва муҳаққиқони дигари ин синну соли гузаришро аз синну соли наврасӣ ба навҷавонии барвақтӣ бо ивази якбораи мавқеи дохилие алоқаманд месозанд, ки аз он иборат аст, ки тамоюл ба оянда ба самти асосии шахсият табдил ёфта, масъалаи интихоби роҳи минбаъдаи ҳаётӣ дар маркази таваҷҷуҳи манфиатҳо ва нақшаҳо қарор гирифтааст.

Дар синну соли калони мактабӣ омодагии психологӣ ба худмуайянкунии шахсиятӣ ташаккул ёфта, эҷоди як навъ таъсисот ва механизмҳои равониро пешбинӣ менамояд, ки онҳоро минбаъд бо ҳаёти бошуурона, фаъол, эҷодкорона ва созанда таъмин менамоянд [11, С. 6].

Далелҳои дар ин ҷо пешниҳодшуда интихоб, самти таҳқиқи мо – ифода намудани муносибати арзиширо ба саломатии маҳз хонандагони синфҳои болоӣ муайян намуданд.

Барои он, ки муносибати арзишӣ ба ягон чиз ташаккул дода шавад, зарур аст аввал таваҷҷуҳи субъектро ба ин арзиш равона карда, ба он маълумоти зарурииро дар бораи он ва аҳамияти он хабар дод, яъне, ба ибораи дигар, субъектро дар олами арзишҳо роҳнамоӣ кард. Дар ҷомеашиносӣ дар ин ҳолат дар бораи самтгирии арзишии объекти таҳқиқ ҳарф мезананд.

Арзишҳое, ки аҳамияти онҳо ба туфайли тарбия ё ҳисси ахлоқӣ ошкор карда мешавад, худ ба худ дар зинаи иерархӣ, як навъ “аҳроми арзишҳо” қарор мегиранд, ки асосашро арзишҳои муҳимтарини ҳаётии шахсият ташкил медиҳанд. Табиист, барои он, ки муносибати арзишӣ ба ягон объект ташаккул дода шавад, зарур аст аввал самтгирии арзишии шахсият ҷудо карда шавад. Ва агар объекти додашуда ба асоси иерархии арзишҳои шахсияти додашуда дохил нашавад, он гоҳ бо кӯмаки таъсироти психологию педагогӣ бояд саъй карда шавад он ба шумори арзишҳои ҳаётан муҳим ворид карда шуда, сипас аллакай муносибати арзишӣ ба объекти додашуда ташаккул дода шавад.

Самтгириҳои арзишӣ, яке аз таъсисоти марказии шахсиятӣ буда, муносибати бошууронаи инсонро ба воқеияти иҷтимоӣ ифода намуда, ва ба сифати ин ҳавасмандии васеи рафтори онро муайян сохта, ба ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти он таъсири назаррасро мерасонанд [2, С. 36].

Б.Г.Ананев чунин мешуморид, ки самтнокии шахсият ба ин ё он арзишҳо самтгириҳоии арзишии онро ташкил медиҳад [1, С. 146]. Ин фикрро инкишоф дода, Ю.А. Шерковин навиштааст: “Самтгирии арзишӣ самтнокӣ ва мазмуни фаъолнокии иҷтимоии шахсиятро тавсиф дода, он инчунин ҳамчун танзимкунандаи рафтори иҷтимоии он ба назар гирифта мешавад [14, С. 138].

Мутобиқи самтгирии азхудшудаи арзишӣ шахсият интихоби нигаришҳои муайяни иҷтимоиро ба сифати ҳадафҳо ё ангезаҳои фаъолияти мушаххасро амалӣ месозад [13, С. 20-21].

Самтгириҳои арзишии шахсият маънои ҳаётии онро муайян месозанд. Ба масъалаи ташаккулёбии маъноҳои шахсиятии инсон таҳқиқоти худро А.Н. Леонтев [6], В.Т. Асеев [3], Б.С. Братус [4] ва дигарон бахшидаанд.

Донистани самтгириҳои арзишӣ барои амалисозии бомуваффақияти равандҳои тарбия, азнавтарбия, худтарбиякунӣ зарур аст.

Дар як қатор таҳқиқотҳо қайд карда мешавад, ки синну соли навҷавонӣ барои ташаккул додани самтгириҳои арзишӣ ҳамчун хосияти устувори шахсият ҳассос мебошад, ки ба ташаккулёбии ҷаҳонбинии хонандагон, муносибати онҳо ба воқеияти атроф мусоидат мекунанд. Масалан, дар таҳқиқоти Д.А.Леонтев [7] муқаррар карда шудааст, ки аз оне, ки ба кадом арзишҳо мактаббача самтгирӣ мекунад, хулоса дар бораи камолоти иҷтимоии ӯ вобаста мебошад. Ба ибораи дигар, дар бораи камолоти шахсии хонандаи синфи болоӣ дар асоси он муҳокимаронӣ кардан мумкин аст, ки чӣ қадар ҷанбаи мазмунии самтгирии арзишии барои ин давраи синну солӣ хос ба манфиатҳои ҷомеа мутобиқ аст [5].

Дар ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ ва фарди алоҳида метавонад низоми худии арзишҳое вуҷуд дошта бошад, ки онҳо дар он дар вобастагии мутақобилаи муайяни иерархӣ ҷойгир мешаванд.

Аз ин мавқеъҳо дар раванди ошкорсозии хусусиятҳои самтгириҳои арзишӣ ҳамчун нишондиҳандаи сатҳи муайяни рушди шахсияти онҳо зарур аст ду параметри асосӣ ба инобат гирифта шавад: дараҷаи сохтори ташаккулёфтаи иерархии самтгириҳои арзишӣ, мазмуни онҳо, ки бо арзишҳои мушаххаси ба сохтор дохилшуда тавсиф меёбад; самтнокии шахсият, ки на танҳо аз он вобаста аст, ки кадом арзишҳо ба сохтори самтгириҳои арзишӣ дохиланд, балки инчунин якҷояшавии ин арзишҳо ва дараҷаи афзалияти зиёд ё камтари он нисбати дигарҳо кадоманд, ки ин имкон медиҳад муайян карда шавад ба кадом ҳадафҳои ҳаёт фаъолияти инсон равона шудааст.

Таҳлили ҷанбаи мазмунӣ ва сохтори иерархии самтгириҳои арзишӣ метавонад нишон диҳад, ки дар кадом дараҷа самтгириҳои арзишии хонандагон ба қолиби ҷамъиятӣ муфовиқанд, чӣ қадар онҳо ба ҳадафҳои тарбия мутобиқанд [12, С. 94].

Агар дарки он, ки ҳаёти пур аз лаззатҳо ва дилхушиҳо бо тарзи солими ҳаёт номувофиқ аст метавонад ҳамчун лаҳзаи мусбат қабул карда шавад, он гоҳ тасаввурот дар бораи он, ки ғамхорӣ дар бораи саломатии шахсӣ ва риояи тарзи солими ҳаёт метавонанд боиси мураккабиҳо дар оила ва маҳдудиятҳо дар озодӣ ва мустақилият дар рафторҳо ва амалҳо шаванд, бо кӯмаки воситаҳои махсуси технологию педагогӣ ба тасҳеҳ эҳтиёҷ дорад.

Чунин аст таҳлили кӯтоҳи таҳқиқи самтгириҳои арзишии хонандагони синфҳои болоии муосир, ки имкон дод як қатор вазифаҳое ифода карда шаванд, ки ҳаллашонро дар рафти ташаккулёбии муносибати арзишӣ ба саломатӣ зарур аст ба нақша гирифта шавад:

1.Ба он мусоидат карда шавад, то ки арзиши “саломатӣ” ба асоси иерархии арзишҳо – ҳадафҳои ҳамаи иштирокчиёни озмоиши педагогӣ дохил шавад.

2.Ҳангоми ташаккулёбии тарзи солими ҳаёт ҳамоҳангсозии тамоми низоми самтгириҳои арзишии шахсияти хонандагони синфҳои болоӣ ба даст оварда шавад.

3.Дар рафти ташаккулёбии муносибати арзишӣ ба саломатӣ хонандагони синфҳои болоӣ ба тарзи солими ҳаёт бо роҳи дар онҳо тарбия намудани ниёзҳо ва ҳавасмандиҳои мувофиқ тамоюл дода шуда, фаҳмонда дода шавад, ки саломатии хуб на танҳо ба озодӣ ва мустақилияти амалҳо ва рафторҳо монеа эҷод намекунад, балки, баръакс, кафолати зарурии озодии интихоби ҳар гуна шакли фаъолияти ҳаётӣ ва гарави самаранокии он мебошад.

Акнун бевосита ба омӯзиши муносибати хонандагони синфҳои болоӣ ба саломатии худ мегузарем.

Ба таҳқиқи муносибат ба тарбияи ҷисмонӣ дар кишварҳои мухталиф аҳамияти калон зоҳир карда мешуд. Вале таваҷҷуҳи асосӣ дар ин зимн ба ҷанбаи муайяни тарбияи ҷисмонӣ зоҳир карда мешуд, ҳол он ки хеле муҳимтар масъалаи ташаккулёбӣ ё тағйирёбии муносибатҳо, таъсири воқеии онҳо ба рафтори инсон ба назар мерасад [8, С. 125].

Муҳаққиқ Т.Шихан нишон додааст, ки ҳангоми машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш муносибат ба ҳамкорӣ ба таври мусбат тағйир меёбад [18].

Д.Хеллисон ошкор сохт, ки машғулиятҳо бо машқҳои ҷисмонӣ ба тағйирёбии муносибат ба худии худ хеле самаранок таъсир мерасонанд [16].

Муҳаққиқони дигар (Р. Зайонг ва диг.) робитаи мусбатро байни худҳурматкунии инсон ва дарки ҷисми худ муайян сохтанд [20].

Ангезаҳоеро, ки бо онҳо аксарияти субъектҳо ба машғулшавӣ бо машқҳои ҷисмонӣ оғоз мекунанд, мавриди таҳқиқ қарор дода, муҳаққиқони хориҷӣ: С. Бидл [15], Л. Венткель [19], Б. Киркгельд бо ҳаммуаллифон [17] муқаррар сохтанд, ки аксарияти нафарони мавриди таҳқиқ инро бо нияти тақвият додани саломатии худ рабт медоданд. Вале нақши муҳимро дар ҳавасмандкунии машғулиятҳо бо машқҳои ҷисмонӣ арзишҳои дигар низ: ҷолибияти андом, эътиборнокии машғулиятҳо, муоширaт ва ғ. мебозанд.

В.И.Столяров бо кормандон [10] таҳқиқи муносибати хонандагонро ба бадани худ гузарониданд: оё ҷисм ва параметрҳои гуногуни он (шакли ҷисм, саломатӣ, сифатҳои ҷисмонӣ, қобилиятҳои ҳаракатӣ) барои онҳо арзиш мебошанд, чӣ тавр онҳо ҳолати ҷисмонӣ ва параметрҳои мухталифи онро арзёбӣ мекунанд, оё онҳо дар бораи онҳо ғамхорӣ зоҳир менамоянд, кадом воситаҳоро онҳо зимни ин истифода мебаранд, ба кадом меъёрҳо, намунаҳо ва қоидаҳои рафтор онҳо самтгирӣ менамоянд, сатҳи донишҳои онҳо дар бораи организми онҳо, воситаҳо ва усули таъсиррасонӣ ба он чӣ гуна аст. Дар асоси натиҷаҳои бадастомада аз ҷониби муҳаққиқон пешниҳодоти инноватсионии мафҳумӣ доир ба бозсозии тарбияи ҷисмонии мавҷуда ифода карда шудаанд .

Хулосаи таҳқиқи муносибатҳоро дар бораи тарбияии ҷисмонӣ натиҷагирӣ намуда, қайд кардан зарур аст, ки дар аксари корҳо муҳаққиқон саъй намудаанд маълум созанд, чӣ тавр гурӯҳҳои алоҳидаи одамон ба падидаҳо ва ҷанбаҳои алоҳидаи тарбияи ҷисмонӣ ва ҷузъҳои он менигаранд. Корҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд маълум карда шавад, чӣ тавр ин муносибатҳо ташаккул мёбанд, чӣ тавр онҳоро мумкин аст ба самти лозима тағйир дода шуда, бо рафтори воқеӣ рабт дода шаванд, хеле кам аст.

**АДАБИЁТ:**


1. Ананьев Б.Г. Избранные психологические труды: в 2-х т. -Т2. -М.: Педагогика, 1980. - 232с.
2. Андреева Г.М. Социальная психология. - М.: МГУ, 1980. - 416с.
3. Асеев В.П. Мотивация поведения и формирование личности. - М.: Мысль, 1976. - 181с.
4. Братусь Б.С. Нравственное сознание личности. -М.: Знание, 1985. - 64с.
5. Дусавицкий А.К. Развитие личности в учебной деятельности. -М., 1966. -208с.
6. Леонтьев А.Н. Деятельность. Сознание. Личность. -М.: Политиздат, 1975. - 304с.
7. Леонтьев Д.А. Методика изучения ценностных ориентации. - М., 1992. - 17с.
8. Мартене Р. Социальная психология и спорт. -М.: ФиС, 1978. - 223 с.
9. Мнацаканян Л.И. Личность и оценочные особенности старшеклассников. -М.: Педагогика, 1993. -160 с.
10. Столяров В.И., Быховская И.М., Лубышева Л.И. Концепция физической культуры и физкультурного воспитания / Инновационный подход // Теория и практика физической культуры, 1998, №3. С. 11-15.
11. Формирование личности старшеклассника / Под ред. И.В. Дубровиной. -М., 1989. -169с.
12. Шайхтдинов Р.З. Личность и волевая готовность в спорте. -М.: ФиС, 1987. - 112с.
13. Шакеева Ч.А. Ценностные ориентации и самочувствие молодежи в новых общественно-экономических условиях. -Москва-Воронеж, 1998. -192с.
14. Шерковин Ю.А. Проблема ценностной ориентации и массовые информационные процессы // Психологический журнал, 1982, №5. -Т.3.-С.135-146.
15. Biddle S. Physical Activity, Health and Well. -Being. -Quebec City, 1995. P.135-151.
16. Hellison D.R. Physical education and the self-attitude. -Quest, 1970. -13. -P. 41-45.
17. Kirkcalde B., Fumham A., Thephard R. Attitudes towards health and illness among exercisers and non-exercisers // Stress Medicine, 1994. -v.10. P.21-26.
18. Sheehan T. The construction and experimental evaluation of a teaching model for attitude formation and change through physical education activities. -Unpublished doctoral dissertation. -Columbus, 1965. P.40.
19. Wankel L.M. The Importance of Enjoyment to Adherence and Psychological Benefits from Physical Activity // Yutern. Y. Sport Phychol., 1993. -V.24. P.151-169.
20. Zajonc R. Social facilitation. -Science, 1965. -149. P. 269-274.


**Восиев Қ.**

## ОМӮЗИШИ САМТГИРИҲОИ АРЗИШИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ БОЛОӢ ВА МУНОСИБАТИ ОНҲО БА САЛОМАТИИ ХУД

Муаллиф дар мақолаи худ самтгириҳои арзишии хонандагони синфҳои болоӣ ва муносибати онҳо ба саломатии худ мавриди омӯзиш қарор додааст. Таъкид карда мешавад, ки самтгириҳои арзишӣ, яке аз таъсисоти марказии шахсиятӣ буда, муносибати бошууронаи инсонро ба воқеияти иҷтимоӣ ифода намуда, ва ба сифати ин ҳавасмандии васеи рафтори онро муайян сохта, ба ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти он таъсири назаррасро мерасонанд. Диққати махсус ба вазифаҳое дода шудааст, ки ҳаллашон дар рафти ташаккулёбии муносибати арзишӣ ба саломатӣ бояд ба нақша гирифта шавад. Хулоса карда мешавад, ки дар муҳаққиқон саъй намудаанд маълум созанд, чӣ тавр гурӯҳҳои алоҳидаи одамон ба падидаҳо ва ҷанбаҳои алоҳидаи тарбияи ҷисмонӣ ва ҷузъҳои он менигаранд, вале корҳое, ки дар онҳо натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд маълум карда шавад, чӣ тавр ин муносибатҳо ташаккул мёбанд, чӣ тавр онҳоро мумкин аст ба самти лозима тағйир дода шуда, бо рафтори воқеӣ рабт дода шаванд, хеле кам аст.

***Калидвожаҳо:*** *самтгириҳои арзишӣ, хонандагон, синфҳои болоӣ, наврасӣ, саломатӣ, шахсият, баҳодиҳӣ.*

**К. Восиев**

**ИЗУЧЕНИЕ ЦЕННОСТНЫХ ОРИЕНТАЦИЙ СТАРШЕКЛАССНИКОВ И ИХ ОТНОШЕНИЕ К СВОЕМУ ЗДОРОВЬЮ**

Автор в своей статье исследует ценностные ориентации старшеклассников и их отношение к своему здоровью. Подчеркивается, что ценностные ориентации, являясь одним из центральных личностных образований, выражают сознательное отношение человека к социальной действительности и в этом качестве определяют широкую мотивацию его поведения и оказывают существенное влияние на все стороны его деятельности. Особый акцент сделан на задачи, решение которых в ходе формирования ценностного отношения к здоровью следует запланировать. Делается вывод, что в подавляющем большинстве работ исследователи стремились выяснить, как отдельные группы людей смотрят на определенные явления и аспекты физического воспитания и его компоненты. Совсем мало работ, в которых полученные результаты позволяли бы выяснить, как формируются эти отношения, как их можно изменить в нужном направлении, связать с реальным поведением.

***Ключевые слова:*** *ценностные ориентации, учащиеся, старшеклассники, юношество, здоровье, личность, оценка.*

**Vosiev Q.**

**STUDYING THE VALUE ORIENTATIONS OF HIGH SCHOOL STUDENTS AND THEIR ATTITUDE TO HEALTH**

The author in his article explores the value orientations of high school students and attitude to their health. It is emphasized that value orientations, being one of the central personality formations, express the conscious attitude of a person to social reality and, as such, determine the broad motivation of his behavior and have a significant impact on all aspects of his activity. Particular emphasis is placed on tasks that should be planned during the formation of a value attitude to health. It is concluded that in the overwhelming majority of works, researchers sought to find out how certain groups of people look at certain phenomena and aspects of physical education and its components. There are few works in which the results obtained would allow to find out how these relations are formed, how they can be changed in the right direction, and linked to real behavior.

***Keywords:*** *value orientations, pupils, higher forms, adolescence, health, personality, assessment.*

**Сведения об авторе: Каршибой Восиев**, старший преподаватель Института физической культуры Таджикистана им. С. Рахимова. Адрес: г. Душанбе. **E-mail:** shoha5555@inbox.ru **Тел.:** +(992)907484749

**Information about the author: Qarshiboy Vosiev**, senior teacher of the Institute of Physical Culture of Tajikistan after S.Rahimov. Address: c. Dushanbe. **E-mail:** shoha5555@inbox.ru **Tel.:** +(992)907484749

**И. КОРВОНБЕКОВА**

# ТАШАККУЛИ МАҲОРАТИ КАСБИИ ОМӮЗГОР

*«Такмили ихтисоси кормандони маориф яке аз масъалаҳои асосии рушди соҳаи маориф мебошад».*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Дар тамоми давру замонҳо табақаи пешбари ҷомеа омӯзгор буд ва мемонад. Онҳо бо ақлу хирад ва донишу маърифаташон афкори инсонҳоро мунаввар сохтаанд ва хоҳанд сохт. Рушди ҷомеа аз неруи зеҳнии шаҳрвандон вобастагӣ дорад ва омӯзгор дар ин ҷода дар сафи аввалинҳост. Маҳз заҳмати омӯзгор бо наслҳо имкон фаро меорад, ки ба дарки воқеият расида, дар пешбурди ҷомеа саҳми худро гузоранд.

Бузургони ҷаҳони хирад ва андеша ин маъниро дар қолаби байтҳои ҷовидона борҳо суфтаанд, чунончи:

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ва ё

Ҳаркиро набвад устод кор бар бунёд нест,
Дар раҳи маънӣ рафиқе беҳтар аз устод нест.

Ин ва даҳҳо намунаҳои дигари манзуму мансур моро ба шинохти мавқеи омӯзгору қадршиносии он водор месозад.

Рушду инкишофи босуръати ҷомеа дар назди омӯзгор талаботи ҳарчи бештару ҷиддитар мегузорад, то шогирдони онҳо баробар бо ҷомеаи мутамаддин қадам зананд. Таҷрибаи кишварҳои тоза баистиқлолрасида нишон медиҳад, ки онҳо ба хавфу хатарҳои азими ҷаҳонӣ дар партави ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) тез-тез рӯ ба рӯ мегарданд.

Агар ба таърихи навини тоҷикон назар афканем, равшан маълум мегардад, ки маърифатпарварию фарҳангсолорӣ, масъалаҳои рушди босуботи ҷомеа, бо дастовардҳои навин мавқеи устуворро касб кардан дар умқи тафаккури миллати куҳанбунёду тамаддунофари тоҷик аз қадимулаён нуҳуфтааст ва он борҳо тавассути гузоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат дар сатҳи форумҳои бонуфузи байналмилалӣ, бахусус, аз минбари Созмони Миллали Муттаҳид дар сатҳи баланд дастгирӣ ёфтаанд , ки боиси ифтихор ва сарфарозии мост.

Гузашта аз ин, дар шароити кунунӣ бо назардошти ислоҳоти ҳамаҷонибаи соҳа ва ворид гардидани маорифи кишвар ба низоми ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ рушди маҳорати касбии омӯзгор, ки дар тақвият бахшидан ба сифати таҳсилот мавқеи афзалиятнок дорад, аҳамияти махсус пайдо мекунад ва он барои рушду тафаккури миллии хонандагон ва шаҳрвандон низ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст: «Давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии Тоҷикистон, ки рӯ ба муносибатҳои нави иқтисоди бозаргонӣ овардааст, ба хотири ҷавобгӯ будани таълим ва тарбияи насли наврас талаб мекунад, ки таҳсилот бо назардошти арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ тибқи талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ба роҳ монда шавад. Дар чунин шароит низоми таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд ба низоми таҳсилоти давлатҳои мутараққии ҷаҳон мутобиқ кунонида шавад» [5]. Барои ноил гардидан ба ин мақсад, ба назари мо, нақши баланд бардории маҳорти касбии омӯзгорони кишвар хеле муҳим маҳсуб меёбад.

Дар таъмини таҳсилоти босифат нақши омӯзгор ва салоҳиятҳои касбии ӯ яке аз омилҳои муҳимми ташаккулдиҳандаи раванди таълим ба ҳисоб меравад, зеро ҳамқадам будан бо дастовардҳои илму техника, аз ҷумла технологияи муосири таълим ва омода намудани хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар дар шароити рушди босуръати техникаю технология, афзудани ҳаҷми маълумот ва имконияти маҳдуди инсон дар ҳифзу бунёди он дар асри 21 танҳо ба омӯзгори баландтахассусе муяссар мегардад, ки агар сатҳи рушдёфтаи маҳорати касбӣ дошта бошад.

Ҳамзамон бо назардошти афзудани иттилоот,тағйирпазирии бозори меҳнат ва ислоҳоти соҳа, аз ҷумла татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ водор мегарданд,ки маҳорати касбиашонро вобаста ба талаботи муосир мунтазам сайқал дода, салоҳиятҳои худро дар самти дарки моҳият ва муҳтавои технологияи муосири таълим ва роҳҳои самарабахши истифодаи онҳо дар раванди фаъолияти хеш ташаккул диҳанд.

Ба андешаи мо, дар замони муосир, ки тағйироти куллӣ ҳамаи соҳаҳои ҷомеаро алакай фаро гирифтааст пайвастан ба фазои илмию техникии ҷаҳони мутамаддин ногузир гардидааст. Тавассути такмили маҳорату малакаи касбӣ бояд омӯзгор аз навгониҳои кишварҳои пешрафта бахра гирифта, барои насли наврас муҳити созгореро бунёд намояд, ки ҷиҳати пешрафти соҳаи маорифи мамлакат мусоидат намояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сухарониаш бахшида ба муносибати "Рӯзи дониш" 01.09.2017 вобаста ба баландбардории маҳорати касбии омӯзгорон чунин қайд намуданд: «...омӯзгоронро зарур аст, ки ҷиҳати омӯхтани навгониҳои илмиву таълимӣ, таҷрибаи пешқадам ва такмили маҳорату малакаи касбии худ мунтазам кӯшиш намоянд» [9]. Аз ин рӯ, мебоист барои рушди маърифати илмию эҷодӣ, методӣ ва баланд бардоштоштани маҳорати касбӣ аз роҳу усулҳои гуногуни такмили маҳорати касбӣ аз ҷумла: худомӯзӣ, дарёфт, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ, иштирок дар курсҳои такмили ихтисосу махсус, семинарҳои мақсадноку проблемавӣ, омӯзишҳои чандирӣ, конференсияҳо ва ғайраҳо васеъ истифода баранд.

Маҳорати касбӣ чист? Дар адабиёти илмӣ-педагогӣ ба ин савол ҷавоби якхела нест, моҳияти мафҳуми мазкур аз тарафи таҳқиқотчиён бештар аз нигоҳи мақсад таҳлил шудааст. Масалан, Н.В. Савин қайд менамояд, ки «маҳорат қобилияти иҷро намудани ягон амал дар асоси таҷрибаи пешҳосилкарда мебошад» [8,80], ба андешаи С.Туронов

«маҳорати касбӣ ин дониши тахассусӣ буда, ҳар як омӯзгори ин ё он фан вазифадор аст, ки касбу ихтисоси худро ба дараҷаи кофӣ донад... » [11,55], дар Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ маҳорат ба ду маъно шарҳ дода шудааст: 1. моҳирӣ, устодӣ, устогӣ, ҳунармандӣ, забардастӣ ва 2. қобилият ва лаёқат [12,815].

Ба назари мо, **маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба ҷараёни шуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро дониста иҷро мекунад. Моҳирӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат маҳсуб меёбанд. Дар ҷомеаи муосир омӯзгоре ба пешравӣ муваффақ гардида метавонад, ки аз донишу малака ва моҳорати педагогӣ бархурдор аст. Омӯзгорӣ касб аст ва на ҳар кас аз уҳдаи ин пешаи пурмашаққат бо сари баланд мебарояд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (моддаи 48) муайян намудааст, ки “ба фаъолияти омӯзгорӣ шахсоне, ки таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва малакаи зарурии касбӣ доранд, машғул шуда метавонанд» [6]. Аз ин рӯ, омӯзгор дар мадди аввал бояд соҳибмаълумот буда, асосҳои илмию амалии касбашро донад ва дӯст дорад, дорои маҳорату малакаи касбӣ бошад, баҳри ташаккули маҳорати касбиаш пайваста чораҷӯӣ намояд.

Таҷрибаҳои амалӣ нишон медиҳанд, ки омили асосии инкишоф ва такомули соҳаи маориф, баланд бардоштани сифати таълиму тарбия, комилан ба сатҳи маҳорати касбии омӯзгор вобаста аст. Аз ин ҷост, ки пайваста такмил додани маҳорати касбии омӯзгор имрӯз муҳиммияти аввалиндараҷа пайдо кардааст.

Ба таъбири мактабшинос, Академики АИПИ Бобоев Ҳ. «Сатҳи тайёрӣ ва дониши омӯзгор, малакаю салоҳиятнокӣ ва маҳорати касбии вай, омили муайянкунандаи сифат дар ҳар кадом зинаи системаи таҳсилоти миллӣ мебошад» [3,41]. Ҳ. Бобоев бори дигар таъкид менамоянд:«Омӯзгор бояд ҳамчун интиқолдиҳандаи ахбор не, балки дар ҷараёни дарс ҳамчун ҳамкор бошад, ӯ мактаббачаро на объекти таъсиррасонанда, балки субъекти фаъоли ҷараёни дарс қарор диҳад»... ва «омӯзгор на ба ташкили ҷараёни таълим, балки бояд ба натиҷаи ин ҷараён мутаваҷҷеҳ бошад» [1,4].

Академикон Лутфуллозода М., Бобизода Ғ. менависанд: «Инсони озоду мустақил тавассути инкишофи қобилияти инфиродии хеш тамоми умр ҳамчун шахс ташаккул меёбад. Муаллим ин хосияти ташаккулро ҳам дар худ ва ҳам дар замири шогирдон тарбия менамояд» [7,33].

Муҳаққиқ, Бобизода Ғ., бошад бар он назар аст, ки «Омӯзгорон малака ва стратегияҳои хондану навиштан, ҳалли мисолу масъалаҳо ва дигар малакаҳоро ҳамчун намунаи натиҷаи беҳтарин намоиш медиҳанд ва хонандагон бодиққат онро мушоҳида карда, тарзи дурусти муаррифии онро аз худ мекунанд» [2,35].

Дар сархати (г) банди 12-и «Тартиби такмили ихтисос ва бозомӯзиии кормандони соҳаи маориф» омадааст, ки мақсади такмили ихтисос «ба шунавандагон омӯзондан ва сайқал додани маҳорати касбии онҳо оид ба шаклу усулҳои нави таълим, тарбия ва идоракунии фаъолият» мебошад. [10,59].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки муҳаққиқон бештар зарурияти такмили маҳорати касбӣ, роҳҳои такмил додани он, мақоми омӯзгор дар ин раванд ва мақсади такмили ихтисосро нишон додаанд. Ба назари мо, «маҳорати касбиро»- ҳамчун категорияи илми педагогика чунин баён кардан мумкин аст. **Маҳорати касбӣ-**ин шакли зуҳуроти сатҳи татбиқшавии маҷмӯи донишҳои назариявӣ, амалӣ ва малакаи азхудкардаи шахс, тарзи ҷамъбастии иҷрои моҳирона, босалоҳият, мақсаднок ва босифати фаъолияти меҳнатӣ мебошад.

Такмили маҳорати касбӣ бошад, ин ҷараёни доимии ҷустуҷӯ, дарёфт, таҳлил ва истифодаи эҷодкоронаи дастовардҳои илмию амалӣ ва методологии муосири таълиму тарбия аст. Омилҳои ташаккулдиҳандаю такмилдиҳандаи маҳорати касбӣ ниҳоят зиёд ва гуногунсамтанд ва дар шакли умум маҷмӯи омилҳои ба ташаккул ва такмили маҳорати касбӣ таъсиррасонандаро чунин тақсимбандӣ кардан мумкин аст:

(Нақшаи 1)

Омилҳои ташаккул ва такмилдиҳандаи маҳорати касбӣ




Ҳар қадами аз ин омилҳо таҳлилу таҳқиқи алоҳидаро талаб мекунанд. Мо лозим донистем, ки дар мақолаи мазкур танҳо бо таҳлили таъсири такмили ихтисос ба маҳорати касбии омӯзгор маҳдуд шавем.

Барои дарёфт ва амалӣ кардани усулҳои фаъол ва технологияи муосири таълим, ташаккул додани маҳорати касбӣ ва истифодаи таҷрибаи омӯзгорони навовар ва эҷодкор, такмил додани дониши воқеӣ, тарзи таҳияи дурусти ҳуҷҷатҳои мактабӣ, расонидани кумаки амалӣ ва методӣ ба омӯзгорону сарварони ҷавону камтаҷриба мунтазам курсҳои такмили ихтисос ташкил карда мешавад, ки яке аз омилҳои асосии такмили маҳорати касбӣ ба шумор меравад. Такмили ихтисос омили такмилдиҳандаи маҳорати касбӣ мебошад, ки аз тарафи мақомати ваколатдори давлатӣ мунтазам ташкил ва идора карда мешавад. Ташаккули маҳорати касбии омӯзгорону кормандони соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути муассисаҳои такмили ихтисос амалӣ мегардад.

Тибқи сархати 15 моддаи 33-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» бо мақсади муайян намудани дараҷаи тахассус ва такмил додани маҳорати касбии мутахассисон тибқи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот дар давраи муқараршуда мутобиқи низомнома гузаронидани аттестатсияи омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимӣ муайян карда шудааст.

Стандарт ва барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос бо назардошти татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим таҷдиди назар гардида, раванди машғулиятҳои курсҳои такмили маҳорати касбии кормандони соҳаи маориф дар доираи талаботи он ба роҳ монда шудааст. Низоми амалкунандаи такмили ихтисос дар чунин шакл амалӣ мешавад:

- баргузории курсҳои такмили ихтисос барои директорон ва муовинони директор оид ба корҳои таълим ва тарбия 18 рӯз ва барои имӯзгорони фанҳои тахассусӣ то 12 рӯз;
- нақша ва барномаҳои намунавии таълимии курсҳои такмили ихтисоси 18 рӯза дар доираи 108 соат (90 соат тахассус, 18 соат ғайритахассус), курсҳои 9 рӯза 54 соат (тахассус) ва курсҳои 12 рӯза дар доираи 72 соат (54 соат тахассус ва 18 соат ғайритахассус) доир карда мешаванд.

Бо дарназардошти пешрафти босуръати илму техника ва технологияи муосир низоми такмили ихтисос имкон медиҳад, ки омӯзгор бо методика, технолгогияи муосири таълим, методологияи нави таҳсилот ва навгониҳои он бештар шинос гарданд ва дар татбиқи онҳо саҳми амалӣ гузошта тавонад, ки тавассути он заминаи воқеӣ барои таҳсилоти босифат гузошта мешавад.

**АДАБИЁТ:**


1. Бобоев Ҳ. Мавқеъ ва мақоми такмили ихтисос дар низоми миллии таҳсилот. Душанбе:2019, 159 саҳ.
2. Бобизода Ғ., Исрофилниё Ш., Имомназаров Д., Байзоев А. Муносибати босалоҳият дар таълим (дастури методӣ). Душанбе: 2017, 74 саҳ.
3. Бобоев Ҳ. Истиқлолият ва ташаккули низоми миллии такмили ихтисос. // Ташаккули системаи миллии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон.(маҷмӯй мақолаҳо)-Душанбе:2016. 148 саҳ.
4. Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон
5. Консепсияи гузариш ба низоми нави таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҚҲҶТ 03.05.2010,№ 207)[манбаи электронӣ]. URL:https://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 12.05.2020).
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Душанбе 2013,- 24 саҳ.
7. Лутфуллозода М., Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳиятҳо ва ташаккули онҳо. Душанбе,2017. 86 с.
8. Савин Н.В. Педагогика. Душанбе: 1975 "Маориф". 327 саҳ.
9. Суханрони Асосгузои сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати "Рӯзи дониш" ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон [манбаи электронӣ]. URL:https://www.avkd.tj (санаи мурочиат: 28.08.2020).
10. Такмили ихтисос ва бозомӯзи (Ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ). Душанбе: 2015, 196 саҳ.
11. Туронов С.Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти касбӣ. Душанбе,2018 "Нигор".128 саҳ.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1. Душанбе:2010, ҶДММ "Шуҷоиён". 996 саҳ.


**Корвонбекова Иқлима**

**ТАШАККУЛИ МАҲОРАТИ КАСБИИ ОМӮЗГОР**

Дар мақола ташаккули маҳорати касбии омӯзгорону кормандони соҳаи маориф, сифату самаранокии таҳсилот ва рушду такомули неруи зеҳнии омӯзгорон мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор дода шуда, оид ба дарёффти роҳҳои муосири ташаккули маҳорати касбии омӯзгорон ҳамчун омили асосии беҳтар гаронидани сифати таҳсилот андешаҳои ҷолиб пешниҳод гардидаанд. Муаллиф инчунин сатҳи рушд, таъмини амнияти ҷомеа ва давлат, сатҳи зиндагии мардум, расидан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисодиёт, азхудкунии имкониятҳои нави технологӣ ва аҳамияти баланд бардоштани дараҷаи саводнокии миллат, бахусус, омодагии касбии омӯзгорро омили муҳимми таконбахши пешбурди сифати таҳсилот мешуморад. Мақола инчунин роҳҳои асосии баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорро, ба монанди, такмили фарҳангу камолоти маърифати омӯзгор ва рушду такомули маҳорати методӣ, ки пайваста дар ҷараёни курсу семинарҳои такмили касб ба даст меояд,фаро гирифтааст. Дар мақола дар бораи афзалияти истифодаи технологияи муосири таълим, методологияи нави таҳсилот ва навгониҳои он, ки таъминкунандаи рушди воқеии маҳорати касбии кормандони соҳаи маориф ва омӯзгорон ба ҳисоб меравад, қайд карда шудааст ва он, ба фикри муалиф, имкон медиҳад, ки омӯзгор бо методика, технолгогияи муосири таълим, бештар наздикӣ пайдо кунад ва дар амалӣ сохтани онҳо саҳми муассир гузорад.

***Калидвожаҳо:*** *маҳорати касбӣ, ҷаҳонбинӣ, омӯзгор, таҳсилоти босифат, такмили ихтисос, салоҳиятнокӣ, муносибати нави таълим.*

**Корвонбекова Иклима**

**ФОРМИРОВАНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНЫХ НАВЫКОВ ПЕДАГОГА**

В статье автор обосновывает комплексное исследование вопросов повышения квалификации учителей и педагогических кадров, качества и эффективности обучения и развития интеллектуального потенциала учителей, а также повышение профессиональных навыков учителей как ключевой фактор повышения качества образования. Автор также рассматривает уровень развития, обеспечение общественной и государственной безопасности, уровень жизни, выход на мировой уровень экономики, освоение новых технологических возможностей и важность повышения грамотности нации тесно связаны, в частности, подготовки учителей, как важного фактора повышения качества образования. Исследователь считает, что основные способы повышения профессиональных навыков учителей, такие как повышение культуры и зрелости учителей, а также развитие методических навыков постоянно достигаются на курсах и семинарах повышения квалификации.

В статье освещается преимущества использования современных технологий обучения, новая методология обучения и нововведений, обеспечивающих реальное профессиональное развитие педагогов и учителей, что, по мнению автора, позволяет учителям адаптироваться к методике

современных образовательных технологий, чтобы стать ближе и внести эффективный вклад в их внедрение.

***Ключевые слова:*** *профессиональные навыки, мировоззрение, педагог, качественное образование, профессиональное развитие, компетентность, новый подход к обучению.*

**Korvonbekova Iķlima**

**FORMATION OF PROFESSIONAL SKILLS OF THE TEACHER**

In the article, the author substantiates a comprehensive study of the issues of improving the qualifications of teachers and teaching staff, the quality and effectiveness of training and the development of the intellectual potential of teachers, as well as improving the professional skills of teachers as a key factor in improving the quality of education. The author also examines the level of development, ensuring public and state security, the standard of living, entering the world level of the economy, mastering new technological opportunities and the importance of increasing the literacy of the nation are closely related, in particular teacher training, as an important factor in improving the quality of education. The researcher believes that the main ways to improve the professional skills of teachers, such as improving the culture and maturity of teachers, as well as developing methodological skills are constantly being achieved in courses and seminars for advanced training. The article highlights the advantages of using modern teaching technologies, new teaching methods and innovations that provide real professional development of teachers, who, according to the author, allows teachers to adapt to the methodology, modern educational technologies in order to become closer and make an effective contribution to their implementation.

***Keawords:*** *Professional skills, worldwiew, teacher, quality, education, professional development, competence, a new approach to learning.*

**Сведения об авторе: Корвонбекова Иклима** – соискатель Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. Тел: (+992) 935354252

**About the author: Korvonbekova Iklima-** Applicant for the Institute for the Development of Education named after Abdurahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan. Phone: (+992) 935354252

**М. АМИНОВ**

## СУЩНОСТЬ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ МОБИЛЬНОСТИ УЧИТЕЛЕЙ СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ СРЕДСТВАМИ ВНУТРИШКОЛЬНОГО ПОВЫШЕНИЯ КВАЛИФИКАЦИИ

В настоящее время в современных условиях общественного развития важнейшим вопросом является формирование профессиональной мобильности педагогов средних общеобразовательных заведений. В начале трудовой деятельности пробуждается сильный интерес к различным профессиям, что является основой для формирования профессиональной мобильности, поскольку в молодом возрасте в процессе развития профессиональной компетентности происходит формирование условий для профессиональной мобильности. Профессиональная мобильность в настоящее время изучается с позиций социологии, педагогики и психологических наук, что свидетельствует о том, что социально-экономические реформы существенно изменили рынок труда и повысили требования к профессиональной мобильности и личности специалистов.

Повышение качества образования и обучения - важный фактор в формировании передового мировоззрения, построении здорового общества и устранении всех плохих явлений, особенно среди молодежи. Первый из них - это термин «мобильность» (от лат. Mobili-mobile, способность быстро передвигаться и действовать), который использовался еще в 1927 году, когда были опубликованы работы прошлого века «Social Mobility». Понятие «профессиональная мобильность» впервые появилось обособленным. «Краткий философский словарь» описывает понятие «социальная мобильность» как «миграция людей из одного социального класса в другой или смена профессии внутри социального класса». Под понятием «профессиональная мобильность» понимают переход от одной профессии к другой человека или группы»[10, с.175].

«Мобильность (англ. mobility; нем. mobilitat) – подвижность, способность к быстрому изменению состояния, положения; (от лат. mobilis подвижный) – способность к быстрому передвижению, действию. Мобильность человека в современном мире рассматривается, с одной стороны, как фактор динамизма, усиления интенсивности, изменчивости

социальных процессов и, с другой стороны, как фактор, обеспечивающий устойчивость, управляемость развитием общества»[8, с.183].

Первоначально термин «профессиональная мобильность» был введен в социологии для изучения типов социальной мобильности, отражающих динамику профессионального поля. В словаре социологии профессиональная мобильность определяется как «переход человека или профессиональной группы с одной профессиональной должности на другую» [7,с.19].

П.А. Сорокин, который «предложил рассматривать социальную мобильность как изменение индивидом или группой лиц места, занимаемого в социальной структуре, либо перемещение из одного социального слоя в другой»[9, с.73]. П.А. Сорокиным были выделены вертикальная модель роста, основанная на карьерном росте, и горизонтальная мобильность, связанная со сменой гражданства, места жительства, работы и т.п. В 80-х гг.

Л.В. Горюновой были описаны две профессиональные мобильности: внутренняя (личностно-профессиональное развитие, готовность к освоению новых способов, технологий, форм профессиональной деятельности) и внешняя (смена должности, рода занятий, места работы, профессии).

А.И. Архангельским также были выделены несколько типов профессиональной мобильности, в основе их выделения лежит «выраженность степени различия между начальной специализацией и той, которая приходит ей на смену» [1, с.23].

В исследованиях многих ученых стоит отметить, что важнейшим качеством, определяющим передовые функции образования и приоритетную роль учителей в развитии цивилизации в XXI веке, является профессиональная мобильность учителей. Ученые также рассмотрели возможность использования инновационного опыта учителей как средства формирования социальной и профессиональной мобильности школьного персонала.

Многие районы нашей республики до сих пор используют непроработанные до конца системы внутришкольного повышения квалификации. Главным условием формирования профессиональной мобильности учителей средних общеобразовательных учреждений является повышение квалификации учителя в ходе работы методических объединений. В практику шире входит обмен опытом работы.

Под внутришкольным профессиональным развитием педагогов средних образовательных учреждений мы понимаем процесс становления в конкретных образовательных учреждениях, направленный на повышение профессиональной мобильности педагогов средних образовательных учреждений путем обучения их новым знаниям, умениям, развитию значимых профессиональных качеств, а также путем формирования мотивации к профессиональному развитию. Внутришкольное профессиональное развитие педагогов в учреждениях среднего профессионального образования является инструментом, с помощью которого учреждения среднего профессионального образования способны наиболее эффективно реагировать на процессы, происходящие в социальной, экономической и технической сферах с целью поддержания адекватного уровня профессиональной мобильности педагогов для обеспечения конкурентоспособности на рынке образовательных услуг.

Основной целью повышения квалификации педагогических работников средних общеобразовательных учреждений по формированию профессиональной мобильности является развитие их профессиональной компетентности, формирование устойчивых навыков системной рефлексии педагогического процесса и его результатов, придание структурной целостности педагогической деятельности каждого из них, что в совокупности обеспечит выполнение требований по достижению современного качества образования.

Задача профессионального развития - сформировать профессиональную мобильность учителей в учреждениях среднего образования, а именно:

- поддерживать и повышать профессиональный уровень всех учителей в соответствии с современными требованиями;

- создавать условия для развития личного профессионального потенциала; повышать профессиональное творчество и соревноваться в педагогических навыках;

- всесторонняя научная и методическая поддержка самореализации и личного творчества учителей;
- удовлетворение потребностей в поиске и развитии передового опыта преподавания, обучении инновациям и научным достижениям;
- овладение информационными и коммуникационными технологиями всего преподавательского состава, что делает их современным обменом информацией.

Внутришкольная система повышения квалификации педагогических работников средних общеобразовательных учреждений состоит из ограниченного числа элементов:

- социального заказа педагогов, обучающихся по определенному направлению, внутришкольной системы повышения квалификации педагогов, обучающихся при осуществлении профессиональной подготовки;
- образовательного процесса, направленного на подготовку педагогических кадров;
- методики и программного обеспечения подготовки педагогических кадров;
- нормативно-правового обеспечения повышения квалификации внутришкольных работников;
- материально-техническое обеспечение; психологическое сопровождение и управление системой повышения квалификации в школе.

При рассмотрении профессиональной мобильности педагогов общеобразовательных учреждений для формирования профессионального развития в школах мы уделим особое внимание принципу постоянного профессионального развития, согласно которому повышение квалификации педагогов не может рассматриваться только как подготовка педагогов для совершенствования учреждений. С нашей точки зрения, методические комитеты, проблемно-творческие группы и творческие мастерские должны быть частью внутрикорпоративной системы повышения квалификации, формирующей профессиональную мобильность.

О.В.Акулова, С.А.Писарева, ЕВ. Пискунова, А. П. Тряпицына отмечают, что «концепция учебы в течение всей жизни способствует реализации идеи повышения квалификации одновременно с продолжением трудовой деятельности. Такой подход к обучению берет на сегодня и общеобразовательные учреждения. Учителя осваивают новые ценности образования и учатся их применять в своей профессионально-педагогической деятельности через новые функции в результате реализации двух стратегий: инновационная деятельность по актуальным проблемам развития отечественного образования и повышение квалификации на рабочем месте. Инновационная деятельность связана с осознанием себя как субъекта образовательной политики. Вторая стратегия условно может быть названа «корпоративным» или «внутрифирменным» обучением» [2,с.32].

В нашей работе внутришкольное профессиональное развитие профессиональной мобильности педагогов образуют одну из форм общеобразовательных учебных заведений с одновременным обучением на рабочем месте, дополненную чем-то уникальным корпоративным обучением.

Формирование профессиональной мобильности педагогов средних общеобразовательных учреждений в системе школьной квалификации рассматривается в контексте идеи непрерывного профессионально-педагогического образования:

- сущность: направленность на прогресс жизнедеятельности личности;
- содержание: личность; формирование положительной мотивации к предстоящей деятельности, формирование понимания ее социального смысла;
- формирование совокупности знаний, умений и навыков, составляющих «техническую» подготовку компетентных действий.

Таким образом, основной характеристикой формирования профессиональной мобильности в системе повышения квалификации педагога является то, что руководящая роль принадлежит самому педагогу, его жизненному опыту, мотивациям, требованиям и потребностям, он обладает следующими психологическими качествами:

- осознает себя как самостоятельную и автономную личность;
- обладает жизненным, профессиональным и специальным опытом, являющимся важным источником его профессиональной подготовки;
- стремится решать свои важные проблемы и задачи;

- осуществляет непосредственную реализацию знаний, умений и качеств, приобретенных в процессе обучения.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Архангельский А. И. Формирование профессиональной мобильности у студентов в процессе обучения в технических вузах: дис. канд. пед. наук. М., 2003. 146 с.
2. Горюнова, Л.В. Составляющие профессиональной мобильности современного специалиста // Естествознание и гуманизм: сб. науч. тр. под ред. Н.Н. Ильинских. Вып. 5 – РГПУ, 2005. – Т. 2.
3. Зимин Е. Ю. Модель непрерывного повышения квалификации учителей на муниципальном уровне // Вопросы образования. - 2009. - N 4. - С. 170-181.
4. Иванченко В. Н. Методическая служба системы повышения квалификации как фактор развития творческого потенциала педагога дополнительного образования // Известия Южного федерального университета. Педагогические науки. - 2009. - N 2. - С. 214-221.
5. Иванченко, Е.А. Формирование профессиональной мобильности будущих экономистов в процессе обучения в высших учебных заведениях [Текст]: дис. ... канд. пед. наук: 13.00.04 / Е.А. Иванченко. - Одесса, 2005.- 181 с.
6. Иглин В. А. Профессиональная подготовка, переподготовка и повышение квалификации работников организации в условиях рыночной экономики // Трудовое право. – 2004. - N 1. - С. 54-61.
7. Овечкин В. П. Компетентность и мобильность специалиста // Проф. образование. – 2005. - N 8. - С. 19.
8. http: //monitoring-mioo. narod2.ru/publikatsii /ponomarev_mv _problemi_ sotsialnoi _i_psihologicheskoi_ mobilnosti_v_informatsionnom_ obschestve/ index.html. Пономарев М. В. Проблемы социальной и психологической мобильности в информационном обществе / М. В. Пономарев. (дата обращения: 15.02.2019).
9. https://moluch.ru/archive/151/42786/Мустафаева Е. А. К вопросу о профессиональной мобильности педагогов // Молодой ученый. — 2017. — №17. — С. 263-266. (дата обращения: 12.08.2019).
10. https://moluch.ru/archive/151/42786/Мустафаева Е. А. К вопросу о профессиональной мобильности педагогов // Молодой ученый. — 2017. — №17. — С. 263-266. (дата обращения: 12.08.2019).


**Аминов Муслихиддин**

## СУЩНОСТЬ ФОРМИРОВАНИЯ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ МОБИЛЬНОСТИ УЧИТЕЛЕЙ СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЙ СРЕДСТВАМИ ВНУТРИШКОЛЬНОГО ПОВЫШЕНИЯ КВАЛИФИКАЦИИ

В статье рассматривается сущность формирования профессиональной мобильности учителей средних общеобразовательных учреждений средствами внутри школьного повышения квалификации, а также в статье мы говорим о нескольких важных и весомых основаниях сформулированности профессиональной мобильности учителей средних общеобразовательных учреждений средствами внутри школьного повышения квалификации. Основная задача исследования – выявить роль внутри школьного повышения квалификации, оказывающую влияние на формирование профессиональной мобильности учителей средних общеобразовательных учреждений.

***Ключевые слова:*** *мобильность, повышение квалификации, школа, обучение, учитель.*

**Аминов Муслихиддин**

## МОҲИЯТИ ТАШАККУЛЁБИИ МОБИЛИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОНИ МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНА ТАВАССУТИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ДОХИЛИМАКТАБӢ

Дар мақола моҳияти ташаккули мобилии касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна тавассути такмили ихтисоси дохилимактабӣ баррасӣ шудааст, Инчунин дар мақола мо дар бораи якчанд асосҳои муҳим ва мубрам барои ташаккули мобилии касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути такмили ихтисоси дохили мактабӣ сухан меронем. Ҳадафи асосии таҳқиқот муайян кардани мавқеи такмили ихтисоси мактабӣ мебошад, ки ба ташаккули мобилии касбии омӯзгорон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна таъсир мерасонад.

***Калидвожаҳо:*** *мобилнокӣ, такмили ихтисос, мактаб, омӯзиш, омӯзгор.*

**Aminov Muslihiddin**

**THE ESSENCE OF FORMATION OF PROFESSIONAL MOBILITY OF TEACHERS OF SECONDARY EDUCATIONAL INSTITUTIONS BY MEANS OF IN-SCHOOL PROFESSIONAL DEVELOPMENT**

The article examines the essence of the formation of professional mobility of teachers of secondary educational institutions by means of intraschool advanced training, and also in the article we talk about several important and weighty grounds for the formulation of professional mobility of teachers of secondary educational institutions by means of intraschool advanced training. The main objective of the study is to identify the role of in-school professional development, which influences the formation of professional mobility of teachers in secondary educational institutions.

***Keywords:*** *mobility, professional development, school, training, teacher.*

**Сведения об авторе: Аминов Муслихиддин - директор средней общеобразовательной школы №15 г.Душанбе.** тел: , г.Душанбе, р. Шохмансур, эл.почта: m_aminov5@mail.ru

**Information about the author: Aminov Muslikhiddin-**director of secondary school No.15.Dushanbe. tel:, Dushanbe, R. Shokhmansur, e-mail: m_aminov5@mail.ru

**М. АМИНДЖАНОВА**

## АВЕСТИЙСКАЯ КАЛИГРАФИЯ И ШКОЛЬНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ САСАНИДСКОГО ПЕРИОДА

В священной книге «Авеста» Сасанидского периода отражены первоначальные педагогические мысли предков таджикского и персидского народов. Но здесь возникает очень важный вопрос, когда и где была написана «Авеста» и на каком алфавите? Таким образом, вопрос об авестийском алфавите имеет первостепенное значение, т.к. возникновение алфавита и обучение грамоте тоже оказали определенное влияние на развитие педагогических идей.

Некоторые западные исследователи старались доказать, что в ранние века письменных текстов «Авесты» не существовало: они передавались устно от поколения к поколению, и только во время правления Сасанидов были оформлены в письменном виде. Другими словами, время появления авестийского алфавита ими относится к периоду правления Сасанидов. Позже некоторые из них отказались от своих взглядов.

Известный востоковед В.В.Бартольд тоже признавал эту точку зрения ошибочной. В связи с этим Ф.Альтхейм пишет, что колыбель Заратуштры находилась у берегов Охсуса (т.е. Аму-Дарьи) и его учение берёт своё начало оттуда. Впоследствии стало известно, что «Авеста» написана на языке, близком к согдийскому и бактрийскому, а в III в. до н.э. в письменности использовался семитский шрифт с согласными буквами. Древнюю письменность можно примерно описать следующим образом (если семитские буквы заменить на русские):

Срвт, гвшиш, вхишт
винт, свч, мних должно читаться так:
сраота гауштайш вахишта
авйната суча мананха,
Внемлите ушами лучшему,
Воцарите светлым духом [2,4].

Способ чтения письма такого характера был очень сложным. Читателю было необходимо почти наизусть выучить текст. Влияние согласных букв давало ему возможность запомнить текст. Постепенно с необходимостью написания слов количество гласных букв увеличивалось.

Вопрос о времени кодификации Авесты пока ещё нельзя считать решённым. В предшествующих параграфах уже упоминалась традиционная зороастрийская версия о многократной кодификации Авесты.

В настоящее время можно с уверенностью сказать только то, что известная нам запись Авесты так называемым авестийским письмом была произведена только в середине VI в. н.э. в царствование Хосрова I. Важным свидетельством позднего происхождения дошедшей до нас записи является ее письмо, составленное искусственно на основе

развитого курсивного Сасанидского письма – «*книжного пехлеви*». Но является ли эта известная нам запись первичной? Тут точки зрения учёных расходятся. Одни, например Х. Бэйли, считают, что эта запись Авесты – первая и до VI в. текст её из поколения в поколение передавался устно зороастрийскими жрецами, в большинстве случаев уже совсем не понимавшими языка, на котором были составлены их священные гимны. Согласно другой точке зрения, существовала запись Авесты, более ранняя, чем сделанная известным нам авестийским письмом. Эта предполагаемая запись была произведена (при Арташипе Папакане или его преемнике) курсивным пехлевийским письмом, почти не отражавшим гласного состава языка памятника и плохо передававшим особенности его согласных. Запись Авесты авестийским письмом, согласно этой теории, представляет повторную запись или, точнее, фонетическую транскрипцию текста, произведённую при помощи искусственно созданного общества, находившегося ещё на последних ступенях варварства. Другие части создавались в парфянский период, а значительные куски Авесты относятся уже к Сасанидскому времени. Авеста и в Сасанидское время составлялась на мёртвом священном языке. Так как этот язык был непонятен даже большинству жрецов, только в Сасанидский период был сделан перевод Авесты на литературный язык того времени – средне–персидский, или пехлеви и на этом же языке были созданы обширные комментарии к основному тексту. Этот перевод и комментарии получили название **Зенд,** откуда идёт употребительное в Европе ещё в прошлом веке, но неправильное название священной книги зороастрийцев – «Зенд-Авеста».

До нас дошли только незначительные части Сасанидской Авесты. Нужно думать, что исчезновение остальных частей священной книги объясняется, тем, что, когда после завоевания Ирана арабами в VII веке, погибло Сасанидское государство, и общины зороастрийцев оказались в стесненном положении, части Авесты, не имевшие непосредственного отношения к культу, к обрядности, потеряли своё значение и их перестали переписывать.

После вторжения Александра Македонского в Бактрию и Индию в этих странах стал распространяться греческий алфавит. До сих пор сохранилось множество монет и других предметов того периода, с надписями на восточно-иранском языке. Преимущество греческого языка было в том, что слова и фразы произносились точно. Но язык, на котором была написана «Авеста», постепенно отмирал. Это происходило потому, что каждый исторический период имел свой язык. И, возможно, одной из причин исчезновения авестийского языка было вторжение захватчиков в страну арийцев. Поэтому язык предков таджикского народа в течение тысячилетий два раза отмирал и стал непонятным дважды, в результате чего для последующих поколений. Например, письменное наследие Ахеманидского периода оформлено на авестийском языке, а письменное наследие Сасанидского периода – на пехлевийском. Так появились языковые барьеры. Несмотря на трудности культурной жизни таджикского народа, даже на нынешнем этапе развития таджикского языка и его словарного фонда существует много слов, которые в древности входили в состав авестийского языка. В течение многих веков они почти не претерпели изменений, переходя из одной языковой формы в другую, и до сих пор используются в таджикском языке. Например: **ангушто** (**ангушт**) – палец, **ап (об)** – вода, **аспа (асп)** – лошадь, **братар (бародар)** – брат, **гау (гов)** – корова, **мазга (магз)** – мозг, **питер (падар)** – отец, **тафа (таф)** – пар и др. Таким образом, возникла необходимость написания текстов «Авесты» с транскрипцией. Но на каком алфавите? Зороастрийские жрецы не хотели переписывать всю «Авесту» на греческом языке. Поэтому они использовали парфянский алфавит, который давал возможность использовать транскрипцию, и «Авесто» было полностью переписана на этом алфавите. Изобретение нового алфавита явилось большим переворотом, происшедшим в короткое время. Эта работа была осуществлена во II в. до н.э. до царства кушанов.

Наличие алфавита, письменности и написание на нём текстов «Авесты» свидетельствуют о том, что в ранние века иранские племена имели своеобразную культуру. В зороастрийских храмах обучали детей не только основам религии, но и азбуке и грамоте. Таким образом, первые педагогические понятия, такие, как *добро, зло, правда, справедливость, трудолюбие, патриотизм, красота, чистота, скромность, тунеядство* и др., впервые встречаются в книге зороастрийской религии «Авесты». Другими словами, в

«Авесте» отражён комплекс первоначальных педагогических знаний предков таджиков и персов. Моральная триада – добрая мысль, доброе слово, доброе дело – была первоначальной идеей, на основе которой в последующие века таджикскими и персидскими мыслителями были написаны десятки назидательных и дидактических книг. К их числу относятся: «Наставления Хосрава Каводана», «Наставления Бузургмехра», «Наставления дастуров маздаяснийцам», **«Джовидон хирад»** («Вечный разум»), **«Пирӯзнома»** («Книга побед») и многие другие.

Зороастрийская религия – это религия добра, правды, справедливости в мире.

Сердцевину педагогической мысли таджиков составляет интеллектуальный путь развития от **«Авесты»** Заратуштры до **«Шахнаме»** Фирдоуси, научное название по алгебре и арифметике Мухаммада ибн Мусса ал-Хорезми, поэзия Рудаки, Дакики, Хайяма, «Книга о политике» Низомулмулка и многое другое, составившее основу достижений Востока и Запада на многие столетия.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Авеста. Избранные гимны. (Пер. с авест. и коммент. проф. И.М.Стеблин-Каменского. Душанбе. Адиб, 1990. – 175 с.
2. Бабаханов М. Авеста – памятник культуры предков таджикского народа// Проблемы языка, культуры, искусства и Философии Востока. Мат–лы Респ. Научн. Конференции, посвящ. 2700 – летию создания «Авеста» (1-2 ноября 2001 г.). Душанбе, 2001.
3. Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история. Кн.1. Душанбе.: «Ирфон», 1989.334 с.
4. Кадыров К. История педагогической мысли таджикского народа с древнейших времён до возникновения ислама. Душанбе, «Ирфон», 1998 (на тадж. яз.) – 335 с.

**Аминҷонова М.**

## ХАТИ АВАСТОӢ ВА ТАЪЛИМ ДАР МАКТАБҲОИ ДАВРАИ СОСОНИЁН

Дар мақола муаллиф оид ба мавҷудияти алифбоҳо, навиштани он бо матнҳои "Авесто", ки дар маъбадҳои зардуштӣ қайд шудааст, овардааст. Дар ин китобҳо на танҳо асосҳои дин, балки алифбо ва хониш низ таълим дода мешуд. Ва, то ҳол аниқ набудани истилоҳи “Авасто”- ро қайд менамояд. Вале тахмин меравад, ки маънии “панду андарз”, насиҳат ё ки “мадҳия” мебошад. Дар мақола таъкид шудааст, ки дар замони ҳукмронии Сосониён ҳазорҳо маъбаду мактабҳо сохта мешаванд, ки дар онҳо ба наслҳои ҷавон натанҳо алифбо (хати паҳлавӣ) балки савод низ омӯзонда мешуд. Китоби дарсии асосӣ дар ин маъбадхонаву мактабҳо “Авасто” буд. Мӯъбадон ва дабирон матнҳои зиёди “Авасто”-ро аз ёд медонистанд ва онҳоро ба наслҳои ҷавон меомӯзонаданд. Хулоса, мафҳумҳои педагогӣ ва афкори педагогӣ ба қадимтарин соҳаҳои тафаккури инсонӣ тааллуқ дошта, дар китоби “Авасто”, ки сарчашмаи хатии куҳан аст, васф шудаанд. Барои ҳамин ҳам, афкори педагогии қадимтаринро дар давраи аввали ба вуҷуд омаданаш чун педагогикаи халқӣ баррасӣ намудан лозим аст.

***Калидвожаҳо:*** *Ориёиҳо, Сосониҳо, Авасто, занд, навиштан, забон, алифбо, савод, муаллим, матнҳо.*

**Аминджанова М.**

## АВЕСТИЙСКАЯ КАЛИГРАФИЯ И ШКОЛЬНОЕ ОБРАЗОВАНИЕ САСАНИДСКОГО ПЕРИОДА

В статье автор отмечает, о существовании алфавита, и написания на нем текстов «Авесто». Как стало известно обучение детей в зороастрийских храмах велось не только по основам религии, но и алфавиту и чтению, хотя происхождение термина «авако» до сих пор невыявлено. Однако предполагается, что «предостережение» означает советы или «гимн». В статье отмечается, что в Сасанидский период были построены тысячи храмов и школ, чтобы обучать подрастающее поколение алфавиту (пехлевийскому письму) и грамоте. Первым учебником в этих храмах и школах был Авасто. Священники и писцы учили наизусть многие тексты «Авасто» и на основе этого обучали молодое поколение. Таким образом, педагогические концепции и педагогическая мысль относятся к древнейшим областям человеческой мысли и прославлены в книге «Авасто», которая является источником древнего письма. Поэтому древнейшие педагогические идеи в первый период её возникновения следует рассматривать как народную педагогику.

***Ключевые слова:*** *Арийцы, Сосониды, Авасто, Зенд, письмо, язык, азбука, грамота, преподаватель, тесты.*

Amindjanova M.

**AVESTA CALLIGRAPHY AND SCHOOL EDUCATION OF SASSANIAN PERIOD**

In the article, the author notes that the existence of the alphabet, writing the texts "Avesto" on it, teaching children in Zoroastrian temples not only the basics of religion, but also the alphabet and reading, although the term "avako" is still unclear. However, "warning" is meant to mean advice or a "hymn." The article notes that during the Cacanian period, thousands of temples and schools were built to teach the younger generation the alphabet (Pahlavi writing) and literacy. The first textbook in these temples and schools was Avasto. The priests and scribes have learned by heart many of the texts of "Avasto" and taught them to the younger generation. Thus, pedagogical concepts and pedagogical thought belong to the most ancient areas of human thought and are glorified in the book "Avasto", which is the source of ancient writing. Therefore, the oldest pedagogical ideas in the first period of its emergence should be regarded as folk pedagogy.

***Key words:*** *Aryans, Sosonids, Avasto, Zend, writing, language, alphabet, literacy, teacher, texts.*

**Сведения об авторе: Аминджанова Мавлюда Самиджановна** - проректор по воспитательной части Горно-металлургического института Таджикистана, кандидат педагогических наук, доцент,тел: 927934499,г.Бустон, ул. А. Баротов 6
mavluda211973@mail.ru

**Information about the authors: Amindjanova Mavluda Samidjanovna** – vice-rector of educational part of Mining Metallurgical Institute of Tajikistan, assistant professor candidate of pedagogical sciences, phone number: 927934499, Buston town, A. Баротов str, 6 mavluda211973@mail.ru

**С. ЗОИДОВА**

# МОҲИЯТ ВА МАХСУСИЯТҲОИ ПАЖӮҲИШИ МАСОИЛИ ТАРБИЯИ ЗЕБОИШИНОСИИ ХОНАНДАГОН

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф” (2013 с.) [5] ба самти баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи насли наврас, ташаккули шакл ва усули тарбияи зебоипарастии мактаббачагон дар мактаб, ташаккули ҳисси маърифати дурусти тарзи ҳаёти солим, завқи бадеӣ, баҳодиҳӣ ба ҳунар, зебоӣ ва боигарии табиати инсонҳоро иҳотанамуда аҳамияти махсус зоҳир карда шудааст. Тарбияи зебошиносӣ дар ҳақиқат дар низоми раванди таълиму тарбия ҷойгоҳи махсус дорад, зеро дар асоси он на танҳо рушди сифатҳои зебошиносии инсон, балки ташаккули шахсият ба таври куллӣ қарор гирифтааст, ки зимнан моҳияти қувваҳо, талаботи маънавӣ, ғояҳои ахлоқӣ, тасаввури шахсӣ ва ҷамъиятиро фаро мегирад. Ҳамаи ин сифатҳо дар вуҷуди инсон тавассути таъсири омилҳои мухталиф рушд мекунанд. Табиат, муҳити атроф, оила, меҳнат ва воқеияти моро фарогирифта моҳияти тарбиявӣ доранд ва онҳо ба таври зебо дар назари мо ҷилвагар мешавад.

Таъсиррасонии зуҳуроти зебои зиндагонӣ ва санъат ба шахсият метавонад ҳам мақсаднок ва ҳам ба таври муқаррарӣ сурат гирад. Дар ин раванд мактаб нақши муҳим дорад. Дар ҳаллу фасли ин вазифаҳо ҳамчунин фанҳои таълимии мактабӣ, ба монанди адабиёт, суруд ва мусиқӣ, санъати тасвирӣ, зебошиносӣ, ки воситаи ба вуҷуд овардани сифатҳои зебошиносии инсон ба шумор мераванд, нақши муассир доранд.

Тарбияи зебошиносӣ дар вуҷуди инсон қудрати қабули зебоиҳои дар санъат ва дар ҳаёт, қабули дурусти фаҳмиш ва баҳо додан ба онро эҷод мекунад. Дар заминаи омӯзиши тарбияи зебошиносӣ Б.Т.Лихачев қайд мекунад, ки дар ин раванд" ба вуҷудоӣ ва рушди маърифати образнок ва ғоявию ҳисии иқтидор ба эҷодиёт, завқи бадеӣ, фаъолияти навоварӣ ва маҳорат ва рафтор нисбат ба қонунҳои зебоишиносӣ ташаккул меёбанд "[7].

Ғояи тарбияи зебошиносӣ ҳанӯз дар даврони дури таърих ба вучуд овардааст. Тасаввурот дар бораи моҳияти тарбияи зебоишиносӣ, мақсад ва вазифаҳои он дар даврони Афлотун ва Арасту ба тағирот дучор шуда, то замони мо омада расидаанд. Ин тағирот дар андешаҳо бо ташаккули зебошиносӣ ҳамчун илм ва фаҳмиш дар бораи моҳияти ашё ба мушоҳида мерасад. Зебошиносӣ ё Эстетика – ин илми фалсафӣ дар бораи зебоӣ дар воқеият ва санъат, роҷеъ ба хусусиятҳои маърифат ва азнавсозии оламе “дар бораи қонунҳои зебоӣ”, “дар бораи қонуниятҳои санъат, эҷодиёти бадеӣ ва тарбияи зебошиносии инсон ба шумор меравад. Аз ин муайянкунии умумӣ маълум мешавад, ки эстетика доираи мухталифи қонуниятҳои баҳамтаъсиргузории инсонро бо воқеият дар ҳолатҳои зерин меомӯзад: аввал, қонуниятҳои бавуҷудоӣ, фаъолият ва рушди муносибатҳои зебошиносӣ

ва ба воқеият дар вуҷуди инсон ва ҷомеа, ки дар маърифати махсуси ҳиссии инсон аз ҷаҳон муайян мешаванд; дувум, қонуниятҳои фаъолияти зебошиносии инсонҳо ки дар ҷаҳон тавассути талабот ва паёмҳо ба вуҷуд меоянд; савум, қонуниятҳои бавуҷудоии санъат ва эҷодиёти бадеӣ; чорум, қонуниятҳои рушди зебоишиносии шахсият, ба вуҷуд омадани фарҳанги зебоишиносӣ.

Муаммои тарбияи зебошиносӣ ва рушди шахсияти инсон, бавуҷудоии маънавиёти ӯ дар шумораи зиёди тадқиқоти фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогӣ таҷассуми худро ёфтааст. Мафҳуми «эстетика» бори аввал ба муомилоти илмӣ тавассути баррасиҳои илмии файласуфи олмонӣ А.Баумгартен ворид гардид. Дар замони муосир истилоҳи «эстетика» яке аз улуми фалсафаро ифода мекунад, ки ду доираи зуҳуроти ба ҳам алоқамандро меомӯзад, яке соҳаи зебошиносӣ ҳамчун зуҳуроти махсуси арзишманди муносибати инсон ба ҷаҳон ва дигаре соҳаи фаъолияти эҷодии инсон мебошад. Таърихи рушди афкори зебошиносӣ якчанд марҳиларо паси сар намудааст. Ҳамин тавр, дар аҳди бостон, асрҳои миёна, замони эҳё ва маорифпарварии аввал санадҳои дар вуҷуди инсонҳо дар раванди маърифати ҳисси зуҳур кардани муносибатҳои фаъол ва арзи ба онҳо, ки дар ҳолати ранҷ кашидан ошкор мешавад, ба мушоҳида мерасад. Дар ин давра, нишонаҳои зуҳури илм дар бораи маърифати ҳиссии воқеият ба вуҷуд омад. Фалсафаи олмон (И.Кант, Г.Гегел, А.Шопенгауэр, Ф.Шеллинг, Ф. Шиллер ва д.) ба ташаккул ва рушди афкори зебоишиносӣ таъсир матлуб гузошт. Дар Русия бошад В.Г.Белинский, Н.Г.Чернышевский, А.И.Герцен, Н.А.Добролюбов ва дигарон барои пешрафти афкори зебоишиносӣ иқдом намуданд, ки дар натиҷаи он назария ва консепсияи зебошиносии демократҳои рус барои рушди минбаъдаи ҷаҳонбинии зебоишиносии муосирони онҳо шомил гардид. Дар солҳои 20-30-асри XX ба сифати тамоюли тарбияи зебошиносӣ нақши омилҳои ҳиссӣ дар ҳаёти инсонҳо ҳамчун сифати ҷудонопазири устувории ботинии ҷаҳон, санъат чун воситаи тарбия, нақши фаъолияти зебошиносии инсон дар ҷомеа, қудратҳои эҷодӣ барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият баррасӣ гардид. Дар солҳои 30-40 бошад, бештар ба ягонагии зебошиносӣ ва ахлоқ, зебоӣ ва фаҳмиши дурусти ташкили ҳаёти шахсият таваҷҷуҳ равона гардид. Дар ин давра завқи махсусро тарбияи бадеии бачагон дар мактабҳо ташкил дод. Дар солҳои 50-60-ум бознигарии ақидаҳои мавҷуда дар бораи тарбияи зебоишиносӣ ба вуҷуд омад. Муҳаққиқон ба алоқамандии дуҷонибаи тарбияи ахлоқӣ бо тарбияи зебошиносӣ, ба вуҷуд овардани равиши куллӣ барои тарбияи шахсият аҳамият зоҳир намуданд.

Дар солҳои 70-ум раванди ташаккули шахсият ба татбиқи дархостҳои иҷтимоии ҷомеа равона гардида, як қатор ҳуҷҷатҳои аз дидгоҳи тарбияи зебошиносӣ қабул гардида, ба барномаҳои асосҳои зебошиносӣ (Д.Б. Ковалевский, Б.М. Коменский) мутобиқ гардонида, дастурҳои аввалин барои омӯзгорон нашр шуданд. Чунин ҳолат дар солҳои 80-ум ҳифз шуда, дар ин марҳила аз нав таваҷҷуҳ ба муаммоҳои назарӣ ва амалии тарбияи зебоишиносӣ ҳамчун воситаи муҳимми ташаккули ҳамаҷонибаи маънавии шахсият афзун гардид. Дар ҳуҷҷатҳои асосӣ вазифаи мактаб мусоидат дар рушди имкониятҳои эҷодии хонандагон, маърифати бадеии хонандагони оянда, шунавандон ва тамошобинон таҷассум ёфт. Дар марҳилаи гузариш ба вуҷуд овардани ташаккули ҷаҳонбинии шахсият вобаста ба ғояҳои эстетикӣ ва тарбияи эстетикӣ тавассути анвоъи санъат (адабиёт, мусиқӣ ва фаъолияти эҷодӣ) нақши муҳим касб намуд. Таҳлили дурнигаронаи афкори эстетикӣ самти ҷустуҷуҳои минбаъдаро муқаррар гардонид.

Таҳлили корҳои таҳқиқотӣ имконият дод, ки ҳолатҳои мухталиф дар маърифати мафҳуми «тарбияи зебоишиносӣ» муайян карда шавад: ташаккули муносибатҳои эстетикии инсон ба воқеият (Б.Т.Лихачев, С.Т.Шацкий, Н.И.Киященко, М.С.Каган, В.К.Скатерщиков, В.А.Разумовский ва дигарон); Тарбияи қудратҳои маърифатӣ, фаҳмили дурусти зебоишиносӣ дар воқеият ва санъат, рушди ақидаҳои эстетикӣ, шавқу зебоӣ дар ҳаёт ва санъат (О.А.Апраксина, Н.А.Ветлугина, Т.Д. Полозова, С.Т. Шацкий ва диг.); чун низоми чорабиниҳое, ки рушди ҷисмонӣ ва маънавии неруи инсонро таъмин мекунад (Г.Н.Ҷибладзе ва ғ.).

Гуногунрангии фаҳмиши моҳияти тарбияи эстетикӣ равишҳои мухталифи шинохт ва муайян намудани мақсадҳояшро асоснок мегардонад. Вобаста ба ин, муаммои мақсад ва вазифаҳои тарбияи эстетикӣ таваҷҷуҳи махсусро тақозо мекунад. Тавре таҳлили мо нишон дод, миёни олимони соҳаи педагогӣ баъзе андешаҳои нодуруст дар бораи ҳуввияти

тарбияи зебошиносӣ ва бадеӣ мавҷуд аст. Барои ҳамин зарурати дақиқ намудан ва муқаррар сохтани сарҳади ҳарду мафҳум пеш меояд. Масалан, В.Н.Шацкая дар назди тарбияи эстетикӣ чунин мақсадҳоро мегузорад: "Тарбияи зебошиносӣ барои ташаккули қудрати муносибатҳои фаъоли хонандагон ба санъат хидмат намуда, ширкати онҳоро дар ба вуҷуд овардани унсурҳои эҷодӣ дар санъат, меҳнат ва инчунин қонуниятҳои зебоӣ устувор мегардонад[12]. Аз ин муайянкунӣ маълум мешавад, ки ин муҳаққиқ дар тарбияи зебошиносӣ мақоми санъатро асосӣ ба мешуморад.

Санъат ин қисми фарҳанги зебоишиносӣ мебошад, онгуна ки тарбияи бадеӣ низ қисми муҳими тарбияи зебошиносӣ аст, ҳарчанд танҳо як соҳаи фаъолияти инсонро дарбар мегирад. "Тарбияи бадеӣ раванди мақсадноки таъсиррасонии воситаҳои санъат ба шахсият мебошад, ки бо шарофати онҳо дар тарбиятгиранда ҳисси бадеӣ, шавқ, муҳаббат ба санъат, кӯшиши дарки он, лаззат бурдан, қудрати аз рӯйи имконият эҷод дар санъат ба вуҷуд меояд. "[9]. Тарбияи эстетикӣ нисбатан васеъ буда, он низ чун эҷодиёти бадеӣ ва зебошиносӣ маишат, рафтор, меҳнат ва муносибатро фаро мегирад. Тарбияи эстетикӣ дар вуҷуди инсон ҳамаи арзишҳои зебоишиносии ашё ва зуҳурот, аз ҷумла, санъат ва воситаҳои муқтадири онро тарбия мекунад. Тарбияи зебошиносӣ бо истифодаи тарбияи бадеӣ барои мақсадҳои худ инсонро асосан на барои бадеият, балки фаъолияти густурдаи ҳаётии он ташаккул медиҳад.

Дар канори равишҳои педагогӣ инчунин усулҳои равоншиносӣ низ ҷой доранд. Моҳияти онҳо дар он ифода меёбад, ки дар раванди тарбияи эстетикӣ дар кӯдакон шуури зебошиносӣ ташаккул меёбад. Шуури зебошиносиро олимони соҳаи педагогика ва равоншиносон ба як қатор категорияҳо қисмат мекунанд, ки онҳо моҳияти тарбияи зебошиносиро ифода намуда, барои баррасии дараҷаҳои фарҳанги зебошиносии инсон имконият фароҳам меоварад. Бештари муҳаққиқон чунин категорияҳоро ҷудо мекунанд: маърифати зебоишиносӣ, завқи зебошиносӣ, ғояи зебошиносӣ, баҳодиҳии зебошиносӣ. Д.Б. Лихачев низ чунин категорияҳоеро чун ҳисси зебошиносӣ, талаботи зебоишиносӣ ва муҳокимаи зебошиносӣ ҷудо намудааст[7]. Муҳокимаи зебошиносиро инчунин доктори илмҳои философӣ, профессор Г.З. Апресян муқаррар намудааст[1]. Дар бораи категорияҳое чун баҳодиҳии зебошиносӣ, муҳокима ва таъсирпазирии зебошиносӣ низ ақидаҳои мушаххаси илмӣ баён намудааст.

Дар баробари унсурҳои муҳими дигари шуури эстетикӣ маърифати эстетикӣ низ рукни асосии он ба шумор меравад. Маърифат марҳилаи ибтидоии муоширaт бо санъат ва зебоишиносии воқеӣ ба шумор меравад. Аз камолот,барҷастагӣ ва вусъати он ҳамаи ранҷҳои зебоишиносӣ, ташаккули ғоя ва завқҳои бадеиву зебоишиносӣ вобастагӣ дорад. Д.Б. Лихачев маърифати зебошиносиро чунин тафсир мекунад:: "Қудрати инсон тавассути зуҳуроти воқеӣ ва санъат, таркиб, сифатҳои барангезандаи ҳиссиёти зебоишиносӣ баршумурда мешавад "[7]. Танҳо дар ҳамин сурат ба таври пурра аз худ намудани зуҳуроти зебошиносӣ, мундариҷа ва шакли онро аз худ кардан мумкин аст. Ин тақозои онро дорад, ки дар мактаббачагон қудрати фарқи амиқ гузоштан миёни шакл, ранг, баҳои сохторӣ, оҳанги мусиқӣ, фарқияти овозҳо, лағзишҳои овозӣ ва дигар имкониятҳои ҳиссиро ташаккул медиҳад. Рушди фарҳанги маърифат низ оғози муносибатҳои зебошиносона бо ҷаҳон ба шумор меравад.

Зуҳуроти эстетикии воқеият ва санъат, ки ба таври васеъ аз ҷониби одамон қабул шудаанд, барои ба вуҷуд овардани ангезаи бои зебошиносӣ қодир аст. Ба ақидаи Д.Б. Лихачев вай ҳамчун ҳиссиёти асосии зебошиносӣ баромад мекунад. Дар таркиби худ ранҷу азияти иҷтимоӣ, субъектикии ҳиссиро, ки бар асоси муносибати инсон ба зуҳуроти эстетикӣ ё ашё ба вуҷуд омадааст, ифода мекунад "[7].

Вобаста ба мундариҷа, таҷассуми равшани зуҳуроти зебошиносӣ имконияти он аст, ки дар вуҷуди инсон ҳисси оромиши рӯҳӣ ё танаффур нисбат ба он, бадбинӣ ва норизоиву ҳисси тамасхур шакл бигирад. Д.Б.Лихачев қайд мекунад, ки тавассути таҷрибаи чандкарата дар вуҷуди инсон талаботи эстетикӣ ба вуҷуд меояд, ки дар худ ниёзҳои қатъӣ ба муоширати инсонро бо арзишҳои бадеиву зебоишиносиро ташаккул медиҳад, ки онҳо ранҷу азияти фаровонеро ба пеш меоваранд " [7].

Унсури марказии шуури эстетикӣ ғояи зебоишиносӣ мебошад. “Ғояи зебоишиносӣ тасаввури инсони дар бораи зебоии комили зуҳуроти моддӣ, маънавӣ, ахлоқиву бадеии ҷаҳон мебошад" [2]. Ба таъбири дигар, ин тасаввурот дар бораи зебоии комил дар табиат,

ҷамъият, инсонҳо, меҳнат ва санъат пайдо мешавад. Н.А. Кушаев қайд мекунад, ки барои синну соли мактабӣ ноустувории тасаввурот дар бораи ғояи зебошиносӣ хос аст. "Хонанда қодир аст, ки ба суоли кадом асар ва ё санъат ба ӯ писанд аст, ҷавоб диҳад. Онҳоро китоб, тасвир ва асарҳои мусиқӣ метавон номид. Ин осор нишондоди завқи бадеӣ ва зебошиносии ӯ буда, барои фаҳмиши ғояҳои вай ба ҳукми калид хидмат мекунанд, вале намунаҳои мушаххаси тавсифкунандаи ғояҳо буда наметавонад"[4]. Имкон дорад, ки сабаби ин норасоии таҷрибаи ҳаётии кӯдак, донишҳои нокофӣ дар соҳаи адабиёт ва санъат бошад, ки имкониятҳои ташаккули ғояро маҳдуд мекунад.

Категорияи дигари тарбия маълумоти мураккаби иҷтимоӣ-равоншиносӣ – завқи эстетикӣ мебошад. А.И.Буров онро ҳамчун “таркиби устувори шахсият маънидод мекунад, ки дар он меъёрҳо, тасаввуроти ба омилҳои шахсии ҷиҳати ба баҳодиҳии зебошиносӣ ва зуҳуроти дигар хидматкунанда таҷассум ёфтаанд. "[2].Барои мо муайянкунии зерини А.К. Дремов мувофиқи мақсад мебошад "Завқи бадеӣ – иқтидори бевосита ва бидуни таҳлил эҳсос намудан, фарқ кардани арзишҳои зебошиносии зуҳуроти табиат, ҳаёти ҷамъиятӣ ва санъат мебошад "[3]. Завқи зебошиносӣ дар инсон дар давоми чандин сол ташаккул меёбад, хоса дар давраи ташаккули шахсият. Дар кӯдакони хурдсоли синни мактабӣ дар ин бора сухан гуфтан душвор аст. Гоҳо ин ҳаргиз маънои онро надорад, ки завқи зебошиносиро дар кӯдакони синни хурди мактабӣ ташаккул додан ғайриимкон аст.

Баръакси ин, маълумоти эстетикӣ дар хурдсолӣ ҳамчун асос барои зуҳури завқи инсон хидмат мекунад." [9]. Дар мактаб кӯдак имконият дорад, ки бо зуҳуроти санъат ба таври мунтазам ошно шавад. Барои омӯзгор ҷалби таваҷҷуҳи хонандагон ба сифатҳои зебошиносии зуҳуроти ҳаёт ва санъат душвор нест. Ҳамин тавр, ба тадриҷ дар хонандагон маҷмӯи тасаввуроти тавсифкунандаи хислат ва талаботи ӯ ташаккул меёбад. Аз ин баррасиҳои метавон ба натиҷае расид, ки тамоми низоми тарбияи зебоишиносӣ ба рушди куллии кӯдак чун дар нақшаи умумӣ ва ҳам ҳадафҳои маънавӣ ва ахлоқӣ равона шудааст. Ин ба воситаи иҷрои вазифаҳои зерин ҳосил мешавад: ба кӯдакон додани донишҳо дар бораи фарҳанги бадеӣ-эстетикӣ, рушди касби иқтидори эҷодии бадеӣ- эстетикӣ ва сифатҳои зебоишиносии равонӣ.

Мафҳуми “тарбияи эстетикӣ” дар низоми назарияи тарбияи эстетикӣ умумӣ мебошад. Вай дар худ якчанд мафҳумҳои аз он вобастаро ифода мекунад. Миёни онҳо метавон мафҳумҳои зеринро таъкид кард: рушди зебоишиносӣ, завқи эстетикӣ, ғояҳои эстетикӣ, ҳиссиёти зебоишиносӣ.

Рушди эстетикии шахсият дар зери таъсири тарбия сурат мегирад ва қисми таркибии рушди равонӣ буда, мундариҷаи сифатҳои эстетикии шахсиятро ғанӣ мегардонад. Мутаносибан ба ин, рушди эстетикии мактаббачагони хурдсол ҳамчун раванди бавуҷудоии сифатҳои зебоишиносии шахсият баррасӣ карда мешавад. Муваффақияти тарбияи эстетикии мактаббачагон дар раванди ташаккули шахсияти хурдсолон аз дараҷаи омилҳои иҷтимоӣ, илмӣ- равоншиносии шахсият (сохтори шахсият, рушди шахсият, таъсир ба самтҳои талабот ва мутобиқшавии шахсият ба тарбияи эстетикӣ) назарӣ-педагогӣ ва фарҳангӣ- миллӣ (фарҳанги миллӣ ва хусусиятҳои мактаби миллӣ) вобаста аст. Тарбияи эстетикӣ, бо назардошти ташаккули муносибатҳои эстетикӣ нисбат ба воқеият ва фаъолияти эстетикӣ мутобиқгардонии таълими хонандагон ба арзишҳои умумиисонӣ нисбат ба фарҳанги миллӣ равона карда мешавад. Дар чунин шароит ба ташкили таълим бо забони модарӣ, муқаддимаи унсури миллӣ- минтақавӣ дар нақшаҳои таълимии мактаб, ҳамкории мақсаднок, таъсиррасонӣ ба шахсияти хонандагон ҳамчун сарчашмаи шинохти ҷалби онҳо ба арзишҳои фарҳанги миллӣ амри муҳим ва зарурӣ ба шумор меояд.Фарҳанг ба унвони дараҷаи муайяни рушди таърихии ҷомеа ва қувваҳои истеҳсолии он яке аз муҳимтарин омилҳои тарбияи зебоишиносӣ ба шумор меравад.

Дар марҳилаи нави рушди ҷомеа омилҳои муҳимтарини рушди инсон ғанои фарҳанги маънавӣ, озодии рӯҳӣ, дараҷаи баланди қудрати ахлоқӣ, завқи хуби зебоишиносӣ, таҳаммулпазирӣ дар муоширати байни миллатҳо ва ҷомеа ба шумор меравад. Рушди ин сифатҳо аз ташкили фаъолияти таълимии хонандагон вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, ташаккули сифоти мазкур бидуни ба вуҷуд овардани низоми босамари таълим ва тарбия ғайриимон аст, зеро фаъолнокии таҳсилоти ибтидоӣ, ба вуҷуд овардани ташаккули завқи хонандагон дар бисёр маврид аз ташкили ҷараёни таълим барои мактаббачагон вобаста аст. Вазифаҳои асосии таҳсилоти ибтидоӣ дар шароити имрӯза ба

вуҷуд овардани фазои маънавӣ дар мактаб ва ташаккули олами ботинии хонандагон, тарбияи сифатҳои ахлоқӣ ва зебоишиносӣ бо назардошти рушди иҷтимоӣ ва психофизикии инсон дар зери таъсири санъат ва дигар унсурҳои зебоишиносӣ ба шумор меравад. Асосҳои фарҳанги зебоишиносӣ дар синнусоли хурди мактабӣ бар асоси худташаккулдиҳии шахсият ҷараён гирифта, ба худшиносии хонандагон ва дигар субъектҳои фаъолияти зебоишиносӣ омил мешавад. Дар иртибот ба ин, ҷустуҷӯи равишҳои нав ба ташкили таълим ва тарбия, аз ҷумла татбиқи вазифаҳои тарбиявии таълим арзиш ва аҳамияти муҳим касб мекунад.

Раванди ташаккули завқи зебоишиносии шахсият аз рушди талабот ва қудрати маърифати зебоишиносӣ дар ҳар як нафар оғоз мешавад. Маърифати зебоишиносӣ дар дараҷаи муайян аз ҷаҳоншиносии инсон фарқ мекунад. Сухан дар бораи он меравад, ки маърифати зебоишиносӣ ин маърифати тасвирии объект ва равандҳои ҷаҳони моддӣ ва ҳаёти маънавии одамон мебошад. Дар ин ҷо тасвирпазирӣ пеш аз ҳама аз мураккабии тасаввуроти инсонҳо дар бораи зебоӣ ва беинтиҳоии олам сарчашма мегирад, ки дар ҳолу ҳавои мухталиф таҷассум меёбад.

Дар марҳилаи оғози рушди зебошиносии шахсият нақши асосиро омӯзгор-мураббӣ мебозад. Дар бисёр маврид аз рӯи он муқаррар мешавад, ки омӯзгор дар кадом андоза ба иҷрои рисолати хеш омода аст: дар кадом дараҷа худи ӯ боигариҳои зебоишиносиро аз худ кардааст ва то андоза дар ӯ қудрати маърифати амиқи зебоиҳо ташаккул ёфтааст. Ҳаргиз қудрати маърифати хубиву бадӣ дар инсон якбора таваллуд намешавад. Инсон имкон дорад, ки танҳо бо омодагӣ ба чунин маърифат ба дунё ояд.

Тасвирнокии маърифати зебошиносӣ аз он иборат аст, ки ҳамаи гуногунрангиҳои ахбори дар шуури мо ворид шуда инсонро ба худ ҷалб намуда, мундариҷаи зебоишиносиро ба вуҷуд меоваранд. Дар асоси чунин ахбор образи ашё ва зуҳурот, ки боис ба ангезаи ҳиссии бавуҷудовардаи таассурот мешавад, ба вуҷуд меояд, ки дар натиҷа ба инсон қаноатмандӣ, шодмонӣ, ғам ва дигар ҳоли ҳиссиро эҷод мекунад. Баробари ба вуҷуд омадани чунин ҳиссиёт инсон водор мешавад, ки ба ҷустуҷӯи ашё ва зуҳароти нав бархезад ва ин ҳолат ба такрор ба вуҷуд меояд.

Масоили тарбияи зебошиносии хонандагон қисмати муайяни пажӯҳишҳои пурарзиши олимон-педагогони муосири тоҷик аз қабили Лутфуллоев М.,Шарифзода Ф.,Каримова И.Х.,Сабуров Х.М.,Шарипова О. [6,10,8,11]-ро ташкил медиҳад,ки дар амалӣ намудани тарбияи эстетикии насли наврас ва талаботи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи созгорро мебозанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Апресян Г.З. Человеку быть художником.- М.: Мол. гвардия, 1965. 128 с.
2. Буров А.И. Эстетическое воспитание в школе. -М., 1980.136с.
3. Дремов А.К. Основы эстетического воспитания. - М., 1975.327с.
4. Кушаев Н.А. Эстетическое воспитание школьников на образцах архитектурных памятников. - М., 2013
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», 22 июли соли 2013
6. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик /М.Лутфуллоев.-Душанбе:Сифат,2015.-704с.
7. Лихачев Б.Т. Эстетическое воспитание в школе. Вопросы системного подхода.- М.:1980
8. Сабуров Х.М. Ташаккули донишҳои эстетикии донишҷӯён ҳамчун бунёди назариявии тарбияи эстетикии хонандагон //Номаи донишгоҳ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ №3(60). - Хуҷанд, 2019. - С.133 – 136. ISSN 2077-4990
9. Фортова Л. К. Значение эстетического воспитания младших школьников для их социализации //Международный научный журнал «Символ науки» №3,2018
10. Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи шаҳрвандӣ / Ф.Шарифзода. - Душанбе:Ирфон,2010.-544с.
11. Шарипова О. Проблема подготовки учителя к эстетическому воспитанию учащихся школ Вестник Таджикского национального университета, 2012
12. Шацкая В.Н. Эстетическое воспитание детей в семье. — М., 1954

Зоидова С.

## МОҲИЯТ ВА МАХСУСИЯТҲОИ ПАЖӮҲИШИ МАСОИЛИ ТАРБИЯИ ЗЕБОИШИНОСИИ ХОНАНДАГОН

Дар мақола масъалаҳои асосии ба тарбияи зебопарастӣ водор намудани насли наврас мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Пеш аз ҳама, зарурияти тарбияи эстетикии хусусан насли наврас ва мақоми алоҳида доштани он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» қайд карда шудааст. Ҳамзамон таъсиррасонии зебоӣ ва санъат бо рушди ҳаматарафаи шахсият аз нигоҳи олимони давраҳои гуногун нишон дода шудааст, аз ҷумла, назарияҳои асосноки илмии Б.Т.Лихачев, И.Кант, Г.Гегел, Ф.Шеллинг, Ф.Шиллер, В.Г.Белинский, Н.Г.Чернишевский, Н.А.Добролюбов ва ғайраҳо. Аз тарафи муҳаққиқ ғояҳои тарбияи зебошиносӣ дар даврони қадим (осори Афлотун ва Арасту) низ баён гардидааст, ки қадимӣ ва ҳалталаб будани мавзӯро нишон медиҳад. Дар мақола ҳамчунин масъалаҳои мафҳуми тарбияи зебошиносӣ, тарбияи эстетикӣ, ақидаҳои эстетикӣ, шавқу зебоӣ дар ҳаёт ва санъат, рушди ҷисмонӣ ва маънавии неруи инсонӣ, қонуниятҳои зебоӣ, ғояи зебоишиносӣ, баҳодиҳии зебошиносӣ, маърифати эстетикӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Аз тарафи муҳаққиқ рушди эстетикии шахсият аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шуда, мундариҷаи сифатҳои эстетикии шахсият ҳамчун раванди бавуҷудоии сифатҳои зебоишиносии он баррасӣ карда шудааст. Дар ҷодаи рушди тарбияи эстетикии хонандагон нақши омӯзгор низ нишон дода шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *тарбияи зебопарастӣ, тарзи ҳаёти солим, завқи бадеӣ, зебоӣ, табиат, муҳити атроф, оила, мактаб, хонанда, санъати тасвирӣ, суруд ва мусиқӣ, эстетика, афкори зебошиносӣ, рушди ҷисмонӣ ва маънавӣ, тарбияи бадеӣ, шуури эстетикӣ, маърифати эстетикӣ, рушди эстетикии шахсият, омӯзгор, мураббӣ.*

Зоидова С.

## СУЩНОСТЬ И ОСОБЕННОСТИ ИССЛЕДОВАНИЯ ЭСТЕТИЧЕСКОГО ВОСПИТАНИЯ УЧЕНИКОВ

В статье исследуются и анализируются основные вопросы, направляющие подрастающее поколение на эстетическое воспитание. В первую очередь необходимость эстетического воспитания, особенно подрастающего поколения, его особый статус подчеркивается в Законе Республики Таджикистан «Об образовании». В то же время влияние эстетики и искусства на всестороннее развитие личности, рассматриваемыми учёными разных периодов, в том числе обоснованные научные теории Б.Т. Лихачева, И. Канта, Г. Гегеля, Ф. Шеллинга, Ф. Шиллера, В. Белинского, Н.Г. Чернышевского, Н.А. Добролюбова и другие. Исследователь также выражает идеи эстетического воспитания в античности (произведения Платона и Аристотеля), что свидетельствует о древности и актуальности предмета. В статье также исследуются и анализируются концепции эстетического воспитания, эстетических идей, интереса к жизни и искусству, физического и духовного развития человеческого потенциала, законов красоты, идеи эстетики, эстетической оценки, эстетического познания. Исследователь обосновывает эстетическое развитие личности с научной точки зрения, а содержание эстетических качеств личности рассматривает как процесс проявления ее качеств красоты.

***Ключевые слова***: *эстетическое воспитание, здоровый образ жизни, художественный интерес, красота, природа, окружающая среда, семья, школа, ученик, изобразительное искусство, пение и музыка, эстетика, эстетические мысли, физическое и духовное развитие, художественное воспитание, эстетическое сознание, эстетическое познание, эстетическое развитие личности, педагог, воспитатель.*

Zoidova S.

## NATURE AND SPECIFICATIONS OF RESEARCH ISSUES ON AESTHETIC EDUCATION OF STUDENTS

The article studies and analyzes the main issues that motivate the younger generation to aesthetic education. First of all, the need for aesthetic education, especially of the younger generation, and its special status is emphasized in the Law of the Republic of Tajikistan "On Education". At the same time, the influence of beauty and art on the comprehensive development of personality has been demonstrated by scientists of different periods, including the well-founded scientific theories of BT Likhachev, I. Kant, G. Hegel, F. Schelling, F. Schiller, V.G. Belinsky, NG Chernyshevsky, NA Dobrolyubov and others. In honor of the researcher, the ideas of aesthetic education in antiquity (the works of Plato and Aristotle) are also expressed, which shows the antiquity and relevance of the subject. The article also studies and analyzes the concepts of aesthetic education, aesthetic ideas, interest in life and art, physical and spiritual development

of human potential, the laws of beauty, the idea of aesthetics, aesthetic assessment, aesthetic education. The researcher substantiates the aesthetic development of the personality from a scientific point of view, and considers the content of the aesthetic qualities of the personality as a process of the emergence of its aesthetic qualities.

***Keywords:*** *aesthetic education, healthy lifestyle, artistic taste, beauty, nature, environment, family, school, student, fine arts, song and music, aesthetics, aesthetic thought, physical and spiritual development, artistic education, aesthetic consciousness, aesthetic education, aesthetic development of personality, teacher, tutor.*

**Сведения об авторе: Зоидова Сабоат Абдуманоновна** – соискатель ХГУ имени академика Б.Гафурова; Тел.: (+992)929341177; E-mail:saboat1977@mail.ru

**Information about the author**: **Zoidova Saboat Abdumanonovna** – reseach worker of Khujand State University named after academician Bobojon Gafurov; тел.: (+992)929341177; E-mail:saboat1977@mail.ru

**С. КАХОРОВА**
**М. ИМОМОВА**

## ИМКОНИЯТҲОИ КИТОБИ ДАРСӢ ДАР БЕДОР КАРДАНИ ШАВҚИ ХОНАНДАГОН БА ДОНИШ

Дар марҳалаи имрӯзаи рушди низоми таҳсилот яке аз мушкилоти мубрами навсозии мундариҷаи таълим ин гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ мебошад, ки ба навсозии мундариҷаи таълим дар соҳаи математика равона карда шудаанд. Бо назардошти аҳамияти ин муаммо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2020-2040 -ро "Бист соли омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва математика" эълон кард. Аз ин рӯ, дар айни замон, олами педагогӣ дар ҷустуҷӯйи мундариҷаи нави таълим мебошад.

Китобҳои дарсии кунунӣ ҳам аз ҷиҳати мазмуни маводи пешниҳодшуда ва ҳам шакли пешниҳоди он ба таҷдиди назар ниёз доранд. Мазмуни мавод бояд ба хусусиятҳои психологӣ, шавқ ва ниёзҳои хонандагон мувофиқат кунад. Мазмуни фан - математика бояд таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ ва муносибатҳои эмотсионалӣ-арзиширо инъикос намояд.

Китоби дарсӣ ҳамчун воситаи муҳимтарини омӯзиш тарҳрезӣ шудааст, ки ба ташаккул додани зарурати на танҳо азхуд кардани мундариҷаи мушаххаси мавзӯъ, миқдори муайяни иттилоот, балки қобилияти ба таври умумӣ омӯхтани мавзӯҳо, эътимоднокии дониш ва дар шароити мушаххас татбиқ кардани он кӯмак мерасонад.

Мазмуни таълими математикӣ ҳам дар зери таъсири талаботи ҷомеа ба дониши математикии шаҳрвандон ва ҳам дар зери таъсири пешрафти худи илм тағйир меёбад. Олимони шинохта Ф.Клейн, М.В.Остроградский ва А.Б.Блум ба он диққати махсус додаанд, ки мактаб на танҳо генералҳо ва пешвоёни ояндаро, балки коргарони хоксорро омода мекунад ва аз ин рӯ он набояд аз дархостҳои амалия канда шавад. Дар гирди мо ҷаҳони моддии табиатан рушдёбанда истодааст. Хусусиятҳо, сифатҳо, робитаҳои мутақобилаи ашёи олами моддӣ дар шуури одамон инъикос меёбанд. Ин ба инсон имкон медиҳад, ки тасаввуроти дурустро дар бораи воқеияти атроф ташаккул диҳад, имкон диҳад, ки олами атрофро бишносад. Аммо, дониши мо ҷаҳони атрофро комилан ва пурра инъикос намекунад. Раванди шинохти олами атроф як раванди диалектикӣ, раванди мубориза беамони зиддиятҳо, аз қабили ҳақиқат ва хатоӣ, маърифат ва дониш, инфиродӣ ва умумӣ, мушаххас ва абстрактӣ ва ғайра мебошад. Қисми хеле муҳимми назарияи дониши материализми диалектикӣ -таълимоти амалия ҳамчун меъёри ҳақиқати дониши мо мебошад. Танҳо дар амал шахс метавонад дурустии дониши худро дар бораи олами атроф арзёбӣ кунад.

Вобаста ба ин олими шинохтаи рус А.Н. Колмогоров чунин мегӯяд: "Вазифа иборат аз он аст, ки дар мактаб ба таври боварибахш нишон диҳем, ки "математикаи муосир" имкон медиҳад, ки моделҳои математикии ҳолатҳо ва равандҳои воқеӣ, ки дар истифодаи амалия омӯхта мешаванд, на танҳо бадтар, балки мантиқан мувофиқтар ва содатар аз анъанавӣ бошанд"[5].

Расидан ба ин ҳадафҳо навсозии мундариҷа, тағйир додани усули методологӣ ва ғайраро талаб мекунад. Мазмуни таълим бояд ба талаботи амалияи имрӯза ва ояндаи наздик мувофиқ карда шавад. Муаррифии мавзӯъ бояд тавре тартиб дода шавад, ки

хонандагон бубинанд, ки чӣ гуна мафҳумҳое, ки ба онҳо фаҳмонида мешаванд, дар ҳолатҳои ҳаётӣ татбиқ карда мешаванд. Зарур аст, ки китобҳои дарсие таҳия карда шаванд, ки ба рушди шавқ ба омӯзиш дар маҷмӯъ, алахусус ба математика мусоидат кунанд. Шакли пешниҳоди китобҳои дарсӣ ва интихоби масъалаҳо барои машқҳо сазовори таваҷҷӯҳи махсус мебошанд. Ҳангоми омӯзиши соҳаҳои гуногуни математика, хонанда бояд доимо дарк кунад, ки чаро ин фан ба ӯ зарур аст, чи тавр мафҳумҳои омӯхташуда бо вазифаҳои таъхирнопазири амалия робита доранд.

Тавре, ки Иванова А.В. дуруст таъкид мекунад, «хонандаи мактабҳои миллӣ, ки аллакай дар девори мактаб ҳастанд, бояд:

а) дар хоҷагиҳои муосир ҳисоб карда тавонистанро ёд гирад; харитаҳо ва расмҳои технологиро хонад; сабти корҳои иҷрошударо пеш барад; гузаронидани корҳои амалӣ оид ба андозагирӣ ва ҳисоб кардани майдонҳои қитъаҳои заминро тавонад; ҳосили зироатҳои кишоварзӣ, ҳосилнокии парвариши чорвои ҷамъиятӣ, даромаднокии соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт ва ғайра муайян карда тавонад;

б) барои вазъияти мушаххасро ба модели математикии абстрактӣ баргардонидан хонандагон бояд: дастурҳои умумӣ дар фаъолият оид ба ҳалли масъалаҳои навъи муайян, ки ба ӯ имконият медиҳанд усули ҳалли масъалаҳои ин навъро азхуд кунанд ва онро умумӣ гардонанд, дошта бошанд; ба таври шифоҳӣ усули ҳалли масъалаҳои ибтидоии навъи муайянро бидуни такя ба хусусиятҳои ададии мушаххас тасвир карда тавонад;

в) дар бораи хусусиятҳои фазоии олами атроф донистан;

г) мушаххасоти фазоӣ ва муносибати объектҳоро мушоҳида кунад;

д) тасвирҳои фазоӣ ва муносибатҳоро фарқ кунанд; тавсиф карда тавонистани онҳо; бо истифода аз маводи маҳаллӣ ба таври хаёлӣ тасвир карда тавонад; амалҳои амалиро иҷро кунед, пас аз рӯйи натиҷаҳои онҳо ҳисобҳо кунад, яъне. дарёфти натиҷаи ниҳоӣ иҷрои пешакии як қатор амалҳоро пешбинӣ мекунад: мушоҳида, ченкунӣ, сохтан, ҳисоб ва далелҳо »[4,с.28].

Олим А.Н.Крылов навиштааст, ки "назарияҳои математикӣ, ки гӯё абстрактӣ ҳастанд ва татбиқе надоранд, шояд фардо онҳо як барномаи комилан ғайричашмдоштро пайдо кунанд ва шояд ҳатто баъд аз ду ҳазор сол, аммо ҳар гуна ҳақиқат ҳамеша сахми ҷовидона дар ганҷинаи дониши инсон дорад, новобаста аз он ки ин ҳақиқат кай истифода мешавад". Ба гуфтаи ӯ, вазифаи асосие, ки бояд бо инсоният рӯ ба рӯ шавад, "на танҳо истифодаи ганҷҳои кӯҳнае, ки аллакай мавҷуданд, балки дар ҷамъоварии сарвати нав, на танҳо дар истифодаи фоизҳо, балки дар ташкили сармоягузориҳои асосӣ" мебошад[8].

Китоби дарсӣ танҳо дар сурате бомуваффақият ҳисобида мешавад, ки агар онҳо бо назардошти хусусиятҳои синнусолии хонандагон дар онҳо малака ва маҳорати мустақилона бо китоб кор кардан, раванди азхудкунии донишро назорат кардан ташаккул ёбад, дар зеҳни онҳо чизи асосие, ки солҳои минбаъда дар таҳкурсии он бинои нав сохта мешавад мустаҳкам карда шавад.

Китоби дарсӣ воситаи асосии таълим мебошад. Ҳама воситаҳои дигар мутобиқи китоби дарсӣ таҳия шудаанд ва дар мувофиқа бо он истифода мешаванд. Дар системаи васоити таълимӣ танҳо китоби дарсӣ дорои чунин вазифаҳои мушаххас, ба монанди ҳамгироӣ ва ҳамоҳангсозӣ мебошад.

Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва васоити ахбори омма, пур кардани раванди таълим бо васоити аудиовизуалӣ ва дигар воситаҳо боиси он мегардад, ки китоби дарсӣ наметавонад (дар якҷоягӣ бо каломи муаллим) ҳамчун манбаи ягонаи иттилооти таълимӣ амал кунад. Васоити ахбори омма, интернет, телевизион, матбуоти даврӣ, адабиёти оммавӣ ва адабӣ ҳар рӯз он қадар маълумоти мухталиф ва саривақтӣ медиҳанд, ки ягон китоби дарсӣ бо онҳо рақобат карда наметавонад. Воситаҳои ахбори омма, ба монанди васоити техникии таълим, дорои маълумотҳои бойтарин ва хеле пурарзиш мебошанд. Аммо, дар як давраи муайян танҳо баъзе қисматҳои мундариҷаи таълимро (аксар вақт хеле амиқ) фаро гирифта - таъкид мекунад Д.Д.Зуев, -, чунин иттилоот моҳиятан ҷузъӣ боқӣ мемонад[3].

Ба китоби дарсӣ бояд ҳадафмандона дониши асосӣ, бунёдӣ интихоб карда шавад. Китоби дарсӣ бояд дар бораи мавзӯи омӯзиш ва ниҳоят, дар системаи китобҳои таълимӣ,

дар бораи ҷаҳон ва қонунҳои рушди он, дар бораи татбиқи ин қонунҳо дар амалияи инсон тасаввуроти яклухт диҳад.

Китоби дарсӣ барои истифодаи муттасил ва ҳамарӯза барои муддати тӯлонӣ тарҳрезӣ шудааст (маҷмӯи китобҳои дарсӣ барои тамоми солҳои таҳсил дар мактаб), пеш аз ҳама дониш ва малакаҳои дар доираи маъхазҳо бадастовардаи хонандаро муттаҳид ва ҳамгиро менамояд. Ҳамин тариқ, китоби дарсии муосир барои ташаккул додани усулҳои тафаккури илмӣ, ташаккул додани қобилияти мустақилона ва дуруст арзёбӣ кардани далелҳо, коркарди тамоми маҷмӯи иттилооти воридшуда имкони воқеӣ дорад. Китоби дарсӣ хонандаро бо усулҳои муносибати илмӣ ба далелҳо ва падидаҳо мусаллаҳ сохта, барои худомӯзии самараноки ӯ, барои фаъолияти мустақилонаи муваффақи ӯ чӣ дар раванди таълим ва ҳам дар ҳаёти минбаъдаи корӣ таҳкурсӣ мегузорад.

Ҳамин тариқ, функсияи интегратсионии китобҳои дарсӣ ҳамчун як чаҳорчӯбае хизмат мекунад, ки ҳам сохтори дохилии китоби дарсиро дар мавзӯъ (ҳам муошироти дохили мавзӯъ) ва на камтар аз он, системаи васоити таълимиро, ки дорои дониш ва малакаҳое мебошанд, ки дар раванди омӯзиши китоби дарсӣ такягоҳӣ мебошанд, муттаҳид мекунад. (алоқаи байнифаннӣ).

Дар асарҳои оид ба назарияи китоби дарсӣ метавон дарёфт, ки ҳангоми баррасии масъалаҳои сохтори китоб (вобаста ба вазифаи дар наздаш гузошташуда) ҷанбаҳо ва сатҳҳои гуногуни муносибати системавӣ дар назар дошта шудааст.

Яке аз муҳаққиқони барҷастаи муаммои китоби дарсӣ Д.Д.Зуев, дар бораи қонунӣ будани баррасии сохтори барои ҳама китобҳои дарсӣ умумӣ, аз мазмуни хоси «мавзӯъ» -и китоби дарсӣ хулоса баровардааст. Ба андешаи ӯ, пеш аз он ки китоби дарсиро дар робита бо мундариҷаи мушаххаси он дарк намоем, он бояд ҳамчун категорияи ҳамаҷониба омӯхта шуда, аз ҷиҳати шакл ва мундариҷа муттаҳид карда шавад. Д.Д.Зуев дар зери мафҳуми «ҷузъи сохторӣ» -и китоби дарсӣ «як воҳиди сохториро мефаҳмад, ки воқеан вуҷуд дорад ва ҳатман дар китоби дарсии мушаххас мавҷуд аст, ки омезиши оптималии он сохтори ҷудонашавандаи модели умумии китоби дарсии муосирро ба вуҷуд меорад» [3,с.99].

Тадқиқоти Д.Д.Зуев ба ӯ имкон дод, ки мавҷудияти ҳадди ақҷал панҷ аломати ҷузъҳои сохториро муайян кунад:

1). Пеш аз ҳама, он бояд як унсури зарурӣ (қисм, воҳид) -и китоби дарсӣ бошад, зеро танҳо дар ин ҳолат метавонад пайвасти қавии нисбатан устувори унсурҳо дар дохили системаи интегралӣ таъмин карда шавад. 2). Ҳар як ҷузъи сохтории китоби дарсӣ бо ҷузъҳои дигари он ба ҳам алоқаманд ва вобастагӣ дорад, ки бутунии ин системаро муайян мекунад. Афтидани яке аз унсурҳои система ҳатман ба ягонагии кулл таъсир мерасонад.

3. Ӯ хоси худро дорад, танҳо ба ӯ хос аст ва шакле, ки ба китоби дарсӣ ҳамчун китоб хос аст; ин шакли китобии дарсӣ тавассути воситаҳои дар ихтиёри муаллиф ва нoшир қарордошта ифодаи худро меёбад.

4. Ҳар як ҷузъи сохторӣ дар ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ бори муайяни функсионалӣ дорад.

5. Ҷузъи сохторӣ вазифаҳои худро танҳо бо воситаҳое, ки ба ӯ хос аст, иҷро намуда, вазифаҳои дидактикии китоби дарсии мактабиро амалӣ менамояд[3].

Таъсиси ин хусусиятҳои объективии мавҷуда ба Д.Д.Зуев имкон дод, ки ҷузъи сохториро ба тариқи зайл муайян кунад. Ҷузъи сохтории китоби дарсии мактаб ҳамчун блоки зарурии сохторӣ (системаи элементҳо) фаҳмида мешавад, ки бо дигар ҷузъҳои ин китоби дарсӣ сахт алоқаманд аст (ташаккули системаи интегралӣ дар якҷоягӣ бо онҳо), шакли муайяне дорад ва танҳо вазифаҳои хоси худро иҷро мекунад.

Дар зер муқарраароти муҳими бунёдӣ барои такмили раванди сохтани китобҳои дарсии математика, аз ҷумла, талабот ба интихоби мундариҷаи курс, ки онро Г.Г.Маслова таҳия кардааст, оварда шудаанд ва ба назари мо, ҳангоми эҷоди китобҳои дарсии математика бояд ба назар гирифта шаванд [9, с.222].

1. Маводҳои назариявӣ ва супоришҳои китоби дарсӣ бояд ташаккули мустаҳками мафҳумҳо, малакаҳо ва маҳорати пешбининамудаи барномаро таъмин кунанд.

2. Тафсири мафҳумҳо, истилоҳот ва аломатҳое, ки дар китоби дарсӣ оварда шудаанд, бояд ба онҳое, ки дар илм қабул шудаанд, мувофиқат кунанд; дар китоби дарсӣ набояд

истилоҳҳое бошанд, ки танҳо маънои "мактабӣ" дошта бошанд (қаблан, масалан, истилоҳи "рақамҳои нисбӣ" истифода мешуд, ки воқеан риёзӣ нест).

3. Муаррифии мавод дар китоби дарсӣ бояд аз ҷиҳати ба эътидол овардани сарбории мактаббачагон илмӣ, дастрас ва ба қадри кофӣ сарфакор, оқилона бошад; хатти инкишофи мафҳумҳо ва робитаҳои байни онҳоро пайгирӣ кардан махсусан зарур аст.

4. Дар матни китоби дарсӣ ва дар системаи масъалаҳо ҷанбаҳои политехникии таълими математика, арзиши татбиқи назария бояд ба назар гирифта шаванд. Китоби дарсӣ бояд на танҳо аз худ кардани дониш, балки рушди умумии мактаббачагон, инкишофи тафаккури мантиқии онҳо, муаррифии фазоӣ, таълим додани кор бо китобро таъмин намояд. Талаботи охирин хеле муҳим аст. Аз ин рӯ, муаррифии маводи назариявии китоби дарсӣ бояд тавре бошад, ки ҳар як зербахши (параграфи) китоб барои омӯзиши мустақилона дода шавад. Мувофиқи мақсад аст, ки дар зербахшҳои китоби дарсӣ саволҳои назоратӣ барои худомӯзӣ мавҷуд бошанд.

5. Дар китобҳои дарсии муосир бояд ба тарбияи ҷаҳонбинӣ диққати махсус дода шавад. Дар курси математикаи мактабӣ дар ҳама сатҳҳои таълим хонанда бо мафҳумҳои абстрактӣ дучор меояд: "рақам", "муносибат", "фигураи геометрӣ" ва ғ. Аз ин рӯ, бидуни таваҷҷӯҳи кофӣ ба ҷанбаҳои ҷаҳонбинӣ, хатари дарки нодурусти табиати мафҳумҳои математикӣ, муносибати байни олами моддӣ ва ғояи одам дар бораи ин ҷаҳон вуҷуд дорад.

Дар китоби дарсӣ ифшо кардани моҳият ва табиати мафҳумҳои математикӣ, нақши амалия дар рушди математика, омӯзиш ва тавсифи падидаҳои воқеият, моҳияти исбот дар математика барои тарбияи ҷаҳонбинии мактаббачагон аҳамияти калон дорад.

**АДАБИЁТ:**


1. Выготский Л.С. Избранные психологические исследования. - М.: Изд-во АПН РСФСР, 1956. - С.22.
2. Выготский Л.С. Развитие высших психических функций. - М.: Изд-во АПН РСФСР, 1960. - С.217-219.
3. Зуев Д.Д. Школьный учебник. - М.: Педагогика, 1983. - С.94.
4. Иванова А.В. О создании оригинальных авторских программ и учебников по математике // Управление качеством подготовки специалистов. - Якутск, 1992.-С.37-39.
5. Колмогоров А.Н. Математика - наука и профессия. - М.: Наука, 1988. -288 с.
6. Коменский Я.А. Великая дидактика // Избранные педагогические сочинения: В 2 т. - М., 1939.- Т. 1.
7. Лутфуллоев М. Дидактикаи муосир. Душанбе:Ирфон.2002.-248с.
8. Лучининов С. Т. А. Н. Крылов: Выдающийся кораблестроитель, математик и педагог. / Под. ред. И. Я. Депмана. — М.: Учпедгиз, 1959. -168 с.
9. Маслова Г.Г. Конструирование учебника математики // Проблемы школьного ученика. - М.: Просвещение, 1980. - Вып.8. – 248с.
10. Шарифзода Ф. Педагогикаи умумӣ ва касбӣ. /Китоби дарсӣ барои донишгоҳҳо. Душанбе:Ирфон. 2012.-448с.


**Қаҳорова С.**
**Имомова М.**

## ИМКОНИЯТҲОИ КИТОБИ ДАРСӢ ДАР БЕДОР КАРДАНИ ШАВҚИ ХОНАНДАГОН БА ДОНИШ

Дар мақолаи мазкур масъалаи имкониятҳои китоби дарсӣ дар бедор кардани шавқи хонандагон ба дониш баррасӣ гардидааст. Қайд шудааст, ки китоби дарсӣ ҳамчун воситаи муҳимтарин дар дасти муаллим тарҳрезӣ шудааст, ки ба ӯ дар талаба ташаккул додани зарурати на танҳо азхуд кардани мундариҷаи мушаххаси мавзӯъ, миқдори муайяни иттилоот, балки қобилияти ба таври умумӣ омӯхтани мавзӯҳоро ташаккул дода, боэътимодии дониш ва дар шароити мушаххас татбиқ кардани он кӯмак расонад. Зарур аст, ки китобҳои дарсие таҳия карда шаванд, ки ба рушди шавқ ба омӯзиш дар маҷмӯъ, алахусус ба математика мусоидат кунанд. Шакли пешниҳоди китобҳои дарсӣ ва интихоби масъалаҳо барои машқҳо сазовори таваҷҷӯҳи махсус мебошанд. Ҳангоми омӯзиши соҳаҳои гуногуни математика, хонанда бояд доимо дарк кунад, ки чаро ин фан ба ӯ зарур аст, чи тавр мафҳумҳои омӯхташуда бо вазифаҳои таъхирнопазири амалия робита доранд.

***Калидвожаҳо***: *китоби дарсӣ,шавқи хонандагон, дониш, муаллим, математика, хонанда, мафҳумҳо, малакаҳо, маҳорат,ташаккул,тарбия.*

**Қаҳорова С.**
**Имомова М.**

**ВОЗМОЖНОСТИ ШКОЛЬНОГО УЧЕБНИКА В РАЗВИТИИ ИНТЕРЕСА УЧАЩИХСЯ К ЗНАНИЯМ**

В статье рассматриваются вопросы возможности школьного учебника в развитии интереса учащихся к знаниям. Отмечается, что учебник как важнейший инструмент в руках учителя призван помочь ему сформировать у учащегося потребность овладеть не только конкретным содержанием предмета, определенным объемом информации, но и умением обобщать изученное, проверять достоверность знаний, применять их в той или иной конкретной ситуации. Нужно создавать учебники, способствующие развитию интереса к учению в целом, в частности, к математике. Исключительного внимания заслуживает форма изложения в учебнике и подбор задач для упражнений. Ученик при изучении различных разделов математики постоянно должен понимать, зачем этот предмет ему нужен, как связаны изучаемые понятия с насущными задачами практики.

***Ключевые слова:*** *учебники, интерес учащихся, знание, учитель, математика, ученик, понятия, умения, навыки, формирование, воспитание*

**Kakhorova S.**
**Imomova M.**

**POSSIBILITIES OF SCHOOL TEXTBOOK IN DEVELOPMENT OF INTEREST SCHOOLBOY TO KNOWLEDGE**

It is marked that textbook as a major instrument in the hands of teacher is called to help him to form a necessity to seize not only certain object, by the certain volume of information but also by ability of studied at studying, check up authenticity of knowledge, apply them in one or another certain situation. It is needed to create textbooks assisting development of interest in studies on the whole, in particular, to mathematics. Exceptional attention is deserved by the form of exposition in a textbook and selection of tasks for exercises. A schoolboy at of different divisions of mathematics must understand constantly, why this object needs him, as the studied concepts are constrained with the vital tasks of practice.

***Keywords***: *textbooks, interest of students, knowledge, teacher, mathematics, schoolboy, concepts, abilities, skills, forming, education In the article the questions of possibility of school textbook are examined in development of interest schoolboy to knowledge.*

**Сведения об авторах: Кахорова Супарна Худжамуродовна** – соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «ХГУ им.академика Б.Гафурова». (735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова1.). Тел.92-9999769. E-mail: suparnak@bk.ru

**Имомова Муборак Абдулазизовна**-соискатель кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ «Худжандский государственный университет имени акад.Б.Гафурова» (Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1. E-mail: muborak19@mail.ru

**Information about the authors: Kakhorova Suparna Khudzhamurodovna -** is a competitor of department of social and professional pedagogics of ГОУ "ХГУ to them.academician Б.Гафурова". (735700, Republic of Tadjikistan, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова1.). Тел.92-9999769. E-mail: suparnak@bk.ru

**Imomova Muborak Abdulazizovna** - applicant for the Department of Social and Professional Pedagogy of the State Educational Institution “Khujand State University named after academician B. Gafurov” (Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1. E-mail: muborak19@mail.ru

Б. ПОЧОЕВ

# ХУСУСИЯТҲОИ ОМӮЗИШ ВА ТАРҒИБИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ДАР ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ

Дар асри XIX ва оғози асри XX масъалаи мустаҳкам гардонидани саломатии инсон бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Зиёда аз ин, дар охири асри XIX аз ҷониби олимони хориҷӣ таҳқиқотҳои алоҳида марбут ба масоили ҳифзи саломатӣ ва ташаккули маърифати саломатии насли наврас анҷом дода шуданд, ки дар ҳалли масъалаи мазкур саҳми муайян гузоштааст.Равияи мазкури илмӣ, ки асосгузораш А.Декроли маҳсуб ёфтааст, "гигиенаи иҷтимоӣ " унвон гирифта, қоидаҳои ташаккули асосҳои қоидаҳои истеъмоли ғизо, нафаскашӣ ва гигиена, рафтори дуруст дар ҷомеаро дар бар мегирифт. Дар тамоми мамлакатҳои бузурги Аврупо дар як вақт низоми умумидавлатии тарбияи ҷисмонӣ созмон дода шуд. Пеш аз ҳама дар Пруссия (низоми немисии тарбияи ҷисмонӣ), Шветсия ва Франсия.

Хизматҳои П.Ф. Лесгафт, асосгузори низоми илмии тарбияи ҷисмонӣ дар Россияро махсусан бояд қайд намуд, ки дар рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тавассути технологияҳои ҳифзи саломатӣ нақши бориз дорад. Ӯ тарбияи ҷисмониро воситаи муҳимтарини инкишофи ҳамаҷонибаи инсон номида, бо тарбияи зеҳнӣ, маънавӣ ва эстетикӣ алоқаманд меҳисобид. Мақсади асосии тарбия ҷисмонӣ ба андешаи ӯ "саломатӣ", "маҳорати идора карда тавонистани ҳаракат ва андешаҳои худ", "инкишофи малакаи ҳаракат кардан, хусусиятҳои ҷисмонӣ" аст [11].

Омӯзиш ва таҳлили таҳқиқоти илмии олимони соҳа собит менамояд, ки консепсия ва технологияҳои муосири ҳифзи саломатӣ дар заминаи ду соҳаи илми бо ҳам алоқаманд : тиб ва тандурустии иҷтимоӣ ба вуҷуд омадааст. Агар илми тиб асосан саломатии инсонро ҳадафи омӯзиши худ қарор диҳад, тандурустии иҷтимоӣ диққати асосиро ба саломатии аҳолӣ равона мекунад.

Д. Локк дар рисолаи "Андешаҳо оид ба тарбия" қайд кардааст, ки "Руҳи солим дар тани солим аст"

Асосгузорони равияи илмии ҳифзи саломатӣ ва ташаккули маданияти саломатӣ С.П. Боткин ва П.Ф. Лесгафт дар саломатии инсон мутобиқшавӣ ва таҳаввул, аз нав бавуҷудорӣ , идома додани насл ва кафолати саломатии онро медиданд. Инчунин олими рус В.М. Бехтерев оид ба беҳдошти саломатии ҷомеа асарҳои зиёде таълиф намудааст. Ӯ диққати асосиро ба дурнамои инкишофи шахсият ва ҷомеа равона карда, онро бо зарурати ҳифзи саломатии аҳолӣ алоқаманд меҳисобид [3].

Масоили саломатӣ инчунин дар асарҳои илмии олимони шинохтаи илми педагогика мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Аз ҷумла В.А. Сухомлинский таъкид намудааст, ки "Ғамхорӣ нисбати саломатии кӯдакон– маҷмӯи меъёрҳои санитарӣ-гигиенист... на маҷмӯи талаботҳо ба тарзи зиндагонӣ, хӯрокхӯрӣ, меҳнат ва истироҳат . Ин пеш аз ҳама ғамхорӣ нисбати комил гардонидани тамоми қувваҳои ҷисмонӣ ва зеҳнӣ, ки дараҷаи баландтарини ин созгорӣ хушнудии эҷодӣ аст, мебошад " [15].

Дар асарҳои ин олимон мафҳуми "саломатӣ" сифати мутобиқшавии организмро ба шароити муҳити беруна инъикос намуда, робитаи тамоми рукнҳои саломатии инсонро чун "... як фард, шахсият, субъекти фаъолият ва шахси инфиродӣ " [2, т. 1 с. 212] ва натиҷаи раванди таъсири мутақобилаи инсон ва муҳити зистро ифода менамояд. Аз ин рӯ вазъи саломатӣ низ аз робитаи мутақобилаи омилҳои беруна (табиӣ ва иҷтимоӣ) ва дохилӣ (ирсият, ҷинс, синну сол) вобаста аст. Дар баробари ин алоқамандии унсурҳои мухталифи саломатӣ бо назардошти хусусиятҳои синнусолӣ ва марҳилаҳои сенситивии инкишофи биологӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ гардидаанд. Муаллифи рисола таъкид менамояд, ки дар давраҳои алоҳидаи синнусолӣ дараҷаи таъсири мутақобилаи унсурҳои саломатӣ и иерархияи сатҳои он метавонанд тағйир ёбанд, бинобар он ташаккули талабот ба саломатӣ ва тарзи солими зиндагӣ бояд маҳз дар заминаи ба эътибор гирифтани омилҳои ирсӣ ва хусусиятҳои фардии инсон сурат гирад. Зери мафҳуми тарзи солими зиндагӣ бояд шакл ва хусусиятҳои хоси фаъолияти ҳамарӯзаи инсон, ки имкониятҳои захиравии организмро мустаҳкам ва комил мегардонад, фаҳмида шавад. Иҷрои муваффақонаи вазифаҳои иҷтимоиву и касбӣ , новобаста аз шароитҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ,

омӯзонидани технологияҳои ҳифзи саломатиро зимни ташкили фаъолияти хонандагон дар самти мустаҳкам гардонидани саломатии онҳо дар назар дорад.

Зери мафҳуми талабот ба ҳифзи саломатӣ омилҳои рафтору кирдори шахсият , ки аз талабот ба ҳаракат ва машқҳои ҷисмонӣ, муоширaт ва вақтҳои холиро ҳамроҳи дӯстон гузаронидан ; ба бозиҳо, вақтхушӣ, дамгирӣ, фурӯ нишонидани эҳсосот; худсобикунӣ, собит гардонидани мавқеи худ; гирифтани донишҳо; лаззати эстетикӣ; беҳтар гардонидани сифати машғулиятҳои ҷисмониву беҳдошти саломатӣ; зиндагии бароҳат иборат аст, фаҳмида мешавад. Бояд тазаккур дод, ки технологияҳои муосири ҳифзи саломатӣ ҳамчун кафолати рафоҳати инсон ва некӯаҳволии аҳолӣ аз чаҳорчӯбаи ёрии тиббӣ баромада, доираи нисбатан васеъро фаро мегиранд. Маънии зерин дар сарсухани Низомномаи ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ зикр гардидааст: “Имконияти истифода кардан аз тамоми дастовардҳои навини соҳаи ҳифзи саломатӣ яке аз ҳуқуқҳои фундаменталии ҳар як инсон аст”.

Дар ин ҷода раванди муносибати салоҳиятнок, ки дар доираи такмил ва навсозии низоми таълим қабул карда шудааст, аҳамияти махсус дорад, зеро барои аниқ гардонидани моҳияти “технологияи ҳифзи саломатӣ” дар чаҳорчӯбаи донишҳои умумикасбии хатмкунандаи коллеҷи педагогӣ аҳамияти калон дорад. Дар робита ба он метавон таъкид кард, ки саломатии хатмкунандаи коллеҷи педагогӣ ва гироиши ӯ ба тарзи солими зиндагӣ аз имтиёзҳои рақобатпазири бозори меҳнат, ки дар замони муосир чун сармояи инсонӣ арзёбӣ мегардад, маҳсуб меёбад.

Омӯзиш ва таҳлили назарияҳои илмӣ-методии ҷорӣ намудани технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар раванди таълим зарурати тавсифи мафҳуми “саломатии инсон”-ро, ки дорои аломатҳои хоси барои методологияи ҳифзи саломатӣ муҳим мебошад, собит менамояд, зеро он дар назарияҳои олимон ба таври мухталиф тавсиф ёфта, маъниҳои гуногунро касб намудааст.

Муҳим он аст, ки дар шарҳу тавзеҳи мафҳуми “саломатӣ ” асосан ба ҷиҳатҳои мусбӣ– қобилияти муттасил инкишоф ёфтан ва сарҷамъ кардани захираҳои саломатӣ эътибор дода шуда, имконияти онро идора кардан таъкид карда мешавад. Дар иртибот ба ин масъала олим А.Я. Иванюшкин қайд менамояд, ки аслан саломатӣ мукаммалии худтанзимшавии организм, мутобиқати ҷараёнҳои физиологӣ ва дараҷаи баланди мутобиқшавиро дар назар дорад, зеро “саломатӣ на фориғ будан аз беморист, балки қабл аз ҳама рад кардан, яъне мағлуб кардани он аст. Саломатӣ на танҳо ҳолати организм, балки бештар стратегияи ҳаёти инсон мебошад ” [7]. Бесабаб нест, ки гузариш аз ҳолати солим ба маризӣ ҳамчун ҷараёни тадриҷан паст шудани қобилияти мутобиқшавии организм ба дигаргуниҳои муҳити иҷтимоиву касбу ҳунар ва шароитҳои муҳити зист, ки дар натиҷа ба паст шудани вазифаҳои ҷамъиятӣ , иҷтимоӣ ва корӣ боис мегардад, фаҳмида мешавад[10, 14].

Аз нуқтаи назари акмеология моҳияти саломатӣ ҳамчун мукаммалии интегралии инсон, ки дар ягонагии мутаносиби ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва биологии инкишофи фард дар шароити мушаххаси зиндагӣ ва фаъолият дар заминаи афзалияти арзишҳои маънави ахлоқӣ зоҳир мегардад, муайян карда шудааст (Н.М. Полетаева) [12].

Дар маҷмӯъ бояд қайд кард, ки бо вуҷуди гуногунии таърифи мафҳуми “саломатӣ” мутахассисон аз ҷумла мутахассисони соҳаи дидактика (Н.П. Абаскалова, Р.И. Айзман, Р.Н. Баевский, В.В. Колбанов, В.А. Лишук, В.Н. Максимова ва дигарон)бар он андешаанд, ки саломатиро консепсияи фаъоли беруна ва дохилии худнигоҳдорӣ ва худинкишофдиҳии инсон муайян мекунанд. Ин маъниро ба таърифи мафҳуми саломатӣ , ки дар сарсухани низомномаи ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ оварда шудааст, нисбат додан мумкин аст: “саломатӣ – ин беҳбудии ҷисмонӣ, психикӣ ва иҷтимоист, на танҳо мавҷуд набудани беморӣ ва нуқсонҳои табиӣ”.

Робитаи мутақобили тарзи зиндагӣ ва саломатӣ дар мафҳуми “тарзи солими зиндагӣ”, ки асоси чунин самтҳои илмиро ба монанди валеология и акмеология ташкил мекунад, нисбатан пурра ифода ёфтааст.

Худи мафҳуми “тарзи зиндагӣ” ба илми тиб ҳанӯз аз ҷониби Гиппократ ворид шуда буд, аммо дар гузашта масъалаи тарзи зиндагии инсон бидуни фаҳмиши илмии мафҳуми “тарзи солими зиндагӣ” баррасӣ гардидааст. Маърифати валеологии инсон, ки мавзӯи

таҳқиқоти олимон Г.К. Зайтсев, Л.Г. Качан, М.Г. Колесникова, В.Т. Лободин, Н.М. Полетаева ва дигарон мебошад, сатҳи маърифати инсонро оид ба тарзи солими зиндагӣ дар назар дорад, ки ба тарзи зиндагии ӯ таъсир расонида, ангезаҳои мутаносибро тақозо менамояд. Дар таҳқиқотҳои муосири педагогӣ зарурати ташаккули муносибати зарурӣ ба саломатӣ ҳамчун омили муҳими ташкили фаъолияти ба ҳифзи саломатӣ нигаронидашуда таъкид карда мешавад. Муносибати акмеологӣ дар ташаккули гироиши шахсият ба ҳифзи саломатӣ аз ҳама самаранок маҳсуб меёбад. Моҳияти муносибати акмеологиро гузаронидани таҳқиқотҳои комплексӣ ва ба пуррагӣ муайян намудани хислатҳои субъекти ба балоғатрасида дар заминаи омӯзиши хусусиятҳои инфиродӣ, шахсӣ ва суъективию фаъолнокӣ бо назардошти тамоми робитаҳои мутақобила ташкил мекунад[5].

Аз омӯзиши асосҳои назарӣ-методологии асосноккунии зарурати ташкили фаъолияти хонандагон бо мақсади омӯзонидани технологияҳои ҳифзи саломатӣ маълум мегардад, ки ба мо бештар ақидаҳои Н.М. Амосов дар бобати он, ки шахси солимро пеш аз ҳама кушишҳои худи ӯ (муттасил, назаррас) ва хоҳиши сиҳат саломат буданаш муаррифӣ менамоянд, наздик аст[1].

Дар робита ба ин Е.Р. Калитиевская чаҳор дараҷаи хоҳиши солим буданро ҷудо мекунад:

– *дараҷаи танзими психофизиологӣ* (шахс талаботҳои асосиро қонеъ мегардонад) метавон ба саломатии табиӣ нисат дод;

– *дараҷаи танзими мутобиқшавӣ ба ҷомеа* (шахс ба ҷомеа ва талаботи вазъияти воқеӣ мутобиқ мегардад) – метавон бо саломатии иҷтимоӣ алоқаманд кард;

– *дараҷаи танзими маъноиро* (шахс муносибатро бо олам ҳамчун ягонагии комил, ки дур аз ҳаёти воқеии инсон дар паҳнои вақт вусъат ёфтааст, барпо мекунад )– метавон бо саломатии маънавӣ марбут донист;

– *дараҷаи экзистенсиалӣ* ё худ дараҷаи худмуайянкунии шахсият (танзими маъноии фаъолияти эҷодии шахсият тавассути интихоб дар заминаи иттиҳоди озодӣ ва масъулият а амал меояд) – метавон ба саломатии равонӣ нисбат дод; маҳз дар ҳамин сатҳ инсонро метавон тавассути чунин мафҳумҳо ба монанди камолот, тағйир наёфтан ва фаъолнокии механизмҳои худтанзимкунии шахс тавсиф намуд [8].

Баррасии асосҳои назарии зарурати ворид кардани омӯзиши технологияҳои ҳифзи саломатӣ ба раванди таълими муассисаҳои таълимӣ аҳамияти таҳқиқотҳои соҳаи равоншиносиро дар ин ҷода, ки дар охири асри XX ва оғози асри XXI рӯ ба инкишоф ниҳодаанд, собит менамояд. Дар таҳқиқотҳои ин соҳа таъкид меравад, ки фаъолияти зеҳнӣ , ки дар равандҳои психологӣ ба монади диққат, хотир, тафаккур, тасаввурот ва ғайра зоҳир мегардад, дар ҷараёни машғулиятҳо ҷисмонӣ фаъол мегарданд.

Ба даст овардани таҷрибаи нави ҳаракат кардан, аз худ кардани маҷмӯи ҳаракатҳои нав, инкишофи қобилиятҳои ҷисмонӣ тасаввуротро дар бораи имкониятҳои худӣ васеъ намуда, эътимодро ба нерӯи худ зиёд мегардонад ва барои рушду такомули минбаъда , на танҳо ҷисмонӣ, шароити мусоид фароҳам меорад, зеро ҳаракат , машқҳои муттасили ҷисмонӣ ва варзиш ба инкишофи тамоми равандҳои психикӣ таъсири мусбӣ мерасонанд. Ба андешаи олим М. Мерфи ҳама гуна навгониҳои техникӣ ба қобилияти инсон таъсири манфӣ расонида, ба заиф шудани мушакҳо боис мегардад, зеро чӣ қадаре ки инсон аз технологияҳо истифода кунад , ҳамон қадар мероси аҷиби, имкониятҳои психосоматикии ба ӯ додашударо камтар истифода намуда, онҳоро инкишоф намедиҳад[11].

Малакаи фаъол гардонидани системаи асабу мушакҳо барои боздоштани талафи қобилият, пешгирии бемориҳо, ҷароҳату захмҳо, нотобиҳои бо стресс алоқаманд, мусоидат менамояд. Ба андешаи олими физиолог, доктори тиб Д.Чопра ҷисм – на “сохтори анатомии шахшуда, балки ба маънои аслӣ ҷараёни муттасили навшавии ақлу фаросат, маълумот ва қувва аст” [16].

Ҳамин тавр, бояд қайд кард, ки консепсияи таълими ҳифзи саломатӣ ҳамчун мафҳуми илмӣ ва маишии таҷдидгардида талаботи ҳама гуна ҷомеаи муосирро ба саломатӣ, такомули ҷисмонии инсон, маданияти ҷисмонии шахсият дар назар дорад. Дар ин ҷода ақидаҳои С. Гессен ба назар ҷолиб менамоянд. Ба андешаи ин олим таҳия ва инкишофи технологияҳои ҳифзи саломатӣ аз ҷониби мутахассисон ва педагогҳо дар доираи ҳамон

равандҳои иҷтимоӣ ва маданӣ, ки бо офариниши инсони комил алоқамананд, сурат мегирад[4].

Ҳамдастии педагогӣ рукни муҳими раванди таълиму тарбия буда, омўзгор тавассути муҳайё намудани шароити мусоид барои худтадбиққунии таълимгирандагон, қувваи таконбахшеро дар ниҳоди онҳо барои худинкишофёбӣ, дарки мавқеи худ дар низоми нави муносибати арзанда ба саломатӣ ва фаъолнокии ҷисмонӣ ва ҳосил намудани таҷрибаи нави шахсӣ ба вуҷуд меорад. Сатҳу савияи ҳамдастии педагогиро татбиқи стратегияи тарҳрезӣ намудаи омўзгор, ки ба муайян намудани имкониятҳо ва роҳҳои бартараф кардани душвориҳои ҳифзи саломатӣ дар якҷоягӣ бо таълимгиранда нигаронида шудааст, тавсиф менамояд.

Ҳамдастии педагогӣ – шароити махсусе мебошанд, ки омўзгор барои дар таълимгирандагон бедор кардани шавқу рағбат ва ангезаҳои муайян ва қабули арзишҳои ҳифзи саломатӣ ба вуҷуд меорад. Дар баробари ин ҳамдастии педагогӣ истифодаи технологияҳои ҳифзи саломатиро бо мақсади таъсиррасонии муназзам, мақсаднок ва махсус ба раванди таълими ба ҳифзи саломатӣ нигаронидашуда мебошад. Ба ин гуна шароит, ба андешаи мо, метавон чунин омилҳоро нисбат дод:

– дониши хусусият ва хислатҳои хосси таълимгирандагон;

– таъмини муттасилии фаъолияти аудиторӣ ва берун аз он;

– истифодаи потенсиали фаъолияти худомўзӣ бо мақсади амиқ гардонидани донишҳо ва вусъат бахшидани доираи усули касбии истифодашаванда ва тахассусмандӣ;

– ба вуҷуд овардани муҳити ҳамкорӣ;

– таъмини гуногуншаклӣ ва тафриқаи усули педагогӣ ;

– ба вуҷуд овардани муҳити созгори эмотсионалӣ дар тамоми марҳилаҳои фаъолият;

– ба эътибор гирифтани хислатҳои фитрии иштирокчиёни раванди таълим;

– ташкили дурусти муоширати педагогӣ

Муоширати педагогӣ аз омилҳое муҳими раванди таълиму тарбияи ба ҳифзи саломатӣ нигаронида шуда маҳсуб меёбад, зеро мурофиқати педагогии раванди таълим ҳамеша робитаи мутақобилаи омўзгор ва таълимгирандаро дар назар дорад, ки ба ангеза бахшидани фаъолнокии мақсадноки шахсият зимни истифодаи технологияҳои ҳифзи саломатӣ, татбиқи нерўи ў, баланд бардоштани нақши худи таълимгиранда дар раванди таълим равона карда шудааст.

Таҳқиқи масъалаҳои ҳифзи саломатӣ ва тарғиби тарбияи ҷисмонии шахсият дар таҳқиқоти олимони шинохтаи соҳаи педагогикаи муосири тоҷик Лутфуллоев М.,Шарифзода Ф.,Раҳимзода Х,Раҳимов Х.,Сабуров Х.М. низ мақоми хосаи худро пайдо намудааст,ки аз тарафи онҳо роҳҳои беҳтар намудани тарбияи ҳифзи саломатӣ ва дар насли наврас тарбия намудани моҳияту мазмун ва аҳамияти он мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар асари академик Лутфуллоев М. «Педагогикаи миллии халқи тоҷик» вобаста ба тарбия ва тарғиби ҳифзи саломатии ҷомеа қисмати алоҳида бахшида шудааст,ки дар он мавзўъҳои лафздармонӣ ва тарбияи ҳифзи саломатӣ, моддаҳои зараровар ва оқибати истеъмоли он, ҳаммом ва аҳамияти он дар тозагию саломатӣ,хонавода ва шартҳои саломатии насл,лафздармонӣ ва тарбияи ҳифзи саломатӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд,ки байни насли наврас ғояи пеш гирифтани тарзи ҳаёти солимро тарғиб мекунад. [9]

Дар китоби академик Шарифзода Ф. ”Педагогика:назарияи инсонофар ва ҷомеаи шаҳрвандӣ” низ вобаста ба тарбияи солимии ҷомеа маводҳои арзишманди илмӣ гирд оварда шуда, саломатиро тамоили умедбахши илмию педагогӣ дар қарни бисту як номидаанд.Ин олими шинохта такя ба илми валеология,ки назария ва амалияи соҳаи тандурустии инсонро меомўзад,чунин муаммоҳои асосии онро пешниҳод намудааст:

1.Саломатӣ ҳамчун категорияи биологию иҷтимоӣ;

2.Усули ташаккули саломатӣ;

3.Усули муайян намудани хусусиятҳои конститутсионии фард;

4.Усули арзёбии саломатии фард ва хусусиятҳои тарзи ҳаёти солим;

5.Тарзҳои амалии ҳифз ва тақвияти саломатӣ;

6.Назария ва усули таълими валеология. [17]

Омӯзиш ва баррасии муаммои ҳифзи саломатӣ ва тарғиби тарзи ҳаёти солими насли наврас мавзӯи ҳалталаб ва замонавӣ буда,вобаста ба тағйироти бомароми ҷомеа мазмун ва шакли худро дигар менамояд,ки он аҳли пажӯҳишгарон таҳқиқоти навро тақозо менамояд.

Ҳамин тавр, таҳлил ва баррасии масоили ҳифзи саломатӣ дар таҳқиқоти олимони соҳаи равоншиносӣ ва педагогика собит менамояд, ки рӯйоварӣ ба саломатӣ ҳамчун сарвати бебаҳо – вазифаи алоҳидаи якдафъагӣ набуда, раванди асосноккунии илмии таҷриба ва амалҳоест, ки метавонанд пайваста ба беҳтартар гардидани саломатии ҳар як инсон дар алоҳидагӣ ва дар маҷмӯъ худи миллат оварда расонад. Аз ин нуқтаи назар омӯзишу таҳқиқи масъалаи коркард ва таҳияи технологияҳои ҳифзи саломатӣ бо мақсади омӯзонидани онҳо дар раванди таълими коллеҷҳои педагогии мамлакат, ки барои дастёб шудан ба сатҳи нисбатан баланди зиндагӣ заруранд, аз вазифаи муҳим ва мубрами илми равоншиносӣ ва педагогӣ маҳсуб меёбад.

## АДАБИЁТ:


1. Амосов, Н.М. Голоса времён / Н.М. Амосов. - Киев: Оранта-пресс, 1999. - 500 с.
2. Ананьев, Б.Г. Избранные психологические труды: в 2 т. / Б.Г.Ананьев. - М. : Педагогика, 1980
3. Бехтерев, В.М. Роль внушения в общественной жизни. Природа. 1990. - №7.
4. Гессен, СИ. Основы педагогики. Введение в прикладную философию / СИ. Гессен; отв. ред. и сост. П.В. Алексеев. - М.: «Школа-Пресс», 1995. - 448 с.
5. Джассим Рана Абдальссатар Джассим. Национальные особенности подготовки будущих преподавателей физической культуры к формированию здорового образа жизни школьников / Джассим Рана Абдальссатар Джассим // Ученые записки университета имени П.Ф. Лесгафта. - 2011. - №4(73). - С. 55-59.
6. Джон Локк. Мысли о воспитании / Д. Локк, 1961.
7. Иванюшкин, А.Я. «Здоровье и болезнь» в системе ценностных ориентаций человека / А.Я. Иванюшкин // Вестник АМН СССР. - 1982. -Т.45.-№4.-С. 29-33.
8. Калитиевская, Е.Р. Адаптация или развитие: выбор психотерапевтической стратегии / Е.Р. Калитиевская, В.И. Ильичева // Психологический журнал. - 1995. - №1. - С. 115-121.
9. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик /М.Лутфуллоев.-Душанбе:Сифат,2015.-704с.
10. Нигматов, З.Г. Гуманистические традиции педагогики: учебн. пос. / З.Г. Нигматов. - Казань: Хэтер (ТаРИХ), 2003. - 271 с.
11. Петровская, Л. А. Компетентность в общении. М., 1989.
12. Полетаева, Н.М. Диагностика уровня подготовки по литературному чтению в начальной школе / Н.М. Полетаева // Педдиагностика. - 2004. - №3. - С. 140-143.
13. Сабуров Х.М. Влияние основных тенденций развития современного образования на формирование личности учащихся//Фундаментальные исследования №3 (3). - Москва ,2014. - С.613-616. ISSN 1812-7339
14. Симонов, С.Н. Организация комплексно-комбинированных занятий по оздоровительной гимнастике в вузе на основе продуктивного педагогического взаимодействия преподавателя и студентов / С.Н. Симонов, В.П. Шибкова // Вестник Тамбовского университета. - 2011. - №5. - Т. 16. - С. 1354-1357.
15. Сухомлинский, В.А. Сердце отдаю детям // А.В. Сухомлинский - Издание четвертое, Издательство «Радянська школа». - Киев, 1973. 188
16. Чопра, Д. Идеальная энергия: пер. с англ. / Д. Чопра. - Ростов - н/ Д: Феникс, 1996. - 352 с.
17. Шарифзода Ф. Педагогика: назарияи инсонофар ва ҷомеаи шаҳрвандӣ / Ф.Шарифзода. - Душанбе:Ирфон,2010.-544с


**Почоев Б.**

## ХУСУСИЯТҲОИ ОМӮЗИШ ВА ТАРҒИБИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ДАР ТАҲҚИҚОТИ ИЛМӢ

Дар мақола масъалаҳои асосии тарбияи ҳифзи саломатӣ ва тарғибу ташфиқи он дар марҳилаҳои гуногун,ки аз тарафи олимони соҳаи педагогика ва психология мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст,баррасӣ гардидааст.Муҳаққиқ дар мавриди коркарди мавзӯъ рӯзмарра ва ҳалталаб будани муамморо дар ду қарни охир нишон дода,масъалаҳои беҳтар намудани тарбияи ҷисмонии насли наврас,ҳифзи саломатӣ ва роҳҳои тарбияи он,низоми илмии тарбияи ҷисмонӣ,консепсия ва технологияи муосири ҳифзи саломатӣ,таъсири омилҳои беруна ба рушди саломатии шахсият,хусусиятҳои синнусолӣ ва рушди ҷисмонии шахсият мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар мақола ақида ва пажӯҳишҳои илмии олимони хориҷи кишвар ба монанди,

Декроли,Лесгафт,Боткин,Сухомлинский,Полетаева,Калитиевская, Мерфи ва Гессен оид ба масоили ҳифзи саломатӣ ва роҳҳои тарбияи ҷисмонии шахсият пеш оварда шуда,таҳлил карда шудааст.Бо истифода аз нишондоди Низомномаи ташкилоти умумиҷаҳонии тандурустӣ таърифи мафҳуми саломатӣ нишон дода шудааст.Ғайр аз он,дар натиҷаи таҳлилу омӯзиши асарҳои олимони пазируфтаи соҳа чаҳор дараҷаи хоҳиши солим будани инсон,аз қабили дараҷаи танзими психофизиологӣ,мутобиқшавӣ ба ҷомеа,танзими маъноӣ ва дараҷаи экзистенсиалӣ нишон дода шудааст. Дар қатори ҳамаи он дар мақола таҳқиқотҳои арзишманди олимони шинохтаи муосири тоҷик дар ҷодаи тарғиби саломатии ҷисм ва мунтазам пеш бурдани тарзи ҳаёти солим дар байни ҳар як бошандаи хонавода мавриди назар қарор дода шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *саломатӣ, саломатии инсон,ҳифзи саломатӣ,тарбияи ҷисмонӣ, варзиш, тандурустии иҷтимоӣ,хусусиятҳои синнусолӣ,муносибати босалоҳият, тарзи солими зиндагӣ,танзими психофизиологӣ,дараҷаи экзистенсиалӣ,ҳамдастии педагогӣ,технологияи ҳифзи саломатӣ.*

**Почоев Б.**

## ОСОБЕННОСТИ ОБУЧЕНИЯ И ПРОПАГАНДЫ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ В НАУЧНЫХ ИССЛЕДОВАНИЯХ

В статье рассматриваются основные вопросы воспитания охраны здоровья и его пропаганды на различных этапах, которые изучались учеными в области педагогики и психологии. Исследователь показывает актуальность проблемы в последние два столетия, вопросы совершенствования физического воспитания подрастающего поколения, охраны здоровья и способов его воспитания, научную систему физического воспитания, концепцию и современные технологии охраны здоровья, влияние внешних факторов на здоровье личности, изучаются возрастные особенности и физическое развитие личности. Статья посвящена научным исследованиям зарубежных ученых, таких как Декроли, Лесгафт, Боткин, Сухомлинский, Полетаева, Калитиевская, Мерфи и Гессен о проблемах охраны здоровья и способах физического воспитания личности. Согласно Положению всемирной организации здравоохранения даётся определение понятию здоровье. Кроме того, в результате анализа и изучения работ признанных ученых можно выделить четыре уровня стремления человека быть здоровым, в том числе степень психофизиологической регуляции, адаптация к обществу, семантическая регуляция и экзистенциальная степень. Наряду со всем этим в статье освещаются ценные исследования известных современных таджикских ученых в области пропаганды физического здоровья и регулярного поддерживания здорового образа жизни среди каждого члена семьи.

***Ключевые слова:*** *здоровье, здоровье человека, охрана здоровья, физическое воспитание, спорт, социальное здоровье, возрастные особенности, компетентное отношение, здоровый образ жизни, психофизиологическая регуляция, экзистенциальный уровень, педагогическое сотрудничество, технологии защиты здоровья.*

**Pochoev B.**

## FEATURES OF THE STUDY AND PROMOTION OF A HEALTHY LIFESTYLE IN SCIENTIFIC RESEARCH

The article discusses the main issues of health education and its promotion at various stages, which have been studied by scientists in the field of pedagogy and psychology. The researcher shows the urgency and urgency of the problem in the last two centuries, the issues of improving the physical education of the younger generation, health care and ways of education, the scientific system of physical education, the concept and modern technology of health care, the impact of external factors on health. personality, age characteristics, and physical development of the individual were studied. The article presents and analyzes the views and scientific research of foreign scientists such as Decroli, Lesgaft, Botkin, Sukhomlinsky, Poletaeva, Kalitievskaya, Murphy and Hessen on health and ways of physical education. The definition of the concept of health is shown using the indications of the Charter of the World Health Organization. In addition, the analysis and study of the works of recognized scientists in the field shows four levels of human desire for health, such as the degree of psychophysiological regulation, adaptation to society, semantic regulation and existential level. Along with all this, the article highlights the valuable research of well-known modern Tajik scientists in the field of promoting physical health and regular promotion of a healthy lifestyle among every member of the family.

***Key words:*** *health, human health, health care, physical education, social health sports, age characteristics, competent attitude, healthy lifestyle, psychophysiological regulation, existential level, pedagogical collaboration, health technology.*

**Сведения об авторе: Почоев Бахтовар Ҳотамович-исследователь** кафедры социальной и профессиональной педагогики ГОУ Худжанского госуниверситета имени академика Б.Гафурова(Республика Таджикистан,город Худжанд), E-mail:Pochoev-1991@mail.ru,тал:929993020

**Information about the author**: **Pochoev Bakhtovar Hotamovich** – research worker of social and professional pedagogy department of Khujand state university named after academician Bobojon Gaferovl (Republic of Tajikistan, Khujand city), E-mail:Pochoev-1991@mail.ru, tel:929993020

**Х. ҲАКИМОВА**

## ТАРБИЯ-ОМИЛИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

**Ҳеҷ кас аз пеши худ чизе нашуд,**
**Ҳеҷ пулод ханҷари тезе нашуд.**
**Ҳеҷ Мавлоно нашуд мавлои Рум,**
**То муриди шайхи Табрезе нашуд.**

Тарбия раванди пайдарпайи мураккабест, ки аз оила шурӯъ гардида, баъд дар муассисаҳои томактабӣ ва пас аз он дар мактаб идома ёфта, барои ҳамчун шахсияти озоду тавоно ба воя расидани хонандагон ва муқовомат кардан дар тамоми бархӯрдҳои сиёсиву иқтисодӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ нақши бориз дорад. Тарбияи дуруст ва ҳадафрас имрӯзҳо яке аз масъалаҳои мубрами соҳаи маориф маҳсуб меёбад, ки асоси ин тарбияро ташаккули шахсият дар бар мегирад. Ташаккули шахсият ин раванди хеле мураккаб аст ва бузургтарин ақлҳои башарӣ ва хирадмандони давру замонҳои гуногун ин масъаларо тахти омӯзиш қарор дода, андешҳои ҷолибу судманде пешниҳод намудаанд. Ҳамагӣ бар он ақидаанд, ки яке аз муҳимтарини самти инкишофи ҷамъият ба вуҷуд овардани шахсияи дорои тафаккури эҷодии рушдёфта, зеҳни мустақил, маҳорати дар муҳлати кӯтоҳ аз худ намудани ҳаҷми имконпазири иттилоот ба шумор меравад. Дар ин ҳолат раванди таълим аз ҳар як шахсият дараҷаи кофии фарҳанги фикриро талаб мекунад. Яке аз вазифаҳои муҳимми илми педагогикаи муосир таъмини на танҳо аз худ кардани дониш, маҳорат ва навовариҳо, балки ба вуҷуд овардани усули фаъолияти маърифатию эҷодӣ ҳамчун зуҳуроти фарҳанги зеҳнӣ маҳсуб мешавад. Фарҳанги зеҳнӣ чиро тақозо менамояд? Барои ба ин нукта равшанӣ андохтан бояд қайд кунем, ки дар зери мафҳуми зеҳн (интеллект) қудрати шахсият барои амалӣ гардонидани маърифат ва ба таври осон бартараф кардани мушкилот, аз ҷумла зимни интихоби вазифаҳои нави ҳаётӣ, фаҳмида мешавад. Ба андешаи академик Н.Н. Моисеев, зеҳн (интеллект) ин пеш аз ҳама истифода бурдан, ба нақша гирифтани захираҳо ва ташкили дурнамои расидан ба мақсадҳо мебошад.[10, 218]. Зеҳният тавассути чунин қудратҳо амалӣ мешавад: маърифат кардан, омӯхтан, мантиқан фикр кардан, таҳлил намудан ва тасниф кардани он, дарёфти алоқаҳо бо он, қонунмандӣ, фарқият аз он ва ғ. Сифатҳои нисбатан афзалиятноки зеҳни шахс кунҷковӣ, яъне нисбати чизе мароқ зоҳир намудан, масъалро ба таври амиқ фикр карда, мантиқан ба ҳалли он наздик шуда, собит намудан маҳсуб меёбанд. ки махсусан дар хонадагони хурдсол ривоҷ додани ин сифат хеле умда аст ва аз омӯзгор вобастагии калон дорад. Зеро, ки: «Ҳисси кунҷковӣ ва мароқ зоҳир намудан ин кӯшиши шахсият барои ҳаматарафа маърифат намудан ё ин ки таъсиррасонӣ ба объект дар муносибатҳои қобили таваҷҷуҳ мебошад. Ин сифати ақлӣ дар асоси фаъолияти фаъоли маърифатӣ сурат мегирад» [10,220]. Бояд хотирнишон сохт, ки «одам махлуқи биологист ва шахсият хусусияти иҷтимоӣ дорад ва танҳо муносибти дуруст ва босалоҳияти таълиму тарбия раванди аз махлуқи биологӣ ба шахсияти бошуур ташаккул ёфтанро амалӣ мегардонад» [13,17]. Аз ин ҷост, ки чун дигар зуҳурот- ақлро тавассути мафҳумҳои маърифат ва фарҳанг тавсиф дода, дар бораи фарҳанги ақлонии онҳо, дар бораи фарҳанги зеҳнӣ сухан кунем. Фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ бошад, ташаккули маҳорат ва иқтидориақлониро, ки амалҳои фикрии хонандагонро дар бар мегирад, пешбинӣ менамояд. Ин маҳорати ҷудо намудани вазифаҳои таълимӣ, ба амал баровардани коркарди ақлӣ буда, дараҷаи пешрафти хонандагонро муайян месозад.

Маҷмӯан дараҷаи зеҳнии шахсият, ки дар хонандаи худсол бояд рушд дода шавад, бо ду меъёр тавсиф мешавад:

– пурдонӣ – ҳаҷми иттилооти фарогирифта;

-рушди ақлонӣ –иттилооти бархурдоргаштаро истифода бурда тавонистан, яъне минбаъд дар ҳаёт татбиқ намудан.

Муҳаққиқон П.Я. Гальперин, Н.Ф. Талызин, В.В. Давыдов, И.С. Якиманский дар масъалаи ба вуҷуд овардани фарҳанги зеҳнӣ ба ақидае омадаанд, ки фарҳанги ақлонӣ шахсияти дорои қобилияти баланди эҷодӣ, яъне мутафаккирро ба вуҷуд меорад. Дар ин ҳолат фарҳанги зеҳнӣ бештар аз дараҷаи рушди соҳаи маънавии ҷомеа, ҳамчунон аз нерӯи фикрӣ ва таҳлилии ҳар як нафар шахсияти аниқ ва албатта худи омӯзгор вобаста аст. . Аз ин бармеояд, ки рушди ҷомеа ва талаботи рушди иҷтимоиву иқтисодии он дар бисёр маврид дар пояи низоми маориф, ки маълумотнокӣ ва ташаккули ҳаматарафаи хонанда барои ҳамчун шахсият ба воя расидан асос меёбад. Дар низоми маориф дар раванди амалигардонии барномаҳои маърифатӣ бояд фазои нави иттилоотӣ - маърифатие ба вуҷуд оварда шавад, ки пеш аз ҳама ба ташаккули сифатҳои ақлонии шахсият, васеъгардонии донишҳои фаннии мувофиқ ба ташаккули инфиродии фарҳангиву маърифати шахсият равона шудаанд. Ақл бошад дар асоси мундариҷаи маводи таълимӣ ва берун аз дарсӣ, усулҳои пешниҳоди он ва ташкили фаъолияти фикрӣ, ба вуҷуд овардани ҳисси мусбӣ дар фаъолияти бачагон ташаккул дода мешавад.

Ба ақидаи Л.С. Выготский ақл дар синну соли хурди мактабӣ нисбатан босуръат рушд мекунад. Фикрронӣ дар ташаккули ақл нақши калидиро мебозад ва он ба равандҳои маърифатии равонии зерин алоқаманд аст: эҳсос, маърифат, диққат, хотира, тасаввурот, фаҳмиш, нутқ. Рушди тафаккур дар навбати худ ба тағироти сифатии маърифат ва хотира, табдили он ба равандҳои танзимкунанда ва дилхоҳ оварда мерасонад Аз ин рӯ, дар синфҳои ибтидоӣ ташкил намудани дарсҳои муназзами зеҳнӣ, ки дар онҳо бачагони бо омодагии мухталифи зеҳнӣ, суст ва пурқувват метавонад супоришҳои ғайритипӣ, ҷустуҷӯӣ, эҷодии берун аз маводи таълимиро ҳаллу фасл кунанд, зарур аст. Ҳалли чунин вазифаҳо асосан на ба дарсҳои мактабӣ, балки фаъолнокӣ ва таассуроти бачагон вобаста аст [9].

Ҳамин тавр, самти мувофиқи ақлӣ ва ташаккулдиҳандаи дарс дар синфҳои ибтидоӣ барои ба вуҷуд овардани фарҳанги ақлонии кӯдак нақши муассир дорад. Ин дар чунин нишондодҳо тафсир мешавад:

1. Дар синфҳои ибтидоӣ барои ташаккули ақл, аз ҷумла, тафаккур марҳилаи ҳассос ба кор бурда мешавад. Ин барои ташаккули ҳамаи қобилиятҳои маърифатӣ мусоидат намуда, дар тамоми раванди таълим истифода мегардад. Дар зимни ташаккул додани ақл мо ба бачагон имкон фароҳам меоварем, ки муҳити атрофро маърифат намоянд. Ин боиси он мегардад, ки хонандаи хурдсол худро танзим мекунад, ба муҳити ӯро иҳотанамуда мутобиқ мешавад, худро ташаккул медиҳад ва оҳиста-оҳиста ба интеллект табдил меёбад. Оянда ӯ донишҳои гирифтаи худро нисбатан фаъолона истифода намуда, ба таъсироти беруна мутобиқ мегардонад. Пас аз ноил шудан ба ин натиҷа нисбати ҳамагуна мушкилоти равониву ҷисмонӣ ва асабоният устуворӣ нишон дода метавонад, маҳорати худташаккулдиҳӣ ва тафаккури мантиқиро соҳиб мешавад.

2. Соҳаи маориф талаб менамояд, ки барои инкишоф додани завқи хонанда аз усулҳои мухталифи таълим, маълумотҳои иловагӣ истифода бурда шавад, хонандагон барои гирифтани донишҳои иловагӣ ҷалб карда шаванд, яъне зимни таълим фарҳанги ақлонии бачагон ба вуҷуд оварда шавад. Бояд гуфт, ки ба вуҷуд омадани фарҳанги ақлонӣ нисбатан фаъолона ҷараён мегирад, агар он ба ихтиёрӣ ва завқи хонандагон ба фанни таълимӣ асос ёфта бошад.

Рушди ақлонии шахсият ва тарбия дар ин самт ба бачагон имконият медиҳад, ки дарк кунад, ки онҳо ҳуқуқ ба дониш доранд ва метавонанд ин ҳуқуқҳои худро дар ҷомеа амалӣ намояд. Вайрон кардани ҳуқуқҳо метавонад барои бачагон ва ҳатто барои ҷомеа гарон афтад. Бинобар ин, мо бо суханони педагоги варзидаи рус В.А. Сухомлинский пурра розӣ ҳастем, ки ӯ менависад: «Ҷоҳил барои ҷомеа хатарнок аст ва ӯ наметавонад худ хушбахт бошад ва ба дигарон зарар мерасонад. Нафари аз мактаб баромада мумкин аст, ки ягон чизро надонад, аммо метавонад инсони боақл бошад» [12,234]. Омӯзгори синфҳои ибтидоӣ бояд рушди саривақтии ақлонии бачагонро таъмин намояд, зеро ки ки имкониятҳои ақлонии бачагон аз ҳаштсолагӣ сар карда метавонад то 80 % инкишоф ёбад. Барои ин, пеш аз ҳама такмили дарсҳо бо мундариҷаи мушаххас муҳим аст. Омӯзгор бояд кӯшиш намояд, ки хонандагон ҳамарӯза ба фаъолияти мустакилона машғул бошанд. Дар онҳо қобилияти эҷодкорӣ инкишоф ёбад. Тавассути ин амал хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки ҳар гуна кашфиёт кунанд. Дар ин ҳолат омӯзгор дар кашфиёти бачагон иштирок намекунад ва роҳи ҳалли ин вазифаро худаш нишон надода, балки бачаро ба

ҷустуҷӯйи мустақилона сафарбар менамояд. Ташкил ва гузаронидани чунин дарсҳо бо бачагон аз омӯзгор усулҳои инноватсионии таълимро талаб мекунад.

Бояд гуфт, ки фарҳангу маърифати ақлонӣ (зеҳнӣ) ба рушди салоҳиятҳои эҷодии хонандагон замима мегузорад. Хонандаи хурдсол баробари аз худ намудани арзишҳои ақлонӣ қудратҳои инфиродии хешро такмил дода, хислатҳои табии худро амалӣ мегардонад ва дар раванди ҳамоҳангсозии ақлонӣ баромад менамояд.

Таҳқиқи моҳияти маърифатӣ-фарҳанги ақлонӣ(зеҳнӣ) якранг набуда доираи васеъро фаро мегирад. Дар зери мафҳуми фарҳанги ақлонии хонандагони хурдсол мо маҷмӯи сифатҳои хонандагон, ҳамчунин хусусиятҳои синнусолӣ ва инфиродии онҳоро мефаҳмем. Дараҷаи рушди фарҳанги ақлонии хонандагонро бошад, аз рӯи натиҷаҳои таълим чунин муайян кардан мумкин аст:

– сифати дониш, маҳорат ва навовариҳо;
– фаъолнокии маърифатии хонандагон;
– ташаккули тафаккур ва қобилиятҳои эҷодиии онҳо;
– самаранокии таълим ва муайянкунии дараҷаи сарбории таълимӣ;
– самаранокии истифодаи имкониятҳои тарбиявии раванди таълим;
– омода будани хатмкунандагони мактаб ба ҳаёт.

«Ба мо лозим аст, ки ба бачагон маърифат намудани меҳнати худ, фаҳмиши чи тавр ташкил намудани онро таълим диҳем»-ёдовар мешавад Н.К. Крупская [8,457]. Зеро, барои ташаккули шахсияти хонандагон ба меҳнат ва шуғл ҷалб кардани онҳо асоси мақсади тарбия ба шумор меравад.

Мушоҳидаҳои ҳамарӯза дар дарсҳо нишон медиҳанд, ки хонандагон на аз он хаста мешаванд, ки бисёр кор мекунанд, балки аз он ҳисси хастагӣ мекунанд, ки кор карда наметавонад. Муҳаққиқ Рубинштейн С.Л. бевосита кайд менамояд, ки агар хонанда маҳорати комили ҳалли масъалаҳои математикиро надошта бошад, барои омодагӣ ба дарсҳо нисбат ба хонандагоне, ки маҳорат ва қобилияти хуби математикӣ доранд, вақтизиёдро сарф мекунад.» [11,349]. Аз ин рӯ, чи гуна маҳорат доштани хонандагон имкон медиҳад, ки ҳангоми омӯзиши фанни таълимӣ аз кадом усули таълим истифода бурда шавад ва кадом усули таълим ба нақша гирифта шавад ва дар кадом дарсҳо ин маҳорат таҷассум ва мустаҳкам гардонида шавад. Дар ин ҳолат асоси нақшаи умумиро вазифаҳои алоҳидаи ҳар як дарс оид ба ташаккули сифатҳои таълимӣ-маърифатии хонандагон муайян менамоянд. Ин ба омӯзгор имконият медиҳад, ки барномаҳои ташаккули фарҳанги ақлонии байнифанниро коркард ва дар амал татбиқ намояд.

Имрӯзҳо муассисахои таълимӣ таҳти раванди низоми босалоҳият фаъолият доранд ва самти асосии ин муносибат барои ҳамчун шахсият ташаккул ёфтани хонандагон равона карда шудааст ва натиҷаи мусбати ин раванд аз омӯзгор вобаста аст. Зеро одам махлуқи биологист ва шахсият хусусияти иҷтимоӣ дорад. Аз ин рӯ, танҳо муносибати дуруст ва босалоҳияти таълиму тарбия раванди аз махлуқи биологӣ ба шахсияти бузург ташаккул ёфтанро амалӣ мегардонад. Муносибати босалоҳият дар таълиму тарбия бояд ба он равна карда шавад, ки ҳар як хонандаи мактаб тарбияи дурусти ахлоқию маънавӣ, зеҳнӣ, сиёсӣ, динӣ ва маърифатию фарҳангиро соҳиб гардида, ҳамчун шахсияти комил ташаккулёфта ҳамқадами замони муосир бошанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Бабанский Ю.К. Рациональная организация учебной деятельности. - М: Педагогика, 1981. – 96 с.
2. Выготский Л.С. Педагогическая психология. - М.: Педагогика, 1994. - 480 с.
3. Гальперин П.Я. Методы обучения и умственное развитие ребенка. - М.: МГУ, 1985. - 45с.
4. Гальперин П.Я. Поэтапное формирование как метод психологического исследования. //Теории учения. Ч.1. - М., 1996.
5. Давыдов В.В. Теория развивающего обучения. - М: Интер, 1996. - 384 с.
6. Кабанова-Меллер Е.Н. Учебная деятельность и развивающее обучение. - М.: Педагогика, 1981. – 96 с.
7. Котибова Ш. Рушди тафаккури эҷодии хонандагон дар синфҳои ибтидоӣ Дастури таълимӣ/Котибова Ш. .-Душанбе, 2016.-200 с.
8. Крупская Н.К. За подлинно политехническую школу. //Педагогические сочинения: В 10 т. - М., 1959.
9. Лутфуллоев М. Осор.Ҷилди 4.Китоби дарсӣ/Лутфуллоев М.-Душанбе, Собириён, 2013.-511 с.

10. Моисеев Н.Н. Судьба цивилизации. Путь разума. - М., 2000. - 224 с.
11. Рубинштейн С.Л. Основы общей психологии. /Составители, авторы комментариев и послесловия А.В. Брушлинский, К.А. Абульханова-Славская. - СПб: Изд. «Питер», 2000. - 712 с. Суворов В.В. Искусственный интеллект: проблемы и реальность. - М., 1998.
12. Сухомлинский В.А. Избранные произведения: в 5 т. - Киев, 1979.-668 с.
13. Туронов С. Муносибати босалоҳият дар таҳсилоти касбӣ. Душанбе, 2018. 127 с.
14. Шамова Т.И. Активизация учения школьников. - М.: Педагогика, 1982. – 209 с.

**Ҳакимова Х.**

**ТАРБИЯ- ОМИЛИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ШАХСИЯТИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ**

Мақола ба масъалаи ташаккули маърифату фарҳанги зеҳнии хонандагони хурдсол ва ҳалли он дар асоси стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоӣ бахшида шудааст. Қайд гардидааст, ки зери мафҳуми зеҳн қобилиятҳои шахсият дарк карда шуда, барои ба иҷро расонидани раванди дарккунӣ ва самаранок ҳал намудани ин мушкилот аз худ намудани доираи нави вазифаҳои ҳаётӣ фаҳмида мешавад.

***Калидвожа:*** *зеҳн, инкишоф, фарҳанги зеҳнӣ, тафаккур, фаъолияти маърифатӣ, қобилияти маърифатӣ, идроки таълимӣ.*

**Хакимова Х.**

**ВОСПИТАНИЯ – ФАКТОР РАЗВИТИЯ ЛИЧНОСТИ УЧАЩИХСЯ МЛАДШИХ КЛАССОВ**

Данная статья посвящена проблемам формирования интеллектуального познания и культуры школьников и решения этих проблем на основе общего стандарта начального образования. В статье особо указана, что под интеллектом понимается способность личности к осуществлению процесса познания и эффективное решение проблем, в частности при овладении новым кругом жизненных задач. Отмечается, что развивая в ребенке интеллект, мы даем ему мощное орудие познания окружающего мира, включающее компоненты саморегуляции, адаптации и саморазвития.

Отмечается, что под термином интеллект понимается способности личности.

***Ключевые слова:*** *интеллект, развитие, интеллектуальная культура, мышление, познавательная деятельность, познавательные способности, учебное познание.*

**Khakimova Kh.**

**EDUCATION - IN THE PERSONALITY DEVELOPMENT OF CHILDREN**

This article is devoted to the problems of the formation of intellectual knowledge and culture of schoolchildren and the solution of these problems on the basis of the general standard of primary education. The article specifies that intelligence is understood as the ability of a person to carry out the process of cognition and to effectively solve problems, in particular, when mastering a new circle of life tasks. It is noted that by developing intelligence in a child, we give him a powerful tool for learning about the world around him, including the components of self-regulation, adaptation and self-development. It is noted that the term intelligence refers to the ability of a person.

***Key words:*** *intelligence, development, intellectual culture, thinking, cognitive activity, cognitive abilities, educational cognition.*

**Сведения об авторе: Хакимова Хосият** – преподаватель СОШ №35 района Шохмансур г. Душанбе.

**Information about the author Khakimova Khosiyat**-teacher of secondary school No. 35 of Shokhmansur district, Dushanbe

**Р. АБДУҶАББОР**
**Х. МАҲМАДАМИНОВ**

# САБАБҲОИ АСОСИИ ПОШХУРИИ ОИЛАҲОИ ҶАВОН ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР

Хонавода ё худ оила - аз ниҳодҳои муҳим ва бунёдии ҷомеа аст, ки дар зиндагии фард ва ҷомеа нақши асосӣ дорад. Аҳамияти хонавода ба унвони як ниҳоди иҷтимоӣ масъалаи ғайри қобили тардид аст. Таъсири хонавода дар кӯдак ва нақшҳои муҳимми он дар ҷанбаҳои созандагӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва ғайра бисёр муҳиму азим мебошад. Зиндагии якҷоя дар оила, ки бо ҳаёти умумӣ алоқаманд аст, уҳдадорӣ ё вазифаҳои ба худ хосро ба миён меоварад, ки ба онҳо дохил мешаванд:

- дастгирии фосилагии биологӣ (тавлиди фарзандон);
- таъмин кардани мавҷудияти биологӣ (хӯрок, пӯшок, манзил);
- ба вуҷуд овардани пайвастагии маданӣ, ба насли нав додани мероси ҷамъиятию фарҳангӣ, шароити моддӣ;
- муҳайё кардани холати мусоиди эмотсионалӣ ва бехатарӣ дар оила ва ғайра.

Оила маконест, ки дар он арзишҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои иҷтимоӣ аз насл ба насл мегузаранд, бинобар ин, тамоми кӯшишҳоро бояд ба харҷ дод, то риштаи бунёдии оилаҳои ҷавон ҳаргиз канда нашавад.

Яке аз ҳадафҳои асосии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирии оилаҳои ҷавон ва баланд бардоштани сатҳи маърифати оиладорист. Омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ дар назди аҳли ҷомеа вазифаи ниҳоят муҳим арзёбӣ мешавад.

Омӯзиши сабабҳои вайроншавии оилаҳо шаҳодат медиҳад, ки бештари чунин ҳолатҳо, бинобар тайёр набудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ба вуҷуд меоянд. Аз ин хотир, оила, мактаб ва ҷомеа бояд дар кори омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ саҳмгузор бошанд. [7.с16] Интихоби дуруст ва бунёди оилаи солим омили муҳимми рушди ҷамъият ва таҳкими давлат мебошад. Муҳим аст, ки пеш аз барпо намудани оила ҳар шаҳрванд бо дарки масъулият паҳлуҳои мухталифи ҳаёти оилавиро аз худ карда, муносибатҳои оилавиро дар асоси ҳурмату эҳтироми якдигар, риояи урфу одатҳои миллӣ ва муҳаббату якдигарфаҳмӣ ба роҳ монад. Танзими муносибатҳои оилавӣ дар асоси принсипҳои ихтиёрӣ будани акди никоҳи марду зан, баробарии ҳуқуқи зану шавҳар дар оила, ҳалли масъалаҳои дохилиоилавӣ дар асоси мувофиқаи тарафҳо, афзалияти тарбияи кӯдакон дар оила, чораандешӣ нисбат ба некӯаҳволӣ ва рушду камоли онҳо, таъмини ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои аъзои ноболиғ ва ғайриқобили меҳнати оила сурат мегирад. Ободии ватан агар аз ободии ҳар хонадон оғоз ёбад, ободии хонадон аз маърифат, муносибати неки оиладории падару модар сарчашма мегирад. [10, с 3].

Имрӯзҳо мо оилаи тоҷикро дар як парокандагӣ мебинем, ки ба буҳрони сахт гирифтор шудааст, ки яке аз мушкилоти асосии он ин зиёд шудани шумораи оилаҳои аз ҳам чудошуда мебошад. Дар ҷомеаи мо рӯз то рӯз шумораи пошхӯрии оилаҳо зиёд мешавад, ки ин боиси нигаронист. Дар ҷаҳони имрӯза, рушди босуръати пошхӯрии оилаҳо, ки он сабаби аз байн рафтани манбаи ибтидоии ташаккули ҷамъият – оила мегардад, боиси изтироби ҷомеаи ҷаҳон гардидааст. Олимон баҳри пешгирии ин падидаи номатлуб чораҳо андешида истодаанд, вале ин инҷироҷ ба дараҷае вусъат ёфта истодааст, ки ҳалли он номумкин гардидааст. Сабаб дар он аст, ки инҷирози оила ва рушди талоқ аз як омил вобаста набуда, он сабабҳои зиёдеро, ки тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонро фаро мегирад, дар бар гирифтааст. Дар миёни сабабҳои рушди ҷудошавии оилаҳои ҷавон омили равонӣ аз ҳама бештар бартарӣ пайдо кардааст. Зеро ҳамаи омилҳои пошхурии оилаҳо, аз қабили омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ва ё фарҳангӣ ногузир ба вазъи равонии инсон таъсир расонида, ба омили равонии талоқ сабаб мегарданд ва баръакс, омили равонӣ боиси вазъи номусоиди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ё фарҳангӣ дар оила ҷомеа сабаб мегардад. Яъне ҳамаи сабабҳои талоқ ба омили равонии талоқ сабаб гардида дар навбати худ омили равонӣ боиси рушди омилҳои дигари талоқ мегардад.[5. С.80].

Масалан, агар дар оила вазъи номусоиди иқтисодӣ, нарасидани маводи зисту зиндагии мусоид, фарҳанги номутаносуби зану шавҳар ва амсоли инҳо вуҷуд дошта бошад, онҳо ба шиддати вазъи номусоиди равонӣ, ба бад гардидани вазъи иқтисодӣ, коста гардидани фарҳанг ва дигар муносибатҳои иҷтимоии марду зан оварда мерасонад. Ин

алоқамандии омилҳои раванди қонунии ягонагӣ ва муборизаи ба ҳам зидҳост, ки ҳар як оиларо хоҳу нохоҳ фаро мегирад. Аз ин рӯ, муайян намудани омилҳои ҷудошавии оилаҳо кори хеле ҳам душвор буда, дар ҳар як ҳолат ва дар ҳар як оила хусусияти хоссеро дорост. Вале ҷомеашиносон дар таҳқиқоти ҷомеашиносӣ дар сатҳи макроиҷтимоӣ Шнейдер Л.Б дар Русия ва микроиҷтимоӣ Обиди Мусавӣ дар Ҷумҳурии исломии Эрон омилҳои асосии пошхӯрии оилаҳоро дар ҷаҳони имрӯза ва сарзаминҳои хеш мавриди таҳқиқ қарор дода, омилҳои хусусияти умумӣ доштани онро муайян намуданд, ки дар аксари ҷомеаҳои имрӯзаи ҷаҳон арзи вуҷуд доранд. Масалан:

- Омили номувофиқатии равонӣ;
- Сардшавии муносибатҳои оилавӣ;
- Омода набудани ҳамсарон ба зиндагии оилавӣ;
- Рафторҳои нохуби яке ё ҳар ду ҳамсарон дар оила;
- Омили "номувофикатии сатҳи фарҳангӣ";
- Омили набудани ишқу муҳаббат дар муносибатҳои оилавӣ;
- Сиёсати нодурусти гендерӣ ва ғайраҳо.

Ба назари мо омилҳое, ки ба сардшавӣ ё ҷудошавии оилаҳо сабаб мешаванд метавонад боз:

- муносибатҳои низоъангез нисбати яке аз волидайни ҳамсар;
- ҳамзистии муштарак бо волидайни яке аз ҳамсарон дар як манзил;
- синни барвақт ё дери никоҳӣ;
- идеализатсиякунонии ҳамсар;
- дараҷаи баланди низоъангезии шахсияти як ё ҳарду ҳамсар;
- дараҷаи нобаробари сатҳи дониш ва мавқеъи иҷтимоии ҳамсарон;
- шуғли касбии занҳо;
- зисти маҷбурии ҷудогонаи ҳамсарон (сафарҳои касбӣ);
- хиёнат, ноқаноатмандии шаҳвонӣ дар никоҳ;
- набудани боварӣ дар муносибатҳои байнишахсӣ;
- безуриётии яке аз ҳамсарон;
- ҳомиладории пеш аз никоҳ;
- тавлиди фарзанд дар аввали (1 – 2) соли ҳаёти оиладорӣ;
- истифодабарии машруботи спиртӣ ва маводи нашъадор ва ғайра.

Албатта вақти он расидааст, ки ба оилаю оиладорӣ аз диди нав назар карда шавад. Дар ин роҳ ташкил кардани таҳқиқоти бардавоми сотсиологӣ ёрие расонида метавонанд. Бо соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯ овардани он ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, ҳар чӣ бештар иҷтимоишавии фаъолияти одамон, хосияти ҷаҳонӣ пайдо намудани оилаю оиладорӣ ва боз дигар проблемаҳо тақозо менамоянд, ки чунин масъалаҳои муҳимми созмон додани оилаҳои устувори замонавӣ ва нигоҳ дошта тавонистани онҳо пеш дар пеш омӯхта, хулосагирии ҳамаҷиҳатаи илмию амалӣ (воқеӣ) карда шаванд. Ба мисли:

- Тайёр будани тарафҳо (писару духтар) ба ташкили оила ва пеш бурдани он;
- Мақсаду мароми онҳое, ки оиларо созмон медиҳанд, мувофиқ будан ба ташкили оила;
- Мақоми падару модарон дар омода сохтани фарзандон ба оилаю оиладории мустақилона;
- Муҳайё сохтани шароите, ки баъди ташкил, нигоҳ доштан, мустаҳкам намудани оила заруранд ва маҳз ба назару эътибор нагирифтани онҳо дар бисёр ҳолатҳо боиси ҷудошавии оилаҳо мегарданд (манзилгоҳ, асбобу анҷоми рӯзгори хона, таъмини иқтисодӣ ва ғ.); [1.512].
- Муътадилсозии вазъияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавию ахлоқии оиладоршавандагон;
- Қобилияти ба дунё овардани фарзандон, тарбия ва ба камол расонидани онҳо;
- Дараҷаи дарки ҳисси масъулият доштани тарафҳо нисбат ба оилаю оиладорӣ;
- Аз ҷониби давлат, ҷомеа, падару модарон муҳайё кардани шароит ба оилаҳои камбизоат, расонидани кумакҳое, ки заруранд;
- Дар зери назорати доимӣ нигоҳ доштани вазъи оилаю оиладорӣ аз ҷониби падару модарон, аҳли хешу таборон, наздикони онҳо;

- Ташкили нуқтаҳои маслиҳатдиҳӣ, тарғиботӣ ба оилаҳои ҷавон ва дигар омилҳои устувор сохтани оила ва баланд бардоштани мақоми вай дар ҷомеаи демократии ҳуқуқбунёд;

- Созмон додан, нигоҳ доштан, мустаҳкам сохтан ва давра ба давра баланд намудани мақому мароми оилаю оиладорӣ дар ҳамаи давру замонаҳо, дар маркази бунёдкунандагони вай, аҳли ҷомеа, роҳбарони мақомоти дахлдори давлатию ҷамъиятӣ меистанд. Вобаста бо ҳамин, бахри амалӣ гардонидани мақсадҳои хеш тараддудҳои зиёде андешида мешаванд, ки дар воқеиат ҳам оила воситаи ягонаю асосии ба дунё овардани фарзандони солим, тарбия ва ба воя расонидани ворисони бонангу номуси падару модарон, бунёдкунандагону созандагони ҷомеаю ҷомеадорӣ ва ғ. дигар пояндаю устувор бошад.[8.с.15]. Ҳамин аст, ки оила торафт мақоми баланди созандагӣ ва хушҳолиро пайдо намуда, дар қатори дигар ҷузъҳои ҷамъиятӣ, ҷомеаю давлатии имрӯза аз ҷумла мақоми хеле ҳам муҳими одамон гардидааст.

Чуноне устод Муҳаммад Лутфуллозода мегӯянд: - «Ҷавонон бояд фаҳманд, ки никоҳ қарори яккарата, устувор ва то охири умр буда, асоси ҳама гуна некуаҳволист. Он принсипи зеринро дар назар дорад: муҳаббат – оила, оила – сиҳатию саломатӣ, саломатӣ – қобилияти кор, қобилияти кор – комёбӣ, комёб – осудаҳолӣ, зиндагии муваффақ».

Ин асос чунин маъно дорад:

Хонавода – вазифаи зиндагӣ, ки ба тарзи ҷиддӣ дар ин ё он марҳилаи ҳаёт гузошта мешавад.

Хонавода – уҳдадорӣ ва масъулияти бузург дар назди худ, падару модар калонсолон ва ҷамъият.

Таваллуди фарзанди бенуқсу солим, ки меваи инсон аст.

Тарбия ва таълими фарзанд, ба ҳаёти мустақил, хизмати оила, халқ ва Ватан омода намудани он.

Имрӯзҳо оилаҳои зиёдеро мисол овардан мумкин аст, ки «Боғи дили гарм»-и бисёриҳо шудаанду ифтихори ҳамагонанд. Вақти он расидааст, ки чунин «Боғи дил» -ро ободу зебо гардонида, мақоми якумраи гарму ҷӯшон, хонаи умедбахши хурду калони ҷомеа гардонем. Дар ин роҳи муроду мақсад, тавассути хубу гуворо, давра ба давра, бо таври системанок ташкил карда гузаронидани таҳқиқоти мушаххаси сотсиологӣ дарёфт намудани оилаҳои боз ҳам ободу зебо ва мустаҳкам намудани оилаю оиладорӣ мақоми муҳимро бозида метавонанд.

Таҳқиқоти солҳои охир нишон медиҳанд, ки барои мустаҳкаму пуриқтидор шудани оила, ҳар чӣ бештар бунёд сохтани шумораҳои оилаҳои солиму намунавӣ, қатъиян риоя кардани тарзи озодонаи ташкили оила ба хонадоршавандагон, сари вақт додани маслиҳатҳои муфид, дар зери назорати доимии падару модарон, хешовандон, дӯстон, будани оилаҳои ҷавонписарону духтарон, риоя кардани нишондодҳои қонун дар бораи ташкили оилаю оиладорӣ, кӯмаки ҳамешагӣ расонидан аз ҷониби созмону ташкилотҳои соҳа, дар ғамхории беназири давлат ва ҳукумат қарор доштани оилаҳо, алалхусус оилаҳои ҷавон ва боз дигар омилҳо аз ҷумлаи роҳҳое мебошанд, ки оиларо мустаҳкам намуда, мақому мароми ҷамъиятӣ, сиёсӣ доштани оилаҳоро боз ҳам баланд месозанд. Ба ин хотир он таҷрибаи бое, ки оилаҳои намунавӣ ба даст даровардаанд ва онҳо кам ҳам нестанд, роҳнамо сохтан аз манфиат холӣ нахоҳад буд. Дар сарчашмаҳои ба ин масъала бахшидашуда баъзе роҳҳои мустаҳкам сохтани оилаҳо хуб нишон дода шуданд.

Баъзе муҳаққиқон, масалан чунин таҷрибаҳоро аз ҷумлаи мустаҳкам нигоҳ доштани оила медонанд: ҳавасманд сохтан, кумаки моддӣ, маънавӣ расонидан ба оилаҳое, ки ба ин эҳтиёҷ доранд: аз манзил, хонаю ҷой таъмин сохтани оилаҳои ҷавон, кумаки молӣ, пулӣ расонидан ба онҳо, ба таври ройгон қабул кардани фарзандони онҳо ба боғча, мактаб ва ғ, назорати давлатӣ нисбати ҳимояи ҳуқуқи ҳамсарон, пешгирии ҳар гуна беандешагиҳо дар оила, ҳимояи ҳуқуқи модарон, фарзандон ва ғ, дастгирии маънавӣ – ахлоқӣ, идеявӣ – сиёсӣ ва рӯҳӣ (аз ҷониби ҳамсоягон, кумитаи кор бо занон, вакилони мардумӣ, шӯроҳои занон, шахсони рӯзгордида, гузаронидани вохӯриҳо, шабнишиниҳо, тарғиботи аҳамияти тарбиявӣдошта, ташкили намоишҳои телевизионӣ ва ғ.), дар тахти ғамхории ҷомеа, давлат будани оилаҳои ҷавони камбизоат, ҳарчи бештар иттилоот расонидан аз рӯзгори оилаҳои намунавӣ ва ғ.

Мушоҳидаҳои сотсиологӣ, шиносшавӣ ба баъзе оилаҳо ва сӯҳбатҳои самимӣ бо онҳо нишон медиҳанд, ки дар мустаҳкам шудани оилаю оиладорӣ дар ҳақиқат ҳам омилҳои

зиёде вуҷуд доранд. Боиси тазаккур аст, ки бештари ин омилҳо баъди ҷудо шудани онҳо маълум мегарданд. Вале сад афсўс, ки пушаймонӣ аз онҳо дигар суде надорад. Аз он хотир, агар сотсиологҳои ин мактаб якҷоя бо дигар мактабҳои сотсиологӣ, мақомоти давлатию ҷамъиятӣ пеш дар пеш таҳқиқот гузаронида, роҳҳои пешгирии вайрон шудани оилаҳоро (алалхусус оилаҳои ҷавон, ки шумораашон кам нестанд) равшан аниқ месохтанд, муваффақиятҳо дар ин ҷода зиёдтар мешуданд. Сабабҳои ҷудо шудани оилаҳо низ хеле ҳам гуногунанд: камбизоатӣ, булҳавасӣ дар ташкили оила, рост наомадани характери якдигар, нодуруст ба роҳ мондани вазифаҳои ҳамсарон дар оила, якдигарро нафаҳмидан, созмон додани оила дар асоси мақсадҳои ғаразноки яке аз тарафҳо, аз рўйи дороӣ ризогӣ додан ба ташкили оила, баъзан надидаю надонистани тарафҳо ҳангоми барпокунии оила, каммаърифатии тарафҳо, ҳифз наёфтани ҳуқуқи зан дар оила, бе ҷойи кор, бе макон будани мард ва ғ. дигар.

Аммо масъалаи асосӣ дар он аст, ки бо назардошти ҳамагуна сабабҳое, ки вуҷуд доранд ва ё пеш омаданашон аз гумон дур нестанд, вале онҳоро пешгўйӣ кардан имконе ҳаст, мебоист чораҳо андешид. Агар, ки хоҳем дар ҷомеаи солим кор ва зиндагии хушҳолона умр ба сар барем мо ҳамагон, хурду калон бояд дар ин кор кўмакрасон бошем. Дар роҳҳи мустаҳкаму тавоно сохтани оилаю оиладорӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ пеш дар пеш ҷораҳои зарурии саривақтӣ андешида мешаванд. Солимии оила дар маркази диққати сарвари кишварамон мўҳтарам Э. Раҳмон истодааст.[5. 15]. Маҳз бо кўмаку ғамхориҳои доимии ў, имрўз дар ҷомеа сафи оилаҳои солим хеле ҳам афзуда, мақому мароми оила дар ҳамаи он самтҳое, ки вай бояд худро нишон диҳад, боз ҳам тавонотар мешаванд. Такмилсозии системаи қонунгузории оила, мустаҳкам намудани мақомоти оила дар ҷомеа, баланд бардоштани мақоми зан дар идоракунии корҳои давлатию ҷамъиятӣ, ғамхориҳои зарурӣ ба фарзандон, кўдакони синни томактабӣ ва мактабӣ, он кўмакҳои пулӣ, моддӣ ва маънавие, ки давлат ва ҳукумат ҳар сол баҳри ободу зебо шудани зисту зиндагии оилаҳо равона сохтааст, худ гувоҳи чунин гуфтаҳо мебошанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Шнейдер Л. Б. Психология семейных отношений: Курс лекций. – М.: Апрель – Пресс, Изд-во ЭКСМО-Пресс, 2000. – 512 с.
2. Обиди Мусавӣ Саид Аббос Сайд Алиасғар. Таъсири алоқамандии сармояи иҷтимоӣ бар талоқ дар ш. Машҳади ҶИЭ/Диссертатсияи номзадӣ. – Душанбе, 2014.
3. М. Лутфуллозода. Осор – 4, Нашриёти “Собириён”. Душанбе – 2013. – 514 саҳ.
4. Маҳмудов, М.А. Шарипов, Т.Ш. Оила дар ҳифзи қонун.- Душанбе, 2001-3.8-21.
5. Маҳмудов, М.А. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳамсарон дар оила.- Душанбе, 2003.
6. Меликсетиян, А.С., Имрўзу фардои оила (мутарҷим Акрамов С).-Душанбе, Маориф, 1986. С. 80.
7. Поливалина, Л.А. Энцеклопедия молодой семьи. М: РИПОЛКЛАССИК, 2001
8. Раҳмонов, Э. Танзими оила- кафолати рушди устувори ҷомеа- Душанбе, Шарқи озод, 2002.- С. 16
9. Ҳифзи ҳуқуқи занон дар Тоҷикистон (маҷмуаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асноди байналмиллалӣ). Тартибдиҳанда Маҳмудов, Ш.А.- Душанбе. 2000.-с. 5.
10. Лутфуллоева П. Зиндагӣ ширин аст. Нашриёти “Сифат”. Душанбе – 2015. 47 саҳ.
11. Янкова, З.А, Очилдиева, С.Ф., Лосева О.К. Мужчина и женщина в семье.- М. Финансы и статистика, 1983,- с 70.
12. Барномаи таълими фанни маърифати оиладорӣ дар синфи 10-ум. Душанбе, 2015. 16 саҳ. Мураттибон: Хуррам Раҳимзода Латофат Назирова. Шермуҳаммад Ёрмуҳаммадзода. Муҳаррир: Аҳмадшоҳи Комилзода.



**Рустами Абдуҷаббор**
**Маҳмадаминов Хайём**


## САБАБҲОИ АСОСИИ ПОШХУРИИ ОИЛАҲОИ ҶАВОН ДАР ҶОМЕАИ МУОСИР


Дар мақола сухан бобати вазъи оилаҳои ҷавон, аз ҷумла пошхўрии онҳо меравад. Чуноне муҳаққиқон қайд менамоянд, омўзиши сабабҳои вайроншавии оилаҳо шаҳодат медиҳад, ки бештари чунин ҳолатҳо, бинобар тайёр набудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ ба вуҷуд меоянд. Аз ин хотир, оила, мактаб ва ҷомеа бояд дар кори омода намудани ҷавонон ба ҳаёти оилавӣ саҳмгузор бошанд.

***Калидвожаҳо:*** *оила, хонавода, ҷомеа, зану шавҳар, тарбия, маърифати оиладорӣ, никоҳ, пошхӯрии оила, нотайёрии ҷавонон.*

**Рустам Абдуджаббор**
**Махмадаминов Хаём**

**ОСНОВНЫЕ ПРИЧИНЫ РАСПАДА МОЛОДЫХ СЕМЕЙ В СОВРЕМЕННОМ ОБЩЕСТВЕ**

В статье рассматривается положение молодых семей, в том числе их распад. По мнению исследователей, изучение причин распада семьи показывает, что большинство этих случаев происходит из-за неподготовленности молодых людей к семейной жизни. Поэтому семья, школа и сообщество должны вносить свой вклад в подготовку молодых людей к семейной жизни.

***Ключевые слова:*** *семья, домохозяйство, общество, супруги, воспитание, семейное воспитание, брак, распад семьи, неподготовленность молодежи.*

**Rustam Abdujabbor**
**Makhmadaminov Hayem**

**THE MAIN REASONS FOR THE BREAKUP OF YOUNG FAMILIES IN MODERN SOCIETY**

The article examines the situation of young families, including their disintegration. According to the researchers, the study of the causes of family breakdown shows that most of these cases are due to the unpreparedness of young people for family life. Therefore, the family, school and community should contribute to preparing young people for family life.

***Key words:*** *family, household, society, spouses, upbringing, family upbringing, marriage, family breakdown, youth unpreparedness.*

**Сведения об авторах: Рустам Абдуджабор** – преподаватель кафедры педагогики и психологии. Государственный университет Дангары. Адрес: район Шамсиддин Шохин, джамоат Чагам. E-mail: abdujabborzoda. @mail.ru. Телефон: 985752445.

**Махмадаминов Хайём** - преподаватель кафедры педагогики и психологии. Государственный университет Дангары. Адрес. Дангара. Улица Совети. 25. 903001536. Hmahmadaminov@ mail.ru/

**Information about the authors: Rustami Abdujabor** - Lecturer at the Department of Pedagogy and Psychology. Dangara State University. Address: Shamsiddin Shokhin district, Chagam jamoat. E-mail: abdujabborzoda. @ mail.ru. Phone: 985752445.

**Makhmadaminov Khayyom** - Lecturer at the Department of Pedagogy and Psychology. Dangara State University. The address. Dangara. Soveti street. 25.903001536. Hmahmadaminov @ mail.ru/

**С. САМИЕВ**

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМИ ДОНИШҶӮЁН ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Масъалаҳои таҳия ва татбиқи технологияҳои ҳифзи саломатӣ дар раванди тарбияи ҷисмонии донишҷӯён ҳоло дар адабиёти махсуси илмӣ ва методӣ васеъ инъикос ёфтааст. Ҷамъбасти таҷрибаи ҷаҳонӣ имкон медиҳад, ки муносибатҳои назариявӣ ба ташаккули тарзи ҳаёти солими донишҷӯён ва амалисозии фаъолияти ҳифзи саломатӣ дар раванди тарбияи ҷисмонӣ фарқгузорӣ карда шаванд.

Доираи тамаркузи арзишҳо ва ангезаҳои ҷалби донишҷӯён ба машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш хеле васеъ ва гуногун аст. Ин метавонад тамоилот ба арзишҳои асосии инсон - саломатӣ, пешгирӣ ва табобати бемориҳо, тарзи ҳаёти солим, истироҳати ҷисмонӣ ва вақтгузаронии гуворо, гирифтани эҳсоси мусбат, инкишоф додани сифатҳои ҷисмонӣ ва қаду басти зебо, имкони муваффақиятҳои шахсӣ ва қонеъгардонии шуҳратпарастии худ, обутобдиҳии хислат ва хоҳиши озмоишкунӣ, худтасдиқкунӣ ва худтакмилдиҳӣ бошанд.

Тарзи ҳаёти солим бештар аз тамоилҳои арзишии донишҷӯ, ҷаҳонбинӣ, таҷрибаи иҷтимоӣ ва ахлоқӣ вобаста аст. Самтгириҳои арзишӣ интихоби озоди арзишҳои иҷтимоиро пешбинӣ менамояд, ки шахс дар фаъолияташ роҳнамоӣ ва ҳидоят мешавад. Гузашта аз ин, арзишҳои тарзи ҳаёти солим, ки барои донишҷӯ муҳимманд, на ҳамеша бо арзишҳои ташаккули шуури ҷамъиятӣ мувофиқат мекунанд. Носозгории равандҳои маърифатӣ (донишҳои илмӣ ва маишӣ), психологӣ (ташаккули сохторҳои зеҳнӣ, эҳсосотӣ, иродавӣ), иҷтимоӣ-психологӣ (тамоили иҷтимоӣ,

низоми арзишҳо), вазифаӣ (малакаҳо, маҳоратҳо, одатҳо, меъёрҳои рафтор, фаъолият, муносибатҳо) метавонад боиси ташаккули хислатҳои зиддиичтимоии шахсиятӣ шаванд. Аз ин рӯ, дар муассисаи таҳсилоти олӣ зарур аст, ки интихоби огоҳонаи арзишҳои ичтимоии тарзи ҳаёти солим аз чониби донишчӯ таъмин карда шавад ва дар асоси онҳо низоми устувори инфиродии тамаркузи арзишҳо ташаккул дода шавад [7].

Тарзи ҳаёти солим тарзи ҳаёти оқилона аст, ки хусусияти муҳимми он фаъолият барои нигоҳ доштан ва беҳтар намудани саломатӣ мебошад. Тарзи ҳаёт, ки ба саломатии чамъиятӣ ва фардӣ мусоидат мекунад, асоси пешгирии бемориҳо буда, ташаккули он вазифаи муҳимтарини сиёсати ичтимоии давлат дар амри ҳифз ва мустаҳкам намудани саломатии мардум мебошад [1. с. 618-622].

Тарзи ҳаёти солимро метавон ҳамчун пойгоҳи пешгирии бемориҳо баррасӣ кард. Он ба рафъи омилҳои мухталифи хавф, аз қабили: ғайрифаъолӣ, сатҳи пасти фарҳанг, сатҳи пасти фаъолияти чисмонӣ, ғизои носолим ва номутаносиб, сатҳи пасти фаъолият ва фарҳангии ичтимоӣ, истеъмоли машруботи спиртӣ, тамокукашӣ, истеъмоли маводи мухаддир, муносибатҳои муташанниҷ дар оила ва ғайра нигаронида шудааст.

Дар Оинномаи Созмони Умумичаҳонии Тандурустӣ тибқи се муқаррароти Г. Сигерист ҳамчун «солимии комили равонӣ, чисмонӣ, биологӣ ва ичтимоӣ, на танҳо мавчудияти беморӣ ё нукс» муайян шудааст [2].Чунин таъриф дар асоси консепсияи Созмони Умумичаҳонии Тандурустӣ дар соли 1985, «Саломатӣ барои ҳама то соли 2000» қарор гирифта буд. Дар самти мазкур В.П. Казначеев, Р.М. Баевский, А.П. Берсенева «саломатӣ» -ро ҳамчун раванди нигоҳдорӣ ва рушди вазифаҳои физиологӣ, биологӣ ва равонӣ, фаъолияти оптималии меҳнатӣ ва ичтимоӣ зимни давомнокии ҳадди аксари ҳаёти фаъоли эчодӣ муайян кардаанд [5].

Шедрина А.Г. дар бораи истилоҳи «саломатӣ» сухан ронда, муродифи қобилияти ҳаётиро пешниҳод карда, бемориро ҳамчун қисми манфии саломатӣ дар тафсири пурраи он пешниҳод мекунад. Саломатии инфиродӣ номуайян буда, пуррагии он аз низомҳои мухталифе иборат аст, ки барои нигоҳ доштани ҳолати мушаххас ва сатҳи саломатӣ иштирок мекунанд, ки худ ба худ арзишҳо маҳсуб ёфта, дар маҷмӯъ ягон паҳлуи саломатиро инъикос карда, онҳо бо ҳам низ алоқаманд ва пайваст буда, метавонанд аз чиҳати миқдорӣ ва сифатӣ ифода ёбанд [14].

Имрӯз маълум шуд, ки агар ба фарҳанги чисмонӣ, ки муносибатро ба шахсияти донишчӯ дар бар мегирад, таваччуҳ зоҳир карда нашавад, пас мушкилоти саломатии ғайриқаноатманд идома хоҳад ёфт. Дар робита ба ин зарурати такмили тарбияи чисмонии донишчӯён чиҳати самтдиҳии онҳо ба сӯйи тарзи ҳаёти солим ба миён омад [3].

Саломатии инсон падидаи хеле мураккаби мавчудияти умумиинсонӣ ва инфиродӣ мебошад. Имрӯз шубҳае нест, ки он мураккаб аст, зеро он аз таъсири омилҳои мураккаби тартиби чисмонӣ ва равонӣ, ичтимоӣ ва инфиродӣ ва аксар вақт сифатҳои фалсафии инсон вобаста аст. Солимии чисмонӣ - саломатии хуб, қувват ва бардамӣ мебахшад. Солимии равонӣ - оромӣ, руҳияи хуб, меҳрубонӣ, шодмонӣ мебахшад [7, с. 12].

Тарзи ҳаёти солими донишчӯён маҷмӯи самтҳо ва муносибатҳои арзишӣ, одатҳо, реча, ва суръати зиндагие мебошад, ки ба нигаҳдорӣ, тақвият, ташаккул, бозтавлиди беҳтарини саломатӣ дар раванди таълим ва тарбия, муошират, бозӣ, меҳнат, истироҳат ва интиқоли он ба наслҳои оянда нигаронида шудааст.

Тарзи ҳаёти солим риояи қоидаҳои муайянеро талаб мекунад, ки инкишофи ҳамоҳанг, коршоямии баланд, осоиштагии рӯҳӣ ва саломатии инсонро таъмин мекунанд. Тарзи ҳаёти солим ба як низоми фардии рафтор ва одати ҳар як шахс асос ёфтааст, ки сатҳи зарурии фаъолияти ҳаётӣ ва дарозумрии солимро таъмин мекунад. Тарзи ҳаёти солим – ин фаъолияти амалӣ оид ба пешгирии бемориҳо, мустаҳкам кардани бадан ва беҳбудии умумии саломатии инсон мебошад [6, с. 15].

Ҳамин тавр, ташаккули тарзи ҳаёти солим - ин раванди мураккаби низомӣ мебошад, ки чузъҳои сершумори тарзи ҳаёти чомеаи муосирро фаро мегирад. Он самтҳо ва соҳаҳои асосии ҳаёти донишчӯиро дар бар мегирад.

Ба чузъҳои тарзи ҳаёти солим дохил мешаванд:

1. реҷаи дурусти ташкилшудаи рӯз (бахусус меҳнат, истироҳат ва хоби пурарзиш), ки ба биоритми инфиродии ҳаррӯзаи ҳар як донишҷӯ мувофиқ аст;

2. фаъолнокии ҳаракатӣ (машғулиятҳои муназзам бо ҳама гуна намудҳои варзиш, гимнастикаи оморӣ ва ритмӣ, роҳгардӣ ё дави солимгардонӣ);

3. ғизои оқилона омодашуда;

4. истифодаи оқилонаи ҳама гуна методҳои обутобёбӣ;

5. маҳорати рафъи ташаннуҷи асабӣ бо ёрии истироҳатдиҳии мушакҳо (тамринҳои гуногуни аутогенӣ);

6. даст кашидан аз ҳар гуна одатҳои бад [7, с. 37].

Тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ раванди мураккаби омӯзгорӣ мебошад, ки ҳадафи он ташаккули фарҳанги ҷисмонии шахсияте мебошад, ки қобил аст тарзи ҳаёти солимро мустақилона ташкил карда, риоя кунад. Ин ягона фанни таълимӣ мебошад, ки ба донишҷӯён таълим медиҳад, то саломатии худро нигоҳ дошта, мустаҳкам кунанд, омодагии ҷисмониро инкишоф дода, сифатҳои ҳаётан муҳимми ҷисмонӣ, маҳоратҳо ва малакаҳои ҳаракатиро рушд ва такмил диҳанд [4, с. 14-15].

Инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият, яъне рушди неруи ҷисмонӣ ва маънавӣ, қобилиятҳои эҷодӣ вазифаи муҳимтарини таҳсилоти олӣ мебошад. Дар назди муассисаҳои таҳсилоти олӣ вазифаи муҳимми шиноскунии донишҷӯён бо машқҳои мунтазами ҷисмонӣ, баланд бардоштани қобилияти корӣ, беҳтар кардани омодагии онҳо ба фаъолияти касбӣ, ташаккули фаъолияти ҷисмонӣ ва одатҳои устувори тарбияи ҷисмонӣ, тарғиби дастаҷамъӣ, ватандӯстӣ ва садоқат истодааст [13, с. 8-12].

Тарбияи ҷисмонӣ ҷузъи муҳимми таъмини тарзи ҳаёти солим барои донишҷӯён мебошад. Фаъолияти ҷисмонӣ ва варзишӣ яке аз механизмҳои самарабахши муттаҳид кардани манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, ташаккули ниёзҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимми фардӣ мебошад.

Фарҳанги ҷисмонӣ соҳаи худфаъолияти оммавӣ буда, омили муҳимми ташаккули мавқеи фаъоли зиндагӣ мебошад, зеро фаъолнокии иҷтимоӣ дар асоси он инкишоф ёфта, ба дигар соҳаҳои ҳаёт - иҷтимоӣ-сиёсӣ, таҳсилотӣ, меҳнатӣ интиқол меёбад. Ба корҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ворид шуда, донишҷӯ таҷрибаи иҷтимоиро азхуд мекунад, ки ин боиси баланд шудани фаъолнокии иҷтимоии ӯ мегардад.

Машқҳои ҷисмонӣ на танҳо мустақиман ба ин ё он узв, балки инчунин ба тамоми организм, дар маҷмӯъ тавассути низоми асаб ҳамчун механизми асосии фаъолгардонии фаъолияти ҳаётӣ таъсир мерасонад. Аз ин рӯ, ҳатто ҳангоми сарбориҳои ками ҷисмонӣ, масалан, пиёдагардӣ, шишту хез ва ғайра беҳтаршавии вазифаҳои бисёр узвҳо ва низомҳои бадан ба мушоҳида мерасад. Нафаскашӣ амиқтар гардида, суръат гирифта, басомади тапиши дил баланд шуда, фишори хун дигар шуда, фаъолияти меъдаю рӯда, ҷигар, гурдаҳо, узвҳо ва низомҳои дигари инсон тағйир меёбанд.

Дар зери таъсири машқҳои мунтазами ҷисмонӣ дар мубодилаи моддаҳо тағйироти назаррас ба амал омада, вазифаи секретсияи дохилӣ меафзояд. Дар инсон иштиҳо, вазифаи ҳаракатӣ, секреторӣ ва кимиёвии меъдаю рӯда беҳтар мегардад.

Дар назарияи муосири тарбияи ҷисмонӣ аксар вақт савол на дар бораи тарбияи «ҷисмонӣ», балки дар бораи тарбияи «фарҳанги ҷисмонӣ» дар назар гирифта мешавад. Бояд қайд кард, ки дар калимаи «ҷисмонӣ» ба таври анъанавӣ ба ҷанбаи ҳаракатӣ-биологӣ таъкид карда мешавад ва дар истилоҳи «фарҳанги ҷисмонӣ» мафҳуми "фарҳанг" ҳузур дорад, яъне таҳсил тавассути фарҳанг, аз тариқи азхудкунии нерӯи арзишӣ ва қобилиятҳои рушддиҳандаи он, меъёрҳои ахлоқӣ, усули фаъолият ҳузур дорад. Неруи фарҳанги ҷисмонӣ арзишҳои табиати маърифатӣ, муҳаррикӣ, технологӣ, интенсионӣ ва сафарбариро ташкил медиҳанд, ки барои азхудкунии онҳо дар доираи тарбияи ҷисмонии ба шахсият нигаронидашуда шароити мусоид фароҳам оварда мешаванд [3, с. 19-22].

Маълум аст, ки мафҳумҳои «тарз» ва «услуб» -и ҳаёт якранг нестанд, «тарзи зиндагӣ» усули фаъолияти ҳаётии ҷомеаи иҷтимоӣ, ва «услуби зиндагӣ» - роҳи худифодакунии фардият ва фаъолияти ҳаётиро инъикос мекунад [8]. Ҳамин тариқ, фарқи байни мафҳумҳои "услуби ҳаёти солим" ва "тарзи ҳаёти солим" имкон медиҳад, ки дар бораи "тағйирёбӣ" ва "меъёр", "фардият" ва "супориш" мутобиқ

карда шуда, хате, ки оқилона, асоснок, мақсаднокӣ барои яке ва ғайримақсаднок буданро барои дигарӣ фарқ мегузорад, муайян карда шавад.

Дар заминаи гуфтаҳои боло М.Я.Виленский (2004) тарзи ҳаёти солимро ҳамчун ташаккули нави шахсиятӣ, маҳсули кӯшишҳои рӯҳонӣ ва ҷисмонии инсон, як низоми ягонаи зуҳуроти ҳаётии шахсияте таъриф мекунад, ки ба ҳамоҳангсозии фардияти худ бо шароити зиндагӣ мусоидат карда, василаи худмубрамшавии шахсиятӣ дар он мусоидат мекунад [7].

Ба ақидаи А. А. Никитина, ташаккули фарҳанги ҷисмонӣ дар солҳои донишҷӯӣ як раванди мақсаднок ва бисёрҷонибаи маҷмӯӣ мебошад, ки аз маҷмӯи омилҳое, ки сабаб ва қувваи ҳаракатдиҳандаи рушд ва ташаккули онро вобаста мебошад [12].

Ба ақидаи В.Н. Ирхин, фаъолияти ҳифзи саломатӣ дар шароитии муассисаи таҳсилоти олӣ бояд ба татбиқи ҳадафи умумӣ - таълим, тарбия ва рушди донишҷӯи солим мутобиқи дарки амиқи саломатӣ (ягонагии ҷузъҳои ҷисмонӣ, равонӣ ва иҷтимоӣ) равона карда шавад. Расидан ба ҳадафи умумӣ коҳиш, аз байн бурдани омилҳои хавфи дидактогениро барои саломатии донишҷӯён дар бар мегирад. Барномае, ки аз ҷониби мутахассисон пешниҳод карда шудааст, ҳалли се масъалаи ба ҳам алоқаманд: ташкили сохтори тағирёбандаи таҳсилотии ҳифзи саломатӣ дар ҷараёни омодасозии кадрҳо (лоиҳаи инноватсионии таҳсилот); эҷоди амсилаи ҳифзи саломатӣ, ки ба баланд бардоштани сифати тайёр кардани кадрҳо мусоидат мекунад (лоиҳаи илмӣ-таҳқиқотӣ; рушди маҷмӯъҳои ҳифзи саломатии муассисаи таҳсилотӣ олӣ, ки баланд бардоштани сифати тайёр кардани кадрҳоро таъмин мекунад (лоиҳаи илмӣ- истеҳсолӣ) – ро ро пешбинӣ мекунад [9].

Ба гуфтаи П.Ф. Лесгафт, дар асоси тарбияи ҷисмонӣ бояд қонунҳои анатомия ва физиологияи инсон қарор дода шаванд. Ӯ чунин мешуморид, ки шарти муҳимтарин барои таълими бомуваффақияти тарбияи ҷисмонӣ риояи пайдарҳамии вояи вазн, баҳисобгирии ҳатмии қобилиятҳои инфиродии хонандагон мебошад [10].

Олимони Бразилия асосҳои назариявии ҳамбастагии ҷараёни таълим ва фазои телекоммуникатсиониро таҳия кардаанд, ки истифодаи таъсири умумии рекламаро ба шуур ва зуҳуроти сифатҳои шахсиятии насли ҷавон бо мақсади ташаккули ангезаи устувор барои машғул шудан бо фаъолияти ҷисмонӣ ва нигоҳ доштани тарзи ҳаёти солим баррасӣ мекунанд [17, с. 1-8].

Тасдиқи амалии ин муносибат лоиҳаи телевизионӣ бо иштироки донишҷӯёни донишгоҳи техникии шаҳри Сан-Паулу буд, ки мустақилона видеороликҳои таблиғотиро таҳия карданд, ки дар онҳо андешаҳояшон дар бораи таъсири зараровари одатҳои бад ба организм, таъсири мусбати дарсҳои мустақили ҷисмонӣ ва пешбурди фанни "тарбияи ҷисмонӣ" ҳамчун яке аз фанҳои муҳимтарин дар низоми таҳсилоти олӣ муаррифӣ гардиданд [17, с. 7].

Таҳияҳои илмии олимони Шветсия имкон доданд муқаррар карда шавад, ки сатҳи пасти дониши назариявии донишҷӯён самараи пасти фаъолиятҳои ҳифзи саломатии онҳоро муайян мекунад. Аз ҷониби олимон фанни «тарбияи ҷисмонӣ» ҳамчун курси махсуси назариявӣ оид ба тарзи ҳаёти солим пешниҳод ва бомуваффақият татбиқ карда шуд [15, с. 107-110].

Таҳқиқоти муштараки намояндагони Чин, ИМА ва Британиёи Кабир имкон дод, ки раванди дуҷонибаи ташаккули тарзи ҳаёти солими донишҷӯён асоснок карда шавад. Ҳамин тавр, муайян карда шуд, ки сабаби асосии сатҳи пасти дониши донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар бораи масъалаҳои ҳифзи саломатӣ сатҳи пасти донишҳои назариявии худи омӯзгорон мебошад, ки ба паст шудани сифати ҷараёни таълим дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва рушди бесамари сохтори ҳавасмандгардонии ташаккули саломатӣ оварда боис мегардад [16, с. 200-205].

Ба ақидаи мо, тарзи ҳаёти солим сохтори умумии муқаррарии шаклҳои зиндагии донишҷӯёнро инъикос менамояд, ки бо ягонагӣ тавсиф меёбанд: ҳам мақсаднокии равандҳои худташкилкунӣ ва худинтизомӣ, худтанзимкунӣ ва худрушддиҳӣ, ки ба таҳкими қобилиятҳои мутобиқшавии бадан, худтатбиқкунии пурраи қувваҳо, истеъдодҳо ва қобилиятҳои моҳиятии худ дар рушди умумифарҳангӣ ва касбӣ, фаъолияти ҳаётӣ дар маҷмӯъ нигаронида шудаанд. Тарзи ҳаёти солим барои инсон фазои иҷтимоиву

фарҳангиро фароҳам меорад, ки дар он заминаҳои воқеии худбоздеҳи баланди эҷодӣ, қобилияти меҳнатӣ, фаъолияти меҳнатӣ ва иҷтимоӣ, тасаллияти психологӣ ба вуҷуд омада, неруи психофизиологии шахсият пурра ошкор шуда, раванди худтакмили он мубрам мегардад. Дар шароити тарзи ҳаёти солим масъулият барои саломатӣ дар донишҷӯ ҳамчун як қисми рушди умумифарҳангӣ ташаккул меёбад, ки дар ягонагии хусусиятҳои услубии рафтор, қобилияти ташаккул додани худ ҳамчун шахсият мутобиқи тасаввуроти худ дар бораи ҳаёти пурарзиш аз ҷиҳати маънавӣ, ахлоқӣ ва ҷисмонӣ зоҳир меёбад.

Ҳамин тариқ, тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ қисми таркибии солимгардонии донишҷӯён, ҷузъи ҷудонашавандаи раванди гирифтани таҳсилоти олӣ буда, ҳамзамон ба ҳалли масъалаи беҳтар намудани вазъи саломатии донишҷӯён нигаронида шудааст. Гумон меравад, ки роҳи умедбахш, дастрас ва самарабахши ба даст овардани натиҷаҳои мусбат дар масъалаҳои тарзи ҳаёти солими донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ истифодаи ҳамаҷонибаи воситаҳои тарбияи ҷисмонӣ ҳамчун омили асосии бартараф кардани камбудиҳо дар рушди ҷисмонии донишҷӯён мебошад. Он самти пешбаранда, дастрас ва самарабахши мустаҳкамкунии ҳолати ҷисмонии донишҷӯён, ҷузъи пешбари тарзи ҳаёти солим мебошад. Дар ҷараёни машқҳои ҷисмонӣ донишҷӯён истодагарӣ, тобоварӣ, қобилияти назорат кардани амал ва ҳолати эҳсосотии худро, ки барои шахси солим хос аст, инкишоф медиҳанд.

Ниҳоят, рушди ниёзҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳими донишҷӯён яке аз вазифаҳои муҳим дар ташаккули шахсияти ҳамаҷониба рушдёфтаи солим мебошад, ки дар он ба таври табиӣ боигарии маънавӣ, покии ахлоқӣ ва камолоти ҷисмонӣ омезиш ёфтаанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Адылова, Н.М., Азимов, Р.И. Особенности формирования здорового образа жизни среди населения / Н.М. Адылова // Молодой ученый. – 2015. – №11. С. 618-622.
2. Айзман Р.И. Основы медицинских знаний и здорового образа жизни: учебное пособие / Р.И. Айзман. – 2-е изд., стер. – Новосибирск: Сиб. унив. изд-во, 2012. – 214 с.
3. Бальсевич, В. К. Спортивно ориентированное физическое воспитание: образовательный и социальный аспекты / В. К. Бальсевич, Л. И. Лубышева // Теория и практика физической культуры. – 2003. – №5. С. 19-22.
4. Белова Н.И. Отношение студентов к здоровью и здоровому образу жизни / Н.И. Белова, С.П. Бурцев, Е.А. Воробцова, А.В. Мартыненко // Проблемы социальной гигиены, здравоохранения и истории медицины. 2009. № 1. С. 14-15.
5. Брехман, И.И. Валеология – наука о здоровье / И.И. Брехман. – 2-е изд., доп. и перераб. – М.: Физкультура и спорт, 1990. – 208 с.
6. Визитей Н. Теория физической культуры: к корректировке базовых представлений. - М.: Советский спорт, 2009. - 189 с..
7. Виленский М. Я, Горшков А.Г. Физическая культура : учебник / М.Я. Виленский, А.Г. Горшков. - 2-е изд., стер. - М. : КНОРУС, 2016. - 214 с.
8. Загвязинский, В. И. Теория обучения. Современная интерпретация : учеб. Пособие для студентов пед. вузов / В. И. Загвязинский. – М, 2001. – 192 с.
9. Ирхина И. В. Здоровье ориентированная воспитательная система вуза: технология управления: монография / И. В. Ирхина, В. Н. Ирхин, Т. В. Никулина. - Белгород : ИПЦ «Политерра», 2010. - 207 с.
10. Лесгафт П.Ф. Избранные педагогические сочинения /сост. И.Н. Решетень. - М., 1990.
11. Манжелей, И. В. Педагогические модели физического воспитания / И. В. Манжелей : учеб. пособие. – М. : Теория и практика физической культуры и спорта, 2005. –185 с.
12. Никитина А. А. О сущности дефиниции «физическая культура личности» в физическом воспитании студентов // Вестник БФУ им. И. Канта. - 2006. - № 5. [Электронный ресурс]. - Режим доступа : URL: http://cyberleninka.ru/article/n/o-suschnosti-definitsii-fizicheskaya-kultura-lichnosti-v-fizicheskom-vospitanii- studentov
13. Чесебиева С. Т. Физическая культура как фактор утверждения здорового образа жизни студентов//Вестник Адыгейского государственного университета. 2011. № 2. С.8-12.
14. Щедрина, А.Г. Понятие индивидуального здоровья – центральная проблема валеологии / А.Г. Щедрина. – Новосибирск, 1996. – 89 с.
15. Bothmer M, Fridlund B. Gender differences in health habits and in motivation for a healthy lifestyle among Swedish university students / M. Bothmer, B. Fridlund // Nursing and Health Sciences, 2005. - № 7. P. 107-110

16. Narita J. Illustrated world history of physical education / J. Narita. - Tokyo : Sinshichichocha Co LTD, 2006. P. 200-205.
17. Zanetta R. L. Bringing Up Students in the Healthy Lifestyle Multiplier Students Program, Sao Paulo, Brazil / R. L. Zanetta // Preventing chronic daises. - Sao Paulo, Brazil, 2008. - V. 5. - №. 3. P. 1-8.

**Самиев С.**

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМИ ДОНИШҶӮЁН ДАР МАШҒУЛИЯТҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ

Дар мақола хусусиятҳои ташаккули тарзи ҳаёти солими донишҷӯён дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ баррасӣ шудаанд. Муаллиф дар асоси манбаъҳои сершумор мавқеи тарбияи ҷисмониро дар таъмини тарзи ҳаёти солими донишҷӯён муайян карда, таъкид менамояд, ки фаъолияти ҷисмонӣ ва варзишӣ яке аз механизмҳои самарабахши муттаҳид кардани манфиатҳои ҷамъиятӣ ва шахсӣ, ташаккули ниёзҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимми фардӣ мебошад. Хулоса, карда мешавад, ки тарбияи ҷисмонӣ дар муассисаи таҳсилоти олӣ қисми таркибии солимгардонии донишҷӯён, ҷузъи ҷудонашавандаи раванди гирифтани таҳсилоти олӣ буда, ҳамзамон ба ҳалли масъалаи беҳтар намудани вазъи саломатии донишҷӯён нигаронида шудааст.

***Калидвожаҳо***: *тарзи ҳаёти солим, донишҷӯ, машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ, муассисаи таҳсилоти олӣ, саломатӣ, фарҳанги ҷисмонӣ, варзиш, ҳифзи саломатӣ.*

**Самиев С.**

## ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ СТУДЕНТОВ НА ЗАНЯТИЯХ ФИЗИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ

В статье рассматриваются особенности формирования здорового образа жизни студентов на занятиях физической культуры. На основе многочисленных источников автор исследует место физического воспитания в обеспечении здорового образа жизни студентов и подчеркивает, что физическая и спортивная деятельность является одним из эффективных механизмов объединения общественных и личных интересов, формирования социально значимых индивидуальных потребностей. Делается заключение, что физическое воспитание, будучи неотъемлемой частью процесса получения высшего образования, направлено на улучшение состояния здоровья студентов.

***Ключевые слова***: *здоровый образ жизни, занятия физической культуры, вуз, здоровье, физическая культура, спорт, здоровье сбережение.*

## PECULIARITIES OF FORMING A HEALTHY LIFESTYLE OF STUDENTS IN PHYSICAL CULTURE CLASSES

The article reviews the features of the formation of a healthy lifestyle of students in physical education classes. Based on numerous sources, the author explores the place of physical education in ensuring a healthy lifestyle for students and emphasizes that physical and sports activities are one of the effective mechanisms for combining social and personal interests, the formation of socially significant individual needs. It is concluded that physical education, being an integral part of the process of obtaining higher education, is aimed at improving the students' health care.

***Key words***: *healthy lifestyle, physical education, university, health, physical education, sports, healthkeeping.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Самиев Сироҷиддин Файзуллоевич** – унвонҷӯйи Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ, омӯзгори кафедраи "Физикаи тиббӣ ва информатика"-и Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон.Телефон: 903-05-55-32. 918-49-32-85. E-mail: Sirochiddin.s@mail.ru

**Information about the Author: Samiev Sirozhiddin Fayzullaevich-**postgraduate Institute of development of education, lecturer of the Department "medical physics and Informatics"Tajik State Medical University of Khatlon region.Phone: 903-05-55-32. 918-49-32-85. E-mail: Sirochiddin.s@mail.ru

**Н. ФАЙЗИЕВА**

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ ЗЕҲНИ ХОНАНДАГОН

Педагоги маъруф Л.С. Виготский чунин меҳисобид,ки таълим ва ташакули ҳамаҷонибаи хонанда бо ҳам алоқамананд. Хонанда танҳо он вақт дуруст рушд менамояд, агар ба таҷрибаву малака ва маҳорату қобилияти доштааш дониш ва малакаву маҳоратҳои нав ба навро тавассути омӯзиш зам намояд ва ба таври васеъ сайқал диҳад.

Ҳар фаъолияте,ки хонанда аз рӯйи фаҳму идрок ва қобилияташ иҷро менамояд, ба инкишофи ӯ мусоидат менамояд.Лекин инро фаромӯш кардан лозим нест,ки агар малакаҳои нав дар асоси малакаҳои аллакай аз худкарда ташаккул ёбанд,манфиати бештаре дорад. Дар таълиму тарбияи хонанда хусусиятхои фардии онҳоро ба эътибор гирифтан лозим аст ва ҳеҷ гоҳ ба онҳо фишор овардан лозим нест. Дар акси ҳол,яъне саросемакорӣ ва фишороварӣ ба хонанда ба вайроншавии кори асаб ва паст шудани майлу рағбати хонанда нисбати омӯзиш оварда мерасонад.

Омӯзгори соҳибтаҷриба хусусиятҳои фардии шогирдонашро омӯхта, раванди таълиму тарбияро дуруст ба роҳ мемонад,ки ин фаъолияти зеҳниихонандагон-ро ташаккул медиҳад. Муайян кардани хусусиятҳои инфиродии хонанда бе муоширати доимӣ ва ҳамкорӣ бо кӯдак ғайриимкон аст. Омӯзгор бояд мушоҳидакор бошад ва рафтори шогирдонашро бодиққат аз назар гузаронида,хусусиятҳои якояки онҳоро муайян намояд. Ҳар як хонанда дар алоҳидагӣ ба ин ё он фан майлу рағбати хос зоҳир менамояд,ки ин шояд ба гуногунии зеҳнӣ алоқамандӣ дорад. Навъҳои зеҳн гуногунанд ва ин ё он навъи зеҳн метавонад дар хонандагони алоҳида бештар ё камтар инкишоф ёбад.

Чунин навъҳои зеҳн муайян шудааст:

Зеҳни шифоҳӣ – забонӣ

Мантиқӣ – риёзӣ

Биноӣ – фазоӣ

Ҳаракат (моторӣ)

Мусиқӣ – мавзунӣ

Байнишахсӣ

Дохилишахсӣ

Табиӣ – натуралистӣ

Хонанда дар як вақт дорои ҳамаи навъҳои зеҳн буда метавонад, аммо шояд баъзе навъҳои зеҳн сусттар,дигаре хубтар ташаккул ёфта бошанд. Чӣ тавр метавон муайян намуд, ки дар хонанда кадом намуди зеҳн инкишоф ёфтааст?

1. Хонанда давидан,чаҳидан ва ҳаракатро дӯст медорад. Ба варзиш завқи беандоза зоҳир менамояд, яъне дар ин хонанда зеҳни харакат (моторӣ) бештар ташаккул ёфтааст.

2. Хонанда эҷод кардан ва навиштанро дӯст медорад. Хотираи хуб ва захираи бойи луғавӣ дорад. Маълум мешавад,ки дар ин гуна хонандагон зеҳни шифоҳӣ- забонӣ инкишоф ёфтааст.

3. Харита, ҳар гуна нақшаю диаграммаҳоро хуб мефаҳмад,тахайюлоти бой дорад, ба санъат зиёдтар марок зохир мекунад,аз расмҳои матн маълумоти дақиқ мегирад. Дар ин гуна хонандагон зеҳни биноӣ – фазоӣ ташаккул ёфтааст.

4. Худро идора мекунад.Агар касе ба вай халал нарасонад,вазифаҳоро дуруст ва хуб иҷро мекунад. Ҳиссиёташро дуруст ифода карда,аз хатояш меомӯзад. Дар танҳоӣ кор карданро дӯст медорад. Дар ин гурӯҳи хонандагон зеҳни дохилишахсӣ хубтар сайқал ёфтааст.

5. Бо ҳамсолон муошират ва бозӣ карданро дӯст медорад. Дилсӯзу ғамхор аст. Супоришу вазифаҳоро якҷоя бо ҳамсинфон ва рафиқон иҷро кардан барояш писанд аст.

Дар ин гуна хонанда ташаккул ёфтани зеҳни байнишахсӣ бештар ба назар мерасад.

6. Мусиқиро хуб ба хотир мегирад. Сози мусиқӣ менавозад. Оҳангшинос ва сарояндаи хуб аст. Маълум аст, ки зеҳни мусиқӣ – мавзунӣ дар ниҳоди хонанда буруз менамояд.

7. Ҳисоб кардан,ҳал кардани ҳар гуна масъалаҳо, бозиҳои риёзиро дӯст медорад, ба чистону муаммоҳои математикӣ бештар марoқ зохир менамояд ва мафҳумҳои

математикиро мефаҳмад. Дар ин гуна хонандагон тафаккури абстрактӣ ташаккул ёфтааст ва бештар зеҳни мантиқӣ – риёзӣ инкишоф ёфтааст.

8. Аломат ва хусусиятхои мухити атрофро тасниф менамояд,мушоҳидакор аст, ба табиат ва ҳодисаҳои табиӣ диққат дода,қобилияти фаҳмидан,дарк намудан ва шинохти табиатро дорад. Дар ин гурӯҳи хонандагон зеҳни табиӣ(натуралисти) рӯ ба инкишоф аст.

Назарияи гуногунии зеҳнро соли 1983 олими маъруф Ҳовард Гарднер,профессори донишгоҳи Гервард пешниҳод намудааст. Ӯ пас аз тахлилу таҳқиқ ва мушоҳидаҳои тулонӣ сабабҳои ба ин ё он фан майлу рағбат,шавку завқ доштани хонандагонро ба гуногунии зеҳни онҳо алоқаанд донистааст. Барои дар амал татбиқ намудани назарияи гуногунии зеҳн,омӯзгор ҳангоми тартиб додани нақшаи дарс, метавонад супоришу машқ, саволу масъалаҳои гуногунро бо назардошти гуногунии зеҳнияти хонандагон тартиб дода,ба онҳо пешниҳод намояд. Дар ин маврид хонандагон метавонанд мувофиқи қобилияти зеҳнӣ ва завки худ супоришу масъалаҳои пешниҳодшударо иҷро намоянд. Агар омӯзгорон нисбат ба фикррониии амиқ ва мураккаби кӯдакон ҳассос бошанд, онро таҳлил намуда, ба низом даровардa тавонанд, на танҳо ташаккули навъҳои зеҳнро дар хонандагон муайян намуда метавонанд,балки ба мақсадҳои асосии таълим ноил мегарданд.

Омӯзгор ташаккули зеҳнияти хонандагонро ба эътибор гирифта, тафаккури хонандагонро инкишоф медиҳад. Равоншинос ва педагог,профессори соҳаи педагогика Блум Бенчамин Семюэл шаш зинаи ташаккули кобилиятҳои маърифатиро ҷудо менамояд.

1. Дар хотир гирифтан
2. Фаҳмидан
3. Истифода намудан
4. Таҳлил намудан
5. Арзёбӣ кардан
6. Эҷод намудан

Ба ақидаи Блум зинаҳои қобилиятҳои маърифатӣ ба ҳамдигар зич алокамананд ва яке барои дигаре чун замина хидмат менамоянд. Ҳар як зина мақсади хос дошта,тавассути амалҳои гуногуни таълим аз худ карда мешавад. Масалан, агар хонанда матн,мисол ё масъала,қоида ё монанди инҳоро ба хотир нагирад,намефаҳмад. Агар нафаҳмад маълум аст,ки истифода бурда,таҳлил ва арзёбӣ намуда наметавонад.

Дар айни замон, дар раванди таълиму тарбия, омӯзгорон мекӯшанд,ки салоҳиятнокии хонандагонро ташаккул диҳанд. Гуфтан лозим аст, ки салоҳият дар навбати худ ҳамаи зинахои қобилиятро фаро мегирад. Ҳар як зинаи қобилиятҳои маърифатӣ унсурҳои таркибӣ дорад. Зинаи «дар хотир гирифтан» дар навбати худ аз якчанд омилҳо вобастагӣ дорад, аз қабили :

Барқарор кардани дониш аз хотираи дарозмуҳлат;

Истифодаи дониш аз хотираи дарозмуҳлат, ки бо маводи пешниҳодшуда мувофиқ аст;

Барқарор намудани дониши мувофиқ аз хотираи дарозмуҳлат.

Зинаи «дар хотир гирифтан»-ро бо якчанд фаъолиятҳои таълимӣ ва супоришҳо амалӣ намудан мумкин аст:

Нақл кардани ҳикоя ё мазмуни матн;

Аз ёд гуфтани шеър;

Номбар кардани симоҳои матн;

Аз рӯйи мазмуни матн навиштани нақл ва монанди инҳо.

Бо воситаи саволҳои ёридиҳанда ин зинаро мустаҳкам намудан мумкин аст, масалан, пас аз хондани матни «Пирамард ва фарзандонаш» чунин саволҳо пешниҳод намудан мумкин аст:

- Симоҳои асосии матн киҳоянд?
-Ин воқеа дар куҷо рӯй додаст?
-Барои чӣ пирамард фарзандонашро ба наздаш даъват кард?
-Максади пирамард чӣ буд?
-Фарзандон ба ин кори падар чӣ гуна муносибат намуданд? ва монанди инхо.

Зинаҳои дуюми қобилиятхои маърифатӣ ин «фаҳмидан» мебошад,ки равандҳои маърифатии зеринро дар бар мегирад:

Тафсир додан, намуна овардан, тасниф кардан,ҷамъбаст кардан,хулоса баровардан,муқоиса кардан ва шарҳ додан. Ин зина аз омилҳои зерин иборат аст:

Аз як қолаб ба қолаби дигар тағйир додан;

Намуна ё мисоли мушаххасро оид ба мавзӯъ ёфтан;

Ба кадом гурӯҳ ё навъ тааллуқ доштани ин ё он чизро муайян намудан;

Муайян намудани мавзӯъ ё мазмуни асосӣ;

Баровардани хулосаи мантиқӣ аз ахбори пешниҳодшуда;

Ошкор намудани мувофиқат байни ду ақида, ашё ё монанди инхо.

Ин зинаро бо фаъолиятҳои таълимии гуногун ташаккул додан имкон дорад:

Шарҳ додани мазмуни асосии матн;

Аз руйи мазмуни матн тартиб додани саҳнача ва намоиш додани он;

Доир ба ҳодисоту воқеоти матн навиштани хулоса ё ақидаи худ;

Тартиб додани нақша барои нишон додани тартиби пайдарҳамии вокеаҳои матни хондашуда;

Дар асоси мазмуни матн тартиб додани китобча

Зинаи сеюм «истифода кардан», аз равандҳои маърифатии иҷро кардан ва татбиқ намудан иборат аст. Дар ин зина омилҳои зер ба назорат гирифта мешаванд,яъне риояи тартиби иҷрои вазифаҳои шинос ва ношинос. Дар ин зинаи қобилиятҳои маърифатӣ бештар ба чунин фаъолиятҳои таълимӣ диққат додан лозим аст:

Барои шарҳ додани ҳодисаву воқеаҳои матн нақша ё диаграмма сохтан;

Аз рӯйи маҷмӯи расмҳо шарҳ додани ақидаи муайян;

Дар доираи мавзӯи таълимӣ тартиб додани муаммо ё бозӣ;

Доир ба мавзӯъ барои дигарон сохтани китобча;

Тахия намудани рӯзнома,овеза ё газетаи деворӣ барои муаррифии мавзӯъ.

Барои мустаҳкам намудани ин зина чунин саволу супоришхо бамаврид аст:

-Шумо симоҳои матнро мувофиқи хусусиятҳояшон ба гурӯҳҳо ҷудо намуда мтавонед?

- Агар шумо имконият медоштед,чиро тағйир медодед?

-Шумо ба муаллиф кадом саволҳоро пешниҳод кардан мехостед?

-Оиди маълумоти бадастовардаатон кадом тавсияҳоро пешниҳод кардан мехостед? ва монанди инҳо.

Зинаи чоруми қобилиятҳои маърифатӣ –ин «таҳлил кардан» мебошад,ки равандҳои маърифатии муайян намудани фарқ, таҳлил намудан, яъне муқоисаву мушоҳида кардан,нисбат доданро дар бар мегирад. Дар ин зина лаёқати малакаҳои маълумоти маводро ба қисмҳои таркибӣ ҷудо карда тавонистан,алокамандии сохтор ва мақсадро муайян намудан,муайян кардани қисмҳои муҳим ва дуюмдараҷаи маводи пешниҳодшуда; муайян намудани ақидаҳо, арзишҳо, мақсадҳое, ки аз маводи пешниҳодшуда бармеояд,сайқал додан лозим аст. Барои ноил гаштан ба ин мақсад чунин фаъолиятҳои таълимиро амалӣ намудан лозим аст:

Таҳия намудани саволнома барои ҷамъ овардани маълумот;

Тартиб додани нақша аз руйи мазмуни матн;

Кашидани нақша барои шарҳ додани маводи интихобкарда;

Таҳия намудани саҳнача доир ба мавзӯи таълимӣ;

Тадқиқот гузаронида, ҷамъ овардани ахбори зарурӣ барои тасдиқи ин ё он ақида.

Зинаи панҷуми қобилиятхои маърифатӣ, яъне « арзёбӣ», равандҳои маърифатии санҷидан, эътироф ё интиқод карданро дар бар мегирад. Гузаронидани фаъолиятҳои таълимии зерин барои мукаммал гардидани ин зина кумак менамоянд:

Таҳия намудани нишондиҳандаҳои муваффақият дар таълим;

Ташкил намудани муҳокима ё мубоҳиса оиди масъалаҳои гуногун;

Тартиб додани қоидаҳои тиллоӣ ва даъват ба риояи он;

Баррасии ин ё он масъала дар гурӯҳ ва муаррифии он;

Навиштани тавсиянома доир ба тағйиротҳои зарурӣ оиди ин ё он масъала;

Навиштани гузориш аз рӯйи ақидаи худ .

Зинаи дигари қобилиятхои маърифатӣ ин «эҷод кардан» мебошад. Ин зинаро қуллаи қобилиятҳои маърифатӣ ҳисобидан мумкин аст,яъне хонанда зина ба зина ҳар як марҳилаи қобилиятои маърифатиро тай намуда,ба қуллаи ташаккули қобилиятҳои маърифатӣ – эҷод

кардан, мерасад. Дар ин марҳила хонанда дорои малакаву маҳорат ва қобилиятҳои муайян аст, донишҳои доштаашро хуб ба хотир гирифтааст, дуруст фаҳмидааст, бамаврид истифода намуда, аз ҷиҳати илмӣ таҳлил намуда метавонад ва бо далелҳои муайян исбот ва арзёбӣ намуда метавонад.

Хонандае,ки ин марҳилаҳоро гузаштааст,фикру ақидаи шахси худро дорад, мақсади муайян дорад. Ҳар гуна супоришу вазифаҳоро бо шавқу завқ иҷро менамояд,зеро сабаб,мақсади омӯхтани ин ё он маводро медонад,аз рӯйи нуқтаи назари худ шарҳ дода маънидод намуда метавонад ва ба дигарон муаррифӣ менамояд. Ӯ фикру ақоиди дигаронро ба инобат гирифта,кору фаъолияти дигаронро мушоҳидаву муқоиса намуда истода,шакли навтару қулайтареро ҷустуҷӯ менамояд ва худ эчод. Ихтироъ ва кашф менамояд. Ин аст зинаи баланди қобилиятҳои маърифатӣ. Ин гуна хонандагон навовар,эҷодкор,мушоҳидакор ва кашшофанд.

Омӯзгорони асилу заҳматпеша танҳо он гоҳ ба тарбия ва таълими чунин шогирд муваффақ мегарданд,ки ҳамаи нозукиҳои ташаккули қобилиятҳои маърифатиро ба инобат гиранд, худ мушоҳидакор бошанд, босабру таҳаммул бошанд, дили бузург ва пурмеҳр дошта бошанд,бофарҳангу маданӣ бошанд, ба худписандиву такаббур роҳ надиҳанд,балки фикру мулоҳизахои дигаронро низ ба эътибор гиранду аз оне,ки шогирдашон фикри нав.ҷолиб ва шояд нисбати фикру акидаи устодаш ба чандин маротиб хубтару беҳтарро ироа менамояд,наҳаросад,балки дастгирӣ намояд,дарк намояд,ки маънии додани таълиму тарбия роҳнамо будан хамин аст. Дар чунин ҳолат маълум мешавад.ки педагог тавонистааст раванди таълиму тарбияро дуруст ба роҳ монад ва шавқу завқи хонандаро бедор намояд, хонандаро барои ҷустуҷӯ,мустақилият равона намояд ва агар ба ин ноил шуд,қарзи омӯзгории худро иҷро намудааст,яъне роҳи дуруст,ки нишон дода шуд, хонандагони соҳибистеъдод қуллаҳои баландтарини илиу донишро фатҳ хоҳанд намуд.

## АДАБИЁТ:


1. В.А. Сухомлинский. Гулчине аз мақолоти педагогӣ(Избранные педагогические сочинения).- Москва: Педагогика, 1980.
2. Л.П. Крившенко.Педагогика.- Москва: Проспект, 2007.
3. Б. Боев, Ф. Мирзоахмедов, З. Шукурова. Методҳои самараноки таълим.- Душанб: Матбуот, 2007.
4. Д. Лордкипанидзе. Таълимоти педагогии К. Д. Ушинский. Донишгоҳи давлатии Тбилисӣ. 1974.


**Файзиева Н.**

## ХУСУСИЯТҲОИ ТАШАККУЛИ ЗЕҲНИ ХОНАНДАГОН

Дар мақола оид ба гуногунии зеҳни хонандагон ва роҳҳои ташаккул додани он маълумот дода шудааст. Далелҳо оварда шудааст,ки навъҳои зеҳн ва қобилиятҳои маърифатӣ байни ҳам алоқаи ногусастанӣ доранд, инчунин қайд гардидааст, ки педагог метавонад ташаккули зеҳнии хонандагонро ба эътибор гирифта, ба инкишоф ёфтани тафаккури онҳо мусоидат намояд.

***Калидвожаҳо:*** *таълим, тарбия, роҳҳои ташаккул, тафаккур, хонандагон, омӯзгорон, дарс, малакаву маҳорат.*

**Файзиева Н.**

## ОСОБЕННОСТИ ФОРМИРОВАНИЯ ИНТЕЛЛЕКТА УЧЕНИКОВ

В статье представлена информация о разнообразии мнений читателей и способах их формирования. Факты свидетельствуют о том, что типы умов и когнитивные способности неразрывно связаны, и также отмечается, что педагог может учитывать формирование умов учащихся и способствовать развитию их мышления.

***Ключевые слова:*** *образование, воспитание, способы формирования, мышление, интеллект, студенты, учителя, уроки, умения.*

**Fayzieva N.**

## FORMATION OF THE INTELLECT OF STUDENTS

The article provides information about the diversity of readers ' opinions and ways to form them. Evidence suggests that mind types and cognitive abilities are inextricably linked, and it is also noted that the

teacher can take into account the formation of students ' minds and contribute to the development of their thinking.

***Keywords:*** *education, upbringing, ways of formation, thinking, students, teachers, lessons, skills.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Назира Файзиева Олмуҳаммадовна** Муовини директори МТМУ №50-и шаҳри Душанбе 939056472

**Information about the author: Nazira Fayzieva -** Deputy Director, school No. 50, Dushanbe city tell: 939056472

**С. ЗОИРОВ**

## МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ВА ТАЪСИРИ ОН ДАР БЕҲДОШТИ ВАЗЪИ МУОШИРАТИ ХОНАНДАГОН

Муносибати босалоҳият дар низоми таълими Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2010-ум дар тамоми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба роҳ монда шуд. Ин навъи таълим як усули муфиди муосибат ба таълим мебошад. Дар ин усули таълим ташаккули хонандагон на танҳо аз бар намудани дониши назариявӣ, балки дар амалия татбиқ намудани дониш, малака ва маҳорат аст. Забоншинос М.Бобомуродова низоми таълими босалоҳиятро чунин арзёбӣ намудааст: Низоми муносибати босалоҳият ба таълим низомест, ки дар он диққати асосӣ ба ташаккули малакаҳои амалӣ (ҳаётӣ) равона мешавад. Низоми муносибати босалоҳият ба таълим ба саволҳои зерин: "Омӯзгор чӣ кор карда метавонад?". "Омӯзгор кадом амалро иҷро карда метавонад" ҷавоб медиҳад [М. Бобомуродова, 2018, 9].

Ҳар як усули таълим мақсад ва вазифаҳои худро дорад, аз ҷумла мақсади таълими босалоҳият дар дастури методии "Муносибати босалоҳият дар таълим" чунин нишон дода шудааст: Мақсади асосии татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим ба ташаккули механизми татбиқи дониши назариявӣ дар амал, таъмини раванди ташаккули шахсӣ, мутобиқ гардидан ба шароити нав, инкишофи худмуҳофизаткунӣ, худтарбиядиҳӣ, худтакмилдиҳӣ ва дигар хусусиятҳое нигаронида шудааст, ки ба рушди шахсияти комил дар самтҳои зерин мусоидат менамоянд:

• ҷустуҷӯйи дастҷамъона ва фардии дарёфти роҳҳои рушди салоҳиятҳо, ҳалли проблемаҳои фаъолияти таълимӣ;

• дарки сабаби рӯйдодҳои воқеии ҳаётӣ, моҳияти ҳодисаҳои табиат ва робитаи байниҳамии онҳо;

• омода намудани хонандагон ба дарёфти роҳҳои ҳалли проблемаҳои асосии ҳаётӣ;

• омӯзиши роҳҳои равона намудани фаъолияти хонандагон ба дунёи арзишҳои маънавӣ;

• омӯзонидани роҳҳои ҳалли проблемаҳои алоқаманд бо амалигардонии масъалаҳои муайяни иҷтимоӣ;

• омӯзонидани дарёфти роҳҳои ҳалли проблемаҳои интихоби касб ва ғайра [2017, 7].

Усули таълими муносибати босалоҳият аз усули таълими анъанавӣ тафовут дорад. Дар дастури "Бартарии асосии муносибати босалоҳият дар таълим" имконияти омодагии хатмкунандаи мактаб ба иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷомеа маҳсуб меёбад. Хатмкунандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ тибқи муқаррарот бояд салоҳиятҳои зеринро дошта бошад:

- омодагӣ ба ҳалли мушкилот;
- омодагӣ ба фаъолияти мустақилонаи маърифатӣ;
- омодагӣ ба робита;
- омодагӣ ба истифодаи технологияи иттилоотию иртиботӣ
- омодагӣ ба таъсири иҷтимоӣ;
- омодагӣ ба хизмати Ватан;
- омодагӣ ба худтакмилдиҳӣ, худмуайянкунӣ, худомӯзӣ ва ғайра.

Дар ин раванди таълим дониш чун ҷузъи малака барои санҷидан, муқоиса намудан ва ислоҳ кардани ғалатҳо ба кор бурда мешавад. Ҳар як усули таълим мақсад ва вазифаҳои хешро дорад. Ҳарчанд мақсади ҳар як усул додани дониш, саводноккунӣ, ташаккул додани ҷаҳонбинии хонандагон аст. Аммо ҳар як усули таълим хусусиятҳои худро дорост. Чунин хусусият муносибати хонандаро ба таълим, нақши омӯзгорро ба раванди таълим,

муносибати омӯзгор ва хонандаро ба маводи таълим ва муоширати байни онҳоро муайян мекунад. Дар низоми муносибати босалоҳият низ махсусиятҳо мавҷуданд, ки онро муҳаққиқ М. Бобомуродова чунин қайд намудааст: Дар адабиёти методии низоми босалоҳият ба таълим якчанд хусусияти асосии раванди таълим муайян шудаанд:

Масъулият, имконият, машғулият, таълимдиҳӣ, аксуламал, интихоб ва вақт.

Бояд зикр намуд, ки дар раванди таълим бо муносибати босалоҳият омӯзгор вазифадор аст, ки барои ташаккули салоҳият имконият фароҳам орад. Ба хонандагон мавзӯеро пешниҳод намояд, ки матн ҳаҷман калон бошад ва хонандагон оид ба мазмуну муҳтавои матн, услуби нигори шимат, истифодаи санъатҳои бадеӣ, аз қабили ташбеҳ, истиора, сифатчинӣ, талмеҳ ва ғайра ақидаҳои хешро баён намоянд ва дар муқоиса бо образу қаҳрамонҳои он эссе нависанд, инчунин онро бо ҳаёти имрӯз муқоиса намоянд. Чунин амал салоҳияти хонанадагонро ташаккул медиҳад. Албатта, вақт ҳам муҳим аст. Аз ин рӯ, бояд вақти соати дарсӣ мувофиқат намояд. Саволе ба миён меояд, ки оё ин салоҳиятро ҳамаи хонандагон аз бар карда метавонанд? Агар қисме аз бар карда натавонанд, омӯзгор чӣ гунна усули таълимро ба кор барад? Ба ҳама маълум аст, ки сатҳи дониш, малака ва маҳорати хонанадагон дар як сатҳ қарор надорад. Ин ҳолатро дар раванди таълим бо муносибати босалоҳият омӯзгор ба эътибор гирад. Хонандагони сустхонро бо супоришҳои алоҳида ба машғулият талқин намудан мумкин аст. Хонандагон мустақилона бо нишондоди омӯзгор корҳои шифоҳӣ ва хаттӣ (аз қабили иншо-эссе, нақли хаттӣ, навиштани ҳикояи хурд ва ғайра)-ро ба анҷом мерасонанд, яъне малакаву маҳарати хешро ташаккул медиҳанд. Сипас, омӯзгор натиҷаи кори шогирдонашро арзёбӣ менамояд.

Тибқи талаботи муносибати босалоҳият ба таълим омӯзгор ҳамчун роҳнамо дар дарку маърифати донишомӯзии хонандагон саҳмгузор шуда, барои расидан ба мақсадҳои таълим хонандаро на азҷиҳати назариявӣ бо аз бар намудани қоидаву таърифҳо, балки бо роҳи амалӣ наздик шудан ба мавзӯъ, инкишофи тафаккури фикррониии хонанда, ҳадафманд мегардад [М, Бобомуродова, 2018, 11].

Муҳаққиқ дуруст зикр намудааст, бояд дар таълими босалоҳият на ба таърифу қоида бештар таваҷҷуҳ намуд, балки ҳадафи асосӣ ташаккули фикррониии хонандагон, тайёр намудани онҳо ба ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ мебошад. Ин навъи таълим имконият медиҳад, ки омӯзгор мавзӯъҳои проблемавиро ба хонандагон пешниҳод мекунад ва ҳалли онҳоро аз онҳо талаб мекунад. Яъне хонандагон мустақилона дар ҳалли мушкилот кӯшиш менамоянд. Муносибати босалоҳият ба таълим ба хонандагон маърифат додан, муслақилона амал кардан, иҷро карда тавонистан, хулоса баровардан, якҷоя зистанро ва дигарро талқин мекунад.

Дар ин навъи усули таълим омӯзгор нақши калон дорад, зеро он тамоми имкониятҳо ва маҳорати хешро ба роҳ монад, то ин ки хонандагон маҳорат, қобилият ва дониши хешро ба амал татбиқ намуда тавонанд. Барои ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ва инкишофи малака ва ҷаҳонбинии онҳо фазои солимеро бояд муҳайё намуд.

Барои ноил гардидан ба чунин муваффақият омӯзгор чунин лаҳзаҳоро мутаваҷҷеҳ бошад, ки дар дастури методӣ [Муносибати босалоҳият ба таълим дар дарсҳои забони тоҷикӣ] зикр гардидааст:

-аз тарафи хонандагон мустақилона интихоб намудани мавзӯъ;
-сатҳи мушкилии супориш;
-шаклу усули кор;
-кори мустақилона;
-мақсад ва масъулият барои натиҷа;
Кори гурӯҳӣ;
-тақсими вазифа ва банақшгирӣ;
-ташаккули фаҳмишҳо ва вобаста ба онҳо ташкил намудани фаъолият;
-истифодаи низоми баҳодиҳии ба талабот мувофиқкунанда;
-нишон додани рафтори салоҳият ва ғайра [2018, 12].

Албатта, омӯзгор дар раванди таълими босалоҳият вазифаи муҳимро бар дӯш дорад. Ӯ ташкилкунандаи дарсест, ки ба ҷиҳати равонӣ ва ақлонии хонанда таъсир расонида тавонад. Бояд ҳисси маърифатнокии хонандаро бедор намояд. Ҳангоми дарси босалоҳият

хонандагон низ фаъол буда метавонанд, муслақилона ё дастҷамъона ба ҳалли супоришу масъалаҳои гузошташуда саҳмгузоранд ва андешаҳои хешро баён намоянд. Вазифаи онҳо танҳо дар доираи чорчӯба саволу ҷавоби штирок кардан нест. Онҳо мустақил мебошанд. Аксуламал нишон дода метавонанд. Баҳсу мунозира намуда, хулосаҳо мебароранд. Ин саъю кӯшиши онҳоро омӯзгор дастгирӣ намуда, дар ҳалли кори мустақилона ба онҳо кумак мерасонад. Яке аз омилҳои асосӣ барои ба натиҷаи хуб муваффақ гардидани хонандагон–ҳавасмандгардонии хонандагон мебошад. Ҳавасмандгардонӣ имконият медиҳад, ки хонандагон натиҷаи дилхоҳро ба даст оранд. Ин ҳавасмандгардонӣ аз ҷониби омӯзгор барои фаъол сохтани фаъолияти хонандагон истифода бурда мешавад.

Яке аз вазифаҳои муҳимми омӯзгор ба хонандагон тарзи мустақилона баён намудани фикру андеша, муошурати хуб, фикрронӣ, хулосабарорӣ ва дигарро омӯхтан аст. Хонанда бояд мутмаин бошад, ки ин супоришро иҷро карда метавонад, аз уҳдаи ҳалли мушкилот мебарояд, онро аз бар карда метавонад, мустақилона амал карда метавонад.

Муошурати босалоҳият–ин соҳиб шудан ба маҳорат ва малакаи муоширати мураккаб, ташаккули маҳорати комилан мувофиқ дар структураи нави иҷтимоӣ, меъёри дониши фарҳангӣ ва маҳдудият дар муошират, дониш дар бораи урфу одат, анъана, одоби муошират дар доираи муносибат мебошад.

Дар давоми тамоми давраи таълими забон ва адабиёти тоҷик дар хонандагон муошурати босалоҳият ташаккул дода мешавад, ки аз инҳо иборат аст:

• Салоҳияти лингвистикӣ, захираи луғат доир бадониши муайян ва қоидаҳои наҳвӣ ва маҳорати истифодаи онҳо барои баён кардани фикри худ;

• Салоҳияти иҷтимоӣ лингвистикӣ, қобилияти истифода ва дар қолаби дигари шакли забонӣ, баромадан аз шароити муошират (муттакалим бо кӣ суҳбат мекунад, дар бораи чӣ, бо кадом мақсад ва ғ.) дар кадом шакли забонӣ ифода мегардад;

• Салоҳияти мубоҳисавӣ, қобилияти аз худ кардан ва ба вуҷуд овардани баёни фикр дар муошурати босалоҳият;

Салоҳияти дискурсӣ, яъне қобилияти дарк кардан ва сухангӯйӣ дар иртибот бодигарон;

• Салоҳияти корбурдӣ, яъне қобилияти мурочиат кардан ба корбурди муошират, шифоҳӣ ба хотири ҷуброн кардани маводҳои забони ношинос;•

Салоҳияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, яъне хоҳиши дохил шудан ба муошират бо дигарон, эътимоди худ ба худ, ки худро дар ҷойи дигаре мегузорад, инчунин донистани муносибатҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа ва қобилияти мурур кардани онҳо. Барои ба ташкили самаранокии фаъолияти педагогӣ аз фикр кардан ва тартиб додани нақшаи кор оғоз намудан лозим аст, зеро он ҳамчун асоси ҳама гунна фаъолият хизмат мекунад.

План ё нақша – ин бунёд, таҳкурсии фан аст, он ба ҳеҷ чиз вобастагӣ надорад, ба ғайр аз натиҷаи таълим, аммо гарави боварии омӯзгор ба худ мебошад.

Асоси фаъолияти банақшагирифташуда тарҳрезии маҳорати ташкилшуда мебошад. Аз сатҳи дар ихтиёр доштан бисёр вобаста аст, ба андешаи мо, он муваффақияти фаъолияти тахассусии мост.

Сарфи назар аз ин, оид ба дарси ба нақша тарҳрезишуда дар дастур ва дар китоб барои омӯзгор дастур дода шудааст, дар ҳақиқат тамоми таваҷҷуҳ ба ин усул нигаронида мешавад.

Китоби дарсӣ барои як навъ алоқамандӣ миёнаи синф пешбинӣ шудааст, аммо дар талаботи мушаххаси мо синф ба якдигар монанд нест. Хонандагон гуногун зоҳир мегарданд, бино бар ин гурӯҳи хонандагон низ ба ҳамдигар монанд нестанд. На танҳо хонандагон, инчунин коллективи синф аз коллективи дигар фарқ мекунанд.

• Китобҳои дарсии ба нақша гирифташуда на ҳамаи дарсҳоро дар бар мегиранд, на кам аз 20% дарсҳо такрори мавзӯъҳои гузашта мебошанд.

Муаллифон ҳангоми навиштани китобу дарстурҳо онро наандешида буданд, дарси амалӣ ҳама вақт ба дигаргунӣ, тағйирот ниёз дорад, дарсро дар доираи чорчӯбаи китобу дастурҳо гузаронидан ғайриимкон аст. Моро зарур аст, ки хонандагонро аз нигоҳ доштан дар чорчӯба озод созем, имкон фароҳам орем, ки онҳо бештар ба амалия рӯй оранд, андешаи хешро дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда баён намоянд, натиҷаи онро арзёбӣ намоянд ва ғ.

Дар ҳар дарси банақшагирифта, аз усули асосии таълими адабиёт ва забони тоҷикӣ–усули муоширати босалоҳият, усули босалоҳияти таълим истифода намудан зарур аст. Дар натиҷа аз рӯйи нақша ҳар як дарс аз асоси методи принсипи таълими забон ва адабиёт тоҷикӣ–ба таълими принсипи муоширати сурат мегирад, ки ташкили чунин раванди таълим ба салоҳияти муоширати воқеии хонандагон оварда мерасонад. Дар натиҷа хонандагони унсурҳои забониро ҳамчун воситаи муҳимми муошират, ҳамчун салоҳият, дар асоси мавзӯъ ва маводи китоби таълимӣ истифода мебаранд. Ҳангоми банақшагирии ҳар дарс принсипи асосии методологии таълими забони тоҷикиро қабул мекунем – принсипи коммуникатсия, ки чунин ташкили раванди таълимро дар бар мегирад, хусусиятҳои асосии раванди воқеии муошират модел карда мешавад.

Дар натиҷа хонандагон ҳадди ақали қобилият ва малакаҳои шифоҳӣ, яъне салоҳиятро барои истифодаи забони модарӣ ва адабиёт ҳамчун воситаи иртибот дар доираи фанҳо ва маводи таълимии дар барнома ва китобҳои дарсии мавҷуда аз худ мекунанд. Масалан, барои ташаккули муошироти хонандагон ҳам дарси забон ва ҳам адабиёт нақши муҳим доранд. Ҳоло таҳлили як дарсро аз фанни адабиёт интихоб мекунем.

Барои омӯзиши рӯзгор ва осори гаронбаҳои Абдулқодири Бедил дар синфи даҳ 8 соати дарсӣ муқаррар гардидааст. Дар ин муддат омӯзгор метавонад тамоми хусусият ва муҳтавои ҳаёт ва эҷодиёти Бедилро таҳлил, тафсир, муқоиса, муҳокима ва натиҷагирӣ намуда, ҳамаи донишҳои зарурииро дар зеҳни хонанда ҷой намояд. Мо танҳо таҳлили як дарсро ҷоиз донистем:

Мавзӯъ: **Мазмун ва мундариҷаи мухтасари достони “Комде ва Мадан”-и Абдулқодири Бедил**

Азбакси дар ин достон сухан дар бораи ҳунару ҳунармандӣ, муҳаббати самимӣ, ҷавонмардию накӯкорӣ, санъатдӯстӣ ва ғайра меравад, баргузор намудани дарс дар мавзӯи " Мазмун ва мундариҷаи мухтасари достони “Комде ва Мадан”-и Абдулқодири Бедил " дар байни хонандагони синфи 10 дар заминаи муносибати босалоҳият аз манфиат холӣ нест ва омӯзгор метавонад ба ин васила дар замири шогирдон ҳисси ҳунардӯстӣ, санъатдӯстӣ, инсонигарӣ, қадршиносӣ ва арҷгузорӣ ба бузургони адабиёту фарҳанги миллатро ҷой намояд.

Дар ин дарс хонандагон бо қироати порчаҳо, саволу ҷавоб, нақшофарӣ метавонанд маҳорати суханварии худро ташаккул диҳанд.

Омӯзгор дар бораи достон фикру андешаҳои хешро баён намуда, мавқеи ҳунару ҳунармандиро дар ҷомеаи имрӯза алоқаманд менамояд ва ба солҳои 2020-2021 Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ишора мекунад. Ҳунару санъат ҳеҷ гоҳ хусусияти хешро аз даст намедиҳанд.

Ҳангоми таҳлили образҳои достон хусусияти гуманистӣ, санъатдӯстӣ, манфиати ин ҳунарҳо ба мардум таҳлилу баррасӣ карда мешаванд.

Муносибати босалоҳият ба таълим ба инкишофи муошироти хуби хонанадагон заминаи муҳим мегузорад. Он ба хонандагон имкон медиҳад, ки фикрашонро баён намоянд, дар ҳалли масъалаи гузошташуда мустақилона амал намоянд, натиҷаи онро худ баҳогузорӣ кунанд.

**АДАБИЁТ:**

1. Азизов Ш. Ю. Татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълими фанни “Нақшакашӣ” / Азизов Ш. Ю., Бобоева Х. // Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ. - Душанбе, 2018. - С.81-87.
2. Акобиров Ш. Банақшагирии дарс ва муайян намудани салоҳиятҳои фаннӣ дар таълими фанни “География” / Акобиров Ш., Орифов А., Саидмуродова М. // Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ. - Душанбе, 2018. - С.38-46.
3. Алиев А.Б., Зиёев М.Н., Олимова Ф., Эрматова У.С., Зоолишоева Б. Ф., Ниёзов Ф. Такмили маҳорати педагогии синфҳои ибтиоӣ. Дастури таълимӣ барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Лоиҳа. Душанбе, 2010.
4. Амиров С. Д. Таҷрибаомӯзии педагогӣ ҳамчун омили ташаккули салоҳиятмандии коммуникативӣ ва фаъолиятии касбии донишҷӯён–омӯзгорони ояндаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2019. 31с.

5. Баранников А. В. Содержание общего образования: компетентностный подход / А. В. Баранников. М. : ГУ ВШЭ, 2002. - 51 с.
6. Батарашев А. В. Психодиагностика способности к общению, или как определить организаторские и коммуникативные качества личности / А. В. Батарашев. М. : Влада, 1999. - 176 с.
7. Бобомуродова М. Муносибати босалоҳият ба таълим дар дарсҳои забони тоҷикӣ. –Душанбе: ЭР-граф, 2018. -84с.
8. Гулмадов Ф. Ташаккули салоҳиятҳои хонандагон – омили баланд гардидани сифати таҳсилот // Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ. - Душанбе, 2018. - С.32-38.
9. Давлатшоев И. АҳмадоваФ. М. Асосҳои педагогии ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа дар ташаккули салоҳияти мактабиён. Дастуриметодӣ. Душанбе: Сифат, 2019. 99с.
10. Муносибати босалоҳиятдартаълим (дастуриметодӣ). Мураттибон: Ғ. Бобизода, Ш. Исрофилниё, Д. Имомназаров, А. Байзоев. –Душанбе, 2017. –74 с.
11. Муошрат ва худшиносӣ. Хуҷанд: нашриётиСИФайзибоев М. М. “Меъроҷ”, 2017. -304с.
12. Мухтори К. Махсусияти ташкили таълими босалоҳият дар дарсҳои адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ // Татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таълимӣ. - Душанбе, 2018. - С.59-66.

**Зоиров С.**

**МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ВА ТАЪСИРИ ОН ДАР БЕҲДОШТИ ВАЗЪИ МУОШИРАТИ ХОНАНДАГОН**

Дар мақола сухан дар бораи ҳусни баён ва муошрати созанда, муносибати босалоҳият ба таълим дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик, навъҳои муносибати босалоҳият, навъҳои гуногуни машғулиятҳо дар дарсҳои забон ва адабиёт, андешаи олимону пажӯҳишгарони соҳа, мисолу муқоисаҳои бомаврид ва дигар паҳлӯҳои муҳими мавзӯъ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор гирифтааст. Дар мақола дарҷ гардидааст, ки яке аз муҳимтарин ва асоситарин рукнҳои салоҳиятнокӣ дар муошират ва ҳусни баёни ҳар як шахс зоҳир мегардад. Забон на танҳо воситаи муколамаи одамон, балки фарҳанги онҳост. Инкишофи хуби нутқ барои фаъолияти инсон ва ҷомеа муҳим шуморида мешавад. Омӯзгор иҷро шудани фаъолияти мувофиқро дар дарс бояд ташкил намояд, барои он ки таълимгиранда субъекти махсуси фаъолият мебошад. Ҳар як хонанда мустақилона фикри худро гуфта метавонанд. Ҳамаро мо мешунавем. Фикри касе радшаванда нест. Омӯзгор ба хонандагони сустхон кӯмак мерасонад, то ки онҳо низ дар ин муошират иштирок намоянд. Омӯзгор фикри ҳамаро гӯш мекунад, муқоиса мекунад, шогирдонро ба мубоҳиса даъват мекунад, фикрҳои хубро дастгирӣ намуда, дар охир андешаи худро иброз медорад.

***Калидвожаҳо:*** *Муошират, забон, салоҳият, метод, дарси забон ва адабиёти тоҷик, ҳусни баён, технология, таълими коммуникативӣ*

**Зоиров С.**

**КОМПЕТЕНТНОЕ ОТНОШЕНИЕ И ЕГО ВЛИЯНИЕ НА БЛАГОТВОРНОЕ ВЗАИМООБЩЕНИЕ ШКОЛЬНИКОВ**

В данной статье говорится об искусстве выражения мысли и продуктивном общении, компетентностном подходе обучения на уроках таджикского языка и литературы, видах компетентностного отношения, различных видах занимательных игр на уроках таджикского языка и литературы, размышления и предложения учёных и реформаторов данной сферы, уместные предложения и сравнения и другие важные стороны предложенной темы. В статье запечатлён весомый вклад языка в истории развития человечества. Исходя из этого, язык называют зеркалом культуры. Обладание хорошим воспитанием дома, в школе и в обществе в целом, глубокие знания и широкое мировоззрение направляют помыслы человека на организацию правильного общения. Речь в сфере общения людей является ключевым фактором. Преподаватель должен всячески следить за организацией деятельности урока, так как учащийся, будет важным субъектом этого процесса, получает нужные ему знания и умения. Свободно и самостоятельно выражает свои мысли. Учитель выслушивает каждого ученика, при этом помогает отстающим, чтобы они тоже приняли участие в беседе. Преподаватель выслушивает мнение каждого, сравнивает их, втягивает учащихся в дискуссию, поддерживает хорошие мысли и в итоге выражает своё отношение к этому.

***Ключевые слова:*** *общение, язык, компетентность, метод, урок таджикского языка и литературы, речевая выразительность, технология, коммуникативное обучение.*

**Zoirov S.**

**COMPETENT ATTITUDE AND ITS INFLUENCE ON THE BENEFICIAL MUTUAL COMMUNICATION OF SCHOOLCHILDREN**

This article deals with the art of expressing thoughts and productive communication, the competence-based approach of teaching in Tajik language and literature lessons, types of competence-based attitude, various types of entertaining games in Tajik language and literature lessons, reflections and suggestions of scientists and reformers in this field, relevant suggestions and comparisons, and other important aspects of the proposed topic. The article captures the significant contribution of language in the history of human development. Based on this, the language is called the mirror of culture. Having a good upbringing at home, at school and in society as a whole, deep knowledge and a broad worldview direct the thoughts of a person to organize proper communication. Speech in the sphere of human communication is a key factor. The teacher should do everything possible to monitor the organization of the activity of the lesson, since the student, being an important subject of this process, receives the necessary knowledge and skills. Everyone is free to express their thoughts independently. We listen to everyone. No one has negative thoughts. The teacher helps the students who are lagging behind, so that they also take part in the conversation. The teacher listens to everyone's opinions, compares them, draws students into the discussion, supports good thoughts and ultimately expresses his attitude to this.

***Keywords:*** *communication, language, competence, method, lesson of the Tajik language and literature, speech expressiveness, technology, communicative training.*

**Сведения об авторе: Зоиров Сиротулло Абдулмаҷидович -** аспирант Института развития образования имени Абдурахмони Джами Академии образования Таджикистана.

**Zoirov Sirotullo Abdulmagidovich -** postgraduate student of the Institute for the Development of Education named after Abdurahmoni Jami of the Academy of Education of Tajikistan.

**Ш. РАСУЛБЕРДИЕВА**

## ТАЪЛИМИ ҲАМГИРО ВА САЛОҲИЯТНОКӢ ҲАМЧУН УСУЛИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар замони муосир талабот нисбат ба истифодаи усули фаъоли таълим шарти зарурӣ дар таҳсилоти ибтидоӣ мебошад. Дар ин самт тадқиқоти олимону муҳаққиқон аз асрҳои XIX оғоз гардида, то имрӯз роҳу усули гуногуни таълим пайдо шудаанд, ки дардхӯрди замонанд. Ҳанӯз Низомии Ганҷавӣ дар таълиму тарбияи фарзанд таъкид кардааст:

Мекӯш ба ҳар варақ ки хонӣ,
К- он донишро тамом донӣ.

Зинаҳои асосии таълим дар синфҳои ибтидоӣ, ки он аз саводомӯзӣ оғоз мегардад, аз инҳо иборатанд:

- шинохти хат ва навишти он,
- худшиносӣ ва дарки муҳити атроф,
- хондани матн ва дарки мазмуни он,
- таъмин намудани рушди тафаккур ва эҷодкорӣ,
- ташаккул додани маҳорату малакаи хулосабарорӣ [2, с. 13].

Дар таълими дурусти атфол малакаю маҳорати омӯзгор нақши асосӣ мебозад. Вақте ки толибилм ба воситаи устод бо ҳарфу ҳиҷо, тарзи навишт ва талаффузи ҳарфҳо шинос мешавад, барои боварӣ ҳосил кардани ӯ ба донишҳои гирифтааш китоби дарсӣ нақши муҳим мебозад. Талабагон бо диққат ба таълими муаллим таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд ва бо истифодаи китоби дарсӣ бо ҳарфҳо ва навишти онҳо дақиқтар шинос мешаванд ва маҳорату малакаи эҷодкории худро такмил дода, донишҳоро пурратар мегардонанд. Вазифаи муҳимми омӯзгор дар ин ҷо дуруст раҳнамун кардани толибилмон бо донишомӯзӣ, бедор кардани шавқу завқи онҳо ба китобхонӣ ва мустақилона азхудкунии тасаввуроти нав мебошад. Усули фаъоли таълим фаъолияти якҷояи муаллиму хонандагон илмест дар бораи тарз, восита ва усулҳои омӯхтани маҷмӯи муайяни донишҳо, ҳосил намудани маҳорату малака, ташаккули доираи назар, ташаккули қобилият ва фикри хонандагон. Барои расидан ба ин мақсад омӯзгорро зарур аст, ки аз усулҳои гуногуни фаъоли таълим истифода барад.

Ба андешаи муаллифон Лутфуллозода М., Абдураҳимов Қ., Мирзоев А. усулҳои таълим аввал бояд асоси илмӣ дошта бошад. Яъне он дар асоси назарияи маърифат бунёд

гардида, ҳамаи навигариҳои илмӣ, дидактика, психология ва таҷрибаи пешқадами муаллимонро ба назар гирад. Баъдан мақсаднокии усулҳои фаъол ин вазифаҳои таълимро ба мақсади муайян ба ҷараёни ягона равона менамояд [1, с. 11].

Омӯзгор дар раванди таълиму тарбия дар асоси илмӣ, мақсаднокии усулҳои таълим, воситаҳои таълим ва тарзҳои таълимро ҳаматарафа омӯхта, онҳоро дар алоқамандии якдигар вобаста ба синнусоли шогирдон ба мақсади муайян истифода барад.

Аз рӯйи пешниҳоди Носиров С.Ш. метод ин тарзи батартибдарории фаъолияти таълимии омӯзгор-омӯзонидан ва тарзи фаъолияти хонанда-омӯхтан буда, барои ноилшавӣ ба мақсадҳои таълиму тарбия ба роҳ монда шудааст, фаҳмида мешавад.

Методҳои таълим бо се аломат тавсиф карда мешаванд ва ин дар мақсади таълим, тарзи азбарнамоӣ ва хусусияти ҳамкориҳои субъектони раванди таълим- муаллиму хонандагон зоҳир мегардад [5, с. 51].

Усулҳои фаъоли таълим дар шавқу ҳаваси донишомӯзӣ, баланд бардоштани сифати таълим ва ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ нақши басо арзанда дорад. Дар баробари ин усулҳои фаъоли таълим ба тарзи интихоб ва маҳорати истифодабарии омӯзгор низ вобаста аст.Дар ин бобат педагоги машҳури рус Н.Г.Чернишевский чунин қайд намудааст: “Агар майлу рағбати бача аз хондан монад, айби ӯ нест. Методикаи таълимро бояд иваз кард”.Ин гуфтаҳо шаҳодат медиҳанд, ки дарсҳо бояд диққатҷалбкунанда, шавқовар, гуногунранг ва вобаста ба мавзӯъ истифода аз технологияи навин бояд гузаронид, то ки шавқи хонандагон бедор шавад ва барои ин ба омӯзгор усулҳои гуногуни фаъоли таълим мадад мерасонад.

Тибқи талаботи муосири таълим усулҳои анъанавӣ, ҳамфаъол, ҳамгиро, салоҳиятнокӣ ва ғайра дар таълиму тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд истифода бурда шаванд. Ҷараёни таълим фаъолияти якҷояи омӯзгору хонанда буда, усулҳои фаъоли таълим ба он равона мешаванд, ки омӯзгор дар синф на ба сифати ҳоким ё шахси марказӣ, балки ҳамчун роҳнамои хонандагон фаъолият менамояд.

Бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон китоби дарсии фанни “Забони модарӣ” дар синфи 1-ум, дар заминаи таълими салоҳиятнокии хонандагон дастраси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ гаштааст, ки ҳамчун роҳнамои муҳим барои татбиқи низоми муосири таълим хизмат менамояд [6, с. 3].

Омӯзгор дар баланд бардоштани савияи илму дониш, сифати таълим шахси асосӣ буда, метавонад дар ин раванд ташаккулёбии шахсияти хонандагонро таъмин намояд. Омӯзгорро мебояд ҳамеша омӯзад ва роҳу усулҳои самарабахши таълимро ҷустуҷӯ кунад, салоҳияти касби худро такмил диҳад ва дар ҳар як дарсе, ки аз фанҳои таълимӣ мегузарад, аз навгониҳо ва усулҳои гуногуни фаъоли таълим истифода барад.

Усули фаъоли таълим қонуниятҳои таълимро аз ягон ҷиҳат мукаммал ва равшан мегардонад. Масалан барои инкишофи кӯдак мавҷудияти низоми донишҳо шароити лозимист, зеро олами ҳодисаҳо низоми муайян ва ба ҳам алоқамандӣ дорад. Бинобар ин барои фаҳмидани онҳо низоми донишҳо лозим буда, усули таълими муназзам ин талаботро ифода мекунад. Огоҳ набудан аз усулҳо ё нодурустфаҳмии онҳо пешрафти муваффақиятноки таълимро монеъ мешавад ва азхудкунии донишҳоро аз тарафи хонандагон ва ташаккули сифатҳои шахсияташонро душвор менамояд [7, с. 59].

Усули таълим-инчузъиёти метод, амалиётҳои алоҳидаи тафаккур, лаҳзаҳои таркибии раванди азхудкунии донишҳо, ташаккул додани маҳорату малакаҳо мебошад. Усул вазифаи мустақили таълимӣ надорад, вале ба вазифаи гузоштаи ин ё он метод итоат мекунад, барои ба мақсад ноилшавии метод ёрӣ мерасонад. Масалан, методи машқ, ки асосан вазифаи ташаккул додани маҳорату малакаҳоро дорад, метавонад чунин усулҳоро дар бар гирад: намунаи кори муаллим, дар асоси намуна мустақилона машққунии хонандагон, ба пешқадамон супоридани машқҳои иловагӣ, ҳамкории омӯзгор бо хонандагони сустхон ва онҳоро рӯҳбаландкунии омӯзгор, натиҷагирӣ ва ғайра, ҳамаи методҳои таълимӣ мувофиқи хусусиятҳои худ усулҳои гуногунро фаро гирифта метавонад.

Усулҳои таълимие низ ҳастанд, ки дар якчанд метод истифода бурда мешаванд, масалан истифодаи усули мисоловариӣаз китобҳо ё аз ҳаёт дар методи эзоҳ, сӯҳбат, машқ ва озмоишӣ имконпазир аст. Методи омӯзиш доимо ба мақсади муайян итоат намуда,

вазифаи гузоштаи таълимро иҷро мекунад, барои азхудкунии мазмуни муайян мебарад ва ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил мегардонад [7, с.365].

Усули таълим дар педагогика масъалаи баҳсталаб мебошад.Танҳо ҳамон усулҳо қиммати худро гум намекунанд, ки онҳо ифодагари қонуниятҳои таълим ва навгониҳо бошанд. Истифодаи навгониҳо ва усули гуногун майлу рағбати кӯдаконро ба дарсҳо афзуда, онҳоро чусту чолок, бодиққат, ҳозирҷавоб, кунҷков, эҳтиёткор ва масъулиятнок намуда, дар рафти фаъолият ёрию дӯстӣ ва дар баробари он рақобатро барои зудтар расидан ба мақсад ба вуҷуд меорад. Ҳар як хонанда кӯшиш мекунад, ки машғулиятҳоро зудтар ва бехато иҷро намояд.

Ф. Шарифов доир ба таълими ҳамгиро дар таҳсилоти ибтидоӣ намунаҳои таълими мавзӯъҳои гуногунро бо истифодаи мисолҳои математикӣ дар фанни забони модарӣ дар мисоли таҳлили калимаҳо ба таври муфассал баён намудаанд [9, с.19].

Муаллиф таъкид менамоянд, ки моҳияти таълими ҳамгиро дар зинаи ибтидоии ба таҳсилот воридшавии хонандагон аз тарзи ташкили мусалсали машғулият бо истифодаи унсурҳои маърифатии анъанавӣ, дар робита бо меъёрҳои ахлоқӣ ба самти мустақилияти хонандагон раҳнамогардида вобастагӣ дорад.

Мувофиқи тавсияҳои М. Лутфуллоев намунаи татбиқӣ таҳсилоти ҳамгиро дар таълими ибтидоӣ ба таври возеҳ дар таълими фанни "Забони модарӣ" татбиқ шудааст. Аз ин рӯ муаллифи китоби дарсии "Забони модарӣ" барои синфи 1-ум усули хонданро бо истифодаи методи таҳлилу таркиби овозӣ калимаҳо ва тавзеҳи маънои лексикии онҳоро барои таълими муштарак тавсия намудаанд [2, с. 31].

Самарабахшии тавсияҳо, усулҳои пешниҳод намудаи М. Лутфуллоев имконият медиҳанд хонандагон дар анҷоми таҳсилоти ибтидоӣ ба муваффақияти назаррас соҳиб гарданд. Таҷрибаи амалӣ нишон медиҳад, ки хонандагон дар асоси таҳлили натиҷагирии таълими фанҳои забони модарӣ, табиатшиносӣ, санъат ва меҳнат, математика ва тарбияи ҷисмонӣ метавонанд маводи таълимиро дар сатҳи зарурӣ аз худ намуда, соҳиби донишҳои амиқи фаннӣ гарданд. Бояд қайд кард кӣ, мафҳуми "таълими ҳамгиро"робитаи ҳатмии ҳамаи қисматҳои фанни таълимӣ дар таҳсилоти ибтидоиро дар бар гирифта инчунин он робитаи илм бо ҳаёт,ҷомеаи гузашта, ҳозира ва оянда; табиат, истеҳсолот, маънавиёти гузашта ва муосир таъмин намуда, мафкура ва симои ботинии хонандагонро инкишоф медиҳад ва онҳо маҳаки қувваи пешбарандаи таълими фан мебошанд. Аз ин рӯ донистану риояи қонуниятҳои номбаршуда дар интихобу истифода бурдани маводи таълимӣ, раванди педагогӣ ба мантиқи илмӣ ва асосҳои назариявии таълими ҳамгиро такя карда, фаъолияти таълимдиҳанда ва таълимгирандаро дар бар мегирад [4, с.180].

Мазмуни маълумот ва ҷараёни таълим дар ҷомеа бо мақсади таълим ва маърифатомӯзии насли наврас ва сатҳи муайяни тайёрии ақлю зеҳнӣ, маънавии таълимгирӣ ва хусусиятҳои синусолию равонии насли наврас мебошад. Вобаста ба мазмун ва ҷараёни таълим педагоги барҷаста С.Г. Шаповаленко навиштааст, " Фанни таълимӣ, ҷараёни таълим ва омӯзиш дар робита ва вобастагии мутақобила вуҷуд доранд. Мазмуни фанни таълимӣ ҳам характери таълимдиҳӣ ва ҳам характери омӯзишро муайян мекунад ва ин мазмун бо назардошти таълимдиҳию омӯзиш офарида мешавад"[8, с.8].

Ҳамин аст, ки мураттабкунон мазмуни фанни таълимӣ ва раванди таълим, методҳои мавҷуда, қонуният,принсипҳо ва имконияту шароитҳои таълимро бояд ба инобат гиранд.

Пас аз истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон созмонҳои гуногуни кишварҳои хориҷӣ дар соҳаи маориф дар мамлакати мо дар асоси шартномаҳои тарафайн ба кор шурӯъ намуданд. Яке аз онҳо ин созмони бонуфузи дунё ЮСАИД (USAID) аст, ки аз тарафи мардуми Амрико пешниҳод карда шудааст. Ин созмон усули нави салоҳиятнокӣ ва таълими интерактивиро ҳамфаъол, яъне якҷояро пешниҳод намуд ва доир ба он як силсила дастурҳои таълимӣ аз чоп баромаданд, ки то андозае дастраси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ низ гардидаанд.

Дар стандартҳои фаннии зинаи таҳсилоти ибтидоӣ мафҳуми "салоҳият "чунин шарҳ дода шудааст:

"-маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои амалие, ки ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ, маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешавад;

-маҷмӯи маҳоратҳое, ки шахс онҳоро тавассути маърифат ва таҷрибаи хеш ҳосил мекунад;

-натиҷаи таҳсил арзёбӣ гардида, ҳамчун қобилияти истифода бурдани дониш, малака ва маҳорат ҳангоми ҳалли масъалаҳои соҳаи муайян зоҳир мегардад” [3, с. 18].

Мавриди зикр аст, ки маҳз чунин нозукӣ боиси ба иштибоҳ роҳ додани аксарият мегардад.Салоҳият ин қобилияту кордонӣ, қодир будан ба амале, сазовор гардидан аст, ки натиҷаи дилхоҳро соҳиб мегардад. Салоҳият ба омӯзгор дода мешавад, вале салоҳиятнокӣ дар асоси заҳматҳои зиёд ва омӯхтани нозукиҳои касби омӯзгорӣ ба даст оварда мешавад. Масалан дар таълими фанҳо барои хонандагони синфи 4-ум усулҳои фаъоли таълим ба монанди арзёбии малакаҳои хондан, навиштан, гӯш кардан ва баён кардан пешниҳод карда шуданд. Натиҷаи таҳлил дар ҷадвалҳои 1, 2 оварда шудааст ва тавре ки дида мешавад, аз шумораи умумии 22 нафар хонандагони синфи 4-ум 18-20 нафари онҳо аз ҳамаи фанҳои таълимӣ дониши хубу аъло доранд. Шумораи хонандагони аълохон аз фанҳои математика ва табиатшиносӣ назар ба фанҳои равияи гуманитарӣ камтар мебошад (ҷадвали 1).

***Ҷадвали 1. Гурӯҳбандии умумии хонандагони синфи 4-ум аз рӯйи нишондиҳандаҳои меъёри азхудкунии фанҳои таълимӣ (n=22)***

| Фанни таълимӣ | Натиҷаи арзёбӣ (нафар) | | | |
|---|---|---|---|---|
| | аъло | хуб | Қаноатбахш | ғайри-қаноатбахш |
| Забони модарӣ | 10 | 9 | 2 | 1 |
| Математика | 8 | 11 | 2 | 1 |
| Табиатшиносӣ | 8 | 10 | 3 | 1 |
| Санъат ва меҳнат | 10 | 10 | 2 | |
| Тарбияи ҷисмонӣ | 12 | 10 | | |

Ин гувоҳи он аст, ки истифодабарии таълими босалоҳият яке аз воситаҳои муҳими баланд бардоштани сатҳи донишомӯзии хонандагон гардида, рушди ақлию зеҳнии онҳоро таъмин менамояд.

Инчунин дар идомаи таткиқот арзёбии дониши хонандагон аз рӯйи нишондиҳандаҳои таълими босалоҳиятро таҳлил намудем ва онро дар (ҷадвали 2) арзёбӣ мекунем.

**.Ҷадвали 2. Арзёбии малакаҳои дониши хонандагони синфи 4-ум аз рӯйи нишондиҳандаҳои фанни “забони модарӣ” (n=22)**

| Нишондиҳанда | Натиҷаи арзёбӣ (нафар) | | | |
|---|---|---|---|---|
| | аъло | хуб | қаноат-бахш | ғайри-қаноатбахш |
| Хондан | 13 | 8 | 1 | 0 |
| Навиштан | 11 | 8 | 3 | 0 |
| Баёни фикр | 14 | 7 | 1 | 0 |
| Гӯш кардан | 14 | 6 | 2 | 0 |

Ҳангоми арзёбии малакаи хондани хонандагон усули тезу бурро, равон ва бо риояи дуруст хондани садонокҳои ӯ, ӣ, аломатҳои китобӣ ва калимаҳое, ки ҳамсадои такрор доранд истифода мешаванд. Бояд қайд кард,ки тибқи меъёр хонандагони синфи 4-ум дар як дақиқа бояд то охири соли хониш 80-100 калима хонда тавонанд. Тавре ки аз натиҷаи таткиқот дида мешавад, сатҳи малакаи аксарияти кулли хонандагони синфи 4-ум аз фанни забони модарӣ дар сатҳи нишондиҳандаҳои” аъло” ва “хуб” мебошанд. Лекин аз рӯйи нишондиҳандаҳои навиштан ва гӯш кардан мутаносибан 3 ва 2 нафари хонандагон дар сатҳи қаноатбахш қарор доранд. Талаб карда мешавад, ки дар вақти навиштан бояд тоза, бехато, хушхат, хоно, ва дар ҳолати аз сатр ба сатр гузаронидани калима ба хатогӣ роҳ надиҳанд. Аз рӯйи нишондиҳандаи “навиштан” 50% хонандагон, аз нишондиҳандаҳои “баёни фикр” ва малакаи “гӯш кардан” бошад, 63,64% хонандагон соҳиби натиҷаи “аъло” гардиданд. Фоизи хонандагони соҳиби натиҷаи “қаноатбахш” 4,54-13,64%-ро нишон медиҳад, ки бо чунин хонандагон таълими иловагӣ ва усулҳои гуногуни тақвияти маҳорату малакаҳои“навиштан” ва “гӯш кардани матн” бояд истифода бурда шаванд.

Истифодаи усулҳои нави таълим дар синфҳои ибтидоӣ ба талаботи замони муосир мувофиқ мебошад, чунки қобилияти фикрронӣ ва дараҷаи қабули иттилоот дар кӯдакони имрӯза вобаста ба тараққиёти технологияи муосири ахборотӣ фарққунанда мебошад. Натиҷаи таҷрибаҳо оид ба таҳлили сатҳи дониши хонандагон дар шароити таълими салоҳиятнок аҳамияти амалии онро дар арзёбии сатҳи дониши хонандагон ҳангоми истифодаи усули гуногуни таълими салоҳиятнок нишон дод.

**АДАБИЁТ:**


1. Лутфуллозода М.,Абдураҳимов Қ., Мирзоев А.,Гулов А.,Ҳалимов З. Технологияи таълими интерактивӣ. /М.Лутфуллозода.,Қ. Абдураҳимов.,А.Мирзоев.,А.Гулов.,З.Ҳалимов-Душанбе “Ирфон”,2017.
2. Лутфуллоев М. Забони модарӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 1. М.Лутфуллоев -Душанбе “Маориф”, 1996.
3. Лутфуллоев М.. Шарифов Ф. Назаре ба таълими ибтидоии забони модарӣ. / М.Лутфуллоев - Душанбе, “Адаб”, 1995. № 4-6. –С. 31.
4. Муносибати босалоҳият ба таълим (дастури методӣ) Мураттибон: Ғ Бобизода,Д.Имомназаров,Ш.Исрофилниё,А.Байзоев:”Ирфон”. 2018.73с.
5. Носиров С.Ш. Педагогика ва психология. /С.Ш. Носиров-Душанбе “Промэкспо”,2020. -187 с.
6. Роҳнамои омӯзгор аз фанни “забони модарӣ” барои синфи 1. –Душанбе “Маориф”, 2016. -180 с.
7. Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика. -Душанбе, 2000 / Раҳимов Х., Нуров А. Педагогика - Душанбе, “Ҳумо”,2007, 448 с.
8. Харламов И.Ф. Педагогика, Минск, 1979
9. Шарифов Ф. Назария ва амалияи таълими ҳамгиро дар марҳилаи ибтидоии мактаби миёна. /Ф.Шарифов -Душанбе “Маориф”, 1997. -193 с.
10. Юнусов Й. Педагогика. /Й.Юунусов -Душанбе,”Ирфон”,2005.-274 с.


**Расулбердиева Ш.**

## ТАЪЛИМИ ҲАМГИРО ВА САЛОҲИЯТНОКӢ ҲАМЧУН УСУЛИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР СИНФҲОИ ИБТИДОӢ

Дар таълими дурусти атфол малакаю маҳорати омӯзгор нақши асосӣ мебозад. Вақте ки толибилм ба воситаи устод бо ҳарфу ҳиҷо, тарзи навишт ва талаффузи ҳарфҳо шинос мешавад, барои боварӣ ҳосил кардани ӯ ба донишҳои гирифтааш китоби дарсӣ нақши муҳим мебозад. Талабагон бо диққат ба таълими муаллим таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд ва бо истифодаи китоби дарсӣ бо ҳарфҳо ва навишти онҳо дақиқтар шинос мешаванд ва маҳорату малакаи эҷодкории худро такмил дода, донишҳоро пурратар мегардонанд. Вазифаи муҳими омӯзгор дар ин ҷо дуруст раҳнамун кардани толибилмон бо донишомӯзӣ, бедор кардани шавқу завқи онҳо ба китобхонӣ ва мустақилона азхудкунии тасаввуротҳои нав мебошад. Усули фаъоли таълим фаъолияти якҷояи муаллиму хонандагон илмест дар бораи тарз, восита ва усули омӯхтани маҷмӯи муайяни донишҳо, ҳосил намудани маҳорату малака, ташаккули доираи назар, ташаккули қобилият ва фикри хонандагон. Барои расидан ба ин мақсад омӯзгорро зарур аст, ки аз усули гуногуни фаъоли таълим истифода барад.

***Калидвожаҳо**: таълим, омӯзгор, хонандагон, маҳорат, малака, мақсад, усул, дарс, донишҳо.*

**Расулбердиева Ш.**

## ИНТЕРАКТИВНОЕ ОБУЧЕНИЕ КАК АКТИВНЫЙ МЕТОД ОБУЧЕНИЯ В НАЧАЛЬНОЙ ШКОЛЕ

Мастерство и профессионализм учителя играет важную роль при правильном воспитании личности. Ученики с помощью учителя начинают изучать буквы или слоги, правописание и произношение букв, а для достоверности их знаний учебники тоже играют большую роль. У учеников появляются благосклонность к знанию учителя, при использовании же учебников лучше ознакомятся с буквами и их правописанием, развивают свою творческую деятельность. Здесь главная задача учителя направлять на правильную путь получения знания учащихся, их интерес к учебникам и освоение или самостоятельно новых понятий. Активные методы обучения, совместное деятельность учителя и учеников — это наука о приёмы видов, методов получения знаний, о формировании мастерства, способности и сообразительности учеников. Для достижения этой цели учителю необходимо пользоваться различными активными методами обучения.

***Ключевые слова:** образование, учитель, ученики, навыки, умения, цели, методы, уроки, знания.*

**Rasulberdieva Sh.**

**INTERACTIVE LEARNING AS AN ACTIVE METHOD OF LEARNING IN PRIMARY SCHOOL**

The skill and professionalism of the teacher plays an important role in the proper education of the individual. Students with the help of a teacher begin to learn letters or syllables, spelling and pronunciation of letters, and for the reliability of their knowledge, textbooks also play a big role. Students have a favor for the knowledge of the teacher, while using textbooks they will get better acquainted with the letters and their spelling, develop their creative activity. Here, the main task of the teacher is to direct students to the right path of obtaining knowledge, their interest in textbooks and the development or development of new concepts. Active learning methods, the joint activity of teachers and students - is the science of techniques of types, methods of obtaining knowledge, about the formation of skill, ability and ingenuity of students. To achieve this goal, the teacher needs to use various active teaching methods.

***Keywords:*** *education, teacher, students, skills, abilities, goals, methods, lessons, knowledge.*

**Сведения об авторе: Расулбердиева Ш.Ю. -** Преподаватель кафедры педагогики, психологии и конкурентоспособности Дангаринского государственного университета, тел .: 931705512

**Information about the author**: Rasulberdieva Sh.J.- Teacher of the Department of Pedagogy, Psychology and Competitiveness, Dangara State University, tel: 931705512

**Д. ДАВЛАТОВ**
**Б. КОДИРОВ**
**А. КУДЖМУРОДОВ**
**Г. САИДОВ**

## ПРОБЛЕМА РАЗВИТИЯ КРЕАТИВНОСТИ СТУДЕНТОВ В ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Для построения современного государства важно, чтобы люди умели приспосабливаться к различным жизненным ситуациям, меняющимся условиям, умели в них развиваться и реализовывать свой потенциал. Каждый человек ответственен за свою судьбу, ее социальное, профессиональное, личностное выражение. Формирование подрастающего поколения в современных условиях имеет свои особенности, отличается сложностью и неоднозначностью. В связи с этим требуется разработать новые формы и методы, содержание образовательного процесса.

Личностно-ориентированная парадигма современной педагогики обеспечивает мощный стимул к использованию всего комплекса психолого-педагогических возможностей обучения, современной ситуации в образовании, как важнейшего источника личностного роста и саморазвития, использованию новых подходов, разработке образовательных технологий, способствующих развитию творческих способностей учащихся.

Креативность – от лат. «creare» - порождать, творить, создавать. Данное понятие имеет тесную связь с термином «творческие способности», творческой деятельностью, созданием чего-то нового. Данный термин был использован впервые Д.Симпсоном в 1922 г. Под термином «креативность» он понимал способность личности мыслить по-новому, вне шаблонов и стереотипов [6, с.14]. Креативность как универсальная концепция была сформулирована Дж. Гилфордом. Автор отметил, что креативность – это «способность к творчеству». Им был сформулирован новый подход к проявлению творчества, использовав для этого термины «креативная личность», «креативная продуктивность». Дж. Гилфорд убежден, что данный подход обеспечит выражению креативности[18, с. 68].

Во второй половине XX в. в психологической литературе были сформированы исследования специфики творчества и креативности, возникновение новых творческих методов и форм. Но определенного развития таких форм не происходило. В период 1980-1990- х. г. интерес к данной проблеме возрастает, появляется новая сторона исследований.

Креативность, творческая личность, творческая направленность исследовались в рамках различных наук: философия, культурология, психология, педагогика, искусство. Разработанные исследования определили ряд противоречий:

- нормативный характер образовательной деятельности и потребность в творческой личности как потенциале социального развития;
- потребность общества в творческой личности и недостаточном развитии психолого-педагогических технологий формирования креативности – как способности к творчеству;

- система естественного стремления и ограничения учащихся к творческой деятельности, запрет педагогов и социальной среды и др.

Произведенные исследования позволили выделить определенную способность – создание интересных, нестандартных идей, не используя шаблоны, умение разрешать сложные задачи, проблемы. Эта способность и есть креативность [10, с.95].

Под креативностью понимают умение творить, выражать себя, создавать что-либо новое для себя и других. Данный термин стал широко распространенным в отечественной психологии[1]. Креативность – ключевая составляющая личности, которая соединяет в себе другие стороны личности.

Работы отечественных (К.Д. Ушинский) и зарубежных (Я.А. Каменский, Ж.Ж. Руссо, А. Дистервег) психологов и педагогов рассматривали различные стороны творчества и креативности.

Важное место в исследования креативности заняли работы Л.С. Выготского, Я.А. Пономарева, А.Н. Лука, Б.М. Теплова, Б.М. Кедрова, В.С. Ротенберга, В.А. Моляко, П.М. Якобсона и др.

Различные аспекты проблемы творчества и креативности изучаются уже много лет и имеют богатую историю. Творчество как предмет научного познания имеет свои отличительные особенности. Возникновение интереса к изучению этого явления восходит к античности и связано с мистикой творчества, нашедшими отражение в трудах Платона и Аристотеля. Согласно Платону, поэт может сочинять только то, что диктует муза, а творческий человек может создать пустой сосуд, наполненный вдохновением таинственным образом, потому что это духовный процесс и не контролируется разумом, есть еще суждение, что творчество не поддается научному исследованию. Этим объясняется существование различных определений творчества, принадлежащих разным научным дисциплинам, и трактовка их сущности.

В научном исследовании креативность понимается следующим образом:

- виды интеллектуальных способностей[3, С. 525];
- особенности интеллекта или интеллектуальной деятельности высшего уровня мышления[2, с. 18];
- результаты индивидуальных творческих достижений[8, С. 324];
- творческий стиль деятельности[14, С. 14];
- характеристики или комплексные качества человека[11, с. 140].

Творческие люди всегда более терпимы к окружающим:

- они готов признать, что привычный для него способ поведения может быть не самым лучшим, но он принимается им в силу привычки;
- важно понимать, что каждый человек живет в своем собственном мире и видит этот мир самостоятельно, по-своему, и что он не диктуется ему окружающими его людьми. [17, с. 87].

В «Современном психологическом словаре» креативность определяется как «творческие возможности (способности) человека, которые могут проявляться в мышлении, чувствах, общении, отдельных видах деятельности, характеризовать личность в целом или ее отдельные стороны, продукты деятельности, процесс их создания» [12, с. 192].

М. Холодная определяет творчество в узком смысле как дивергентное мышление, умение выражать разные нешаблонные идеи о предмете или объекте.

А. В. Морозов отмечает, что, говоря о традиционных взглядах на творчество, отраженных в современных исследованиях, оно «рассматривалось как личностная категория, и конфликт заключался главным образом в уточнении ее трактовки: дивергентное мышление, или творчество как интеллектуальная деятельность, или творчество как интегральное качество личности» [9, с. 69].

Креативность - это единство интеллектуальных и личностных характеристик человека, которые способствуют самостоятельному продвижению проблемы, продуцирует большое количество оригинальных идей и нестандартных решений[13].

В своей работе исследователь Н.Ю. Хрящева [16,С. 19] творчество определила как умение человека конструктивно, необычно мыслить, нестандартно вести себя, создавать нетрадиционные идеи. Характеризуется, по мнению автора, креативность в богатом воображении, полете фантазии, юморе, умении показывать главное, выделять детали.

По мнению В.Н. Дружинина, креативность «является интегративным качеством психики человека, позволяющим внести продуктивные преобразования в деятельность личности и удовлетворить потребность в исследовательской деятельности» [5, с. 62].

То есть это может быть реакция, сформированная под влиянием окружающей действительности, а также определенная характеристика поведения и личностных качеств [5, с. 62].

В зарубежной психологии понятие креативности понимается как свойство или способность человека, готового к созданию новых идей или продуктов. Например, немецкий психолог и философ Эрих Фромм рассматривал творчество как способность познавать мир, удивляться увиденному и услышанному, проявлять любопытство, разбираться в собственных переживаниях, выходить из необычных ситуаций [14,с.57].

М. Валлах представляет творчество как способность создавать оригинальные идеи в условиях решения и постановки новых задач[6,с. 158].

Ф. Баррон понимает творчество как способность переживать что-то новое [6,с. 158].

Р. Холлменна: «Креативность представляет собой сплав восприятий, осуществленных новым способом (Маккеллар), способность находить новые связи (Кюби), возникновение новых отношений (Роджерс), появление новых сочинений (Меррей), предрасположение совершать и узнавать новшества (Лассуэль), деятельность ума, приводящую к новым прозрениям (Жерар), трансформацию опыта в новую организацию (Тейлор), воображение новых констелляций значений (Гизелин)» [19].

Т. Любарт рассматривает креативность как способность создавать продукт, обладающий новизной и в то же время соответствующий контексту, в котором он находится. Такими продуктами могут быть идеи, музыка, рассказы... [7,С. 7].

Д.Фельдман предлагает трехкомпонентную модель процесса разработки с тремя взаимосвязанными компонентами:

1) понять трансформацию и реструктуризацию, которые предлагает культура и создает индивидуальные различия;

2) рефлексия, как основной процесс различия человека и животных, позволяет формировать самосознание, самоуважение, планировать, рефлексировать и анализировать окружающий мир с помощью языка;

3) цель или намерение, позволяет организовать переживание «внутри и вне тела» и позволяет по-настоящему изменить окружающую среду, веря в возможность изменения к лучшему[15, С. 24].

Исследования М. Чихуентмихалина показывают, что, на первый взгляд, такие взаимоисключающие черты творческих личностей, как игривость и дисциплинированность, проявление черт как интровертов, так и экстравертов, чувство реальности перемежается фантазией, скромностью и гордостью, с большой энергией, но при этом они часто находятся в состоянии покоя и расслабления [4, с.102].

Понятия креативность и творчество имеют тесную связь, как между собой, так и с производными. Очень важно проанализировать структуру и содержание понятия «креативность» с психологической точки зрения, тем самым выделив его отличия от понятия «творчество».

Выделим ключевые черты креативности:

- беглость - выражается в способности генерировать большое количество идей за определенную единицу времени;

- гибкость - выражается в умении применять различные стратегии решения проблем, умении быстро переключаться с одной идеи на другую;

- оригинальность - выражается в способности создавать необычные, уникальные, нестандартные, радикально отличающиеся от общепринятых идеи;

- развитие - выражается в способности детально разрабатывать уникальные идеи.

Для измерения творческого мышления существуют психологические инструменты, наиболее известным из которых является тест Торренса, который оценивает проявление творческого мышления у человека по следующим показателям:

- словесное творчество;

- творческое воображение;

-креативность личности с разных сторон: беглость, гибкость, оригинальность, умение видеть суть проблемы, отсутствие шаблонного мышления и стереотипов.

Имеющийся у нас педагогический опыт позволил нам сделать вывод, что возраст обучающихся имеет зависимость от начала периода обучения, поскольку это ключевой этап развития личности студента. Существуют определенные особенности данного периода: самоутверждением личности, самосознанием, жизненным опытом различных ценностей, формированием ценностных ориентаций, формированием особого мировоззрения. Для студентов характерно овладение приемами репродуктивной и творческой деятельности, что обеспечивает положительную мотивацию к активному осмыслению новых областей информации, углублению знаний в известных областях, формированию познавательного интереса к профессиональной деятельности студентов.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Бегалиева С. Б. О креативности как об устойчивой характеристике личности /С. Б. Бегалиева [Электронный ресурс]. – Режим доступа: < http://www.natural-sciences.ru/>(дата обращения 20.09.2020).
2. Богоявленская Д.Б. Психология творческих способностей. М., 2002. 320 с.
3. Гилфорд Джой. Три стороны интеллекта . Сб.: Психология мышления, М., «Прогресс», 2005 г.
4. Дорфман Л.Я.Основные направления исследований креативности в науке и искусстве / Л.Я. Дорфман, Г.В. Ковалева // Вопросы психологии. – 1999. - № 2. - С.101-105,
5. Дружинин В.Н. Психология и психодиагностика общих способностей. М., 1994. 343 с.
6. Ильин Е. П. Психология творчества, креативности, одаренности [Текст] / Е. П. Ильин. – Санк-Петербург: Питер, 2009. – 444 с.
7. Любарт Т. Психология креативности / Т. Любарт, К. Муширу, С. Торджман, Ф Зенасни; [пер. с фр. Д. В. Люсин]. — М.: Когито-центр, 2009.- 215с.
8. Макарова И.Б. К проблеме развития творческой индивидуальности будущего учителя: / И.Б. Макарова // Модернизация образования: проблемы и перспективы. - Оренбург, 2002. -Ч.2. - С. 323-329.
9. Морозов А. В. Формирование креативности преподавателя высшей школы в системе непрерывного образования: дис. ... д-ра пед. наук : 13.00.08 / Морозов А. В. - М., 2004. - 445 с.
10. Разумникова О. М. Влияние индицированных эмоций на креативность [Текст] / О. М. Разумникова// Вопросы психологии. – 2013. – №2. – с. 93-103.
11. Роджерс К.Р. Взгляд на психотерапию. Становление человека. М., 1994. 480 с,
12. Современный психологический словарь / под. ред. Б.Г. Мещерякова, В.П. Зинченко. -СПб.: Прайм-ЕВРО-ЗНАК, 2007 - 490.
13. Способы и упражнения для развития креативности [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://dostignu.ru/360-sposoby-i-uprazhneniya-dlya-razvitiya-kreativnosti.html(дата обращения 18.09.2020),
14. Столетов А. И. Сущность креативности и ее типы. Учебное пособие// Вопросы философии. 2009.
15. Суркова Л.В. XX Всемирный философский конгресс о проблеме творчества /Л.В. Суркова // социальные и гуманитарные науки: Отечественная и зарубежная литература. Сер.3. Философия. – М.: ИНИОН, 1999. - № 3. – С.24.
16. Хрящева Н. Ю. "Психогимнастика в тренинге", Издательство Речь, Инстиьут Тренинга, 2006,256с.
17. Шурухт С.М. Подростковый возраст: развитие креативности, самосознания, эмоций, коммуникации и ответственности. - СПб.: Речь, 2006.
18. Guilford J.P. The Analysis of Intelligence. - McGraw-Hill, 1971.
19. Hallmann R.J. The necessary and sufficient conditions of creativity// Creativity: its educational implications. N.Y.; L.; Sidney, 1967.(дата обращения 14.04.2020).


**Давлатов Д. А., Кодиров Б.Р., Куджмуродов А.Я., Саидов Г.А**

**ПРОБЛЕМА РАЗВИТИЯ КРЕАТИВНОСТИ СТУДЕНТОВ В ПСИХОЛОГО-ПЕДАГОГИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ**

В статье рассматривается проблема развития креативности студентов в психолого-педагогической литературе, в основе которых лежат следующие принципы: принципы свободы выбора, открытости, деятельности, обратной связи, идеальности. В статье авторы дают обобщенную характеристику основных определений и характеристик креативности. Особое внимание в своей работе авторы уделяют мнениям и высказываниям зарубежных учёных о креативности и доказывают, что развитие креативности личности как предмет научного исследования обладает своеобразной спецификой.

***Ключевые слова:*** *креативность, творчество, обучение, студент, преподаватель, общение.*

**Davlatov D. A., Kodirov B. R., Kuchmuradov A. Y., Saidov G. A.**

**THE PROBLEM OF DEVELOPING STUDENTS ' CREATIVITY IN PSYCHOLOGICAL AND PEDAGOGICAL LITERATURE**

The article deals with the problem of developing students ' creativity in psychological and pedagogical literature, which are based on the following principles: the principles of freedom of choice, openness, activity, feedback, ideality. In the article, the authors give a generalized description of the main definitions and characteristics of creativity. The authors pay special attention to the opinions and statements of foreign scientists about creativity and prove that the development of personal creativity as a subject of scientific research has a peculiar specificity.

***Keywords***: *creativity, creativity, learning, student, teacher, communication.*

**Сведения об авторах: Давлатов Давлат Амриддинович** – преподователь кафедры математики и информатики ТПИ в г. Пенджикенте **davlat_davlatov_1991@mail.ru tel: 992928035060**

**Саидов Гайратджон Абдуганиевич – ст.** преподователь кафедры математики и информатики ТПИ в г. Пенджикенте **davlat_davlatov_1991@mail.ru tel: 992927222805**

**Кучмуродов А.Я.** – доцент, кандидат физико-математических наук, заведуйщий кафедры математики и информатики ТПИ в г. Пенджикенте **abdullo1957@mail.ru 927222805**

**Кодиров Бахтиёр Розикович** – профессор , член-кор РАЕ, Донишгоҳи технологии Воронеж bakhtiyor_0663@mail.ru

**Information about the authors: Davlatov Davlat Amriddinovich**-Lecturer of the Department of Mathematics and Computer Science of the TPI in Penjikent davlat_davlatov_1991@mail.ru tel: 992928035060

**Saidov Gayratjon Abduganievich**-Senior Lecturer of the Department of Mathematics and Computer Science of the TPI in Penjikent davlat_davlatov_1991@mail.ru tel: 992927222805

**Kuchmurodov A. Ya.** - Associate Professor, Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Head of the Department of Mathematics and Computer Science of the TPI in Penjikent abdullo1957@mail.ru 927222805

**Kodirov Bakhtiyor Rozkovich** – Professor , corresponding member of RAE, Danishei tekhnologii Voronezh bakhtiyor_0663@mail.ru

**Ф. ДАВЛАТМУРОД**

# ҲУНАРҲОИ АНЪАНАВИИ ТОҶИКИИ ЗАНОНА ҲАМЧУН ПАДИДАИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГӢ ВА ПЕДАГОГӢ

Этироф шудааст, ки анъанаҳо – ин падидаи ҳаёти маънавии ҷомеа, унсури муҳимтарини шуури ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ мебошанд, ки бори ҳикмати наслҳоро мекашанд.

Дар асарҳои олимон Г.Н. Волков, К.Д. Ушинский, Л.Н. Толстой, И.Я. Яковлев М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, М. Орифӣ, Х. Афзалов, Б. Раҳимов, Т. Атахонов ва дигарон нақши мусбати фарҳанги мардумӣ, анъанаҳои халқӣ дар таълим ва тарбияи наслҳои наврас аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд. Анъанаҳои халқиро олимон ҳамчун расму оинҳо, маросимҳо, муқаррарот, ғояҳо, арзишҳо, меъёрҳои рафтори иҷтимоӣ, ки таърихан ташаккул ёфта, аз насл ба насл интиқол дода мешаванд, тавсиф намудаанд, ки дар ҷомеа ё гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ дар муддати тӯлонӣ маҳфуз мемонанд.

Дар луғати тафсирии С.И. Ожегов мехонем: «Анъана чизест, ки аз як насл ба насли дигар мегузарад ва он аз наслҳои гузашта ба мерос мондааст» [12, с. 807]. Дар луғати зери таҳрири С.Я. Левита анъанаҳо ҳамчун «мероси иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки аз насл ба насл интиқол ёфта, ва ҷомеаҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоии муайян дар муддати тӯлонӣ бозтавлид мешавад. Анъанаҳо объектҳои мероси иҷтимоию фарҳангӣ (арзишҳои моддӣ ва маънавӣ), равандҳои мероси иҷтимоию фарҳангӣ ва усули ин меросгириро дар бар мегиранд» [9, с. 480].

Анъанаҳо дар соҳаи санъати халқӣ ҷузъи ҷудонопазири фарҳанги умумиинсонӣ маҳсуб ёфта, бо тақозои замон тағйир меёбанд. Ба насли баъдӣ танҳо он анъанаҳое интиқол дода мешаванд, ки ҳаётӣ, пешрафта буда, ба рушди минбаъдаи ҷомеа мусоидат менамоянд. «Анъанаҳо як навъи муҳаррики пешрафти фарҳанг, он хусусиятҳои органикии ҷанбаҳои мухталифи фаъолияти ҳаётӣ мебошанд, ки аз ҷониби наслҳо ҳамчун беҳтарин, маъмултарин, одитарин интихоб, ҳифз ва инкишоф дода мешаванд» [25, с. 9].

Анъана мафҳуми хеле мураккаб аст. Анъанаҳо ҳамаи падидаҳои ҳаёт, маишат, истеҳсолот, иқтисодиёт, фарҳанг, санъатро фаро гирифта, дар ҳар як соҳа дорои хусусиятҳои хоси худ дар мазмун ва зуҳурот мебошанд.

Аз ҷумлаи ҳама анъанаҳо, ки аз насл ба насл интиқол меёбанд, муҳимтаринашон педагогӣ мебошанд, зеро вазифаи асосии шахс, халқ интиқоли таҷрибаи ҳаёт ба насли наврас, таҷрибаи таълиму тарбия маҳсуб меёбад. К.Д. Ушинский мегӯяд: «Таълим ва тарбия дар байни мардум дар тӯли ҳамин қадар асрҳо вуҷуд доранд, ки худи халқ вуҷуд дорад, - бо он таваллуд шуда, бо он ба воя расида, дар худ тамоми таърих, ҳамаи хислатҳои беҳтарини педагоги бузурги халқиро инъикос кардаанд» [15, с. 167] мебошад. Ӯ ғояи халқиятро дар тарбия, ки наслҳои гузашта ва ояндаро бо ҳам мепайвандад, пешниҳод кардааст. К.Д. Ушинский чунин мешуморад, ки ҳар як халқ «низоми махсуси миллии тарбияи худ, мақсади махсуси худ ва воситаҳои махсуси худро барои ноил шудан ба ин мақсад дорад» [15, с. 168]. Ҳар як халқ мекӯшад, ки ба оянда боигарии арзишмандтарини маънавӣ – ҳикмати тӯли садсолаҳо андӯхташударо расонад.

Маълум аст, ки рисолати таҳсилот ташаккули шаҳрванди хушахлоқ, бозеҳн, аз ҷиҳати маънавӣ ва ҷисмонӣ рушдёфта, меҳнатдӯст, қобили худрушддиҳӣ ва эҷодкорӣ, ки сарзамин ва Ватани худро дӯст медорад, маҳсуб меёбад. Таърихи халқ, ки муносибатҳои одамон, рӯйдодҳои муҳимтарин дар ҳаёти наслҳои том, арзишҳои маънавиро, ки дар байни онҳо арзишҳои тарбия асосӣ мебошанд, фаро гирифтааст, бояд ба мавзӯи таваҷҷуҳи дақиқи таҳсилоти муосир табдил ёбад. Дар ин бобат суханони академик Г.Н. Волков махсусан аҳамияти муҳим пайдо мекунанд, ки гуфтааст: «Бе хотираи таърихӣ анъанаҳо вуҷуд надоранд, бе анъанаҳо фарҳанг вуҷуд надорад, бе фарҳанг тарбия вуҷуд надорад, бе тарбия маънавиёт вуҷуд надорад, бе маънавиёт шахсият вуҷуд надорад, бе шахсият халқ вуҷуд надорад» [6, с. 34], ки формулаи тиллоии педагогикаи халқӣ мебошанд.

Тавре Л.В. Кузнетсова қайд мекунад, моҳияти таҳсилот – ин интиқоли арзишҳои фарҳангӣ ба насли наврас мебошад. «... Тавассути механизми психологӣ одамон эътиқод, донишҳо, рамзҳо, инчунин меъёрҳо, арзишҳо ва қоидаҳои гузаштаро, ки дар оила, ҷомеа ва дигар шаклҳои гурӯҳӣ ҳифз, тафсир, истифода ва интиқол дода мешаванд, ба мерос мегиранд. Ҳар он чизе, ки аз гузашта ба мо расида, дар раванди бо ҳам робитадоштаи афзояндаи таърихӣ интиқол меёбад, мероси гузаштаро ташкил медиҳад» [8, с. 63].

Фарҳанги миллӣ, анъанаҳои халқӣ воситаи муҳимми тарбиявӣ мебошанд, ки истифодаи онҳо дар фаъолияти педагогӣ раванди таълиму тарбияро мақсаднок мегардонад. Таҳсилот бояд ба он мусоидат кунад, то ки аз як тараф, шогирд аз решаҳои худ возеҳ огоҳ бошад ва ба ин васила тавонад ҷои худро дар олами атрофаш муайян кунад ва аз тарафи дигар, ба ӯ эҳтиром ба фарҳанги халқҳои дигар омӯзонида шавад. Тарбияи эҳтиром ба фарҳанги худ бояд аз кӯдакӣ оғоз ёбад. Дар ин бора суханони Б.М. Неменский аз китоби «Ҳикмати зебоӣ», ки кӯдак бояд «... бо тамоми ҳиссиёташ ба дарахти фарҳанги халқаш пайванд карда шавад», [11, с. 35] бамаврид аст. Санъати сарзамини ватанӣ он хонаест, ки аз он кӯдак ба роҳҳои санъати ҷаҳонӣ мебарояд. Бинобар ин, санъати ватан аз ҷониби ӯ бояд шадидан эҳсос карда шавад. Бидуни дарк кардани санъати ватанӣ, шахс гумон аст, ки фарҳанги мардуми дигарро эҳсос карда, психологияи шахси миллати дигарро фаҳмида тавонад.

Тавре маълум аст, фарҳанги ҳар як халқ тибқи қонунҳои барои тамоми инсонҳо муқарраршуда рушд мекунад. Ва гуногунии миллии фарҳанги моддӣ ва маънавӣ бошад, асолати онҳо аз шароити мушаххасе, ки дар он мардум, шароити рушди фарҳанг, маишат ва хоҷагӣ, дин ва ҷаҳонбинӣ ташаккул ва рушд ёфтаанд, вобаста мебошанд. Ҳар як миллат бояд чеҳраи хос, миллӣ-маънавии худро дошта бошад. Танҳо бо ғанигардӣ бо донишҳои фарҳанги худ, инсон метавонад фарҳанги миллатҳои дигарро эҳтиром кунад.

Ба ҳама маълум аст, ки ҳунарҳои мардумӣ як ҷузъи ҷудонопазири фарҳанги мардум мебошанд ва рушду эҳё намудани онҳо вазифаи таъхирнопазири давлат ва ҳар як шаҳрванд ба ҳисоб меравад. Аз ин ҷост, ки вобаста ба ин фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2019, №1170 дар бораи «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намудани солҳои 2019-2021 ба тасвиб расид. Фармони мазкур барои рушду эҳё намудани ҳунарҳои мардумӣ роҳи васеъ кушод. Педагоги барҷастаи тоҷик академик М. Лутфуллозода дар бораи аҳамияти тарбиявии касбу ҳунар сухан ронда, таъкид менамояд, ки «Беҳтарин восита ва манбаи зиндагӣ ҳунар аст. Ҳунар барои инсон

бори сангин нест, баръас ҳунар қадру қимати инсонро меафзояд. Ҳунар омӯхтан ҳеҷ гоҳ дер намешавад. Вале барои он ки инсон аз ҳунар ҳарчи бештар нафъ бардорад, аз хурдӣ онро бояд омӯхт» [10, с. 344].

Бояд зикр намуд, ки дар миёни бисёре аз ҳунарҳо ҳунарҳои анъанавӣ, яъне аз қадимулайём мувофиқи анъанаҳои мавҷудаи ҳам мардона, ҳам занона маҳфуз монда фарқгузорӣ кардан мумкин аст. Ба намудҳои ҳунарҳои анъанавии занона бофандагӣ, гулдӯзӣ, тӯрбофӣ, ҷӯроббофӣ ва ғайра мансубанд, ки бо ҳаёт ва меҳнати зан, бо табиати атроф ва шароити иқтисодӣ алоқамандии зич доранд. Дар онҳо ҳувияти миллӣ, завқ ва тасаввуроти бадеии мардумро дар бораи зебоӣ ва некӣ инъикос ёфта, маҳорати иҷрои онҳо зоҳир мешавад.

Дар заминаи таҳқиқоти мо ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занонаро аз нуқтаи назари таърихию фарҳангӣ ва педагогӣ баррасӣ кардан зарур аст. Асоси санъати халқии занони тоҷикро гулдӯзӣ, бофандагии нақшдор, дӯзандагӣ бо резамуҳра ва тангаҳо, ки ҳатто дар сурати мавҷуд набудани марказҳои ҳунармандии ба сатҳи баланди рушд расидаанд. Дар Тоҷикистон гулдӯзӣ аз ҳама васеътар паҳн шудааст. Бесабаб нест, ки тоҷикон ватани худро на танҳо «сарзамини сад ҳазор сухан, сад ҳазор суруд, балки сад ҳазор гулдӯзӣ меноманд. Ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона дорои ҳуввияти миллӣ мебошанд, ки бо таърих ва фарҳанги халқ муайян гардида, вижагиҳои аврупоӣ-осиёиро аз худ кардаанд.

Одамон мегӯянд: «дар нақшҳо як навъ навиштаҷот хонда мешаванд.Тибқи ҳисобҳои мардумшиносон ва фолклоршиносон, тақрибан нисфи асрори маълуми қадимаи тоҷик бо шуғли занон дар хона алоқаманданд, ва бисёре аз онҳо ба ресандагӣ, бофандагӣ ва гулдӯзӣ бахшида шудаанд.

Гуфтаҳои боло имкон медиҳанд хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

– аввалан, ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона бо ҳунарҳои занонаи Осиёи Миёна бисёр чизҳои умумӣ доранд, аз ҷумла: дар истифодаи мавод ва асбобҳо, нақшу нигори ороишӣ ва гаммаи рангӣ; дар технологияи истеҳсол ва таъиноти ба фаъолият асосёфтаи маҳсулот, ки бо умумияти таърих ва муҳити табиӣ, наздикии ҷаҳонбинии кишоварзӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ тавзеҳ меёбад;

– дуввум, сарфи назар аз робитаҳои наздики мутақобилаи халқи тоҷик бо ӯзбекҳо, қирғизҳо, туркманҳо ва дигар халқҳо, фарҳангҳои ҳунарии онҳо, зери таъсири муайяни мутақобила қарор гирифта, бо вуҷуди ин, хусусиятҳои хосси худро нигоҳ медоранд. Таҷрибаи бузурги занони ҳунарманди халқӣ, ки аз насл ба насл мегузарад, техникаи хеле баланди иҷрои гулдӯзии тоҷикиро эҷод кардааст. Бо вуҷуди иртиботи наздик ва таъсири мутақобилаи мардумони минтақа,инчунин шабоҳати гулдӯзӣ дар техникаи дӯхт ва нақшҳои ороишӣ, гулдӯзии тоҷикони қадим аз дигарон фарқ мекунад, алахусус:

– *гуногунии дарзҳо.*«Фаровонии нақшҳои аслӣ, ки ба таври гуногун сохта шудаанд, истифодаи маводи гуногун барои гулдӯзӣ, боигарии усулҳои техникӣ, ки дар он зиёда аз 30 дарзҳо шуморида шуда, баъзеи онҳо аз замонҳои қадим боқӣ мондаанд, иҷрои як қатор маҳсулоти гулдӯзишуда бо усулҳои техникии муайяни танҳо ба онҳо хос –ҳамаи ин аз мураккабии фавқулоддаи фарҳанг, ки ин санъатро ба вуҷуд овардааст, гувоҳӣ медиҳад» [249, с. 42];

– *истифодаи қариб ҳама намудҳои ороишҳо:* геометрӣ, растанӣ. антропоморфӣ (тасвири ҷисмҳои одамӣ), зооморфӣ (тасвири ҳайвонот), орнитоморфӣ (бо паррандагон). Дар гулдӯзиҳо танҳо нақшҳои «моҳӣ» мавҷуд набуданд. Аз ҷумлаи шаклҳои геометрӣ одатан вариатсияҳои салиб (салиби уреб) ва ромб (мураббаъ) ҷой доштанд. Нақшҳои ороиши геометрӣ ба алоқамандӣ бо ҳақиқати воқеӣ нишон медиҳанд, ки бо номҳои намунаҳо: мурғобӣ, гули марҷон, гӯшвораҳо ва ғайра тасдиқ мешавад;

– *омезиши* хоси рангҳои «гарм» ва «сард»;

Хусусияти хоси гулдӯзиҳои тоҷикӣ аз он иборат аст, ки тамоми дарзҳо дар куртаҳо ва пешдоманҳо ба усули ҳисобкунии дӯзандагӣ дахл дорад. Ин ба сохтори худи матоъ алоқаманд аст, зеро андозаи дӯхт ба таври қатъӣ мувофиқи ҳисоби риштаҳои пуд ва асос сурат мегирад.

Ҳамаи он чизеро, ки дар бораи гулдӯзӣ, нақшҳои он, номи дарзҳо ва рангҳо, ороишоти анъанавии он гуфта шуд, боз ба як ҳунармандии қадимаи занона – бофандагии миллии бадеии тоҷик нисбат додан мумкин аст.

Ҳамин тариқ, дар тӯли таърихи садсола халқи тоҷик дар санъати ороишӣ-амалӣ услуби равшан ва фарққунандаи худро таҳия кардааст. Ғояҳои зебоишиносии халқ, муносибати он ба табиат ва ҳаёти ҷомеа, расму анъанаҳо инъикоси худро дар ҳунарҳои анъанавии занона (гулдӯзӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ бо резамуҳраҳо ва тангаҳо) ёфтаанд, ки бо костюми халқӣ, маҳсулоти гуногуни нассоҷӣ ва армуғонҳои миллӣ муаррифӣ шудаанд.

Имрӯзҳо ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона давраи навро аз сар гузаронида, дар низоми таҳсилоти умумӣ, кор бо кӯдакони синну соли томактабӣ ва мактабӣ, таҳсилоти касбии технологӣ дар омодасозии омӯзгорони технологӣ мавриди бозхост қарор гирифтаанд. Қудрати ҷалбкунандаи онҳо аз зебоӣ, мақсаднокӣ, дар ягонагии принсипҳои ахлоқӣ ва зебоишиносӣ ташкил ёфтааст. Воридкунии онҳо ба раванди таҳсилотӣ пайванди ҷудонашавандаи анъанаҳоро бо шаклҳои муосири мавҷудияти онҳо, болоравии маънавии шахсият ба идеалҳои халқии зебоишиносӣ таъмин менамояд.

Дар заминаи таҳқиқоти худ нуқтаҳои асосии таълим ва тарбияи кӯдакони тоҷикро тавассути ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Таълими меҳнат таҷрибаи аз ҳама муҳимми тарбияи мардумӣ мебошад, ки бо мурури замон озмуда шудааст. Барои ҳар як миллат он беҳамтост, барои баъзеҳо воситаҳои он тарбияи меҳнатӣ метавонист кишоварзӣ, барои дигарон - чорводорӣ, барои сеюмиҳо - коркарди маводҳои гуногун бошад, аммо ҳадафи ҳама яксон-ба ҳаёт омода кардани кӯдаконмекунад ба шумор мерафт. Ташаккули насли ҷавон, омодасозиион ба зиндагӣ дар байни мардум дар раванди фаъолияти меҳнатӣ амалӣ карда шуд. Дар миёни мардум ҳамеша шуморида мешуд, ки меҳнат – ин асоси мавҷудияти шахс ва ҷомеа буда,меҳнатдӯстӣ –меъёри камолоти маънавӣ ва шаъну шарафи ҳар як шахс ба шумор мерафт.

Патриархи этнопедагогикаи рус, академик Г.Н. Волков чунин мешуморад: «Тарбия дар меҳнат масъалаи асосии педагогикаи ҳама халқҳо, ватандӯстӣ бошад, - ғамхории асосии тарбия мебошад. Тарбияи меҳнатӣ тоҷи тамоми низоми тарбияи халқӣ маҳсуб меёбад. Берун аз кор тарбияи зебоишиносӣ, ҷисмонӣ ва ахлоқӣ вуҷуд надорад, бе меҳнат тарбияи пурарзиш низвуҷуд надорад. Меҳнат ибтидои таълимот дар маънои ҳақиқии ин калима буда, меҳнатдӯстӣ натиҷаи ниҳоии тарбия ва натиҷаи ташаккули насли наврас мебошад» [5, с. 125].

Ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона принсипҳои асосии *тарбияи меҳнатиро* инъикос мекунанд, яъне:

– фарогирии барвақти кӯдакон ба фаъолияти меҳнатӣ оид ба худхизматрасонӣ, шиносоии тадриҷӣба фаъолиятҳои маишӣ ва хоҷагидорӣ бо назардошти хусусиятҳои психофизиологии синну сол, майлу қобилиятҳо бомақсадирушди маҳорат ва малакаҳои дахлдор.

– оғози барвақти тарбия дар омодасозии психологӣ ба меҳнат дароилаи тоҷик нақши назаррасро мебозид. Тоҷикон мегуфтанд: «Бигзор писарчаи сесола –ба падараш, духтарчаи сесола – ба модарашсесолааш кӯмак кунад». Тарбияи духтарон дар фаъолияти муштарак ҷараён гирифта, аз он иборат буд, то ки ба онҳо пӯшидани либос ва пойафзоли тозаву озода, нигоҳубини худ ва либосҳояшон, дар тозагӣ нигоҳ доштани манзил; хӯрокпазӣ; дӯзандагӣ, гулдӯзӣ, пашмресӣ; нигоҳубини бародарону хоҳарони хурдомӯзонида шаванд. Воситаҳои миллии фолклорӣ оид ба ҳифз ва ташаккули манфиатҳои меҳнатӣ ташаккул ёфтанд. Ҳамин тавр, аз рӯйи ҳисобҳои мардумшиносон ва фолклоршиносон, тақрибан нисфи ҳамаи чистонҳои маъруфи қадимаи тоҷик бо шуғли занон дар хона алоқаманд буда,бисёре аз онҳо ба ресандагӣ, бофандагӣ, гулдӯзӣ бахшида шудаанд. Вақте ки кӯдакон каме калон мешуданд, онҳо худашон суруд хонда, ба бародарон, хоҳарон ва дӯстони хурдсол афсона нақл карда, ба луғати фаъоли худ зарбулмасалҳо ва масалҳо дохил мекарданд. Мана чӣ тавр, масалан, раванди омодасозии ашёи хоми зарурӣ барои бофандагӣ дар афсонаи халқии тоҷик «Пироҳан аз матои хордор» тавсиф мешавад:

Баъдтар, худи кӯдакон ин сурудҳоро иҷро карда, ба бародарон, хоҳарон ва дӯстони хурдсоли худ ин афсонаҳоро нақл карда, дар луғати фаъоли худ зарбулмасал ва масалҳо,чистонҳоро дохил карда,онҳоро ба муҳити кӯдаконаи худ дохил мекарданд. Ҳамин тариқ, амалиёти меҳнатӣ, ки дар шакли бадеӣ-образнок пӯшонида шуда буданд, аз

ҷониби кӯдакон осонтар азхуд карда шуда, ҳифз мешуданд, киба рушди ҳофиза мусоидат мекард.

Шиносоии барвақтии кӯдаконро ба меҳнат инчунин дар бозиҳои кӯдакон дидан мумкин аст, ки дар онҳо тақлиди меҳнати калонсолон инъикос меёбад. Масалан, духтарон бо лӯхтакҳо, чарху дуг, дастгоҳҳои бозича ва ғайрабозӣ мекарданд.

Дар тоҷикон ба қадри калоншавии фарзандон масъулияти онҳо низ зиёд мешуд. Аллакай аз хурдсолӣ дар ҳар як оилаи деҳотии тоҷик духтарон (онҳо аллакай аз 5-6-солагӣ ҳунарҳои дастиро ёд мегирифтанд) аз модарон, модаркалонҳо ва хоҳарони калонии худ аввал кашидани дарзҳои одитарин, ба монанди хатти нуқтагӣ, дарзи контурӣ, сатҳи ҳамворва дигар, ва пас аз он нақшҳои мураккабтарро ёд гирифта, бо мурури солҳо ба устои воқеии дар ин ҳунари мураккаб, ки саъю кӯшишҳо, сабр ва дақиқкории баландро талаб мекард, мубаддал мегардиданд. Ин ҳунар барои ҳар як гулдӯз хеле мушкил буд: зеро пурра донистани«сирри» ҳар яке аз зиёда аз 30 дарзҳои «қолибии» гулдӯзии тоҷик зарур буд. Маҳорати баланди бадеӣ омодагии дуру дароз ва душворро талаб мекард. Дар синни дувоздаҳ - дувоздаҳсолагӣ духтарони наврас метавонистанд ҳамаи корҳо - ресандагӣ, дӯзандагӣ, бофандагӣ, гулдӯзӣ ва ғайрароиҷро кунанд. Аз ин синну сол духтарон омодасозии маҳоратро барои худ оғоз мекарданд.

Фарзандони тоҷик дар идеали шахси комил, ки моҳир ва меҳнатдӯст буд, ба воя мерасиданд. Дар чунин муҳити психологӣ ҳолати ғайрифаъолӣ, дарки кори бад иҷрошуда тоқатнопазир буд. Меҳнатдӯстӣ ҷузъи муҳимми ахлоқ ҳисобида мешуд. Тоҷикон симои маънавии шахсро аз рӯйи сифат ва натиҷаи кор арзёбӣ мекарданд.

*Таъмини имкониятҳои васеъ барои иштирок дар намудҳои гуногуни меҳнат.* Масъулиятҳои кории духтарон ба қадри калоншавӣ афзоиш меёфтанд. Аз синни се – солагӣ, кӯдакон ба модар, модаркалон ва хоҳарон то ҳадди имкон кӯмак мерасонданд: «онҳо калобаҳои ришта, мокуро медоданд; дукро ҳангоми тоб додани пашм ба калоба матоъро аз канор, вақет ки модар чокубрӣ мекард медоштанд, ва ғайра» [6, с. 168]. Тадриҷан, аз ин кори ёрирасон, духтар ба иҷрои вазифаҳои душвортар ҷалб карда мешуд; дар намудҳои оддии кор, модар ва духтар нақшҳоро ҳатто муваққатан иваз мекарданд. «Духтари шаш-ҳафтсола ба ресидани бангдона оғоз мекард, вале модар кори душвортарри онро иҷро мекард. Дар синни ҳафт-ҳаштсола ӯ аллакай ресанда шуда, дар синни ҳашт-нӯҳсоолагӣ ба ӯ аллакай ресидани пашм бовар карда мешуд» [6, с. 168]. Ҳамин тавр рӯз ба рӯз таҷрибаи корӣ ҷамъ мешуд.

Одати таълими дастаҷамъонаи ҳунарҳои занона мавриди таваҷҷуҳ мебошанд. Ҳамин тавр, ба духтарони дувоздаҳ-сездаҳсола иҷоза дода ме шуд, ки ба назди хешовандон ва шиносҳои худ ба меҳмонӣ бо кор раванд. Духтарон ба деҳаи бегона ба меҳмонӣ рафта,«бо нақшҳои нави гулдӯзӣ шинос шуда, бозёфтҳои эҷодии худро бо дугонаҳояшон аз деҳаҳои дигар мубодила мекарданд». Ҳангоми гулдӯзӣ ба духтар лозим буд, ки анъанаҳои гулдӯзии қадимаро риоя кунад: ранги риштаҳоро дуруст истифода бурда,тартиби истифодаи дарзҳоро дар ҷойҳои муайян риоя кунад. Дар замонҳои қадим ба таври қатъӣ риоя карда мешуд, токи ҳар як дарз ва нақш бо мақсади таъиншуда истифода бурда шаванд, зеро онҳо ҷой, маъно ва таъйиноти ороиши худро доштанд.

Аз наслҳо ба наслҳо асрори ороишӣ ва маҳсулоти ҳунармандии дастӣ мерос гирифта мешуданд. Гулдӯзӣ аз ҷониби урфу одатҳои халқӣ бо ҳар тарз ташвиқ карда шуда,такмилимаҳорату малакаҳо дар ин соҳаталаб карда мешуд. «Аз гаҳвора то лаҳзаи марг тоҷик дар иҳотаи гулдӯзиҳои зебо зиндагӣ карда, ба қабр низ бо гулдӯзӣ мерафт» [5, с. 38]. Дар онҳо (гулдӯзиҳо), ҳам дар раванди омодасозии матоъ, ҳам дӯзандагӣ бо резамуҳраҳо ва тангаҳо, мактаби баланди зебоишиносии низоми тарбияинасли наврас зоҳир гардид.

Дар бисёр вазъиятҳои ҳаётӣ нақши зан нисбат ба нақши мардон масъулиятноктар ба шумор мерафт. Ба ин духтаронро пешакӣ омода мекарданд. Ресидан ва бофтанро аз айёми кӯдакӣ, дӯхтан ва гулдӯзӣ карданро бошад, ҳангоми воридшавӣ ба марҳилаи «духтари ба воя расида» ёд медоданд. Духтарон гулдӯзии аз ҳама мураккабро аз худ карда, нақшҳо омода карда,«байни худ» маслиҳат мекардан, ки чӣ тавр пироҳанро барои тӯй ҳамчун тухфа барои домод ё пироҳани болоии худро барои зери чодар гулдӯзӣ кунанд» [11, с. 52]. Ҳама шоҳасарҳои гулдӯзии тоҷикӣ бо истеъдод ва дастони хунармандони ҷавон сохта шудаанд.

Раванди гулдӯзӣ, коркарди матоъ ё бофтани он, инчунин дӯзандагӣ бо резамуҳраҳо ва тангаҳо ҳамзамон раванди меҳнатӣ ва тарбиявӣ шуморида мешавад. Тартиби мураккабкозии тадриҷии кор принсипи педагогикаи халқиро инъикос менамояд, ки дар тарбияи фарзанд қарор дорад: «аз содда ба мураккаб». Пайдарпайӣ (ё тадриҷ) яке аз шартҳои роҳнамои тарбияи меҳнатӣ маҳсуб меёфт.

*Роҳнамоӣ аз ҷониби калонсолон, ки ба ташаккул ва рушди мустақилият, фаъолноки ва мабдаи эҷодкорӣ нигаронида шудааст.* Ҳангоми таълимидухтарон ба гулдӯзӣ онҳо аз нақшҳои оддӣ сар карда, аксар вақт ороишҳои мураккабро сода намуда, ҷузъиёти алоҳидаро мепартофтанд, дар ҳоле ки мустақиман ишора мекарданд, ки қисмҳои алоҳидаи гулдӯзӣ ҳанӯз ба духтарон дастрас набуда,аз сабаби набудани маҳорату малакаҳои мувофиқ дастнорасанд. Ин барои он муҳим буд, ки то ки раванди минбаъдаи гулдӯзӣ, мушкилот ва дурнамоҳои он зимни муносибати ҷиддӣ ба гулдӯзӣ равшан ва осонтар бартараф кардашаванд.

Калонсолон бо додани дастурҳо сатҳи омодагии кӯдакро ба меҳнат дар маҷмӯъ ва махсусан бакори мазкур, мавҷудияти малака ва сифатҳои зарурии шахсиятро дар ӯ ба назар мегирифтанд. Дар асоси ин, ба ҳар як кӯдак дар алоҳидагӣ муносибат мекарданд. Ба яке аз онҳо ба роҳҳои иҷрои корро таври муфассал шарҳ дода шуда, нишон дода, ба он лаҳзаҳое, ки таҷрибаомӯз бори аввал дучор омадааст, диққати махсус дода, ба дигарӣ бошад, бе шарҳу тавзеҳи махсус коридарпешистодаро муайян мекарданд. Иҷрои супоришҳо, агар аз ҷониби як кӯдак санҷида шуда,тавзеҳотҳои иловагӣ дода мешуданд, иҷрои супоришҳо аз ҷониби кӯдаки дигар аҳёнан санҷида мешуданд ё танҳо бо гузориши даҳонӣ маҳдуд мешуданд. Дар рафти кор ва охири он калонсолон ибрози тасдиқ мекарданд ва ё дар мавриди зарурӣ эродҳои худро иброз медоштанд. Зимни чунин шакли назорат кӯдакон мустақилият, масъулият ва фаъолнокӣ нишон медоданд. Дар ин мо заминаи воқеии педагогиро мебинем.

Тафовути синну сол ва ҷинсӣ бо назардошти нақшҳои гуногуни иҷтимоии духтарон ва писарон дар синни балоғат. Дар педагогикаи халқии тоҷик дар омодасозии духтарон ва писарон бо сабаби иҷрои нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ дар оянда ҳудудгузории барвақтӣ амалӣ карда мешуд.. Омодасозии меҳнатии духтарон аз намудҳои фаъолияте иборат буд, ки одатан занона ҳисобида мешуданд. Модарон ба духтарони худ ҳунарҳои дастиро меомӯзонданд, ки дӯзандагӣ, ресандагӣ, бофандагӣ, гулдӯзӣ, ҷуроббофиро дар бар мегирифт. Меҳнати духтарон, аз рӯйи хусусияти худдақиқиро дар поракунӣ, зебоӣ ва покизакориро талаб мекард, дар ин зимнтаълиминамудҳои ҳунарҳои дастии заноаназ тавлиди намунаҳои мавҷуда то эҷодкорӣ фарқ мекард. Вақте ки фарди тоҷикписари худро издивоҷ мекард,ба сифати арзишмандтарин чиз ӯ меҳнатдӯстии келинро арҷгузорӣ мекард. Чунин муносибати халқ ба меҳнат дар тарбияи хоҳиши кӯдакон ба меҳнат, омодасозии психологии онҳо ба меҳнат аҳамияти бузург дошт.

Ҳамин тариқ, тарбияи меҳнатиро баррасӣ карда, *тарбияи зебоишиносии* кӯдаконро дар заминаи ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона дида мебароем.

Гулдӯзӣ, бофандагӣ, дӯзандагӣ бо резамуҳра ва тангаҳо воситаи самараноки тарбияи муҳаббат дар кӯдакон ба зебоӣ ба шумор мерафатанд. Этнопедагог Г.И. Волков, анъанаҳои халқиро дар тарбияи зебоишиносӣ тавсиф намуда, қайд мекунад: «Дар санъати халқӣ ҳукмрониҳо дар бораи зебоӣ қариб ки вуҷуд надорад. Мардум сурудҳои зебо мехонданд, олоти меҳнат ва либосҳои зебо месохтанд, ҷашнҳои миллӣ олӣ буданд. Одамон зебогиро дар кор, дар амал қадр мекарданд. Дар асл, суханон дар он кам буданд: вайро бояд фаҳмид ва зебогиро ҳис кард будан- ин худ як ҳадаф нест, балки ҷузъи ҷудонашавандаи зиндагии мардум мебошад» [7, с. 56].

Ба тарбияи зебоишиносӣ худи маишати тоҷикон ва ашёи рӯзгор: маҳсулоти гулдӯзӣ (либоси идона, дастмолҳо, дастархонҳо, ашёи маросимӣ ва ғайра) мусоидат намудаанд. Матоъҳои ороишӣ, дастархонҳо ва рӯйпӯшҳо, ороишоти занонаю духтарона аз резамуҳраҳо ва тангаҳо ва бисёр чизҳои дигар. Мушоҳида ва дарки ашёи рӯзгор аз ҷониби кӯдакон воситаи муассири тарбияи зебоишиносӣ буд. «Духтарони хурдсол мушоҳида мекарданд, ки калонсолон чӣ тавр либос мепӯшанд, ба онҳо кумак мекарданд, ки ороишотро дуруст ҷобаҷо гузоранд, баъзан дар худашон чен карда, аз зебогии либосҳо ва ороишоти идона ба ваҷд меомаданд. Ғайр аз ин, на танҳо ба духтарон, балки инчунин ба писарон низ калонсолон риштагузаронии муҳраҳоро бо ҷойгиркунии симметрии онҳо аз

рӯйи ранг, андоза ва мавод бовар мекарданд. Кӯдакон низ дар муҳокимаи лоиҳаи (эскизи) ин ё он заргарӣ иштирок мекарданд. Аз боқимондаҳои мавод (резамухра, муҳра, тугмачаҳо, порачаҳои матоъ ва ғайра) духтарон,ба калонсолонпайравӣ намуда, ашёи ороишӣ (асосан гарданбанд, ва камарбанд) - барои худ ва лӯхтакҳояшон тайёр мекарданд. Ҳамаи ин, табиатан, ба пайдоиш ва ташаккули ҳисси зебоӣ дар кӯдакон аз хурдсолӣ мусоидат накарда наметавонист. Таҳти роҳбарии калонсолондухтарони наврасдар мураттабсозии хона:шустушӯ, тозакунӣ, сафедкунӣ, зебдиҳӣ бо тӯрҳо ва гулдӯзиҳо иштирок мекарданд.

Гулдӯзӣ - санъати қадимаи қадимии тоҷикон - на танҳо воситаи тарбияи зебоишиносӣ, балки далели мактаби зебоишиносии сатҳи баланд мебошад. Аз насл ба насл - модаркалон-модар-духтар/набера - асрори нақшҳо ва маҳсулоти гулдӯзӣ кардашуда интиқол мeёфтанд. Мувофиқи урфу одатҳои кӯҳна, занон бояд ҳатман сирри гулдӯзиро донистa, дар ҳама вақти фориғи худ бо дӯхтани либос ва ороишдиҳии матоъҳо машғул мешуданд. Агар ҳунарманд асрор ва анъанаҳои гулдӯзиро медонист, пас ҳар гуна матои оддӣ дар дасти ӯ метавонист ба як ашёи зебо ва аслӣ табдил ёбад.

Ҳамин тавр, урфу одатҳои халқӣ бо ҳар роҳ гулдӯзиро ҳавасманд карда шуда, такмили маҳорату малакаҳодар ин соҳаталаб карда мешуд. Дар навбати худ, дар онҳо, дар гулдӯзиҳо, мактаби баланди зебоишиносии низоми миллии тарбияи насли наврас таъсир расонидааст. Ягонагии воситаҳои ҷалби ҷавонон ба зебоғӣ, ҳамоҳангии ҷанбаҳои алоҳидаи ташаккули завқи зебоишиносии насли ҷавон аз сатҳи баланди тарбияи зебоишиносӣ шаҳодат медиҳад. Ин яке аз дастовардҳои барҷастаи педагогикаи то давраи навиштаҷотии халқи махсуб мeёбад.

**АДАБИЁТ:**


1. Арабов, И.А. Воспитание семянина в традициях восточной культуры [Текст] / И. Арабов.– М.: «Илекса», 2008. – 351с.
2. Атахонов Т., Лутфуллоев М., Шарифов Ф. Очеркҳои афкори педагогӣ (воситаи таълим). – Душанбе, 2005. – 226 с.
3. Афзалов, Х. Рахимов, Б. История педагогики таджикского народа. [Текст] / Ф. Афзалов, Б. Рахимов. – Душанбе, 2002 – 165 с.
4. Богуславская, И.Я. Проблемы традиций в искусстве современных народных художественных промыслов / И.Я. Богуславская // Творческие проблемы современных народных художественных промыслов: сб. статей. СПб.: Художник РСФСР, 1981. – С. 16 – 43.
5. Волков, Г.Н. Трудовые традиции чувашского народа: этнопедагогический очерк / Г.Н. Волков. Чебоксары: Чуваш, кн. изд-во, 1970. – 96 с. Волков, Г.Н. Чувашская народная педагогика / Г.Н. Волков. Чебоксары: Чуваш, кн. изд-во, 1958. –178 с.
6. Волков, Г.Н. Чувашская этнопедагогика / Г.Н. Волков. Чебоксары: Чуваш, кн. изд-во, 2004. – 488 с.
7. Волков, Г.Н. Этнопедагогика / Г.Н. Волков. М.: Академия, 1999. –165 с.
8. Кузнецова, Л.В. Национально-культурная среда в общеобразовательной школе: теория и практика формирования: дис. ... докт. пед. наук: 13.00.01 / Л.В. Кузнецова. Чебоксары, 2001.– 338 с.
9. С.Я. Левита. СПб.: Университетская книга, 1997. – 640 с.
10. Лутфуллозода, М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. [Текст] / М.Лутфуллозода. – Душанбе, 2015 – 704 с.
11. Неменский, Б.М. Мудрость красоты: о проблемах эстетического воспитания: кн. для учителя/ Б. М. Неменский. М.: Просвещение, 1987.-255 с.
12. Ожегов, С.И. Толковый словарь русского языка: 80 000 слов и фразеологических выражений / РАН; Ин-т русского языка им. В. В. Виноградова;. С.И. Ожегов, Н.Ю. Шведова. 4-е изд., доп. – М.: Азбуковник, 1999. – 944 с.
13. Орифӣ М., Орифи, М. (Арипов). Из истории педагогической мысли таджикского народа [Текст] / М.Орифи.– Душанбе: Ирфон, 1962. – 112 с.
14. Толстой, Л.Н. Педагогические сочинения / Л.Н. Толстой. М.: Педагогика, 1989. – 542 с.
15. Ушинский, К.Д. О народности в общественном воспитании / К.Д. Ушинский // Избранные пед. сочинения: в 2 т. М.: Педагогика, 1974. –Т. 1. – 548 с.

**Фаризаи Д.**

**ҲУНАРҲОИ АНЪАНАВИИ ТОҶИКИИ ЗАНОНА ҲАМЧУН ПАДИДАИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГӢ ВА ПЕДАГОГӢ**

Дар мақола масъалаҳои мубрами инкишофи ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона таҳлилу баррасӣ карда шуда, мазмун ва вазифаҳои амалӣ намудани неруи тарбиявии ҳунарҳои мардумӣ муайян карда шудааст. Дар мақола натиҷаҳои таҳлили назариявӣ оид ба татбиқи ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона ҳамчун падидаи таърихию фарҳангӣ ва педагогӣ бо роҳи гузаронидани озмоиши педагогӣ бозкушоӣ карда шудааст. Таҳқиқи назариявии инкишофи ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона ҳамчун падидаи таърихию фарҳангӣ имкон дод захираҳо ва имкониятҳои воқеии муассисаи таҳсилоти умумӣ ва оиларо, ки дар озмоиши педагогӣ иштирок мекунанд, мубрам карда шаванд ва шароити педагогии татбиқи самарабахши инкишофи ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона такмил дода шавад.

***Калидвожаҳо**: ҳунарҳои занона, фарҳанг ва анъанаҳои мардумӣ анъанаҳо, санъати халқӣ, фарҳанги миллӣ, аҳамияти тарбиявии анъанаҳо.*

**Фариза Д.**

**ТРАДИЦИОННЫЕ ТАДЖИКСКИЕ ЖЕНСКИЕ РЕМЕСЛА КАК ИСТОРИКО-КУЛЬТУРНЫЙ И ПЕДАГОГИЧЕСКИЙ ФЕНОМЕН**

В статье анализируются актуальные вопросы развития традиционных таджикских женских ремесел и определяется содержание и задачи осуществления воспитательных потенциал народных ремесел. В статье путём проведения педагогического экперимента раскрываются результаты теоретического анализа по осуществлению традиционных таджикских женских ремесел как историко-культурный и педагогический феномен. Теоретический анализ развития таджикских женских ремесел позволило актуализировать реальные возможности и резервы средних общеобразовательных учреждений и семьи, которые участвовали в педагогическом эксперименте и совершенствовать эффективность педагогического условия развития таджикских женских ремесел.

***Ключевые слова:** женские ремесла, культура и народные традиции, народное искусство, национальная культура, народных традиций, воспитательное значение народных традиций.*

**Fariza D.**

**TRADITIONAL TAJIK WOMEN'S CRAFTS AS A HISTORICAL, CULTURAL AND PEDAGOGICAL PHENOMENON**

The article analyzes the current issues of the development of traditional Tajik women's crafts and defines the content and objectives of the educational potential of folk crafts. The article reveals the results of theoretical analysis on the implementation of traditional Tajik women's crafts as a historical, cultural and pedagogical phenomenon by conducting a pedagogical experiment. The theoretical analysis of the development of Tajik women's crafts made it possible to actualize the real opportunities and reserves of secondary educational institutions and families that participated in the pedagogical experiment and improve the effectiveness of the pedagogical conditions for the development of Tajik women's crafts.

***Keywords**: women's crafts, culture and folk traditions, folk art, national culture, folk traditions, educational value of folk traditions.*

**Сведения об авторе: Фаризаи Давлатмурод** – преподаватель кафедры права и гуманитарных дисциплин Технологического института и инновационного менеджмента в городе Куляб. **Адрес:** город Куляб, проспект Борбад

**Information about the author: Farizai Davlatmurod**-Teacher of the Department of Law and Humanities of the Institute of Technology and Innovation Management in Kulyab city Address: Kulyab city, Borbad Avenue

М. МАДАТЗОДА

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ ДАР ШАРОИТИ ИСЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар фазои ҷаҳони муосир оид ба таҳсилоти ватанӣ тамоюлоти афзоишёбандаи мусбат ба вуқуъ омада истода, аз ҷониби дигар ташаккули назарҳои нав ба стратегияи рушди таҳсилот, ки бешак ба вазифаҳои авлавиятнок ва эҷоди шароит барои такмили низоми таҳсилот шароит фароҳам меорад, ба вуҷуд омада истодааст. Дар ин ҷода маориф нақши авлавиятнокро бозида, яке аз соҳаҳои муҳим ва тақдирсози ҳаёти ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ҳаллу фасли масоили сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа то дараҷаи зиёд аз вазъ ва сифати таҳсилот вобаста мебошад. Дар сиёсати давлатӣ дар соҳаи идоракунии илм ва маориф тайи солҳои истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои сифатан нав ба вуҷуд омаданд. Ин муносибатҳо инъикоси худро дар Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикисон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва баъд аз муассиса таҳсилоти олии касбӣ», «Консепсияи тарбияи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.02.1996, № 96 «Дар бораи тасдиқи Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра ёфтаанд. Ҳамаи ин чораҳо маҷмӯи тадбирҳоеро пешниҳод мекунад, ки ба баланд бардоштани нерӯи илмию методии муасиссаҳои таҳсилоти умумӣ, сифат ва самаранокии кадрҳои омӯзгорӣ нигаронида шудаанд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқи сиёсати маориф пайваста кӯшиш менамояд, ки низоми таълимро ҳамқадами замон намуда, тадбирҳои мушаххасро амалӣ гардонад. Ҳамин буд, ки соли 2012 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Стратегияи рушди маориф барои солҳои 2012-2020»-ро ба тасвиб расонид. Тибқи ин ҳуҷҷат то соли 2020 стандарту барнома ва китобҳои дарсӣ таҷдиди назар шуда, тибқи муносибати босалоҳият ба таълим таҳия карда шуданд.

Барои амалӣ намудани ин тадбир бо ибтикори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон стандарту барномаҳои таълим, китобҳои дарсӣ таҷдиди назар гардида, шурӯъ аз оғози соли таҳсили 2016-2017 аввал дар синфҳои ибтидоӣ ва баъд дар синфҳои болоӣ муносибати босалоҳият ба таълим ба роҳ монда шуд. Ба хотири он ки омӯзгорон аз муносибати босалоҳиятнок огаҳии пурра ёбанд, ҳамаи онҳо аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида шуданд. соли 2016

Дар шароити кунунии Тоҷикистон, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳарчӣ бештари воситаҳои иттилоотӣ (интернет, телевизион ва ғайра) танҳо бо дониш мусаллаҳ будани хатмкунандагони муассисаи таҳсилоти мииёнаи умумӣ кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии онҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ташаккули муносибати босалоҳият ба таълими хонандагон ба саволе, ки кадом натиҷаи таълим имрӯз ба онҳо лозим аст ва талаботи ҷаҳони муосирро қонеъ мекунад, ҷавоб дода метавонад.

Ҳамзамон, дигаргуниҳои ҷомеаи муосир дар заминаи ташаккул ва тарбияи инсони нав, ки дар асри XXI – асри иттилоотию иртиботӣ бо технологияҳои нави таълим ва омодасозӣ ба фаъолияти касбӣ зиндагӣ ва кор мекунад, иваз мешаванд. Тағйироте, ки дар зиндагӣ сурат гирифта истодааст, боиси он мегардад, ки равандҳои таълим ва тарбия ҳамчун воситаҳои ташаккули шахсият на ҳамчун фарди муқаррарӣ, балки ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеа арзёбӣ мегарданд. Зиёда аз ин, равшан аст, ки ҷаҳонишавии таҳсилот дар миқёси ҷаҳон шахсияти аз ҷиҳати касбӣ баландихтисосро талаб мекунад, ки қобил аст ҳадафҳо ва вазифаҳои миқёсан калонро амалӣ созад.

Ногуфта намонад, ки замони имрӯза, ки зуд тағйирпазир мебошад, воваста ба ин дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа низ дигаргуниҳо ба вуҷуд меоянд. Дар ин бора соҳаи маориф низ истисно нест. Соҳаи маориф низ бояд ҳамқадами замон бошад ва низоми он низ такмил ёбад. Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти соҳаи маориф бо маром идома дорад. Ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим яке аз ҳадафҳои ислоҳоти соҳаи маориф маҳсуб дониста мешавад. Дар ин самт иқдомоти тоза рӯйи кор омада истодаанд. Қобили зикр аст, ки бо ташаббуси Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии

Тоҷикистон оид ба амалӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим корҳои зиёде ба сомон расонида шуда истодааст. Аз ҷумла, стандартҳои фаннӣ, модулҳои таълимӣ, роҳнамоҳои таълим, китобҳои дарсӣ таҳия ва чоп карда шуда истодаанд.

Бояд зикр намуд, ки ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим талаби замон аст. Имрӯз дар фазои таҳсилоти ҷаҳонӣ тайиротҳои назаррас ба амал омада истодааст. Бо назардошти ин тайиротҳо дар соҳаи таҳсилот низ аз шаклу усулҳои пешқадами таълим бояд истифода бурда мешавад. Мақсад аз ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим ин бештар дар асоси корҳои амалӣ ба роҳ мондани таълим ва дар ин замина дар хонандагон ташаккул додании тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ ба ҳисоб меравад. Хубу мақсаднок ташкил намудани муносибати босалоҳият ба таълим хонандагонро ба мустақилиятнокӣ ҳидоят менамояд.

Мушоҳида ва сӯҳбат бо омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ собит месозад, ки дар татбиқи амалии муносибати босалоҳият ба таълим ҳанӯз мушкилоти зиёде ҷой дорад. Бояд зикр намуд, ки ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим дар низоми маорифи Тоҷикистон падидаи нав мебошад. Бинобар ин, баъди гузашти вақт он такмил меёбад ва самараи дилхоҳ ба бор меорад.

Дар айни замон масъалаи амалӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим на танҳо аз ҷанбаи назариявӣ, балки инчунин аз ҷанбаи амалӣ низ иборат аст. Он, моҳиятан, бо тағйироти ҳамаҷониба дар ҳаёти ҷомеа алоқаманд аст, ки афзалиятнок гардида, ба madди аввал мебарояд. Маҳз бо ҳамин мубрамияти масъалаи татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълим ва тарбияи муассисаи таҳсилоти умумӣ асоснок карда мешавад.

Муносибаи босалоҳият дар раванди таълим ва тарбия чӣ маъно дорад? Ба ин савол кӯшиш мекунем дар заминаи робитаи бевоситаи масъала бо эҳтиёҷоти бозори меҳнат ва мутобиқати он бо вазъияти таҳсилот ҷавоб диҳем. Дар навбати аввал, сухан дар бораи имконияти тағйири сифатии омодасозии мутахассисон бо шароити воқеии ҷорикунии муносибати босалоҳият дар шароити таълим ва тарбия дар низоми муассисаи таҳсилоти умумӣ меравад. Ба мавқеи пешбар масъалаҳои арзёбӣ ва ташхиси натиҷаҳои таҳсилоти педагогӣ, бе маҳдудшавӣ танҳо бо сифати дониш ва маҳорати субъектҳои таҳсилот бардошта мешаванд. Дар ин ҷо худи моҳияти салоҳиятнокӣ – натиҷаҳои воқеии миқдори корҳои муфид, дарки самаранок ва муассири маҳорати ҳамкорӣ намудан бо гурӯҳ ва атрофиён зоҳир мегардад.

Ҳамин тавр, муносибати босалоҳият ба таълим аз меъёрҳои муайяни арзёбикунанда, аз ҷумла, мавҷуд будани нерӯи эътирофшудаи таҳсилотии баланд, донишмандӣ, ки дар тавсифоти шахсияти омӯзгорони муассисаи таҳсилоти умумӣ ва хонандагон зоҳир мегардад, иборат аст. Ба ибораи дигар, салоҳиятнокӣ ба ҷониби натиҷаҳои таҳсилот, вале, на ба ҷамъи доштани иттилоот, балки ба қобилияти шахсият ба амали бомуваффақият ва бомасъулият дар вазъиятҳои гуногуни таҳсилотӣ таъкид менамояд. Тавре дида мешавад, сухан дар бораи салоҳиятнокӣ, яъне қобилияти шахсӣ-педагогӣ ва ҳамзамон ташаккули маҳорат ва малакаи тавонмандии хонандагон меравад.

Ҳамаи ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ҷорикунӣ ва татбиқи бомуваффақияти муносибати босалоҳият ба таълим ба ҳаллу фасли вазифаҳои таъхирнопазир доир ба ташаккули низоми донишҳо, маҳоратҳо ва малакҳои хонандагон оид ба фанҳои таълимӣ ва дар навбати аввал, тарбияи салоҳиятнокии омӯзгор алоқаманд мебошанд. Мо чунин мешуморем, ки гузориши дурусти масъала дар бораи татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар раванди таълими муассисаи таҳсилоти умумӣ ба омодагии босифати омӯзгорон дар соҳаи маориф мусоидат намуда, имкон медиҳад стандартҳои давлатии ба таври мувофиқ ба воқеиятҳои давраи муосир ва талаботҳои ҷомеа наздик кунонида шуда моҳирона ва саривақтӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳамин тариқ, дар назди муассисаи таҳсилоти умумӣ вазифаи асосии фаъолияти таълимӣ – ташаккули қобилиятҳои хонанда, ки дорои салоҳиятҳои воқеии таҳсилотӣ мебошад, гузошта мешавад. Бо забони мушаххас ва далелнок, омӯзгори муассисаи таҳсилоти умумӣ ба муваффақ шудан дар таълиму тарбияи хонандагон бо сатҳи дониш, маҳорат ва малакаҳои гирифташуда тайёрӣ мебинад. Дар қатори омодагӣ ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим азхуд кардани фарҳанги касбӣ, таҳаммулпазирӣ,

маҳорати дар оянда кор кардан бо хонандагон чиҳати дар онҳо ташаккул додани маҳорати аз худ кардани донишҳо муҳим аст.

Талаботҳои татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар низоми муассисаи таҳсилоти умумӣ ба он асос меёбад, ки омӯзгор бояд намудҳои гуногуни фаъолияти касбӣ: таҳсилотию тарбиявӣ, таълимию методӣ ва иҷтимоию педагогиро амалӣ карда тавонанд. Дар татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ташаккули салоҳиятнокии омӯзгор мавқеи махсусро ишғол менамояд. Ин, пеш аз ҳама, маҷмӯи донишҳо, маҳоратҳо, малакаҳои азхуднамудаи омӯзгори муассисаи таҳсилоти умумӣ оид ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим мебошад. Бо доштани тамоми салоҳиятҳои зарурӣ дар ҷараёни таълим дар муассисаи таҳсилоти умумӣ омӯзгор бо имконияти гузаронидани фаъолияти инфиродии педагогии худ дар шароити майдони муосири таҳсилотӣ муасаллаҳ мегардад.

Дар таҳқиқиоти мо мафҳуми «салоҳиятнокӣ», пеш аз ҳама, ҷузъи таркибии имконияти аз нав бавуҷудории васеи дониш, амалиётию технологӣ дар омодасозии хонандагон ба аз худ намудани дониш, маҳорат ва малакаҳои зарурӣ фаҳмида мешавад. Ба таври дигар гӯем, «салоҳиятнокӣ» на ба ҷамъи ахбори ба дастоварда, балки ба натиҷаҳои таҳсилот, ба қобилиятнокиии хонандагон оид ба бомуваффақият ва бомасъулиятона дар ин ё он лаҳзаи гуногуни таҳсилот амал кардан нигаронида мешавад. Чи тавре ки мебинем, дар ин ҷо сухан др бораи салоҳиятнокии шахсияти омӯзгору хонандагоьн меравад.

Бояд зикр намуд, ки муносибати босалоҳият ба таълим ҷузъҳои ангезишӣ, ахлоқӣ, иҷтимоиро низ фаро мегирад. Ҳамаи ҷанбаҳои аз ҷониби мо номбаршуда дар намудҳои гуногуни фаъолияти педагогии омӯзгор дар заминаи ҳаллу фасли ҳадафҳо ва вазифаҳои мушаххаси таҳсилотӣ зоҳир шуда, татбиқ мегарданд.

Ғаёр аз ин, салоҳиятнокӣ нишонаҳои фарққунандаи хонандаро тавсиф медиҳад. Ин вусъати донишҳо, амиқии таҳлил, мустақилият, ҷамъбасткунӣ, танқидӣ будани тафаккур ва ғайра мебошанд. Сифатҳои мазкур маҳз ба хонандаи имрӯза хос буда, асосҳои нерӯ ва қобилияти хонандаро дар зуд ёфтани ҳалли дурусти масъала, самтгирии моҳирона дар вазъиятҳои ғайричашмдошт ва шароити фаъолияти таълимӣ ташкил медиҳанд.

Худи мафҳуми «салоҳиятнокӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, олимон ба моҳияти он хусусиятҳои гуногуни арзишию маъноиро нисбат медиҳанд. Қайд карда мешавад, ки салоҳиятнокӣ – ин низоми дониши амалкунанда мебошад, ки фаъолияти амалӣ ва бошуурии таълимро инъикос менамояд. Н.В. Кузмина «салоҳиятнокӣ»-ро ҳамчун хосияти шахсият баррасӣ мекунад (4, с. 90). Ба ақидаи Г. Селевко, «салоҳиятнокӣ» – ин қобилияти ба кор бурдани донишҳо ва маҳоратҳои касбшуда дар зиндагии рӯзмарра барои ҳаллу фасли ин ё он масоили амалиявию назариявӣ мебошад (10, с. 60).

А.В. Хуторской, «салоҳиятнокӣ»-ро ҳамчун доштани салоҳияти дахлдор аз маҷмӯи сифатҳои шахсие (арзишмандии тамоюлоти маъноӣ, маҳоратҳо, малакаҳо, қобилиятҳо) иборат медонад, ки бо таҷрибаи фаъолияти шахсият муайян шудаанд (11, с. 65).

Бояд зикр намуд, ки салоҳиятҳо танҳо бо вазифаҳои аз худ намудани дониш маҳдуд нашуда, балки ҳамчун сифатҳое хизмат мекунад, ки барои ҳар як хонанда муфиданд. Таҳти салоҳиятнокӣ Э.Ф. Зеер «таълими мазмундори донишҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ, ки дар шакли мафҳумҳо, принсипҳо, муқаррароти дорои мазмуни баланд пешниҳод мешавад», мефаҳмад (2, с. 67).

Хулоса, тавре мебинем, олимон масъаларо аз нуқтаи назари имкониятҳои воқеии салоҳиятнокии хонандагони муассисаи таҳсилоти умумӣ дар азхудкунии салоҳиятҳои калидию маърифатӣ бо назардошти имконоти воқеии таълим ҳаллу фасл менамоянд.

Муносибати босалоҳият ба таълим асоси омодашавии хонанда барои донишазхудкунӣ ва қобилияти амал кардани ӯ барои аз худ намудани маҳорат ва малакаҳои муайяни илмомӯзиро ташкил медиҳад. Ҳар як салоҳият дар раванди таълим фаъолияти маърифатии хонандагонро ташаккул меёбад. Амали таълими маърифатнокӣ, асосан, ба инъикоси хусусиятҳо, моҳият ва методҳои истифодаи маводи таълим ва ғайра нигаронида шудааст.

Ҳамин тариқ, таҳлили адабиёти илмию педагогӣ нишон медиҳад, ки дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ ташаккули низоми донишҳо ва маҳоратҳои амалӣ барои рушди фаъолнокии эҷодии хонандагон ба қадри даркории аз ҷиҳати маърифатӣ созгоршуда мавҷуд аст. Ҳадафи асосӣ ин баланд бардоштани дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон

маҳсуб дониста мешавад, ки дар низоми муассисаи таҳсилоти умумӣ барои ташаккули салоҳиятнокии хонандагон авлавияти бештарро касб менамояд. Ноилшавӣ ба чунин сатҳи рушди шахсият ташаккули зеҳну малакаи маърифатдӯстии хонандагонро таъмин мекунад.

Дар навбати худ муносибати босалоҳият ба таълим аз салоҳиятнокии омӯзгор низ вобастагии зич дорад, ки дар се самт: такмили низоми таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти умумӣ, аз ҷумла, сохтори раванди таълим, муосиркунонии воситаҳои таълим ва ҷорикунии технологияҳои дидактикӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Муносибати босалоҳият ба таълим ба натиҷаҳои таҳсилот нигаронида мешавад ва дар ҳамин замина инкишофи шахсияти таълимгирандагон дар асоси аз худ намудани амалиётҳои гуногуни таълим, ки асоси натиҷаҳои таҳсилотро ташкил медиҳад, ба амал бароварда мешавад. Барои амал намудани ин ҳадаф зарур аст:

– истифода бурдани шаклу методҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ, ки имконият медиҳанд таҷрибаи шахсии хонандагон инкишоф ёбад;

– фароҳам овардани муҳити ҳавасмандӣ барои ҳар як нафар хонанда ҳангоми гузаронидани дарсҳо;

– ҳавасманд намудани хонандагон бо истифода аз роҳу усулҳои гуногуни супоришҳо бе хавфи он ки дар ҷавобҳо ба хатогогиҳо роҳ медиҳанд;

– баҳо додан ба фаъолияти хонанда на танҳо аз рӯи натиҷаи ниҳоӣ, балки дар рафти ба натиҷаҳо ноил шудан;

– қадр намудани кӯшиши хонанда бо ба ҳисоб гирифтани чунин масъалаҳо: аз ҷониби хонанда таҳлил намудани тарзи кори дигар хонандагон дар рафти дарс;

– муҳайё сохтани лаҳзаҳои муфиди муошират дар дарс, ки ба ҳар як хонанда имконият медиҳад ташаббус, мустақилият зоҳир намуда, ҳамзамон барои худфаъолиятии хонанда муҳити созгор муҳайё карда шавад.

Муносибати босалоҳият ба таълим тақозо мекунад, ки аз донишҳои ҳамчун намуна азхуд кардашуда барои ба даст овардани мақсади асосӣ, яъне ноил шудан ба инкишоф ва рушди ҳар як хонанда кӯшиш ба харҷ дода шавад. Ба ғайр аз ин, ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим барои инкишофи ҷараёни ҳамгироии таҳсили асосӣ ва иловагӣ дар рафти дарс ва корҳои беруназсинфӣ, методҳои ҳозиразамони фаъоли таълим (бозиҳои нақшдор, фаъолияти лоиҳавии таълимгирандагон, маҳорати дар ҳалли проблемаҳои пайдошуда фаъолона ширкар варзидан) имконият фароҳам меорад.

Муносибати босалоҳиятнок ба таълим имконият медиҳад ба савлҳои зерин ҷавоб ёбем: Барои чӣ омӯхтан лозим?, Чиро омӯзонем?, Чи тавр аз худ кунем?

Ҳангоми амалӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим масъалаҳои калидии зерин бояд ба ҳисоб гирифта шавад:

1.Омӯхтан лозим: маҳорати аз таҷриба чизи аҳамиятнокро гирифтан, тавонистани манфиат аз таҷриба, ташкил намудани усулҳои омӯзиши худ, масъалаҳоро ҳал карда тавонистан, мустақилона ба таълимгирии худ машғул шудан.

2.Ҷустуҷӯ: бонки гуногуни маълумотро талаб кардан, опрашивать, аз мушовирон маслиҳат пурсидан, бо ҳуҷҷатҳо кор карда тавонистан ва таснифот намудани онҳо.

3. Фикр кардан: ба мушкилот ва нобовариҳо истодагарӣ карда тавонистан, ҳангоми баҳс мавқеи муайянро ишғол намудан, фикри шахсии худро баён намудан, баҳо додан ба одатҳои иҷтимоии ба саломатӣ ва муҳити иҳотакарда алоқаманд.

4. Ҳамкорӣ кардан: бо гурӯҳ ҳамкорӣ карда тавонистан, қарор қабул карда тавонистан, якдигарнофаҳмӣ ва мунокишаро ба низом дароварда тавониста.

6. Ба кор саргарм шудан: ба супориҳо ҳамроҳ шудан, масъулият ҳис кардан, ба гурӯҳ ва коллектив ҳамроҳ шудан, саҳми худро гузоштан, тартиби кори худро ба низом даровардан.

Ҳамин тавр, барои хубу мақсаднок татбиқ намудани муносибати босалоҳият ба таълим дар рафти дарс талаботҳои зеринро ба ҳисоб гирифтан ба мақсад мувофиқ аст:

– баррасии моҳият ва ҷанбаҳои назариявии ташаккули салоҳиятнокии хонандагони муассисаи таҳсилоти умумӣ.

– муайян кардани пешзаминаҳои назариявӣ ва ғоявии ташаккули салоҳиятҳои таълимии хонандагон;

– тавсеаи ҷузъҳои таркибии ҳукмфармо будани мафҳуми «салоҳиятнокии арзишию касбӣ»-и омӯзгори ояндаи синфҳои ибтидоии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

– таҳияи технологияи педагогии ташаккули салоҳиятнокии хонандагони муассисаи таҳсилоти умумӣ, ки ба ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи онҳо мусоидат мекунанд;

– бо роҳи кори таҷрибавию озмоишӣ собит сохтани бартарияти ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим, санҷиш ва арзёбии ҷамъбастии технологияи ташаккули дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон.

**АДАБИЁТ:**


1. Болотов В.А. Компетентностная модель: от идеи к бразовательной программе. Текст/В.А.Болотов, В.В. Серков//Педагогика,2003-№.1 С.9 – 14
2. Зеер Э.Ф. Модернизация профессионального образования: компетентностный подход: уч. пособие Э.Ф.Зеер, А.М.Павлова, – М: Психол. соц.институт, 2005.С.48
3. Зимняя, И.А.Юпочевые компетентности как результативно – целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия. Россия в Болонском процессе: проблемы, задачи, перспективы: труды методол. семинара. Текст / И.И.Зимняя. – М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов. 2004.
4. Консепсияи миллии тахсилоти Чумхурии Точикистон. Душанбе, 2003. –25 с.
5. Кузмина Н.Ф. Профессионализм личности преподавателя и мастера производственного обучения. Текст / Н.Ф.Кузьмина. – М., 1990. – С. 90
6. Қонуни Ҷмхурии Точикистон «Дар бораи маориф». – Душанбе: Шарки озод. 2004. – 78 с.
7. Лутфуллоев М. Истиқлолияти Точикистон ва маорифи навин Душанбе, 2006. – 146 с.
8. Маркова А.К. Психология профессионализма Текст/ А.К.Маркова – М.: Знание, 1993. – С. 295.
9. Муносибати босалоҳият ба таълим (дастури методӣ) Мураттибон: Ғ. Бобизода, Д. Имомназаров, Ш. Исрофилниё, А. Байзоев. – Душанбе: Ирфон. 2018. – 72 с.
10. Селевко Г. Компетенция и компетентность: сколько их у российского школьника? Текст/ Г. Селевко// Народное образование – 2004 – №4 – С. 141.
11. Хуторский А.В. Ключевые компетентности и образовательные стандарты: доклад на отделении философии образования и теории педагогики РАО 23 апр.2002 / Электронные ресурсы / А.В. Хуторский / Режим доступа.


**Мадатзода М.**

## БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАТБИҚИ МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ БА ТАЪЛИМ ДАР ШАРОИТИ ИСЛОҲОТИ СОҲАИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола масъалаҳои мубрами татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар шароити ислоҳоти соҳаи маорифи таҳлилу баррасӣ карда шуда, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ вобаста ба талаби замони муосир арзёбӣ карда шудааст. Дар мақола натиҷаҳои таҳлили назариявӣ, самарабахшии маҷмӯи шароитҳои педагогии татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар шароити ислоҳоти соҳаи маориф муайян карда шудааст. Ҳамзамон, дар мақола таъкид карда мешавад, ки масъалаи амалӣ намудани муносибати босалоҳият ба таълим моҳиятан, бо тағйироти ҳамаҷониба дар ҳаёти ҷомеа алоқаманд аст, ки афзалиятнок гардида, ба мадди аввал мебарояд. Маҳз бо ҳамин мубрамияти масъалаи татбиқи муносибати босалоҳият дар раванди таълим ва тарбияи муассисаи таҳсилоти умумӣ асоснок карда мешавад.

***Калидвожаҳо:*** *муносибати босалоҳият ба таълим, муассисаи таҳсилоти умумӣ, дониш, маҳорат, малака, хонанда, омӯзгор.*

**Мадатзода М.**

## НЕКОТОРЫЕ ВОПРОСЫ РЕАЛИЗАЦИИ КОМПЕТЕНТНОГО ПОДХОДА К ОБРАЗОВАНИИ В КОНТЕКСТЕ РЕФОРМЫ ОБРАЗОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье анализируются актуальные вопросы осуществления компетентностного подхода в обучении в условиях реформы образования и теоретические и практические аспекты реализации компетентностного подхода в средних общеобразовательных учреждениях с точки зрения современных реалий. В статье определены результаты теоретического анализа, комплекс эффективных педагогических условий осуществления компетентностного подхода в обучении в средних общеобразовательных учреждениях в условиях реформы образования. Также в статье указывается, что проблема осуществления компетентностного подхода в обучении по существу связана с всесторонними изменениями происходящими в общественной жизни, что приобретает приоритетность и поднимается на первое место. Именно с этим, обосновывается актуальность

реализации компетентностного подхода в обучении в процессе обучения в средних общеобразовательных учреждениях.

***Ключевые слова:*** *компетентностный подход в обучении, средних общеобразовательных учреждений, умений, навыки, учащиеся, учитель*

**Madatzoda M.**

**SOME ISSUES OF IMPLEMENTATION OF THE COMPETENCE APPROACH TO EDUCATION IN THE CONTEXT OF EDUCATION REFORM IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article analyzes the current issues of the implementation of the competence approach in teaching in the context of the education reform and the theoretical and practical aspects of the implementation of the competence approach in secondary educational institutions from the point of view of modern realities. The article defines the results of theoretical analysis, a set of effective pedagogical conditions for the implementation of the competence approach in teaching in secondary educational institutions in the context of education reform. The article also points out that the problem of implementing the competence approach in training is essentially related to the comprehensive changes taking place in public life, which takes priority and rises to the first place. With this, the urgency of implementation of competence approach to teaching in learning in secondary schools.

***Keywords:*** *competence-based approach in teaching, secondary educational institutions, skills, students, teacher*

**Сведения об авторе: Мадатзода Манзура** – кандидат педагогических наук, доцент кафедры педагогики Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни. **Адрес: город Душанбе,** проспект Рудаки, 121 **Тел:** 987922200

**Information about the author: Madatzoda Manzura -** Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Pedagogy of Sadriddin Aini Tajik State Pedagogical University. Address: 121 Rudaki Avenue, Dushanbe city Tel: 987922200

**М. ГАФОРЗАДЕ**

# ОСОБЕННОСТИ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ МОБИЛЬНОСТИ УЧИТЕЛЕЙ В ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЯХ

В настоящее время образовательным учреждениям нужен учитель, владеющий технологиями. Эти технологии могут обеспечить индивидуализацию обучения, достичь запланированных результатов и за счет постоянного профессионального роста педагога, продемонстрировать новаторское поведение, умение самостоятельно решать сложные проблемы, управлять изменениями и быстро адаптироваться к ним. Однако при существующей системе профессионального образования в этой области на обучение на рабочем месте достаточно не обращают внимания. Поиск форм, путей и методов подготовки профессиональных мобильных специалистов стал одной из важнейших и актуальных задач, стоящих перед нашей республикой. Чтобы качественно подготовить педагогов требуется изучение сущности профессиональной мобильности, ее специфики, функций, определение условий и факторов, влияющих на формирование высокого уровня мобильности педагогов.

Мобильность (англ. mobility; нем. mobilitat) - мобильность, способность быстро менять состояния и положения; (от латин. mobilis) - способность быстро двигаться, действие [16].

С одной стороны, мобильность населения в современном мире рассматривается как своего рода жизнеспособность, интенсивность социальных процессов, изменение интенсивности, а с другой стороны, как фактор, обеспечивающий стабильное и управляемое социальное развитие.

Концепция мобильности представляет собой черты личности, обеспечивающие быструю социальную и профессиональную адаптацию человека. Эту концепцию предложил в 1927 г. профессор Гарвардского университета П.А. Сорокин. Его работа подробно описывает эту концепцию. Для определения движения и изменений в социальном пространстве П.А. Сорокин еще в конце 1920-х годов использовал понятие «социальная мобильность», которое трактовал как «любой переход индивидуального или социального объекта (ценности)[15, с.49].

В психологии и педагогике понятие «профессиональная мобильность учителей» должным образом не отражено. Данный термин исследователи использовали в своих работах как обозначение качеств и специфики личности педагогов. Но в своих

исследованиях авторы не раскрывают сущности данного понятия. Данное понятие используется в работах следующих авторов: О.М.Белоцерковский, А.П.Тряпицина, В.М. Березовский, А.А. Макарени, Б.С. Гершуинский.

В «Энциклопедии профессионального образования» дано понятие «профессиональная мобильность», приводится ее определение с двух точек зрения. «Профессиональная мобильность» - «перемещение людей в рамках социальной и профессиональной структуры, преобразование личного профессионального статуса в рамках определенной квалификации». «Профессиональная мобильность» - «качество личности, которое было приобретено в рамках обучения и выражалось в умении быстро познавать новые виды деятельности, современную изменяющуюся реальность» [17, с.145]. Таким образом, профессиональная мобильность зависит от изменений качества системы образования, изменения науки и развития современных технологий, создания новых специальностей и профессий.

В словаре психологических терминов «профессиональная мобильность» означает способность и подготовку человека быстро и успешно овладевать новыми технологиями и навыками, а также овладевать недостающими знаниями и навыками для обеспечения эффективной новой профориентационной деятельности [2, с. 78].

Понятие «профессиональная мобильность» очень обширно, неоднозначно и сложно. В психологическом словаре это определяется как «возможность личности быстро и успешно осваивать новые технологии и навыки, овладевать недостающими знаниями и навыками, обеспечивающие эффективную подготовку к новой профессиональной деятельности» [10, с.47].

В социологии различают два основных типа профессиональной мобильности: горизонтальную и вертикальную. Горизонтальная профессиональная мобильность означает переход человека из одной профессиональной группы в другую профессиональную группу, которая находится на одном уровне с точки зрения заработной платы и престижа профессии. Вертикальная карьерная мобильность - это те отношения, которые возникают при переходе человека с одного карьерного уровня на другой.

В педагогике понятие «профессиональная мобильность» появилось сравнительно недавно, хотя в других сферах жизнедеятельности человека оно уже использовалось [1,с.87]. «Мобильность» - способность субъекта быстро ориентироваться в новых условиях, находить методы и приемы для реализации деятельности [6,с.48]. Мы считаем профессиональную мобильность непрерывной, позитивной, целенаправленной деятельностью, реализуемой при осуществлении определенного вида деятельности, направленной на качественные изменения вида деятельности, создания условий для развития науки и техники.

Профессиональные методы обучения выделяют следующие виды мобильности:

-*социальная и экономическая* - мотивация и способность адаптироваться к меняющимся условиям рынка труда.

- *способность профессионалов* и сотрудников быстро и успешно приобретать новое оборудование и технические возможности, а также при необходимости учитывать соответствующие дисциплины и новые профессии.

-*инновации и образование* как деятельность по созданию, развитию и использованию образовательных инноваций [12,с.101]. Последнее согласуется с используемой нами концепцией «учебной мобильности», включающей три типа мобильности: профессиональную, когнитивную и академическую.

Понятие «социальная мобильность» наблюдается в исследованиях философов и социологов. Русские исследователи, которые использовали данное понятие: Ю.В. Арутюнян, Т.И.Заславская, М.Н.Руткевич, Ф.Р. Филиппов. Зарубежные исследователи, рассматривающие данное понятие: П. Блау, Ф. Гато, Дж. Гласс, С. Липсет и др. Социальные явления, охватываемые этой концепцией, также изучались в других научных дисциплинах, таких как экономика, демография и психология.

В современных словарях и энциклопедиях социальная мобильность обычно представляет собой изменение положения человека или группы в социальной структуре, то есть от одного социального класса (группы) к другому (вертикальная). Интерпретируется как переход или изменение внутри социального класса (горизонтальная) [3, с. 232].

В психологии (Ю.Ю.Дворецкая, Е.А.Никитина, М.Н.Руткевич и др.) под мобильностью понимают движение, то есть способность двигаться в познавательной и профессиональной сфере. Данные авторы понимают под этим понятием механизм

адаптации человека к изменяющимся условиям окружающей среды, позволяющий ему управлять ресурсами для субъективного и профессионального поведения.

Поскольку исследователи в основном изучают движения, которые на самом деле определяют смысл и поведение социальных субъектов, дело в том, что концепция репликации и механизма изменения социальной структуры и механизма регулирования мобильности доказало, что концепция была объективной. В этой связи следует отметить, что качественные характеристики профессиональной мобильности остаются сторонними наблюдателями: привлекательный характер ценности объектов мобильности, реализуемых в форме профессиональной мобильности, их поведения и отношения.

В профессиональном образовании мобильность рассматривается по следующим позициям:

-социально-экономическая - как готовность и способность адаптироваться к меняющимся условиям рынка труда.

- профессиональная - изучать новые технологии и новые методы быстро и успешно в рамках одной профессии, приобретать актуальные новые профессии по мере необходимости и осваивать изменения статуса в пространстве профессиональной системы.

- образовательные инновации - как деятельность по созданию, развитию и использованию инноваций в образовании.

Т.Б. Котмакова [11, с.71] под мобильностью понимает всестороннее качество человека, что лежит в основе ее эффективного осуществления другими видами мобильности. Это качество воплощается в формировании учебной мотивации, способности к творческой деятельности, эффективного общения и вводит человека в процесс позитивного творческого саморазвития.

Э.Ф.Зеер [7, с. 45] рассматривает мобильность как всеобъемлющую квалификацию человека, отражающую его способность быстро менять свое положение в социальной, культурной или профессиональной среде. Впервые автор отметил культурную мобильность, как способность творчески воспринимать учебный план и информацию, предоставляемую дисциплиной, и критически относиться к новым ситуациям. Определяется как способность думать, способность находить нестандартные решения и прогнозировать характер и процесс изменений, будь то исследования или социальное развитие.

С.В. Нужнова [14, с.30] определяет мобильность как сложную черту личности. Она сочетает в себе внутренние потребности профессиональной мобильности, возможности и знания основ профессиональной мобильности. Личное самосознание формируется за счет отражения готовности к профессиональной мобильности. Каждый из этих компонентов содержит подструктуры, развитие которых в конечном итоге приводит к его формированию. Любая мобильность зависит от уровня развития самой личности, желания положительно влиять и изменять объективную реальность. Гибкая личность обладает определенными психологическими характеристиками, такими как активность, социальная активность, пластичность, открытость и желания самореализации. Эти функции будут поддерживать целостность в условиях, благоприятствующих изменению показателей ликвидности.

Н.М. Борытко указал, что профессиональная мобильность учителей - это система, и ее основными подсистемами являются:

-педагогическая карьера;

-мотивация и стимуляция;

- резерв;

-мониторинг развития и сертификация;

- ресурсы для профессионального развития;

-управление саморазвитием учителей [4, с.38].

К основным этапам управления профессиональной мобильностью учителей Г.М. Клочева относит:

1) разработка и внедрение системы управления профессиональной мобильностью учителей в конкретных образовательных организациях.

2) создание условий (выполнять определенные действия).

3) мониторинг.

4) оценка эффективности [9, с.74].

В соответствии с непременными личностными и профессиональными качествами учителя Б.М.Игошева определяет профессиональную мобильность, как обеспечивающую личностную и профессиональную самореализацию индивида, она также способствует

развитию профессиональной педагогической деятельности, которая стала социальным динамическим развитием[8, с.37].

Л.В.Ведерникова [5,с.41] в своем научном исследовании показала, что мобильность предоставляет учителям возможности для самореализации и эффективной реализации профессиональных целей, а благодаря их способности преобразовывать деятельность и ее характер в педагогические способности, может гибко воспроизводить профессиональные знания, навыки и умения в соответствии с потребностями преподавания. Таким образом, профессиональная мобильность - один из высших профессиональных стандартов саморазвития учителей. Анализ научной литературы показывает, что существуют разные типы мобильности.

Обобщая результаты теоретических исследований, мы пришли к выводу, что профессиональная мобильность - это комплексное качество человека, включающее следующие составляющие:

- эндогенная потребность в профессиональной мобильности, которая предполагает эволюцию мотивации к самообразованию и формирует соответствующее отношение к позитивному пониманию реальности и карьерным изменениям;

-общее образование и профессиональные знания, важные способности, социальные и квалификационные качества;

-профессиональная мобильность, стимулирование личного творчества, критического мышления и познавательного интереса;

-подготовка к профессиональной самореализации.

Таким образом, концепция «профессиональной мобильности учителей» позволяет принимать самостоятельные, нестандартные решения, направленные на повышение профессионализма, а также способности учителей менять профессию, места и виды деятельности на образовательном, социальном и национальном уровнях.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Азимов Э.Г. Новый словарь методических терминов и понятий (теория и практика обучения языкам) / Э.Г. Азимов, А.Н. Щукин. – М.: ИКАР, 2009. – 239 с.
2. Большой психологический словарь под ред. Б.Г. Мещерякова, В.П. Зинченко. М., 2008.
3. Большой толковый социологический словарь / сост. Д. Джерри, Дж. Джерри. М., 1999. Т. 2. 588 с.
4. Борытко, Н.М. Педагог в пространстве современного воспитания: Монография / Н. М. Борытко. – Волгоград: Перемена, 2001. – 214 с.
5. Ведерникова, Л.В. Профессионально-педагогическая мобильность: теория и практика [Текст]: монография / Л. В. Ведерникова, О. А. Кипина: М-во образования и науки Российской Федерации, - Ишим: Изд-во Ишимского гос. педагогического ин-та им. П. П. Ершова, 2011. - 143 с.
6. Дарвиш О.Б. Обеспечение психологической устойчивости личности как открытой самоорганизующейся системы /О.Б. Дарвиш // Известия АГУ. – 2011. – № 2-2(70). – С.47-51.
7. Зеер, Э.Ф. Модернизация профессионального образования: компетентностный подход [Текст] / Э.Ф. Зеер // Образование и наука. - 2004. - №3. - С. 42–53.
8. Игошев Б.М. Профессиональная мобильность учителя: организационно-педагогический аспект // Известия Уральского гос. ун-та. 2008. № 56.
9. Клочева Г.М. Управленческая культура как детерминанта профессионализации педагога // Новый взгляд. Международный научный вестник. – 2014. – №. 4.
10. Копорулина, В.Н. Психологический словарь / В.Н. Копорулина, М.Н. Смирнова, Н.О. Гордеева .- 3-е изд., доп. и перераб. - Ростов-на-Дону : Феникс, 2004. - 640 с.
11. Котмакова, Т.Б. Формирование личной мобильности как профессионального качества специалистов в процессе обучения в вузе [Текст]: дисс. … канд. пед. наук. / Т.Б. Котмакова. Хабаровск, 2011. - 198 с.
12. Лингвоперсонология и личностно-ориентированное обучение языку: учебное пособие / Н.Д. Голев [и др.]; под ред. Н.В.Мельник. – Кемерово: КемГУ, 2009. – 384 с.
13. Мельникова, Е.П. Формирование иноязычной коммуникативной компетентности у учителей иностранного языка на основе социокультурного подхода: монография / Е.П. Мельникова. – Магнитогорск: МаГУ, 2013. – 164 с.
14. Нужнова, С.В. Формирование готовности к профессиональной мобильности [Текст] / С.В. Нужнова // Высшее образование в России, 2009. - № 6. – С.29-35.
15. Сорокин, П.А. Главные тенденции нашего времени. [Текст] / П.А. Сорокин.- М.: Наука, 1997.
16. Толковый словарь Ушакова -http://endic.ru/ushakov/Podvizhnost-50058.html(дата обращения 17.04.2020).

17. Энциклопедия профессионального образования : В 3 т. / Руководитель авт. кол., науч. и лит. ред. С. Я. Батышев; Науч.-ред. совет: Батышев С. Я. (пред.) и др. - М. : Рос. акад. образования : Проф. образование, 1999.567с.

**М. Гафорзаде**

**ОСОБЕННОСТИ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ МОБИЛЬНОСТИ УЧИТЕЛЕЙ В ПЕДАГОГИЧЕСКИХ ИССЛЕДОВАНИЯХ**

В статье рассматриваются вопросы особенности профессиональной мобильности учителей в педагогических исследованиях. Отмечается, что с одной стороны, мобильность населения в современном мире рассматривается как своего рода жизнеспособность, интенсивность социальных процессов, изменение интенсивности, а с другой стороны, как фактор, обеспечивающий стабильное и управляемое социальное развитие. Делается вывод о том, что мобильность предоставляет учителям возможности для самореализации и эффективной реализации профессиональных целей, а благодаря их способности преобразовывать деятельность и ее характер в педагогические способности.

***Ключевые слова:*** *мобильность, учитель, школа, обучение, умение, мастерство, подготовка, технология, личность, профессиональный рост*

**М. Гафорзаде**

**ХУСУСИЯТҲОИ СЕРҒАЙРАТИИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОН ДАР ТАҲҚИҚОТҲОИ ПЕДАГОГӢ**

Дар мақола масъалаҳои хусусиятҳои касбии серғайратии омӯзгорон дар таҳқиқотҳои педагогӣ баррасӣ шудаанд. Қайд карда мешавад, ки аз як тараф, зудҳаракатии аҳолӣ дар ҷаҳони муосир ҳамчун як навъ қобилият, шиддатнокии равандҳои иҷтимоӣ, тағирёбии шиддат ва аз тарафи дигар, ҳамчун омили таъминкунандаи рушди устувор ва идорашавандаи иҷтимоӣ ба назар мерасад. Хулоса баровarда мешавад. ки серғайратӣ ба муаллимон барои худшиносӣ ва татбиқи самараноки ҳадафҳои касбӣ имконият фароҳам меорад ва ба туфайли онҳо қобилияти таъғир додани фаъолият ва рушди он ба вуқӯъ мепайвандад.

***Калидвожаҳо:*** *ҳаракат, муаллим, мактаб, таълим, малака, маҳорат, омодагӣ, технология, шахсият,рушди касбӣ*

**M. Gaforzade**

**FEATURES OF PROFESSIONAL MOBILITY OF TEACHERS IN PEDAGOGICAL RESEARCH**

The article deals with the issues of the features of professional mobility of teachers in pedagogical research. It is noted that, on the one hand, population mobility in the modern world is seen as a kind of vitality, intensity of social processes, change in intensity, and on the other hand, as a factor ensuring stable and manageable social development. It is concluded that mobility provides teachers with opportunities for self-realization and effective implementation of professional goals, and thanks to their ability to transform activity and its nature into pedagogical abilities.

***Keywords****: mobility, teacher, school, learning, skill, mastery, training, technology, personality, professional growth*

**Сведения об авторе: Гафори Мухримахон Гафорзаде** – соискатель кафедры общей педагогики ГОУ «ХГУ им.акад.Б.Гафурова». 735700. Республика Таджикистан, г.Худжанд, пр.Мавлонбекова 1. Тел. 927282617. E-mail: muxrima81@mail.ru

**Information about the author: Gafori Mukhrimakhon Gaforzade** - applicant for the Department of General Pedagogy of the State Educational Institution “KSU named after Acad B. Gafurov”. 735700. Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave. 1. Tel. 927282617. E-mail: muxrima81@mail.ru

**Д. МАНСУРОВА**

# БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ФИКРИИ НАСЛИ НАВРАС

Истифодаи самараноки бозиҳои дидактикӣ дар раванди технологияи педагогӣ тафаккури эҷодӣ, назари интиқодӣ, муҳаққиқӣ ва фаъолии зеҳнии хонандагонро батадриҷ ба вуҷуд меоварад. Волотар аз ҳама дар дарс фазои комилан озоди демократӣ ва ҳамкорӣ барқарор мегардад ва дар ниҳоди шогирдон таваҷҷӯҳи махсус ба илмомӯзӣ пайдо мешавад ва дар омӯхтани дониш онҳо чун муҳаққиқ ба саҳна ворид мегарданд.

Анъанаи истифодаи васеи бозиҳои дидактикӣ бо мақсади таълиму тарбияи кӯдакон дар асарҳои олимон ва дар фаъолияти амалии аксари педагогон инъикоси худро дарёфтааст. Ф.Фребел муътақид буд, ки вазифаи таълими аввалиндараҷа аз ташкили бозиҳо иборат аст.[5] Олим низоми бозиҳои дидактикиро тадқиқ намуд, ки онҳо асоси кори таълиму тарбияро бо хурдсолон дар кӯдакистонҳо инъикос менамоянд. М.Монтессорӣ бошад, баҳри ташаккули тарбияи сенсорикии кӯдакон бо бозиҳои таълимӣ – машғулиятҳо, маводҳои шавқовари дидактикиро эҷод намуда буд.[4]

Педагоги барҷастаи рус К.Д.Ушинский вобастагии мазмуни бозиҳоро аз муҳити иҷтимоӣ нишон додааст. Вай исбот намуда буд, ки бозиҳо барои кӯдак бетаъсир намегузаранд: онҳо метавонанд хислат ва рафтори одамро дар ҷамъият муайян кунанд, яъне кӯдаке, ки дар бозӣ фармондиҳӣ ё итоаткуниро одат кардааст, дар ҳаёт онҳо аз ин одат ба осонӣ намебароянд. К.Д.Ушинский мустақилияти кӯдаконро дар бозӣ қадрдонӣ кардааст, вале таъкид карда буд, ки бозии кӯдакро раҳнамоӣ кардан лозим аст.[8] Шогирд ва ҳаммаслаки ӯ методист Е.И.Тихеева бошад, дар таҳқиқотҳои худ қайд менамояд, ки самаранокии бозиҳои дидактикӣ дар таълиму тарбияи кӯдакон мустақиман аз шавқи онҳо вобаста мебошад.[7]

Равоншиносон собит намудаанд, ки раҳнамои дониш фаъолиятнокии хонанда мебошад, аммо бозӣ, меҳнату дигар намудҳои фаъолият ба ташаккулёбии шахсияти кӯдак таъсир мекунанд. Бозӣ - яке аз намудҳои асосӣ ва муҳими фаъолияти кӯдакон буда, дар рушди ҳаматарафаи онҳо, аз ҷумла, забондонӣ, ақлонӣ, ҷисмонӣ, эҳсосотӣ, иҷтимоӣ нақши муҳим мебозад. Дар ҷараёни бозӣ мағзи сару бадани кӯдакон машқ мекунад ва маълумотҳои содаро оид ба муҳит меомӯзанд.

Дар фазои педагогикаи муосири ватанӣ олимон (Лутфуллозода М., Ф.Шарифзода, Б.Ғаниева, Э.Шарипов, Ш.Котибова, З.Тошбоева ва дигарон) дар самти ташкили силсилаи бозиҳо барои инкишофи комили тафаккур ва шуури насли наврас корбарӣ менамоянд. Дар чунин бозиҳо аксар вақт қоидаҳои муайян вуҷуд надоранд. Муаллифон чунин бозиҳои дидактики пешниҳошударо – бозиҳои инкишофдиҳанда меноманд.[2,3,10,11]

Хусусияти асосии бозиҳои дидактикӣ аз рӯи номгӯи онҳо муайян карда карда шудааст – онҳо бозиҳо таълимӣ мебошанд. Онҳо аз тарафи калонсолон бо мақсади тарбия ва таълими бачаҳо эҷод мегарданд, вале барои бачаҳо аҳамияти таълимию тарбиявии бозии дидактикӣ аз тариқи машқҳо ва амалҳои бозӣ, қоидаҳо амалӣ карда мешаванд.

Бозиҳои дидактикӣ барои инкишофи фаъолияти маърифатӣ, амалиётҳои бошуурона, ки асоси таълим ҳисобида мешаванд, мусоидат менамоянд.

Равоншиносон ва методистон исбот намудаанд, ки дар кӯдакон ҳиссиёти калимагӣ нисбати ҳиссиёти биноӣ сусттар инкишоф ёфта, онҳо чизи дидашударо тезтар ва осонтар ба хотир мегиранд. Дар ин росто, истифодаи аёният яке аз талаботҳои асосӣ дар мактабҳо маҳсуб меёбад. Зеро тавассути айёният талабагон маводи таълимиро аввалан осону қолиб аз бар намоянд, баъдан он дар мустаҳкамкунӣ мавқеи махсус дорад. Айёният, ба шиддат гирифтани фаъолияти фикрӣ ва дар заминаи он инкишоф додани нутқу тафаккури хонандагон таъмин мекунад. Маҳз истифодаи аёният ва дигар маводи иловагӣ ба муаллим имконият медиҳад, ки таълими тафриқаро воқеӣ намояд, бачагонро ба кори мустақилона водор сохта, бо толибилмони сустхон кор барад.

Дар раванди технологияи педагогӣ ҳангоми истифодаи бозиҳои дидактикӣ якчанд давраҳоро ба таври зер тақсим намудан аз манфиат холӣ нест[9]:

1. Муайянкунӣ. Давраи омодакунии иштирокдорони бозӣ ва экспертҳо. Муаллим реҷаи кориро пешниҳод мекунад, бо хонандагон вазифа ва мақсадҳои асосиро муайян менамояд, масъалаҳои таълимиро ба шакл медарорад.

2. Тайёрӣ ба гузаронидани бозӣ. Ин давраи омӯзиши шароит, дастурамали ҷобаҷогузорӣ ва дигар ҳуҷҷатҳо мебошад. Муаллим сенарияро тартиб медиҳад дар асоси масъалаҳои бозӣ, қоидаҳои бозӣ, қоидаҳои ба ҳисобгирии холҳои ба дастовардашуда ва ғ.

3. Баргузории бозӣ. Ин давра асосан раванди бозиро дар бар мегирад. Аз аввали оғози бозӣ ҳеҷ кас ҳуқуқи дахолат кардан ё ин ки иваз намудани рафти бозиро надорад.

4. Муҳокимаи бозӣ. Давраи таҳлил, муҳокима ва натиҷаи баҳодиҳии бозиҳо мебошад. Муаллим муҳокимарониро мегузаронад, ки дар рафти он санҷишгарон иштирок менамоянд. Иштирокчиён фикрҳои худро баён месозанд, фарзияҳо ва қарорҳои худро ҳимоя мекунанд, қабул мекунанд, хулосабарорӣ намуда, таассуроти худро ба ҳамдигар иброз медоранд, доир ба мушкилиҳое, ки дар рафти бозӣ ба амал омаданд, фарзҳое, ки дар рафти бозӣ пайдо шуданд, нақл менамоянд.

Бозиҳои дидактикӣ аз рӯи мундариҷаи таълим, фаъолияти омӯзишии кӯдакон, шартҳо ва талаботи бозӣ, ташкил ва муносибати кӯдакон, нақши омӯзгор ва ғайра гуногун шуда метавонанд.

Тақсимот ё гурӯҳбандии аниқ аз рӯи намуди бозиҳо то ҳол мавҷуд нест. Аксаран бозиҳоро аз рӯи мазмуни таълим нисбат медиҳанд: бозиҳои серҳаракат, бозиҳои матнӣ, шиносоӣ бо табиат ё муҳити атроф ва ғайра.

Бозии дидактикӣ аз рӯи вазифаи таълимӣ ва тарбиявӣ муайян карда мешавад. Вай аз ҷониби омӯзгор таҳия шуда, фаолияти таълимии ӯро инъикос мекунад.

Чунин шартҳои асосии гузаронидани бозиҳои дидактикӣ мавҷуданд:

- Мавҷудияти донишу малакаҳои муайян доир ба бозиҳои дидактикӣ.
- Пурмаъно гузаронидани бозӣ, ки завқи кӯдак, хоҳиши гӯш кардан, ширкат дар бозиро таъмин кунад.
- Зарурати иштироки омӯзгор дар раванди бозӣ.
- Омӯзгор бояд қадам ба қадам мувофиқи вазифаҳои таълимию тарбиявӣ инкишоф ёфтани бозиро таъмин намояд ва ҳамзамон ба иштироккунандагон фишор наоварад, нақши дуюмдараҷаро бозӣ карда, ноаён бозиро ба самти муайян мувофиқи нақша равона созад.
- Дар бозӣ таносуби шавқоварӣ ва таълимнокии он мувофиқ бошанд, аз аҳамаият холӣ намегардад. Раванди бозиро ҷорӣ намуда, омӯзгор бояд дар хотир дорад, ки вай ба кӯдакон вазифаҳои мураккаби таълимиро баррасӣ мекунад, аммо онро ба бозӣ бо тарзу услуби амалӣ сохтани он – муассирона, содда будани он, ба муҳити осудагӣ табдил медиҳад.
- Восита ва тарзҳое, ки ҷалби кӯдаконро ба бозӣ бештар мекунад бояд мақсади бозӣ қарор нагирад, балки роҳе бошад, ки иҷрои вазифаҳои дидактикии ҳадафи он гузошташударо таъмин намояд.
- Байни омӯзгор ва кӯдакон бояд муҳити эҳтиромӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, боварӣ ҳувайдо бошад.

Аёниятҳои дар бозии дидактикӣ истифодашаванда бояд содда ва пурмаъно бошанд.[13]

Дар раванди технологияи педагогӣ якчанд ҳадафи асосии истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҷудо менамоянд:

- омӯзонидани тарзи нави муносибат ва риояи он дар кору фаъолият;
- таъмини дониши мукаммал ва сифатан баланд;
- инкишофи шахсияти комил ва вусъатдиҳии мустақилияти мафкураи хонанда;
- тағйирдиҳии шуури хонанда ва ҷой додани қолабҳои муайяни фаҳму идрок ва рафтору кирдори инфиродӣ.

Ҳангоми истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар раванди технологияи педагогӣ нолозиманд:

- ҷиддияти аз ҳад беш дар муомилаю муошират ва истифодаи тарзи дурушту дағали рафтор аз ҷониби омӯзгор;
- суханҳои таҳқиркунанда;
- оҳанги фармонфармоӣ доштани муроҷиати омӯзгор ва хонандагон;
- сухангӯии якҷонибаи омӯзгор;
- таъкиду эродгириҳо;
- якрангии тадбирҳои педагогӣ;

- ❖ бетаъсирии баёни сухан ва сустии нутқи омӯзгору хонандагон дар раванди бозӣ;
- ❖ бенатиҷа мондани таъкиди омӯзгор;
- ❖ нотавонии омӯзгор дар гуфтор;
- ❖ бозпурсӣ, нобоварӣ дар мурочиати омӯзгор ба толибилмон;
- ❖ ҳар лаҳза ба ёд овардани ғалат ва иштибоҳи шогирдон.

Дар мавриди истифодаи бозӣ майли донишандӯзии шогирдон комилан дигар шуда, онҳо на ба баҳо, балки ба моҳияти ҳаётии мақсадҳои омӯзиш ва фарогирии он таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Маводҳои дидактикӣ барои пурратар аз худ намудан ва мустаҳкам намудани мавзуҳои таълимӣ, хубу шавқовар гузаштани раванди дарс кӯмаки мерасонад. Аз ҷониби дигар, он воситаи муҳимтарини таъмини кори мустақилонаи хонандагон маҳсуб меёбад. Бо ёрии маводҳои дидактикӣ донишҳои грамматикии хонандагон санҷидаву мустаҳкам мегардад ва ҳамзамон дар инкишофи нутқи онҳо таъсири мусбӣ мерасонад.

Барномаи таълимии синфҳои ибтидоӣ тавассути дарсҳои саводомӯзӣ ёд додани хондану навиштан, бомаданият сухан кардану шунидан ва зимни он нисбати илму фарҳанг бедор намудани шавқи маърифатҷӯии кӯдаконро таъкид менамояд. Ин талабот ҳамон вақт амалӣ мегардад, ки агар дар раванди дарсҳои давраи савод тезонидани фаъолияти донишандӯзии хонандагон таъмин карда шавад.

Маълум аст, ки хонандагони синфи якум, бахусус, дар моҳи аввал онҳо ниҳоят серҳаракат мешаванд, диққату хотираи онҳо мустаҳкам нест, ба тезӣ мустаҳкам мешаванд, аз якрангӣ ба зудӣ дилгир шуда, ҳаваси саводомӯзии онҳо хомӯш мегардад. Аз ин рӯ, бояд чунин тарзу усулҳоро ҷуст, ки боиси тез гаштани фаъолияти саводомӯзии онҳо мегардад.

Дар барномаи синфҳои ибтидоӣ чунин таъкид гардидааст: «Ҳамагуна барномаю китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, маводҳои айёниву таълимӣ бо фаъолияти эҷодию ташаббуси муаллим ҳеҷ аст. Худи муаллим ӯро водор месозад, ки дарси қобилият ва сифатҳои пурраи педагогӣ бошад. Махсусан, қобилияти дидактикии муаллими синфҳои ибтидоиро таъкид кардан лозим меояд. Муаллими синфҳои ибтидоӣ ҳам забони модарию математика, ҳам муҳити атрофи таълими меҳнат, ҳам расмкашию суробсозӣ, часпондану буридан, ҳам сурудхонию давидан – тарбияи ҷисмониро бояд як дараҷа донад, бе ин кори муаллим душвор мешавад».

Муаллими синфҳои ибтидоӣ бо кӯдакони 6-7 сола фаъолият мебарад. Аз ин рӯ, вай ҳамчун тарбиятгари мушфиқу меҳрубон, серҳаракату чаққон, чеҳракушоду ҳозирҷавоб бошад. Табассум, чеҳраи ин гуна муаллимонро ҳеҷ гоҳ тарк накунад. Онҳо тахайюлоти бой, лафзи ширин, забони гӯё дошта, бо ривояту афсонаҳои диққатангези худ ҳамеша бачаҳоро мафтун карда, дурро наздик, мушкилро осон, мураккабро сода мекунанд. Бо рафтор, хулқу атвори нек, кӯдаконро чун оҳанрабо ба сӯи худ кашида, худ низ ба истиқболи онҳо шитофта, оянда неки онҳоро чун офтоби оламоро мунаввар месозанд.[11]

Муаллими синфҳои ибтидоӣ бояд табиатан худомӯз, ҷӯянда, мушоҳидакору эҷодкор бошад. Муаллими эҷодкор на ҳамеша аз кардаи худ қаноатманд мегардад, вай доим дар ҷустуҷӯ аст. Кӯшиш мекунад, ки тарзу усули нави таълимро ҷӯяд, таълимро бо роҳи наву тарзи дигар ба роҳ монад, ки он боиси бомароқ шунидани сабақ гардад. [13]

Хуллас барои тезонидани фаъолияти саводомӯзии хонандагон, ба таълим бо шавқу рағбат даст задани хонандагонро чи тавр, бо кадом роҳу восила, тарзу усул муваффақ шудан мумкин аст.

Мо медонем, ки кӯдакон дар давраи саводомӯзӣ ки чор моҳро дар бар мегирад, бояд тамоми ҳарфу овозҳоро шинохта, хондану навиштанро аз бар кунанд. Чор моҳ (сентябр, октябр, ноябр, декабр) – ро бояд самарабахш истифода кард, ки мақсадҳои таълимию тарбиявӣ бо осонӣ даст диҳад.

Ба фикри мо он танҳо дар мавриди ба ҳисоб гирифтани шартҳои зер даст медиҳад:

- ташаккули маҳорати монандкунонии ҳарф ва овоз ба ашёҳои муҳит ва овозҳои дар табиат вуҷуддошта;

- ба мақсади таълим равона кардани фаъолияти бозӣ ва зимни он ташаккул додани дониш, қобилияти фикр кардан, муҳокима рондан, ба фаъолияти худ баҳо додан, аз болои он назорат намудан ва тарбияи ҳаматарафаи кӯдакро ба роҳ мондан;

- истифодаи зарбулмасалу мақол дар таълими савод ва тарбияи ахлоқии хонандагон;

- бомавриду бомақсад истифода карда тавонистани тезгӯякҳо;

- истифодаи кроссворд дар таълими савод ҳамчун воситаи таълим ва инкишофи қобилияти муҳокимаронӣ, нутқ ва тафаккур;
- ребусҳо дар таълими савод ва аҳамияти онҳо дар омӯхтани овоз ва ҳарф.[11]

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки таълими савод танҳо ба маводи китоби дарсӣ побанд шудан нест. Агар муаллим дар корҳои худ муваффақият хоҳад, бояд ба паҳлӯҳои дигари таълим, ки онро шавқовару ҷолиб менамояд, нигарад, онро ҳамаҷониба истифода намояд.

Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар раванди технологияи педагогӣ бояд солҳои тӯлонӣ оламгирӣ кунад ва ба шогирдон таъсири пурфайзу баракат расонад, риштаҳои дӯстию бародарӣ, риштаҳои умумибашариро устувор гардонад.

Маҳз тавассути истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар раванди технологияи педагогӣ, ки фаъолнокии шахсӣ таъмин мегардад, дар раванди таҳсилот рушди мустақилонаи ҳар як фард ба амал меояд.

Истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар раванди технологияи педагогӣ омӯзгорро водор менамояд, ки на танҳо ба пешравӣ ва бурду бохти шогирдон назорат кунад ва баҳо диҳад, комёбию норасоиҳояшонро муайян намояд ва рафъ гардонад, балки ҳамеша атрофи дарсҳо андеша кунад.

Ҳамин тавр, истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар раванди технологияи педагогӣ агар аз як тараф эхтиром гузоштан нисбат ба шогирд бошад, аз тарафи дигар, фаъолияти баланди мақсаднок низ ҳаст. Аз ин рӯ, зимни истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар раванди технологияи педагогӣ шогирд таҳқир намеёбад, баръакс ҳурмату эҳтироми ӯ риоя мешавад ва ин ба ӯ имкон медиҳад, ки озодона фикру андеша ронад, ҳамкорӣ кунад ва донишро дар якҷоягӣ бо аъзои гурӯҳ бунёд намояд.

## АДАБИЁТ:


1. Выготский Л.С. Игра и ее роль в психическом развитии ребенка/ Л.С.Виготский //Вопросы психологии. №6. 1966.
2. Лутфуллоев М. Методҳои таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ/ М.Лутфуллоев, Душанбе, 1986.
3. Лутфуллоев М. Баъзе масъалаҳои таълимии «Алифбо»/ М.Лутфуллоев, Душанбе,1964.
4. Монтессори, Мария. Впитывающий разум ребенка (неопр.). — Издательство: Благотворительный фонд «Волонтеры», 2009. ISBN 978-5-903884-03-2, 2009.
5. Смирнова Е. Фридрих Фребель: система дидактических игр /Е. Смирнова // Дошкольное воспитание. – 2006. – № 3. – С. 79–81.
   Тихеева Е.И. Наш дидактический материал / Е.И. Тихеева // Педагогическая газета. – 2001. – 21 февраля.
6. Тихеева Е.И. Игры и занятия малых детей / Е.И. Тихеева. – URL: http://d-knigi.ru/tiheeva_01 (05.03.2020)
7. Ушинский К.Д. Человек как предмет воспитания. Опыт педагогической антрпологии. / К.Д.Ушинский Изб. пед.соч.- М., 1974-Т.I саҳ. 475
8. Шарифзода Ф. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2./ Ф. Шарифзода, М.Лутфуллоев, Б.Ғаниева, С.Куйбекова. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2.- Душанбе: Ирфон.-2014.-356с.- Душанбе: Ирфон.-2014.-356с.
9. Шарифзода Ф. Педагогикаи ҳамгиро. - Душанбе: Ирфон, 2012. - 402с.
10. Шарипов Э. Таълими савод ва роҳу усулҳои тезонидани фаъолияти хонандагон/ Э.Шарипов, Б.Ҳамдамова. - Хуҷанд: Ношир, 2008. - 55с.
11. Шарифов Э. Алифбои шавқовар./ Э.Шарифов – Хуҷанд: Меъроҷ, 2007. - 149с.
12. Шарифов Э. Алифбо, бозӣ ва инкишофи нутқ./ Э.Шарифов, А.Зоҳидов - Хуҷанд, 1996. - 179с.


**Мансурова Д.**

## БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ФИКРИИ НАСЛИ НАВРАС

Мақола оид ба фаъолияти асосии хонандагони хурдсол - бозиҳои дидактикӣ баҳс намуда, дар раванди таҳияи он омили асосии инкишофи фикрии насли наврас будани бозиҳо тасдиқ карда шудааст. Муаллиф кӯшиш намудааст, ақидаҳои барҷастаи педагогони машҳур - Ф.Фребел, М.Монтессорӣ, К.Д.Ушинский, Е.И.Тихеева, Лутфуллозода М., Ф.Шарифзода, Б.Ғаниева, Э.Шарипов рӯи кор оварад. Таъкид карда шудааст, ки бозиҳои дидактикӣ барои инкишофи фаъолияти маърифатӣ, амалиётҳои бошуурона, ки асоси таълим ҳисобида мешаванд, мусоидат

менамоянд. Дар мақола шартҳои асосии гузаронидани бозиҳои дидактикӣ, ҳадафи асосии истифодаи онҳо, якчанд хусусияти нолозиме, ки набоянд дар раванди истифодаи бозиҳои дидактикӣ ҷой дошта бошанд ба таври комил номбар карда шудааст. Ҳамчунин нақши маводҳои дидактикӣ баҳри пурратар аз худ намудану мустаҳкам кардани мавзуҳои таълимӣ, хубу шавқовар гузаштани раванди дарс таъкид карда шудааст. Муаллиф муътақид аст, ки маҳз тавассути истифодаи бозиҳои дидактикӣ дар раванди технологияи педагогӣ, ки фаъолнокии шахсӣ таъмин мегардад, дар раванди таҳсилот рушди мустақилонаи ҳар як фард ба амал меояд.

***Калидвожаҳо:*** *бозиҳои дидактикӣ, муҳити иҷтимоӣ, технологияи педагогӣ, инкишофи тафаккур, ташаккули шуур, фаъолияти маърифатӣ, ҳиссиёти калимагӣ, фаъолияти фикрӣ, аёният, мундариҷаи таълим, фаъолияти омӯзиш, маводҳои дидактикӣ*

**Мансурова М.**

## ДИДАКТИЧЕСКИЕ ИГРЫ КАК КЛЮЧЕВОЙ ФАКТОР ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ ПОДРАСТАЮЩЕГО ПОКОЛЕНИЯ

В статье автор рассматривает о влиянии дидактических игр на развитие интеллектуальных способностей младших школьников в процессе обучения. Автором отмечено, что игры являются ключевым фактором для интеллектуального развития ребенка. Проблему использования дидлактических игр рассматривали известные педагоги, такие как Ф. Фребель, М. Монтессори, К. Д. Ушинский, Е. И. Тихеева, М. Лутфуллозода, Ф. Шарифзода, Б. Ганиева, Э. Шарипова и др. Было отмечено, что дидактические игры способствуют развитию и активизации познавательной деятельности в процессе урока, которые составляют основу обучения. В статье полностью перечислены основные условия проведения дидактических игр, основная цель их использования, ряд функций и их задачи, которые должны использовать учитель в процессе обучения. Также подчеркивается, что учебный процесс будет интересным и доступным если учитель в процессе обучения умело будет использовать дидактические игры, так как дидактический материал дает возможность ученикам полностью усвоить учебный материал и закрепить его. Автор убежден, что именно использования дидактических игр в процессе учебного процесса обеспечивается личностная активность, развивается самостоятельность ребенка в учебном процессе.

***Ключевые слова:*** *дидактические игры, социальная среда, педагогическая технология, развитие мышления, формирование сознания, познавательная деятельность, вербальное восприятие, интеллектуальная деятельность, наглядность, содержание обучения, учебная деятельность, дидактические материалы.*

**Mansurova D.**

## DIDACTIC GAMES AS A KEY FACTOR IN THE INTELLECTUAL DEVELOPMENT OF THE YOUNGER GENERATION

In the article the author examines the influence of didactic games on the development of intellectual abilities of primary schoolchildren in the learning process. The author notes that games are a key factor for the intellectual development of a child. Famous teachers such as F. Frebel, M. Montessori, K. D. Ushinsky, E. I. Tikheeva, M. Lutfullozoda, F. Sharifzoda, B. Ganiev, E. Sharipova and others considered the problem of using didactic games. that didactic games contribute to the development and activation of cognitive activity in the lesson process, which form the basis of learning.

The article fully lists the main conditions for conducting didactic games, the main purpose of their use, a number of functions and their tasks that the teacher should use in the learning process.

It is also emphasized that the educational process will be interesting and accessible if the teacher skillfully uses didactic games in the learning process, since didactic material enables students to fully assimilate the educational material and consolidate it. The author is convinced that it is the use of didactic games in the educational process that ensures personal activity, and develops the child's independence in the educational process.

***Key words***: *didactic games, social environment, pedagogical technology, thinking development, consciousness formation, cognitive activity, verbal perception, intellectual activity, visualization, learning content, educational activity, didactic materials.*

**Сведения об авторе**: **Мансурова Дилрабо Кодирджоновна** – докторант PhD, 3- курс по специальности педагогика и психология ГОУ “ХГУ имени академика Бабаджана Гафурова”; Тел.: (+992)928820014

**Information about the author: Mansurova Dilrabo Kodirdzhonovna** - PhD candidate, 3 course in pedagogy and psychology, State Educational Institution "KSU named after academician Babadzhan Gafurov"; Tel .: (+992) 928820014

**МЕТОДИКА**
**МЕТОДИКА**
**METHOD**

---

**П. ЛУТФУЛЛОЕВА**

## БА ОЛАМ ҲАР КАСЕ БЕКОР ГАРДАД...

Номи мақоларо зарур шуморидам, бо мисраҳои сардафтари адабиёти муосири тоҷик Садриддин Айнӣ биороям, зеро ин гуфтаҳо чун шиор дар ҳама давру замон қадру манзалати худро гум намекунанд. Аз як ҷиҳат агар бингарем, устод Айнӣ ба қадри илму дониш, кору меҳнат, аз ҳама авлотар ба қадри вақт мерасиданд. Ҳатто бештар шабона руйи кор менишастанд. Бале, барои шахси эҷодкору олим вақт нукра аст, самаранок истифода бурдани он тиллост. Меҳнатдӯстии устоди кабир Айнӣ намунаи беҳтарин барои наврасону ҷавонони замони истиқлолият аст.

Асосгузори сулҳу ваҳдат, роҳбари давлат, Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон соли 2018 - ро дар кишвар соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон карданд. Ин пешниҳод аз ҷониби мардуми шарифи тоҷик бо камоли мамнуният қабул шуд. Ҳунармандон ба касби бобоиву падарии худ бештар шавқ пайдо намуда, бо омили гарм ба кор шурӯъ намуданд. Теъдоди намоишҳои ҳунарҳои мардумӣ зиёд шуд ва ин яке аз омилҳои рушди сайёҳӣ дар кишвар гардид. Аҳамият ва зарурияти масъаларо ба назар гирифта, сарвари давлат пешниҳоди худро то соли 2021 тамдид намуданд. Бар ивази ин ғамхориҳо ҷавонон бояд аз сидқи дил хонанд, илм, техника ва технологияи муосирро аз худ намоянд, дар ҳифзи Ватан-модар омода бошанд, дар ҳама соҳаҳо фаъолона меҳнат карда, дар ободию осудаҳолии Тоҷикистони маҳбуб ҳиссаи сазовор гузоранд. Аар хоҳем, ки руҳи Айнию Лоҳутӣ шод бошад, мисли онон меҳнат кунем, дилбохтаи заҳмату кор бошем.

Аҳамияти ин пешниҳод бобати рушду равнақи касбу ҳунарҳои мардумӣ басо муҳим аст. Вале муҳимтар он аст, ки оммаи васеи мардум ба касбу ҳунарҳои гуногун машғул шуда, дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия меёбанд, ки яке аз беҳтарин хислатҳои инсонист.

Аз таърих маълум аст, халқи тоҷик сароғоз соҳиби касбу кор, анъанаву фарҳанг ва соҳибкитоб буд ва насли имрӯзаву оянда бояд аз ин таърих ҳамеша биболаду тамаддуни фарҳангу маърифати волои ниёгон ифтихор дошта бошад ва баҳри ободию сарсабзии кишвар бикӯшад.

Мутаассифона, солҳои охир баъзеҳоро чашм расидааст. Ба онҳо офати терорризму экстремизм, бекорӣ, истифодаи машруботу маводи мухаддир ва ғайра таъсир кардааст. Барои мисол ба наздикӣ бо аҳли кормандон филми «Хиёнат» - ро якҷоя тамошо намудем. Аз тамошои филм маълум гардид, ки бештар ҷавонон фирефтаи андеша ва афкори бегонагон гардиданд ва барои пешрафту тараққиёти кишвар монеа эҷод намуданд, онҳо побанди идеяҳои ғаразноку нопок гардида, ҷавонию озодӣ, ҳаёти осоишта, оила, Ватан, ҳатто баъзеашон ҷони худро аз даст додаанд.

Бинобар ин, имрӯз барои ҳар як шаҳрванди кишвар зарур аст, ки ҳушёрӣ ва зиракии сиёсиро аз даст надода, дар тарбияи насли наврас саҳми хешро гузошта, гузашта ва имрӯзу фардоро ҳамчун як саҳифа аз таърихи миллат муаррифӣ намояд. Барои рушду нумуи Ватани азизамон Тоҷикистон саҳмгузор бошад.

Замоне фаро расидааст, ки мо бепарвоӣ нанамуда, сафедро аз сиёҳ ҷудо кунем, дар ҳамоҳангӣ бо муассисаҳои таълимии кишвар ба тарбияи ахлоқию маънавии наврасону ҷавонон диққати ҷиддӣ диҳем, зеро дар ҷаҳони пуртазоди ҷомеаи имрӯза ба тарбияи насли наврас ҳаматарафа бояд назар карда, фаъолияти ҳаррӯзаи онҳоро зери назорат қарор диҳем, ки то ба чунин гурӯҳҳои ифротгаро шомил нашаванд. Барои падару модарон ва омӯзгорон зарур аст, ки дар ҳамбастагӣ фаъолият намуда, диққати наврасону ҷавононро ба дарки ҳаёти солим ва омӯхтани илмҳои муосир ҷалб намоянд. Наврасону ҷавононро дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, инсондӯстӣ, меҳанпарастӣ, худогоҳӣ ва ҳувияти миллӣ тарбия намоем, то ки баҳри ободӣ шукуфоии Ватани хеш ҳамеша омода бошанд ва ҳеҷ гоҳ фирефтаи фикру ақидаи бегонагон нагашта, ба Ватан ва халқи миллати худ хиёнат накунанд.

Ростӣ, вақте мо худро ворисИ Рӯдакиву Фирдавсӣ, Синову Хайём, Ҳофизу Саъдиву Турсунзодаву Айнӣ ва дигар нобиғаҳои нотакрор меҳисобему дар вуҷуди мо хуни аслии

тоҷикӣ ҷараён дорад, набояд, оиди ин чизҳои номатлуб фикр кунем, чунки ин мутафаккирон пайваста дар омӯзишу тарғибу таҳқиқи илм будаанд. Охир, ба назари банда, ворисони ин нобиғаҳо бояд ҳоло беҳтарин адабиётшиносон, шоирон, табибон, ситорашиносон, меъморон, рассомон, риёзидонони машҳур бошанд, то ки илми тоҷик, санъати тоҷик, адабиёту фарҳангу таъриху тамаддуни тоҷикро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ намоянд.

Академики АТТ, падари педагогикаи муосири тоҷик устод Лутфуллозода Муҳаммад қайд менамоянд: «Офати ҳама балоҳо бекорист. Агар мо лоақал соате ёфта, китоби ин хирадмандро варақ занем, дармеёбем, ки саропо сухан дар бораи тарбия, меҳнатдӯстӣ, хоксорӣ, ватандӯстӣ, некӣ, дӯстӣ хуллас сифатҳои неки инсонӣ меравад, вале аз чӣ сабаб бошад, ки ҷавонони мо имрӯз аз китобу дониш дур мондаанд. Шояд ба ин бепарвоии падару модар низ таъсир расонад, чунки дар ҳақиқат волидони ҳозира бояд кӯшиш намоянд, ки фарзанд ҳанӯз аз овони хурдӣ ба илму дониш, ба кору меҳнат шавқ пайдо кунад.»[5,11]

Дар робита ба солҳои рушди ҳунарҳои мардумӣ, мо ба падару модарон дар шароити хонавода, омӯзгорон дар мактабу донишгоҳҳо, аҳли ҷомеа ва шахсони мутасаддӣ дар муассисаҳо муроҷиат менамоем, ки ҳам наврасону ҷавонон ва ҳам калонсолон ва ҳатто ба ном пирони хирад ба касбу коре машғул шаванд. Зеро одам қатъи назар аз синну сол чун бекор монд, ҳатман мубталои ранҷу озор мегардад.

Талабае дар рафти дарс ба шарикдарсу дигарон халал мерасонад, барои чӣ? Барои он ки бекор мондааст. Наврасе ба тамошои филмҳои зӯроварӣ машғул мешавад, барои чӣ? Барои он ки бекор мондааст. Ҷавоне ба доми гурӯҳи авбошону нашъамандон меафтад, барои чӣ? Барои он ки бекор мондааст. Марде аёлманд зану фарзандҳояшро партофта, ба мулки дигаре мардикорӣ меравад, барои чӣ? Барои он ки бекор мондааст, ё коре мувофиқ наёфтааст. Ҳатто онҳое, ки ба Ватан хиёнат мекунанд, маншааш аз бекорист. Бекорӣ баъзан оромии ҷомеаро халалдор мекунад.

Хулоса, одам дар натиҷаи бекорӣ ба корҳое даст мезанад, ки баъд дарди сару офати ҷон мешаванд. Мутаассифона, баъзеҳо ба умеди ваъдаҳои хушку холӣ ба гурӯҳҳои ифротгаро шомил шудаанд, падару модар, зану кӯдак, хешу табор Ватани азизро фаромӯш карда, мубталои доми сармоядорони хориҷӣ гаштаанд. Бисёри онҳо, озодӣ, обрӯю эътибор, ҳаёти худ, аз ҳама асос номуси ҷавонии худро дар назди Ватан аз даст додаанд, сари волидайни худро хам намудаанд. Аз ин рӯ бузургони мо борҳо таъкид кардаанд, ки аз пайи тарбияи фарзанди баномус шавед, ҳам худ бекору сарсарӣ нагардед, ҳам фарзандонро ба касбу коре машғул созед: касбу кор на танҳо ризқу рӯзиро таъмин месозад, болотар аз ҳама инсонро ба камол мерасонад.

Барои соҳиби касбу ҳунар шудан ирода, азм ва ҷидду ҷаҳд мебояд. Масалан, одамон азм мекунанд, ки ба ваъдаашон вафо намоянд. Бисёр вақт ин муяссар мегардад. Пас чаро азм накунанд, ки ба ҳунарашон вафо кунанд, яъне дар ҳама кор азм (саъю кӯшиш) лозим. Ҳатто аз худ дур кардани одатҳои номатлуб ҳам бе азм намешавад. Бинобар ин фарзандро бояд дар ин рӯҳия тарбия намуд, яъне ҷавонмард бояд дар пеши худ ваъда диҳад, ки соҳибкасб, вориси касби падар ё модар, таъмингари хона, устои забардаст, меҳнатқарин хоҳам шуд.

Инак, инсон мисле ки дар иҷрои ин ё он кор ба касе аҳд медиҳад, азм намояд, ки то зиндаам ҳунарам бо ман аст. Вале аз паи азм кӯшиш ҷидду ҷаҳд аст. Агар ҷидду ҷаҳд набошад, азм муаллақ мемонад. Аҳамияти ҷидду ҷаҳд дар он аст, ки одам натиҷаи ё маҳсули ҳунарашро мебинад. Ҳар қадар маҳсули ҳунар афзояд, ҳамон қадар ҳунарманд дилгарм ва бузургии ҳунар ҷилвагар мешавад. Кӯшиш, ҷидду ҷаҳд ва амал кардан на танҳо маҳсули ҳунарро меафзояд, инчунин худи инсонро бузург ва аз ҳар балову хатар ғаму ташвиш эмин нигоҳ медорад. «Беҳтарин доруи ғаму ташвиш тасмим гирифтану амал кардан аст». (Муҳаммад Ҳиҷозӣ). Ва бар давоми ин: «Он ки ноне дораду пӯшишу панохе, фақир нест, фақир он аст, ки бештар мехоҳаду ҳасрат мебарад ва кӯшиш намекунад». Зиндагӣ бе шикасту рехт, бе каму костӣ, бе ғаму андӯҳ намешавад. Илоҷи аз сар дур кардани ҳамаи ин заҳмату кӯшиш, кору пайкор аст. Ба қавли Муҳаммад Ҳиҷозӣ, «душмани ғам кор асту худфаромӯшӣ». Ва боз: «он ки ҳамвора омодаи саъю пайкор аст, аз шикасту номӯродӣ намеҳаросад».

Бо мақсади он ки фарзандон ба бекорию (ҳама бадбахтиҳо аз бекорист) оворагардӣ одат накунанд, падару модарони боақлу бофаросат фарзандонро ба духтану пухтану бофтану боғдорию зироаткорӣ, нигоҳубини хайвонҳои хонагӣ, унсурҳои одии оҳангарӣ, дуредгарӣ, меъморӣ, қолабу лоиҳасозӣ овора месозанд. Ҳоло зиндагӣ маҷбур кардааст, ки мардум ба касбу ҳунарҳои анъанавӣ, ки аз чӯбу оҳану симу найю химчаю ҷилу пусту пашму пахта ва ғайра асбобҳои гуногуни рӯзгор месозанд ва касбу ҳунарҳои замонавӣ (барқу газу техникаю технологияи гуногун) машғул шаванд. Фарзандонро низ водор сохтан лозим, ки дар хона вақтҳои бекорӣ ба ин амалҳо машғул шаванд.

Дар баробари ин фарзандонро тарбия намудан лозим, ки ба истифода ва сарфакории вақт диққати махсус диҳанд. Ҷавонон бояд донанд, ки сарфаи вақт сарфаи умр аст, зеро умр чун аспи саманд дав- давон мегузарад, бинобар ин ҳар чиз вақту соати худро дорад, чун илмомӯзиву касбомӯзӣ. Мутаассифона мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки баъзе мактабиён ва донишҷӯён ба қадри вақт намерасанд, аз вақт пурсамар истифода намебаранд. Ба ҷойи он ки ҳар як дақиқаю ҳар соати умри азизро самаранок истифода бурда, илму дониш омӯзанд, малакаю маҳорати хешро сайқал диҳанд ва тавассути мутолиаи ҳамешагии адабиёти илмию бадеӣ ҷаҳонбинии илмию диди зебоишиносии худро тақвият бахшанд ва касбу ҳунари барои ҷамъият заруриро ёд гиранд, вақти қимматашонро ба корҳои беҳуда ва ҳатто зараровар, аз ҷумла, қиморбозӣ, нашъамандӣ сарф мекунанд ва ҳатто чуноне ки дар боло мисол овардем, ба гурӯҳҳои ифротгаро ҳамроҳ шуда, ҳамаро барбод медиҳанд. Онҳо намедонанд, ки ҳосили умри инсон ҳамин вақт аст ва ӯ агар вақтро дуруст истифода набарад, умраш беҳосил мегузарад ва аз он нишоне боқӣ намемонад.

Пайдост, ки тарбияи меҳнатӣ дар тарбияи ахлоқӣ ва маънавии инсон нақши бағоят бузург мебозад. Инсон маҳз дар меҳнат ҳам аз ҷиҳати маънавӣ ва ҳам аз ҷиҳати ҷисмонӣ обутоб меёбад. Ӯ дар вақти меҳнат бо одамони гуногунфеълу мухталиф вомехӯрад, бо онҳо муносибат ва муошират мекунад. Тарзи гуфтугӯ, рафтору гуфтор ва феълу атвори онҳоро дида, одобу ахлоқ меомӯзад, хислатҳои бадро рад ва хислатҳои некро қабул менамояд. Ҷаҳонбиниашро вусъат мебахшад, нишастану хестан ва муомилаю муносибатро меомӯзад.

Ғайр аз ин, ҳангоме ки шахс ба меҳнат машғул шуд, ҳама фикру зикраш ба кор банд мешавад ва аз ҷумлаи хислатҳои зишт канора мегирад, чунки меҳнат, зотан некиро мепарварад (одам бо меҳнат боғ бунёд месозад, замин мекушояд, хона месозад, як ҷойи нообoдро обод менамояд, ба замини ташналаб об медиҳад, аз замин ҳосил мерӯёнад, ки ин ҳама кори хайру амали савобест, хислатҳои писандидаро аз худ мекунад).

Хуллас фарзанд бояд лоақал соҳиби як ҳунар бошад, илму дониш омӯзаду пайваста дар роҳи накӯкориву илмомӯзиву меҳнатдӯстӣ камол ёбад.

Бисёр вақт мегӯянд, ки ҷавононояндаи мо,ояндаи Ватананд. Ин хуб аст. Вале агар гӯем, ки ҷавонони боадабу донишандӯз ва ҳунармандояндаи Ватананананд, боз беҳтар аст.

Беҳуда Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо донишҷуёни тоҷик ва аҳли толор дар яке аз донишгоҳҳои пурнуфузи Малайзия нагуфтанд: «Илм омӯзед, дониш омӯзед, касбу ҳунар омӯзед». Ва ин самт, яъне касбу ҳунаромӯзиро дар ҳамаи суханронию вохӯриҳо таъкид менамоянд.

Бори дигар таъкид мекунем: сухан дар бораи даромади пулӣ памеравад (ҳарчанде ки дар замони ҳозира ин ҳам муҳим аст) сухан сари он аст, ки фарзандон ба шуғле машғул шаванд ва шояд ҳамин шуғлояндаи онҳоро ба ягон кор банд намояд, ки агар калла холӣ шуд, бекор монд, - аҷина лона мегузорад мегӯяд академик Муҳаммад Лутфуллозода. Ҳамин лонагузориҳо, холигиҳост, ки баъзе ҷавонон террористу нашъаҷалоб мешаванд, нисбат ба модар - Ватан хиёнат мекунанд.

Худо нигаҳ дорад аз ин амалҳои ношоиста!

## АДАБИЁТ:


1. Дастури психологияи амалӣ. /Зери таҳрири Юнусова Н.М. – Душанбе, Собириён, 2004.
2. Қ. Д. Қодирова, Касбу ҳунар. Душанбе, «Маориф», 1992, 55 саҳ.
3. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик, осори педагогӣ, ҷилди 6, Душанбе – 2015, 703 саҳ.
4. Лутфуллоев М., Шарафномаи миллат, Душанбе, «Сарпараст», 2003, 286 саҳ.
5. Муҳаммад Лутфуллозода. Тарбияи хислатҳои неки инсонӣ зимни мукотибаи устод Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ. Душанбе – 2018, Матбааи «Нигор».

6. Эмомалӣ Раҳмон. «Ҷавонон-созандагони фардои ҷомеа»., Душанбе -2008 саҳ. 56. Овчарова Р.В. Психология родительства. -М., 2005
7. Разумихина Г. Мир семьи: книга для учащихся старших классов по курсу "Этика и психология семейной жизни". - М.: Просвещение, 1986
8. Раҳимзода Хуррам. Маърифати оиладорӣ. Китоби дарсӣ барои синфи 9.- Душанбе МТЛ ОРЕС, 2003.

**Парвина Лутфуллоева**
## БА ОЛАМ ҲАР КАСЕ БЕКОР ГАРДАД…

Муаллиф дар он ақидааст, ки фарзандон, ҷавонони имрӯз бояд пайваста илм омӯзанду соҳиби касбе шаванд. Зеро ҳангоме ки шахс ба меҳнат машғул шуд, ҳама фикру зикраш ба кор банд мешавад ва аз ҷумлаи хислатҳои зишт канора мегирад. Ӯ дар вақти меҳнат бо одамони гуногунфеълу мухталиф вомехӯрад, бо онҳо муносибат ва муошират мекунад. Тарзи гуфтугӯ, рафтору гуфтор ва феълу атвори онҳоро дида, одобу ахлоқ меомӯзад, хислатҳои бадро рад ва хислатҳои некро қабул менамояд. Ҷаҳонбиниашро вусъат мебахшад, нишастану хестан ва муомилаю муносибатро меомӯзад.

***Калидвожаҳо:*** *илм, касб, касбомӯзӣ, ҷавонон, ҳунар, кору меҳнат, сарфаи вақт, ҳунарҳои мардумӣ.*

**Парвина Лутфуллоева**
## КАЖДЫЙ КТО БЕЗ РАБОТЫ В МИРЕ…

По мнению автора, современная молодежь должна постоянно усовершенствоваться, изучать науки и профессии. Очевидно, что на работе человек знакомится, общается с разными людьми. Наблюдая за их манерой речи и поведением, он учится манерам и этике, отвергает плохие качества и принимает хорошие, одним словом, расширяет свое мировоззрение и учится общаться. Когда человек занят работой, все его мысли заняты делом, и он избегает дурных компаний и вредных привычек.

***Ключевые слова:*** *наука, профессия, ученичество, молодежь, ремесла, работа, экономия времени, народные промыслы.*

**Parvina lutfulloeva**
## EVERYONE WITHOUT WORK IN THE WORLD ...

According to the author, modern youth should constantly improve, study sciences and professions. Obviously, at work, a person meets, communicates with different people. By observing their manner of speech and behavior, he learns manners and ethics, rejects bad qualities and accepts good ones, in a word, expands his worldview and learns to communicate. When a person is busy with work, all his thoughts are occupied with business, and he avoids bad companies and habits.

***Key words:*** *science, profession, apprenticeship, youth, crafts, work, time saving, folk crafts.*

**Сведения об авторе: Лутфуллоева Парвина** – кандидат педагогических наук, заместитель директора Института развития образования имени А. Джами Академии образования Таджикистана, адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. С. Айни, 126

**Information about the author: Lutfulloeva Parvina -** candidate of pedagogical sciences, deputy director of the Institute for the Development of Education named after A. Jami of the Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. S. Aini, 126

Ш. КОТИБОВА

# НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР ДАР ТАШАККУЛИ ЛУҒАТ ВА НУТҚИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

Имрӯзҳо имконияти истифодаи компютер ҳар чӣ бештар моҳият пайдо намудааст. Тағйирёбии мазмун, мундариҷа ва моҳияти таълим аз инкишофи ҷамъият низ вобастагӣ дорад. Замона ва ҷомеаи муосир талаб менамоянд, ки муассисаҳои таълимӣ шогирдонеро бар камол расонанд, ки дар пешрафти кишвар фаъолияти хуб нишон диҳанд ва ҳар кадоме соҳиби маданияти олӣ, нутқи фасеҳ бошанд.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: «Бори дигар таъкид менамоям, киояндаи мамлакат аз фаъолияти омӯзгор ва рушди илму маориф вобастагии зиёд дорад. Дар хотир бояд дошт, ки танҳо миллати босавод метавонад насли соҳибмаърифату донишманд ва кадрҳои арзандаи давронро ба воя расонад, пеш равад ва дар ҷомеаи мутамаддин мақоми арзандаи худро пайдо намояд» [6].

Албатта, пайдо намудани дониш ва мақоми арзандаро бе истифода бурдан аз технологияи ахборотӣ-коммуникатсионӣ, бе компютер, шабакаи интернет ва технологияи мултимедӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст.

Таҳлили адабиёти илмию методии муосир нишон медиҳад, ки технологияи информатсионӣ дар ҷараёни таълим васеъ истифода шуда истодааст. Таҳсилот соҳаи фаъолияти инсон аст, ки ҳамеша ба воситаҳои мухталифи ҷамъоварии иттилоот диққати махсус медиҳад. Махсусан, дар соҳаи маориф кинофилмҳо, видеофилмҳо, дискҳо, фитаҳои сабти овозии магнитафон, инчунин технологияи нави компютерӣ васеъ ҷорӣ гадидааст.

Имрӯзҳо таҳқиқоти зиёде оид ба масъалаи истифодаи технологияи компютерӣ дар ҷараёни таълим гузаронида шудааст. Дар байни онҳо таҳқиқоти олимони рус Л.Ю. Бегенина, Г.А. Бордовский, Б.С. Гершунский, И.Б. Горбунова, В.А. Извозчиков, Е.И. Машбица, В.М. Монахов, Е.В. Николскийро қайд кардан бамаврид аст.

Оид ба рушди маориф дар асоси истифодаи технологияи компютерӣ дар ҷараёни таълим, инчунин корҳои таҳқиқотии В.С. Леднева, В.П. Линьковой, С. Пейперта, И.В. Робертро қайд радан зарур аст, ки аксари онҳо дар асоси истифодаи компютер имконияти тағйирот ворид намуданро ба ҷараёни таълим пешниҳод менамоянд.

Мутахассисон чунин меҳисобанд, ки компютер метавонад имкониятҳои дарккунии хонандагонро баланд бардошта, коэфитсиенти хушёрии дар зери таъсири атрофиён намонданро таъмин намояд, агар омӯзиш ва ё таълим ба воситаи технологияи информатсионӣ самаранок истифода бурда шавад. Бояд қайд кард, ки нақши компютер дар он аст, ки ба ҳиссиёти муҳимми хонандагон таъсир расонида, қобилияти дар гурӯҳ зоҳир намудани маҳоратҳои хешро баланд мебардорад, хонанда худро масъул ва ҷавобгӯй ҳис менамояд.

Дар ҳақиқат асри ХХ1 асри иттилоот ва технологияи муосири иттилоотӣ мебошад. Саҳми ахбор дар қабули қарорҳои идоракунии истеҳсолот, ҷамъият, тафаккур ва ҳалли масъалаҳои рӯзмарра меафзояд.

Равоншиноси бачагонаи француз Серж Тиссерон қайд менамояд: «Дар замони пеш одамон дар зодгоҳашон таваллуд мешуданд ва мемурданд, дар як вазъияту ҳолат ин ё он ҳунар ё шуғлро аз худ намуда, тамоми умр онро иҷро мекарданд. Имрӯз ин тамоилҳо аз байн рафта, аз одамон бештар касбияти баланд ва тавоноии интелектуалӣ талаб карда мешавад» [8].

Маҳорати касбии баланд дар одамон аз давраҳои хурдсолӣ аз зинаи аввали таҳсилот парварида мешавад. Махсусан, зинаи аввали таҳсилот марҳилае мебошад, ки дар он тамоми дониш, маҳорат, малака ё худ салоҳиятҳои хонандагон ташаккул дода мешаванд.

Имрӯз барои пешравии соҳа ва барои ташкили низоми таҳсилоти ҷавобгӯйи талаби замон, дар ин замина бо тарзу усули инноватсионӣ, татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълим шароити мусоиду босамар фароҳам оварда мешавад.

Албатта, дар амалӣ шудани чунин талабот омӯзиши забони модарӣ ва ташаккули луғат тавассути компютер нақши муҳим дорад. Мактаббачагон тавассути компютер забони модариро омӯхта, дар раванди тадрис ва берун аз он бояд тамоми вазифаҳои

таълимиро эҳсос ва дарк намоянд. Барои он ки хонандагон чун воситаи муомилот будани забонро ба пурра пай баранд, ҳамеша нутқи фасеҳу саҳеҳро бояд бишнаванд, бубинанд ва таҳлил намоянд. Дар акси он наметавонанд тамоми қудрату тавон ва эъҷози каломи модариро ба таври зарурӣ дарк кунанд. Омӯзиши забони модарӣ бошад, тавассути хондан ва аз худ намудани луғат амалӣ мегардад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки барои бою рангин гардидани забони модарӣ ва нутқи кӯдакон истифодаи технологияи ахборотӣ-коммуникатсионӣ дар омӯзиши адабиёти бадеӣ ва ғанӣ гардонидани луғати онҳо нақши муҳим дорад.

Ташаккули луғати бачаҳо ва омӯзиши адабиёти бадеӣ тавассути компютер дар ҳаёти маънавию моддии кӯдакон мақоми хосае дорад. Истифодаи дурусту самараноки онҳо ифодакунандаи боигарии забон, тафаккури миллию умумибашарӣ, ақидаҳои панду ахлоқӣ ва таҷрибаи бойи таърихию иҷтимоии миллат мебошанд. Адабиёти бадеӣ суханро зебу ороиш медиҳад, ба забон фасоҳату назокат мебахшад, нутқро таъсирбахшу бурро менамояд ва дар хотири хонандагон устувор боқӣ мемонанд. Дар навбати худ хонандагонро ба фикр рондан, муҳокима намудан, таҳлилу таркиб кардан, хулоса баровардан водор намуда, зеҳн ва ақлу фаросаташонро такмил медиҳад.

Аз ин рӯ, дар ҳар як жанри адабиёти бадеӣ калимаҳои дорои маъноҳои гуногун зиёд буда, дар бисёр лаҳзаҳои дарсҳои забони модарӣ истифода бурда мешавад. Ин жанрҳо: тезгӯяк, зарбулмасалу мақол, панду андарзҳо, афсонаю ҳикоя мебошанд, ки барои инкишофи луғат, нутқи мураттаб ва тафаккури эҷодии кӯдакон аз аҳамият орӣ нестанд.

Истифодаи баъзе аз жанрҳои зикргардидаро бо мақсади ташаккул додани луғати хонандагони синфҳои ибтидоӣ пешниҳод менамоем.

## ТЕЗГӮЯКҲО

Маҷиди абҷир анҷир чид.

**Луғат:** абҷир – ҷусту чолок,чаққон, гиро.

Бист бистари пистоқӣ.

**Луғат:** пистоқӣ – пистаранг, сабз.

Додари дорбоз
Дар сари дор.

**Луғат:** дорбоз - расанбоз.

Акат ангат чида хӯрд
Андак ангат чида бурд.

**Луғат:** ангат- ангат (облепиха)

## ЗАРБУЛМАСАЛУ МАҚОЛҲО

Абрро бонги саг зиён накунад.

**Луғат:** бонг – садо

Аблаҳро дар сухан тавон донист.

**Луғат:** аблаҳ – нодон

Аввал салом, баъд калом.

**Луғат:** калом – сухан

Аввал хеш баъд дарвеш.

**Луғат:** дарвеш – гадо.

## ПАНДУ АНДАРЗҲО

Аниси кунҷи танҳоӣ, китоб аст,
Фуруғи субҳи доноӣ, китоб аст!

***Абдураҳмони Ҷомӣ***

**Луғат:** анис – ҳамроҳ, ҳамдам.
фуруғ – рушноӣ, тобиш, партав, нур,

Ва гар гӯйӣ, накӯ гӯ, эй бародар,
Ки некӯйӣ бо нафъ аст бе зар.

***Носири Хусрав***

**Луғат:** нафъ - фоида, суд, манфиат.

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,

Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ.

*Абӯабдулло Рӯдакӣ*

**Луғат:** нукта - масъалаи нозук, мазмуни дақиқ, сухани пӯшида, каломи рамзнок;
фитода – афтода, оҷиз, нотавон.

Тавре ки дар Консепсияи таълими ибтидоӣ қайд гардидааст таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ ё худи таълими ибтидоӣ пояи ташаккули шахсият, таҳкурсии минбаъдаи омӯзиш мебошад. Вай ҳамчун муайянкунандаи комёбӣ ва нокомии мактаббачагони хурдсол дар фаъолияти минбаъдаи онҳо нақши муҳим мебозад.

Сухан на дар бораи он меравад, ки талабагон дар ин давра навиштан, хондан ва ҳисоб карданро меомӯзанд, ба ҳодисаҳои табиат каму беш шинос мешаванд ва аз силсилаи фанҳои эстетикӣ бохабар мегарданд, балки шавқу ҳаваси маърифатҷӯйии бачаҳо нисбат ба мактаб, таълим ва китоб меафзояд, ки ин вазифаест муҳим ва мушкил.

Муаллим ҳамон вақт ба мақсади дар пеш гузоштаи худ ноил мегардад, ки мазмун ва мундариҷаи ҳар машғулияти навбатиашро дархурди шогирдон гардонда тавонад, то онҳо минбаъд дарси навбатиро бесаброна интизор шаванд. Ба қавле талаба зарф нест, ки мо онро бо дониш пур кунем, балки шаъмест, ки тавонем онро афрӯзем, ҳақ асту рост.

Чӣ тавре ки зикр кардем, асри XX1 асри информатика ва технологияи муосири информатсионӣ мебошад. Ва истифодаи воситаҳои техникӣ дар ҳар дарс ба омӯзгор имконият медиҳад, ки машғулиятҳояш ҷаззобу шавқовар ва самаранокии онҳо ба маротиб афзун гардад. Зарурияти истифодаи компютер дар дарс дар он зоҳир мегардад, ки дарси муаллимро ба он маҷрое, ки ҳадафи хеш қарор додааст, бе душворӣ равона месозад ва муттасил ба пеш меравад.

Сохтори ҳар дарси навбатиашро ҳар омӯзгор бо салоҳдиди худ, дараҷаи омодагии хеш ва таҷрибаи андӯхташудааш таҳия карда, мураттаб месозад.

Яке аз талаботи дарси муосир ин аст, ки омӯзгор онро ҳам аз ҷиҳати назарӣ ва ҳам амалӣ дар хаёли хеш қаблан тасаввур карда тавонад, то дарс дар шакли зарурӣ дуруст танзим гардад.

Ташкили дарс бо технологияи навини таълим аст, шавқовар буда бачаҳоро аз мондашавӣ эмин хоҳад дошт, зеро дарси бо усули нав гузаронидашуда хеле пурмуҳтаво, шавқовар ва ҷолибу диққатҷалбкунанда буда, завқи бачаҳоро афзун мегардонад, ки албатта, ин ҳама аз маҳорати касбии омӯзгор вобаста аст.

## АДАБИЁТ:


1. Баженова Л.М. Медиаобразование как средство художественного развития школьников. - Журнал «Начальная школа» №5, 2002.
2. Завялова О.А. Воспитание ценностных основ информационной культуры младших школьников. - Журнал «Начальная школа» №11, 2005.
3. Зарбулмасалҳои машҳур. Тартибдиханда Бозор Тилавов. – Душанбе, Нашриёти "Ирфон", 1983.
4. Захарова Н.И. Внедрение информационных технологий в учебный процесс. – Журнал «Начальная школа» №1, 2008.
5. Иванов В.В., Зайцева С.А. Этическая составляющая в информационной культуре учителя. - Журнал «Начальная школа» №11, 2005.
6. Каминский В.Ю. Использование образовательных технологий в учебном процессе. – Научно-практический журнал «Завуч» №3, 2005.
7. Мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони соҳаи илму маориф ва аҳли эҷоди мамлакат. ш. Душанбе, 18.03.2020.
8. Рекомендации по использованию компьютеров в начальной школе. - Журнал «Начальная школа» №5, 2002.
9. Серж Тиссерон. Маленькая жизнь для жизни в семейных секретах. Париж, Баярд, 2006.

**Котибова Ш.**

## НАҚШИ ТЕХНОЛОГИЯИ МУОСИР ДАР ТАШАККУЛИ ЛУҒАТ ВА НУТҚИ ХОНАНДАГОНИ ХУРДСОЛ

Дар мақола сухан дар бораи нақши технологияи муосир дар ташаккули луғат ва нутқи хонандагони хурдсол меравад. Қайд мегардад, ки пайдо намудани дониши арзандаро бе истифода бурдан аз технологияи иттилоотии-иртибртӣ, бе компютер, шабакаи интернет ва технологияи мултимедӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Таҳлили адабиёти илмию методии муосир нишон медиҳад, ки технологияи иттилооттӣ дар ҷараёни таълим васеъ истифода шуда истодааст. Таҳсилот соҳаи фаъолияти инсон аст, ки ҳамеша ба воситаҳои мухталифи ҷамъоварии иттилоот диққати махсус медиҳад. Махсусан, дар соҳаи маориф кинофилмҳо, видеофилмҳо, дискҳо, фитаҳои сабти овозии магнитафон, инчунин технологияи нави компютерӣ васеъ ҷорӣ гадидааст.

***Калидвожаҳо:*** технологияи муосир, ташаккули луғат, инкишофи нутқ, хонандагони хурдсол, мазмун, китоб, технологияи мултимедӣ, иттилоот, компютер, Интернет, технологияи иттилоотии-иртибртӣ.

**Котибова Ш.**

## РОЛЬ СОВРЕМЕННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ФОРМИРОВАНИИ СЛОВАРНОГО ЗАПАСА И РАЗВИТИЯ РЕЧИ МЛАДШИХ ШКОЛЬНИКОВ

В статье рассматривается роль современных технологий в формировании словарного запаса и речи младших школьников. Отмечается, что достойной знаний невозможно представить без использования информационных и коммуникационных технологий, без компьютеров, Интернета и мультимедийных технологий. Анализ современной научно-методической литературы показывает, что информационные технологии широко используются в учебном процессе. Образование - это сфера человеческой деятельности, в которой всегда уделяется особое внимание различным средствам сбора информации. В частности, в сфере образования были широко внедрены фильмы, видеофильмы, компакт-диски, магнитофоны, а также новые компьютерные технологии.

***Ключевые слова:*** современные технологии, развитие словарного запаса, развитие речи, юные читатели, содержание, книги, мультимедийные технологии, информация, компьютер, Интернет, информационно-коммуникационные технологии.

**Kotibova Sh.**

## THE ROLE OF MODERN TECHNOLOGIES IN THE FORMATION OF VOCABULARY AND SPEECH OF YOUNG READERS

The article examines the role of modern technologies in the formation of vocabulary and speech of younger students. It is noted that it is impossible to imagine decent knowledge without the use of information and communication technologies, without computers, the Internet and multimedia technologies. Analysis of modern scientific and methodological literature shows that information technology is widely used in the educational process. Education is a field of human activity in which special attention is always paid to various means of collecting information. In particular, films, video films, CDs, tape recorders, as well as new computer technologies were widely introduced in the field of education.

***Key words:*** modern technologies, vocabulary development, speech development, young readers, content, books, multimedia technologies, information, computer, Internet, information and communication technologies.

**Сведение об Авторе: Котибова Ш. П.** – к.п.н., зав. отделом дошкольных учреждений и начального образования Института развития образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана, г. Душанбе, ул. Айни 126. **E-mail:** sharifa.kotibova@mail.ru., тел: (992) 904 53 99 54

**Information about the author: Kotibova Sh.** – c.p.s., the head of Department of preschool centres and elementary education of Institute of a development of education of a name of Abdurahmana Dzhami of Academy of Education of Tajikistan, Dushanbe, 126 Ayni str., **E-mail:** sharifa.kotibova@mail.ru., mob: (992) 904 53 99 54

**Ш. АБДУАЛИЗОДА**

# ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ОИД БА ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВИИ ФАНҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТ ДАР ДАВРАИ ПАНДЕМИЯИ COVID-19

Талаботи зарурии таълими фосилавӣ дар давраи пандемияи COVID-19 барои омӯзгорон як падидаи нав ва ногаҳонӣ аст. Падидаи нав ва ногаҳонӣ на танҳо барои омӯзгорон, чунки онҳо ба системаи таълими анъанавӣ дар синф одат карда буданд, балки барои хонандагон низ ҳаст, чунки онҳо низ бояд ҳаматарафа барои донишандӯзӣ масъулият зоҳир намоянд ва бо иродаи мустаҳкаму тартиботи муайян ба таълимгирӣ машғул шаванд.

Мушкилоти асосие, ки омӯзгори фанҳои филологияи тоҷик ҳангоми таълими фосилавӣ рӯ ба рӯ меояд, ин таълими забон ва адабиёт мебошад. Адабиёт-ин пеш аз ҳама хондан ва муҳокимаи асар, гуфтугӯйи бевоситаи рӯ ба рӯ бо омӯзгору ҳамсинфон буда, танҳо баъд аз он гирифтани маълумоти назариявӣ аст. Маҳз ана ҳамин намуди муошират зимни таълими фосилавии фанни адабиёт душворӣ дошта метавонад. Чӣ бояд кард? Масалан, тавассути таълими фосилавӣ имконият фароҳам меояд, ки санҷиши матни хондашударо бо ёрии тест, ки аз ҷониби омӯзгор мустақилона тартиб дода шудааст, роҳандозӣ намоем.

Мутаассифона, барои омӯзиши фосилавии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик мавод ва сайтҳои интернетӣ қариб, ки тартиб дода нашудаанд. Дар ин раванд зарур аст, ки аз ҷониби мутахассисони технологияи иттилоотӣ барномаҳои махсуси таълимӣ барои телефон ва планшет дар асоси маводи барномаи таълим, дар шакли видеороликҳо, тест, ребус, диаграмма, бозӣ тартиб дода шаванд ва мавриди истифодаи умум қарор гиранд. Айни ҳол, омӯзгор, метавонад тавсияҳои методиро аз сайтҳои русии зерин дастрас намояд ва методикаи таълими забони русиро барои таълими забони тоҷикӣ низ самаранок истифода барад:

1. Қисми «Создать предмет» дар сайти ЯКласс).
2. https://www.freeimages.com/photographer/ugaldew-30895
3. Расписание вебинаров по русскому языку >>>
4. Посмотреть примеры онлайн упражнений по русскому языку и убедиться в их эффективности >>>
5. Сайт Canva
6. http://sociation.org
7. Национальный корпус русского языка.
8. http://www.wortwolken.com/
9. http://www.iqfun.ru/
10. перейти на сайт и создать ментальную карту >>> ва ғайра.

Ғайр аз ин, омӯзгор имконият дорад ҳам аз усули саволдиҳии эҷодӣ ва ҳам иншоҳои хурди эҷодӣ истифода барад. Чунин санҷишҳоро мумкин аст ҳангоми дар хонанишинӣ (карантин) будани хонандагон, ё ин ки берун аз дарс истифода бурд. Натиҷаҳои тест, одатан, нишон медиҳанд, ки мо бояд ба кадом ҷиҳати мавзӯъ аҳамияти бештар диҳем, аз ҷумла — муайян мегардад, ки ҳангоми гузаронидани дарси оянда ба чӣ бояд диққати ҷиддӣ диҳем. Ғайр аз ин, саволҳои тест худи бачаҳоро метавонад бо мавзӯъ пурра шинос намояд ва нишон диҳад, ки кадом ишораҳои аниқ ва дақиқро бояд онҳо гузоранд. Хуб мешуд, агар ба чунин тестҳои эҷодӣ муаллим функсияҳои махсуси супоришҳои электрониро истифода бурда, тавзеҳот илова намояд.

Ҳамин тариқ, мо на танҳо кори хонандаро тафтиш карда метавонем, балки маводи зарурино низ қабл аз кори эҷодӣ ба хонанда дода метавонем. Таълими онлайни забони тоҷикӣ бартариҳои зиёд дорад. Масалан, базаи зарурии таълимро дар хотираи маводи электронӣ нигоҳ дошта мешавад, ки ҳам барои омӯзгор ва ҳам барои хонанда дастрас хоҳад буд, тамоми маълумоти назариявӣ муфассал ва фаҳмо ҷойгир намуда мешавад. Агар хонанда ягон маводро нафаҳмад, ба осонӣ метавонад аз хотираи он рӯйандозӣ намуда, хонад. Ғайр аз ин, тамоми маводи назариявиро бо супоришҳои амалӣ коркард намуда, мустаҳкам намояд. Зимнан, борҳо, ба такрор метавонад ин амалро такрор намояд. Супоришҳо бошанд, тамоман такрор намегарданд ва нав ба нав мебошанд. Агар хонанда

ба хато роҳ диҳад, система муфассал далелҳои худро баён менамояд ва раванди амали минбаъдаро низ пешниҳод менамояд.

Рушди ҷомеа, таъмини амнияти ҷамъият ва давлат, сифати зиндагии мардум, расидан ба сатҳи ҷаҳонии иқтисодиёт, азхудкунии имкониятҳои нави технологӣ ва умуман рушди иҷтимоӣ мустақиман аз фаъолияти маориф, ташкили ҷараёни бонизому босифати таълиму тарбия, ба таври дигар, аз сатҳи саводнокии миллат вобаста аст [ 4, 132]. Дар ҳақиқат бо истифодаи имкониятҳои нави технологӣ сифати таълим боз ҳам беҳтар гардида, дар заминаи тайёр намудани мутахассисони баландихтисос низоми муайяни он таъмин мегардад. Бо волидайн низ бе сарфи зиёдатии вақт онлайн вохӯрӣ гузаронидан мумкин аст.

Тавассути интернет гузаронидани корҳои санҷишии тестӣ ва нақли хаттӣ бениҳоят осон аст, вале барои навиштани иншо ва диктант бояд чӣ гуна рафтор кунем? Ба назари мо навиштани иншо дар шароити хона бисёр таҷрибаи хуб аст. Муаллим дар экрани компютер файли номгӯйи мавзӯъҳоро мегузорад ва супориш медиҳад, ки хонандагон аз рӯйи мавзӯи интихобнамудаашон иншо нависанд. Танҳо омӯзгор бояд тавсияҳои муҳимро оид ба навиштани иншои мукаммал ва мувофиқи талабот ба хонанда пешниҳод намояд. Дар ин маврид чӣ тавре ки дар боло қайд намудем, масъулияти худи хонанда зарур аст, ки супоришро бояд сари вақт ва босифат анҷом диҳад ва аз маводи тайёр рӯйбадор накунад. Омӯзгор дар ин маврид метавонад аз рӯйи барномаи плагиат иншоро тафтиш намояд ва шаффоф навишта шудани онро муайян намояд.

Дар масъалаи диктант гирифтан бошад, барномаи махсусе мавҷуд аст, ки тамоми қоидаҳои грамматикаи забони тоҷикӣ бояд ба хотираи компютер ворид намуда шавад ва вақте, ки тавассути компютер хонанда диктантро менависад, дар монитор ба зери вожаҳои хатодошта, аломатҳои китобии нодуруст гузошташуда, ё аз матн афтида хати мавҷнок кашида мешавад. Бо ислоҳ намудани хатоҳои грамматикӣ он хати мавҷнок нест мегардад. Оид ба масъалаи ҳусни хати хонанда қайд намудан лозим аст, ки ҳангоми таҳсилоти фосилавӣ омӯзгор имкон дорад танҳо бо нусхаи чопии навиштаи хонанда кор барад ва нусхаи дастнависро танҳо аз дур назар намояд. Ҳалли ин масъала низ душвор нест, чунки дар замони пешрафти технологияи электронӣ қисми зиёди корҳои эҷодӣ, илмӣ ва омӯзишӣ ба таври чопӣ-электронӣ сурат мегиранд. Бо ин мақсад муҳаққиқон бояд бо муассисаи озмоишӣ алоқаи мустаҳками ҳамкориро ба роҳ монанд, чорабиниҳои таълимиро баргузор намоянд ва болоравии сатҳи дониши хонандагони ҳар як синфро дар мактаб назорат намоянд. Агар омӯзгорон бо маводи таълими фосилавӣ шиносоӣ дошта бошанд ва вариантҳои усули пешбарии дарсро пешниҳод намуда тавонанд, гузариш ба системаи таҳсилоти фосилавӣ ташвишовар нахоҳад буд.

Бо мақсади паст намудани хатари паҳншавии бемории нави сироятии коронавирус дар муассисаҳои фаъолияти таълимидошта оид ба татбиқи барномаи таълимии таҳсилоти ибтидоии умумӣ, асосӣ, иловагӣ, миёнаи касбӣ ва олии касбӣ барномаҳо бо истифодаи воситаҳои электронии таълими фосилавӣ бояд таҳия гардида, мавриди баҳрабардорӣ қарор гиранд.

Пайдоиш ва паҳншавии босуръати бемории COVID-19 ва риояи талаботи фосила аз якдигар барои соҳаи маорифи мамлакатҳои бисёри рӯйи дунё як акси садоест, ки системаи фосилавии таълимро тақозо менамояд. Маълум аст, ки ин намудани таълим бо сабаби мувофиқтар ва қулайтар будан актуалӣ гашта боз ҳам бештар рушду такомул меёбад. Пеш аз ҳама дар ин намуди таълим новобаста аз ҷойи зисти таълимгиранда, дар ҳама ҷо дониш гирифта метавонад. Ғайр аз ин, таълимоти фосилавӣ ба тамоми талаботи зиндагии замонавӣ мувофиқат менамояд, махсусан барои сарфа намудани хароҷоти роҳ, вақт ва ташкил намудани тамоми системаи маводу ашёи хониш. Дар бораи таълими фосилавӣ имрӯз танҳо шахсоне маълумот надоранд, ки ҳавсалаи кам дошта, аз пешравии системаи электронии замонавӣ хабардор гаштан намехоҳанд. Ҳол он ки имконият мавҷуд аст, ки бо тамоми ихтисосҳо таълими фосилавӣ ба роҳ монда шавад, аз ҷумла барои таълими забон ва адабиёти тоҷик.

«Яке аз самтҳои муҳимтарини такмили раванди таълим ин кори мустақилонаи донишҷӯён ба воситаи таълими фосилавӣ мебошад, ки қисмати таркибии ҷараёни таълим буда асоси он ҳузури виртуалиро ташкил медиҳад. Стандартҳои давлатии таълим муайян мекунад, ки таълимгирандагон на бояд объект, балки субъекти ҷараёни таълим бошанд. Омӯзгор бояд аксари масъулияти доираи таълимро бар ӯҳдаи худ бигирад» [14,44].

Истиқоматкунандагони ноҳияҳои дурдаст имконият пайдо мекунанд, ки дар назди мутахассисони беҳтарин маълумот гиранд, хонандагони пойтахт бошанд, курсҳои арзонтарро ёфта таҳсил намоянд. Кӯдакони имкониятaшон маҳдуд низ имкон пайдо мекунанд, ки бе душворӣ маълумоти заруриро гиранд. Машқҳои муосири забони тоҷикии онлайнро хонанда метавонад дар дафтар рӯйбардор намояд, калимаҳоро бо расмҳо дар экран бинад, бо овози баланд ҳамроҳи омӯзгор хонда ва ба бозиҳои таълимӣ машғул шавад. Дар сурати зарурат вақт сарф карда, матнҳоро навиштан низ лозим нест, балки онҳоро бо мушак яклухт ҳар тараф бурдан мумкин аст. Барои дар зерин онҳо хат кашидан ҷадвалу қалам намекобаду бо як ишораи мушак хат мекашад. Ба воситаи сарфаи вақт хонанда метавонад дар муддати кам машқҳои зиёдеро иҷро намояд. Таблитса ва қоидаҳои забони тоҷикӣ низ барои хонанда ҳамеша дастрас хоҳанд буд.

Барои таълими қисми лексикологияи забони тоҷикӣ масалан, филворде тартиб дода шудааст, ки бозии шавқовар буда, зиёда аз 2000 маъмултарин калимаҳои тоҷикиро дар бар мегирад. Онро дар замони хона нишастан тамоми аҳли оила метавонанд бозӣ кунанд, байни ҳам мусобиқа кунанд ва ҳамзамон кӯдак таълим гирад. Чунин бозиҳо барои инкишофи функсияи когнитивии майнаи сар низ хизмат намуда, онҳо мантиқан фикр карданро ёд мегиранд. Бозӣ аз 220 дараҷаи гузариш иборат буда, аз сода ба мураккаб рафтан мегирад. Мисол, дар дараҷаи 3-юм чунин ҳарфҳо омадаанд ва хонанда бояд аз онҳо калима созад:




2 калима: сол ва нафақа

Дар дараҷаи 220-ум бошад, супориш мукаммал гардида, чунин шакл мегирад:



11 калима: дилбанд, тақсир, мӯмиё, бештар, шукрона, нозанин, қанд, қушӯн, аброр, сиёҳӣ, пайванд.

«Тӯҳфа»-и беҳтарине, ки тавассути технологияҳои информатсионӣ ба мо дастрас гаштааст, ин сохтани презентатсияҳо мебошад. Агар ин шумо тамоми функсияҳои онро истифода баред, видеоролик, сурат, таблитса ва ҳисоботи экзелро самаранок истифода бурда, дар вақти муносиб презентатсия тартиб диҳед, пас шумо эҳтиёҷ ба ягон барномаи дигари интернетӣ нахоҳед дошт. Барои ин воситаи стандартии электронии Power Point ва сайти Canva кифоя аст.

Ба кӯдак супориш додан лозим аст, ки на танҳо ба бозиҳои интерактивии забони тоҷикӣ машғул шаванд, балки ба ҳар як кас, ё як гурӯҳ як мавзӯъро вобаста намуда, фурсат таъйин намудан лозим аст, ки худашон низ чунин бозиҳоро тартиб диҳанд. Омӯзгор дар аввал ва охири дарс метавонад ба таври кӯтоҳ омилҳои пешгирии касалии коронавирусро ба шогирдон хотиррасон намояд ва дар тамоми раванди дарс дар як гӯшаи экран навиштаи «Дар хона менишинем!» сабт гардад.

Ҳамин тавр, метавон гуфт, ки дарси фосилавии забон ва адабиёти тоҷик дар давраи пандемия талаботи рӯз буда, ҷустуҷӯи роҳу усулҳои нави таълим, истифодаи самараноки воситаҳои электронӣ дар шароити карантин ва нишастан дар хона масъалаҳои зиёди ҳалталаберо дорад, ки ҳаллу фасли онҳо таҳқиқоту омӯзиши мутахассисони зиёдеро талаб мекунад. Пешниҳод дорем, ки курсҳои махсус барои омӯзгорон ҷиҳати таълими таҳсилоти фосилавӣ ташкил намуда шавад.

**АДАБИЁТ:**


1. Дистанционное обучение в профильных классах общеобразовательной школы [Текст] / Е. С. Полат // Интеграционные процессы в образовании : материалы Международной науч.-практ. конф., Москва, 20-22 апр. 2006 : в 2-х ч. Ч. 1. – М., 2006. – С. 163-171.
2. Журавлева О.Б. Дистанционное обучение: концепция, содержание, управление/О.Б.Журавлева, Б.И.Крук.- Новосибирск: Изд-во Сиб.гос.ун-та телеком.и информатики, 2001. - 128 с.
3. Zhuravlyova O.B.Distance Tuition: Concept, Content, Direction/O.B. Zhuravlyova, B.I.Kruk. - Novosibirsk: Publishing-house of Siberian State University of telecommunication and computer science, 2001. - 128 p.
4. Каримзода М. Б. Таҳсилоти босифат ба хотири рушди устувор ва ташаккули салоҳиятҳои асосии шаҳрванди асри ХХ1/М. Б. Каримзода // Ученные записки Худжандского государственного университета им. Академика Б. Гафурова. Гуманитарные науки.-2019.-№2.-С.38
5. Kolmogorova Ye.V. Pedagogical Grounds of Distance Tuition/ under the editorship of B.I.Kruk/Ye.V. Kolmogorova. -Novosibirsk: Vedi, 2005. - 320 p.
6. Попов В.В. Дистанционное образование в свете креативной педагогики /В.В.Попов// Дистанционное Образование. - 1997 . - №3. - С. 30
7. Процесс обучения в виртуальном образовательном пространстве [Текст] / О. П. Околелов // Информатика и образование. – 2001. – № 10. – С. 66-70 : Дистанционное образование. – 2000. – № 3. – С. 37-43.
8. Rahimov N.T. Distance Education in Khujand/N.T. Rahimov//Education: Strategy of Changes/ The materials of theoretical-practical conferences under TTU./N.T.Rahimov.-Dushanbe, 2000.- P.85- 86.
9. Стартегияи миллии рушди маорифи Точикистон то соли 2020
10. Устюгова В.Н. Валитов Р. А.. О процессе создания системы дистанционного обучения в Татарском государственном гуманитарно-педагогическом университете (ТГГПУ). Международный журнал "Образовательные технологии и общество". Том 13, номер 2 2010, с.225-239. URL: http://ifets.ieee.org/russian/depository/v13_i2/pdf/1r.pdf (дата обращения 10.12.2010)
11. Устюгова В. Н. Система дистанционного обучения Moodle. Учебное пособие. Казань, ТГГПУ, 2010. - 250 с.
12. Устюгова В.Н. Практикум для изучения возможностей работы в системе дистанционного обучения Moodle. Учебное пособие. Казань, ТГГПУ, 2010. -54 с.
13. Fayzalizoda B.F., Bobojonov F.B., Khushanov F.Y. Information technologies and remote education in the sphere of medicine in the Republic of Tajikistan[Text] / // International scientific conference «Scientific research of the SCO countries: synergy and integration» ("Scientific research of the SCO countries: synergy and integration"). Venue - Beijing, China (together with participants from Minzu University of China).Beijing, China - March 11-12, 2019. С. – 85-87.
14. Файзализода Б.Ф. Ташкили корҳои беруназсинфии мустақилонаи донишҷӯён ба воситаи низоми фосилавии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии педагогӣ. Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. 2020.- № 1, (34). С.-132.
15. AWStats official web site. URL: http://awstats.sourceforge.net/ (санаи назаркард 06.08.2020).

**Шаҳлои Абдуализодаи Тоҳириён**
**ТАВСИЯҲОИ МЕТОДӢ ОИД БА ТАЪЛИМИ ФОСИЛАВИИ ФАНҲОИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТ ДАР ДАВРАИ ПАНДЕМИЯИ COVID-19**

Мушкилоти асосие, ки омӯзгори фаннҳои филология ҳангоми таълими фосилавӣ рӯ ба рӯ меояд, ин таълими забон ва адабиёт мебошад. Мутаассифона, барои омӯзиши фосилавии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик мавод ва сайтҳои интернетӣ қариб, ки тартиб дода нашудааст. Дар мақола тавсияҳои методӣ оид ба таълими фосилавии фанҳои забон ва адабиёт дар давраи пандемияи COVID-19 пешниҳод гардида, бо мисолҳои мушаххас ва далелҳои назариявии илмӣ асоснок намуда шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *адабиёт, таълим, омӯзиш, таълими фосилавӣ, технологияи иттилоотӣ, самаранокӣ, натиҷаҳо.*

**Шахлои Абдуализодаи Тохириён**
**МЕТОДИЧЕСКИЕ РЕКОМЕНДАЦИИ ПО ДИСТАНЦИОННОМУ ОБУЧЕНИЮ ДИСЦИПЛИН ЯЗЫКА И ЛИТЕРАТУРЫ ВО ВРЕМЯ ПАНДЕМИИ COVID -19**

Основными проблемами, с которыми сталкивается преподаватель предмета филологии при дистанционном образовании, являются преподавание языка и литературы. К сожалению, для промежуточного изучения дисциплин таджикского языка и литературы материалы и интернет-сайты почти не составлены. В статье представлены методические рекомендации по дистанционному обучению предметов языка и литературы в период консультации COVID-19 и обоснованы конкретными научными шаблонами и теоретическими аргументами.

**Ключевые слова:** *литература, воспитание, обучение. дистанционное обучение, информационные технологии, эффективность, результат..*

**Shakhloi Abdualisodai Tokhiriyon**
**METHODOLOGICAL RECOMMENDATIONS FOR DISTANCE LEARNING OF LANGUAGE AND LITERATURE SUBJECTS DURING THE COVID PANDEMIC-19**

The main problems faced by the teacher of the subject of Philology in distance education are the teaching of language and literature. Unfortunately, for intermediate study of the Tajik language and literature, materials and Internet sites are almost not compiled. The article presents methodological recommendations for distance learning of language and literature subjects during the COVID-19 consultation period and is based on specific scientific templates and theoretical arguments.

**Keywords:** *literature, education, training. distance learning, information technology, efficiency, results.*

**Сведения об авторе: Шахлои Абдуализодаи Тохириён** – кандидат филологических наук. Заведующий отделом филологических дисциплин Института развития образования Академии образования Таджикистана имени А. Джами. Тел.: + 992 884 088 123, e-mail: Shahlo_vak @mail.ru.

**Information about author: Shakhloi Abdualisodai Tokhiriyon** – Candidate of Philological Sciences. Head of the Philology Department of the Institute of Educational Development of the Academy of Education of Tajikistan named after A. Jomi. Phone: + 992 884 088 123, e-mail: Shahlo_vak @mail.ru.

**Ҷ. ҲАБИБУЛЛО**

# ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ИНКИШОФИ МАЛАКАҲОИ ТАЛАФФУЗИ ХОНАНДАГОН

Омӯзиши вазъи таълими забони англисӣ дар мактабҳои ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки натиҷаҳои ба дастоварда талаботи даврро қонеъ гардонда наметавонад. Муаллимон ба масъалаҳои назарӣ бештар эътибор дода барои дар амал татбиқ намудани он намекӯшанд. Чуноне ки М.Лутфуллоев роҷеъ ба омузиши забони модарӣ гуфтааст, ки айнан ба омӯзиши забони англисӣ ҳам тааллуқ дорад: «Зиёда аз ин дар давоми солҳои охир ҳам мурратибони программаю ҳам муаллифони китобҳои дарсӣ аз омӯзиши забони модарӣ ба таври умумӣ ва аз омӯзиши инкишофи нутқу маданияти сухан гурез карда, роҳи грамматикакунонии таълимро пеш гирифтаанд». /М.Л.129/. Омӯзгорони мактаб беш аз ҳама ба китобҳои дарсии «Забони англисӣ» маҳдуд мешаванд, онҳо ба таълими забони англисӣ эҷодкорона рафтор накарда, аз хонандагон танҳо тутивор аз ёд намудани таърифоту қоидаҳои грамматикӣ ва иҷрои машқҳои якнавохти китоби дарсиро талаб мекунанду халос. Дар натиҷа, хонандагон қоидаҳоро баён карда тавонанд ҳам, дар амал ин дониши гирифтаро истифода бурда наметавонанд. Яъне муаллим ба масъалаҳои назарӣ

бисёр эътибор медиҳад, аммо барои дар амал татбиқ намудани он кам саъй менамояд. Чизи аввале, ки аз мактабиён талаб карда мешавад, риояи нутқи модарист. Грамматикаро бо мақсади дурустии нутқ, бояд биомухт, то ба забони табиӣ, оддӣ, ширин ва равон сухан карда тавонист. Яъне мо таълимро бояд тавре ба роҳ монем, ки ба нафъи инкишофи нутқ, ва маданияти сухани хонандагон замина гузорад [2,56-60].

Баҳсҳои зиёде дар бораи дар кадом синнусол талабагон бояд омӯзиши талаффузро оғоз намоянд мавҷуд мебошад. Аксари коршиносон ба ақидаеанд, ки ин масъала синнусоли барвақтина беҳтар аст. Каролин Никсонва Мишел Томлинсон дар китоби худ қайд намуданд, ки то синни дувоздаҳ кӯдакон на он қадар метавонанд мисли кудакони сездаҳсола худидоракунии бошуурона дошта бошанд. Барои ҳамин, талабагон бештар ҳисси қабулкунӣ ба садоҳо ва талаффузи намунаҳои таълим дар солҳои эҷоднамоии худ доранд. «Таълим ва дуруст намудани талаффуз дар зинаи авали рушди шогирдон хеле осонтар аст, аз оне, ки ба ислоҳ намудани талаффузи хатогиҳо дар синни дертар аз он вақти дучанд сарф намоем " (Никсон ва Томлинсон 9).

Дар ҳалли мушкилоти ҷойдоштаи талаффузи куҳнашуда» аз тарафи Энн Бейка низ пешниҳод шудааст. Ӯ иддаъо мекунад, ки таълими талаффуз бояд аз сатҳи дертар дида, барвақтар оғоз карда шавад, (Э.Б.).

Ҳар як соҳаи илм вобаста ба хусусиятгирӣ методи илмии худро дорад, ки маҳз барои ҳамон соҳаи илм мавриди истифода қарор мегирад. Вале ба ин нигоҳ накарда методология барои ҳамаи соҳаҳои илм ҷиҳатҳои умумӣ ҳам дорад.

Пеш аз ҳама методология маънии методи илмро дорад. Маълум аст, ки дар ҳалли масъалаҳои назариявӣ, қонуну қонуниятҳо, ҳодисаҳо ва воқеаҳо ба он такя мекунад. Ин ҳоло танҳо алифбои методология аст. Дар асл бошад, он бисёр масъалаҳои печида, мураккаб, аз доираи назар пинҳон ва баҳсталаброр дарбар мегирад.

Дар мадди аввал месазад ҳамин нуқтаро қайд кард, ки дар даҳсолаҳои охир дар тамоми ҷаҳон ба кор карда бароమадан, дурусттараш таҳқиқ намудани проблемаҳои методологияи илмҳо ниҳоят ҷиддӣ машғуланд. Ба ин масъала диққати мутахассисони тамоми соҳаҳои илм равона карда шуда истодааст [2,137-139].

Аз ҷумла, дар «Вожаномаи фалсафа ва методологияи илм» доир ба мафҳуми методология ба таври возеҳ таъкид шудааст: «Методология-ҷавҳари фалсафаи илм ба ҳисоб меравад. Онро метавон ҳамчун таълимоти фалсафӣ дар бораи низом, меъёрҳо ва усулҳои таҳқиқотӣ, дар шаклҳо, сохторҳо ва вазифаҳои донишҳои илмии дар амалия санҷидашуда маънидод намуд.

Методологияи илм бар мабодӣ ва қонунҳои умумии фалсафӣ такя намуда, таърихан бар пояи гносеология ва эпистемология, мантиқ ва дар солҳои охир инчунин бар пояи илмҳои таърих, сотсиологияи илм, психологияи иҷтимоӣ ва фарҳангшиносӣ пайдо ва рушд ёфт» [5,3-119] .

Бе муболиға гуфтан мумкин аст, ки аз худ намудан ва кор карда баромадани проблемаҳои методологияи педагогӣ барои аз таҳқиқи баъзе проблемаҳои актуалии методологӣ ба ташаккули методологияи педагогӣ, ҳамчун системаи донишҳо гузаштан, мадад мерасонад.

Донишҳои методологӣ аз ду сарчашмаи асосӣ баҳра мебарад. Якум, аз таҳқиқи проблемаҳои аниқи педагогӣ, ки дар онҳо ин ё он принсипҳо ва методҳои ҷустуҷӯи илмӣ истифода бурда ва инкишоф дода шудаанд ва дуюм аз таҳқиқотҳои методологии худ. Ин проблемаҳо бештар дар таҳқиқотҳои И. Я. Лернер, Л. Я. Зарин, В. С. Ильин, Н. А. Половникова, А. П. Сидельников ва дигарон инъикоси худро пайдо кардаанд. Ба ақидаи онҳо яке аз вазифаҳои таҳқиқоти методологӣ - ошкор ва таҳлил намудани муҳимтарин мақом ва методҳои дарёфти аниқ баҳо додан ба онҳо, аз нав кор карда баромадан ва истифода бурдани онҳо барои дарки минбаъда мебошад.

**Стратегияҳо барои такмили маҳоратҳои хонандагон**

А) Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки оид ба мавзӯи дилхоҳ гузориши панҷдақиқагӣ омода намоянд. Ба ҷойи аз рӯйи дафтарҳо хондан, аз онҳо хоҳиш намоед, ки аз рӯйи сарлавҳаҳои асосӣ нақлкунанд. Чунин озмунро аввал дар сатҳи синф, сипас дар сатҳи мактаб ва ҳатто дар сатҳи ноҳия гузаронида метавонед.

Б) Кортҳои мавзӯӣ Маҷмӯаи 50 корти мавзӯиро (дар ҳар кадомаш як мавзӯи сода навишта шудаанд) омода намоед. Хонандагон бояд як кортро аз қуттӣ гирифта, 2 дақиқа омода шуда, то се дақиқа гузориш диҳанд.

Гузориши онҳо бадоҳатан буда метавонад. Мавзӯъҳо чунин буда метавонанд: борон, бӯйи нон, хонаи хобби ман, чизе, ки хандаи маро меорад, рӯзи аввалини ман дар мактаб, дар роҳи мактаб ман .... дидам, саг дар бораи чӣ фикр мекард ва ғайра. Диққати асоси дар ин ҷо ба такмили маҳорати сухан рондан равона мегардад. 50

В) Нақшофарӣ Аз гурӯҳи хонандагон хоҳиш намоед, ки аз рӯйи мазмуни матн саҳнача таҳия намоянд. Хонандагон бо шавқи том ин фаъолиятро иҷро менамоянд. Ҳатто хонандагони шармгин низ худро салоҳиятнок ҳис мекунанд, зеро онҳо ба нақш дода шуда, худро ҳамчун қаҳрамони намоиш тасаввур менамоянд [7,373].

Г) Курсии тафсон Дар синфҳои ибтидоӣ бо ин мақсад усули «Курсии тафсон»-ро васеъ истифода кардан мумкин аст.

1. Хонандагон мустақилона матнро мехонанд.
2. Доир ба яке аз симоҳои мусбиву манфии матн саволҳо тартиб медиҳанд.
3. Барои иҷрои нақши симои матн хонандае интихоб мегардад.
4. Ба ӯ саволҳо дода мешаванд. Намуна: Истифодаи усули «Курсии тафсон» пас аз хондани матни «Хотираи Қаҳрамони ҷаҳон дар варзиш». Як нафар хонанда ҳамчун Зебуннисо Рустамова дар маркази давра қарор мегирад. Дигарон ба ӯ савол медиҳанд. Масалан: Хонандаи 1. Лутфан бигӯед, ки шумо ба кадом навъи варзиш машғул будед? Зебуннисо Рустамова: Ман ба камонварӣ машғул будам. Хонандаи 2. Дастаи шумо аз чанд нафар иборат буд? Зебуннисо Рустамова: Дастаи мо аз чор нафар иборат буд. Хонандаи3. Шумо ба кӣ ёрӣ расондед? Зебуннисо Рустамова: Ба яке аз духтарони даста. Хонандаи 4. Президенти федератсияи ҷаҳонӣ оид ба камонварӣ ба назди шумо омада чӣ гуфт? Зебуннисо Рустамова: Ӯ ба ман гуфтканӣ чемпиондухтар, ватанатро аз харита нишон деҳ. Тавсия ба омӯзгор: Шумо усули мазкурро дар мавридҳои ба ёд овардани сюжети матн, таҳлили амалу рафтори симои матн истифода баред.

Шумо диққати худро натанҳо ба шахси ҷавоб додаистода, балки ба саволдиҳандагон низ равона созед. Мушоҳида кунед, ки кадоме аз онҳо савол доданду кадоме не. Барои истифодаи усул 5-10 дақиқа вақтро муайян намоед. Ин усул имкон медиҳад, ки шогирдони шармгину камҷуръат ҳам ба раванди дарс ҷалб карда шаванд.

Бисёре аз мо ба ин ақида розӣ ҳастанд, ки талаффузи дуруст ба мо имконияти нигоҳдоштани сӯҳбати фаҳморо медиҳад. Ҳатто агар хонандадорои дониши хуби грамматикӣ ва лексикӣ ҳам бошад, аммо ҳатман дар муошират бо сабаби мушкилот дар талаффуз номуваффақии худро ҳис менамояд. Ин таҷриба, ки агар такрор шавад, метавонад хеле шахсро рӯҳафтода ва ноумед намояд [7,364].

Азбаски мо забонҳои хориҷиро одатан барои мақсадҳои коммуникативӣ омӯхтаистодаем, яке аз ҳадафҳои омӯзишӣ ин ба даст овардани муваффақияти азхуднамоӣ бояд бошад.

Ҷон Кенворси таърифи азхуднамоиро гуфтааст: « Азхуднамоӣ - аз ҷониби шунаванда дар худи ҳамон як вақт фаҳмида ва дар худи ҳамон як вақт додан мебошад» (Кенворси 13).

Яке шояд эътироз намояд, ки ҳангоми омӯзиши забони хориҷӣҳадафи мо бояд талаффузи монанди забони модарӣ бошад. Азбаски он хеле кам ба ҳадаф расидааст, ва аз ин рӯ барои донишомӯзон ғайри ҳақиқӣ ва номуносиб ба шумор меравад. (Кенворси 3).

Тавре ки қаблан гуфта шуда буд, ки талаффузи монандии забони модарӣ барои аксарияти омузандагони забон хориҷӣ бемуваффақият мебошад.

Дар ин боб рӯйхати баъзе омилҳо, ки ба мо дар роҳи омӯзиши забони хориҷи таъсир мерасонад ва моро аз талаффузи монандии забони модарӣ ҷилавгирӣ менамояд қайд карда шудааст [1,19-26].

**Стратегияҳо барои такмили малакаи хондан**

А) Талқини хондан чун воситаи истироҳат

Ҳарчанд мамлакати мо фарҳанги бойи адабӣ дошта бошад ҳам, бо сабаби баланд будани нархи китобҳо ва дахолати воситаҳои гуногун, аз ҷумла, телефонҳои мобилӣ, насли наврас назар ба наслҳои пешина кам китоб мехонанд ва дар натиҷа одамон хонданро ҳамчун воситаи истироҳат намеҳисобанд. Аксари китобхонаҳои мактабӣ асарҳои бадеӣ надоранд.

Омӯзгор метавонад шавқи хонданро тавассути мутолиаи порчаҳои асари бадеие, ки худашон дӯст медоранд дар ниҳодашон бедор намояд. Ё метавон аз хонандагон хоҳиш кард, ки якчанд дақиқаи дарс порчаеро аз асари (китоби) дӯстдоштаашонро ба аҳли синф қироат намоянд.

Одатан хонандагон 49 порчаи матнеро шунаванд, дар онҳо завқи мутолиаи пурраи матн пайдо мешавад. Инчунин шумо метавонед аз аҳли ҷомеа хоҳиш намоед, ки ба мактаб китобҳои бадеӣ тақдим намоянд ё аз хонандагон хоҳиш намоед, ки бо ҳамдигар китобҳоро иваз намоянд

Б) Ташкил намудани китобхонаи синф

Аз ҳама роҳи осони ташкил намудани китобхонаи синф ин ба роҳ мондани барномаҳои гуногуни навиштани эҷодӣ аст.

Агар шумо нусхаҳои беҳтарини кори хаттии хонандагонро нигоҳ дошта онро ҳамчун маводи хониш истифода баред, бисёр хуб мешавад. Дар хотир дошта бошед, ки барои дар хонандагон бедор намудани завқи хондан онҳо бояд хонданро зиёд машқ кунанд. Миқдори матни хондаи онҳо зарур аст.

В) Таҳлили видеоӣ

Бо назардошти он ки видео воситаи муҳими ахборотӣ ба шумор рафта, онро ба осонӣ дастрас кардан мумкин аст, шумо метавонед аз хонандагон хоҳиш намоед, ки филми тасвириро тамошо карда онро ба таври зерин таҳлил намоянд:

- сохтори кадр;
- истифодаи технологияҳои наворбардорӣ, ба монанди лаҳзаҳои рекламавӣ,
- нақли паси кадр ва ғайра; оё намоишномаро ба осонӣ фаҳмидану пешгӯйӣ кардан мумкин аст?
- мақсади муаллифи намоишнома чист?
- Агар шумо дастгоҳи намоишдиҳандаи видеоӣ надошта бошед ҳам, метавонед аз хонандагон хоҳиш намоед, ки филмро нақл кунанд ва ҷиҳатҳои қавӣ ва сусти онро таҳлил намоянд.

Г) Намунаи саволҳое, ки хонандагонро ба ҷавоб гуфтан ҳавасманд мегардонанд.

1. Бо симои матн дӯст будан мехоҳӣ? Ҳа! Барои чӣ? Не! Чаро?
2. Агар ту ба ҷойи он симо мебудӣ, чӣ мегуфтӣ?
3. Оё дуруст рафтор кард?
4. Ӯро чӣ маҷбур намуд, ки чунин рафтор кунад?
5. Кадом хислатҳои ӯ ба ту маъқул шуданд (нашуданд)? Чаро?
6. Муносибати вай бо дигарон хуб аст?
7. Чӣ маслиҳат медодӣ?
8. Мехостӣ, ки яке аз симоҳои матн бошӣ?
9. Агар симоҳои матн дар синфи шумо мебуданд, дар ҳаёти синфи шумо ягон дигаргунӣ мешуд?
10. Ҳангоми хондан кадом ҳиссиёт туро фаро гирифт?
11. Кадом ибораҳо бештар ба ту маъқул шуданд?

**Стратегияҳо барои такмили малакаи шунидан**

А) Мақсадҳои шуниданро ба эътибор гиред. Барои такмил додани малакаи шунидан ба ғайр аз диктант воситаҳои гуногун истифода мешаванд. Он ба мақсади таълим вобаста аст. Мақсади асосӣ дарк кардани чизи шунида ва аз он маънӣ бардоштан аст. Ҳарчанд ҳамаи вазифаҳои забонӣ унсурҳои тақвиятдиҳанда дошта бошанд ҳам, ба монанди дониши луғавӣ ва ғайра, дар ҳар лаҳзаи дарси забон малакаи шуниданро такмил додан мумкин аст.

Б) Истифодаи маводи гуногун.

Хушбахтона мавод барои такмили малакаи гӯш кардан хеле зиёд аст! Маводи навишторӣ ва гуфтории хонандагонро ҳамчун мавод барои шунидан истифода бурдан мумкин аст. Даъват кардани гӯянда ё корҳои хаттии хонандагони дигарро инчунин истифода бурдан мумкин аст [9,5].

Инчунин метавонед сабтҳои намоишҳои телевизионӣ ё барномаҳои радиоиро истифода баред, лекин барои ин шумо бояд онҳоро сабт кунед. Мо инчунин бояд як қатор навъҳои матнро аз қабили, эълон, ҳикоя, ахбор, матни суруд ва ғайраро истифода барем.

## АДАБИЁТ:

1. Азимов, Э.Г., Щукин А.Н. Словарь методических терминов (теория и практика преподавания языков). Э.Г., Азимов, А.Н. Щукин– СПб., 1999. – 472 с.
2. Ахметгалиев, А. Мотивация деятельности на уроках английского языка // Английский язык в школе. А. Ахметгалиев, - 2006. - № 2. - С. 56 – 60.
3. Бим, И.Л. Теория и практика обучения английскому языку в средней школе / И.Л.Бим. - М.: Просвещение, 2003. – 356 с.
4. Бухбиндер, В.А. Основные типы уроков иностранного языка и их дидактико-методические модели // Общая методика обучения иностранным языкам: Хрестоматия/сост. Леонтьев А.А. – М.: «Русский язык», 1991. - С. 137 – 139.
5. Водзинский, Д.И. Воспитание интереса к знаниям у школьников / Д.И.Водзинский. - М.: Просвещение, 2003. - С. 5 – 138.
6. Вятютнев, М.Н. Обучение иностранному языку в начальной школе. //Иностранный язык в школе. - 1990. - № 6. – с. 49.
7. Гез, Н.И., Ляховицкий и др. Методика обучения иностранным языкам в средней школе / Н.И.Гез., М.В.Ляховицкий. – М.: Высшая школа,1982.–С.373
8. Гез, Н.И., Миролюбов А.А. Методика обучения немецкому языку в средней школе / Н.И.Гез. – М.: Педагогика, 1986. – С.364
9. Гальскова, Н.Д. Об итогах второго года экспериментального обучения иностранным языкам в начальной школе. // Иностранный язык в школе. Н.Д. Гальскова, - 1990. – № 1. – С. 5.

**Ҷамолбии Ҳабибулло**

## ИСТИФОДАИ МЕТОДҲОИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ИНКИШОФИ МАЛАКАҲОИ ТАЛАФФУЗИ ХОНАНДАГОН

Дар мақолаи мазкур сухан доираи воситаҳои асосии таълими забони англисӣ дар инкишофи малакаҳои талаффузи хонандагон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.Ҳар як соҳаи илм вобаста ба хусусиятгирӣ методи илмии худро дорад, ки маҳз барои ҳамон соҳаи илм мавриди истифода қарор мегирад. Вале ба ин нигоҳ накарда методология барои ҳамаи соҳаҳои илм ҷиҳатҳои умумӣ ҳам дорад. Муаллиифф дар мақола зикр намудааст, ки дар мадди аввал месазад ҳамин нуқтаро қайд кард, ки дар даҳсолаҳои охир дар тамоми ҷаҳон ба кор карда бaромадан, дурусттараш таҳқиқ намудани проблемаҳои методологияи илмҳо ниҳоят ҷиддӣ машғуланд. Ба ин масъала диққати мутахассисони тамоми соҳаҳои илм равона карда шуда истодааст. Аз ҷумла, дар «Вожаномаи фалсафа ва методологияи илм» доир ба мафҳуми методология ба таври возеҳ таъкид шудааст: «Методология-ҷавҳари фалсафаи илм ба ҳисоб меравад.

***Калидвожа:*** *методология, соҳаҳои илм, восита, инкишофи малака, сӯҳбати фаҳмо, бошуурона, хатогиҳо,талаффуз, куҳнашуда, масъалаҳои печида, мураккаб.*

**Чамолбии Хабибулло**

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ МЕТОДОВ ОБУЧЕНИЯ АНГЛИЙСКОМУ ЯЗЫКУ В РАЗВИТИИ НАВЫКОВ ПРОИЗНОШЕНИЯ УЧАЩИХСЯ

В этой статье речь идет об основных методов для обучения английскому языку в развитии навыков произношения учащихся. Каждая отрасль науки, в зависимости от ее специфики, имеет свой научный метод, который используется для одной и той же отрасли науки. Однако в методологии есть что-то общее для всех областей науки. Автор статьи отмечает, что, прежде всего, стоит отметить, что в последние десятилетия во всем мире очень много работали над разработкой, а точнее над изучением проблем научной методологии. К этому вопросу привлекается внимание специалистов всех областей науки.

В частности, в «Глоссарии философии и методологии науки» четко сформулировано понятие методологии: «Методология - это сущность философии науки.

***Ключевые слова****: методология, области науки, методы, развитие навыков, четкая беседа, сознание, ошибки, произношение, устаревшие, сложные, сложные вопросы.*

**Jamolbii Habibullo**

## USING ENGLISH LANGUAGE TEACHING METHODS IN DEVEL OPING STUDENTS 'PRONUNCIATION SKILLS

**Kulob State University named after Abuabdullo Rudaki**

This article discusses the range of basic ways for teaching English in the development of pupils' pronunciation skills. Each branch of science, depending on its specificity, has its own scientific method, which is used for that particular branch of science. However, the methodology has commonalities for all

areas of science. The author of the article notes that, first of all, it is worth noting that in recent decades around the world have been working very hard to develop, or rather to study, the problems of scientific methodology. Specialists in all fields of science are paying attention to this issue. In particular, the Glossary of Philosophy and Methodology of Science clearly states the concept of methodology: “Methodology is the essence of the philosophy of science.

***Keywords:*** *methodology, fields of science, method, skills development, clear conversation, conscious, mistakes, pronunciation, obsolete, complex, complex issues.*

**Маълумот дар бораи муаллиф: Ҷамолбии Ҳабибулло** –омўзгори кафедраи забонҳои хориҷии *Донишгоҳи Давлатии Кўлоб ба номи Абўабдуллоҳи Рўдакӣ.* **Адрес:** 735360, РТ, г.Куляб, ул.С.Сафарова 16. **Тел**: (992) 933087377

**Сведения об авторе:** *Ҷамолбии Хабибулло - ассистентка кафедры иностранных языков Кулябского Государственного Университета имени Абуабдуллох Рудаки.* **Адрес:** 735360, РТ, г.Куляб, ул. С.Сафарова 16. **Тел:** (992) 933087377

**Information about the author:** Jamolbii Habibullo –English teacher of the department of foreign languages of Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki.

**Address:** 735360, RT, Kulob, S.Safarov St.-16. **Phone:** (992) 933087377

**И. ФАЙЗУЛЛОЕВА**
**Х. ҲАКИМОВА**

## РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ МУОШИРАТИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

*Омўзгорони забону адабиёти тоҷикӣ, падару модарон ва аҳли зиё вазифадоранд, ки ба масъалаи баланд бардоштани сатҳи забондонӣ ва махсусан, ба сайқал додани фарҳанги муошрати наврасону ҷавонон мусоидат карда, ба риояи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ ва одоби сухангўӣ ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимми раванди таълиму тарбия таваҷҷўҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд.*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Мушкилоти ташаккул ва рушди шахсият ва дар ин замина ташаккули салоҳияти муоширатӣ яке аз масъалаҳои мубраму ҳалталаби дидактикаи забоншиносӣ (лингводидактика) дониста мешавад. Ин мушкилот аз ҳама бештар дар таълими фанҳои филологӣ ҳувайдо мегардад. Ташаккули салоҳияти муоширатии хонандагон, муносибати ташаккули шахсият дар мактаби муосир - ин мавзўъҳо барои омўзгори имрўза аз қабили мавзўъҳои бисёр умда ва саривақтии таълим дар макотиби ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад. Худи мафҳуми "салоҳият" аз ҷиҳати маъноҳои семантикии худ доираи васеъ дорад ва борҳо шарҳу тафсири онҳо аз тарафи мо баррасӣ гардидааст. Дар таҳқиқоти мо салоҳиятнокӣ, муносибати босалоҳият ба вижа як системаи консептуалӣ мебошад, ки ба ташаккули салоҳияти муоширатии хонандагон иртибот дорад. Салоҳияти муоширатӣ яке аз салоҳиятҳои асосӣ дониста мешавад ва ба ақидаи олимони сершумор, он метавонад пурра салоҳияти калидӣ ҳисобида шавад, зеро маҳз он ҳама салоҳиятҳои дигарро, аз ҷумла салоҳиятҳои иттилоотӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва илова бар ин омодагӣ ба таҳсил ва рушди мустақилонаро фаро мегирад [2, 4,8]. Ин ҷо бояд зикр намуд, ки "салоҳият" на танҳо қобилияти иҷрои фаъолиятҳои марбут ба фанҳои таълимӣ, балки маҷмўи дониш, малака ва қобилияти дар раванди таълим ташаккулёфта мебошад ва маҳз ташаккули салоҳияти муошират ин равандро тақвият мебахшад. Муҳаққиқон Е.А Быстрова, С.И. Львова, Л.В. Черепанова низ дар асарҳои худ салоҳиятро ба маҷмўи дониш, малака, маҳорат аз рўйи фанҳои умумӣ ва усули фаъолият алоқаманд мегардонанд . [1].

Ташаккули салоҳияти муоширатӣ дар дарсҳои забону адабиёти тоҷик бояд дар ҳамгироӣ бо дигар фанҳо бо мақсади дуруст аз худ кардану истифода бурдани забони адабии тоҷикӣ, ҳамчунон таълим, тарбия ва инкишофи шахсияти хонанда равона карда шавад. Қобили қайд аст, ки забон воситаи асосии муошират ҳисобида мешавад ва бидуни он мавҷудият ва ташаккулёбии ҷомеаи инсонӣ ғайриимкон мебошад. Тағйироте, ки ҳоло дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва воситаҳои иртибот ба амал меоянд, баланд бардоштани

салоҳияти муоширатии хонандагон ва рушду такомули забонии (яъне омодагии филологии) онҳоро тақозо менамояд. Пас салоҳияти муоширатӣ масъалаи хеле умда буда, мақсади асосии он қабл аз омӯхтани забонҳои дигар ба таври олӣ аз бар кардани забони модарӣ мебошад ва салоҳияти коммуникативӣ-муоширатӣ дигар салоҳиятҳои калидиро дар бар мегирад. Салоҳияти муоширатӣ ин қобилияти хонандаро дар ҳаллу фасли проблемаҳои муошират дар ҳаёти ҳамарӯза, муносибати таълимӣ, истеҳсолӣ ва фарҳангии ҷомеа муайян менамояд. Яке аз ҷузъҳои асосии салоҳияти муоширатӣ маҳорати забонӣ аст, ки он бе надонистани қоидаҳои грамматикии сохти шаклҳо, ибораҳои рехта, муошрати шифоӣ бо забони адабӣ ғайримкон мебошад. Аз ин рӯ, бояд тазаккур дод, ки имрӯз масъалаи ба роҳ мондани таълими забони адабии ҳозираи тоҷик дар муаасисахои таълимӣ бояд хеле умда бошад.

Низоми имрӯзаи таълим дар назди омӯзгор қабл аз ҳама вазифаи тайёр кардани шахсияти комили дар ҷомеа худро идора карда метавонистагиро гузоштааст, шахсияте, ки тавонад дар муошрати байнифарҳангӣ бе монеа ширкат варзад. Ба ин хотир дар мауссисаҳо, дар байни хонандагон ташаккул додани салоҳияти иртиботӣ-муоширатӣ, ки дар худ ҳам салоҳияти забонӣ, ҳам иҷтимоию фарҳангиро фаро мегирад, вазифаи авалиндараҷаи омӯзгор аст. Албатта, бархӯрдор будан аз донишу маълумоти замонавии иҷтимоию маданӣ муҳим аст, зеро бе ташаккули он комилан ташаккул додани салоҳияти муоширатӣ, ҳатто дар сатҳи маҳдуд ҳам, ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, омӯзиши фарҳанг ва забон дар худ на танҳо ифодаҳои умумимаърифатиро таҷассум менамояд, балки ба инкишофи шахсият ва ҳавасмандкунии муҳассилин барои инкишоф ёфтан ҳамчун шахсият таъсир мерасон

Аз ин рӯ, дар назди омӯзгор вазифае меистад, ки бояд таваҷҷуҳи бештарро ба самти ташаккули шахсияти муҳассилин ва ҳавасманд гардонидани онҳо барои ноил гардидан ба ин мақсад равона намояд. Омӯзгор, хусусан омӯзгори забони модарӣ, бояд омӯзишро вобаста ба шавқу рағбат ва дониши маърифати муҳассилин мувофиқ гардонад. Ҷоиз ба қайд кард, ки дар ин росто пеш аз ҳама худи омӯзор бояд соҳиби малака ва салоҳиятҳои муоширатии инкишофёфта бошад, то ки барои дар хонандагон инкишоф додани ин хусусиятҳо тавонад намуди дарсҳоеро интихоб намояд, ки ба ташаккули малакаҳои муоширатии шогирдонаш мусоидат кунанд. Барои ин омӯзгорони муассисаҳои таълимро лозим аст, ки аз таълими дарсҳои анъанавӣ дур гардида, таълими ғайрианъанавии дарсҳоро мавриди истифода қарор диҳанд, ки тақозои асосии муносибати босалоҳият ба таълим низ ин аст. Муҳаққиқ Имомназаров Д. рӯйи ин масъала чунин қайд намудааст:- «Мавриди зикр аст, ки ҳар қадар омӯзгор дорои дониш ва маҳораати баланди педагогӣ бошад, ҳамон андоза шавқу рағбати хонанда ба омӯзиши фанни таълимӣ меафзояд. Масалан, ба гуфти нависандаи машҳур Л.Н.Толстой «Агар ба воситаи илм тарбия карданӣ бошӣ, илми худро хуб дону дӯст дор ва хонандагон ба туву илмат дил мебананд, лекин агар дӯст надорӣ ва ҳар қадаре ба омӯзиш маҷбур кунӣ, он самара нахоҳад дод» [3,21]. Оре, қобил ба таъкид аст, раванди ташаккули шахсият дар пояи истифодаи технологияи инноватсиони таълим, ки аслан ба омӯзгор такя мекунад ва тавассути он ташаккули фикрӣ ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагон таъмин карда мешаванд, сурат мегирад. Муҳаққиқ Имомназаров Д. ҳамчунон қайд менамояд, ки барои рушди тафаккур ва инкишофи нутқи ифоданоки хонандагон омӯзгорони зиёди муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар аз бозиҳо, ба хусус бозиҳои дидактикӣ истифода менамоянд, ки хеле манфиатовар арзёбӣ мегарданд. Истифодаи мақсадноки онҳо ба ташаккули салоҳиятҳои таҳлилӣ, таркибӣ, қобилииятҳои эҷодӣ ва фикрии хонандагон ба таври дилхоҳ мусоидат мекунад…….ва омӯзгорони зиёд имрӯзҳо аз он ба таври самарабахш истифода мекунанд (Ҳамон ҷо, саҳ.21). Ин хеле хуб аст, вале боз ҳам хубтар мешуд, агар ин дар пояи изҳор пурра бо забони адабии тоҷикӣ ба роҳ монда мешуд.

Вале натиҷаи санҷишҳо ва диданҳо аз як қатор макотиби таълимии ҷумҳурӣ нишон медиҳанд, ки хонанадагон малакаи хуби муоширатӣ бо забони адабии тоҷикӣ надоранд. Аслан дар дарсҳо бо шеваи маҳалли зисти худ, ё худ забони гуфтугӯйӣ муошират менамоянд ва бояд таъкид карда, ки худи омӯзгорон низ дар ин сатҳ рафтор доранд ва ин хеле боиси таассуф аст. Таълими дарсҳо бо шеваи гуфтугӯйӣ ин хатари бузургтарин барои забони давлатӣ маҳсуб меёбад ва агар ин хатар пешгирӣ карда шавад, он гоҳ барои рушду такоммули забони адабии тоҷикӣ имконияти бузургтаре фароҳам омада, забони адабии

тоҷикӣ на танҳо дар дохили кишварамон, ҳамчунон дар марзҳои дигари дунё зимни муошират ба ҳайси забони тоҷикии форсӣ мавриди омӯзишу истифода қарор хоҳад гирифт.

Имрӯзҳо, воқеан, на танҳо дар кӯчаву бозор, балки дар мактабу кӯдакистон, дар театру кино, радиову телевизион ва дар ҷаласаҳои умумии вазоратҳо тамоюли бо лаҳҷа, асосан бо лаҳҷаи ҷанубӣ гап задан боло рафта истодааст. Ин маънои онро дорад, ки лаҳҷа дар муошират расмӣ низ мавқеи забони адабиро танг карда истодааст ва ҳалли ин мушкилотро мо пеш аз ҳам дар ташаккули салоҳиятҳои муоширатии муҳасилини макотиби миёна мебинем.

Чуноне ки болотар ёдрасӣ намудем, барои инкишоф додани малака ва маҳорати бо забони адабии расмӣ, аз нигоҳи мо забони адабии тоҷикӣ муошират намудани шаҳрвандон ҳанӯз аз синну соли мактабӣ бо ин забон муошират карданро ба онҳо ёд додан лозим аст. Ба ин хотир омӯзгоронро лозим аст, ки ба системаи дарсии худ тағйирот ворид намуда, ба усулҳои инноватсионии ғайрианъанавӣ, аз қабили **видеодарс**, **саёҳат-дарс**, **саҳна-дарс**, **мубоҳиса-дарс** ва ғайра бештар дар дасрсҳо рӯ оваранд. Чунин шаклҳои дарс хусусияти муоширатӣ дошта, шавқу рағбати муҳассилинро дучанд мегардонанд ва мақсади аз бар кардани забони адабиро равшан менамояд. Дар рафти чунин дарсҳо доираи таассурот ва ҷаҳонбинии хонандагон васеъ гардида, онҳо нисбат ба фарҳангу дигар арзишҳои милли худ бештар иттилооъ мегиранд ва эҳтиром зоҳир менамоянд. Ҳамзамон чунин дарсҳо ба ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва маданию маърифатии онҳо, ки ин салоҳиятҳо омили асосии ташаккули шахсият маҳсуб меёбанд, мусоидат менамояд. Саволе бармеояд, ки чаро гузаронидани чунин дарсҳо муҳим дониста мешаванд? Масалан, зимни барпо шудани **видеодарсҳо** дар бораи шахсиятҳои бузурги миллат, ҳаводиси фарҳангиву таърихӣ, вохӯриву мусоҳибаҳо бо ашхоси шинохтае, ки ба забони адабии тоҷикӣ ҳарф мезананд, хонандаро як ҳиссиёти фарҳангӣ фаро мегирад ва инчунин махсусияти таълими забону адабиёти моро эҳсос мекунанд. Зимни тамошо ва иштирок дар видеодарс хонанда кӯшиш мекунад, ки мисли қаҳрамонҳои дидааш озод нутқ кунад. Ба ғайр аз ин, истифодаи филмҳои тасвирӣ боиси инкишофи равонии хонандагон, пеш аз ҳама инкишофи диққат, хотира ва тафаккур мегарданд. Дар вақти тамошои филми тасвирӣ дар синф фазои фаъолияти муштараки маърифатӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин шароит ҳатто бепарвотарин хонанда бодиққат шуда барои фаҳмидани мазмуни филм кӯшиш мекунад. Ин ба раванди азхудкунии дарс, мустаҳкамкунии дониш ва аз худ кардани дониши забонию фарҳанги муоширатӣ таъсири мусбат мерасонад. **Видеодарсҳо** шароити муссоидеро барои ташаккули салоҳияти муоширатӣ-иттилоотӣ фароҳам меоваранд. Таҷрибаи маорифи мамлакатҳои пешрафта собит менамоянд, ки дарсҳо тариқи видео яке аз шаклҳои натиҷабахши таълим мебошанд.

**Дарс-саёҳат** низ яке аз намуди дарсҳои ғайрианъанавиеест, ки барои дар хонандагон ташаккул додани салоҳиятҳои маърифатӣ аҳамияти хоса дорад. Дарс-сайёҳат дар хонандагон малакаи гузаронидани экскурсияҳоро ташаккул медиҳад. Хонанда кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки роҷеъ ба мавзӯи ин дарс аз маводи иловагӣ истифода барад, ҷустуҷӯ намояд, аз иттилооти интернетӣ мавод пайдо намояд. Муаррифӣ кардани ватани худ, фарҳангу адабиёти худ, осори гузаштагонро (масалан агар саёҳат дар осорхона бошад), табиати зебову набототу ҳайвоноти нодири марзи худро (агар ин дарс –сайёҳат вобаста ба табиат бошад) омӯзанд. Минбаъд дар оянда ҳамчун мутахассиси ягон соҳа метавонанд дар гуфтугӯйи тамддунҳо иштирок варзида, аз фарҳанг, таърих ва адабиёти миллати худ озодона муаррифӣ намоянд.

**Дарс-спектакл** ва ё нақшофарӣ яке аз усулҳои умда ва натиҷабахши таълими забони адабии тоҷикӣ мебошад. Истифодаи осори адибон дар дарсҳо, бо ҳамдигар ба забони адабӣ гуфтугӯ намудани қаҳрамонҳо-хонандагон-бозингарони саҳна ва ё нақшофарон малакаи бенуқс талаффуз кардани калимаву ибораҳоро инкишоф дода, салоҳиятҳои фарҳангиву маърифатӣ, эстетикӣ ва дар пояи он салоҳияти муоширатӣ ва пеш аз ҳама истеъдоди эҷодии инфиродии хонандагонрро ташаккул медиҳад. Бояд гуфт, ки ба саҳнагузории спектакл ин кори эҷодӣ аст. Чунин намуди кор фаъолияти фикрронӣ ва нутқии хонандагонро инкишоф дода, таваҷҷуҳии онҳоро ба адабиёт бештар намуда, фонди луғавии онҳоро ғанӣ мегардонад. Дар натиҷаи инкишоф ёфтани фонди луғавӣ салоҳияти муоширатии хонандагон низ ташаккул меёбад.

Ташкил кардани дарси **Муколима ё Мусоҳиба** яке аз шаклҳои асосии ташаккули салоҳияти муоширатии хонандагон маҳсуб меёбад. Чунин дарсҳо хеле шавқовар буда, хонандагон онро фориғболона ва хушҳолона аз худ мекунанд. Хонандагон малака ва маҳорати гузаронидани суҳбатро дар мавзӯҳои гуногун соҳиб мегарданд.

Дарс–мусоҳиба ин шакли махсуси муколама мебошад. Бо гузоштани масъалаҳои муайян мавзӯъҳои гуногунро истифода намудан ҷоиз аст. Мавзӯъро бояд чунон интихоб намуд, ки мавод хусусияти муошироти мутақобиларо доро бошад, яъне ҳарду тараф рӯйи ин мавзӯъ суҳбат ва ё худ муколама карда тавонанд, яъне фазои табодули афкор ҷорӣ карда шавад.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи муколамаҳо хеле муҳим аст. Муколамаҳо бо додани суолу ҷавоб худ барои инкишофи муоширати расмӣ хеле хуб мусоидат менамоянд.

Гузаронидани чунин дарсҳо аз омӯзгорон тайёрии ҳаматарафаро талаб мекунад. Хонандагон бояд мустақилона ба гузаронидани мусоҳибаҳо тайёрӣ бинанд. Мусоҳибаҳо бояд танҳо бо забони адабии тоҷикӣ сурат гиранд ва суолҳоро худашон ба забони адабии тоҷикӣ интихоб намоянд. Зимни интихоби суол ба саволҳои аз ҳама муҳим ва мазмуннок бештар афзалият дода шавад.

Омодагӣ ва гузаронидани чунин дарсҳои дар боло зикркардида шавқу рағбати хонадагонро нисбати забони модарӣ зиёд менамояд. Дар натиҷаи истифодаи манбаъҳои гуногун, фарҳанги забони тоҷикӣ, луғатномаҳо дониши маърифатии хонандагон зиёд мешавад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки барои омӯзиши нутқи муколамавӣ дар дарс-муколамҳҳо бештар аз шакли кори дунафара истифода бурдан қулайтар аст.

Бояд гуфт, ки аслан муошират бо ҳар забоне, ки набошад, дар асоси назарияи фаъолияти нутқ, яъне гап задан, сӯҳбат кардан, такаллум инкишоф меёбад. Зеро нутқ карда тавонистан ин худ маҳорати забондонӣ аст , ки яке аз ҷузъҳои асосии салоҳияти коммуникатсионӣ-муоширатиро ташкил медиҳад ва ин маҳорат бе надонистани қоидаҳои грамматикии сохти шаклҳо, ибораҳои рехта, муошироти шифоӣ бо забони адабӣ ба даст намеояд. Дар ин росто мутахассисони забоншинос чунин ҷузъиёти салоҳияти муоширатиро нишон додаанд:

-грамматикӣ ё лингвистикӣ, яъне донишҳои мураттаб роҷеъ ба қоидаҳои грамматикӣ, воҳидҳои забонӣ, таркибҳои луғавӣ, ки воҳиди лексикии баёнро дигаргун мекунанд;

-иҷтимоӣ-лингвистикӣ, яъне қобилияти истифода карда тавонистан дар интихоби шакл ва воситаи муошират вобаста ба мақсади лаҳзаҳои муошират;

-дисскурсивӣ –яъне қобилияти истифода кардани гуфтори мантиқӣ дар лаҳзаҳои хондан ва гӯш кардани нутқ;

-иҷтимоию маданӣ, яъне доро будан ба дониш дар бораи махсусиятҳои забон, анъанаҳо, урфу одатҳо, этикет, дар вақти муошират, дуруст истифода бурдани маълумот (1, 9,3,10)

Инкишофи маданияти нутқ ба мисли грамматика дар омӯзиши забон муҳим аст, зеро нутқи саҳеҳу бомантиқ асосан ҳамдигарфаҳмии ҳамсӯҳбатон мебошад. Инкишоф додани маҳорати озоду саҳеҳ сухан кардан бо забони адабии модарӣ вазифаи асосии омӯзгор мебошад.

Барои рушди тафаккур ва дар хонандагон инкишоф додани нутқи ифоданок аксари омӯзгорони босалоҳият аз бозиҳои дидактикӣ ба амсоли "Эҷоди матн", "Эҷоди калима" ва ғайра истифода мебаранд(ниг. Имомназаров). Чи тавре ки болотар қайд карда будем, бозиҳо усули хеле самарбахш барои инкишофи нутқи шифоҳӣ мебошанд. Ба хусус бозиҳои грамматикӣ, лексиқӣ, фонетикӣ ва амсоли онҳо. Бозиҳои мазкур вазифаҳои муоширатӣ (коммуникативӣ ) ва фаъолиятиро ифода мекунанд, ки мақсади онҳо ташаккул додани маҳорати истифода бурдани сохторҳои забонӣ дар муошират мебошад. Намудҳои онҳо хеле зиёданд ва ҳар яке бо мақсади дуруст дар муошират кор фармудани ягон ҳиссаи нутқ, чунончи тасрифи дурусти замонҳои феъл, дуруст истифода бурдани ҷонишину пайвандакҳо, тартиб додани ҷумлаҳои соддаву мураккаб, сохтани хелҳои ҷумлаҳои саволӣ, дуруст гузоштани савол, тартиб додани матн, саҳеҳ тарҷума кардани калимаҳо ва ғайра ташкил карда мешаванд. Руйи ин масъала мо андешахои худро баъдан хохем баён намуд.

Ба ҳамин тариқ, табиқ намудани методи фаъол нисбати методҳои анъанавӣ раванди фикррونии хонандагонро инкишоф дода, онҳоро мунтазам ба ҷустуҷӯйҳои эҷодӣ талқин менамояд ва барои ташаккул додани салоҳиятҳои муоширатӣ, малака ва маҳорати бо забони адабӣ равшану возеҳ ва пурмазмун баён кардани фикри худ мусоидат менамояд.

Забони адабии тоҷикӣ иқтидори бузурги илмиву луғавиро дар ҳамаи самтҳои ҳаёти ҷамъиятӣ дорост ва омӯзгорони забону адабиёти тоҷик бояд барои пешрафти мунтазами ин забони хеле пурғановату зебо кӯшиш ба харҷ диҳанд. Дар ин ҷода омӯзгоронро мебояд, ки:

- барои ташаккул додани салоҳиятҳои муоширатии хонандагон аз усулҳои фаъоли ғайрианъанвӣ бештар истифода баранд;

-зимни таҳияи дарсҳои забони тоҷикӣ бештар ба истифодаи технологияи инноватсионии таълим такя намоянд;

-дар раванди истифодаи технологияи инноватсионӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ аз ҳуҷуми фикрӣ( ангезиши зеҳн), мубоҳисаҳои гурӯҳӣ, синквейн, эссе, бозиҳои дидактикӣ харитаи андешаҳо, таҳқиқи матн бештар истифода баранд [3,22].

Маводи хусусияти лингвистӣ-кишваршиносӣ, лингвистӣ-фарҳангӣ дошта фишанги муқтадирест барои афзоиши шавқу рағбати хонандагон барои ба таври олӣ аз бар кардани забони модарӣ. Бинобар он, дар вақти таълим ба андозаи зиёд истифода намудани маводи дорои хусусияти фарҳангӣ-таърихӣ ва кишваршиносӣ натиҷаи судманде дода, дониш, маҳорат, малака ва дар маҷмӯъ салоҳияти муоширатии хонандагонро дар самти кишваршиносӣ ва лингвистӣ ташаккул медиҳад. Аз ин рӯ, ба омӯзгорон ташкил намудани дарс-сайёҳат, дарс-спетакл, дарс-муколама қобили қабул буда, ин равандест барои ташаккул додани салоҳиятҳои муоширатии хонандагон.

Таҳсилкунандагони макотиби таҳсилоти умумӣ бояд зимни таълими забони тоҷикӣ дониш, малака ва маҳорати лексикӣ, грамматикӣ ва нутқиро соҳиб гарданд, яъне ;

-дониши лексикаи кофии забон, лексикаи илмӣ ва маълумот роҷеъ ба мафҳумҳо оид ба тахассусро;

- маҳорати ширкат дар муколамаҳо дар мавзӯи касбӣ;
- малакаи дарки муколама ва монолог дар мавзӯъҳои гуногун;
- малакаи нутқи хаттӣ барои тайёр кардан ва нашри мақолаҳо тезисҳо, номанависӣ;
- малакаи нутқи оммавӣ, маърӯза карданро дошта бошанд.

**АДАБИЁТ:**


1. Быстрова, Е.А., Львова, С.И., Черепанова, Л.В. Коммуникативная культура. От коммуникативной компетентности к социальной ответственности/онлайн-библиотека litmir. net /(санаи мурочиат 5.08.2020.).
2. Зиёӣ Х.М. муносибати босалоҳият ба таълим: масъалаҳои умуминазариявӣ ва роҳҳои татбиқи амалӣ.-Душанбе, 2018. 102 с.
3. Имомназаров Д. Технологияи муосири таълим-омили муҳими рушди тафаккур./ Пажӯҳишгоҳи рушди маориф, №1(29)-с.21.
4. Лутфуллозода М. Бобизода Ғ. Андешаҳо перомуни салоҳият ва ташаккули онҳо. Душанбе, 2017, 85с.
5. Маркова А.К. Психологические критерии и ступени профессионализма учителя.-1995-200 с.
6. Образцов П.И. Ахулкова А.И., Черниченко О.Ф. Проектирование и конструирование профессионально-ориетированной технологии обучения. Орел, 2005.
7. Соловова, Е.Н. Задачи языкового образования в русле глобальных реформ/ Е.Н. Соловова // Первое сентября, 17/2005.
8. Туронов С. муносибати босалҳият дар таҳсилоти касбӣ.Душанбе, "Ирфон" 2015, 173 с.
9. Шишов С.Е. Компетентностный подход к образованию: прихоть или необходимость? / С.Е.Шишов, И.Г. Агапов // Стандарты и мониторинг в образовании. – 2002. – №2. –С. 58–62. http://zmj.zsmu.edu.ua/article/view/19111.(санаи мурочиат 5.08.2020).
10. Хуторский А.В. Ключевые компетенции как компонент личностно-ориентированной парадигмы образования / А. В. Хуторской; под ред. Ю. А. Дика, А. В. Хуторского. - М.: ВЛАДОСС, 2002. - С. 135-157.

**Файзуллоева И.**
**Ҳакимова Х.**

## РОҲҲОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ МУОШИРАТИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар мақола муаллиф роҷеъ ба рушди ташаккули салоҳиятҳои муоширатии хонандагони макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни таълими забони тоҷикӣ сухан ронда, кӯшиш ба харҷ додааст, ки роҳҳои ташаккули ин салоҳиятҳои муоширатиро номбар намуда, аҳамияти онро барои рушди ташаккули шахсият нишон диҳад. Муаллиф ба хусус қайд намудааст, ки омӯзгорон бояд зимни таҳияи дарсҳои забони тоҷикӣ бештар ба истифодаи технологияи инноватсионии таълим такя намуда, барои ташаккул додани салоҳиятҳои муошритаии хонандагон аз усули фаъоли ғайрианъанавӣ бештар истифода баранд. Муаллиф ҳамзамон қайд менамояд, ки барои инкишоф додани малака ва маҳорати дар оянда бо забони адабии тоҷикӣ саҳеҳ ва озод муошират намудани хонандагон омӯзгоронро лозим аст, ки дар дарсҳои худ аз усули инноватсионии ғайрианъанавӣ, аз қабили **видеодарс**, **саёҳат-дарс**, **саҳна-дарс**, **мубоҳиса-дарс** ва ғайра бештар истифода баранд. Ҳамчунон иброз дошта мешавад, ки таҳсилкунандагони макотиби таҳсилоти миёнаи умумӣ бояд зимни омӯзиши забони тоҷикӣ дониш, малака ва маҳорати лексикӣ, грамматикӣ ва нутқиро аз худ намоянд.

***Калидвожаҳо***: *салоҳияти муоширатӣ, малака, маҳорат, дониш, ташаккул, шахсият, забон,таълим, усул, хонанда, муносибати босалоҳият, ташаккули салоҳиятҳои муоширатӣ.*

**Файзуллоева И.**
**Хакимова Х.**

## СПОСОБЫ ФОРМИРОВАНИЯ КОММУНИКАТИВНОЙ КОМПЕТЕНЦИИ УЧАЩИХСЯ ПРИ ОБУЧЕНИИ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

В статье автор подчеркивают способы развития коммуникативных навыков учащихся средних школ при обучении таджикскому языку, а также пытается перечислить способы развития этих коммуникативных навыков и показать их важность для развития личности. Автор четко подчеркивает, что при разработке уроков таджикского языка преподователи в основном должны полагаться на использование инновационных технологий обучения и использовать более активные и нетрадиционные методы для развития коммуникативных навыков учащихся. Отмечается, что для развития навыков и умений учеников для правильного и свободного общения на таджикском литературном языке, учителям необходимо использовать на своих уроках нетрадиционные инновационные методы, такие как видеоуроки, уроки-экскурссия, уроки-спектакли, уроки- дебаты и т.д. Также указано, что во время изучения таджикского языка. учащиеся средних школ должны приобрести знания, навыки, а также лексические, грамматические и речевые навыки.

***Ключевые слова***: *коммуникативная компетенция, знание, навык, умение, формирование, личность, язык, обучение, метод, учащиеся, компетентностный подход, формирование.*

**Faizulloeva I.**

## WAYS OF FORMING COMMUNICATIVE COMPETENCE OF PUPILS DURING TEACHING TAJIK LANGUAGE

In this article, the author stated the ways of development of communication skills of pupils of secondary school when teaching the Tajik language, and also tried to outline the ways of developing these communication skills and show their importance for personal development. The author clearly emphasizes that when planing Tajik language lessons, teachers should mainly rely on the use of innovative teaching technologies and use more active non-traditional methods to develop pupils' communication skills. The author also noted that in order to develop the skills and abilities of pupils for correct and free communication in the Tajik literary language, teachers have to use non-traditional innovative methods in their lessons, including video-lessons, excursion-lessons, performance-lessons, debate lessons, and etc. mostly. It is also stated that pupils of the secondary schools must acquire knowledge, lexical, grammatical and speech skills and abilities during learning of Tajik language.

***Key words:*** *communicative competence, knowledge, skill, ability, formation, personality, language, teaching, method, students, competence-based approach, formation of communicative competence.*

**Сведение об авторах: Файзуллоева Иноят**-ведущий научный сотрудник Института развитии образования имени Абдурахмана Джами Академии образования Таджикистана. Адрес: 734024, Республика Таджикистан, г.Душанбе, ул.Айни-126.

**Хакимова Хосият** - преподаватель № 35 СОШ, р. Шохмансур г. Душанбе

**Information about the author**: **Faizulloeva Inoyat** - leading researcher at the Institute for the Development of Education named after Abdurahman Jami of the Academy of Education of Tajikistan. Address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Aini-126 st.

**Ш. ХАКИМОВА**

# МЕЖКУЛЬТУРНАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА ЯЗЫКОВЫХ ЕДИНИЦ И ПОНЯТИЙ В ПОЛИКУЛЬТУРНОМ ОБРАЗОВАНИИ

В настоящее время лингвокультурология как самостоятельная научная дисциплина синтезирующего типа активно преломляется в практике преподавания русского языка в условиях двуязычия и многоязычия. Существенно пополняется словарный состав и терминосистема в этой области знаний, которая ставит новые задачи перед учителями школ и преподавателями вузов в рациональном использовании рациональных приёмов обучения в профессиональной деятельности.

В настоящей статье мы попытаемся проанализировать некоторые языковые единицы и понятия в межкультурно-коммуникативном обучении русскому языку в таджикоязычной аудитории, которые, безусловно, вносят неоценимый вклад в формирование и развитие методической мысли, совершенствование теории и практики лингвистического образования в межкультурной коммуникации.

По сути рассматривается проблема соизучения языка и литературы, которая в последние годы стала объектом внимания лингвокультурологии. Последнее – «это новая филологическая дисциплина, которая изучает определенным образом отобранную и организованную совокупность культурных ценностей, исследует живые коммуникативные процессы порождения и восприятия речи, опыт языковой личности и национальный менталитет, даёт системное описание языковой «картины мира» и обеспечивает выполнение образовательных, воспитательных и интеллектуальных задач обучения» [4, :26].

В приведённой цитате известных учёных-лингвистов мы находим некоторые выражения и понятия, которые не всегда могут иметь адекватные толкования в имеющихся словарей, доступных филологу, методисту, лингвисту, педагогу и гуманитарию. Например, что такое «*языковая картина мира*», «*межкультурные знания*», «*языковая ментальность*», «*национальный менталитет*», «*культура», «культурные ценности*».

Сюда можно ещё добавить такие термины и понятия, как «аккультурация», «безэквивалентная лексика», «реалия», «би-, мультикультурализм», «межкультурные знания», «межкультурные навыки и умения», «лексический фон», «фоновые знания», «лингвокультурологический комментарий», «межкультурная коммуникация», «социокультурная компетенция», «лингвострановедческая компетенция», «культурный компонент слова», «национально - культурный компонент слова», «концепт», «лингвокультурема», «лингвокультурологическое поле», «лингвокультурологическое преподавание», «мультикультурное образование», «семантические доли», «социальная адаптация» и т.д.

Максимальное представление соответствующих лингвокультурологических выражений, терминов и понятий в системе преподавания русского языка в национальной аудитории имеет важное прикладное значение. По сути, речь идёт о лингвокультурологии как науке, активно влияющей на описание структуры и содержание обучения русскому языку в условиях межкультурной коммуникации.

Известно, что это понятный аппарат лингвокультурологии в методическом аспекте только складывается. «Его формирование связано с интересом общества к проблемам билингвизма, аккультурации, ассимиляции людей в новом социуме, с проблемами академической, психологической, профессиональной, коммуникативной адаптации личности в новых условиях» [Балыхина, Горчакова, Денисова, 2008:3].

Определение слов - понятий и терминов лингвокультурологического масштаба, их правильное представление и толкование способствует не менее правильной организации учебного процесса.

Начнём с определения понятия ***«культура»***. Если язык известен как система знаков, пригодная для того, чтобы служить средством общения, коммуникации между

индивидами, то слово ***«культура»*** многозначно, практически, во всех языках. Так, например, в Академическом словаре русского языка мы встречаем семь значений этого слова. Остановимся на наиболее привлекательные в методических целях значений слова ***«культура».*** Это, прежде всего, совокупность достижений человеческого общества в производственной общественной и духовной жизни. Иначе говоря - материальная и духовная культура. Далее, это - уровень, степень развития какой - либо отрасли хозяйственной и умственной деятельности.

Например, **культура земледелия; культура речи**. **Борьба за высокую культуру труда.** Культура – это еще наличие условий жизни, соответствующих потребностям просвещённого человека (**культура быта),** а также - просвещенность, образованность, начитанность того или иного человека. Следует отметить и то, что ***«культура»*** - образ жизни, обычаи, верования, искусство, музыка и другие плоды человеческой мысли.

Нам представляется, что определение другого родственного термина - ***межкультурная коммуникация*** вытекает из самого термина: это общение людей, представляющих разные культуры. Примерно такое определение термина ***«межкультурная коммуникация»*** находим в книге Е.М. Верещагина и В.Г. Костомарова *«Язык и культура»*, а также в работе Т.М. Балыхиной, Н.Ю. Горчаковой и А.А. Денисовой «Лингвокультурологический методический словарь»: Межкультурная коммуникация – это адекватное взаимопонимание двух участников коммуникативного акта, принадлежащих к разным национальным культурам.

В научных исследованиях лингвокультурологического плана весьма часто встречаем выражение «национально – культурный компонент значения». В методических целях можно дать следующее его толкование: компонент значения лексической единицы, несущий информацию о национальной культуре народа. По мнению Е.М. Верещагина и В.Г. Костомарова национально - культурную семантику имеют также:

а) лексика - терминологического происхождения;

б) фразеологические сочетания;

в) афоризмы (пословицы и поговорки, крылатые слова и фразы, общественно научные формулы и естественнонаучные формулировки) [Верещагин, Костомаров 1990: 54,55].

Уточнение *«национально-культурного компонента значения»* связано, прежде всего, со следующим обстоятельством: чтобы правильно воспринимать слово, надо иметь представление о самом предмете, понятии, обозначенном этим словом. Как известно, в другой стране, в иной культуре представления в чем-то могут отличаться. Т.е. соответствующее определение лексики с национально - культурным компонентом в семантике осуществляется лишь при понимании феномена культуры как адаптивно - адаптирующего механизма, взаимодействующего, в свою очередь, с языковыми механизмами.

Мақолаи зерин баррасии яке аз намудҳои технологияи инноватсионӣ ва интерактивӣ дар раванди таълими забони русӣ дар натиҷаи ташаккули робитаи ҳуқуқи барои ҳуқуқшиносони оянда бахшида шудааст. Алоқамандии равиши ҳуқуқии бо таълимоти муосири инноватсиони ва ташаккули парадигмаи маориф, воқиф будан ба ниёзҳои таҷрибаи муосир ва мувофиқати онҳо бо стандартҳо барои донишгоҳҳо таҳия шуда. Муаллифи мақола тавсифи методологии бозиҳои мушаххасро ки онҳоро метавон бо истифодаи самараноки баланд дар дарсҳои забони русӣ истифода бурд пешниҳод кардааст. Усулҳои таълими муосир донишҷӯёнро ба худфаъолиятӣ, ташаббускорӣ ҷиҳати самаранок шудани ҷараёни таълим ҳавасманд гардонида, барои рушду ташаккули дониши онҳо мусоидат мекунад. Дар мақолаи зерин ҷиҳатҳои истифода бурда шудани техника ва таҷҳизотҳои муосири инноватсионӣ дар ҷараёни таълим барои ҳуқуқшиносони касбӣ дар оянда таҳлил карда шудааст.

**Akhmedova Sh.M.**

### METHODOLOGICAL BASIS OF APPLICATION OF INNOVATIVE AND INTERACTIVE TECHNOLOGIES WHEN TEACHING RUSSIAN LANGUAGE TO STUDENTS - FUTURE LAWYERS

The article is about consideration of one of the types of innovative and interactive technologies in the process of teaching the Russian language as a result of the formation of the communicative competence of future lawyers. The connection to the competency-based approach with the modern innovative personality-developing educational paradigm, their focus on the needs of modern practice and their relevance to standards developed for universities. The author of the article offers a methodological description of specific games, that can be used with a high degree of efficiency of the lessons in Russian language at various levels. Innovative teaching methods encourage students to be active, proactive, reflective, and allow

them to become involved in the educational outcome. In this article analyzes the substantive and procedural side of the use of innovative and interactive technologies in the professional training of future lawyers.

***Key words:*** *innovative personality-developing paradigm, interactive teaching methods, competency-based approach.*

**Сведения об авторе: Ахмедова Ш.М**. - Ассистент кафедры языков ТГУК тел:904041351

**Information about the author: Akhmedova Sh.M.** - Assistant, Department of Languages, TSUK tel: 904041351

**М. АМОНОВА**

## ХУСУСИЯТҲОИ УСЛУБИИ МУРОДИФҲО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Дар забон калимаҳое мавҷуданд, ки маънои якхела ва ба ҳам наздикро ифода мекунанд ва одатан ин гуна калимаҳоро калимаҳои муродифӣ (синонимӣ) меноманд. Масалан: калон, бузург, азим, кабир; доно, донишманд, оқил, босавод, ва ғайра. Калимаҳои синонимӣ низ, ҳамчун калимаҳои аз нигоҳи маънӣ фарқкунанда, ҳиссаи бисёр азими таркиби луғавии забонро ташкил менамоянд ва донистани онҳо захираи луғавии шахсро афзуда, барои то ҳадди имкон пурра, равшан ва дуруст ифода кардани матлаб имконият медиҳад. Дар забони тоҷикӣ дар ифодаи як маънӣ чанд калимаи ҳаммаъно ё наздикмаъноро дучор мешавем, ки бо мавриди корбурд ё ҷилоҳои маъноӣ фарқ мекунанд. Чунончӣ, барои ифодаи мафҳуми **зӯр** чунин калимаҳо кор фармуда мешаванд: **тавоно**, **қодир**, **пурзур**, **пурқудрат ва ғайра**.

Калимаҳои муродифӣ (синонимӣ) маъноҳои якхеларо ифода кунанд ҳам, онҳоро бетафовут ҳамеша озодона ба ҷойи якдигар кор фармудан ҷоиз нест. Ин фарқ натанҳо ба нозукиҳои маънои байни калимаҳои ҳаммаъно, балки ба таносуби услубии онҳо низ алоқаманд аст. Масалан, калимаи **хуршед, шамс,** ва **офтобро** мегирем. Аз инҳо **офтоб** калимаи умумиистеъмолӣ буда, **хуршед** ва **шамс** калимаҳои китобӣ ба шумор меравандˌ Бинобар ин, мо дар гуфтугӯ барои нишон додани вақт “офтоб баромад” мегӯем ,ки ба ҳама фаҳмост. Аммо дар ин маврид “хуршед ё шамс баромад” гӯем ҳам, гироиши гуфтаи аввалро надорад. Синонимҳо аз рӯйи таносуби услубӣ, яъне ба кадом хели услуби нутқ мансуб будан фарқ кунанд ҳам, дар доираи услубҳои муайяни нутқ онҳо метавонанд ҷойи ҳамдигарро иваз намоянд. Масалан, дар услуби бадеӣ ба ҷои **кабир** гузоштани **азим**, ё ба ҷои **чашм** гузоштани **наргис** ба мазмуни умумии матн осебе намерасад. Баръакс дар доираи як услуб истифода кардани шаклҳои синонимии воҳидҳои забон боиси рангорангӣ, зебоӣ ва мавзунии тарзи баён мегардад. Тибқи талаботи ҳусни калом аз калимаҳои синонимӣ онеро ба кор бояд бурд, ки дар айни замон барои ифодаи фикре, ки гуфтан лозим аст, аз тамоми шаклҳои дигар беҳтар ва мувофиқтар бошад. Аммо баъзан калимаҳои синонимӣ, монанди калимаҳои ҷуфт, дар як ҷо дар адои як вазифа ба кор бурда мешаванд. Масалан: орзую ҳавас, шодию хурсандӣ, бахту иқбол, ақлу хирад ва ғайра. Синонимҳо дар шеър, ғазал, қасида, маснавӣ, рубоӣ аз тақозои вазну қофия ба миён меоянд. Мисол:

Гар ба онҳо дил диҳӣ, ҷон медиҳанд,
Ҷон ба роҳи **аҳду паймон** медиҳанд.

Синонимҳои ҷуфт бештар аз воҳидҳои луғавии ду забон – яке забони тоҷикӣ, дигаре забони арабӣ, ки ба ин забон таъсир кардааст, ба вуҷуд меоянд.Чунончи, **бахт** тоҷикӣ, **иқбол** арабӣ, **фиреб** тоҷикӣ, **найранг** арабӣ, **хирад** тоҷикӣ, **ақл** арабӣ, **дард** тоҷикӣ, **алам** арабӣ. Албатта, дар ифодаи як маънӣ, дар як ҷо омадани синонимҳо, агар услубан созиш дошта бошанд, зараре надорад. Лекин, агар онҳоро маҳз барои пур кардани сатру мисраъ истифода баранд, такрори ноҷо ба амал омада, маънӣ тира мегардад. Агар як калима чанд дафъа такрор шавад, таҳрир якранг ва нозеб шуда, аён мегардад, ки захираи луғавии гӯянда камбағал аст. Сухансароёни бузург ҳамеша кӯшиш мекунанд аз такрори бемавриди сухан парҳез кунанду намунаи олӣ ва хеле ибратбахши таҳрири адабиро ба вуҷуд оваранд.

Дар таърихи адбиёти тоҷик истифодаи синонимҳо ба авҷи аъло расидааст. Намунаи истифодаи синонимҳоро дар осори Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Саъдӣ, Ҳофиз ва бархе дигарон метавон пайдо кард. Ҳоло намунаеро аз осори Носири Хусрав меоварем.

Масалан, дар “Сафарнома” муаллиф барои худдорӣ аз такрори вожа пайи ҳам ду муродифи калимаро ба кор мебарад, ки маънии “соҳил”-ро ифода намудаанд: Ва аз Миср то Искандария сӣ фарсанг гиранд. Ва Искандария дар **лаби** дарёи Рум ва **канори** Ниласт (с.46).

Таҳлили луғавии вожаи “лаб” нишон медиҳад, ки он дар ин мавриди ба маънии аслии худ ба кор нарафтааст. “Лаб-1. ҳар як аз ду пардаи мухотии азлонӣ, ки дар чилави даҳлези даҳонӣ дар қисматҳои таҳтонӣ ва фавқонӣ ҷой дорад; 2. Бахши хориҷии даҳон мураккаб аз ду қитъаи гӯштӣ ва сурх...; 3. Канор, соҳил; 4. Канора, ҳошия; 5. Каломи маъшук...” (233, 3551-3552). Мушоҳида нишон медиҳад, ки маънои севуми ин вожа (канор, соҳил) на хоси забони Носири Хусрав аст, балки ҳанӯз дар ибтидои ташаккули забони адабии форсии дарӣ, яъне пеш аз замони ӯ мустаъмал будааст:

Гар ман ин дӯстии ту бибарам то **лаби** гӯр,
Бизанам наъра, валекин зи ту бинам ҳунаро.

(Рӯдакӣ)

Вожаи **канор** низ дар ин мавриди ба маънии аслии худ ба кор нарафтааст, зеро дар фарҳангҳо ба маъноҳои зерини он ишора шудааст: 1. Ҷониб, тараф, карон; 2. Ҷанб, паҳлу; 3. Бағал, оғӯш ; 4. Дар оғӯш гирифтан; 5. Гӯша; 6. Соҳил( рӯд, дарё); 7. Ҷудо, мунфасил. Аз таҳлили инкишофи маънои ин вожа бармеояд, ки чунин ҳаммаъно шудани он бо калимаи лаб танҳо дар сурате муяссар шудааст, ки дар ин мавриди аз маънои аввалияи худ хеле дур равад.

Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки дар забон истифодаи муродифот асосан ба мақсадҳои услубӣ сурат гирифта, ба воситаи онҳо тобишҳои гуногуни таҳтонӣ, ки дар баробари маънои луғавии калима ҳузур доранд ва баён гардидаанд.

Тамоми нозукиҳои маъноии муродифоти воҳидҳои гуногуни забон маҳз дар матн зоҳир мегарданд. Дар бештари пажӯҳишоте, ки дар заминаи маводи осори бадеӣ анҷом пазируфтаанд, асосан ба масъалаҳои муродифоти луғавӣ, баргузину мавқеи корбурди вожаҳои ҳаммаъно, тобишҳои маъноӣ ва таровишу обуранги услубии онҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда шудааст. Метавон гуфт, ки ҳаҷми корбурди калимаҳои ҳаммаъно бойигарии луғавии ҳар як адиб ба шумор меравад ва ҳар кадоме аз онҳо сабку шеваи хосси хешро доранд. Масалан, гузашта аз ин Саъдӣ низ бо шеваи баёни ба худ хос аз маҳорату қобилияти нигорандагӣ ва забондонии хеш дарак медиҳад. Дар ҳикояҳои «Гулистон» феълҳои ҳаммаъно ва наздикмаъно бисёр мавриди корбурд қарор гирифтаанд. Нависанда ба сабки нигориш таваҷҷуҳи махсус дода, аз такрори феълҳо худдорӣ менамояд ва бо истифода аз тобишҳои лафзию маъноии калимаҳо мақсадашро баён кардааст. Барои тасдиқи гуфтаҳои худ ба феълҳои «Гулистон» рӯ меорем, то бубинем, ки кадом муродифшавандаҳои он дар ҳикояҳои «Гулистон» истифода шудаанд: 1) Падар бихандид ва аркони давлат биписандиданд ва бародарон ба ҷон биранҷиданд (7, с. 36). Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» феъли «писандидан» чунин маънидод шудааст: писанд омадан – қабул афтодан, мақбул гаштан, хуш омадан (9, с.65). Мафҳуми ***писанд омадан***-ро аз дигар матнҳо ҷустуҷӯ менамоем: 2) Филҷумла, писарро ба нозу неъмат баровардан гирифт ва устоди адиброба тарбияти ӯ насб кард, то занни хато равад ва ҳӯи некӯяш биёмӯхт ва соири одоби хидмати мулукаш таълим кард, чунон ки дар назари бузургон писанд ояд (7, с. 46). 3) Филҷумла, мақбули назари султон омад, ки ҷамоли сурату маънӣ дошт ва хирадмандон гуфтаанд… (7, с. 48). мақбул– қабул кардашуда, пазируфта, писандида 4) Маликро хуш омад, суррае ҳазор динор аз равзан берун дошт ва гуфт, ки доман бидор, эй дарвеш (7, с. 61). 5) Малик бори дигар ба ӯ дил хуш кард ва амал фармуд, қабулаш наёмаду гуфт… (7, с. 65). ***Дил хуш кардан*** воҳиди фразеологӣ буда, маънои ***«писанд омадан»***-ро дорад. 6) Маликро гуфтаи дарвеш устувор омад (7, с. 103). ***Устувор омадан*** – маъқул гаштан, қабул, хуш омадан 7) Маликро сухан гуфтани ӯ ***матбӯъ омад*** (яъне муносиби табъ, хушу писандида ва дилкаш буд,) (7, с. 230). Корбурди фаровони калимаҳои зиёди гуногуншакли ҳаммаъно дар ин асари пурмуҳтаво далели раднопазирест аз сарвати лафзӣ ва луғавии адиб , ки устоди бузургу нотакрори сухан будани ӯро собит мекунад. Сохтори луғавии забони асрҳои XII – XIII ки ба давраи рӯзгору эҷоди Саъдии Шерозӣ рост меояд, натиҷаи пайдоиш, инкишоф ва мавҷудияти чандинасраи забони форсии дарӣ буда, захираи ниҳоят бойи калимаҳои гуногунбунёди онро фаро мегирад. Дигаргуниҳои сиёсӣ дар авохири садаи X (яъне аз байн рафтани давлати Сомониён, ба Мовароуннаҳр соҳиб

шудани Қарохониҳо ва ба давлати Ғазнавӣ гузаштани Хуросон) ба ҳаёти адабии халқи тоҷик ва дигар мардуми эронинажоди ин мамлакат таъсир накарда наметавонист. Забони дарии тоҷикӣ ва адабиёти тоҷик, ки дар асри X беш аз пеш вусъат меёфт, то як дараҷа ба зарба дучор гардид (2, с. 200), яъне инқилоби забонӣ (забони дарӣ, форсӣ ва арабӣ) ба вуҷуд омад. Баъзе сулолаҳои нав бар хилофи сиёсати нисбат ба забони тоҷикӣ пешгирифтаи Сомониён аз нав забони арабиро пеш ронда (4, с. 28), ба таркиби луғавии забони форсии тоҷикӣ низ таъсир гузоштаанд, зеро калимаву ибораҳои гуногуни зиёде аз як забон ба забони дигар иқтибос шуда, ба истеъмол ворид мешуданд.

Дар «Гулистон» низ калимаҳои иқтибосӣ ба таври фаровон истифода шудаанд ва ҷузъҳои аслии онҳоро вожаҳои арабӣ ташкил медиҳанд: Якеро аз дӯстон пеши худ овард, то ваҳшати танҳоӣ ба дидори ӯ ***мунсариф кунад*** ва шабе чанд дар сӯҳбати ӯ буд, чандон ки бар дирамҳош ***иттилоъ ёфт***, бибурду сафар кард, он гаҳ ***хабар ёфт***, ки офтобаш дар китф тофт (7, с. 261). Феълҳои иттилоъ – иттилои амр, донистани он, иттилоъ бар чизе, воқиф гардидан, ошкор шудани он назди касе, мутаваҷҷеҳ шудан, омадан назди касе, пинҳон гардидан, бохабар будан. иттилоъ додан – огаҳӣ додан, хабар кардан, огоҳ сохтан, арза доштан. воқиф гардонидан (гаштан) – огоҳ кардан, воқиф кардан, хабардор гаштан, дарёфтан. Феълҳои таркибии иттилоъ ёфт ва хабар ёфт ҳаммаъно буда, барои гурез аз такрори нобарҷой дар як ҷумла ду муродифи як феъл оварда шудааст. муродифи исмӣ муродифи сифатӣ муродифи феълӣ иттилоъ // хабар воқиф // хабардор иттилоъ ёфт // хабар ёфт (хабардор шуд) // воқиф гардид (шуд) Яке аз далелҳои барҷастаи қудрату нерӯи забони форсии тоҷикӣ дар он зоҳир мегардад, ки калимаҳои зиёди бегонаро бо роҳи калимасозӣ ва таркиббандӣ ба қонунияти худ мутобиқ намудааст.

Аз калимаҳои арабии иттилоъ, хабар**,** воқиф бо феълҳои ёвари тоҷикии ёфтан (иттилоъ ёфтан, хабар ёфтан), шудан (воқиф шудан), гардидан, кардан, намудан феълҳои таркибӣ сохта шудааст. Мунсариф кардан ба маънои бартараф кардан, дур кардан истифода шудааст. Мунсариф бо феъли ёвари кардан (мунсариф кардан, намудан, гардидан, шудан) омада, феъли таркибӣ месозад. Бо таркиби дур кардан (сохтан, шудан, намудан) муродифи луғавӣ шудааст. Мунсариф кардан // бартараф кардан, дур кардан. Бо ҷуни шева шумораи зиёди феълҳо сохта шуда, хазинаи луғавии забонамон боз ҳам ғанитар гардидааст.

Ба нигоҳи услубшиносӣ, муродифот аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарини услуби бадеист. Бесабаб нест, ки дар тадқиқи забони асарҳои бадеӣ за боншиносон ба интихоб ва мавқеи истеъмоли муродифҳо бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд. Муродифоти калимаю таркибсозӣ ба ҷуз тобишҳои нозуки маъноӣ аз ҷиҳати доира ва дараҷаи истеъмол ва хусусияти фардии сохт аз ҳамдигар фарқ доранд.

**АДАБИЁТ:**


1. Ali Akbar-i Dehhudo. Luqatnoma. -Tehron, 1377. Chop-i duvvum. -J.1-15. - 23902 s.
2. Амонова М.Н. Забон ва услуби “Сафарнома”- и Н. Хусрав.
3. Арзуманов С. Забони тоҷикӣ. Душанбе: Маориф, 1986
4. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ. 1-2. Душанбе: Ирфон, 1973.
5. Камолиддинов Б. Хусусияти услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ. -Душанбе: Маориф, 1992. – 128 с.
6. Назарова З.А. Лексическая и грамматическая синонимия глаголов в произведении «Гулистан» Саади Шерози: автореферат дисс. …канд. фил. наук: 10 02 22. / Назарова Зарина Абдухамитовна. -Душанбе, 2009. -26 с.
7. Саадӣ. Гулистан. Критический текст, перевод, предисловие и примечание Р.М. Алиева. - М.: Изд.-во восточной литературы, 1959. - 487 с.
8. Фарҳанги забони тоҷикӣ. -М.: Сов. энцикл., 1969. -Ҷ. 1-951 с. 92. -.,Ҷ.2- 947 с.93
9. Nazarova Z.A. Lexical and Grammatical Synonymy of Verbs in the "Gulistan" by Saadi Sherozi: Synopsis of the dissertation for Candidate`s degree in phylology -Dushanbe, 2009. -26 p.

**Амонова М.Н.**

**ХУСУСИЯТҲОИ УСЛУБИИ МУРОДИФҲО ДАР ЗАБОНИ ТОҶИКӢ**

Дар мақола муаллиф дар бораи хусусиятҳои услубии калимаҳои муродиф, яъне синонимҳо дар забони тоҷикӣ сухан ронда, тобишҳои маъноӣ ва оҳангҳои хосси калимаҳоро дар дохили матн вобаста ба ҳолати рӯҳии қаҳрамон ва ҳадафи муаллиф баён кардааст. Муаллиф қисман дар бораи сохт ва таркиби луғавии муродифот ибрози назар намуда, аз осори адибон мисолҳо меорад.

***Калидвожаҳо:*** *алоқа, маъно, услуб, тафовут, иқтибоси арабӣ, тафовути услубӣ, тафовути маъноӣ*

**Амонова М.Н.**

**СТИЛИСТИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ СИНОНИМОВ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА**

В статье автор рассказывает о стилистических особенностях синонимов в таджикском языке, семантических нюансах и специфических тонах слов в тексте в зависимости от настроения главного героя и цели автора. Автор частично описывает структуру и лексический состав синонимов, приводит примеры из произведений писателей.

***Ключевые слова:*** *связь, значение, стиль, различие, арабская цитата, стилистическое различие, смысловое различие.*

**Amonova M.N.**

**STYLISTIC FEATURES OF SYNONYMS OF THE TAJIK LANGUAGE**

In the article the author tells about stylistic features of synonyms in the Tajik language, semantic nuances and specific tones of words in the text depending on the mood of the main character and the author. The author partially describes the structure and lexical composition of synonyms, gives examples from the works of writers.

***Keywords:*** *connection, meaning, style, distinction, Arabic quote, stylistic distinction, semantic distinction.*

**Сведения об авторе: Амонова Муслима** к.ф.н. дотсенти кафедраи фарҳанги соҳибкории Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат тел: 907 90-90-62.

**Information about the author: Amonova Muslima** Ph. D. Associate Professor of the Department of Business Culture of the Mobile Institute, Business and Services tel: 907 90-90-62.

**З. ФАЙЗУЛЛАЕВА**

## ФОРМИРОВАНИЕ ЭТНИЧЕСКОЙ И РЕЛИГИОЗНОЙ ТОЛЕРАНТНОСТИ УЧАЩИХСЯ НА ШКОЛЬНЫХ УЧЕБНИКАХ ЧЕРЕЗ ПРИЗМУ НАЦИОНАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ

В современном обществе обсуждение понятия толерантности становится неотъемлемым аспектом межнационального взаимодействия, как в глобальном сообществе, так и в региональных масштабах, где бок о бок живут представители разных народностей, национальностей и религиозных конфессий. В определенных обстоятельствах, когда среди учащихся встречаются ситуации недоброжелательности, озлобленности, агрессивности, взаимная нетерпимость и культурный эгоизм, постепенно проникающая в семью и школу, перед педагогами ставится вопрос о создании единой системы воспитания, основанной на общечеловеческих и традиционных нравственных ценностях. В этом процессе важную роль играет применение, сохранение и возрождение истинно национальных ценностей, которое невозможно без внедрения, упрочения и развития культурных традиций в образовательном процессе.

Анализируя нынешнее содержание программ общеобразовательных школ, можно определенно подчеркнуть, что в сфере просвещения имеются интересные подходы по формированию толерантности в целом. Но, в тоже время почти не раскрыты широкие возможности учебной деятельности, где каждый учебный предмет может стать условием формирования этнической и конфессиональной толерантности. Следовательно, перед педагогами и учеными нарастает важная задача совместными усилиями глубже уяснить традиционные основы воспитания, находить пути и возможности их приложения в современных обстоятельствах, создать концепцию и программу нравственного и духовного просвещения учащихся, основанную на толерантном отношении к представителям разных народов и конфессий.

На территории Центральной Азии с приходом Ислама моральные ценности и нравственные нормы этой религии в короткий срок не только изменили традиции и нравы народов, ставших мусульманами, но и повлияли на их достижение цивилизационного уровня. Одним словом, ислам вошел в национальные традиции народов, живущих на этой исторической земле. И таким образом, Ислам также во многом сформировал духовный облик этносов и этот процесс до сих пор продолжает оказывать определяющее влияние на духовность и жизнедеятельность народов этих стран.

История доказывает, что с первых же дней зарождения Ислама веротерпимость и толерантность были неотъемлемой составляющей мировоззрения мусульманина. Принципы сострадания и мирного сосуществования с другими культурами и религиями вышли на первый план и до сих пор остаются главными ценностями данной религии.

Толерантность в исламе трактуется не как снисхождение, а как активное отношение, формируемое на основе признания фундаментальных прав.

Автор достоверного сборника хадисов Имам аль-Бухари, который наиболее ярко повествовал действия и слова Пророка Мухаммада, в одном из Хадисов отмечает: *«Каждый ребёнок рождается с присущим ему качеством быть мусульманином (фитра), но потом родители делают его иудеем, христианином или язычником»*.Эти слова нашли своё отражение во многих произведениях средневековых авторов, чьи предания до сих пор являются эталоном высокой морали и отражением истинных традиций восточных народов.Одним из таких авторов был Саади Ширази, который свои воззрения подкреплял рассказами из жизни, живыми и увлекательными, яркими бытовыми картинами, народными поговорками и пословицами и нередко сопровождал их чтением своих стихов. Он умело мог использовать коранические сказания в виде простых и увлекательных рассказов. Вышеизложенное предание Аль-Бухари он передает с очень интересным рассказом о юноше заключая словами: «Люди рождаются только с чистой природой, и лишь потом отцы делают их иудеями, христианами или огнепоклонниками» [8,31].

На наш взгляд, произведения таких мыслителей как Саади Ширази освещают жизнь народа, его культуру и традиции, их использование в учебном процессе даёт возможность глубже осознать присущую среднеазиатским народам традицию, тесно связанную с исламом. Ибо в школе формируется среда, которая приобщает подрастающее поколение к социальным ценностям, где наряду с трудолюбием, патриотизмом и равенством выступает и толерантность.

Толерантность является немаловажной темой в учебных программах общеобразовательных школ ряда постсоветских стран. В учебных пособиях, например, часто простыми и убедительными примерами школьники знакомятся с основным содержанием Корана: легендами, полемиками, притчами, эпическими сказаниями, основами вероучения и другими этико-моральнымиопределениями.Высокий эталон по всеохватывающей образовательной программе и качеству учебников имеет Российская Федерация. Например, на страницах учебного пособия «Основы религиозных культур и светской этики. Основы исламской культуры» (для 4–5 классов общеобразовательных учреждений Российской Федерации) мы встречаем следующие слова: «Будьте братьями, помогайте друг другу, не обижайте людей не ссорьтесь» – такой совет даёт один из хадисов». На этой же страницеговорится: «Что такое дружелюбие? Оно означает, что всегда и во всем нужно быть приветливым, обходительным. Нужно быть терпимым и не обсуждать людей. Как сказано в Коране, плохо поступает тот, кто насмехается, издевается над другими людьми. В исламе запрещено злословить, сплетничать, выискивать недостатки у других людей. «Стягиваются раны от копья, но не заживают те, которые нанёс язык», – говорится в Сунне» [6,58].

Важными показателями эффективности национальной политики Республики Узбекистан, в том числе и толерантного отношения к представителям разных народов являются то, что преподавание в системе образования ведется на 7 языкахэтносов населения страны.

Возрождение ислама – как высшего проявления духовности целенаправленно иэнергично происходит в Узбекистане благодаря курсу руководства страны, направленному на духовное оздоровление нации. По результатам проведенных в

общеобразовательных школах республики Узбекистан эксперимента с использованием диалоговых форм обучения, в частности, семинарских занятий, где учащиеся высказывали свое мнение о том, как они понимают традиции, почему ихнадо изучать, было выявлено, что предстоит определенная работа по подготовке учительских кадров, обладающих этнопедагогическими знаниями и применяющими их на практике. Заключение исследования свидетельствует, что в современном мире создаются новые условия для диалога различных культур, который невозможен без поиска общечеловеческих ценностей [1,34].

В Узбекистане идет большая работа по внедрению в систему образования традиций воспитания толерантности между различными нациями и религиозными представителями.В учебнике «Одобнома» («Азбука этики») находим такие слова: «Священная религия ислам призывает людей быть милосердными, человечными. В хадисах говорится: «Пока вы не будете милосердны друг к другу, то не будете считаться правоверными» [10,81].

Это напоминание косвенно освещает и вопрос толерантности понятным и доступным для учащихся 3-х классов языком. Наиболее полное представление о толерантности можно получить в разделе «Что такое толерантность» по учебнику 6-го класса «Чувство Родины» [5,78], хотя в содержании данной темы отсутствует связь национальных элементов толерантного отношения прошлогопоколения с настоящим.

Следует отметить, что, принципы добрососедства и терпимости вырабатывались годами в ходе сложной социально-исторической практики различных этносов, проживающих в Центральной Азии. По мнению казахского ученого Ж.М. Утегенова «учет национальных особенностей является важнейшим условием воспитания этнической толерантности» и способствует благополучно взаимодействовать в поликультурной среде [9, 87].Забегая в далекое историческое прошлое, авторы учебника «Самопознание» (для 5-х классов казахских школ) преподносят материал о дружбе и толерантности словами Сократа: «Никакое общение между людьми невозможно без дружбы» и дается заключение, что «дружбу смело можно назвать качеством, объединяющим людей» [3,87].

С точки зрения таджикского ученого И.Челика «Священный Пророк обращался с мусульманами так же, как Авраам и Исус, так же призывал к общечеловеческим, гуманным принципам, братству и равенству. Именно это единство позволило мусульманам принять дух толерантности и жить друг с другом в мире и спокойствии. Со своего рождения ислам был знаком с понятием мира и спокойствия «Добром отвечай на зло! Мы более умны, чем нас описывают» [11, 113].

Ценное исследование в этой области проведено другим таджикским ученым А.Х.Алиевым который подчеркивает: «Возрождение национальных традиций воспитания находится в прямой зависимости от структуры школьных программ, без которых невозможны возрождение национальной педагогики и ее истории [2,19].Однако, следует отметить, что в школьной программе общеобразовательных школ Таджикистана отсутствует отдельный предмет, направляющий учащихся на духовно-нравственное развитие в целом. В существующейдля 3–4 класса учебника «Одобнома» («Этика») и 9-гокласса «Маърифати оиладорӣ» («Культура семейных отношений») затрагиваемый нами вопрос не освещается. На актуальность решения данного вопроса обращает внимание исследователь Х.Т Каюмова, говоря об отсутствии новых подходов и технологий, обоснованных научными данными, о способах воспитания патриотизма, миролюбия и толерантности учащихся [4,6].

Обычно опираясь на учебные пособия, учитель разворачивает педагогический процесс. Исходя из этого в учебное пособие должен входить систематизированный материал, составляющий развернутое конкретное содержание учебного предмета в соответствии с целями обучения, установленными программой и требованиями дидактики. Короткие, но интересные рассказы, хадисы, легенды, сказки и стихотворения о делах наших предков отражающие национальные традиции и ценностизаставят детей по-новому взглянуть на себя со стороны, проанализировать свои и чужие поступки, жить в мире с другими.

Ведь не зря у входа в здание штаб-квартиры ООН, который находится в Нью Йорке выстрочены строки из стихотворения великого мыслителя-педагога Саади Ширази посвящённое общечеловеческому единству:

«Всё племя Адамово — тело одно,
Из праха единого сотворено.
Коль тела одна только ранена часть,
То телу всему в трепетание впасть.

Подчеркивая значение толерантности, «Всеобщая декларация прав человека» в 26 статье провозглашает, что именно образование «должно содействовать взаимопониманию, терпимости и дружбе между всеми народами, расами и религиозными группами». В свою очередь Генеральная конференция ЮНЕСКО в 1995 г. приняла специальную «Декларацию принципов толерантности», где призывает сделать все необходимое для утверждения идеалов толерантности, «поскольку толерантность является не только важнейшим принципом, но и необходимым условием мира и социально-экономического развития всех народов» [7].

Сегодня перед педагогами стоит важная задача: воспитание у детей миролюбия, принятия и понимания других людей, умения позитивного взаимодействия между представителями разных наций и конфессий. Для формирования этнической и религиозной толерантности учащихся предстоит модернизировать весь арсенал народных средств и методов воспитания, широко применять мудрость народного воспитания, трансформировать национальные ценности на современный этап развития образования, в новом поколении учебных пособий внести определенные изменения с использованием этнопедагогики и этнопедагогических традиций воспитания с опорой на духовные основы традиционных религий.

**ЛИТЕРАТУРА:**

1. Абдуллаева Ш.А. Хужаназарова Ш.Ф. Организация работы по воспитанию толерантности в средних общеобразовательных школах / Замонавийтаълим / Современное образование, №6, 2017 (стр. 31–35).
2. Алиев А.Х. Традиции обучения и воспитания предков-таджиков в контексте современных проблем образования // Дисс. на соиск. уч. степени кандидата пед. наук. Душанбе, 2012.
3. Карабутова А.А., Калиева Г.И., Лосева Е.М., Рудькова Т.В. Самопознание: Учебник для 5 класса / – Алматы: ННПООЦ «Бебек», 2017. – 152 с.
4. Каюмова Х.Т. Воспитание патриотизма, миролюбия и толерантности учащихся начальных классов на основе педагогической культуры таджиков // авторефератдисс.докт.пед. наук. Душанбе, 2020.
5. Костецкий В.А., Маметова Г.У., Сергеева Н.И. Чувство Родины. 6 класс: Учебник для учащихся общеобразовательных школ. – Т.: YangiyulPoligraphService, 2015. – 120 с.
6. Латышина Д.И., Муртазин М.Ф. Основы религиозных культур и светской этики. Основы исламской культуры. 4–5 классы: учебное пособие для общеобразовательных учреждений. М.: Просвещение, 2010. – 80 с.
7. Методические аспекты воспитания толерантности в общеобразовательной школе. https://vuzlit.ru/556539/metodicheskie_aspekty_ vospitaniya_tolerantnosti_obscheobrazovatelnoy_shkole /Дата обращения 12.12.2020
8. Саъдии Шерозӣ. Гулистон. Т.: «Niso-Poligraf», 2012, –300 с.
9. Утегенов Ж.М. Этнопедагогическое своеобразие казахов в воспитании этнической толерантности. Преподаватель XXI век. №3, 2011 (стр. 84–87).
10. Холикова М., Эргашева Ш. Азбука этики. Учебник для 3-го класса общеобразовательной школы / Холикова М., Эргашева Ш. Ташкент: YangiyulPoligraphService, 2019. – 96 с.
11. Челик И. Воспитательный потенциал ислама в формировании толерантного отношения современной молодежи // Дисс. на соиск.уч. степени кандидата пед. наук. – Душанбе, 2015.

**Файзуллаева Зебунисо**

**ФОРМИРОВАНИЕ ЭТНИЧЕСКОЙ И РЕЛИГИОЗНОЙ ТОЛЕРАНТНОСТИ УЧАЩИХСЯ НА ШКОЛЬНЫХ УЧЕБНИКАХ ЧЕРЕЗ ПРИЗМУ НАЦИОНАЛЬНЫХ ЦЕННОСТЕЙ**

В настоящей работе рассмотрены вопросы формирования религиозной и этнической толерантности учащихся на основе школьных программ и учебных пособий, возрождения традиций воспитания толерантности между народами и национальностями, а также религиозными конфессиями. Важное значение уделяется вопросам модернизации средств и методов народного воспитания, трансформации национальных ценностей на современный этап развития образования.

***Ключевые слова:*** *национальные ценности, программы общеобразовательных школ, духовность, учебные пособия, педагогический процесс, этническая и религиозная толерантность, народное воспитание.*

**Файзуллаева Зебунисо**

**ТАШАККУЛИ ТАҲАМУЛПАЗИРИИ ЭТНИКӢ ВА ДИНИИ ХОНАНДАГОН ДАР КИТОБҲОИ ДАРСӢ ТАВАССУТИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои ташаккули таҳаммулпазирии динӣ ва этникии муҳассилин дар асоси барномаҳои тадрисӣ ва васоити таълим, таҷдиди анъанаҳои тарбияи таҳаммулпазирӣ байни халқу миллатҳо ва конфессияҳои динӣ баррасӣ шудааст. Ҳамчунин масъалаҳои модерни восита ва методҳои тарбияи халқӣ, ҳамгиройии арзишҳои миллӣ дар марҳилаи кунунии ривоҷи таълим матраҳ шудааст.

***Калидвожаҳо:*** *арзишҳои миллӣ, барномаҳои мактабҳои таълими умумӣ, маънавиёт, васоити таълим, раванди педагогӣ, таҳаммулпазирии этникӣ ва динӣ, тарбияи халқӣ.*

**Fayzullaeva Zebuniso**

**FORMATION OF ETHNIC AND RELIGIOUS TOLERANCE OF STUDENTS IN SCHOOL TEXTBOOKS THROUGH THE PRISM OF NATIONAL VALUES**

This paper discusses the issues of the formation of religious and ethnic tolerance of students on the basis of school curricula and teaching aids, the revival of the traditions of fostering tolerance between different nations and religious representatives. Much attention is paid to the issues of modernization of the means and methods of public education, the transformation of national values into the modern stage of education development.

***keywords:*** *national values, programs of general education schools, spirituality, teaching aids, pedagogical process, ethnic and religious tolerance, public education.*

**Сведения об авторе: Файзуллоева Зебунисо Буходировна** – исследователь-соискатель Института развития образования Академии образования Республики Таджикистан. e-mail: shahr83@bk.ru

**Information about the author: Faizulloeva Zebuniso Bukhodirovna**–research-applicant at the Institute for the Development of Education of the Academy of Education of the Republic of Tajikistan, e-mail: shahr83@bk.ru

# 20-СОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ
# 20-ЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ НАУК В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ
# 20TH ANNIVERSARY OF THE STUDY AND DEVELOPMENT OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL SCIENCES IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION

**С. КУРБАНОВ**

## ТЕХНОЛОГИЯИ БАНАҚШАГИРИИ ДАРСИ МАТЕМАТИКА БАРОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ФАННӢ

Дар шароити имрӯзаи кишвар шахси бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордон барои дастрас намудани ахбор (маълумот) воситаҳои гуногунро интихоб ва онро таҳлилу таркиб ва арзёбӣ намуда, масъалаҳои мураккаби олами атрофро дарк кунад, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонад, масъулияти худро дар назди оила, ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. [5.с22]

Дар ҷаҳони муосир талаботи бозори меҳнатро ба назар гирифта, инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои ахборро (интернет, телевизионва ғайраҳо) мушоҳида кардан мумкин аст, аммо барои ин танҳо дониш кифоя нест, барои ноил шудан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии хонанда ба шумор меравад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм доим дар талоши он аст, ки таълиму тарбия ҳамқадами замон бошад ва барои амалӣ гаштани он , тадбирҳои мушаххасро амалӣ менамояд. Ҳамин буд, ки 26 декабри соли 2019 дар пайёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳои 2020-2040- ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намуд. Тибқи ин ҳуҷҷат то соли 2040 стандарту барнома ва китобҳои дарсӣ бояд таҷдиди назар шуда, дар асоси муносибати салоҳият ба таълим ва арзишҳои миллӣ ба роҳ монда шаванд. Барои амалӣ намудани ин тадбир бо ибтикори Вазорати маориф ва илми Чумҳурии Тоҷикистон аз соли 2020 нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020-2025 оид ба амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» мавриди истифода қарор мегиранд.

Тағйирот дар соҳаҳои гуногуни илм, иқтисодиёт ва ҳаёти ҷамъият ногузир соҳаи маорифро барои мутобиқ шудан ба талаботи ҷомеаи муосир водор месозад. Яке аз сабабҳои асосии тағйири низоми таълим (мундариҷа ва раванди таълим) талабот ва нақшаи чорабиниҳо барои солҳои 2020-2025 оид ба амалигардонии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» мебошад. Тибқи он: “Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти азхуд намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро, ба монанди қабули масъулиятнокии қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, салоҳияти алоқадорӣ, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмин намояд.”

Стратегияи миллии рушди маориф самтҳои тағйироти низоми таълимро мушаххас карда, гузаришро аз низоми кунунӣ (ба дониш асосёфта) ба низоми таълими салоҳиятнокӣ ба нақша гирифтааст. Қарори мазкур дар асоси таҳқиқоту мушоҳидаҳои назаривию амалӣ бароварда шудааст.

Дар таълими математика такя кардан ба таълими назарияи математика бо умеди тавассути омӯзонидани назария ёд додани математика муносибати сохториро мефаҳмонад. Яъне мо дар таълим асосан ба хонандагон қоидаҳоро таълим медиҳем, то ки ба онҳо такя карда хонандагон мафҳумҳои математикиро дуруст истифода баранд. Китобҳои дарсии мо маъмулан аз рӯйи ҳамин принсип сохта шудаанд. Мафҳум, қоида ва формула оварда мешавад, сипас, силсилаи машқҳо аз рӯйи мавзӯъ пешниҳод мешаванд. Омӯзгор мавзӯи

навро оғоз мекунад. Мафҳум, қоида ва формуларо ба хонандагон мегӯяд, онро шарҳ медиҳад, сипас, аз онҳо талаб мекунад, ки силсилаи машқҳоеро, ки дар китоби дарсӣ оварда шудаанд, иҷро намоянд. [6.с19]

Албатта, одилона нест, агар бигӯем, ки таълими сохторӣ, танҳо ба назария такя кардан дар таълим аст. Омӯзгорон мафҳум, қоида ва формуларо гуфта, онро бо мисолҳо мустаҳкам мекунанд ва шарҳ медиҳанд, ба хонандагон имконият медиҳанд, ки ба тариқи аналогия машқҳои нав созанд. Ин хуб аст, аммо гап сари он меравад, ки ҳама фаъолияти хонанда аз мафҳум, қоида ва формулаи пешакӣ овардашуда ба роҳ монда мешавад, ё дар атрофи мафҳум, қоида ва формулаҳое ташкил карда мешавад, ки аллакай тайёранд.

Таълими функсионалӣ бошад, ба таҷрибаи хонанда такя мекунад. Омӯзгор фаъолияти хонандаро дар такя ба мисолҳои ҳаётӣ, ки хонандагон аллакай дар он таҷриба доранд, оғоз менамояд. Ин аз ҳамон назарияи минтақаи актуалӣ ва наздиктарини рушди Виготский манша мегирад. Ҳамчунин дар таърихи назарияҳои педагогӣ омӯзиши проблемавӣ низ мавқеи махсус дорад. Дар омӯзиши проблемавӣ, ки таълими салоҳиятнокӣ низ ба он такя мекунад, мавзӯъ аз проблема оғоз карда мешавад. Хонандагон бо вазъияти проблемавӣ рӯ ба рӯ карда мешаванд. Ин ҳолат онҳоро барои мақсаднок гардидани омӯзиш водор менамояд. Хонанда роҳҳои гуногуни ҳалли проблемаро ҷустуҷӯ мекунад. Омӯзиши проблемавӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки зарурати омӯзиши мавзӯи пешниҳодшударо дарк кунад ва барои омӯзиш дар наздаш мақсад пайдо шавад. [7.с12]

Омӯзгор фаъолияти хонандагонро дар синф дар шаклҳои гуногун – инфиродӣ, дунафарӣ ё гурӯҳӣ ташкил намуда, дар синф фазои ягонагӣ ва иҷтимоишавии хонандагонро ба вуҷуд меорад, қобилияти эҳтироми фикри ҳамдигар, дар доираи мавзӯъ сухан гуфтанро ташаккул медиҳад, ба онҳо шароит фароҳам меорад, ки андешаҳои худро баён кунанд, мавқеи худ, нуқтаи назари худро дар мавриди зарурӣ иброз кунанд. Аз муносибати авторитарӣ ба хонанда омӯзгор даст мекашад, ин гуна муносибат дар хонандагон низ ташаккул дода мешавад. [8.17]

Омӯзгори имрӯзаро зарур аст, ки хонандагонро ба зиндагӣ дар кӯраи Замин омода кунад, на танҳо ба шароити Тоҷикистони имрӯзаву оянда, зеро дар асри XXI кӯчиши одамон хеле доман паҳн карда истодааст, шароити аз як кишвар ба кишвари дигар барои таҳсил, кор рафтани ҷавонон, шахсони баркамол авҷ гирифтааст. Ин боиси омезиш ва ба ҳам наздикшавии фарҳангҳо мегардад. Дар чунин шароит танҳо шахси салоҳиятнок метавонад муваффақ гардад. Вазъияти баамаломада на танҳо дигаргуниро дар барнома, инчунин дар китоби дарсӣ ва пеш аз ҳама дар муносибати омӯзгор талаб мекунад. Матнҳо ва маводе, ки хонанда бо онҳо кор мекунад, бояд инъикоскунандаи ҳаёти берун аз мактаб бошад.

Дар муносибати салоҳиятнокӣ дар таълим ҳар як фан муносибати мушаххасро талаб мекунад. Ба замми ин ки ҳангоми таълими фанни мушаххас мо муносибатҳои дар боло зикршударо ҳамчун салоҳиятҳои асосӣ (калидӣ) ё болоифаннӣ ба назар мегирем, ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ, ки аз мундариҷаи фанни таълимӣ бармеоянд, муҳим аст.

Бо назардошти ҳамин паҳлуҳои таълими салоҳиятнокӣ дар таълими фанни математика ташаккули се ҷиҳати асосӣ ба назар гирифта шудааст. Ташаккули салоҳиятҳои арифметикӣ, ташаккули салоҳиятҳои алгебравӣ ва ташаккули салоҳиятҳои геометрӣ.

Дарс шакли асосии таълим ба ҳисоб меравад бинобар кушиш менамоем, ки доир ба нақнаи сохтани дарс ибрози андеша намоем.

Барои сохтани нақшаҳои тақвимӣ ва дарсҳои таълимӣ риоя кардани меъёр, мақсад, вазифаҳо ва чанде дигар муҳимотро муайян кардан лозим аст. Омӯзгор меъёрҳои қонуни, идоракуниро албатта дар мадди назар бояд гузарад. Муҳимат ва вазифаҳоро дар назди худ барои беҳбудии кор муайян месозад.

Нақшасозии таълим кори эҷодист. Ба қолабҳо одат кардани муаллим, эҷодкориро хира, таълимро коста мегардонад. Махсусан, дар таълими математика омӯзгор худ эҷодкор набошад, бештар дар чаҳорчӯбаҳо фаъолияти худро ҷой мекунад. Шогирд низ эҷодкор шуда наметавонад. Яъне шогирд бештар бо тарзи монандкунӣ, маводи таълимиро азхуд мекунад, мисолу масъалаҳоро ҳал мекунад исбот мекунад. Чун амсоли монандро надонад ё наёбад фаъолиятро анҷом дода наметавонад. [9.с33] Фарз кардем мавзӯи

муодилаҳои хаттӣ чунин масъала дода шуда бошад. Мисол: Суммаи ду адад ба 16 баробар аст. Яке аз ададҳо аз дигараш ду воҳид калон аст. Ин ададҳоро ёбед.

Ҳал: x – адади якум

y – адади дуюм

x + y = 16

x – y = 2 Чавоб: (7 : 9)

Ин системаи муодилаҳоро бо роҳи гузориш, графикӣ ё ҷамъи алгебравӣ ҳал кардан мумкин аст.

Вале хонанада метавонад бо роҳи дигар онро низ ҳал кунад. Яъне дар асоси донишҳои андӯхта аз мавзӯҳои “ Муодилаҳои хаттии яктағирёбанда”

Ҳал: x – адади якум

x- дуюм

x + (x- 2) = 16

x = 9

x – 2 = 7 Ҷавоб: 9; 7

Бо ин мисол ҳаминро қайд карданием, ки агар дар ҷараёни таълим алоқамандиҳои мавзӯҳо хуб муайян карда шавад, он гоҳ дарки маводи нав осон ва низоми системазацияи фикрронии хонанада маҷрои пайваста мегирад.

Алоқамандии дохилии фан дар ин мисол дар кучост. Ба ишоратгузориҳои мазмунӣ нигоҳ мекунем. Дар ҳалли аввал:

x- номаълуми якум

Дар ҳалли дуюм

X- номаълуми якум

X- адади якум

X- 2 адади дуюм

Муқоиса мекунем:

Дар ҳарду маврид ишораи адади якум x-аст, вале ишораи адади дар мавриди аввал y аст, дар мавриди дуюм x – 2 аст, дар ҳарду маврид як адад аст. Пас y = x -2 мебошад. Ин мувофиқатро дар куҷо ёфтан мумукин аст? Дар ҳалли мавриди якум аз системаи муодилаҳо, муодилаи дуюм намуди x – y=2 дорад, аз ин ҷо y = x – 2 аст. Пас муодилаи x+(x-2)=16 аз роҳи дуюми ҳалли масъала бо роҳи аввали ҳал, яъне системаи муодилаҳо чӣ алоқамандӣ дорад. Дар ҳалли системаи муодилаҳои (1) мувофиқати y = x – 2 ро иваз намоем система шакли x + y =16 y = x – 2 (2) ро мегирад.

У- и муодилаи дуюмро ба ҷои y-и муодилаи якум дар система гузориш карда ҳосил мекунем: x + (x – 2) =16

Ҳамин тавр алоқамандии мавзӯҳои системаи муодилаҳои хаттии дуномаълума ва муодилаҳои хаттии якномаълумаро муайян кардем.

Бо овардани ин мисол, мо бояд эҳсос кард, ки дар омӯзиши математика ба хотиргирӣ ва ба хотироварии мавзӯъҳо хеле мавқеи асосӣ дорад. Дар асоси захираҳои дониш алоқамандиҳои дохили фаннӣ ва байни фанҳо имконпазир мегардад. Дар ин суръат эҳтимолияти дар хотир, монанди маводи нави омӯзишӣ зиёд мешавад. Дар асоси дарки дурусту илмии алоқамандиҳои назария ва амалия фаъолияти кашфиёти эҷодӣ ташаккул меёбад.

Муҳокимароние, ки мо дар атрофи масъалаи гузошташуда гузаронидем, характери тадқиқотӣ дорад. Яъне чунин тадқиқот як шохаест, ки аз боби тадқиқоти омӯзгорӣ. Ҳамин тавр омӯзгор дар фаъолияти омӯзгории худ бо бисёр кушоишҳо бармехӯрад, ки онҳо зарра-зарра сутуну майдони маҳорати педагогии ӯ мегардад.

Ба нақшагирии таълими математика дар асоси стандарти давлатии маълумот, барномаҳои таълимӣ, нақшаҳои тақвимӣ ва ҳарсоата сурат мегирад. Дар ҷараёни ба нақшагирии таълим омӯзгор ба системавӣ будани маводи таълимӣ, истифодаи даврии назариёт ва алоқамандии фанҳо диққати зарурӣ медиҳад. Дар вақти ба нақшагирии таълим ва омӯзиши ҳамгиро ва тафриқавӣ ба ҷиҳатҳои васеъи маводи таълимӣ, интихоби дараҷаи назария ва амалия ва роҳҳои ратсионалӣ татбиқи амалии он диққат медиҳанд. Дар вақти ба нақшагирии таълими математика дурнамои татбиқ ва истифодаи маводи таълим ба назар гирифта мешавад. Чунки дар боло рафтани ҷараёни таълим зарурияти

давран такрор ва истифода шудани назария ва амалияҳои омӯхташуда ба миён меояд. [10.с 25]

Дар таълими математика бештар қонуниятҳои индуктивии маводи таълимӣ истифода мешавад ва бояд ҳамин тавр ҳам бошад. Зеро, ки бештар ҷараёни таълими математика ба раванди аз сода ба мураккаб нигаронида шудааст. Дар вақти ба нақшагирӣ таълим ва татбиқи он дар ҷараёни таълим ба қонуниятҳои дедуктивии таълим низ аҳамият додан лозим аст. Аз мураккаб ба сода гузаштан фаъолияти эҷодӣ ва тадқиқотии хонандаро афзун мегардонад. Мисол: Дар вақти ҳалли муодилаҳо ва системаи муодилаҳо гузаронидани санҷиш ба он кумак мерасонад, ки дурустии ҳалҳо санҷида шавад. Аз тарафи дигар, боварӣ ба дурустии ҳалҳо пайдо мешавад. Санҷиш дар омӯзиш ва ҳалли мисолҳо, такрору бахотироварии мафҳумҳои содаро талаб мекунад ва мустаҳкамшавии донишҳои барвақт омӯхташуда ба амал меояд.

Мураккаб $\begin{cases} x^2+y^2=169 \\ x+y=17 \end{cases}$ $\begin{cases} (x_1;y_1)=(5;12) \\ (x_2;y_2)=(12;5) \end{cases}$

Санҷиш (содда) 1) $\begin{cases} 5^2+12^2=169 \\ 5+12=17 \end{cases}$ 2) $\begin{cases} 12^2+5^2=169 \\ 12+5=17 \end{cases}$

Дар нақшагирии таълими математика истифодаи васеъи масъалаҳои кушод зарурати хос дорад, ки он фаъолияти хонандаро ба эҷодкорӣ, фикррронии системавии мантиқӣ, моделсозӣ равона месозад. Чунки дар фаъолияти амалии инсон бештар масъалаҳои кушод ба миён меоянд ва ҳал карда мешаванд. Бинобар ҳамин, таълими математика барои ба фаъолияти мустақилона тайёр шудани хонандагон бояд кӯмак расонад.

Дар фаъолияти омӯзиши хонандагон дар таълими тафриқа ва ҳамгиро интихоби озод муҳим аст. Вақте, ки дар ин шакли ҷараёни таълим интихоби озод мумкин бошад ба нақшагирии он дар ҳамин асос ба амал меояд. Заруряти назардошти қобилият, майлу хоҳиш, дараҷаи азхудкунӣ ва фаҳмиши хонандагон дар ба нақшагирӣ зарур аст.

Мисол: Дар мавзӯи «Муодилаҳои квадратӣ»

Муодилаҳои квадратиро ҳал кунед.

$(x+2)^2+(2x+5)^2=2$

$(x+2)^2+(2x+5)^2=1$

$(x+2)^2+(2x+5)^2=a$ *дар кадом қиматҳои а муодилаи квадратӣ ҳал дорад.*

$(x+b)^2+(2x+c)^2=a$ *дар кадом қимматҳои a,b,c муодилаи квадратӣ ҳал дорад.*

Дар рафти дарс вобаста ба қобилият хонанда мисолро интихоб карда ҳал мекунад

Дар вақти ба нақшагирии таълими математика сарҳадҳои омӯзишу таълимро муайян кардан лозим аст. Аз ҳудуди таълимӣ берун чиро омӯхтан лозим аст? Чӣ тавр? Бояд дар тавзеҳоту иловаи нақшаи дарс муайян шаванд. Бештар дар нақшаи дарс ба масъалаҳои проблемагузорӣ барои хонанда эътибор додан лозим аст. Инчунин проблемагузориҳо метавонанд дар дохили мавзӯъҳои омӯхташаванда ва берун аз он бошанд, вале бо назардошти дастрас будан ба хонанда.

Фаъолияти таълими омӯзишӣ ҳар чӣ қадар самарабахш бошад, муташакилии хонандагон, ибратомӯзии онҳо хуб ва идоракунии равандҳои таълим осонтар мешавад. Агар омӯзгор ба нақшагирии таълимро хуб дарк кунад ва ба роҳ монад, он гоҳ шавқу хоҳиш ва рағбати хонандагон қонеъ мегардад ва таваҷҷуҳи онҳо зиёд шуда, савол мегузоранд, давомаш чӣ мешуда бошад? Ин принсипи банақшагирӣ ба он ҳидоят мекунад, ки худфаъолиятӣ ва худидоракунии хонандагон маҷрои худро ёбад. Худомӯзӣ ва якдигаромӯзӣ онҳо фаъолияти доимӣ ва натиҷабахш мегирад.

Дар банақшагирии дарси математика, умуман, ташаккули хуби маҳорати касбии муаллим, фаъолияти хуби омӯзишӣ тарбиявии синф ва донишандӯзии хуби хонандагон, дар асоси техникаи педагогӣ ба амал меояд, мавқеи калон дорад. Ҳама муваффақиятҳои қайдгашта, ин натиҷаи ба нақшагирии хуби дарс дар зинаҳои таълим аст.

## АДАБИЁТ:

1. Методика преподавания математики в средней школе: Общая методика. Учебное пособие (В.А. Оганесян, Ю.М.Колягин, К.Л. Луканин, В.Я. Санинский), 2-е издание, перераб, и доп. – М,: Просвещение, 1980, - 338с.
2. Методика преподавания математики в средней школе: Общая методика. Учебное пособие для студентов (А.Я.Блох, Е.С.Канин и др.); Сост Р.С. Черкасов, А.А.Столяр – М,; Просвещение, 1985, - 336с.
3. Нуманов М. Введение в методику обучения математике (методологический аспект)., М. Прометей, 1998,- 153 с.
4. Лабораторные работы по курсу "Методика преподавания математики, основ информатики и вычислительной техники". Часть 1и 2; сост. К.К. Джумаев, Р.К. Раджабов., - Душанбе 1989, 89с.
5. Фридман Л.М. Психолого – педагогические основы обучения математике в школе. – М..,: Просвещение 1983, -160 с.
6. Қурбонов С.Р. ва дигарон. «Техналогияи банақшагирии дарсҳои интерактивӣ дар таълими математика»(Дастури таълимӣ) Душанба 2009. 82 саҳ.
7. Қурбонов С.Р. ва дигарон. «Маърифати таълим: ҷустӯ ва бозёфт »(Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни математика ) . Душанбе-2012. 76 саҳ.
8. Қурбонов С.Р. ва дигарон. «Усули ҳамкорӣ дар таълими математика »(Раҳнамои методӣ барои муаллимони мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ) . Душанбе-2011. 69 саҳ.
9. Қурбонов С.Р. ва дигарон. «Барномаи намунавии таълимии курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни математика » Душанбе-2012. 31 саҳ.
10. Қурбонов С.Р. ва дигарон. «Баъзе масъалаҳои методикаи таълими математика» Маводи ёрирасон ва барномаи таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанни математика . Душанбе 2010. 55.саҳ.


**Курбанов С.Р.**

## ТЕХНОЛОГИЯИ БАНАҚШАГИРИИ ДАРСИ МАТЕМАТИКА БАРОИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ФАННӢ

Дар мақола муаллиф аҳамияти баланд бардоштани системаи банақшагирии дарси математикаро бо талаботи ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ тавассути таҷдиди назар намудани мундариҷаи таҳсилот (стандарт, нақшаю барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсии насли нав) ва мувофиқ намудани принсипҳои он ба талаботи замон бо назардошти гузариш ба истифодаи технологияи муосири таълим, таъмини ҳамгироии таҳсилот бо илм дар шароити рушди бозори меҳнати рақобатнок ва ислоҳоти соҳа зарурати замон қайд менамояд. Муаллиф оид ба мафҳуми "муносибати бо салоҳият ба таълим", ки дар солҳои охир дар таълим мавриди муҳокимаи умум қарор гирифтааст, маълумоти муфид пешниҳод сохта, моҳият,мақсад тавсиф дода шуда, роҳҳои амалӣ намудан ва мукаммалгардонии он дар шароити муосир пешниҳод гардидаанд, ки омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ метавонанд аз он истифода намоянд.

***Калидвожаҳо:*** *таҳсилот, банақшагирӣ, фаъолият, рақобат, индуктивӣ, арзёбӣ, тафриқа, ҳамгиро, моделсозӣ, худбаҳодиҳӣ.*

**Курбанов С.Р.**

## ТЕХНОЛОГИЯ ПЛАНИРОВАНИЯ УРОКА ПО МАТЕМАТИКЕ ДЛЯ РАЗВИТИЯ ПРЕДМЕТНЫХ КОМПИТЕНЦИЙ

В статье автор подчеркивают важность совершенствования системы планирования уроков математики с учетом требований формирования предметных компетенций путем пересмотра содержания образования (стандарты, учебные планы, учебники нового поколения) и адаптации его принципов к требованиям современных технологий. Обеспечение интеграции образования с наукой в контексте развития конкурентного рынка труда и реформирования сектора подчеркивает необходимость времени. В статье дается полезный обзор широко обсуждаемого в последние годы в образовании понятия «компетентностный подход к обучению», раскрывается сущность и цель, предлагаются пути его реализации и совершенствования в современных условиях, общеобразовательная школа может использовать это.

***Ключевые слова***: *образование, планирование, деятельность, конкуренция, индукция, оценка, дифференциация, интеграция, моделирование, самооценка.*

**KURBANOV S. R.**
**TECHNOLOGY OF PLANNING LESSON IN MATHEMATICS FOR DEVELOPMENT OF SUBJECT COMPETENCIES**

In the article the author emphasizes the importance of improving the system of planning mathematics lessons, taking into account the requirements for the formation of subject competencies by revising the content of education (standards, curricula, new generation textbooks) and adapting its principles to the requirements of modern technologies. Ensuring the integration of education with science in the context of developing a competitive labor market and sector reform emphasizes the need for time. The article provides a useful overview of the concept "competence-based approach to learning," which has been widely discussed in education in recent years, reveals the essence and purpose, and suggests ways of its implementation and improvement in modern conditions, the mainstream school can use this.

***Key words:*** *education, planning, activity, competition, induction, assessment, differentiation, integration, modeling, self-assessment.*

**Сведения об автора: Курбанов Сулейман Раджабекович** – к.п.н. Зав. отделом естественно-научных, математико - информатционой технологии ИРО имени Абдурахмана Джами АОТ г. Душанбе тел:93332 4040.

**Information about the author: Kurbanov Suleyman Agabekovich** - Head. Department of Natural Science, Mathematics and Information Technology of the Abdurakhman Jami Institute of Education and Science, Dushanbe tel: 93332 4040.

**Ф. ИСТАМОВ**
**З. АХМЕДОВА**
**М. САТТОРОВА**
**Ҳ. ГУЛОВА**

## ОМӮЗИШИ ПРОБЛЕМАВӢ ДАР ДАРСҲОИ ФИЗИКА

Таҷрибаҳои солҳои охир нишон доданд, ки таълими анъанавӣ хонандагонро бо системаи донишҳо мусаллаҳ намуда, хотираро инкишоф медиҳад, вале он ба рушди тафаккур ва малакаи мустақилона фаъолият намудани хонандагон равона карда нашудааст. Бинобар ин, барои бартараф кардани камбудӣ ва норасоиҳои дар таълими анъанавӣ ҷой дошта ва баланд бардоштани сифати таҳсилот дар марҳилаи кунунии рушди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, дар раванди таълим бисёр усул ва технологияҳои нави таълим ва тарбия ҷорӣ карда мешаванд. Аз тарафи дигар ҳангоми истифодаи усули анъанавии таълим тамоми сарборӣ ба дӯши муаллим меафтад, бори донишҷӯён аз ҷиҳати фаъолияти таълимӣ камтар аст. Мо бояд усули нав, воситаҳои мукаммалтар аз усули таълими анъанавӣ, ҳама гуна технологияҳои таълимӣ, ки ба хонандагон нигаронида шудааст, технологияҳое, ки ба баланд бардоштани фаъолияти таълимии хонандагон асос ёфтаанд, ҷустуҷӯ намоем. Яке аз ин технологияҳо, бешубҳа, технологияи омӯзиши проблемавӣ мебошад, ки пеш аз ҳама барои баланд бардоштани фаъолияти зеҳнии хонандагон, инкишофи қобилиятҳои эҷодии онҳо ва ташаккули завқи маърифатии онҳо равона карда шудааст. Дар дарси муосири физика, аз ҷумлаи кӯшишҳои муаллим, проблемаи фаъол кардани донишҷӯён бо ёрии усули мувофиқи кори таълимию тарбиявӣ ва хусусан ба истилоҳ омӯзиши мушкилӣ ба мадди аввал гузошта мешавад. [1, с.62]

Омӯзиши проблемавӣ ба муқаррароти назариявии файласуф, равоншинос ва омӯзгори амрикоӣ Ҷон Дьюи (1859–1952) асос ёфтааст, ки ӯ соли 1894 дар Чикаго мактаби таҷрибавӣ таъсис дода, дар он барномаи таълимиро бо бозӣ ва фаъолияти меҳнатӣ иваз намудааст. Дарсҳои хондан, ҳисоб кардан ва навиштан танҳо дар робита бо ниёзҳо - ғаризаҳое, ки дар кӯдакон ба таври стихиявӣ ба вуҷуд омадаанд, ҳамчун камолоти физиологии онҳо гузаронида мешуданд. Дьюи чор ғаризаро муайян кард, ки дар омӯзиш нақши муҳим доранд: иҷтимоӣ, лоиҳавӣ, ифодаи бадеӣ ва ҷустуҷӯӣ. Барои қонеъ кардани ин ғаризаҳо ба кӯдакон ҳамчун манбаи дониш калимаҳо, асарҳои санъат, дастгоҳҳои техникиро пешниҳод намуданд ва кӯдакон ба бозӣ ва ба фаъолияти амалӣ - кор ҷалб карда шуданд.

Инсони комил пурқиммат будани ҳаётро дарк намуда, бо ҷаҳони пурарзиш таъсир расонида ин ҷаҳонро баҳо медиҳад ва дарҳол ба он мутобиқ мешавад. Моҳияти тарбия дар муносибат ба ҷаҳон ин таъмини дониш дар бораи олами атроф ва таъсиррасонӣ ба он

мебошад. Фарқи асосии таълими проблемавӣ аз анъанавӣ дар ҳадафҳо ва принсипҳои ташкили раванди таълим дида мешавад. Ҳадафи омӯзиши проблемавӣ аз худ кардани на танҳо пояҳои илм (чун дар шакли таҳсили ҳозира), балки раванди ба даст овардани дониш ва далелҳои илмӣ, рушди қобилиятҳои маърифатӣ ва эҷодии хонандагон мебошад. Асоси таълими проблемавиро принсипи ҷустуҷӯ, фаъолияти таълимӣ ва маърифатии хонандагон, яъне принсипи "кашф" кардани далелҳо, падидаҳо, қонунҳо, усули таҳқиқот ва роҳҳои татбиқи дониш дар амалия ташкил медиҳанд. Ҳамчун як намуди омӯзиш, омӯзиши проблемавӣ бештар ба рӯҳияи таълими рушдкунанда, вазифаи ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ ва мустақилияти маърифатии хонандагон, табдил додани дониши онҳо ба тасдиқот мувофиқат мекунад, ки боиси истифодаи хеле васеъ дар дарсҳои физика гардидааст.

Дар таълими проблемавӣ муаллими физика бо пешниҳоди мавод ва шарҳ додани мафҳумҳои мураккабтарин, дар система мунтазам ҳолатҳои мушкилӣ эҷод мекунад ва фаъолияти таълимиву маърифатии мактаббачагонро ба тартиб медарорад, то дар асоси таҳлили далелҳо, мушоҳидаҳои падидаҳо (дар намоиш ё таҷрибаи фронталӣ) мустақилона хулоса бароранд ва дониши худро дар вазъияти нав татбиқ намоянд. [2]

Ҳамин тариқ, омӯзиши проблемавӣ аз эҷоди вазъияти проблемавӣ - воситаи асосии фаъолсозии фаъолияти зеҳнии мактаббачагон оғоз гардида, пас аз марҳилаҳои асосӣ мегузарад: ташаккули масъала, ёфтани роҳҳои ҳалли он, ҳалли масъала, таҳияи хулоса, натиҷагирӣ. Вазъияти проблемавӣ ин ҳолати равонии мушкилоти зеҳнӣ мебошад, ки дар инсон ҳангоми ҳал кардани масъала бо дониш ва амалҳои қаблан иҷрокардаи худ ва усулҳои шинос далели навро шарҳ дода натавонистан пайдо мешавад. [3, с.22]

Марҳилаи муҳим ва ҳалкунандаи омӯзиши проблемавӣ ин эҷоди вазъияти проблемавӣ мебошад. Воситаи асосии ин саволҳои проблемавӣ мебошанд, аммо дар дарсҳои физика бо ин мақсад шумо метавонед таҷрибаи намоишӣ ва зеҳнӣ, таҷрибаҳои фронталӣ, масъалаҳои таҷрибавӣ ва ғайраро истифода намоед. Барои гузориши бомуваффақияти проблема, он бояд душвории маърифатӣ ва ҳудуди намоёни маълум ва номаълумро дар бар гирад, ҳангоми муқоисаи нав бо номаълум ва норозигӣ бо захираи мавҷудаи дониш, маҳорат ва малакаҳо боиси ҳисси ногаҳонӣ гардад. Масъалаи мушкилот бояд номувофиқии иттилоотро дар бар гирад ва талабот ва хоҳиши муқоиса, мулоҳизаронӣ, таҳлили маълумот, ба таври куллӣ ҷамъ овардани онҳоро ба вуҷуд орад, яъне намунаеро ҷустуҷӯ кунад. Масалан: "Чаро мехчаи ба об партофта ғарқ мешавад ва киштии вазнин шино мекунад?" проблема буда, аммо саволи "Чаро ҷисм шино мекунад?" иттилоотӣ хоҳад буд, зеро барои ба ин савол посух додан танҳо дониш лозим аст. Ҳадафи асосии омӯзиши проблемавӣ ин дар муддати хеле кӯтоҳи вакт дар инкишофи тафаккур ва қобилияти эҷодии хонандагон ба даст овардани самараи хуб мебошад.Биёед дида бароем, ки дар кадом ҳолатҳо муаллими физика метавонад дар дарс усули омӯзиши мушкилотро истифода барад.

**Ҳангоми шарҳи мавзӯи нав.** Ба сифати мисол мавзӯи "Фишори ҷисмҳои сахт, моеъ ва газҳо" -ро дар синфи 7 мегирем. Ба хонандагон саволи проблемавӣ дода мешавад, ё онро ҳамчун як вазъияти проблемавӣ (бо салоҳдиди муаллим) бозӣ кардан мумкин аст: "Барои чӣ шахси дар болои барф бо лижа ҳаракаткунанда ба он намеғӯтад, вале бе лижа меғӯтад?" Хонандагон фавран фаъол мешаванд, онҳо ба ёфтани ҷавоб манфиатдор хоҳанд буд, мехоҳанд бидонанд. Мутаносибан, онҳо ба пешниҳоди роҳҳои ҳалли ин масъала шурӯъ хоҳанд кард. Барои ёфтани роҳи ҳалли ин мушкилӣ ягон таҷриба гузаронидани онҳо аз эҳтимол дур нест.

**Ҳангоми истифодаи тачрибаи физикӣ.** Масалан, дар мавзӯи «Шинокунии ҷисмҳо» синфи 7 мо ба хонандагон таҷриба нишон медиҳем: мо се аквариумро бо об (андозаи хурд) мегирем ва ба он ҷисмҳои гуногунро меандозем. Аз шогирдон хоҳиш карда мешавад, ки мушоҳида кунанд, ки дар се аквариум чӣ мешавад. Ва мо савол медиҳем: «Чаро ҷисмҳо дар ҳар аквариум гуногун рафтор мекунад? Рафтори ҷисм дар моеъ аз чӣ вобаста аст? " Хонандагон ақидаҳои зиёде пешниҳод мекунанд. Аз ин бармеояд, ки онҳо дар бораи мавҷудияти қувваи ҷозиба ва қувваи Архимедӣ маълумот доранд, дар бораи таносуби ин қувваҳо ба хулосае меоянд ва инчунин онро бо зичии ҷисмҳо ва моеъҳо алоқаманд карда метавонанд.

Ҳангоми гузаронидани корҳои лабораторӣ фронталӣ. Мавзӯи "Қувваи соиш" синфи 7. Муаллим савол медиҳад: "Қувваи соиш ба чӣ вобаста аст?" Барои посух додан ба ин савол, хонандагон бояд мустақилона як курси кориро пешниҳод кунанд ва таҷҳизоти зарурииро интихоб кунанд. Пас аз гузаронидани таҷрибаи хурд, хонандагон хулоса баровaрда, ба саволи додашуда ҷавоб медиҳанд: "Қувваи соиш ба чӣ вобастагӣ дорад?"

Ҳангоми омӯзиши мавзӯи "Вазни ҷисми бо шитоб ҳаракаткунанда" мо озмоиши проблемавӣ гузоштем: Мо бори вазнаш 300 гр- ро ба риштаҳо овезон мекунем; агар бор бо ришта ба ҳолати уфуқӣ интиқол дода, озод карда шавад, пас вақте ки бор аз нуқтаи поёнии траектория мегузарад, ришта канда мешавад. Чаро? - мушкилот! Фикрҳои гуногун баён карда мешаванд ва дар натиҷа бачаҳо ба хулосае меоянд: ҳангоми ҳаракати бошитоб шиддати ришта зиёд мешавад, яъне вазни ҷисм зиёд мешавад. Пас аз баррасии масъалаҳои маводи нав, мо ба ҳалли масъала бармегардем.

**Бо воситаи савол** Масалан, ҳангоми омӯзиши мавзӯи «Сохтори модда» дар синфи 7, пас аз шарҳи кӯтоҳи мавод, ба хонандагон саволи проблемавӣ дода мешавад: «Ба ду стакан якхела 50 мл спирт ва об резед. Агар ин моеъҳо ба як стакан рехта шаванд, омехта чӣ қадар ҳаҷм мегирад? " Хонандагон бидуни дудилагӣ ҷавоб медиҳанд, ки ҳаҷми омехта 100 мл мешавад.

**Бо воситаи ҳалли масъала**

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои омӯзиши фанни физика соатҳои хеле кам ҷудо карда шудаанд, бинобар ин, дар ин муддати ками вақт дар рушди тафаккур самараи ҳадди аққал ба даст овардан лозим аст. Ва дар ин ҷо интихоби омӯзиши проблемавӣ метавонад ба самаранокии раванди таълим мусоидат кунад. Ғояи асосии омӯзиши проблемавӣ ба қонунҳои фаъолияти маърифатии эҷодӣ асос ёфтааст. Барои татбиқи таълими проблемавӣ вазифаҳои зеринро фарқ кардан мумкин аст: иҷрои омӯзиши проблемавӣ ҳангоми пешниҳоди маводи нав, иҷрои корҳои мустақили таҷрибавӣ, корҳои лабораторӣ, ҳалли масъалаҳо, иҷрои вазифаи хонагӣ. Дар сурати мунтазам татбиӣ шудани омӯзиши проблемавӣ ва намудҳои асосии фаъолияти таълимии хонандагон, дар рушди тафаккури эҷодии хонандагон натиҷаҳои мусбат ба бор меорад.

Барои тасдиқи гуфтаҳои боло дар синфи ҳафтуми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар муддати соли хониши 2019-2020 мушоҳидаҳо гузаронида шуданд. Дар дафтари мушоҳидаҳо миқдори супоришҳои ба хонандагон додашуда, миқдори дастҳои боло бардоштaшуда, миқдори ақидаҳои бомақсад гуфташуда, миқдори масъалаҳои мустақилона ҳал карда шуда ва фаъолнокии хонандагон қайд гардиданд. Натиҷаи мушоҳида ба ҷадвал дохил карда шуда, дар бораи дараҷаи муносибати хонандагон ба дарс хулосабарорӣ карда шуданд. Натиҷаҳо дар шакли диаграмма пешниҳод карда мешаванд.




Омӯзиши проблемавӣ мушоҳидаи такрорӣ бо ҳамон параметрҳои дар давраи якум гузаронидашуда, идома дода шуд. (фаъолнокӣ, мустақилӣ, майлкунӣ) муайян карда

шуданд. Натиҷаҳо дар шакли диаграммаи муқоисавии зерин пешниҳод мегарданд.




Натиҷаи таҳлил нишон дод, ки дар давраи дуюм баъди гузаштани дарс бо усули проблемавӣ фаъолнокии хонандагон хеле афзуда, шавқу ҳаваси онҳо ба омӯзиши фанни физика зиёд гардидааст. Дар синф бачаҳои ба дарс аҳамият намедодагӣ кам монданд. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки дар фаҳмиш ва маънидод кардани маълумоти нав, ки бо вазъияти проблемавӣ алоқаманд аст, ба мушкили дучор омадан шавқу завқи хонандагонро ба мавзӯъ зиёд мекунад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои омӯзиши фанни физика соатҳои хеле кам ҷудо карда шудаанд, бинобар ин, дар ин муддати ками вақт дар рушди тафаккур самараи ҳадди аққал ба даст овардан лозим аст. Ва дар ин ҷо интихоби омӯзиши проблемавӣ метавонад ба самаранокии раванди таълим мусоидат кунад. Ғояи асосии омӯзиши проблемавӣ ба қонунҳои фаъолияти маърифатии эҷодӣ асос ёфтааст. Барои татбиқи таълими проблемавӣ вазифаҳои зеринро фарқ кардан мумкин аст: иҷрои омӯзиши проблемавӣ ҳангоми пешниҳоди маводи нав, иҷрои корҳои мустақили таҷрибавӣ, корҳои лабораторӣ, ҳалли масъалаҳо, иҷрои вазифаи хонагӣ. Дар сурати мунтазам татбиӣ шудани омӯзиши проблемавӣ ва намудҳои асосии фаъолияти таълимии хонандагон, дар рушди тафаккури эҷодии хонандагон натиҷаҳои мусбат ба бор меорад.

**АДАБИЁТ:**


1. Оконь, В. Основы проблемного обучения/ В. Оконь.- М.: Просвещение, 1968.- 106с.
2. Фестиваль педагогических идей «Открытый урок», Проблемное обучение на уроках физики/ [Электронный ресурс]/ Режим доступа: http://festival.1september.ru/articles/584779/
3. Матюшкин А. М. Проблемные ситуации в мышлении и обучении.- М.: Педагогика, 1972.-208 с
4. Махмутов М. И. Организация проблемного обучения в школе. Книга для учителей.- М.: Просвещение, 1977.-240 с.
5. Кудрявцев Т.В. Психология технического мышления. М.: Педагогика, 1985- 304 с.
6. Малафеев Р. И. Проблемное обучение физики в средней школе:=М, Педагогика, 1972 -208 с.
7. Плипец Л.В. Проблемное обучение физике в базовой школе на основе софизмов и парадоксов//Мир науки, культуры, образования-2009 №7 (19)-с 278-281.


## ОМӮЗИШИ ПРОБЛЕМАВӢ ДАР ДАРСҲОИ ФИЗИКА

Дар мақола доир ба масъалаи сифати таҳсилот ва рушди фаъолнокии хонандагон маълумот дода шудааст. Қайд карда шудааст, ки барои баланд бардоштани сифати тахсилот аз усулҳои гуногуни омӯзишӣ васеъ истифода бурдан имконпазир мебошад. Яке аз ин усул омӯзиши проблемавӣ аст, ки он ҳамчун усули ташкили фаъолияти хонандагон, ба андӯхтани маълумот бо роҳи ҳалли проблемаҳои амалӣ ва назариявӣ асос карда шудааст. Истифодаи усули омӯзиши проблемавӣ аз усули анъанавии таълим бартарӣ дошта, боиси дар хонандагон пайдо шудани хусусиятҳои зиракӣ, мустақилӣ ва эҷодкорӣ мегардад.

***Калидвожаҳо**: Омӯзиши проблемавӣ, вазъияти проблемавӣ, масъалахои проблемавӣ, сифати таҳсилот.*

## ПРОБЛЕМНЫЕ ИЗУЧЕНИЕ НА УРОКАХ ФИЗИКИ

В статье представлена информация о качестве обучения и развитии студенческой активности. Было отмечено, что для повышения качества обучения можно использовать самые разные методы обучения. Одним из таких методов является проблемное обучение, в основе которого лежит метод организации деятельности студентов, получение информации путем решения практических и теоретических задач. Использование проблемного обучения имеет приоритет над традиционными методами обучения и побуждает учащихся развивать интеллект, независимость и творческие способности.

***Ключевые слова:** проблемное обучение, проблемная ситуация, проблемные задачи, качества образования.*

## PROBLEM STUDY IN PHYSICS LESSONS

The article provides information on the quality of education and the development of student activity. It was noted that in order to improve the quality of education it is possible to use a variety of teaching methods. One of these methods is problem-based learning, which is based on the method of organizing students' activities, the acquisition of information by solving practical and theoretical problems. The use of problem-based learning takes precedence over traditional teaching methods and leads to the development of students' intelligence, independence and creativity.

***Key words**: problem training, problem situations, problem tasks, quality of education, teacher.*

**Сведение об авторах: Истамов Фарход Ходжамкулович** - Таджикский национальный университет, кандидат физико-математических наук, доцент кафедры методика преподавания физики. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: Farhod Istamov@List.ru. Телефон: 931828388

**Ахмедова Зебинисо Партововна –** Институт технологий и инновационного менеджмента в городе Кулябе. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: Farhod Istamov@List.ru. Телефон: 931828388

**Сатторова Машхура Абдучамиловна -** Учитель общеобразовательной школы №5

**Гулова Ханифа Маджидовна -** Учитель общеобразовательной школы № 5.

**Information about the authors**: **Istamov Farkhon Khojamqulovich** – Tajik National University, Candidate of Physical and Mathematical Sciences, Associate Professor of the Department of physics teaching methods. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17. E-mail: Farhod Istamov@List.ru. Phone: 931828388

**Akhmedova Zebiniso Partovovna –** Технолого инновационный Университет г. Куляба. Technological and innovatinal University of Kulob city. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave, 17. E-mail: Farhod Istamov@List.ru. Phone: 931828388

**Sattorova Mashkhura Abdugamilovna -**Teacher of secondary school number 5

**Gulova Khanifa Magidovna -**Teacher of secondary school number 5

**Б. САНГИНОВ**

# ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ҒАЙРИСТАНДАРТӢ - ОМИЛИ МУҲИММИ РУШДИ ТАФАККУРИ ХОНАНДАГОН

## 1. Масъалаҳои дар рӯйи панҷараи квадратшакл овардашуда

Ҳангоми омӯзиши фанни математика ва хусусан, машғулияти хатмкунандагон дар ҳалли маҷмӯаи саволу масъалаҳои тестии Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳое вомехӯранд, ки барои ёфтани масоҳати фигураҳои гуногуни геометрии дар рӯйи вараҷи катаки квадратшакл тасвир карда шуда,оварда мерасонад.

Бо ин мақсад, теоремаи Пик ё формулаи Пик (Пик Г.А.(1859-1942) математики австриягӣ) -ро, ки соли 1899 исбот кардааст, дида мебароем.

Хотиррасон мекунем, ки истифодаи теоремаи Пик ё ки формулаи Пик барои ҳисоб кардани масоҳати бисёркунҷаҳои ҳамвор, ки дар рӯйи вараҷи катаки квардратшакл тасвиршудааст, хеле қулай буда, исботи онро метавонед аз сомонаи иҷтимоӣ:Институт повышения квалификации работников образования www.prosv-ipk.ru метавонед дастрас намоед.

Инак, теоремаи Пик (ё ки формулаи Пик)-ро бо якчанд мисолҳои мушаххас меорем:

Бигузор, адади В-миқдори гиреҳҳои катаки дохили бисёркунҷа, адади

Г-миқдори гиреҳҳо дар сарҳад ва S-масоҳати бисёркунҷаи матлуб бошад, он гоҳ формулаи зерин дуруст аст:

$$S = \text{В} + \frac{\text{Г}}{2} - 1$$

**<u>Масъалаи№1</u>** Масоҳати чоркунҷаи дар рӯйи вараҷи катаки квадратшакли андозааш 1см х 1см тасвиршударо (расми 1) ҳисоб кунед.Ҷавобро дар воҳиди сантиметри квадратӣ пешниҳод намоед.



**Расми-1**

**<u>Ҳал</u>:** Мувофиқи формулаи Пик:



S=В+Г/2-1=17+14/2-1=17+7-1=23 (см$^2$)

**Расми-2**

**<u>Ҷавоб</u>: 23 см$^2$**

**<u>Масъалаи №2.</u>** Масоҳати секунҷаи дар рӯйи вараҷи катаки квадрат шакли андозааш 1см х 1см тасвиршударо (расми 2) ҳисоб кунед. Ҷавобро дар воҳиди сантиметри квадратӣ намоед.

**<u>Ҳал</u>:** 1.Мувофиқи формулаи Пик: S=В+Г/2-1=9+5/2-1=9+2,5-1=10,5(см$^2$)





2. $S = S_{IV} - S_1 - S_2 - S_3 = 6 \cdot 4 - 1/2 \cdot 4 \cdot 3 - 1/2 \cdot 3 \cdot 3 - 1/2 \cdot 6 \cdot 1 = 24 - 6 - 4{,}5 - 3 = 10{,}5$ (см$^2$) ▲

**<u>Ҷавоб</u>: 10,5см²**

**<u>Масъалаи №3</u>.** Масоҳати чоркунҷаи дар рӯйи варақи катаки квадрат-шакли андозааш 1 см × 1 см тасвиршударо (расми 3) ҳисоб кунед. Ҷавобро бо воҳиди сантиметри квадратӣ пешниҳод намоед.



**Расми-3**

**<u>Ҳал</u>:** 1.Мувофиқи формулаи Пик: $S = B + Г/2 - 1 = 6 + 6/2 - 1 = 6 + 3 - 1 = 8$ (см$^2$).




2. $S = S_1 + S_2 = 4 + 4 = 8$ (см$^2$) **<u>Ҷавоб</u>:8 см²**

**2.Нобаробариҳои тригонометрӣ**

Дар вақти ҳалли нобаробариҳои тригонометрӣ аз графикҳо истифода бурдан беҳтар аст. Фарз мекунем, ки ҳал кардани нобаробарии $\cos x > \frac{1}{2}$ лозим бошад.

Дар ҳамон як нақша графики функсияи $y = \cos x$ ва $y = \frac{1}{2}$ –ро месозем (расми 1). Чӣ тавре, ки аз расм дида мешавад, яке аз интервалҳое, ки дар он нобаробарии додашуда вуҷуд дошта метавонад, дар байни решаҳои




**Расми 1.**

Муодилаи $\cos x = \frac{1}{2}$ аз рӯи бузургии мутлақашон хурдтарин, яъне дар байни нуқтаҳои $x=-\frac{\pi}{3}$ ва $x=\frac{\pi}{3}$ ҷойгир мебошад. Ҳамаи интервалҳои боқимонда, ки дар онҳо нобаробарии додашуда ҳал карда мешавад, бо роҳи ба масофаи ба $2\pi$ каратӣ ба тарафи чап ё ба тарафи рост ҳаракат кунондани интервали

$(-\frac{\pi}{3}, \frac{\pi}{3})$ ҳосил мешавад. Бинобар ин, нобаробарии $\cos x > \frac{1}{2}$ ҳангоми

$-\frac{\pi}{3} + 2\pi n < x < \frac{\pi}{3} + 2\pi n$ будан, вуҷуд дошта метавонад, ки дар ин ҷо n-адади бутуни дилхоҳ аст.Боз як мисолро дида мебароем. Нобаробарии зеринро ҳал кунед:

$2\cos^2 x + 3\cos x - 2 > 0.$

$\cos x$-ро бо t ишора карда, нобаробарии квадратии зеринро ҳосил мекунем:

$2t^2+3t-2 > 0.$

Ин нобаробарӣ дар ҳолати $t<-2$ ва $t > \frac{1}{2}$ будан ҳал дорад. Бинобар ин, ҳамаи ҳалҳои нобаробарии додашуда бояд ё нобаробарии $\cos x < -2$ ё нобаробарии $\cos x > \frac{1}{2}$ –ро қаноат кунонад. Нобаробарии якум дар ҳеҷ як қимати x иҷро намешавад; чи тавре ки мо нишон додем, нобаробарии дуюм дар ҳолати $-\frac{\pi}{3} + 2\pi n < x < \frac{\pi}{3} + 2\pi n$ дуруст аст, ки дар ин ҷо n-адади бутуни дилхоҳ мебошад.

Хотиррасон мекунем, ки истифодаи ин усул барои ҳалли нобаробариҳои тригонометрии намудҳои $\sin x \geq a$, $\sin x < a$, $\text{tq}\,x < a$, $\text{tq}\,x \geq a$, $\text{ctq}\,x \leq a$, $\text{ctq}\,x > a$ ва ғайра хеле қулай буда, метавонед дар ҳалли мисолҳои мавзӯӣ мувофиқи китоби дарсии синфи 10 муаллифон Р.Пиров, Н.Усмонов "Алгебра" ва китоби дарсии синфи11 муаллифаш Боймурод Алиев "Алгебра"-ро васеъ истифода намоед.

**3. Даврӣ будани функсияҳои тригонометрӣ**

Бигузор $f(x)$-ифодаест,ки аз бузургии тағйирёбандаи $x$ вобаста аст. (Масалан, $f(x) = x^2, f(x) = \sin x, \ldots$). Он гоҳ баробарии $y = f(x)$, $y$-ро ҳамчун функсияи аргументи $x$ муайян мекунад.

Агар ҳангоми қиматҳои имконпазири (равои) дилхоҳи аргументи $x$

$f(x + T) = f(x)$ бошад, ки ин ҷо Т-адади ба сифр нобаробар аст, он гоҳ функсияи $f(x)$ - функсияи даврӣ ва ададиТ-ро даври он меноманд. Мувофиқи ин таъриф даври функсияҳои $\sin x$ ва $\cos x$ ба T=360° ва даври функсияҳои $\text{tq}\,x$ ва $\text{ctq}\,x$ ба T=180 ° баробар мебошанд.

Ҳамин тавр, $\cos\varphi = \cos(\varphi + 360^\circ n)$,

$$\sin\varphi = \sin(\varphi + 360^\circ n), \qquad (1)$$

$$\text{tq}\,\varphi = \text{tq}(\varphi + 180^\circ n),$$

$\text{ctq}\varphi = \text{ctq}(\varphi + 180^\circ n)$,ки ин ҷо n – адади бутуни дилхоҳ (мусбат, манфӣ ё сифр). Формулаи (1) нишон медиҳад, ки ҳар яке аз кунҷҳои

360°; 720°; 1080°; … (n=1, 2, 3,…),

- 360°; -720°; -1080°; … (n=-1,-2, -3,…).

даври функсияҳои $\sin\varphi$ ва $\cos\varphi$ буда, ҳар яке аз кунҷҳои:

180°; 360°; 540°; … (n=1, 2, 3,…),

-180°; -360°; -540°; … (n=-1, -2, -3,…)

даври функсияҳои $\text{tq}\varphi$ ва $\text{ctq}\varphi$ мебошанд. Ҳамин тариқ, ин функсияҳои даврӣ ба маҷмӯи беохири даврҳо соҳибанд.

Исбот кардан мумкин аст, ки ҳар гуна функсияҳои даврӣ маҷмӯи беохири даврҳо дорад.

Дар бораи даври функсия суханронда, аз маҷмӯи беохири даврҳо ягон даври тамоман муайянро ба назар гирифтан мувофиқ аст. Одатан дар зери ин давр **даври мусбати**

**хурдтарини функсияро** мефаҳманд. Бояд қайд кард, ки функсияҳои даврӣ даври мусбати хурдтарин надоштанашон мумкин аст.

Аз ҳамаи даврҳои функсияи $\sin\varphi$ кунҷи 360°даври мусбати хурдтарин мебошад. Оё боз кунҷи аз ин ҳам хурд буданаш мумкин аст, ки аз назари мо пинҳон монда ва даври функсияи $\sin\varphi$ бошад? Барои ба ин савол ҷавоб додан фарз мекунем, ки даври мусбати хурдтарини функсияи $\sin\varphi$ ба Т баробар аст. Он гоҳ ҳангоми дилхоҳ будани $\varphi$, $\sin(\varphi+T)$=sinφ. Аз он ҷумла, ҳангоми φ=0 ҳосил мекунем: sinT=sin0°=0.

Вале, синуси фақат ҳамон кунҷҳои мусбат, ки ба кунҷи 180°каратноканд ба сифр баробаранд. Бинобар ин, кунҷи 180°ягона «рақиби» кунҷи 360° мебошад. Оё он даври функсияи $\sin\varphi$ шуда метавонад? Агар ин ҳамин тавр бошад, баробарии $\sin(\varphi+180°)$= sinφ бояд дар ҳама қиматҳои $\varphi$ иҷро шавад.

Аз ҷумла, ҳангоми $\varphi = 90°$ будан sin270°=sin90°-ро ҳосил мекунем. Лекин

sin270°= -1 ва sin90°=1 аст. Бинобар ин, кунҷи 180°даври функсияи sinφ шуда наметавонад. Фақат бояд эътироф кард, ки **кунҷи 360° даври** (яъне даври мусбати хурдтарини) **функсияи $\sin\varphi$** мебошад.

Айнан ҳамин тавр даври дигар функсияҳоро низ исбот кардан мумкин аст.

Акнун ба иҷрои якчанд мисолҳои ба ин мавзӯъ мувофиқро аз «Маҷмӯаи саволу масъалаҳои тестӣ ММТ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» дида мебароем:

**№258**. Даври мусбати хурдтарини функсияи y=sin2$x$-ро ёбед.

**Ҳал:** Мо аллакай медонем, ки **кунҷи 360°(2π)даври** (яъне даври мусбати хурдтарини) **функсияи $\sin\varphi$** мебошад, бинобар ин, мувофиқи формулаи (1)-ро ҳосил мекунем: y=sin2$x$=sin2($x$+T)=sin(2$x$+2T).

2T=2π, аз ин ҷо: T=π

Ё намуди дигар: sin(2$x$+2π)=sin2($x$+π). Аз ин ҷо: T= π

**<u>Ҷавоб</u>: π**

**№282**.Даври мусбати хурдтарини функсияи y = sin(2$x$−$\frac{\pi}{2}$)-ро ёбед.

**Ҳал:** sin(2$x$−$\frac{\pi}{2}$)= sin(2($x$+T) −$\frac{\pi}{2}$)=sin(2$x$+2T−$\frac{\pi}{2}$)= sin((2$x$−$\frac{\pi}{2}$) + 2T).

2T=2π, аз ин ҷо: T=π

**<u>Ҷавоб</u>: π**

**№285**. Даври мусбати хурдтарини функсияи y=2ctq($\frac{x}{3}-\pi$)-ро ёбед.

**Ҳал:** 2ctq($\frac{x}{3}-\pi$)= 2ctq($\frac{x+T}{3}-\pi$) =2ctq($\frac{x}{3}+\frac{T}{3}-\pi$) =2ctq(($\frac{x}{3}-\pi$) + $\frac{T}{3}$).

**кунҷи 180°(π)даври** (яъне даври мусбати хурдтарини) **функсияи $\mathrm{ctq}\,x$ −** ро дониста, ҳосил мекунем: $\frac{T}{3}=\pi$ ,ва аз ин ҷо **T=3π.** **<u>Ҷавоб</u>: 3π**

Боз як мисоли аз китоби мактабӣ берун бударо дида мебароем.

Ёфтани даври мусбати хурдтарини функсияи y=2tq4$x$–cos6$x$ талаб карда мешавад.

**Ҳал:** Барои осонии кор аввал, даври мусбати хурдтарини функсияҳои tq4$x$ ва cos6$x$-ро дар алоҳидагӣ меёбем. Инак, мувофиқи намунаи мисолҳои қаблӣ бо донистани он, ки даври мусбати хуртарини функсияи тангенс ба 180°(ё ки ба π) ва даври мусбати хурдтарини функсияи косинус ба 360° (ё ки ба 2π) баробар аст, ҳосил мекунем:

1. tq4$x$ = tq4 ($x$+T)= tq(4$x$+4T). 4T=π, T = $\frac{\pi}{4}$

Ё бо намуди дигар: tq4$x$ = tq(4$x$+π) = tq4($x$+$\frac{\pi}{4}$). Аз ин ҷо: T = $\frac{\pi}{4}$

Пас, $T_1=\frac{\pi}{4}$ ($nT_1=\frac{\pi n}{4}$, n∈□)

2. cos6$x$ = cos(6$x$+2π) = cos(6($x$+$\frac{\pi}{3}$)). Аз ин ҷо T= $\frac{\pi}{3}$

Пас, $T_2=\frac{\pi}{3}$ $(кT_1=\frac{\pi к}{4}$, к∈□)

Чӣ тавре, ки маълум шуд, даври мусбати хурдтарини функсияи tq4x ба $T_1=\frac{\pi}{4}$ ва даври мусбати хурдтарини функсияи cos6*x* ба $T_2=\frac{\pi}{3}$ баробар будааст. Хотиррасон мекунем, дар ёфтани даври мусбати хурдтарини функсияе, ки дар намуди ифодаи аз якчанд функсияҳои тригонометрӣ иборатбуда, баъди ёфтани даври мусбати ҳар як аъзоҳо баъдан хурдтарин каратноки (ХКУ)-и ин ададҳоро ёфтан лозим аст. Инак, барои ҳалли мисоли додашуда, мо бояд ХКУ-и $T_1$ ва$T_2$-ро ёбем кифоя аст.

Ҳамин тавр, T=ХКУ($T_1$, $T_2$) = ХКУ ($\frac{\pi}{4}$ , $\frac{\pi}{3}$ ) = π.

Дар ҳақиқат, ХКУ (45°, 60°) = 180° **Ҷавоб: π**

**4. Мавзӯъ: Формулаи кунҷи ёрирасон**

Дар мавзӯи ҳалли муодилаҳои тригонометрӣ, ифода ё муодилаҳое вомехӯранд, ки баъзан аз формулаҳои маъмули тригонометрӣ истифода кардан душвор аст, ёки дучори решаи бегона ва ё ягон решаи муодиларо гум мекунем. Бинобар ин, формулаи кунҷи ёрирасонро ба воситаи истифода аз формулаҳои триoнометрии фарқ ва сумма ҳосил ва дар мисолҳои амалӣ дида мебароем.

Фарз мекунем, ки ифодаи тригонометрии намуди *asinx+bcosx*

дода шуда бошад, ки дар ин ҷо *a* ва *b* – ададҳои дилхоҳи ғайринулианд.

Ин ифодаро табдил дода, формулаҳои кунҷи ёрирасонро ҳосил мекунем:

$$a\sin x+b\cos x=\sqrt{a^2+b^2}\,\frac{a}{\sqrt{a^2+b^2}}\sin x+\sqrt{a^2+b^2}\,\frac{b}{\sqrt{a^2+b^2}}\cos x=\sqrt{a^2+b^2}\Big(\sin x\frac{a}{\sqrt{a^2+b^2}}+$$

$$+\cos x\frac{b}{\sqrt{a^2+b^2}}\Big)=\sqrt{a^2+b^2}\,(\sin x\cos\varphi+\cos x\sin\varphi)=\sqrt{a^2+b^2}\sin(x+\varphi),$$

яъне, $\boldsymbol{a\sin x+b\cos x=\sqrt{a^2+b^2}\sin(x+\varphi)}$, **(1)**

ки дар ин ҷо $a\neq0$, $b\neq0$, $\cos\varphi=\frac{a}{\sqrt{a^2+b^2}}$, $\sin\varphi=\frac{b}{\sqrt{a^2+b^2}}$, $\sin^2\varphi+\cos^2\varphi=1$.

Ё ин ки, аз формулаи косинуси фарқ истифода карда, формулаи зеринро ҳосил мекунем:

$$a\sin x+b\cos x=\sqrt{a^2+b^2}\cdot\frac{a}{\sqrt{a^2+b^2}}\sin x+\sqrt{a^2+b^2}\cdot\frac{b}{\sqrt{a^2+b^2}}\cos x=\sqrt{a^2+b^2}\cdot\Big(\sin x\frac{a}{\sqrt{a^2+b^2}}+\cos x\frac{b}{\sqrt{a^2+b^2}}\Big)=$$

$\sqrt{a^2+b^2}\cdot(\sin x\sin\psi+\cos x\cos\psi)=\sqrt{a^2+b^2}\cos(x-\psi)$, яъне,

$$\boldsymbol{a\sin x+b\cos x=\sqrt{a^2+b^2}\cos(x-\psi)}, \quad \textbf{(2)}$$

ки дар ин ҷо $a\neq0$, $b\neq0$, $\sin\psi=\frac{a}{\sqrt{a^2+b^2}}$, $\cos\psi=\frac{b}{\sqrt{a^2+b^2}}$, $\sin^2\psi+\cos^2\psi=1$.

Масалан, бигузор сода кардани ифодаи зерин лозим бошад: *sinx* + *cosx*

Чӣ тавре, ки дида истодаем $a=b=1$ ва$\sqrt{a^2+b^2}=\sqrt{2}$ буда, яке аз функсияҳои тригонометрӣ, масалан, $\cos\varphi=\frac{b}{\sqrt{a^2+b^2}}=\frac{1}{\sqrt{2}}$, аз ин ҷо $\varphi=\frac{\pi}{4}$ – ро ба яке аз формулаҳои кунҷи ёрирасон, масалан ба формулаи (2) гузошта ба осонӣ ифодаи додашударо сода мекунем:

$$\sin x+\cos x=\sqrt{2}\cos\Big(x-\frac{\pi}{4}\Big)$$

**Ҷавоб**: $\boldsymbol{\sqrt{2}\cos\big(x-\frac{\pi}{4}\big)}$

Дар аксарият ҳолатҳо ифода дар намуди фарқ ҳам омаданаш мумкин, ки инро ҳам ба осонӣ, бо истифода аз формулаҳои ба мо шиноси косинуси фарқ ва ё суммаи кунҷҳо табдил дода, формулаҳои кунҷи ёрирасонро дар дигар намуд ҳам ҳосил кардан мумкин аст.

Фарз мекунем, ки ифодаи тригонометрии намуди

***a* cos*x*- b sin*x*** дода шуда бошад, ки дар ин ҷо *a* ва *b*–ададҳои дилхоҳи ғайринулӣ.

Табдилдиҳиҳои аввaларо татбиқ намуда ҳосил мекунем:

$a\cos x - b\sin x = \sqrt{a^2+b^2}\cdot\frac{a}{\sqrt{a^2+b^2}}\cos x - \sqrt{a^2+b^2}\cdot\frac{b}{\sqrt{a^2+b^2}}\sin x = \sqrt{a^2+b^2}\cdot(\cos x\frac{a}{\sqrt{a^2+b^2}} - \sin x\frac{b}{\sqrt{a^2+b^2}}) = \sqrt{a^2+b^2}(\cos x\cos\omega + \sin x\sin\omega) = \sqrt{a^2+b^2}\cos(x+\omega)$, яъне:

$\boldsymbol{a\cos x - b\sin x = \sqrt{a^2+b^2}\cos(x+\omega)}$, **(3)** ки дар ин ҷо $a\neq 0$, $b\neq 0$, $\cos\omega = \frac{a}{\sqrt{a^2+b^2}}$, $\sin\omega = \frac{b}{\sqrt{a^2+b^2}}$, $\sin^2\omega + \cos^2\omega = 1$.

Формулаҳои (1), (2) ва (3)-ро **формулаҳои кунҷи ёрирасон** меноманд.

Дар ҳолатҳои гуногуни дода шудани ифодаҳои тригонометрӣ, метавон, аз ин усули содакунӣ мустақилона истифода бурд.

Бигузор сода кардани ифодаи $\sqrt{3}\cos\beta - \sin\beta$ талаб карда шуда бошад.

Чи тавре, ки аён аст, татбиқи формулаи охирин пайдо кардаамон (3) қулай аст ва онро истифода карда ҳосил мекунем:

$$a\cos x - b\sin x = \sqrt{a^2+b^2}\cos(x+\omega)$$

$a=\sqrt{3},\ b=1, \sqrt{a^2+b^2} = 2$, $\cos\omega = \frac{a}{\sqrt{a^2+b^2}} = \frac{\sqrt{3}}{2}$, $\omega = \arccos\frac{\sqrt{3}}{2} = \frac{\pi}{6}$

Аз ин ҷо, $\sqrt{3}\cos\beta - \sin\beta = 2\cos(\omega + \frac{\pi}{6})$

**Ҷавоб**: $\boldsymbol{2\cos(\omega+\frac{\pi}{6})}$.

Татбиқи формулаҳои кунҷи ёрирасонро дар ҳалли муодилаи тригонометрӣ дида мебароем. Муодилаи зеринро ҳал кунед: $\boldsymbol{3\sin x + 4\cos x = 5}$.

Ҳал: Муодилаи додашударо бо 3 усул ҳал мекунем:

**Усули 1. (Истифодаи формулаи кунҷи ёрирасон)**

$$\boldsymbol{3\sin x + 4\cos x = 5}$$

Мувофиқи формулаи (1) тарафи чапи муодиларо табдил дода ҳосил мекунем:

$a=3$, $b=4$, $\sqrt{a^2+b^2} = \sqrt{25} = 5$, $\cos\varphi = \frac{a}{\sqrt{a^2+b^2}} = \frac{3}{5}$, $\varphi = \arccos\frac{3}{5}$

$a\sin x + b\cos x = \sqrt{a^2+b^2}\sin(x+\varphi)$, $3\sin x + 4\cos x = \sqrt{25}\sin(x+\varphi) = 5\sin(x+\varphi)$,

Тарафи чапи муодила намуди $5\sin(x+\varphi)$-ро гирифт, онро бо тарафи рост баробар карда, муодилаи тригонометрии оддитаринро ҳосил мекунем:

$5\sin(x+\varphi) = 5$, $\sin(x+\varphi) = 1, x+\varphi = \frac{\pi}{2}+2\pi n$, $n\in$ ▯, $x = \frac{\pi}{2} - \varphi + 2\pi n$, $n\in$▯

$x = \frac{\pi}{2} - \arccos\frac{3}{5} + 2\pi n$, $n\in$ ▯, бо татбиқи формулаи мувофиқоварӣ:

$x = \arcsin\frac{3}{5} + 2\pi n$, $n\in$▯

**Ҷавоб**: $\boldsymbol{x = \arcsin\frac{3}{5} + 2\pi n}$, **$n\in$▯.**

**Усули 2. (Истифодаи формулаи гузориши универсалӣ)**

$$\boldsymbol{3\sin x + 4\cos x = 5}$$

Аз формулаҳои гузориши универсалии $\sin x = \frac{2tq\frac{x}{2}}{1+tq^2\frac{x}{2}}$ ва $\cos x = \frac{1-tq^2\frac{x}{2}}{1+tq^2\frac{x}{2}}$ истифода намуда ҳосил мекунем:

$3\cdot\frac{2tq\frac{x}{2}}{1+tq^2\frac{x}{2}} + 4\cdot\frac{1-tq^2\frac{x}{2}}{1+tq^2\frac{x}{2}} = 5$, Ишорат мекунем: $tq\frac{x}{2} = y$ ва муодилаи квадратӣ нисбати тағйирёбандаи нави y-ро ҳосил ва ҳал мекунем:

$6y+4-4y^2 = 5+5y^2$, $9y^2-6y+1=0$, $(3y-1)^2 = 0$, $3y-1=0$, $y = \frac{1}{3}$.

Қимати ҳосилшударо ба ҷои ишоратпардаамон гузошта, муодилаи тригонометрии одитаринро ҳал мекунем:

$tq\frac{x}{2} = \frac{1}{3}, \frac{x}{2} = arctq\frac{1}{3} + \pi n$, n∈, $x = 2arctq\frac{1}{3} + 2\pi n$, n∈

**Ҷавоб**: $x = 2\mathrm{arctq}\frac{1}{3} + 2\pi n$, n∈

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҷавоби муодилаи матлуб бо усули якум

$x = \arcsin\frac{3}{5} + 2\pi n$, n∈ ва бо усули дуюм $x = 2arctq\frac{1}{3} + 2\pi n$, n∈ аст.

Нишон медиҳем, ки усулҳои якум ва дуюми ҳал қимати ҳамон як кунҷро нишон медиҳанд: $\arcsin\frac{3}{5} = 2\,\mathrm{arctq}\frac{1}{3} = \alpha$, $\arcsin\frac{3}{5} = \alpha$, $\sin\alpha = \frac{3}{5}$

$2\mathrm{arctq}\frac{1}{3} = \alpha$, $\mathrm{arctq}\frac{1}{3} = \frac{\alpha}{2}$, $\mathrm{tq}\frac{\alpha}{2} = \frac{1}{3}$

$$\sin\alpha = \frac{2tq\frac{\alpha}{2}}{1+tq^2\frac{\alpha}{2}} = \frac{2*\frac{1}{3}}{1+\frac{1}{9}} = \frac{\frac{2}{3}}{\frac{10}{9}} = \frac{2*9}{3*10} = \frac{3}{5}.$$

Бале, дар ҳақиқат ҳам ҳалҳои усули якум ва дуюм як қимати кунҷро нишон медиҳанд.

**Усули 3. (Истифодаи формулаи синус ва косинуси дучанда)**

Ҳангоми ҳал аз формулаҳои зерин истифода мекунем:

$\sin\alpha = 2\sin\frac{\alpha}{2} * \cos\frac{\alpha}{2}$, $\cos\alpha = \cos^2\frac{\alpha}{2} - \sin^2\frac{\alpha}{2}$, $\sin^2\frac{\alpha}{2} + \cos^2\frac{\alpha}{2} = 1$ (*)

Ҳал кардани муодилаи зерин: **3sin $x$ + 4cos $x$ = 5** талаб карда шуда буд. Аз формулаи (*) истифода намуда, ҳосил мекунем:

$$3 * 2\sin\frac{\alpha}{2} * \cos\frac{\alpha}{2} + 4 \cdot (\cos^2\frac{\alpha}{2} - \sin^2\frac{\alpha}{2}) = 5*(\sin^2\frac{\alpha}{2} + \cos^2\frac{\alpha}{2})$$

$$6\sin\frac{\alpha}{2}\cos\frac{\alpha}{2} - \cos^2\frac{\alpha}{2} - 9\sin^2\frac{\alpha}{2} = 0$$

Ҳар ду тарафи баробариро ба $\cos^2\frac{\alpha}{2} \neq 0$ тақсим намуда, ҳосил мекунем:

$6\,\mathrm{tq}\frac{\alpha}{2} - 1 - 9\,\mathrm{tq}^2\frac{\alpha}{2} = 0$, $9\mathrm{tq}^2\frac{\alpha}{2} - 6\mathrm{tq}\frac{\alpha}{2} + 1 = 0$

$\mathrm{tq}\frac{\alpha}{2} - \mathrm{po}$ бо у ишора карда, муодилаи квадратии зеринро ҳосил мекунем: $9y^2 - 6y + 1 = 0$ боз ба усули дуюм баргаштем, ки ҳал

$x = 2\mathrm{arctq}\frac{1}{3} + 2\pi n$, **n∈** мебошад.

**5. Муодилаҳои ирратсионалӣ. Барои чӣ решаи бегона?**

**Он чӣ тавр пайдо мешавад?**

Аз курси алгебраи мактабӣ таваҷҷӯҳи моро муодилаҳо ба худ ҷалб мекунанд ва яке аз ин гуна муодилаҳо – муодилаҳои ирратсионалӣ мебошанд. Ҳангоми ҳалли муодилаҳои намудаш гуногуни ирратсионалӣ, метавонем решаҳои бегонаро низ ҳосил намоем. Санҷидани решаҳои ҳосилшуда қисми таркибии ҳалли муодилаҳои ирратсионалӣ мебошад. Албатта, муодиларо бо назардошти соҳаи қиматҳои имконпазири он ҳал кунем ҳам, ҳатман решаҳои бегона пайдо мешаванд, чи хел ва муҳимаш барои чӣ пайдошудани решаи бегонаро дар ин мавзӯъ бо мисолҳои мушаххас дида мебароем.

Хотиррасон мекунем, ки муодилаҳое, ки номаълумашон дар таҳти аломати радикаланд (реша), муодилаҳои ирратсионаӣ номида мешаванд. Инчунин, бояд ба хотир овард, ки фақат аз ададҳои ғайриманфӣ решаи квадратӣ баровардан мумкин аст. Бо назардошти ин тавзеҳот як чанд мисолҳоро дида мебароем.

Мисоли 1.Муодилаи

$$\sqrt{x-2} + \sqrt{1-x} = 3$$

-ро ҳал кунед.

Фақат аз ададҳои ғайриманфӣ решаи квадратӣ баровардан мумкин аст. Бинобар ин, қиматҳои имконпазири бузургии номаълуми $x$ бояд системаи нобаробариҳои зеринро қаноат кунонад:

$$\begin{cases} x - 2 \ge 0, \\ 1 - x \ge 0. \end{cases}$$

Аз нобаробарии якуми система $x \ge 2$ ва аз дуюмаш $x \le 1$ ҳосил мешавад. Равшан аст, ки ин шартҳо дар як вақт иҷро намешаванд. Бинобар ин, маҷмӯи имконпазири $x$ дар ҳамин маврид маҷмӯи ададҳои холӣ - $\emptyset$, яъне ягон адад надоранд.

Ин мисол таъкид мекунад, ки чунин ҳолати муҳимро бояд дар хотир дошт. Пеш аз ҳал кардани ин ё он муодилаи ирратсионалӣ бояд боварӣ дошт, ки маҷмӯи қиматҳои имконпазири бузургии номаълум холӣ нест. Агар ҳеҷ ягон адад қимати равои бузургии номаълум набошад, он гоҳ тасдиқ кардан мумкин аст, ки муодила реша надорад.

Мисоли 2.Муодилаи

$$\sqrt{x} + \sqrt{1-x} = -2$$

-ро ҳал кунед.

Ҳеҷ яке аз решаҳои $\sqrt{x}$ ва $\sqrt{1-x}$ манфӣ шуда наметавонанд. Бинобар ин, дар ягон қимати ҳақиқии бузургии $x$ суммаи ин решаҳои квадратӣ ба – 2 баробар намешавад. Пас, муодилаи мазкур ҳам ҳал надорад.

Мисоли3.Муодилаи

$$\sqrt{x-5} + \sqrt{10-x} = 3$$

-ро ҳал кунед. Нобаробарии $5 \le x \le 10$ маҷмӯи қиматҳои имконпазирро муайян мекунад. Ҳар дутарафи (қисми) муодиларо ба квадрат бардошта, ҳосил мекунем:

$$x-5+2\sqrt{(x-5)(10-x)}+10-x = 9,$$

$$2\sqrt{(x-5)(10-x)} = 4, \sqrt{(x-5)(10-x)}=2.$$

Муодилаи охиринро аъзо ба аъзо ба квадрат бардошта, ҳосил мекунем:

$$(x-5)(10-x) = 4; \quad -x^2+15x-50 = 4, \quad x^2-15x+54 = 0.$$

Инак, дар натиҷаи ду маротиба ба квадрат бардоштани аъзоҳои муодила муодилаи квадратии содаеро ҳосил кардем, ки решаҳояш ба $x_1=6$ ва $x_2=9$ баробар аст. Санҷиш нишон медиҳад, ки ҳар дуи ин адад решаҳои муодилаанд.

**<u>Ҷавоб:</u>$x_1=6$, $x_2=9$.**

Мисоли 4. Муодилаи $\sqrt[3]{3x+1}+\sqrt[3]{x+1} = \sqrt[3]{x-1}$ –ро ҳал кунед.

Қиматҳои имконпазири тағйирёбандаи $x \in R=(-\infty; +\infty)$.

Барои аз решаи кубӣ озод шудан, ҳар ду тарафи муодиларо мувофиқи формулаи зарби мухтасар

$$(a+в)^3 = a^3+в^3+3aв\,(a+в)$$

ба куб бардошта, ҳосил мекунем:

$$3x+1+x+1+3\sqrt[3]{3x+1}\sqrt[3]{x+1}\left(\sqrt[3]{3x+1}+\sqrt[3]{x+1}\right) = x-1,$$

Равшан аст, ки дар дохили қавс тарафи чапи муодилаи мазкур пайдо шуд, ки онро мо метавонем бо тарафи рости он иваз намоем. Дар натиҷа баъди содакунӣ ва ифодаи решадорро дар тарафи чап монему боқимондаро ба тарафи рост гузаронем, муодилаи зерин ҳосил мешавад:

$$3\sqrt[3]{3x+1}\sqrt[3]{x+1}\sqrt[3]{x-1} = -3x-3,$$

Ана ҳамин ҷо он лаҳзаи муҳим ба вуқӯъ пайваст, ки қисми дуюми мавзӯи мо аст. Гузариши охирон, яъне муодилае, ки пайдо шуд ба муодилаи аввала баробарқувва нест. Ин муодилаест, ки ҳалли он решаҳои бегона дода метавонад, ин барои он ки муодилаи аввала, ки мо барои ивази ифодаи дохили қавс истифода кардем, айният намебошад, яъне вай барои $\forall x$ иҷро намешавад. Бинобар ин, чунин гузориш решаи бегона Равшан гашт, ки дар ҳолати ягон маҳдудият ба тағйирёбандаи $x$ набудан ҳам решаҳои бегона пайдо

мешавад. Ин маънои онро дорад, ки санҷидани решаҳои ҳосилшуда қисми таркибии ҳалли муодилаҳои ирратсионалӣ мебошад.

Инак, ҳалли муодиларо давом медиҳем, ҳар дутарафи муодиларо ба 3 тақсим карда ҳосил мекунем:

$$\sqrt[3]{3x+1}\sqrt[3]{x+1}\sqrt[3]{x-1} = -x-1,$$

Бори дигар ҳар ду тарафи муодиларо ба куб мебардорем, пеш аз ба куб бардоштан, дар тарафи рости баробарӣ аломати минусро аз қавс барорем қулай аст, дар натиҷа ҳосил мешавад:

$(3x+1)(x+1)(x-1)=-(x+1)^3,$

$(x+1)^3+(3x+1)(x+1)(x-1)=0,$

$(x+1)((x+1)^2+(3x+1)(x-1))=0,$

$(x+1)(x^2+2x+1+3x^2-3x+x-1)=0,$

$(x+1)\cdot 4x^2=0$

Аз ин ҷо $x+1=0$, $x=-1$ ё $4x^2=0$, $x=0$

Санҷиш мегузаронем:

Агар $x=0$ бошад, он гоҳ $2 \neq -1$

Агар $x=-1$ бошад, он гоҳ $\sqrt[3]{-2} = \sqrt[3]{-2}$ дуруст аст.

**Ҷавоб: $x=-1$.**

**АДАБИЁТ:**


1. Г.З. Генкин, Геометрические решения негеометрических задач. Москва: «Просвещение», 2007 - 79с.
2. Готман Э.Г.,Скопец З.А. Задача одна решения разные: геометрические задачи. Москва: «Просвещение», 2000.
3. Супрун В.П. Математика для старшеклассников. Нестандартные методы решения задач. М.: «Книжный дом "ЛИБРОКОМ"», 2009 - 272с.
4. "Сборник задач по математике для поступающих во втузы"В.К.Егерев, В.В.Зайцев, Б.А.Кордемский и др.;под редакцией М.И.Сканави.М.: ООО «Мир и Образование», 2009. – 608с.
5. Е.С. Кочетков, Е.С.Кочеткова "Алгебра ва функсияҳои элементарӣ" Душанбе, нашриёти "Ирфон", 1975-350с.
6. Супрун В.П. Математика для старшеклассников. «Задачи повышенной сложности.» М.: Издательство ЛКИ/URSS, 2008.


**Сангинов Б. Н.**

## ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲОИ ҒАЙРИСТАНДАРТӢ - ОМИЛИ МУҲИМИ РУШДИ ТАФАККУРИ ХОНАНДАГОН

Муаллиф дар мақола ба ҳалли амалии чанд мисолу масъалаҳо рӯй овардааст, ки онҳо аз барномаи таълими фанни математика берун аст ва ё ҳалли онҳо аз омӯзгор дониши иловагӣ ва усулҳои махсусро талаб менамоянд. Аз ҷумла, ёфтани масоҳати шаклҳо (бо формулаи Пик Г.А. ҳисоб кардани масоҳати шаклҳо), бо тарзи ғайрианъанавии ҳалли нобаробариҳои тригонометрӣ (бо истифода аз графики функсия), намунаҳои ҳалли мисолҳои нисбатан мураккаби курси алгебраи синфҳои 10-11-ум ва истифодаи формулаҳои кунҷи ёрирасон ҳангоми содагардонӣ ва ҳалли муодилаҳои ирратсионалӣ, ки аз он омӯзгорон ҷавон, хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва довталабони макотиби олӣ усули ҳалли мисолу масъалаҳоеро пешниҳод намудааст, ки аз онҳо дар дарсҳои иловагӣ ва машғулиятҳои беруназсинфӣ бо хонандагони синфҳои болоӣ истифода бурдан метавонанд, пешниҳод шудааст. Инчунин, аз усули ҳалли мисолу масъалаҳо овардашударо ҳангоми омодагиҳо ба шабнишиниҳои математикӣ, озмуну олимпиадаҳои фаннӣ, дар маъракаи дохилшавӣ ба муассисаҳои олии кишвар тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

***Вожаҳои асосӣ:*** *муодила, формула, нобаробарӣ, масоҳати квадратшакл, интервал, графики функсияи тригонометрӣ,давр, даври хурдтарини мусбат, ирратсионалӣ, решаи бегона.*

**Сангинов Б.Н.**

## РЕШЕНИЕ НЕСТАНДАРТНЫХ ЗАДАЧ - ВАЖНЫЙ ФАКТОР РАЗВИТИЯ МЫШЛЕНИЯ УЧАЩИХСЯ

Автор делает акцент на практическом решении ряда примеров и задач, выходящих за рамки учебной программы по математике или требующих специальных методов. В частности, нахождение площади форм (вычисление площади форм по формуле Пика Г.А.), нетрадиционные методы решения тригонометрических неравенств (с использованием графика функций), примеры решения более сложных примеров курсов алгебры для 10-11 классов и использование вспомогательных угловых формул для упрощения и решения иррациональных уравнений, на основе которых молодые учителя, выпускники общеобразовательных школ и абитуриенты могут использовать их во внешкольной и внеклассной деятельности. Целесообразно также использовать приведенные методы решения данных задач при подготовке к во-внеклассным математическим мероприятиям, вечерам, олимпиадам и в ходе подготовки к вступительным тестовым экзаменам по-приёму в высшие учебные заведения страны через Национальный центр тестирования при Президенте Республики Таджикистан.

***Ключевые слова:*** *уравнения, формулы, неравенства, квадратичные области, интервалы, графики тригонометрических функций, период, наименьший положительный период, иррациональное, чужой корень.*

**Sanginov B.N.**

## SOLVING NON-STANDARD PROBLEMS IS AN IMPORTANT FACTOR DEVELOPMENT OF THINKING OF STUDENTS

The author focuses on the practical solution of a number of examples and problems that go beyond the curriculum in mathematics or require special methods. In particular, finding the area of shapes (calculating the area of shapes using the Pick G.A. formula), unconventional methods for solving trigonometric inequalities (using the graph of functions), examples of solving more complex examples of algebra courses for grades 10-11 and using auxiliary angular formulas to simplify and solutions to irrational equations, on the basis of which young teachers, graduates of general education schools and applicants can use them in extracurricular and extracurricular activities. It is also advisable to use the above methods for solving these problems in preparation for extra-curricular math events, evenings, olympiads and in preparation for entrance test exams for admission to higher educational institutions of the country through the National Testing Center under the President of the Republic of Tajikistan

**Keywords:** *equations, formulas, inequalities, quadratic domains, intervals, graphs of trigonometric functions, period, least positive period, irrational, alien root.*

**Сведения об авторе: Сангинов Бохирджон Нумонович –** преподаватель математики, директор общеобразовательного учреждения № 43 г.Канибадам, Согдийская область, тел.:(+992) 92-777-01-66, (+992) 91-765-69-39

**Information about the author: Sanginov Bohirjon Numonovich-** Mathematics teacher, director of general education institution № 43 Kanibadam, Sughd region, tel.:(+992) 92-777-01-66, (+992) 91-765-69-39

**Д. ГУЛМОЧОЕВ**

# ТАЪЛИМИ БОСИФАТ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ФАННИ ГЕОГРАФИЯ

*“Агар мо хоҳем, ки давлатамон пешрафтаву неруманд ва ҷомеаи кишварамон осудаву мутамаддин бошад, коре кунем, ки фарзандонамон босаводу донишманд бошанд,дастовардҳои навини илму технологияҳои инноватсиониро аз худ намоянд”.*

**Эмомалӣ Раҳмон**

Асри XXI замони пешрафти бесобиқаи илм ва техникаву технологияҳои навин мебошад. Дар чунин шароит рушди минбаъдаи ҳар кишвар аз дастгирӣ ва дар истеҳсолот ҷорӣ кардани дастовардҳои илмӣ вобастагии амиқ дорад. Аз ин рӯ, тамоми дониш, маҳорату малака ва истеъдоду қобилияти насли наврасро барои саҳм гузоштан дар рушди босуботи кишвар, дар маъракаи муҳимми бунёдкориву созандагӣ ва иҷрои ҳадафҳои стратегии давлат равона сохтан лозим аст.Имрӯз бе илму инноватсия,технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии техникӣ қадаме ба пеш гузоштан мумкин нест.

Дар ин раванд, мақсад гузошта шудааст, ки истифодаи технологияҳои муосирро дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ густариш дода, тафаккури техникии аҳолӣ, дар навбати аввал, ҷавононро тақвият бахшем, барои пешрафти илмҳои бунёдӣ ва техникиву технология фазои мусоид фароҳам оварем.

Маҳз бо ҳамин мақсад Сарвари давлат солҳои 2020-2040-ро бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ эълон карданд ва изҳори бовар карданд, ки ин иқдом ба рушди тафаккури техники ва тавсеаи ҷаҳонбинии илмии ҷомеа такони ҷиддӣ мебахшад**.**Мақсади асосӣ суръат бахшидан ба рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзию-техникӣ дар мамлакат мебошад,бинобар ин мутахасисони фанни геграфияро водор месозад ,ки барои ҳарчи зудтар амалӣ гаштани ин, ин ҳадафҳо кӯшиш ба харҷ диҳанд.Амалишавии ин мақсадҳо ба донишу малака, маҳорат ва дараҷаи касбии омӯзгорон вобастагии калон дорад.

Аҳамияти илми география дар ҷаҳони муосир ниҳоят калон мебошад.География илми системаи табиӣ ва иҷтимоӣ буда, мафҳуми фаъолияти инсонро дар ҳамкорӣ бо муҳити зист дар сатҳи маҳаллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ташкил медиҳад.География яке аз фанҳои бунёдӣ мебошад, ки барои ташаккули ҳувияти миллии инсон хидмат мекунад.

География фанест, ки ба хонандагон имкон медиҳад, то олами атрофро бишносанд, ва ҳам имкониятҳои эҷодии худ - қобилиятҳои дохилиро инкишоф диҳанд. Барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон дониши географӣ нақши махсус дорад, ки ин ба таърихи тӯлонии ташаккули чумҳурии Тоҷикистон, андоза ва мавқеи географии қаламрави он, гуногунии табиӣ, этникӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ, инчунин ба таври анъанавӣ муқарраргардидаи захираҳои иқтисодиёт вобаста аст.

Маълумоти географӣ заминаи зарурӣ барои муайян ва ҳалли мушкилоте мебошад, ки дар раванди ҳамкории одамон бо муҳити атроф ба амал меоянд (бад шудани саломатии инсон; таъминоти нокифояи аҳолӣ бо ғизо ва об; оқибатҳои манфии тағирёбии иқлим; ифлосшавии муҳити зист, захираҳои маҳдуди табиӣ ва ғ.).

Ягона манбаи асосӣ дар ҳосил намудани дониши системавии боэътимоди географӣ барои аҳолии кишварамон таълими самараноки фанни геграфия мебошад.

Омода намудани мутахассисони варзида дар соҳаҳои иқтисодиёт,мудофиа ва амният,банақшагирии фазоӣ, пешгӯийи офатҳои табиӣ,муҳоҷират, идоракунии муҳити зист, муносибатҳои байналмилалӣ ва туризм бе донистани фанни география ғайриимкон аст.Чунин мутахасисон дар шароити муосир ниҳоят заруранд ва онҳо метавонанд насли наврасро оид ба истифодаи васеъи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ҳангоми азхуд намудани донишҳои географӣ роҳнамоӣ намоянд.

**Мақсад ва вазифаҳои таълими геграфия:** мақсади таълими география аз он иборат аст,ки системаи таълими геграфӣ ба ниёзҳои муосири оила ,давлат ва ҷомеъа ҷавобгӯ бошад.

**Вазифаи таълими география-** навсозии сифатӣ ва баланд бардоштани ҷозибаи мундариҷаи таълим,нигоҳ доштани муттасилӣ ва робитаҳои байнисоҳавӣ бо дигар фаннҳо мебошад.

Баланд бардоштани маъруфияти геграфия дар ҷомеъа, нуфуз ва аҳамияти донишҳои геграфӣ, фаъолияти амалӣ додан ба технологияҳои мавҷудаи таълим ва ҷорӣ намудани онҳо боиси баланд гаштани сифати таълим мегардад.

Олим ва педагоги муосир Марк Поташник сифати таълимро чунин таъриф додааст:«Сифати таълим ин таносуби ҳадаф ва натиҷаи меъёри расидан ба ҳадафҳо (натиҷаҳо) мебошад, зиёда аз он, ҳадафҳо танҳо фавран гузошта мешаванд ва дар соҳаи рушди эҳтимолии хонанда пешгири карда мешаванд.Дар ин ҳолат, натиҷаҳои таълим бояд ҳатман арзёбии хароҷотро (арзиши зиён ва хароҷот) дар бар гирифта бошанд».[1, С.191].

**Сифат** категорияи фалсафӣ мебошад, ки маҷмӯи хусусиятҳо, ва нишонаҳои муҳимро ифода мекунад, ки як ашё ё падидаро нисбат ба дигараш фарқ мекунонад ва ба он хусусияти фарққунанда медиҳад.

**Сифати таълим** яке аз мушкилоти асосии таҳсилоти муосир ва раванди такмили доимист.

Он чунин омилҳоро дарбар мегирад:

- аз сатҳи касбии баланди омӯзгорон;
- аз таъминоти моддию техникӣ;
- аз эҷоди роҳат дар таълим, риояи меъёрҳои санитарию гигиенӣ ва мустаҳкамии дониши хонандагон;

Барои баланд бардоштани сифати таълим ҳадафҳо ва вазифаҳои асосии такмили онро муайян кардан лозим аст. [2, С.5].

Системаи баландсифати таълими географӣ ва маърифатнокӣ барои ҳар як давлате, ки барои рушди интенсивии илм, фарҳанг, иқтисодиёти миллӣ ва нақши шоиста дар сиёсат ва иқтисодиёти ҷаҳонӣ саъй мекунад, зарур аст. Он иҷрои чунин корҳоро талаб мекунад:

- тайёр кардани мутахассисони босалоҳият на танҳо дар соҳаи илмҳои географӣ, балки дар соҳаҳои иқтисодиёт, идоракунии давлатӣ , мудофиа ва амният, банақшагирии ҳудуд, идоракунии муҳити зист, муҳандисӣ ,муносибатҳои байналмилалӣ,рӯзноманигорӣ, туризм, экология ва ғайра.
- сатҳи дурусти таълим ва тарбияи ҷавонон, ташаккули мафҳумҳои шуури шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, таваҷҷӯҳ ба пайдоиши миллӣ, масъулияти иҷтимоӣ, дониши географӣ, фарҳанги экологӣ.

Таълими мактабӣ барои тамоми системаи таълими географӣ асосист. Таълими география дар муассиса бояд ба ташаккули манзараи возеҳ ва аниқи ҷаҳонӣ асос ёбад, на ба ёд доштани массиви назарраси оморӣ ва ишораномҳо,инчунин ба даст овардани малакаҳои амалӣ дар истифодаи маълумоти географӣ равона шуда бошад. Намунаҳои татбиқи ин равиш ҳам дар системаҳои педагогии ватанӣ ва ҳам хориҷӣи мавҷуданд. [3, С. 232].

**Роҳҳои асосии татбиқи таълими дуруст ва босифати фанни география дар муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунинанд:**

-мавҷудияти барномаи ҷавобгӯйи таълимӣ оид ба фанни география;

-вуҷуд доштани маҷмӯаҳои таълимию методӣ;

-баназаргирии хусусиятҳои синну солӣ;

тарбияи ҳиссӣ,ватандӯстӣ, қарзи шаҳрвандӣ, ки дарки амиқи арзишҳои миллиро дар бар гирад.

-ҷорӣ намудани талабот ва қобилиятҳо тавассути эҷод, таҳия ва татбиқи технологияҳои таълими фосилавӣ,

-ба вуҷуд овардан ва ташаккули миқдори зарурии донишҳо ва малакаҳои географӣ барои идомаи таҳсил дар соҳаҳои касбӣ (география, укёнусшиносӣ, метрология, гидрология, картография ва топография, геоэкология, туризм ва ғайра);

-афзоиши шумораи сафарҳо ва экспедитсияиҳои мактабиро таъмин намоянд;

-таҳия ва гузаронидани олимпиадаҳо дар сатҳҳои гуногун барои хонандагон;

-корҳои иловагӣ бо хонандагоне, ки фанни географияро дӯст медоранд ва дар рушди он муваффақиятҳои назаррас доранд;

-таваҷҷуҳ ба рушди шаклҳои нави ташкилот, аз қабили таҳсилоти фосилавӣ дар география, намоишгоҳи интерактивӣ, лоиҳаҳои геграфӣ дар шабакаи интернетӣ;

-ташаккули шабакаҳои иҷтимоӣ-ҷамъиятӣ, географӣ, экологӣ ва этнографӣ;

-рушди шаклҳои анъанавии кор бо хонандагон тавассути ташкили олимпиадаҳо,мусобиқаҳои зеҳнӣ, мусобиқаҳо, экскурсия ва сайру гаштҳо;

**Проблемаҳои асосии таълими фанни география дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ:**

-набудани усули ҳамгироишуда ба омӯзиши фанни география,ки дар натиҷаи он байни ду соҳаи география,- географияи табиӣ ва иқтисодӣ тафовути назаррас ва методологӣ вуҷуд дорад;

-диққати нокифоя ба технологияҳои таълимӣ ба хонандагон нигаронидашуда ва рушди онҳо;

-ташкил нашудани курсҳои балансифати онлайн ва фосилавӣ;

-набудани таваҷҷуҳ ба мавҷудияти зарурии таҷҳизот дар синфхонаҳои географӣ;

-истифода набурдани технологияҳо дар асоси фаъолияти маърифатӣ, лоиҳа,бозӣ ва муоширaт;

-мушкилоти кадрӣ ,ки ин ба паст шудани эътибори касбии омӯзгори фанни геграфия сабаб гаштааст.Дар бисёр муасисаҳои таълими ин фанро омӯзгорони дигар фанҳо пеш мебаранд,бештари омӯзгорони геграфия маълумоти махсуси географӣ надоранд;

-паст шудани сатҳи умумии дониши географии омӯзгорон аз ҳисоби кам кардани давомнокии таълими курсҳои бозомӯзии омӯзгорон ва бозомӯзии кадрҳо дар минтақаҳо мебошад;

-зиёд будани шумораи хонандагон дар синфхонаҳо(то 35 -40 наффар),ки боиси паст шудани сифати таълиму тарбия мегардад;

- проблемаҳои ҳавасмандгардонӣ, камназарӣ ба аҳамияти таълими география дар ҳаёти ҳаррӯза;

-ақибмонии мундариҷаи таълими география дар муассисаҳои таҳсилоти миёна аз рушди пешрафтаи фазои муосири итилоотӣ,қонеъ кардани ниёзи хонандагон бо ахбороти гуногун дар бораи Тоҷикистон ва олам мебошад;

-ба стандарти роҳбарӣ ҷавобгӯ набудани фаъолияти баъзе аз роҳбарони муасисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ яке аз проблемаи мубрам мебошад;

-дар бисёр муасисаҳои таълимӣ кофӣ набудани асбобҳои аёнӣ ба монандӣ харитаҳои гуногунмавзӯъ, плакатҳо, коллексияҳо, макетҳо ва ғайра низ боиси паст шудани сифати дарс мегарданд;

-мавҷуд набудани воситаҳои техникии таълимӣ-телевизор, видеороликҳо, компютер, асбобҳои аксбардорӣ ва сабткунӣ,ки дарсҳои географияро шавқовар ва пурмазмун менамоянд;

Тавре ки педагоги машҳури олмонӣ А.Дистервег қайд кардааст: "Зеҳни кӯдакро бо дониш пур кардан мумкин нест, худи ӯ бояд онҳоро дарк ва азхуд кунад."Бинобар ин, хонанда дар ҳама гуна фаъолият,вақте ки бевосита барои ӯ зарур аст, вақте ки вай ангезаи муайяне барои татбиқи он дорад, дохил мешавад. [4, С. 23]. Дар айни замон, проблемаи ташаккули шавқ ба фанни таълимӣ аз он сабаб ба амал омадааст, ки дар ҷомеа ва маориф тағироти ҷиддие ба амал омадаанд, ки аксаран бо хусусиятҳои гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ муайян карда мешаванд.Дар зери таъсири бозсозӣ дар раванди таълим ҷустуҷӯи шаклҳо, усули, нави таълим ба вуҷуд омаданд,ки ҳавасмандии таълимиро баланд бардошта,хонандагонро ба фаъолияти фаъоли таълимию маърифатӣ ҷалб мекунанд. Ҳамаи ин инъикоси проблемаи афзоиши ҳавасмандии таълимӣ, рушди завқи маърифатии мактаббачагон ба сохтмони муосири раванди таълим мебошад.

Барои иҷро намудани усули фаъол дар раванди таълим ҳавасмандиро баланд бардоштан лозим аст.Вазифаи омӯзгор имрӯз иборат аз он аст,ки ба тарз ва ҳаҷми дониши додашаванда диққат надиҳад,балки дар андешаи рушди умумии хонандагон бошад.[5,С. 134].

Усули репродуктивии таълим, ки дар гузаштаи наздик анъанавӣ буданд, дигар наметавонанд дар хонандагон маҳорат ва малакаҳое пайдо кунанд, ки дар шароити нави

зиндагӣ ба онҳо ниёз доранд. Он на аз хотираҳои ғайрифаъол ё аз даҳони муаллим гирифтани маълумот он, балки вориди мушкилот, шудан ва саъйи мустақили эҷодии зеҳнро талаб мекунад.Аз муаллим санъати ташкили фаъолияти фаъоли маърифатии хонандагон дар синф талаб карда мешавад, ки нисбат ба муошврати маъмулии дониш ва тафтиши азхудкунии онҳо хеле ҷолибтар ва дар айни замон мушкилтар аст.

Дар баробари ин, технологияҳои муосири педагогӣ ба воситаи тавоное табдил меёбанд, ки имкон медиҳанд, ки фаъолияти зеҳнии мактаббачагонро фаъол карда, шавқи маърифатӣ афзоиш ёбад ва дар ниҳоят ба муваффақияти ҳар як хонанда дар раванди омӯзиши география ноил гардад.Ҷорӣ намудани шаклҳои ғайримуқаррарӣ, рушдёбанда, фаъол ва муосири кор ба беҳтар шудани вазъи таълим мусоидат мекунанд.

Дарсҳои ғайристандартӣ яке аз роҳҳои самараноки ташаккул додани қобилияти омӯзишӣ мебошанд.Ҳангоми омӯзиши география ба хонандагон супоришҳои гуногуни эҷодӣ пешниҳод карда мешаванд.Онҳо ребусҳо, муаммоҳо, кроссвордҳо мебошанд.Бо шарофати талошҳои Вазорати маориф ва илми ҷумҳурии Тоҷикистон, имрӯз мо имкон дорем, ки дар дарсҳои худ мултимедияро истифода барем (презентатсияҳо, клипҳои видеоӣ, аниматсияҳо, ҳамроҳии мусиқӣ). Ҳамаи ин дарсро гуногунранг месозад, онро визуалӣ ва бойтар мегардонад ва вақтро дар назорати дониш сарфа мекунад. Агар ба кӯдакон ягон чизи нав, ғайриодӣ пешниҳод кунанд, онҳо худро озод ҳис мекунанд, мақсаднок, ихтироъкор мешаванд.Дар онҳо хоҳише пайдо мешавад, ки чунин вазифаҳоро худашон тартиб диҳанд ва баъд иҷро кунанд.

Мо бояд ба он методҳо, воситаҳо ва усулҳои таълим диққати махсус диҳем,ки дар асоси таҷрибаи корӣ,ҳавасмндии фаъоли маърифатиро ба вуҷуд меоранд,таваҷҷӯҳро ба ин фан рушд медиҳанд ва дар баланд бардоштани сифати таълим саҳм мегиранд. Дар бораи баъзеи онҳо маълумот медиҳем:

**1.Эҷоди ҳолатҳои проблемавӣ:**

Ҳама гуна вазифае буда метавонад, ки дар он хонанда ба мақсад ошно аст, аммо чӣ гуна ба он расиданро намедонад. Вай худро дар мавқеи муҳаққиқ тасаввур мекунад, тафаккури аз қолаб озодро инкишоф медиҳад, тавзеҳоти нав, ҳукмҳо, тахминҳо, фарзияҳои худро пешкаш мекунад, ба дониши воқеият эҷодкорона наздик мешавад. Мисол: Кадом захираҳои табиӣ ҳамчун омили асосии пешбарандаи иқтисодиёти ҷумҳури Тоҷикистон дониста мешаванд? ва ғ.

**2.Ҳалли масъалаҳои географӣ:** Вазифаҳо тафаккури мантиқӣ, мустақилиятро инкишоф медиҳанд. Масалан: Расми 10-ро таҳлил кунед.Ҳисоб кунед, ки шумораи аҳолии ҷаҳон аз аввали эраи мо то аввали асри 21 чанд маротиба зиёд шудааст. Дар асрҳои 19 ва 20 чанд миллион нафар афзудааст? ва ғ

**3.Бозиҳои дидактикӣ:** "Нимашро ёбед", "Калимаро пурра созед",

"Бюрои иттилоотӣ", Сеюм зиёдатист", "Сафари фосилавӣ,"Диктантҳои географӣ", "Агентии сайёҳӣ","Аз рӯи кишварҳо ва қитъаҳо","Ёбед" ва ғ.

**4.Корҳои эҷодӣ:** Қудрати таъсири корҳои эҷодии дар маҷмӯъ ба маърифати мактаббачагон ва арзиши онҳо барои рушди шахс иборат аст, зеро худи идеяи кори эҷодӣ ва раванди татбиқ ва натиҷаи он – ҳама вақт аз шахсият ҳадди аксар истифодаи қувватро талаб мекунанд.Аз вазифаҳои эҷодии имконпазир, ба монанди таҳияи муаммоҳо, кроссвордҳо, паёмҳо, гузоришҳо, рӯйнамоиҳо ва ғайраро низ номбар кардан мумкин аст.

**5.Истифодаи адабиёти иловагӣ дар дарс:** Ҳар гуна кор бо мақолаҳои китоб, рӯзнома ва маҷалла ба рушди тахайюлоти эҷодӣ, тафаккури таҳлилӣ сабаб гашта, дарсро пурмаъно ва ғанӣ мегардонанд.

**6. Кор бо харита**: Харита яке аз воситаҳои асосии таълим дар дарсҳои география мебошад. Харита забони дуввуми география мебошад.Дар курсҳои география чунин саволҳо, мавзӯъҳо, ки посухашон дастгирии картографиро талаб намекунад, амалан вуҷуд надоранд. [6, С.89].

Дар байни шаклҳои гуногуни беруназсинфии таълими география ҷои махсусро экскурсияҳо ва корҳои амалӣ дар маҳалҳо, конфронсҳо, баҳсҳо, ҷамъиятҳои илмии мактабҳо, олимпиадаҳо, озмунҳо ва таҳқиқотҳои ҷустуҷӯйӣ ишғол мекунанд.

География, шояд яке аз он фанҳое бошад, ки доираи васеи масъалаҳои экологӣ ва кишваршиносиро дар бар мегирад, хусусияти амалӣ дорад ва аз ин рӯ дорои иқтидори азими рушд мебошад. Дар курси “Географияи Тоҷикистон”,синфи 8-ум мавқеи махсусро омӯзиши маводи кишваршиносии маҳаллӣ ишғол мекунад, ки иборат аз мавзӯъҳои мушаххас ва корҳои амалӣ мебошанд. Кори кишваршинос и дар таълими география на танҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои таълимӣ, балки дар хонандагон муҳаббат ба кишвар, ватанро низ ташаккул медиҳад.

Ҳамин тариқ, истифодаи усули фаъоли таълимро яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани ҳавасмандии хонандагон дар омӯзиши география,ки дар натиҷаи баланд бардоштани сифати дониш мегардад,ҳисобидан мумкин аст. [7, С.54].

Аз ҳамаи суханҳои дар боло зикршуда, хулосаи зерин баровардан мумкин аст.Барои баланд бардоштани сифати таълим дар дарсҳои география бояд чунин корҳо ба иҷро расонида шаванд:

- такмил додани равандҳои таълим ва омӯзиш;
- истифодаи техника ва технологияҳои гуногун;
- дар раванди омӯзиш аз усулҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ истифода бурдан лозим аст.
- истифода аз роҳу усули фаъоли таълим;
- ташкили экспедитсияҳо, таҷрибаи саҳроӣ, экскурсияҳо, чорабиниҳои иҷтимоӣ ва географӣ(Асотсиатсияи омӯзгорони географияи Тоҷикистон ва ҷамъияти геграфҳои Тоҷикистон).

**АДАБИЁТ:**


1. Мешкова Наталья Степановна. Доклад на тему: «Особенности преподавания и обучения географии в современных условиях».Кемерово, 2020г.-7с.
2. Особенности преподавания географии в 2020-2021 учебному году.Методические рекомендации. Клинцы,2018г.-5с.
3. Киселёва Наталья Алексеевна.Анализ проблемы "Как повысит качество знаний по географии?" Пути и методы решения данной проблемы в моём понимании.2020г.-2с
4. Беловолова Е. А. Формирование ключевых компетенций на уроках географии 6-9 классы: Методическое пособие -М.: Вентана - Граф, 2013. -240с
5. Григорьев Д.В. Внеурочная деятельность школьников: метод.конструктор: пособие для учителя. - М.: Просвещение, 2010. - 223с.-
6. Методика обучения географии в общеобразовательных учреждениях: -- Москва, Дрофа, 2007 г.- 512 с.
7. Теория и методология географической науки: А. Г. Исаченко -- Москва, Академия, 2004 г.- 400 с. ,.- Д., 2013. – 233 с.180
8. Раҳимов, Х. Педагогика / Х. Раҳимов, А. Нуров.-Душанбе, Ҳумо, 2007.-447 с.
9. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020.-Душанбе, 2012.-47с.
10. Стратегияи давлатии «Технологияи иттилоотӣ-коммуникативӣ барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон»//Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 ноябри соли 2003, №1174.–19 с.
11. Х.Мухаббатов,М.Раҳимов.ГеографияиТоҷикистон.Душанбе. “Собириён”2009.саҳ 5.

**Маводҳои интернетӣ:**

1. Научная иблиотека Кибер Ленинка: http://puma/article/n/povyshenie-kachestva-professional nogo-obrazovaniya-kak-rezultat-realizatsii-standartov-novogo-pokoleniya#ixzz4RGqbmhcJ
2. Издательство Просвещение [Электронный ресурс]: официальный сайт/URL: http://www.prosv.ru/umk/perspektiva/info.aspx?ob_no=20077

**Гулмочоев Д.**

**ТАЪЛИМИ БОСИФАТ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ФАННИ ГЕОГРАФИЯ**

Дар ин мақола аҳамияти илми география,зарурияти омӯзиши он, мақсад ва вазифаҳои таълими геграфия,сифати таълим,роҳҳои баландбардории сифати таълими география дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, истифодаи технологияҳои гуногуни муосири педагогӣ дар дарсҳои география,проблемаҳои асосии таълими фанни география роҳҳои бартараф сохтани онҳо, истифодаи методҳо, воситаҳо ва усулҳои нави фаъоли таълим дар омӯзиши фанни география,зарурати татбиқи онҳо дар системаи таълими муосир мавриди таҳлилу омӯзиш қарор гирифтааст.Дар бораи натиҷаҳои кор оид ба истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ ва усулу методҳои фаъоли таълим дар раванди омӯзиши фанни география хулосаҳо бароварда шудаанд.

***Калидвожаҳо:*** *география,хонандагон,муассиса,омӯзиш,технология-ҳои муосири таълимӣ, сифати таълим,технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ,усулу методҳои фаъоли таълим.*

**Гулмочоев Д.**

**КАЧЕСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАНИЕ В ПРОЦЕССЕ ИЗУЧЕНИЯ ГЕОГРАФИИ**

В данной статье рассматривается важность географической науки, необходимость её изучения, цели и задачи обучения географии, качество образования, пути повышения качества преподавания географии в общеобразовательных школах. Также анализируется использование различных современных педагогических технологий на уроках географии, основные проблемы обучения географии, пути их преодоления, использование новых активных методов, инструментов и приемов обучения географии, необходимость их внедрения в современную систему образования.Сделаны выводы по результатам работы по использованию современных педагогических технологий и активных методов обучения в процессе изучения географии.

***Ключевые слова:*** *география,ученики,учреждение,обучение,современные образовательные технологии, качество образования, информационно-коммуникационные технологии, активные методы обучения*

**Gulmochoev D.**

**QUALITY EDUCATION IN THE STUDY OF GEOGRAPHY**

This article discusses the importance of geography, the need to study it, the goals and objectives of teaching geography, the quality of education, ways to improve the quality of teaching geography in general education schools, analyzes the use of various modern pedagogical technologies in geography lessons, the main problems of teaching geography, ways to overcome them, the use of new active methods, tools and techniques for teaching geography, the need for their implementation in the modern education system.

***Keywords:*** *geography,schoolchildren, institution, training, modern educational technologies, quality of education, information and communication technologies, active teaching methods.*

**Сведения об авторе: Гулмочоев Диловар Кишварович** - научный сотрудник Института развития образования имени А.Джоми Академии образования Таджикистана.адрес: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.С.Айни 126.

**Information about the author: Gulmochoev Dilovar Kishvarovich** - Researcher, Institute for the Development of Education named after A. Jomi, Academy of Education of Tajikistan, address: 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S. Aini str. 126.

# МУНДАРИҶА
# СОДЕРЖАНИЕ
# CONTENTS

## ПЕДАГОГИКА ВА ПСИХОЛОГИЯ
## ПЕДАГОГИКА И ПСИХОЛОГИЯ
## PEDAGOGY AND PSYCHOLOGY


| | |
|---|---|
| **1. Иматова Л. -** Модернизация содержания образования как одна из форм личностно-ориентированного подхода к обучению учащихся………….. | 5 – 10 |
| **2. Каримова И., Каримова Ш. -** Самтҳои самараноки такмили ихтисоси муаллимони синфҳои ибтидоӣ……………………………………………….. | 10 – 15 |
| **3. Раҷабов Н. , Файзизода Ф. -** Хусусиятҳои рушди тафаккур дар давраи наврасӣ............................................................................................................ | 15 – 19 |
| **4. Гулмадов Ф., Ҷиёнзода З. -** Масъалаҳои назариявии инкишофи анъана ва нововарӣ дар соҳаи фарҳанг ва маориф............................................... | 20 – 26 |
| **5. Билолова Ш. -** Аҳамияти назарияҳои зеҳнӣ дар рушди равонии кӯдакон. | 27 – 30 |
| **6. Зулфонов Б. -** Нақши роҳбар дар беҳбуди сифати таълим дар шароити татбиқи раҳёфти босалоҳият ба омӯзиш....................................................... | 30 – 34 |
| **7. Сафарзода Г. -** Нақши барномаҳои давлатӣ дар ташаккули салоҳиятҳои омӯзгорон ....................................................................................................... | 34 – 41 |
| **8. Гадоев К. -** Муносибати муосир ба таълими лексикаи касбии забони хориҷӣ дар дарсҳои англисии мактабҳои олии ғайризабонӣ..................... | 41 – 47 |
| **9. Расулзода Ҷ. -** Тамоилҳои арзишӣ ва фарқи гендерии онҳо....................... | 48 – 51 |
| **10. Восиев Қ. -** Омӯзиши самтгириҳои арзишии хонандагони синфҳои болоӣ ва муносибати онҳо ба саломатии худ............................................ | 51 – 55 |
| **11. Корвонбекова И. -** Ташаккули маҳорати касбии омӯзгор……………. | 55 – 60 |
| **12. Аминов М. -** Сущность формирования профессиональной мобильности учителей средних общеобразовательных учреждений средствами внутри школьного повышения квалификации……………………………………… | 60 – 64 |
| **13. Аминджанова М. -** Авестийское письмо и школьное образование Сасанидского периода……………………………………………………… | 64 – 67 |
| **14. Зоидова С. -** Моҳият ва махсусиятҳои пажӯҳиши масоили тарбияи зебоишиносии хонандагон......................................................................... | 67 – 73 |
| **15. Кахорова С., Имомова М. -** Имкониятҳои китоби дарсӣ дар бедор кардани шавқи хонандагон ба дониш……………………………………….. | 73 – 77 |
| **16. Почоев Б. -** Хусусиятҳои омӯзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим дар таҳқиқотҳои илмӣ......................................................................................... | 78 – 84 |
| **17. Ҳакимова Х. -**Тарбия-омили асосии ташаккули шахсияти хонандагони хурдсол……………………………………………………… | 84 – 87 |
| **18. Абдуҷаббор Р., Маҳмадаминов Х. -** Сабабҳои асосии пошхурии оилаҳои ҷавон дар ҷомеаи муосир............................................................... | 88 – 92 |
| **19. Самиев С. -** Хусусиятҳои ташаккули тарзи ҳаёти солими донишҷӯён дар машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ......................................................... | 92 – 97 |
| **20. Файзиева Н. -** Хусусиятҳои ташаккули зеҳни хонандагон...................... | 98 – 102 |
| **21. Зоиров С. -** Муносибати босалоҳият ва таъсири он дар беҳдошти вазъи муоширати хонандагон.......................................................................... | 102 – 107 |
| **22. Расулбердиева Ш. -** Таҳсили ҳамгиро ва салоҳиятнокӣ ҳамчун усули фаъоли таълим дар синфҳои ибтидоӣ....................................................... | 107 – 112 |
| **23. Давлатов Д., Кодиров Б., Куджмуродов А., Саидов Г. -** Проблема Развития Креативности Студентов В Психолого-Педагогической Литературе………………………………………………………………….. | 112 – 116 |
| **24. Давлатмурод Ф. -** Ҳунарҳои анъанавии тоҷикии занона ҳамчун падидаи таърихию фарҳангӣ ва педагогӣ.................................................. | 116 – 123 |
| **25. Мадатзода М. -** Баъзе масъалаҳои татбиқи муносибати босалоҳият ба | |

| | |
|---|---|
| таълим дар шароити ислоҳоти соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон... | 124 – 129 |
| **26**. **Гафорзаде М. -** Особенности профессиональной мобильности учителей в педагогических исследованиях…………………………………………… | 129 – 133 |
| **27. Мансурова Д. -** Бозиҳои дидактикӣ ҳамчун омили асосии инкишофи фикрии насли наврас........................................................................................... | 134 – 138 |
| **МЕТОДИКА**<br>**МЕТОДИКА**<br>**METHOD** | |
| **1. Лутфуллоева П. -** Ба олам ҳар касе бекор гардад....................................... | 139 – 142 |
| **2. Котибова Ш. -** Нақши технологияи муосир дар ташаккули луғат ва нутқи хонандагони хурдсол........................................................................ | 143 – 146 |
| **3. Абдуализода Ш. -** Тавсияҳои методӣ оид ба таълими фосилавии фанҳои забон ва адабиёт дар давраи пандемияи Covid-19...................................... | 147 – 151 |
| **4. Ҷ. Ҳабибулло.-** Истифодаи методҳои таълими забони англисӣ дар инкишофи малакаҳои талаффузи хонандагон....................................... | 151 – 156 |
| **5. Файзуллоева И., Ҳакимова Х. -** Роҳҳои ташаккули салоҳияти муоширатии хонандагон зимни таълими забони тоҷикӣ.......................... | 156 - 162 |
| **6. Хакимова Ш.** - Межкультурная характеристика языковых единиц и понятий в поликультурном образовании………………………………….. . | 162 – 166 |
| **7. Алиев Р. -** Маълумот дар бораи овозӣ “А” ва методикаи гузориши ин овоз дар дарсҳои машғулиятҳои инфиродӣ................................................. | 166 – 170 |
| **8. Содикова М. -** Плохой учитель преподносит истину, хороший учит ее находить………………………………………………………………………. | 170 – 173 |
| **9. Ахмедова Ш. -** Методологические основы применения инновационных и интерактивных технологий при обучении русскому языку студентов - будущих юристов……………………………………………………………….. | 173 – 177 |
| **10. Амонова М. -** Хусусиятҳои услубии муродифҳо дар забони тоҷикӣ..... | 177 - 180 |
| **11. Файзуллаева З. -** Формирование этнической и религиозной толерантности учащихся на школьных учебниках через призму национальных ценностей…………………………………………………. | 180 – 184 |
| **20-СОЛАИ ОМӮЗИШ ВА РУШДИ ФАНҲОИ ТАБИАТШИНОСӢ, ДАҚИҚ ВА РИЁЗӢ ДАР СОҲАИ ИЛМУ МАОРИФ**<br>**20-ЛЕТИЕ ИЗУЧЕНИЯ И РАЗВИТИЯ ЕСТЕСТВЕННЫХ, ТОЧНЫХ И МАТЕМАТИЧЕСКИХ ДИСЦИПЛИН В СФЕРЕ НАУКИ И ОБРАЗОВАНИЯ**<br>**20TH ANNIVERSARY OF THE STUDY AND DEVELOPMENT OF NATURAL, EXACT AND MATHEMATICAL DISCIPLINES IN THE FIELD OF SCIENCE AND EDUCATION** | |
| **1. Курбанов С. -** Технологияи банақшагирии дарси математика барои ташаккули салоҳиятҳои фаннӣ……………………………………………….. | 185 – 190 |
| **2. Истамов Ф., Ахмедова З., Сатторова М., Гулова Ҳ.** – Омӯзиши проблемавӣ дар дарсҳои физика..................................................................... | 190 – 194 |
| **3. Сангинов Б. -** Ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ - омили муҳимми рушди тафаккури хонандагон........................................................ | 195 – 204 |
| **4. Д. Гулмочоев.-**Таълими босифат дар раванди омӯзиши фанни география…… | 205 - 210 |

## МАЪЛУМОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### Талабот нисбат ба мақолаҳои илмӣ

Ҳамаи мақолаҳои илмие, ки барои чоп ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бояд ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

а) мақолаи илмӣ бояд бо назардошти талаботи муқаррарнамудаи маҷалла омода гардида бошад;

б) мақола бояд натиҷаи таҳқиқоти илмӣ бошад;

в) мавзӯи мақола бояд ба яке аз самтҳои илмии маҷалла мувофиқат намояд.

Ҳамаи маводи илмие, ки ба маҷалла пешниҳод мегарданд, бо ёрии системаи Antiplagiat барои муайян намудани дараҷаи аслияти матн санҷида мешаванд. Мақолаҳое, ки дар матни онҳо маводи дигар муаллифон бе иқтибосоварӣ истифода шудаанд, ба баррасии марҳилаҳои навбатӣ пешниҳод намегарданд ва ин гунна мақолаҳо ба чоп роҳ дода намешаванд.

Талабот нисбат ба таҳияи мақолаҳои илмӣ:

Матни мақола бояд дар формати Microsoft Word омода гардида, бо ҳуруфи Times New Roman барои матнҳои русию англисӣ ва бо ҳуруфи Times New Roman Tj барои матни тоҷикӣ таҳия гардида, дар матн ҳаҷми ҳарфҳо 14, ҳошияҳо 2,5 см ва фосилаи байни сатрҳо бояд 1,5 мм бошад.

Ҳаҷми мақола бо формати А4 бо назардошти рӯйхати адабиёти истифодашуда ва аннотатсияҳо аз 10 то 12 саҳифаро бояд дар бар гирад.

Сохтори мақола бояд бо тартиби зерин таҳия гардад:

– индекси УДК (индекси мазкурро аз дилхоҳ китобхонаи илмӣ дастрас намудан мумкин аст);

– насаб ва дар шакли ихтисор ном ва номи падар (намуна: Каримзода М.Б.);

– номи мақола;

– матни асосии мақола;

– рӯйхати адабиёти истифодашуда (на камтар аз 10 номгӯ ва на бештар аз 25 номгӯйи адабиёти илмӣ). Рӯйхати адабиёти истифодашуда бояд дар асоси талаботи ГОСТ 7.1-2003 ва ГОСТ 7.0.5-2008 таҳия гардад.

– номи мақола, аннотатсия ва калидвожаҳо бояд бо се забон (тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ) таҳия гарданд. Аннотатсия дар ҳаҷми на камтар аз 25 сатр ва калидвожаҳо аз 7 то 10 номгӯ бояд таҳия карда шавад;

– дар охири мақола бо ду забон (русӣ ва англисӣ) маълумот дар бораи муаллиф ва ё муаллифон бо тартиби зерин нишон дода шавад: насаб, ном ва номи падар (пурра), дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (агар бошанд), номи муассисае, ки дар он муаллиф кору фаъолият менамояд, вазифаи ишғолнамуда, телефон, e-mail, нишонии ҷойи кори муаллиф.

Ҳангоми иқтибосоварӣ адабиёти истифодашуда ва саҳифаи мушаххаси он бояд дар қавси чаҳоркунҷа [ ] нишон дода шавад. Намуна: [4, С.25]. Яъне, адабиёти №4 ва саҳифаи 25.

Нақшаҳо, схемаҳо, диаграммаҳо ва расмҳо бояд рақамгузорӣ карда шаванд. Инчунин онҳо бояд номи шарҳдиҳанда дошта бошанд.

## ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

### Требования к научным статьям

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям:

а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала;

б) статья должна быть результатом научных исследований;

в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– фамилия и инициалы автора (например, Каримзода М.Б.);

– название статьи;

– основной текст статьи;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– название статьи, аннотация и ключевые слова оформляются на трех языках (на таджикском, русском и английском языках). Аннотация оформляется в объеме не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний;

– информация об авторе на русском и английском языках. Здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает автор (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора.

При цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, С.25]. То есть, литература №4 и страница 25.

Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название.

## RULES FOR THE AUTHORS
### Requirements for scientific articles

All the scientific articles entering the editorial office of the journal must meet the following requirements:

a) the article should be written in compliance with the established requirements of the journal;

b) the article should be the result of scientific research;

c) the article must correspond to one of the areas (sections) of the journal.

All the materials coming to the editorial board are checked for borrowings from open sources (plagiarism) and the verification is performed using the Antiplagiat system. Articles containing elements of plagiarism are automatically withdrawn from the consideration, and the authors are deprived of the opportunity to publish their work in the journal. Requirements for the design of the scientific articles:

The article should be prepared in Microsoft Word format, font – Times New Roman, size – 14, fields – 2.5 cm from all directions, interval – 1.5.

The volume of the article (including the annotation and the list of references) should be in the range of 10 to 12 pages of A4 format.

The article should have the following structure:

– UDC index (the index can be obtained in any scientific library);

– the surname and initials of the author (for example, Karimzoda M.B.);

– the title of the article;

– the main text of the article;

– the list of the used literature (no less than 10 and not more than 25 titles of scientific literature). References are made in accordance with the requirements of GOST 7.1-2003 and GOST 7.0.5 – 2008;

– the title of the article, abstract and key words are made in three languages (Tajik, Russian and English). Annotation is made in the volume of at least 25 lines, keywords from 7 to 10 words or phrases;

– Information about the author in Russian and English. Here the author's full name, academic degree, academic title (if any), the name of the organization in which the author works (authors), the position of the author (authors) in the organization, phone, e-mail, and the postal address of the author's work are indicated.

When citing a particular material, references are indicated in square brackets [ ].

Sample: [4, p.25]. That is, the literature number 4 and page 25. Tables, schemes, diagrams and figures must be grouped and numbered. Tables, charts, diagrams and figures should have a name both in the language of the article and in English.

## ПОРЯДОК РЕЦЕНЗИРОВАНИЯ НАУЧНЫХ СТАТЕЙ, ПРЕДСТАВЛЯЕМЫХ В ЖУРНАЛ «ВЕСТНИК ИНСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ»

Статьи, поступающие в редакцию, проходят предварительную экспертизу (проводятся членами редколлегии – специалистами по соответствующей отрасли науки) и принимаются в установленном порядке. Требования к оформлению оригинала статей приводятся в в каждом номере журнала. Если рукопись принята, то редакция сообщает автору замечания по содержанию и оформлению статьи, которые необходимо устранить до передачи текста на рецензирование.

Затем статьи рецензируются в обязательном порядке членами редколлегии журнала или экспертами соответствующей специальности (кандидатами и докторами наук). Рецензия должна содержать обоснованное перечисление качеств статьи, в том числе научную новизну проблемы, её актуальность, фактологическую и историческую ценность, точность цитирования, стиль изложения, использование современных источников, а также мотивированное перечисление её недостатков.

В заключении дается общая оценка статьи и рекомендации для редколлегии – опубликовать статью, опубликовать её после доработки, направить на дополнительную рецензию специалисту по определенной тематике или отклонить. Объем рецензии - не менее одной страницы текста.

Статья, принятая к публикации, но нуждающаяся в доработке, направляется авторам с замечаниями рецензента и редактора. Авторы должны внести все необходимые исправления в окончательный вариант рукописи и вернуть в редакцию исправленный текст, а также его идентичный электронный вариант вместе с первоначальным вариантом рукописи. После доработки статья повторно рецензируется, и редколлегия принимает решение о ее публикации. Статья считается принятой к публикации при наличии положительной рецензии и если её поддержали члены редколлегии. Порядок и очередность публикации статьи определяется в зависимости от даты поступления ее окончательного варианта.

Рецензирование рукописи осуществляется конфиденциально. Разглашение конфиденциальных деталей рецензирования рукописи нарушает права автора. Рецензентам не разрешается снимать копии статей для своих нужд. Рецензенты, а также члены редколлегии не имеют права использовать в собственных интересах информацию, содержащуюся в рукописи, до её опубликования.

Рецензии хранятся в редакции журнала в течение 5 лет. Редакция журнала направляет копии рецензий в ВАК при Президенте Республики Таджикистан при поступлении в редакцию издания соответствующего запроса.

**ПАЁМИ
ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ
2020, № 4 (32), 216 с.**

**ВЕСТНИК
ИСТИТУТА РАЗВИТИЯ ОБРАЗОВАНИЯ
2020, № 4 (32), 216 с.**

**BULLETIN
OF THE INSTITUTE FOR EDUCATIONAL DEVELOPMENT
2020, № 4 (32), 216с.**

**Шахси масъули чоп:** Зардиева С.
**Муҳаррири матни тоҷикӣ:** Амонӣ С.
**Муҳаррири матни русӣ**: Лутфуллоева П.
**Муҳаррири матни англисӣ**: Зардиева С.
**Муҳаррири техникӣ:** Сафаров М.
**Мусаҳҳеҳ:** Ҳайдаров Р.

**Ответственное лицо за номер**: Зардиева С.
**Редактор таджикского текста:** Амонӣ С.
**Редактор русского текста:** Лутфуллоева П.
**Редактор английского текста:** Зардиева С.
**Технический редактор:** Сафаров М.
**Корректор:** Ҳайдаров Р.

Ба чоп 27.12.2020 имзо шуд. Супориши №27 . Ҳуруфи навъи Times New Roman Tj.
Чопи офсет. Андозаи 60x84 1/8. Ҷузъи шартию чопӣ - 27. Теъдоди нашр - 80 .
Матбаи “Фасл-4”, 7734024, к. А. Навоӣ, 13.

---

Подписано в печать 27.12.2020. Заказ№ 27 . Гарнитура Time New Roman Tj.
Печать офсетная. Формат 60x84 1/8 . Условно-печатный лист - 27. Тираж - 80.
Издательство “Фасл-4”, 7734024, улица А. Навои, 13

---

On publications issued 27.12.2020. Assignment№ 27 . Font Format Time New Roman Tj.
Offset printing, size 60x84 1/8. Printer’s sheet - 27. Edition - 80.
Publishing office “Fasl-4”, 7734024, 13 A.Navoi street.